**БОБОБЕК РАҲИМӢ**

# ОШНОӢ БО БЕДИЛ

**Душанбе – 2004**

## АЗ МУАЛЛИФ

Мақолаҳои ин маҷмӯа, ки дар 25-30 соли охир таълиф шудаанд, масоили гуногуни омӯзиши аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедилро дар бар мегиранд. Аксари мақолаҳо қаблан дар маҷаллаву рӯзномаҳо, маҷмӯаҳои илмӣ ва дигар нашрияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Чунончи, мақолаҳои «Таҳқиқи назми Бедил», «Мирзо Бедил ва Бедилҳои дигар» ва «Тааммуле дар сабки Бедил» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1981, №4, 1985, №7, 2002, № 4-6), «Марқади дурӯғини Бедил» дар маҷаллаи «Адаб» (1993, № 3-4), «Инъикоси Бедил дар китобҳои дарсӣ» дар маҷаллаи «Маърифат» (1995, № 1-2), «Чанд мулоҳаза доир ба «Тури маърифат»-и Бедил» дар маҷаллаи «Хуҷанд» (2002, №11, 12), «Дебочаи Куллиёт ё муқаддимаи девон?» дар маҷаллаи «Хуросон» (Кобул, 1364, № 24-25), «Маъхази як ҳикояти Бедил» дар маҷмӯаи «Масъалаҳои эроншиносӣ» (Душанбе, 1991), «Як асари рамзии Бедил» дар маҷмӯаи «Масъалаҳои шарқшиносӣ» (Душанбе, 1987), «Маънои тахаллуси Бедил» ва «Муҳити аъзам» ба хати худи Бедил» дар «Ахбороти АИ Тоҷикистон» (Серияи шарқшиносӣ, 1988, №2, 1990, №2), «Чорунсур»-и Бедил» ва «Баёзи Бедил» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (20. . 10. 1979, 20. 03. 1979), «Маснавии нахустини Бедил» дар рӯзномаи «Газетаи муаллимон» (2. 02. 1988) «Нусхае аз девони Бедил», «Ташбеҳоту тамсилот ё номе бенишон» ва «Гули зард»-унвони собиқаи «Тури маърифат» дар рӯзномаи «Омӯзгор» (23. 10. 1990, 12. 08. 1992. 15. 12. 1993), «Забони модарии Бедил» ва «Никоти Бедил» дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» (12. 08. 1997, 1. 11. 2002), «Устод Айнӣ ва бедилшиносони Афғонистон» дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (30. 11. 2001) чоп шудаанд. Мақолаҳои мазкур дар ин ҷо бо таҳриру тасҳеҳ ва иловаҳои зарурӣ дарӣ гардидаанд.

Мақолаҳои «Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Бедил», «Бедил ва муддати сипоҳигарии ӯ», «Бедил ва сабабҳои дар Эрон шӯҳрат наёфтани ӯ», «Чанд сухан дар бораи баъзе нусхаҳои хаттии осори Бедил», «Аз таърихи шарҳи осори Бедил», «Тарҷумаи туркии як ғазали Бедил», «Аз таърихи нашри осори Бедил» ва ғайра бори аввал ба нашр мерасанд.

Азбаски мақолаҳо дар солҳои гуногун иншо шудаанд, баъзе фикрҳо ва далелу хулосаҳо дар онҳо такроран сабт гардидаанд.

Муаллиф ба ҳамаи онҳое, ки дар кори таҳриру тасҳеҳ ва нашри ин маҷмӯа саҳме гузоштаанд, ибрози сипос менамояд.

# МИРЗО БЕДИЛ ВА БЕДИЛҲОИ ДИГАР

Дар таърихи адабиёти халқҳои Шарқ, аз ҷумла дар адабиёти форсизабон, бо як тахаллус асар эҷод намудани ду ва ё зиёда муаллифон ҳодисаи маъмул буда, диққати олимони ин соҳаро борҳо ба худ ҷалб намудааст. Дар ин хусус дар мақолаҳои Абдулғанӣ Мирзоев «Муфиди Балхӣ ва Муфиди Яздӣ» (маҷаллаи «Проблемы востоковедения», 1952, №5), Саъдоншоҳ Имронов «Ибни Ямини Фарюмадӣ ва Ибни Ямини Шибурғонӣ» (Садои Шарқ, 1964, №12), Абӯбакр Зуҳуриддинов «Нозим Шоҳмирзо ва Нозим Фаррухҳусайн (Садои Шарқ, 1965, №2)», Зоҳир Аҳрорӣ «Абдураҳмон Мушфиқии Бухороӣ ва Мушфиқиҳои дигар» (Садои Шарқ, 1965, №6), Абдуллоҷон Ғаффоров «Зебуннисо ва муаллифони «Девони Махфӣ» (Садои Шарқ, 1966, №4), Раҳим Мусулмонқулов «Ҳаҷрӣ» Бобур нест?» (маҷмӯъаи «Дарахти дӯстӣ биншон», Душанбе, Адиб, 1987) андеша ва мулоҳазаҳои судманд иброз шудаанд.

Чунон ки навиштаҳои муаллифони мазкур ва ошноии бевосита ба манбаъҳои адабӣ собит месозанд, дар таърихи адабиёти форсизабони ҷаҳон қариб панҷоҳ шоир бо тахаллуси «Ҳофиз», беш аз чиҳил шоир бо тахалуси «Алӣ», сӣ шоир бо тахаллуси «Фонӣ», беш аз бист шоир бо тахаллуси «Олӣ», зиёда аз даҳ шоир бо тахаллуси «Нозим», ҳашт шоир бо тахаллуси «Шайдо», панӣ шоир бо тахаллуси «Мушфиқӣ» ва шоирони зиёде бо тахаллусҳои «Авҳадӣ», «Асир», «Аттор», «Бисмил», «Вола», «Дониш», «Камол», «Лавҳӣ», «Машраб», «Мухлис», «Низомӣ», «Осафӣ», «Фахрӣ», «Шавкат», «Шӯхӣ», «Ҳилолӣ», «Ҳолӣ», «Ҷомӣ» ва ғайра зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

Аз ҷумла бо тахаллуси «Бедил» низ муаллифони бисёре арзи вуҷуд кардаанд, ки доир ба чанде аз онҳо баъзе маълумотҳоро дастрас намудан мумкин аст. Чунончи, ба ғайр аз шоири маъруф Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) беш аз бист нафари дигарро метавон ном бурд, ки бо ин тахаллус асар эҷод кардаанд.

Табиист, ки мақоми ҳамаи ин шоирон дар таърихи адабиёт якхела нест. Қисме аз онҳо осори зиёди манзум ва мансур таълиф намуда, дар ҳаёти адабии асрҳои хеш нақши босазое дошта бошанд, гурӯҳи дигар ба ҷуз абёти башумор мероси дигаре аз худ боқӣ нагузоштаанд.

Ба нисбати возеҳии замони зиндагӣ ва маҳалли таваллуду муҳити камолот низ тақдири ин шоирон якхела нест.

Дар ҳар сурат, ба хонандаи умум ошно намудани онҳо аз фоида холӣ наҳоҳад буд. Ин масъала аз, як тараф, ҳодисаи бо як тахаллус шеър гуфтани адибони зиёдеро бори дигар таъкид намояд, аз сӯи дигар, муҳаққиқон ва хонандагонро водор месозад, ки дар мавриди ба Мирзо Абдулқодири Бедил нисбат додани ин ё он асари бедилтахаллус ин факти адабиро дар назар дошта бошанд.

Ҳамаи он шоирони бедилтахаллусе, ки замонҳои зиндагиашон ба мо маълуманд, ё муъосирони Мирзо Абдулқодири Бедиланд, ё баъд аз ӯ дар асрҳои XVIII-XX зиндагӣ кардаанд. Аз ҷумла ҷаҳор нафарашон ҳамаср ва ҳамватанони ӯянд. Яке аз онҳо Иноятуллоҳ ибни Муҳаббаталӣ Бедили Саҳоранпурист, ки ба қавли муаллифи тазкираи «Рӯзи равшан» (соли таълиф 1880) Музаффар Ҳусайни Сабо, дар замони салтанати Оламгирподшоҳ ба рафоқати Ғазанфархон ҳокими Саҳоранпур ба комронӣ умр ба сар бурдааст. Бино бар қавли Холмуҳаммади Хаста, Бедили Саҳоранпурӣ ҳамроҳи мамдӯҳи худ Ғазанфархон дар Кобул низ иқомат намудааст. Хаста илова кардааст, ки қабре ки дар мавзеъи Хоҷаравоши Кобул бо номи «Қабри Бедил» шӯҳрат дораду дар баъзе таълифот қабри Мирзо Бедил дониста шудааст, шояд ба ҳамин шахс тааллуқ дошта бошад (Ниг.: Хаста, Мунтахабуззамон Абдулқодири Бедил –маҷаллаи «Жувандун», Кобул, 1342, №20).

Муаллифи «Рӯзи равшан» аз осори Бедили Саҳоранпурӣ ҳамагӣ ду рубоъӣ овардааст, ки инак иқтибос мешаванд:

Гул орзуи тарфи кулоҳе дорад,  
Наргис назаре бар сари роҳе дорад.  
Бардошт баҳор ранӣ дар кори чаман,  
Аз чашми ту уммеди нигоҳе дорад.

Эй зулфу рухи ту субҳу шоми дилҳо,
В-аз ҳаҷри лаби ту талх коми дилҳо.
Бар боди сабо ба кӯчаҳои зулфат,
Танг аст гузор аз мақоми дилҳо.

Ҳамасри дигари Мирзо Абдулқодири Бедил, ки низ дар аҳди Аврангзеби Оламгир (1658-1707) зиндагӣ кардааст, шоири ҳиндунажод Чандрмани Бедил аст. Ин шоир асосан ба таҳрири форсии қиссаҳои маълуми ҳиндӣ шуғл доштааст. Манзумаҳои «Қиссаи Кришна», «Ҳикояти Бакрам», «Зафарнома» ва «Баҳори сухан» аз ҷумлаи таснифоти ӯянд. Илова бар ин ду таҳрири форсии қиссаи машҳури ҳиндуҳо «Рамаяна», ки яке дар насру дигаре дар назм аст, ба қалами ӯ таъаллуқ доранд. Таҳрири манзуми он бо номи «Наргисистон» маъруф аст ва дар соли 1875 дар Лакҳнав чопи сангӣ шудааст. Бино бар маълумоте, ки дар рисолаи Нурулҳасани Ансорӣ «Адаби форсӣ дар аҳди Аврангзеб» (Деҳлӣ, 1969) мавҷуд аст, «Наргисистон» дар байни солҳои 1104-1105, (1692-1694) таълиф шуда, ба подшоҳи вақт Аврангзеби Оламгир бахшида шудааст. Маснавӣ аз шаш дафтар иборат буда, панӣ дафтари аввал дар баҳри ҳазаӣ ва дафтари охир дар баҳри мутақориб гуфта шудаанд. Аз порчаҳое, ки Ансорӣ иқтибос кардааст, маълум мешавад, ки маҳорати суханварии ин шоир ба дараҷаи кофӣ набудааст. Байтҳои зайл далели ин фикранд:

Аз он рӯ байт созад ин мусанниф,
Ки Чандрман бувад номи муаллиф.
Чу андар Мадҳпуре гӯшашинам,
Гул аз боғи баҳори ӯ бичинам.
Агарчи пеш аз ин ин достоне
Ба наср овардаам дар як замоне,
Кунун хоҳам, ки дар назм оварам боз,
Шавам з-ин достони пок мумтоз.

Саввумин шоири бедилтахаллусе, ки дар муҳити адабии асри XVII Ҳиндустон зиндагӣ ва эҷод намудааст, Хоҷамуҳаммади Бедил аст, ки ба қавли Нурулҳасани Ансорӣ, асари насрие бо номи «Ҳусну дил» аз ҷумлаи таълифоти ӯст (Ниг.: Ансорӣ, асари зикршуда).

Чаҳорумин шоири бедилтахаллус, ки асри Мирзо Абдулқодири Бедилро дарёфтааст, Муҳаммадшафеъ Бедили Мултонӣ ном дорад. Ба қавли муаллифи тазкираи «Мақолатушшуъаро» (1174-1760-61) Миралишер Қонеъи Татавӣ, ин шоир аз шогирдони Муҳаммадоқил Яктои Лоҳурӣ (асри XVIII) будааст, ки дар байни солҳои 1137 –1143-(1724-1731) дар шаҳри Таттаи Синд дар мулозимати ҳокими он ҷо Сайфуллохон ба сар мебурдааст. Қонеъ навиштааст, ки чун Бедили Мӯлтонӣ ба Татта омад, шахсе аз ӯ пурсид, ки Бедил муддатест аз дунё гузаштааст, ту аз куҷо пайдо шудӣ? Ӯ ҷавоб дод, ки магар бедилон дар ҷаҳон каманд? Қонеъ аз ашъори ин шоир ҳамагӣ як байт овардааст, ки ин аст:

Ҷисм монеъ нест парвози дили ворастаро,
Қатра аз чандин масофат худ ба дарё мерасад.

Аз шоирони бедилтахаллуси Ҳиндустони асри XIX маъруфтарин ва сермаҳсултаринашон Фақир Қодирбахши Бедил аст. Доир ба ин шоир дар рисолаҳои Абдуллоҷон Ғаффоров «Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асриXX» (Душанбе, 1975) ва Ҳарумал Садорангонӣ «Порсигӯёни Ҳинду Синд» (Теҳрон, 2435 шоҳаншоҳӣ) маълумоти мухтасаре мавҷуд аст. Тибқи навиштаҳои ин муаллифон, Фақир Қадирбахши Бедил дар соли 1230 ҳиҷрӣ (1815) ба дунё омада, дар соли 1289 (1872) падруди ҳаёт гуфтааст. Ӯ аз ҷумлаи сӯфиёни намоёни тариқаи қодирияи асри худ ба шумор мерафтааст. Фақир Қодирбахш ба забонҳои арабӣ, синдӣ, урду ва форсӣ осори зиёде навиштааст. Ӯ дар осори арабӣ Қодир, дар синдиву урду- Толиб ва дар форсӣ Бедил тахаллус мекардааст. Аз осори форсии ӯ ду девони ашъор, маснавиҳои «Наҳрулбаҳр», «Румузулорифин» ва «шарҳи манзуми қасидаи Ғавсия»-ро метавон ном бурд. Муҳимтарин ва машҳуртарин манзумаи

Фақир Қодирбахши Бедил қиссаи «Ҳир ва Ронҷо» мебошад, ки дар асоси қиссаи машҳури панҷобӣ дар шакли қофиябандии қасида иншо шудааст. Бино бар қавли Абдуллоҷон Ғаффоров, шоир дар ин асар «аз баёни қиссаи тӯлонии Ҳир ва Ронҷо сарфи назар карда, фақат лаҳзаҳои муҳими ҳикоятро хеле завқовар баён намудааст». «Ҳир ва Ронҷо» бо мисраъҳои зерин оғоз меёбад:

Зи ҳар чӣ хома нависад ба номаи даврон,
Саводи ҳарфи ғами ишқ хуштар аст, бидон.
Навиштаанд чунон достони Ранҷову Ҳир
Ба хомаи гуҳарафшон муаррихони замон,
Ки буд шаҳри Ҳазора ҳаволии Лоҳур
Ба зери ҳукми яке ҳокими хуҷастанишон.
Варо чаҳор писар буд, чаҳорумин Ронҷхон,
Ки дошт одати меҳмоннавозию эҳсон…

Фақир Қодирбахш дар сурудани ғазалҳои ошиқона низ маҳорати хубе доштааст. Намунае аз ғазалиёти ӯ ин аст:

Эй ишқ, биёву сафдарӣ кун,
Шамшер бикаш, сикандарӣ кун.
Бо рӯе, ки рашки офтоб аст,
Аз Машриқи сина ховарӣ кун.
Аз рӯй ниқобро барафкан,
Пирояи Шарми дилбарӣ кун.
Охир, кӣ туро бигуфт, эй ҷон,
Бо аҳли назар ситамгарӣ кун?

Муаллифи тазкираи «Рӯзи равшан» Музаффар Ҳусайни Сабо илова бар Бедили Саҳоранпурӣ, ки зикраш гузашт, аз мавҷудияти шоири дигаре бо номи мавлавӣ Муҳаммад Ҳомидалии Бедил хабар додааст, ки муъосир ва дӯсти ӯ будааст. Ин шоир дар таърихи итмоми «Рӯзи равшан» қитъае гуфта будааст. Ҳусайни Сабо пеш аз зикри он қитъа чунин овардааст: «Аз ҷаноби меҳинбародари волошон мавлавӣ Муҳаммад Ҳомидалии Бедил сарриштадори остонаи раёсати Бҳупол».

Қитъа ин аст:

Ҳаббазо, табъи нуктасанҷи Сабо
Ки аз ӯ ғунчаҳои табъ шукуфт,
Ба қалам ҳоли шоирон биспурд,
Ошкоро намуд ҳоли нуҳуфт.
Соли анҷом табъи Бедили зор
«Назҳатафзойи табъ равшан» гуфт.
(1298\1880-81)

Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи мазкури «Мунтахабуззамон» аз шоирони асри XIX Ҳиндустон чанд танро ном мебарад, ки бо тахаллуси «Бедил» бо забонҳои урду ва форсӣ шеър мегуфтаанд. Яке аз онҳо мавлавӣ Ҳабибурраҳмон Бедили Саҳоранпурист, ки шогирди Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб (1797-1869) буда, тахаллуси «Бедил»-ро аз ӯ гирифта будааст. Дигаре хоҷа Ғуломҳусайн Бедили Деҳлавӣ, ки муъосири Мирзо Ғолиб буда, бо касби табибӣ рӯз мегузаронидааст. Саввумӣ, мавлавӣ Абдурраҳим Бедили Деҳлавӣ, ки аз дӯстон ва пайравони Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ (1837-1914) ба шумор мерафтааст. Чаҳорумӣ, Саидҳомид Ҳусайн Бедили Шоҳиҷаҳонпурӣ, ки муъосир ва дӯсти наздики Шиблии Нӯъмонӣ (1857-1914) маҳсуб шудааст.

Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи мазкур аз шоири бедилтахаллуси дигар низ ном бурдааст, ки дар таърихи вафоти мавлавӣ Абдурабби Деҳлавӣ ном воъиз қитъаи таърих гуфтааст. Қитъаи таърих ин аст:

Ҷаноби мавлавӣ Абдурраб он, к-ӯ
Ба вақти ваъз дил мешуд шикораш,
Дар ин моҳи муҳаррам ҷонбаҳақ шуд,
Зиҳӣ раҳмат, ки борад бар мазораш.
Рақам зад соли реҳлат килки Бедил:
«Дуруди эзидӣ бодо нисораш»
(1304\1886).

Ва ниҳоят, охирин шоири бедилтахаллуси Ҳиндустон Мирзо Диловархони Бедил (1845-1939) аст, ки дар Пешовар ба дунё омада, дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Девонаш, ки аз ашъори форсию урду ва чанд тақризи муъосиронаш бар он иборат аст, дар замони зиндагии ӯ ба унвони «Сӯзи Бедил» (Пешовар, 1931) ба табъ расидааст.

Аз шоирони бедилтахаллусе, ки дар Эронзамин зистаанд, роҷеъ ба даҳ нафарашон маълумоти нисбатан аниқ дастрас мебошад. Яке аз онҳо ҳоӣӣ Мирзораҳим Бедили Шерозист, ки надим ва ҳакимбошии подшоҳи Эрон Фатҳалишоҳи Қоҷор (1801-1834) будааст. Ин шоир бо номи Бедили Ҷаҳрамӣ низ маълум аст. Сабаби ба ин нисба низ ёд шудани ӯ он аст, ки гузаштагонаш аз Ҷаҳрам ном мавзеъи вилояти Форс будаанд. Гузаштагони шоир дар замони давлатдории Сафавия аз Ҷаҳрам ба Исфаҳон омада, дар ин шаҳр сукунат ихтиёр намудаанд. Падари шоир Мирзосаид Муҳаммад ба илтимоси подшоҳи Эрон Каримхони Занд (1760-1779) аз Исфаҳон ба Шероз рафта, мутаваттин гашт ва Мирзораҳим дар Шероз таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо касби камол намуд. Ӯ аз мардони бомаърифати асри хеш буда, дар илми тиб ва шуғли табобат дасти тавоно дошт. Анвоъи гуногуни хатро низ хуб менавишт. Мирзораҳими Бедил дар замони Фатҳалишоҳи Қоҷор аз Шероз ба Теҳрон омад ва яке аз муқаррибон ва надимони хонадони шоҳӣ гардид. Ӯ илова бар иҷрои вазифаи ҳакимбошии дарбор табиби хосаи духтари Фатҳалишоҳ Фахруззамонхонум мулаққаб ба Фахруддавла низ буд. Ба ин муносибат ӯ бо ному лақаби Мирзораҳими Фахруддавла шӯҳрат ёфт ва ин лақаб ҳатто ба писарону наберагонаш низ гузашт.

Мирзораҳим дар соли 1245(1829-1830) аз хидмати шоҳӣ истеъфо дода, ба Шероз рафт ва муддате дар он ҷо иқомат намуд. Сипас ба ҳаӣ рафта боз ба Шероз баргашт. Ӯ дар соли 1258(1842-1843) азми сафари Теҳрон намуда, дар роҳи ин сафар дар шаҳри Қум бемор шуда, аз олам гузашт. Қабраш дар Қум мавҷуд ва маълум аст.

Мероси адабии Мирзораҳими Бедил асосан аз ғазалу қасида иборат аст. Бино бар қавли муъосирашон «кам гуфтаасту хуб ва андак навиштаасту марғуб».

Тазкиранависони асри XIX Мирзораҳими Бедилро пайрави шайх Саъдӣ гуфтаанд. Чунончи, Абдураззоқбек Мафтуни Данбалӣ дар асари хеш «Нигористони Доро» навиштааст: «Хутути сабъа, хусусан, настаъликро некӯ менависад ва гоҳ-гоҳе абёти маснавӣ ба тарзи орифи Румӣ оварад ва маънии ширин парварад. Ва дар ғазалпардозӣ табъаш ба шеваи шайх Саъдии Шерозӣ ошност. Ғазалро соф ва намакин мегӯяд».

Ҳамин муаллиф дар ҷои дигар менависад, ки «дар ҳама фунуни шеър маҳорати комил дорад ва фақир салиқаи сухансанҷии эшонро писандидаам».

Муаллифи тазкираи «Ҳадиқатушшуъаро» Мирзоаҳмади Девонбегии Шерозӣ дар бораи осори шоир навиштааст: «Аммо дар шоирӣ девоне муштамил бар се ҳазор байт аз қасоиду ғазалиёт ва маросиву ғайра доштаанд. Дар сафари Макка ҷиҳози эшон тӯфонӣ шуд ва барои ҳифзи ҷон ағлабу аксар амволи аҳли ҷиҳозро ба дарё рехтанд, то ҷиҳоз сабук шавад ва аз хатар бираҳад, он девон бо соири амволашон ба дарё рафт. Дар мурофиъат аз он чӣ дар нусхаҳои мутафарриқ боқӣ буд ва ашъори баъд аз он сафар девони дигар мураттаб карданд, қариб шаш –ҳафт ҳазор байт, ки алҳол мавҷуд аст».

Як нусхаи хаттии девони Мирзораҳими Бедил, ки дар соли 1309 ҳиҷрии қамарӣ (1891-92 милодӣ) китобат шудааст, дар захираи дастхатҳои Институти шарқшиносии АИ Россия зери №235 маҳфуз мебошад. Дар феҳристи мухтасари захираи мазкур, ки бо номи «Нусхаҳои хаттии форсӣ ва тоҷикии Институти халқҳои Осиё» (М. 1964) ба табъ расидааст, ин нусха саҳван ба Мирзо Абдулқодири Бедил нисбат дода шудааст. Дар сурате, ки номи муаллифи

нусха дар охири он сареҳан зикр гардидааст. Котиби нусха, ки Мухаммад Қудсии Шерозӣ ном шоир будааст, дар поёни бахши ғазалиёт чунин навиштааст: «Ҳасбуламри ҷаноби мустатоб сололалсодотулъуззом зариййаи набавӣ, хулосаи дудмони Мустафо алҳоӣ Мирзо Муҳаммадҳасан алҲусайнии алМусавии Фахруддавла ибни алҳоӣ Мирзоалии Фахруддавла ибни Мирзораҳими Фахруддавла соҳиби ҳезе аддевон ашшариф нигориш пазируфт. Дар санаи 1309. Алҳамду лиллоҳи рабилъаламин».

Тавре ки мебинем, нусха бо амри набераи Мирзораҳими Бедил, яъне Мирзо Муҳаммадҳасан Алҳусайнии Мусавии Фахруддавла китобат шудааст. Котиби нусха Муҳаммад Қудсии Ҳусайнӣ дар сахифаҳои охири нусха «Баҳорнома» ном маснавии худро низ ҷой додааст. Маснавӣ аз 8 саҳифа иборат аст. Пас аз анҷоми маснавӣ ин матн омадааст: «Ба ҷиҳати ҷаноби мустатоби фазоилукамолотинтисоб ҳоӣӣ Мирзоҳасани Фахруддавла навишта омад. Ба қалами ҳақири фақир Муҳаммад Қудсии Ҳусайнии Алшерозӣ, сана 1308».

Нусхаи девон аз 172 варақ иборат буда, шомили фақат қасидаву ғазал аст. Чанд байтро аз қасоиди он сабт мекунем:

Машав мағрур, эй ғофил, бад-ин якрӯзаи дунё,
Ки ин давлат намемонад барои ҳеҷ кас барҷо.
Куҷо шуд тахти Ҷамшеду куҷо шуд тоҷи Кайхусрав?
Куҷо шуд мулки Искандар, куҷо шуд ҳашмати Доро?
Ин манам, шоҳо, ба даргоҳат амон овардаам,
Худ амон аз фитнаи охирзамон овардаам.

Ғазалҳои Мирзораҳими Бедил равону хушоҳанг буда, ғазалҳои Ҳофизу Камол ва дигар шоирони сабки ироқиро ба хотир меоранд. Инак, ба ҳайси намуна ду ғазали шоирро дарӣ менамоем:

Дардманди ғами ӯ кай талабад дармонро?
Кофари ишқи накӯён чӣ кунад имонро?
Ба сарат, к-аз сари тоҷу кулаҳ осон гузарад,
Гар гадоии дарат даст диҳад султонро.
Дар гузаргоҳи сабо бас дили маҷрӯҳ, ки ҳаст,
Аз чӣ барбод диҳӣ турраи мушкафшонро?
Шаҳсаворо, мани бечораи мискини фақир
Гар на дар пои ту резам, чӣ кунам ин ҷонро?
Ишқ осон зи нахуст аст, вале душвор аст,
Мушкил афтад, чу касе саҳл гирад осонро.
Айби сарбастагии ҳарфи ман, эй хоҷа, макун,
Нуктае бас бувад, ар фаҳм бувад инсонро.
Бедил аз ҷаври фалак мурду касе ҳеҷ нагуфт
Ҳоли бечора муқимони дари султонро.

Қиёмат мекунӣ, эй сарвқомат,
Қиёмат қомате, қомат қиёмат.
Ба сар теғу ба каф ҷону ба лаб шукр,
Шаҳиди ишқро ин бас аломат.
Дилам аз дида хун гардиду шояд,
Гараш аз дида бистонам ғаромат.
Саломат аз хатар ҷӯянду моро
Хатар дар роҳи ишқ омад саломат.
Надомат бас зи дардам буду акнун
Зи бедардӣ басе дорам надомат.
Маломат лозими ишқ аст, Бедил,
На ишқ аст он, ки бошад бемаломат.

Муаллифи «Ҳадиқатушшуъаро» Мирзоаҳмади Девонбегӣ ба ғайр аз Мирзораҳим Бедили Шерозӣ аз як Бедили Шерозии дигар низ ёд кардааст. Ин шоир Мирзоалӣ ном дошта, аз ҷумлаи хушнависони асри XIX будааст. МирзоаҳмадиДевонабегӣ аз осори ӯ ду банди як мухаммасро сабт намуда, дар ҳошия илова кардааст, ки «авоили ин мусамматро аз ашъори марҳум ҳаким Қоонӣ тазмин кардааст, вале ахбор накардааст ва мутафарриқ ҳам оварда».

Он ду банди мухаммас инҳоянд:

Соқиё, то кай ниҳон рухсора дорӣ дар ҳиҷоб?
Хезу андар гардиш овар аз карам ҷоми шароб.
Хоса ин соат, ки шуд зангии шаб сармасти хоб,
Хаймаи зарбафт зад бар чархи нилӣ офтоб,
Аз паранди нилгун овехт бас заррин таноб.

Шукри оллоҳ, ҷону дил осуда шуд аз тобу таб,
Субҳи умедам дамид аз матлаъи дайҷури шаб,
Ҷону дил аз хуррамӣ бошад ба сад айшу тараб,
Хоса ин фасли тараб, к-аз хуррамӣ мадҳе аҷаб
Кард иншо Бедил аз баҳри шаҳи дин Бӯтуроб.

Саввумин шоири бедилтахаллуси эронӣ, ки дар охирҳои асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX умр ба сар бурдааст, Қурбон ибни Рамазон Бедили Рӯдбории Қазвинии Бодаштист, ки дар қатори ашъори зиёди лирикӣ чанд маснавии кӯчаки сужетнок ва ду асари калонҳаҷми насрӣ бо унвонҳои «Мотамкада» ва «Навҳаҳо»таълиф намудааст. Ашъори лирикиаш низ бо номи «Девони Бедили Қазвинӣ» дар Лоҳур чоп шудааст.

Бедили Қазвинӣ аз ҷумлаи шоирони марсиягӯ будааст. Осори ӯ чи назму чи наср ба воқеаи шаҳид шудани имом Ҳусайн ва дигар ҳодисоти марбут ба хонадони Алӣ ибни Абӯтолиб бахшида шудааст. Шоир дар асарҳои зикршудаи худ мақсаду мароми эҷодиёташро борҳо гӯшрас намудааст. Чунончи дар оғози «Мотамкада» навиштааст:

Мани фалакзада он Бедили гунаҳгорам,
Ки аз Муҳаммаду олаш умедҳо дорам.
Ба ин умед, ки дар арсагоҳи явми нушур
Шаванд воситаам назди кирдгори ғафур.
Намудаам басе аз умр сарфи хидматашон,
Ба рӯзу шаб шуда мотамнигори ҳазраташон.
Бузургвор худоё, ба ҳаққи ҷоҳи расул,
Ки хидматам биписанданд хонадони тавул.

Шоир дар ҷои дигар менависад:

Боз хоҳам таъзиятхонӣ кунам,
Оламеро з-ашк тӯфонӣ кунам.

Машав ҳаргиз ту, эй Бедил,
Зи фикри таъзият ғофил,
Ки набвад ғайри он ҳосил
Туро дар умри мустаъҷил.

Бузургтарин ва маъруфтарин асари Бедили Қазвинӣ «Мотамкада» аст, ки бо насри назмомез таълиф шудааст. Муаллиф мавзӯъ ва мундариҷаи онро дар қитъаи зайл, ки таърихи таълифи асар ба шумор меравад, чунин ба қалам додааст:

Ин мусибатнома омад номаш аз ҳукми қазо
З-осмон бар дил, аз дил бар забон «Мотамкада».

Назми ӯ мотамнишине, к-аз мусибат канда мӯ,
То зи дардаш мӯбамӯ гирад нишон мотамкада.
Насри ӯ гесӯпареше, к-аз дилаш дуди азо
Печадам гар бар забон, гардад даҳон мотамкада.
Кушта шуд шоҳи ҷаҳон чун бесипоҳ андар ҷаҳон,
Набвад инсоф, ар набошад ин ҷаҳон мотамкада.
Миннат эзидро, ки шуд аз ҳиммати Бедил тамом
Бо дили пурхуну чашми хунчакон «Мотамкада».
Гарчи дар таърихи итмомаш лисонулғайб гуфт:
«Омада мифтоҳулалбобулҷинон «Мотамкада»,
Лек боз аз ақли доно кардам анҷомаш суол,
Дар ҳамон ҳолат, ки буд андар миён «Мотамкада»,
Аз адаб сарро ба пеш оварду дар таърих гуфт:
«Маҳфиле шуд, Бедил, аз қуддусиён «Мотамкада».
(1267/1850-51)

Дар поёни «Мотамкада» муаллифи он ва шахси дигаре бо номи Абдулҳамиди Сафо навиштаанд, ки китоб дар моҳи рамазони соли 1266 ҳиҷрӣ (1849-50 милодӣ) ба анҷом расид ва ба дорултабъи Теҳрон супорида шуд. Вале аз ду моддаи таърихе, ки дар қитъаи мазкур омадааст, як адад зиёд-1267(1850-51) бармеояд.

Бедили Қазвинӣ дар ашъори лирикиаш низ ба мавзӯъи писандидаи хеш содиқ мондааст. Мазмуну мӯҳтавиёти чи ғазалҳо ва чи рубоиҳои ӯ ҳамон аст, ки дар осори мансураш дарӣ аст. Инак ду байтро аз ду ғазали ӯ нақл мекунем:

Бедил ҳадиси ташналабон зикр кун мудом,
Гар филҳақиқа ташналаби оби кавсарӣ,

З-ин шеъри оташини ту, Бедил, равост, халқ
Сӯзанд шӯъла-шӯълаву гирянд зор-зор.

Чаҳорумин шоири бедилтахаллуси эронӣ, ки дар асри XIX зиндагӣ ва эҷод кардааст, Мирзо Ҳоҷимуҳаммад ибни Мирзо Алимуҳаммад Бедили Мозандаронии Кирмоншоҳонӣ мебошад. Бино бар маълумоти тазкиранависон, асли ин шоир аз Чалоби Мозандарон буда, дар вилояти Кирмоншоҳон ба дунё омада, дар ҳамон ҷо то охири умр зиндагӣ кардааст. Бедил дар айёми ҷавониаш чанд муддат дар вазифаҳои маъмурии давлатӣ низ кор кардааст. Чунончи, дар аҳди подшоҳи вақти Эрон Муҳаммадшоҳи Қоҷор (1834-1848) сарриштадори тӯпхонаи Кирмоншоҳон будааст. Вале баъдтар аз корҳои давлатӣ даст кашида, асосан ба таълифи осор ва тарбияи шоирони ҷавон машғул шудааст. Вафоти шоир дар моҳи рамазони 1289 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба ноябри 1872 милодӣ рух додааст.

Ба қавли муъосиронаш, Бедил шахси некфитрат, хушсӯҳбату босаховат ва соҳиби машраби васеъ будааст. Ӯ аз аксари илмҳои замони худ, хусусан, аз арӯзу мусиқӣ огоҳии комил доштааст. Дар эҷоди анвоъи гуногуни шеър, хоса, ашъори ҷавобия ва қитъаҳои таърих моҳир ва мумтоз будааст. Ӯ қитъаҳои зиёде аз даҳ то сибайтӣ навиштааст, ки тамоми байтҳояшон таъриханд.

Шоири машҳур Қоонии Шерозӣ (1808-1853) нисбат ба Ҳоҷимуҳаммади Бедил эҳтироми зиёда доштааст ва ба ӯ ҳамеша бо хитоби «устод» муроҷиъат менамудааст. Қоонӣ дар яке аз сӯҳбатҳо гуфта, ки чун «қасида матраҳ мешавад, филфавр устод ҷавоб мегӯяд, мисли ин ки ҷавоброгуфта ва навиштаву ҳозир доштааст».

Муаллифи «Хадиқатушшуъаро» Мирзоаҳмади Девонбегӣ дар бораи ӯ чунин навиштааст: «Дар адабияту арабият ва илми арӯзу мусиқӣ баҳраи вофӣ дошта ва дар назми қитъаоти таворих то кунун монанди ӯ касе наёмада. Ва қудрати табъаш ба тавре буд, ки қасоиди мушкиларо ба сабки ҳар шоире билотааммул мегуфт ба камтар аз соат ва менавишт, чунон ки мегуфтӣ дар ҳифзи ӯст».

Бино бар қавли муаллифи мазкур, тамоми шуъарои асри Кирмоншоҳ аз ҷумла Султонӣ,

Носирӣ, Кавсар, Манзар ва Муҷрим дар хидмати ӯ тараққӣ кардаанд.

Ҳоҷимуҳаммади Бедил осори зиёде таълиф намудааст. Ӯ илова бар девони бузурги қасидаву ғазал ва қитъаву рубоъӣ чанд асари калонҳаҷми мансуру манзум низ эҷод кардааст. Асарҳои насрии «Тӯҳфатуззокирин», «Достони мотам», маснавии «Усру юср», рисолае дар арӯз, рисола дар илми сарф, ки «Рабеъия» ном доштааст, аз ҷумлаи таснифоти ӯянд. Маъруфтарин таълифи Ҳоҷимуҳаммади Бедил асари сеҷилдаи «Тӯҳфатуззокирин» аст, ки аз ҳаёти имом Ҳусайн ва дигар афроди хонадони паямбари ислом нақл мекунад. Ин асар бо номи «Дабистони мотам» низ маълум аст ва дар Эрону Ҳиндустон борҳо ба табъ расидааст.

Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъулфусаҳо» аз ашъори ин шоир намунаҳои зиёде овардааст, ки ду ғазали зерин аз ҷумлаи онҳоянд:

Дӯшина, ки шуд чида басе шамъ дигар бор
Дар маҳфили меҳроҷи шаб аз собиту сайёр:
Бо ҷони фигорам ғами маҳҷурии ҷонон,
Бо ҷисми низорам алами дурии дилдор.
Кард, он чӣ кунад барқи фурӯзанда ба хирман,
Кард, он чӣ кунад оташи сӯзанда ба гулзор.
Чашмам ба раҳи дилбару рӯям ба фироқаш
Чун ҳалқа ба дар будиву чун коҳ ба девор.
Ногоҳ даромад зи дарам он маҳу гуфтӣ,
Хуршеди ҷаҳонтоб аён шуд ба шаби тор.
Сад нағма ниҳон ӯро дар ҷазъи сияҳмаст,
Сад ханда аён ӯро бар лаъли гуҳарбор.
Рӯю қади дилҷӯяш ин тӯбию он хулд,
Холу хами гесӯяш ин мӯҳраву он мор.
Бинҳод лабам бар лабу бо гӯшаи доман
Ашкам бисутурд аз мижаву гард зи рухсор.

Дурри ноб андар рутаб дориву дебо дар забир,
Моҳтоб андар қасаб дориву хоро дар ҳарир.
Дурри нобат чун Суҳайласту абират чун Зураҳ,
Моҳтобат ҷонфурӯз асту ҳарират дилпазир.
Ҷуфти абрӯят чу тоқу низ дар хубист тоқ,
Тоқ, к-аз мӯ баста шуд, бешубҳа, бошад беназир.
Шасти моҳигирро монад дар об он зулфи каӣ,
Шасти моҳигир, нашнидам, ки гардад моҳгир.
Дар дили шер оҳуи бемори ӯ бим оварад,
Оҳуи бемор дидастӣ, ки бим орад ба шер?

Панҷумин шоири бедилтахаллуси эронӣ Муҳаммадтақӣ ибни Мирзо Муҳаммадризо Бедили Оштиёнист, ки дар соли 1274 ҳиҷрӣ (1857-58 милодӣ) ба дунё омада, дар соли 1300 ҳиҷрӣ (1882-83) дар авҷи камолоти эҷодӣ қарор доштааст. Асли ин шоир аз Оштиён ном мавзеъи байни Ҳамадону Қум буда, дар Теҳрон таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо касби камол кардааст. Ӯ илова бар шоири хуштабъ будан хаттоти хубе низ будааст. Махсусан дар навиштани навъи насталиқ маҳорати баланд доштааст. Муаллифи тазкираи «Хадиқатушшуъаро» дар бораи ӯ чунин навиштааст: «Ҷавонест маъқулу муаддаб, тарбиятшуда, бисёр боахлоқ. Бо ҳар кас ба меҳрубонӣ ва улфат сулук мекунад ва бисёр толиби ин аст, ки ба марде бирасад ва аз аҳли маънӣ муроде бинад».

Бо шаҳодати муаллифи мазкур, шоир дар авоили табъозмоӣ «Афсар» тахаллус мекардааст. Баъди ба доми ишқи маҳваше гирифтор шудан тахаллуси худро ба «Бедил» табдил додааст.

Муаллифи «Ҳадиқатушшуъаро» чанд байти як таркиббанди ӯро иқтибос кардааст, ки мо низ онҳоро дар инҷо нақл менамоем:

Эй боғи рухи ту гулшани дил,
В-эй зулфи ту гашта маскани дил.
Туркест камонбадаст чашмат,
Биншаставу гашта раҳзани дил.
Мижгони ту гашта офати ҷон,
Абрӯи ту гашта душмани дил.
Аз як назарам ба рӯи хубат
Якбора бисӯхт хирмани дил.
Шояд, ки ба роҳи дӯст резам
Сад ришта гуҳар зи махзани дил.
То дар талаби ту ман намирам,
Аз меҳри рухи ту дил нагирам.

Эй дил зи ғами ту зору афгор,
Якдам дили дӯстон нигаҳ дор.
Ин шева зи дӯстӣ набошад,
Ту хуфтаву ман зи дард бедор.
На аҳди ту маҳкам аст бо мо,
На ғайри ҷафо туро бувад кор.
Охир зи чӣ ин ҷафову бедод?
Охир зи чӣ ин азобу озор?
Гар дил талабӣ, зи зулфи худ ҷӯй,
В-ар ҷон хоҳӣ, кунем исор.
Охир на манам асири бандат,
Саргаштаву зор дар камандат.

Тазкиранависони эронӣ аз ду шоири бедилтахаллуси яздинисба низ ёд кардаанд, ки ҳарду ҳам дар асри XIX мезистаанд. Яке аз онҳо Аҳмадхон Бедили Яздист, ки писари ҳокими онвақтаи Язд Муҳаммадтақихон будааст. Ба қавли Мирзоаҳмади Девонбегӣ, Аҳмадхони Бедил марди кӯчакдили меҳрубон ва хушаҳволу хушахлоқ будааст ва бештари авқот бо тоъату ибодат ва тарки маъсият ба сар мебурдааст. Мирзоаҳмади Девонбегӣ дар «Хадиқатушшуъаро» аз ашъори ин шоир се байтро дарӣ намудааст, ки мо низ онҳоро иқтибос менамоем:

Ҳамчу Бедил зи зару сими ҷаҳон чашм бипӯш,
Ҷоми заррин зи кафи симбарон моро бас.

Зоҳиди шаҳр агар лаззати риндӣ донад,
Ҳамаи умр бувад хидмати риндон кораш.

Ба таъна гуфт, ки Бедил ба роҳи ишқ чӣ кардӣ?
Ба ғайри сабр, ки натвон, дигар чӣ кор накардам?

Шоири дигаре, ки дар тазкирҳои асри XIX бо тахаллуси «Бедил»-у нисбаи «Яздӣ» зикр гардидааст, оқо Зайнулобидини Бедил аст. Ба қавли муаллифони тазкираҳо, гузаштагони ин шоир дар Язд машғули тиҷорат ва зироъат будаанд. Худи ӯ ҳам ба ҳар дуи ин касбҳо машғулӣ доштааст. Вафоти ӯ дар байни солҳои 1257-1258 ҳиҷрӣ (1841-1843 милодӣ) дар Язд иттифоқ афтодааст.
Аз намунаи ашъори ӯ се байт дастрас аст, ки нақл карда мешаванд:

Сиришт он кас ки хокатро ҳаме рӯзи азал, Бедил,
Махӯр ғам, оқибат ҳам аз гилат паймона месозад.

Эй хоҷа, дусад банда касе гар кунад озод,

Ин аҷр надорад, ки ту озод накардӣ.

Ҳарчанд, Бедил, аз май донам, ки тавба кардӣ,
Аммо зи дасти соқӣ саҳл аст бори дигар.

Дар «Тазкираи Ахтар»-и Аҳмадбек Ахтари гурӣӣ ва «Маҷмаъулфусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят аз шоири дигаре бо номи Муҳаммадаминбек Бедили Нишопурӣ ёд шудааст, ки чун шоирони мазкур дар асри XIX зиндагӣ мекардааст. Ризоқулихони Ҳидоят ӯро аз наҷибони шаҳри Нишопур гуфта, байти зеринро зодаи табъи ӯ донистааст:

Баровард аз ниҳодам дуд шамъе,
Надонам, к-аз кадомин дудмон буд?

Дар маҷмӯъаи «Гулзори адаб» (Теҳрон, 1319), ки Ҳусайни Макӣ ном шахс мураттаб кардааст, байти дигаре аз ин шоир дарӣ гардидааст, ки ин аст:

Дил тангу даст тангу ҷаҳон тангу кор танг,
Аз чор сӯ гирифта маро рӯзгор танг.

Ва ниҳоят, дар адабиёти муъосири Эрон низ як нафарро бо ин тахаллус дучор омадан мумкин аст, ки ному тахаллусу нисбааш Эраҷ Бедили Бахтиёрӣ мебошад. Бедили Бахтиёрӣ дар соли 1307 шамсӣ (1928 милодӣ) дар Бахтиёрия ном мавзеъи назди Исфаҳон ба дунё омада, дар шаҳри Исфаҳон ба камол расидааст. Ӯ аз ҷумлаи шоирони намоёни Исфаҳон будааст. Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи зикршудаи «Мунтахабуззамон» байтеро аз ин шоир овардааст, ки нақл мешавад:

Бар сари захми дили хастаи Бедил он шӯх
Чӣ намакҳо, ки ба захми намакин мерезад.

Тазкиранависон илова бар адибони номбаршуда боз аз Бедилҳои дигари дар Эрон зиста ёд кардаанд, ки доир ба онҳо бидуни ному тахаллусу нисба маълумоти дигаре дастрас нашуд. Яке аз онҳо Аббосқулихон Бедили Қоҷор аст, ки ба қавли муаллифи «Таърихи тазкираҳои форсӣ» Аҳмад Гулчини Маъонӣ, дар асри XIX зиндагӣ мекардааст.

Дар муҳити адабии Мовароуннаҳри асрҳои XVIII-XX шоири намоён ва саҳмдоре, ки бо тахаллуси «Бедил» шеър гуфта бошад, дида намешавад. Иллати ин амр, зоҳиран, ба нуфуз ва шӯҳрати зиёди Мирзо Абдулқодири Бедил дар доираҳои адабии ин сарзамин алоқаманд аст. Вале, шояд, аз рӯи ихлос ва эҳтироми зиёд нисбат ба Мирзо Бедил бошад, ки дар ин ҷо низ чанд тан бо ин тахаллус арзи ҳастӣ намудаанд. Чунончи, муаллифи мақолаи «Султонхони Адо ва шахсияти ӯ» Сайидумар Султон аз шоире бо номи Абдулкарими Бедил ном бурдааст, ки дар доираи адабии Истаравшани асри XVIII фаъолият доштааст. (Ниг.: Садои шарқ, 1983, №2). Ҳамчунин котиби яке аз нусхаҳои хаттии девони Мирзо Бедил, ки дар соли 1283 ҳиҷрӣ (1886-1887 милодӣ) китобат шудаасту дар китобхонаи Донишгоҳи Самарқанд маҳфуз аст, ному номи падар ва тахаллуси худро дар шакли Мулломуҳаммад ибни Муллоавази Бедил зикр кардааст. (Ниг.: Список восточных рукописей библиотеки Самаркандского Университета, Самарканд 1977).

Ва ниҳоят, шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Саббоқ дар тазкираи «Армуғони Саббоқ» (Тазкираи адабиёти муҳоҷарати собиқ Аморати Бухоро дар асри XX. Нашршуда дар Мадинаи мунаввара, 1990) дар хусуси шоирае бо ному тахаллуси Шарифабибии Оҷиз маълумот дода, илова кардааст, ки падари ӯ домулло Муҳаммадамини Хуҷандӣ маъруф ба Домуллои Бедил, низ шоир буд. Соҳиби тазкира валодати Шарифабибии Оҷизро 1901 милодӣ ба қалам додааст. Дар ин асос тахмин намудан мумкин аст, ки Домуллои Бедил дар охирҳои асри XIX ва нимаи аввали асри XX зиндагӣ ва эҷод намудааст. (Дар ин бора ниг.

ҳафтаномаи «Сипеҳр» Душанбе, 2001, №).

Табиъист, ки шоирони бедилтахаллусро дар доираҳои адабии форсизабони асрҳои мазкури Афғонистон низ дида наметавонем. Ин факт ҳам ба нуфузи қобили мулоҳизаи Мирзо Бедил дар ин кишвар вобаста аст.

Аз шоирони бедилтахаллусе, ки равшан намудани замони зиндагиашон ба мо муяссар нагардид, ду нафар – Бедили Совачии Ҳиравӣ ва Бедили Балхиро ном бурдан мумкин аст. Соҳиби тазкираи «Ништари ишқ» Ҳусайнқулихон Ошиқи Азимободӣ дар хусуси Бедили Совачии Ҳиравӣ сухан ронда, дар Ҳирот ба касби хайётӣ шуғл доштан ва дар шоирӣ соҳиби талошу тарзи хос будани ӯро гӯшзад намуда, байти зеринро зодаи табъи ӯ донистаст:

Равам ба боғу зи наргис ду дида вом кунам,
Ки то наззораи он сарви хушхиром кунам.

Муаллифи «Қомусулаълом»-и туркӣ низ аз ин шоир ном бурда, байти мазкурро моли ӯ шуморидааст.

Аммо баъзеи муаллифон аз ҷумла Алишери Навоӣ ва Шералихони Лудӣ, байти болоро ба шоираи асри XV Бедилии Ҳиравӣ нисбат додаанд.

Байти мазкур, шояд, ба шоира Бедилии Ҳиравӣ таъаллуқ дошта бошад. Зеро яке аз онҳое, ки ин маъниро зикр кардааст, муъосири шоираи мазкур Алишери Навоист. Вале ин факт мавҷудияти Бедили Совачии Ҳиравиро инкор намекунад. Зеро Ҳусайнқулихони Ошиқ дар баробари зикри тахаллусу нисба ва ҷои иқомат, ба касбу пешаи ӯ низ ишора кардааст, ки ба мушаххасоти аҳволи шоираи мазкур наздикӣ надорад. Ҳусайнқулихони Ошиқ навиштааст: «Бедили Совачӣ шоире буд рангинталош ва каломаш ҳама тан дилхарош. Ба шаҳри Ҳирот аз касби хайётӣ авқот мекард. Ҷомаи мавзуният бар қомати табъи худ дӯхта буд ва ганҷинаи суханварӣ дар ки саи хаёл андӯхта, соҳиби талоши тоза буд. Чун рағбати хотир ба маҳбубони маҳваш дошт, лиҳозо ба ин муносибат аксар рояти истиқомат ба будкадаҳо меафрохт».

Муаллифи «Ништари ишқ» дар зикри Бедили Балхӣ ба ғайр аз байти «Мебарад ҳар кас ба пеши ёр аз ҷон тӯҳфае, Мо тиҳидастони бедил шармсорӣ мебарем» чизи дигаре нагуфтааст. Ҳамин байт бо андаке тағйир дар асари Мирҳусайн Дӯсти Санбаҳлӣ «Тазкираи Ҳусайнӣ» (1750) ба мулло Бедили Кирмониён ном шоир нисбат дода шудааст, ки ин шоир ва Бедили Балхӣ, зоҳиран як шахсанд.

Муаллифи «Шамъи анҷуман» (1292(1875-76) Муҳаммадсидиқи Ҳасанхон низ байти мазкурро ба номи Бедили Балхӣ овардааст.

Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи мазкури худ навиштааст, «ки ин шеър (яъне байти «Мебарад ҳар кас ба пеши ёр» - Б.Р.) аз Мирзо Абдулқодири Бедил аст, дониста нашуд, ки соҳиби «Шамъи анҷуман» ба кадом санад Бедили Балхӣ гуфта». Ва баъдтар илова кардааст, ки «ҳамин шеърро соҳиби «Сафинаи Ҳиндӣ» низ дар тазкира ба номи Мирзо Бедил гирифта».

Воқеъан, муаллифи «Сафинаи Ҳиндӣ» (Патна, 1958). Бхагвандоси Ҳиндӣ байти мазкурро ба Мирзо Бедил нисбат додааст. Вале, ба фикри мо, ӯ дар ин маврид ба иштибоҳ роҳ додааст. Аввалан, ин байт дар куллиёти Мирзо Бедил ба назар намерасад. Гузашта аз ин, калимаи «бедил» дар ин ҷо (мо тиҳидастони бедил) ишора ба тахаллус нест, ин калима дар ин байт ба маънои оҷизу нотавон аст.

Дар баъзе тазкираҳо, аз ҷумла дар «Тазкираи Ҳусайнӣ» мисраъи дуввуми ин байт дар шакли «Мо ба Ҳиндустон, Бедил, шармсорӣ мебарем», омадааст. Лекин варианти аввали он, яъне «Мо тиҳидастони бедил» саҳеҳ бояд бошад.

Гуфтан лозим аст, ки дар иддае аз таълифоти илмиву адабии дар Эрону Афғонистон ба табъ расида, аз ҷумла дар маҷмӯъае бо номи «Сафинаи Фаррух» (ҷилди 2, Машҳад. 1346), рисолаи устод Халилӣ «Файзи қудс» (Кобул 1334), мақолаи Муҳаммад Довуди Ҳусайнӣ «Маъхази ҷадид дар мавзӯъи мазори Мирзо Бедил» (маҷаллаи «Ориёно, 1333», №11) аз шоире бо номи Бедили Кобулӣ низ ёд шудааст.

Дар баъзе таълифоти дигар ин шоирро бо номи Қозӣ Бедил сабт намудаанд.

Мурод аз Қозӣ Бедил ва Бедили Кобулӣ шоирест бо исми Қозӣ Мирҳусайн ибни қозӣ Фатҳуллоҳхон мутахаллис ба Ибни Қозӣ, ки аз шоирони соҳибдевони асри XIX-и

Афғонистон аст. Девони ашъораш, ки тахминан се ҳазор байт дорад, бо фармоиши Ҳоҷӣ Абдулхолиқ ва саъю кӯшиши Мирзо Ғуломҳайдар ном шахсон дар соли 1333 қамарӣ (1915 милодӣ) дар Лоҳур ба табъ расидааст. Вале ин шоир дар ҳеҷ ҷои ашъораш тахаллуси худро «Бедил» нагуфтааст. Дар девони ӯ бо ин тахаллус ягон шеър ҳам ба назар намерасад. Дар тамоми ашъораш ду тахаллус дорад: Ибни Қозӣ ва Қозӣ. Яъне ин шоир замоне ба шеъргӯӣ шӯрӯъ кардааст, ки писари қозӣ будааст. Ва дар ин айёми шеъргӯияш «Ибни Қозӣ» тахаллус мекардааст. Вале вақте ки худи ӯ қозӣ шудааст, дар баробари тахаллуси аввал бо тахаллуси «Қозӣ» низ шеър гуфтааст. Тахаллуси «Бедил»-ро ба ин шоир, зоҳиран, ноширони девони ӯ насб намудаанд. Зеро девони ӯ бо номи «Девони Қозӣ Бедил» ба табъ расидааст. Ба ин коркори ба Мирҳусайн ибни Қозӣ нисбат додани тахаллуси «Бедил» чӣ сабаб шудааст? Ба ин савол муаллифи мақолаи «Изҳори назар дар мавриди оромгоҳи Бедил» (Ориёно, 1333, №12) Муҳаммад Иброҳими Халил ҷавоби дақиқе додааст. Ӯ навиштааст: «Чизе, ки кӯтоҳфикронро ба ин иштибоҳ оварда, ғазали аввали девони ӯст. Дар он ҷо Ибни Қозии бедил омада ва мисли ин дар дигар ҷо «Қозии гадо» ҳам омадаст. Магар «бедил» ё «гадо» тахаллуси ӯ нест. Балки инҳо калимотеанд, ки шуъаро баъди тахаллус барои инкисор ва аҷзу кам задани худ меоранд. Зарур нест, ки онро ҷузви тахаллус ё айни тахаллуси ӯ бидонем».

Дар яке аз мақолаҳои «Садои Шарк» (1979, №7), ки муаллифаш Муҳаббат Ҷалилова мебошад, истинодан ба «Мушфиқӣ» (Душанбе, 1978) ном рисолаи Зоҳир Аҳрорӣ аз шоире ба номи Абдураҳмони Бедил ёд шудааст. Аммо дар рисолаи мазкур шоире бо ин ном зикр нагардидааст. Дар ин рисола дар бораи Мирзо Абдулқодири Бедил сухан рафтааст. Муаллифи мақола, шояд, дар асари бедиққатӣ ё шитобкорӣ бошад, ки ба ҷои «Абдулқодири Бедил» «Абдураҳмони Бедил» навиштааст.

Шоирони бедилтахаллусро дар адабиётҳои ғайрифорсӣ низ дидан мумкин аст. Чунончи, дар адабиёти паштузабони асри XVIII-и Афғонистон як шоир бо ин тахаллус маълум аст ва маҷмӯъаи ашъораш бо номи «Девони Бедил» дар соли 1957 дар Пешовар ба табъ расидааст. Бо вуҷуди дастрас будани мероси адабиаш ному насаб, санаҳои ҳаёт ва маҳалли таваллуду вафоти ин шоир то ҳол аниқ нашудаанд. Аз тафсилоти аҳволаш ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ дар Ашнағар ном ноҳияи назди Пешовар зиндагӣ карда, ба чанд шаҳру вилояти Ҳиндустон, аз ҷумла ба Патану Кашмир, борҳо сафар кардааст.

Дар адабиёти асри XIX Синд низ шоире бо ном ва тахаллуси охунд Абдулқодири Бедил арзи вуҷуд кардааст. Дар рисолае, ки бо номи «Ёди рафтагон» дар Ҳоло ном шаҳри Синд дар соли 1953 ба табъ расидааст, доир ба у маълумоти мухтасаре мавҷуд аст. Ин шоир дар Шикорпур ном шаҳри Синд ба дунё омада, дар ҳамон ҷо умр ба сар бурдааст. Муаллифи рисолаи мазкур Муҳаммадзамон Толиб-Алмавло дар қатори баёни шарҳи ҳоли шоир акси ӯро низ чоп кардааст. Аз шабеҳи шоир маълум мешавад, ки ӯ тахминан 75-80 сол умр дидааст.

Дар таърихи адабиёти форсизабон шоирон бо тахаллуси «Бедилӣ» низ вуҷуд доранд. Бино бар маълумоти тазкираҳое чун «Маҷолисуннафис»-и Алишери Навоӣ, «Миръотулхаёл»-и Шералихони Лудӣ ва «Ништари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Ошиқ, ба ин тахаллус алҳол панҷ шоир маълум аст. Яке шоира Бедилии Ҳиравист, ки дар муҳити адабии асри XV Ҳирот зиндагӣ кардааст. Байте, ки дар сарчашмаҳои адабӣ, аз ҷумла дар тазкираи Шералихони Лудӣ, ба ӯ нисбат додаанд, ҳамон аст, ки дар зикри Бедили Соваҷӣ иқтибос шуд. (Равам ба боғу зи наргис ду дида вом кунам, ки то наззораи он сарви хушхиром кунам).

Шоири дигари бедилитахаллус Мулло Бедилии Исфаҳонист, ки дар аҳди шоҳ Исмоили мозӣ, яъне дар асри XVI дар Эрон умр ба сар бурдааст.

Саввумин шоири бедилитахаллус шоири ҳиҷогӯи асри XVI Хоҷамуҳаммад Бедилии Самарқандист, ки дар Самарқанд аз касби шамшергарӣ рӯз мегузаронидааст. Мутрибии Самарқандӣ дар тазкираи худ доир ба ӯ чунин навиштааст: «Исмаш Хоҷамуҳаммад буд ва аз водии шамшергарӣ, соҳибвуқуф менамуд ва дар гуфтани ҳаҷв теғи забонаш аҷоиб тез буд ва абёти обдор аз ӯ ба вуқуф меомад. Ҷаноби Мирафзалро (яке аз шоирони асри XVI-Б.Р.) аҳоҷии аҷиба намуда, ки ин нусха таҳмили эроди он надорад. Ашъори покизаи хуб низ дорад ва ин матлаъро некӯ гуфта:

Дар майкада хумҳо чу пур аз бодаи ноб аст,

Дар дахр дили Хизр чаро толиби об аст.

Мутрибӣ дар хусуси шоири мазкур Мирафзали Афзалӣ сухан ронда, дар баробари ба қалам овардани вазъи хандаовари ин шахс байтеро аз Бедилӣ низ зикр кардааст, ки дар ҳаҷви шахси мазкур гуфта шудааст. Мутрибӣ навиштааст: «Шахсе ҷаноби Мирро (Мирафзали Афзалиро-Б.Р.) нишона пурсида. Яке аз зурафо вазъи Мирро чунин баён карда, ки китоби гаронсанге ба вазни ним ман дар бағал карда ва қаламтароше ба вазни чоряк ба сар халида ва қаламҳои мутаъаддида ҳар як ба вазни ним чаҳоряк ба атрофи тоқӣ чида ва фашши мушавваше дар буни гӯш ниҳода ва дурраи бузурге дар миён устувор карда ва домани худро бар зада ва кисаи миқрозиву чақмокӣ ва намакдониву дурафшӣ ва ҷуволдӯзиву кордҳои касир дар паҳлу овехта ва асои чун сутуне дар даст гирифта. Дар кӯкнорхонаи Пули сафед ҳар кас бад ин сурат дар назарат ояд, бидон, ки Мирафзал аст. Ва мавлоно Хоҷамуҳаммади шамшергар (яъне Бедилии Самарқандӣ-Б.Р.) дар ҳаҷви Мирафзал чунин гуфта:

Туро ки бори китоби бағал басанда бувад,
Қаламтарошу қалам бар сари ту сарбор аст.

Шахси чаҳорум аз ин гурӯҳи муаллифон шоира Бедилии Хиёбонист, ки замони зидагиаш, мутаассифона, маълум нашуд. Аз натоиҷи афкори ӯ ҳамагӣ як байт дастрас аст, ки сабт мегардад:

Чашми пурхуну хаёли холи он дилбар дар ӯ
Миҷмари пуроташ асту пораи анбар дар ӯ.

Ва ниҳоят, панҷумин касе, ки бо ин тахаллус шеър гуфтааст, Бедилии Қазвинист. Ин муаллифро бо адиби асри XIX Бедили Қазвинии Рӯдбории Бодаштӣ, ки дар бораш сухан рафт, набояд як донист. Тазкирае, ки доир ба ӯ маълумот медиҳад, «Суҳуфи Иброҳим»-и Алӣ Иброҳим Халилхони Халил аст, ки дар соли 1205 (1790), яъне пеш аз замони зиндагии Бедили Қазвинӣ ба майдон омадааст.

Чунонки мебинем, бо тахаллусҳои «Бедил» ва «Бедилӣ» шоирони зиёде арзи вуҷуд карда, қисме аз онҳо мероси муайяне низ таълиф намудаанд. Аз ин рӯ, суоле ба миён меояд, ки оё дар байни таълифоти ин шоирон ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил ихтилоте ба амал наомадааст? Тавре ки ин гуна ҳодиса ба ашъори дигар шоирони ҳамтахаллус, ба мисли Шамси Табрезиву Шамсҳои дигар ва Фонии Новию Фонии Кашмирӣ рух додааст.

Дар ҳолати кунунии омӯзиши нусхаҳои хаттии девони Мирзо Бедил ва дастрас набудани қисми зиёди маҳсули адабии Бедилҳои дигар доир ба омезиши ашъори лирикии онҳо фикри қатъие гуфтан душвор аст.

Аммо ҳодисаи ба Мирзо Бедил нисбат додани асарҳои калонҳаҷми Бедилҳои дигар ба назар мерасад. Масалан, маснавии «Наргисистон»-и Чандрмани Бедил, ки дар бораш сухан рафт, бо айби нашири он бо номи Мирзо Бедил ба табъ расидааст ва ин иштибоҳ дар навиштаҳои чанде аз муҳаққиқон низ роҳ ёфтааст. Ё худ Владимир Иванов дар феҳристи «Нусхаҳои форсии Ҷамъияти Осиёии Бангола» (Калкутта, 1926, саҳ. 149), «Рисола дар арӯз»-и Бедили Мозандарониро ҳамчун асари Мирзо Бедил муаррифӣ кардааст. Ва ниҳоят дар асарҳои Эдвард Эдуардус «Феҳристи китобҳои чопии Музеи Британия» (Лондон, 1922) ва Хонбобо Мушор «Феҳристи китобҳои чопии форсӣ» (Теҳрон, 1337), «Тӯҳфатуззокирин»-и Бедили Мозандаронӣ асари Мирзо Бедил пиндошта шудааст.

## МАЪЛУМОТИ САРЧАШМАҲО ДАР БОРАИ БЕДИЛ

Дар тадқиқ ва омӯзиши зиндагӣ ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) дар баробари осори худи ӯ манбаъҳои адабиву таърихӣ низ арзиш ва аҳамияти зиёдеро доро мебошанд. Ин ҳақиқатест, ки аксари муҳаққиқони шоир онро таъйид ва эътироф намудаанд. Чунончи, муаллифи рисолаи «Файзи қудс» (Кобул, 1334) Халилуллоҳи Халилӣ маълумоти сарчашмаҳоро пас аз «Чорунсур»-и худии Бедил муҳимтарин манбаъи омӯзиши шоир шуморидааст.

Абдулғанӣ – муаллифи китоби «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351), Холмуҳаммади Хаста – соҳиби рисолаи «Мунтахабуззамон Абдулқодири Бедил» (Жувандун, 1342, № 2-19) ва Ҳасани Ҳусайнӣ – муаллифи маҷмӯъаи «Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ» (Теҳрон, 1368) низ аз маълумоти тазкираҳо истифода карда, арзишу аҳамияти онҳоро таъйид намудаанд.

Вале муаллифоне низ ҳастанд, ки ба ахбори манбаъҳои адабиву таърихӣ на фақат диққати зарурӣ надодаанд, балки арзишу аҳамияти онҳоро умуман ба эътибор нагирифтаанд. Масалан, муаллифи рисолаи «Нақди Бедил» (Кобул, 1343) Салоҳуддини Салчуқӣ дар тазкираҳо акс ёфтани лаҳзаҳои ҳаёти Бедилро зикр намуда, дар баробари ин ба аҳамияти онҳо, яъне тазкираҳо, қоил набудани худро чунин ба қалам додааст: «Чун банда ҳеҷ гоҳ муаррих ва мутанаббеъи таърих набудам, ҳеҷ вақт намехоҳам олиму адиб ва файласуфро дар ҳеҷ ҷо (яъне тазкираҳо ва кутуби таърих – Б.Р.) мутолаъа кунам, илло дар сухан ва дар осори ӯ. Ин гуна савонеъи ҳаётӣ (яъне тазкираҳо – Б.Р.) мақоми як марди нобиғаро ба мақоми оммаи мардум таназзул медиҳад. Чизе, ки муҷиби имтиёзи эшон аст, сухани эшон аст, ки бояд ба мардум гуфт ва ба эшон фаҳмонд» («Нақди Бедил», с. 88).

Албатта, дар таҳқиқи аҳвол ва андешаву афкори ин ё он адиб маъхаз ва маводи асосӣ, пеш аз ҳама, осори худи ӯст. Вале ин на ба он маънист, ки дар сурати дастрас будани осори шоир, аз навиштаҳои дигарон сарфи назар карда шавад. Шоирон ва мутафаккироне ҳастанд, ки ҷараёни зиндагии эшонро тавассути осори худи онҳо ба қалам овардан душвор ва ҳатто ғайри имкон аст. Масалан, тарҷумаи ҳоли Мавлавии Рум, Ҳофизи Шерозӣ ва ё Камоли Хуҷандиро оё метавон аз рӯи гуфтаҳои худи онҳо баён намуд?

Аз ин рӯ истифода аз манбаъҳои адабиву таърихӣ дар тамоми мавридҳо, хоҳ дар баёни аҳволу осор ва хоҳ дар таҳлили ақидаву афкори гузаштагон, танҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Нобоварӣ ва беэътиноӣ нисбат ба маълумоти тазкираҳо дар рисолаи Холида Айнӣ «Бедил ва достони ӯ «Ирфон» низ ба назар мерасад. Холида Айнӣ зимни ёдоварӣ аз асарҳои шарқшиносони Аврупо Гарсен де Тасси, Шпренгер ва Чарлз Рё таъйид намудааст, ки навиштаҳои эшон дар асоси маълумоти тазкираҳо сурат гирифтаанд, аз ин рӯ, он навиштаҳо дар бештари мавридҳо шубҳанок ва ғайривоқеъӣ мебошанд (Ниг.: Х. Айни, Бедиль и его поэма «Ирфон», Сталинабад, 1956, стр. 11-12).

Ин хулоса вақте ба миён омадааст, ки муаллифи он ба ягон тазкираи истифодакардаи муҳаққиқони мазкур ошно набудааст. Аксари манбаъҳое, ки мавриди истифодаи онҳо қарор доштаанд, аз ҷумлаи сарчашмаҳои боэътимоди асрҳои XVII-XVIII ба шумор мераванд. Масалан, муаллифи феҳристи махтутоти Музеи Британия Чарлз Рё шарҳи аҳволи Бедилро бо истифода аз ҳашт тазкира овардааст, ки «Миръотулхаёл»-и Шералихони Лудӣ, «Калимотушшуъаро»-и Сархуш, «Риёзушшуъаро»-и Волеҳ ва «Иқди Сурайё»-и Мусҳафӣ аз ҷумлаи онҳо ҳастанд (Ниг.: Ч, Рё, «Феҳристи нусхаҳои хаттии Музеи Британия», Лондон, 1895, саҳ. 706-707).

Маълумоти Шпренгер низ дар асоси муҳимтарин сарчашмаҳо – «Мазмавуннафоис»-и Орзу ва «Хизонаи Омира»-и Озод сурат гирифтааст. (Ниг.: Шпренгер), «Феҳристи махтутоти китобхонаи ҳокимони Авадҳ», Калкутта, 1854, с. 377-79).

Дар адабиёти илмӣ акси ҳодисаи мазкурро низ дидан мумкин аст. Яъне асарҳое низ мавҷуданд, ки дар онҳо маълумоти тазкираҳо бе тафтиш ва тадқиқи иловагӣ ба ҳайси ҳақиқати бебаҳс пазируфта шудаанд. Ин ҳолатро дар мақолаи Муҳаммад Иброҳими Халил «Алоиқ ва ақоиди мо ба Бедил» (маҷаллаи «Ирфон», Кобул, 1333, №1) ва рисолаҳои зикршудаи Абдулғанӣ ва Холмуҳаммади Хаста дар мавриди истифода аз тазкираи «Сафинаи

Хушгӯ» мушоҳада кардан мумкин аст.

Суоле ба миён меояд, ки дараҷаи эътиборнокӣ ё ғайри қобили қабул будани маълумоти ин ё он сарчашмаро чӣ гуна метавон муайян кард?

Ба ақидаи мо, ин корро танҳо бо як роҳ – бо роҳи муқоиса бо ишораҳои худи шоир омӯхтани маводи манбаъҳо метавон анҷом дод. Ба ибораи дигар, дар тасдиқ ва ё тардиди ин ё он ҷиҳати маълумоти тазкираҳо, пеш аз ҳама, аз осори худи шоир далел мебояд ҷуст. Дар мавриди дар муқоиса бо якдигар омӯхтани маводи тазкираҳо ва ишораҳои худи шоир, аз як тараф, ҳолате пеш меояд, ки маълумоти тазкира санади иловагиест, ки дар тақвия ва тавзеҳи ишораи шоир зарур аст. Аз тарафи дигар, дурустии ахбори ин ё он тазкира тавассути ишораи шоир санҷида мешавад. Масалан, Бедил дар «Чорунсур» навиштааст, ки пас аз хонадор шудан «мутаббеъи суннати обо гардид ва тариқаи сипоҳ гаравид. «Вале шоир тавзеҳ надодааст, ки ӯ дар кадом вақт, дар куҷо ва дар лашкари кадом ҳоким маъмури ин вазифа буд. Тафсили ин ҳодисаро аз навиштаҳои Шералихони Лудӣ, Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ, Ғуломалии Озод, Анандроми Мухлис, Биндробандоси Хушгӯ ва дигарон пайдо менамоем. Бино бар қавли ин муаллифон, Бедил дар лашкари Муҳаммад Аъзамшоҳ, писари Аврангзеби Оламгир, хидмат намудааст.

Ё худ Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ-муаллифи тазкираи «Миръоти воридот» овардааст, ки Бедил қабл аз он, ки ба лашкари Аъзамшоҳ бипайвандад, чанд муддат дар мулозимати Мирзо Сулаймон ном шахс ба сар бурдааст.

Муаллифони тазкираҳои дигар ба ин мазмун ишора накардаанд. Вале аз як номаи худи Бедил бармеояд, ки навиштаи мазкури Ворид беасос нест. Дар байни Бедил ва Мирзо Сулаймон, воқеъан, як навъ робита ва алоқае вуҷуд доштааст.

Пеш аз он, ки ба маълумоти тазкираҳо дар бораи Бедил ошно шавем, зарур аст, ки доир ба онҳо чанд сухани муқаддимотӣ гуфта гузарем.

Манбаъҳои адабӣ ва таърихие, ки дар бораи Бедил маълумот доранд, ба эътибори замони таълиф, ба се аср – асрҳои XVII, XVIII, XIX тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, ахбори онҳо аз нигоҳи арзишу аҳамият дар як поя намебошанд. Асарҳое, ки дар қарни XVII ва ибтидои қарни XVIII таълиф шудаанд, дар тадқиқи ҳаёту эҷодиёти шоир дорои аҳамият ва арзиши бештаре ҳастанд. Ба ин гурӯҳи сарчашмаҳо тазкираҳои Шералихони Лудӣ «Миръотулхаёл» (соли таълиф 1690-91), Муҳаммадафзали Сархуш «Калимотушшуъаро» (1682-1696), Кшанчанди Ихлос «Ҳамешабаҳор» (1723-24), Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ «Миръоти воридот» (1733-34), Биндробандоси Хушгӯ «Сафианаи Хушгӯ» (1724-1734) ва ғайра дохил мешаванд. Аксари муаллифони ин асарҳо Бедилро борҳо дида ва аз файзи сӯҳбати ӯ баҳравар гардидаанд. Масалан, Хушгӯ, ки аз шогирдони Бедил аст, бино бар қавли худаш, беш аз ҳазор бор сӯҳбати ӯро дарёфтааст. Ё худ шарҳе, ки Шералихони Лудӣ дар аҳволи шоир нигоштааст, аз назари худи ӯ гузаштааст.

Гурӯҳи дигари манбаъҳо асарҳое ҳастанд, ки тақрибан 30-40 сол баъд аз вафоти Бедил ба миён омадаанд. Табиист, ки ин асарҳо доир ба аҳволи Бедил маводи тозаро камтар фаро гирифтаанд. Вале аз нигоҳи он, ки муаллифони ин асарҳо баъзе ҷиҳатҳои шеъри Бедилро арзёбӣ намуда, ба мавзӯъоту хусусиятҳои забонии осори ӯ ишора кардаанд, арзишу аҳамияти онҳо кам нестанд. Тазкираҳои Мирғуломалии Озод «Сарви озод» (1752-53) ва «Хазонаи омира» (1762-63), Алиқулихони Волеҳ «Риёзушуъаро» (1747), Сироҷиддин Алихони Орзу «Маҷмаъуннафоис» (1751) ва боз чанд асари дигар аз ҳамин қабиланд.

Бахши саввуми сарчашмаҳо, қатъи назар аз замони таълиф ва ҳаҷми маълумот, манбаъҳои дуввумдараҷа ба шумор меравaнд. Дар асоси ин манбаъҳо роҷеъ ба зиндагии шоир тасаввуроти зарурӣ ҳосил намудан душвор аст. Асарҳои Мирхусайн Дӯсти Санбаҳлӣ «Тазкираи Ҳусайнӣ» (1750), Муҳаммад Ҳакимхони Қӯқандӣ «Мунтахабуттаворих» (1859), Абӯмуталлибхоҷа Фаҳмии Самарқандӣ «Тазкираи Фаҳмӣ» (1860-61) аз ҷумлаи ҳамин гуна сарчашмаҳо мебошанд.

Ва ниҳоят, қисми чаҳоруми сарчашмаҳо асарҳои талфифӣ ё худ компелятивӣ мебошанд. Маълумоти ин гуна манбаъҳо дар асоси маъхазҳои дигар, аниқтараш, дар асоси манбаъҳои ду гурӯҳи аввал фароҳам омадаанд. Ба ин гурӯҳ асарҳои Абдулваҳҳоби Ифтихор «Тазкираи беназир» (1758-590), Алӣ Иброҳимхони Халил «Суҳуфи Иброҳим» (1790-910), Абӯтолибхони Исфаҳонҳ «Хулосатулафкор» (1790-1793), Ҳусайкулихони Азимободҳ

«Ништари ишк» (1817-1818), Кудратуллоҳи Тӯпомӯҳ «Натоиҷулафкор» (1842-1843). Муҳаммадсидиқи Ҳасанхон «Шамъи анчуман» (1875-76)-ро дохил намудан мумкин аст. Чунончи, зикри Бедил аз тазкираҳои «Суҳуфи Иброҳим» ва «Ништари ишқ» асосан ҳамон аст, ки Хушгӯ навиштааст. Ё худ, маълумотҳои «Тазкираи беназир», «Хулосатулафкор», «Натоиҷулафкор» ва «Шамъи анҷуман» такрори навиштаҳои Мирғуломалии Озод мебошанд.

Бад-ин тариқ, тазкираҳои ду гурӯҳи аввалро муҳимтарин ва пурарзиштарин манбаъҳо доир ба Бедил шуморидан мумкин аст. Дар баробари ин, қайд кардан лозим аст, ки дар тазкираҳои ду гурӯҳи аввал низ баъзе иштибоҳоту норасоиҳо мавҷуданд, ки ҳангоми арзёбӣ аз маълумоти онҳо гӯшрас хоҳанд шуд.

Инак, шурӯъ менамоем ба баррасии маълумоти тазкиранигорон дар бораи Бедил. Аввалин муаллифе, ки доир ба Бедил маълумот додааст, соҳиби «Тазкираи Насрободӣ (1672-1679) Мирзотоҳири Насрободист. Маълумоти Насрободӣ қадимтарин ва дар айни ҳол кӯтоҳтарин шарҳ дар бораи Бедил аст. Ӯ навиштааст: «Абдулқодири бедилтахаллус, ӯ низ аз вилояти Лоҳур аст» (Ниг.: «Тазкираи Насрободӣ», нашри Ваҳиди Дастгаргӣ, с. 451).

Тавре ки хоҳем дид, фикри Насрободӣ дар хусуси аз Лоҳур будани Бедил иштибоҳ аст. Сабаби ин иштибоҳ, зоҳиран, он аст, ки замоне, ки тазкираи Насрободӣ навишта мешуд, Бедил дар Лоҳур ва ноҳияҳои атрофии он машғули хидмати аскарӣ буд. Чунончи, дар солҳои 1085-1086 (1674-1675) дар Лоҳур ва Ҳасанабдол зистанаш ҳам аз як қитъаи худи ӯ ва ҳам аз номаҳои яке аз дӯстонаш Эзидбахши Расо (вафоташ 1707-1708) ба исбот мерасад.

Манбаъи дигаре, ки роҷеъ ба Бедил маълумоти нисбатан муфассалро дар бар кардааст, тазкираи Шералихони Лудӣ «Миръотулхаёл» аст. Яке аз афзалиятҳои маълумоти Лудӣ он аст, ки ин маълумот, чунон ки гуфтем, аз назари худи Бедил гузаштааст. Муаллифи тазкира дар ин бора навиштааст: «Рӯзе ки муаллифи ин авроқ таърифи Мирзо Бедил, ки боло марқум кардааст, ба карои мутоллааш даровард, асари башошат бар чеҳраи муборакаш пайдо гардид ва чун ба хона ташриф бурд, ин чаҳор ғазал ба хати худ навишта фиристод».

Маълумоти Шералихонро аз ду ҷиҳат дорои аҳамият ва арзиши баланд донистан лозим аст. Яке он, ки ӯ аввалин касест, ки аз мансубияти миллӣ ё худ қабилавии Бедил сухан кардааст. Бино бар навиштаи ӯ, Бедил аз қавми барлоси чиғатоист. Аксари тазкиранависони баъдина ва муҳаққиқони муъосир дар ин бора аз Шералихон пайравӣ кардаанд ва ин ақида то ба имрӯз мавриди тардид ва шакку шубҳа қарор нагирифтааст.

Ҷиҳати дигари маълумоти Шералихон зикри навкарии Бедил дар саркори Муҳаммад Аъзамшоҳ аст. Дар ин бора низ сухани аввалро ҳамин муаллиф гуфтааст. Ӯ навиштааст: «Дар авоили шубоб чанд рӯз, бино бар маслиҳате, навкарии шоҳзодаи олиҷоҳ султон Муҳаммад Аъзамшоҳ ихтиёр карда, ба мансаби умда сарфарозӣ ёфта буд».

Муаллифи «Миръотулхаёл» дар бахши намунаҳо аз осори Бедил сабабҳои эҷод шудани ду ғазали ӯро низ гӯшрас намудааст. Ин нукта дар баробари аз робитаи Бедил бо баъзе аз амирони аср дарак додан, дар кори равшан сохтани чанд лаҳзаи ҳаёт ё эҷодиёти ӯ низ кӯмак расонида метавонад.

Матлаъи яке аз он ғазалҳо ин аст:

Кошона салои айш дардод,
Эй даҳр, тараб муборакат бод.

Бино бар қавли Шералихон, Бедил ин ғазалро дар таҳнияти кадхудоии Мириноятуллоҳ ном писари дӯст ва ҳомии худ Шукруллоҳхони Хофӣ гуфтааст. Ҳар мисраи ин ғазал таърих аст, ки аз он санаи 1101 (1189-1190) бармеояд.

Ғазали дуввум, ба гуфтаи муаллифи тазкира, дар таҳнияти ҳинобандии Мирлутфуллоҳ – писари бузурги Шукруллоҳхон иншо шудааст, ки матлаъаш ин аст:

Машшотаи шӯхе, ки ба дастат дили мо баст,
Мехост чаман тарҳ кунад, ранги ҳино баст.

Нуктаи ҷолибе, ки аз ин ғазал бармеояд, он аст, ки шоир дар баробари ситоиш аз шахси мамдӯҳ ба ҳодисаи аввалин бор девони ашъор тартиб додани худ низ ишора намудааст. Ӯ

дар мақтаи ин ғазал овардааст:

Бедил, ту ҳам аз шавқ чаман шав, ки ба ин ранг
Шерозаи девони ту имрӯз ҳино баст.

Тавре ки медонем, таърихи ошноӣ ва рафоқати Бедил бо Шукруллоҳхону писарони ӯ соли 1096 (1685-86) аст (Ниг.: Ба мақолаи «Муҳити аъзам ва таърихи таълифи он»).

Ҳамчунин ба мо маълум аст, ки қадимтарин нусхаи хаттии девони Бедил, ки дар китобхонаи Донишгоҳи исломии Алигарҳ (захираи Ҳабибганӣ) маҳфуз аст, соли 1098 (1686-87) китобат шудааст. (Ниг.: Ба мак. «Чорунсур доир ба баъзе нусхаҳои хаттии осори Бедил»).

Ба эътибори ин ду далел ва ба туфайли ишораи мазкури Шералихон, ба натиҷае омадан мумкин аст, ки девони нахустини Бедил дар байни солҳои 1096-1098 (1685-1687) мураттаб шудааст.

Факти ҷолиби дигаре, ки аз тазкираи Шералихон бармеояд, баҳси Бедил ва шоири дигари асри XVII Носиралии Сарҳиндист, ки дар атрофии як байти Бедил сурат гирифта будааст. Шералихони Лудӣ манзараи он баҳсро чунин ба қалам овардааст: «Рӯзе Мирзоро дар маҷлиси наввоб Шукруллоҳхон бо шайх Носиралӣ иттифоқи сӯҳбат афтод ва ин ғазал:

Нашуд оинаи кайфияти мо зоҳиророӣ,
Ниҳон мондем чун маънӣ ба чандин лафзпайдоӣ.

дар миён омад. Шайх дар матлаъи он сухан кард ва гуфт:

- Он чӣ фармудаед, ки «Ниҳон мондем чун маънӣ ба чандин лафзпайдоӣ», хилофи дастур аст. Чи маънӣ тобеъи лафз аст. Ҳар гоҳ лафз пайдо гардад, маънӣ албатта зоҳир мешавад.

- Мирзо табассум карду гуфт: - Маъние, ки шумо тобеъи лафз медоред, он низ лафзе беш нест. Аммо он чӣ ман маънӣ мегӯям, мин ҳайсиҳо, маъниест, ки ба ҳеҷ лафзе дарнамеояд. Масалан, ҳақиқати инсон, ки бо ин ҳама шурӯҳу тафосил, ки дар кутуб мундариҷ аст, ҳеҷ макшуф нашуд.

(Шайх сокит монд. Аммо дар абёти дигар ваҷд кард).

Шералихони Лудӣ роҷеъ ба муносибати Бедил ва Носиралӣ маълумоти дигаре низ дарҷ намудааст. Ӯ дар бахши намунаҳо аз ашъори Носиралӣ пас аз иқтибоси ғазале бо матлаъи:

Муқими кӯи ту сахтикашони дилтанганд,
Ки нола гар бикунанд фош, оташи сангaнд.

навишатаст: «Чун шайх Носиралӣ ғазале, ки дар садр марқум гардид, бигуфт, дар Шоҳиҷаҳонобод овоза дарандохт, ки ҳар кас ин ғазалро ҷавоб тавонад расонид, агар дар мулки сухан даъвои худоӣ кунад, ман ба вай имон меорам. Иттифоқан, ҳеҷ яке аз мавзунон лаб ба ҷавоб накушод, магар Ибрат ба ишораи Мирзо Абдулқодири Бедил ғазале бигуфт. Шайх баъд аз истимоъи он сукут варзид».

Шералихон ғазали ҷавобии Аҳмади Ибратро низ дар бахши намунаҳо аз ашъори ӯ сабт намудааст. Ӯ пеш аз сабти ғазали Ибрат навиштааст: «Ин ғазал, ки навишта мешавад, дар ҷавоби Носиралӣ гуфта… Бояд ки соҳибназарон қофияи ҳарду ғазалро аз рӯи маънӣ мулоҳаза фармоянд… Шайх (яъне Носиралӣ – Б.Р.) некӯ фармуда».

Ҳоло ғазали Носиралӣ ва ҷавоби Аҳмади Ибратро иқтибос намуда, муқоисаи онҳоро ба худи хонанда ҳавола мекунем:

**Носиралӣ:**
Муқими кӯи ту сахтикашони дилтанганд,
Ки нола гар бикунанд фош, оташи санганд.
Шакарлабон дили бераҳм дар камин доранд,
Бутони мо зи бурун лаълу аз дарун санганд.
Мулоимат зи тунукмашрабӣ дигаргун аст,
Ки шишаҳо чу дарандохтӣ ба ҳам, санганд.
Тилисми сурати худ бар бутон шикаст овард,

Вагарна дайру ҳарам хоназоди як санганд.
Зи хомии самари навниҳол шиква макун,
Ки пухтагон ҳама баҳри шикасти худ санганд.

**Аҳмади Ибрат:**
Ба водии ту, ки вомондагони дилтанганд,
Зи ашки хеш равон ҳамчу чашма аз санганд.
Табассуми ту ба хун гаштанам муҳайё кард,
Дили ману лаби лаъли ту шишаву санганд.
Ба доми ҳуш наяфтанд ваҳшиёни ҷунун,
Агарчи ҷумла шароранд, фориғ аз санганд.
Ҷамоли кас чӣ хаёл аст бо ту санҷидан?
Ба оламе ки туӣ, дигарон чу посанганд.
Насаб ба санг расад гар фусурдатабъонро,
Ба арзи ҳавсала чун табъи хеш бесанганд.
Улуви мартаба, Ибрат, ҳусули иззатҳост,
Вагарна қатраву гавҳар шарори як санганд.

Дар куллиёти Бедил низ ғазале бо ҳамин вазну қофия мавҷуд аст, ки шояд, дар ҷавоби ғазали мазкури Носиралӣ эҷод шуда бошад. Бедил, ки бузургтарин шоири асри хеш буд, дар муқобили иддаъои Носиралӣ хомӯш нишастан наметавонист.
Ғазали Бедил ин аст:

Балокашони муҳаббат гули чӣ найранганд?
Шикастаанд ба ранге, ки олами ранганд.
Чи шишаву чи парӣ, хоназоди ҳайрати мост,
Ба орамидагии дил, ки бехудон санганд.
Зи айбпӯшии абнои рӯзгор мапурс,
Яке гар оинаи пардохт, дигарон занганд.
Фиреби сулҳ махӯр аз кушодарӯии халқ,
Ки тангҳавсалагиҳои арсаи ҷанганд.
Ба водие, ки талаб норасои мақсади ӯст,
Баҳуш бош, ки манзилрасидагон ланганд.
Навои пардаи бетобии нафас ин аст,
Ки офиятталабон сахт ғафлатоҳанганд.
Ту ҳар шикаст ки хоҳӣ, ба дӯши мо барбанд,
Вафосиришта ҳарифон табиъати ранганд.
Зи ваҳм бар сари минои худ чӣ меларзӣ?
Шунав зи шишагарон, дар шикастани санганд.
Ба бастани мижа анҷоми кор шуд маълум,
Ки оби оинаҳо ҷумла тӯъмаи занганд.
Ҳубоб ним нафас бо нафас намесозад,
Зи худ тиҳишудагон бар худ ин қадар танганд.
Зи халқ он ҳама бегона нестӣ, Бедил,
Ту ҳарзафикриву ин қавм олами банганд.

Тавре ки дар оғози ин мақола тазаккур додем, бо вуҷуди он, ки навиштаи Шералихон аз назари худи Бедил гузаштааст, баъзе ҷиҳатҳои маълумоти ӯ қобили қабул шуда наметавонанд. Навиштаи ӯ дар бораи сабаби хидмати Аъзамшоҳро тарк намудани Бедил аз ҳамин ҷумла аст. Шералихон дар ин бора навиштааст: «Рӯзе дар маҷлиси шоҳзода (Аъзамшоҳ – Б.Р.) зикри шуъарои аср дар миён омад. Яке аз муқаррабон ба арз расонид, ки билфеъл дар Шоҳиҷаҳонобод, балки дар аксар саводи Ҳиндустон беҳтаре аз Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар силки мулозимони саркор мунсалик аст, нахоҳад буд. Шоҳзода гуфт:

Бигӯед, ки қасидае дар мадҳи мо иншо кунад, то зӯри табъаш маълум намуда, ба изофаи мансаб ва тақарруб сарфароз намоем. Ин хабар ба Мирзо расид. Филҳол ба бахшии саркор рафта, истеъфои мансаб кард. Ҳарчанд дӯстон маслиҳат дар он диданд, ки қасида дар мадҳи шоҳзода тавон гуфт, қабул накард ва тарки мансаб намуд. Аз ин ҷост, ки дар девонаш як байт мадҳ дохил нест».

Ин ақида, чунон ки хоҳем дид, чи дар тазкираҳои баъдина ва чи дар адабиёти илмӣ ё айнан ва ё мазмунан такрор шудааст. Вале он беасос ва аз воқеият дур аст. Аъзамшоҳ аз шоир будани Бедил ба хубӣ огаҳ буд ва Бедил низ дар мадҳи ӯ як қасида ва чанд ғазалу қитъа эҷод кардааст. (Ниг.: Куллиёти Бедил, ҷилди 2, с. 104, 143). Воқеаи тарки хидмат намудани Бедил сабабҳои дигар дорад, ки дар ин бора ҳангоми баррасӣ аз маълумоти Хушгӯ таваққуф хоҳем кард.

Фикри Шералихон дар хусуси он, ки дар девони Бедил, гӯё, ягон байт мадҳ мавҷуд набошад, низ беасос аст. Дар куллиёти Бедил илова бар ашъоре, ки дар мадҳи Аъзамшоҳ гуфта шудаанд, чандин қасидаву ғазал ва қитъаро метавон пайдо кард, ки дар мадҳи шоҳону амирони асри шоир эҷод шудаанд.

Хонандаи гиромӣ метавонад бигӯяд, ки тазкираи Шералихон дар соли 1102 (1690-1691), яъне 31 сол пеш аз вафоти Бедил, таълиф шудааст. Ӯ вақте ки дар бораи эҷодиёти Бедил сухан меронад, мероси то ҳамин давра эҷодшудаи шоирро дар назар дорад. Аз ин рӯ, аз эҳтимол дур нест, ки ашъори мадҳиявии Бедил баъд аз замони таълифи тазкира иншо шуда бошанд. Яъне девоне, ки Шералихон дар назар дорад, шояд шомили ашъори мадҳиявӣ набошад.

Бале, Шералихон, ки дар девони Бедил ягон байт мадҳ дохил нест, мегӯяд, ҳамон девонеро дар назар дорад, ки дар байни солҳои 1096-1098 (1685-1687) мураттаб гардидааст. Аммо гап дар сари он аст, ки бештари ашъори мадҳиявии Бедил то ҳамин давра, яъне то замони тартиб додани девони мазкур эҷод шудаанд. Ғазале, ки дар таърихи вафоти подшоҳи вақт Шоҳиҷаҳон (1628-1658) иншо шудааст, аз ҳамин ҷумла аст ва таърихи вафоти Шоҳиҷаҳон 1076 (1665-1666) аст. Табиъист, ки ғазал низ бояд дар ҳамин сол эҷод шуда бошад.

Дар куллиёти Бедил як қасида бо номи «Дар мадҳи шоҳ ва таърихи таваллуди шоҳзода» ва ҳафт қитъаи таърих мавҷуд аст, ки аз моддаҳои таърихи ҳамаи онҳо, ҳам қасида ва ҳам қитъаҳо, адади 1081 бар меояд. Гумон меравад, ки қасида ва чанде аз ин қитъаҳо ба муносибати таваллуди писари хурдии Аврангзеб Муҳаммад Комбахш (вафоташ 1120/1708-1709) иншо шуда бошанд. Чун моддаҳои таърихи ин шеърҳо ба соли 1081 баробаранд, таърихи таълифи онҳо низ бояд ҳамин сана бошад.

Бедил дар мадҳи Аврангзеб низ як қасида ва чандин қитъаи таърих навиштааст. Таърихи таълифи қасида сареҳан маълум нест. Вале таърихҳои эҷоди қитъаҳо байни солҳои 1097-1100 (1685-1689), яъне қабл аз замони таълифи тазкираи Шералихон мебошанд. Ва ниҳоят, чунон ки дидем, худи Шералихон низ дар бахши намунаҳо аз осори Бедил ду ғазали мадҳиявии шоирро иқтибос намудааст.

Муъосири дигари Бедил Муҳаммадафзали Сархуш низ дар тазкираи худ «Калимотушшуъаро» доир ба шоир шарҳи кӯтоҳеро ҷой додааст. Ӯ аз девону маснавиҳо ва насрҳои рангини Бедил ёд карда ду ҷанбаи эҷодиёт –маъниёбӣ ва нозукбандии ӯро таъйид намудааст. Сархуш навиштааст: «Баҳри бесоҳил Мирзо Абдулқодири Бедил. Устоди фан аст. Бисёргӯ ва хубгӯст. Имрӯз дар дорулхилофа (шаҳри Деҳлӣ - Б.Р.) кӯси рустамӣ менавозад ва ба доди маъниёбиву нозукбандӣ мерасад. Девонҳову маснавиёти мутаъаддид дорад ва насрҳои рангин низ менигорад. Дар ин аҳд шоири ғарро чун ӯ нест. Вуҷуди шарифаш ғанимат аст. Бисёр хушхулқ ва орамида» мебошад.

Як ҷиҳати муҳими навиштаи Сархуш ин аст, ки ӯ мираъҳои аввали панӣ байти Бедилро тағйир дода, аз онҳо матлаъ сохтааст. Ба таъбири дигар гӯем, Сархуш ба чанд байти Бедил эрод гирифтааст. Бино бар эътирофи худаш, ӯ ин корро ба ишораи Носиралӣ анҷом додааст. Сархуш дар охир илова намудааст, ки «агарчи эшон (яъне Бедил – Б.Р.) шунида маҳзуз нашуданд, аммо ёрони мусанниф писандиданд».

Он байтҳои Бедил, ки мавриди дахли Сархуш қарор гирифтаанд, инҳоянд:

Бедил:
Ба фурсати нигаҳе охир аст таҳсилам,
Бароти рангаму бар гул навиштаанд маро.

Сархуш:
Зи бесаботии ишрат сириштаанд маро,
Бароти рангаму бар гул навиштаанд маро.

Бедил:
Авориз касрати ваҳм аст зоти ваҳдати моро,
Халал дар шахси якто нест, гар қомат дуто гардад.

Сархуш:
Дуӣ кай зоти ваҳдатро ба касрат раҳнамо гардад?
Халал дар шахси якто нест, гар қомат дуто гардад.

Бедил:
Шахси пирӣ нафйи ҳастӣ мекунад, ҳушёр бош,
Сурати қадди дуто оинаи таркиби лост.

Сархуш:
Ҷилвагоҳи нақши пирӣ тахтаи машқи фаност,
Сурати қадди дуто оинаи таркиби лост.

Бедил:
Гул ҷоми худ абас ба шикастан намедиҳад,
Софи тараб ба шишаи ранги парида аст.

Сархуш:
Дасти нишот домани аз каф рамида аст,
Софи тараб ба шишаи ранги парида аст.

Бедил:
Бетакаллуф, марг ҳам осон намеояд ба каф,
Аз тамошои ду олам чашм бояд дӯхтан.

Сархуш:
Нест аз шамъи аҷал осон нигаҳ афрӯхтан,
Аз тамошои ду олам чашм бояд дӯхтан.

Ҳам аз маълумоти Шералихони Лудӣ роҷеъ ба муносибати Бедил ва Носиралӣ ва ҳам аз дахлу эродҳои Сархуш ба ашъори Бедил, ки ба ишораи Носиралӣ сурат гирифтаанд, пай бурдан душвор нест, ки дар байни ин ду шоири бузург – Бедил ва Носиралӣ - як навъ рақобате вуҷуд доштааст. Аммо ин рақобат – рақобат ва мусобиқаи эҷодӣ буда, на кинаву адоват ва бадбиниву хусумат. Ин маъниро аз моддаи таърихе, ки Бедил дар вафоти Носиралӣ гуфтааст, пай бурдан мумкин аст. Ба қавли Хушгӯ, Бедил таърихи реҳлати Носиралиро, ки санаи (1108/1697) аст, аз ҷумлаи «Ранги ноз шикаст» ёфта будааст (Ниг.: «Сафинаи Хушгӯ», с. 4.). «Ранги ноз», ки киноя аз худи Носиралист, хислату характери ӯро ба хубӣ инъикос намудааст. Бино бар навиштаи Хушгӯ, Носиралӣ шахси ниҳоят тундмизоӣ, бебоку бепарво ва худписанду мағрур будааст. Хушгӯ лаҳзаи вохӯрии ӯро бо подшоҳи вақт Аврангзеби Оламгир чунин ба қалам овардааст: «Дар соли ҳазору як саду як ба лашкари оламгирӣ рафт ва вақти мулозимати подшоҳ даст ба мусофаҳа (вохӯрӣ – Б.Р.) дароз кард. Подшоҳ бедимоғ шуда, фармуд: Фақат шоир аст, одоб намедонад. Вай бедимоғтар шуда, баргардид» (Сафинаи Хушгӯ, с. 6.).

Аз як ишораи дигари Хушгӯ бармеояд, ки муносибати Бедил ва худи Сархуш низ он қадар самимӣ ва бекудурат набудааст. Хушгӯ дар зимни шарҳи аҳволи Сархуш навиштааст: «Ба вақте фақир Хушгӯ шоҳ Гулшан (Саъдуллоҳи Гулшан – шоири намоёни асри XVIII – Б.Р.)-ро васила барангехт, ки эшонро (яъне Сархушро – Б.Р.), бар ин палла бояд овард, ки ба хонаи Мирзо Бедил рафта, сӯҳбат доранд, ки мулоқоти ду соҳибкамол фоидаҳо дорад, чи аз муддати мумтад, бино бар баъзе асбоб, дар миёни ин ду бузург ҷудоӣ буд. Шунида фармуд (яъне Сархуш фармуд): Ҳаваси тамошои ҷанги филон доред» («Сафина», с. 74).

Зикри Бедилро дар тазкираи «Ҳамешабаҳор»-и Кшанчанди Ихлос низ пайдо намудан мумкин аст. Ихлос дар баробари сабти чанд ҷумлаи умумӣ дар таърифи шоир баъзе нуктаҳои тозаро низ гӯшрас намудааст. Ихлос аввалин муаллифест, ки дар қатори девони ғазалу маснавиҳо аз девони алоҳидаи рубоъиёт ва асарҳои насрии Бедил «Чорунсур» ва «Руқаъот» ном бурдааст. Ӯ навиштааст: «Девони ғазалаш зиёда аз лак байт хоҳад буд. Як девони қасидаву як девони рубоъӣ ва маснавиҳои мутаъаддид дорад. Дар наср китобе навишта мусаммо ба «Чорунсур». Руқаъоти худ низ ҷамъ намуда» («Ҳамешабаҳор», микрофилми № 1199, Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон).

Ихлос дар бахши намунаҳо аз ашъори Бедил қитъа зикр намуда, илова кардааст, ки ин қитъа таърихи таваллуди Ҷаҳонмуродшоҳ – писари Фаррухсияр аст. Қитъа ин аст:

Солори карам ҷаҳонпаноҳ аст,
Аз нури ҷабин меҳру моҳ аст.
Дунё ҳама равшан аз қудумаш,
Ҳомии ҷаҳон Муродшоҳ аст.

Тавре ки Ихлос таъйид кардааст, ҳар мисраи ин қатъа таърих аст. Аз мисраъҳои якум ва чаҳорум санаи 1130 (1718), аз мисраъи саввум як адад кам – 1129 (1717) ва аз мисраъи дувум санаи 1087 (1676-77) бар меояд. Санаи 1087 шояд таърихи таваллуди худи Фаррухсияр бошад.

Гуфтан лозим аст, ки аз маълумоти Ихлос низ на ҳамаи лаҳзаҳо қобили қабул ҳастанд. Чунончи, фикри ӯ дар хусуси ҳаҷми девони ғазали Бедил муболиғаи маҳз аст. Тавре ки баъдтар хоҳем дид, маҷмӯъи тамоми осори манзуми Бедил аз 80 ҳазор байт беш нест. Ишораи Ихлос роҷеъ ба девони мустақили қасоид доштани Бедил низ беасос аст. Агарчи муаллифони баъзе феҳристҳо, масалан, феҳристи Институти шарқшиносии Тошканд, аз маҷмӯъаи ҷудогонаи қасидаҳои шоир ном бурдаанд, вале факти миқдоран кам будани қасоиди шоир шоҳиди машкукии фикри Ихлос аст. Дар куллиёти Бедил ҷамъан 21 қасида мавҷуд аст, ки дар радифҳои ёздаҳ ҳарф эҷод шудаанд. Табиъист, ки ин миқдор қасида имкон намедод, шоир онҳоро дар девони алоҳида ҷой бидиҳад. Мурод аз девони қасида, шояд маҷмӯъаи ашъори гуногунавъ – қасида, таркиббанд, тарҷеъбанд, қитъа ва чанд маснавии кӯчаки шоир бошад. Дар нашри сафдарии куллиёти Бедил ашъори мазкури ӯ зери унвони умумии «Қасоиди фуюз» дарӣ гардидаанд. Дар чанде аз нашрҳои мунтахаби девони шоир низ таркиббанду тарҷеъбанди ӯ ҳамроҳи қасоид зери як унвон омадаанд.

Шоири маъруфи асри XVIII Мир Азаматуллоҳи Бехабар (ваф. 1730) ҳам лаҳзаеро аз ҳаёти Бедил нақл намудааст, ки иқтибоси он аз аҳамият холӣ намебошад. Ӯ дар тазкираи худ «Сафинаи Бехабар» (1728-29) сӯҳбати хешро бо Бедил чунин ба қалам овардааст:

«Фақирро, ки итифоқи диду водиди эшон (яъне Бедил – Б.Р.) уфтод ҳаққо дар камоли хулқу мазза ва дарду шавқ ёфтам. То ки нишаста будам, сивои ашъори муҳтазои шавқу фақр дигар ҳарф бар забон наронд. Банда гуфтам: «Зиёфати табъи фақир мефармояд».

Гуфт: «Эй соҳиб, баъди муддате ҳамчу шумо ҳамрангро ёфтаем». Баъд аз он ин се байти фақир нақл гирифта, бархоста рухсат фармуд:

Ин қадар ҳарза чапу рост давидан абас аст,
Чок кун синаи худро, сари роҳе дарёб.

Баланд афтад чу мақтаъ, паст созад ҳусни матлаъро,
Кашад поини маҳфил қадри ман болонишинонро.

Хун шудам, Бехабар, зи дасти тиҳӣ,
Ҷомаи фақр ранг бояд кард.

Бар ин байт (байти саввуми Бехабар – Б.Р.) азизе гуфт: «Мирзо соҳиб, ҳусни ин байт маълум нашуд». Мирзо фармуд: «Дар фақр мартабаест, ки худо киро насиб кунад? Муҷмалан шарҳи он ин мисраъи Бехабар аст, ки «Давлати поянда дар дасти тиҳист».

Ва он чи Мирзо аз ашъори худ ба тақрибҳо хонд, то куҷо дар хотир бошад? Аммо ин ду байт ба ёд меояд:

Бедил, ҳама тан хок шудӣ, лек чӣ ҳосил?
Бар хок нишастию бар он дар нанишастӣ.

Гӯянд: биҳишт ҷои хубест,
Он ҷо ҳам агар димоғ бошад.

Ва ин байти Ҳоқонӣ ҳам хонда буд:
Ҳамсоя шунид нолаам, гуфт:
Ҳоқониро дигар шаб омад».
(Иқтибос аз «Сарви озод», Ҳайдарободи Дакан, 1913, с. 316).

Яке аз манбаъҳое, ки маълумоти муфассалеро дар бораи Бедил дар бар кардааст, тазкираи «Миръоти воридот»-и Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронист, ки дар соли 1146 (1733-34) таълиф шудааст. Муаллифи ин тазкира аз ҷумлаи онҳоест, ки муддатҳои зиёд бо Бедил ҳамнишин ва ҳамсӯҳбат будаанд. Бино бар шаҳодати Ворид, Бедил дар Матҳро ба муддати якуним сол дар хонаи онҳо иқомат намудааст.

Дар «Миръоти воридот» баъзе лаҳзаҳои аҳволи Бедил хилофи он аст, ки дар дигар тазкираҳо дида мешавад. Чунончи, Ворид навиштааст, ки Бедил дар Рохмаҳал, ки номи дигараш Акбарнагар аст, ба дунё омадааст. Дар ҳоле, ки тазкиранависони дигар зодгоҳи ӯро Патна гуфтаанд. Бино бар тахмини муаллифи тазкираи «Шоми ғарибон» Лачҳми Нароини Шафиқ, Бедил шояд дар Акбарнагар ба дунё омада бошаду бо сабаби тобеъи Патна будани ин минтақа, ба нисбаи «Патнавӣ» шӯҳрат ёфта бошад. (Ниг.: маҷаллаи «Ориёно», Кобул, 1349, № 3).

Вале таъкид бояд кард, ки худи Бедил дар осораш аз Роҷмаҳал ё худ Акбарнагар боре ҳам ёд накардааст. Дар ҳоле, ки аз Патна ва манотиқи атрофии он – Арраҳ, Банорас, Ронисогар, Тирҳат ва ғайра ёдовар шудааст.

Фикри дигаре, ки Ворид ба миён гузоштааст, ин аст, ки Бедил гӯё пеш аз мулозамат дар саркори Аъзамшоҳ «Дар сӯҳбати Мирзо Сулаймон-холуи ҳақиқии султон Мӯъизуддин (Ҷаҳондоршоҳ – Б.Р.) солҳо бар сар бурда» бошад. Агарчи аз муаллифони баъдина касе ба ин мазмун ишора накардааст, вале он аз воқеият дур наменамояд. Дар «Руқаъот»-и Бедил ба унвони Мирзо Сулаймон мактубе мавҷуд аст, ки аз муносибати наздик ва самимияту эҳтироми шоир нисбат ба ин шахс дарак медиҳад.

Аз «Чорунсур» маълум аст, ки бб бори аввал дар соли 1076 (1665-66) ба Деҳлӣ омада, то соли 1079 (1668-69) дар Деҳлӣ ва дигар шаҳрҳои атрофии он ба оини маҷзубон зиндагӣ кард. Дар соли 1079 (1668-69) ба ҳаёти нисбатан ором баргашта, хонадор шуд. Ҳамчунин равшан аст, ки таърихи ба хидмати Аъзамшоҳ рафтани ӯ соли 1081 (1670-71) аст. Аз ин рӯ, метавон тахмин кард, ки мулозимати Бедил дар назди Мирзо Сулаймон, агар ба вуқӯъ пайваста бошад, беш аз ду сол (аз соли 1079 то соли 1081) давом накардааст.

Ва ниҳоят маълумоти Ворид роҷеъ ба аслу насаби Бедил низ он чӣ Мирзо дар ҳузури ин аҳқарулъибод мукаррар такрор кард, ин аст, ки силсилаи айдоди Мирзо мунтаҳӣ ба шоҳ Мансур ибни Музаффар – подшоҳи Форс, мамдӯҳи хоҷа Ҳофиз мегардад. Ҳангоме, ки шоҳ Мансур бо амир Темур сафорой намуда кушта гардид, авлод ва аҳфодаш рӯ ба савби Бухоро оварданд. Чандин пушти Мирзо дар Мовароуннаҳр иқомат доштанд. Бузургвори Мирзо аз он макон муфорақат варзида, дар мамлакати Бангола раҳли иқомат афканд. Баъди инқизои як

пушт офтоби вуҷуди Мирзо аз матлаъи субҳи саъодат толеъ гашт» (маҷаллаи «Ориёно», Кобул, 1349, № 3).

Тавре ки гуфтем, Шералихони Лудӣ, ки навиштаи худро аз назари Бедил гузаронидааст, ӯро аз қавми арлос (барлос) донистааст. Холмуҳаммади Хаста дар мақолае бо номи «Хонаводаи Бедил» овардааст, ки таърихнигорон нажоди хонадони Музаффариёнро ба Қутлуғони Барлос нисбат медиҳанд. Аз ин рӯ, ба таъбири Холмуҳаммади Хаста гӯем, Муҳаммадшафеъи Ворид «он чӣ аз Бедил шунидаву навишта, дур аз ҳақиқат нест» (Ниг.: маҷаллаи «Ориёно», 1349, № 1).

Аз навиштаҳои Ворид дар хусуси Бедил сухан карда, таъкид намудан лозим аст, ки баъзе лаҳзаҳои маълумоти ӯ низ бо ишораҳои худи Бедил мутобиқат намекунанд. Масалан, ӯ воқеъоти ба мулозимати Аъзамшоҳ пайвастан, тарки мулозамат намудан ва бо амирони аср Лаълмуҳаммаду Шукруллоҳхони Хофӣ ошно шудани шоирро чунин ба қалам додаст: «Баъди фавти Мирзо Сулаймон дар силки мулозимони Аъзамшоҳ ибни Оламгир мунсалик гашта, байтулғазали девони эътибор гардид. Рӯзе яке аз муқаррибони бисоти салтанант ашъори Мирзо ба самъи шоҳ расонид. Шоҳ пурсид: Ин ашъори кист»? Арз кард, ки аз Мирзо Бедил. Шоҳ бар сабили хуштабъӣ фармуд: «Бедилро дар лашкари мо, ки ҷавонони пурдиланд, чӣ кор»? Мирзо ба мураӣҷади истимоъи ин фаҳвои хориҷоҳанг аз он мақом қадам ба водӣ сафар гузошт. Пас аз қатъи манозил дар балдаи Матҳро бар канори дарёи Ҷамн иқомат гузид. Лаълмуҳаммад номе ҳокими он макон аз қудуми Мирзо итилоъ ёфта, дар дилҷӯӣ ва хотирдорӣ кӯшид. Мирзо низ дилдодаи сӯҳбати ӯ шуд. Иттифоқан, султон Оламгир, ки дар Дакан буд, Лаълмуҳаммадро ба ҳузури худ талабид. Лаълмуҳаммад муҷиби ҳукми пошоҳ ҷабран ва қаҳран рӯ ба роҳи сафари Дакан овард ва дар арзи роҳ саманди азимат ба савби иқдими адам ҷилварез сохт. Мирзо то муддати якуним сол дар хонаи роқими ин авроқ бе ташвиши маъош раҳли иқомат афканд, то он ки қосиди Шукруллоҳхон, ки дар ин айём ба ҳукумати балдаи Норнавл мин аъмоли Майвот мепардохт, пеши Мирзо расид ва мактуби иштиёқ маъа заре расонид. Мирзо аз вуқӯъи чунин иттифоқ видоъи волиди банда намуда, рӯи таваҷҷӯҳ ба савби хони мазкур овард» («Ориёно», Кобул, 1349, № 3).

Аввалан, бояд бигӯем ки фикри Ворид дар хусуси таърихи ба мулозамати Аъзамшоҳ рафтани Бедил саҳеҳ нест. Ба ақидаи ӯ, Бедил пас аз вафоти Мирзо Сулаймон ба хизмати Аъзамшоҳ рафтааст. Тавре ки аз як рубоъии худи Бедил бармеояд, таърихи вафоти Мирзо Сулаймон санаи 1090 (1679080) аст (Ниг.: К.Б., ҷ. 2, саҳ. 168). Вале замони ба мулозимати Аъзамшоҳ пайвастани Бедил, чунон ки гуфтем, 1081 (1670-71) мебошад.

Ишораи Ворид дар бораи сабаби аз хизмати Аъзамшоҳ даст кашидани Бедил низ воқеъӣ ва боварибахш нест. Бедил, ки аз ҷумлаи наздикони Аъзамшоҳ буд, гумон аст, ки аз сухани «бар сабили хуштабъӣ» гуфташуда биранҷад ва дар асари ин сухан тарки хидмат намояд.

Навиштаҳои Ворид дар бораи таърихи ба Матҳро рафтан ва ба ҳокими он ҷо Лаълмуҳаммад ошно шудани Бедил низ баҳснок аст. Тавре ки аз «Чорунсур» маълум аст, Бедил дар соли 1094 (1683) ба Матҳро рафт, ки дар ин вақт ҳанӯз дар хидмати Аъзамшоҳ буд. Шоир бо ҳокими Матҳро Лаълмуҳаммад низ дар ҳамин ҷо ошно шуд.

Ба ақидаи Ворид, Лаълмуҳаммад дар роҳи сафари Дакан вафот кардааст. Аммо аз мактуби Бедил «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи аҳволи миён Лаълмуҳаммад, ки аз ғайрати ҳукумати дунон худро кушт» бар меояд, ки вафоти Лаълмуҳаммад дар Деҳлӣ иттифоқ афтодааст. Аз мазмуни номаи мазкур маълум мегардад, ки ин воқеъа вақте рух додаст, ки Шукруллоҳхони сонӣ – писари Шукруллоҳхони Хофӣ ба саркӯб кардани роӣпутиёни Майвот машғул будааст. Ҳодисаи саркӯб кардани роӣпутиён, бино бар шаҳодати мактуби дигари Бедил, дар замонӣ подшоҳгардӣ, яъне дар вақти вафоти Аврангзеб ва бар тахт нишастани Баҳодуршоҳ (1118\1707) рух додааст (Ниг.: К.Б., ҷ. 4, Руқаъот, с. 124, 115).

Фикри Ворид дар бораи ба Бедил номаи иштиёқ фиристодани Шукруллоҳхон ва аз Матҳро ба савби Шукруллоҳхон – Норнавл рафтани Бедил низ иштибоҳ аст.

Тавре ки гуфтем, таърихи ошноии Бедил бо Шукруллоҳхон соли 1096 (1697) аст ва ин ошноӣ бо ташаббуси худи Бедил сурат гирифтааст. Бедил пеш аз он, ки аз хидмати Аъзамшоҳ даст кашад, дар фикри пайдо намудани ҳомии дигар афтода буд. Ва ӯ ин ҳомиро дар шахси Шукруллоҳхон пайдо намуд. Бедил агарчи Шукруллоҳхон ҳанӯз надида ҳуд, овозаи фазлу камол ва илмуадбдӯстии ӯро шунида буд. Аз ин рӯ, ба ӯ номае навишта,

маснавии нахустини худ «Тилисми ҳайрат»-ро замимаи он нома намуд. Шоир дар он нома аз ҷумла навишта буд: «Лоҷарам, «Тилисми ҳайрат»-и Бедил умрест, ки ибораташ ба кунҷи диққати маъонӣ вохазида ва мазомин ҳамчунон дар ғубори алфоз нафаси шӯхӣ дуздида, дар маънӣ гавҳарест аз ғафлати асҳоби тамиз дар шиканҷи укдаи беэътиборӣ ва оинае аз бебасарии арбоби назар кулфатандуди нафасшуморӣ. Ба фарёди ин безабони ҳайратбаён магар тараҳҳуми он ҳақшиноси лафзу маънӣ таваҷҷӯҳе фармояд ва ба рӯи ин шикастаболи аҷзошён илтифоди он қиблаи шикастагон дари шӯҳрате вонамояд. Ҳарчанд дидаи ҳасратнигоҳро матлаъи дидори саъодатанвор ба партави зоҳирӣ нанавохтааст, аммо гӯши маҳомидниюш ба тавотури сифоти қудсиоёт дар муҳимоти чашм пардохта. Аз он ҷо, ки сояи ахлоқи он мерубон паноҳи маънипаноҳони бебизоъат аст ва домани отифати он қадрдон дастгоҳи ҳақоиқдастгоҳони беиститоъат, ҳайфи маъние, ки аз табъи иқболасар саншури қабул нигарад ва афсӯси иборате, ки аз забони ҳақоиқтарҷумон майманати иштиҳор напазирад. Ниёзномаи мултаӣӣ ба ин тамано орзуманди давлати ҳузур аст ва ба завқи таҳсили ин саъодат муштоқи мутолиъаи саропо сурур» (К.Б., ҷ. 4, Руқаъот, саҳ. 2).

Номаи мазкур оғози ошноии ҳанӯз ғоибонаи Бедил ва Шукруллоҳхон буд. Бедил чун дар соли 1096 (1685) тарки хидмати Аъзамшоҳ намуда, аз Матҳро ба Деҳлӣ омад, ба Шукруллоҳхон, ки ҳокими Сикандарободи Деҳлӣ буд, номаи дигаре навишта, аз ӯ хоҳиш намуд, ки барояш дар Деҳлӣ хонае пайдо намояд. Бедил дар ин нома ба масъалаи қосид фиристодани Шукруллоҳхон на фақат ишорае накардааст, балки гиламандона изҳор доштааст, ки дер боз аз ҷониби Шукруллоҳхон ба ӯ нома нарасидааст (Ниг.: К.Б., ҷ. 4 Руқаъот, с. 88).

Бино бар ишораи Бедил дар маснавии «Тури маърифат», Шукруллоҳхон дар охири соли 1096 (1685) ё ибтидои соли 1097 (1686) ҳокими Майвот таъин шуд ва аз Бедил хоҳиш намуд, ки дар сафари ин вилоят ба ӯ ҳамроҳӣ кунад. Бедил ин хоҳишро пазируфт ва муддати чанд моҳ дар вилояти Майвот, аз ҷумла дар Байрот ва Норнавл, иқомат кард.

Бад-ин тариқ, сафари Бедил ба Майвот, аз ҷумла ба Норнавл, баъди аз Матҳро ба Деҳлӣ омадани ӯ иттифоқ афтодааст. Яъне шоир пеш аз сафари Майвот дар Деҳлӣ мезистааст, на дар Матҳро.

Дар байни манбаъҳое, ки доир ба Бедил маълумот доранд, асарҳои ёддоштӣ ё худ хусусияти сафарномавӣ дошта низ мавҷуданд. Яке аз чунин асарҳо «Муракқаъи Деҳлӣ» ном рисолаест, ки ба қалами Зулқадр Даргоҳқулихон Солорҷанг Хонидаврон (1122-1170) ном шахс тааллуқ дорад. Бино бар шаҳодати устод Халилӣ, муаллиф ин асарро «дар соли 1151 ҳангоми саёҳати худ бо наввоб Низамулмулки Осафҷоҳ дар Деҳлӣ таълиф намуда, хусусиёти Деҳлиро ба асоси рӯъят ва мушоҳадаи худ ба қалам даровардааст» («Файзи қудс», с. 75). Ин рисола, ки аз сӯҳбати муаллиф бо фозилону шоирони Деҳлӣ баҳс менамояд, роҷеъ ба Бедил низ маълумотҳои муҳимеро дарбар кардааст. Гуфтан лозим аст, ки ахбори ин сарчашма дар хусуси Бедил сухани тамоман нав буда, маълумоти тазкираҳоро аз бисёр ҷиҳатҳо вусъат дода, аз муносибати нек ва ҳусни таваҷҷӯҳ аҳли адаби давр нисбат ба шоир ва эҷодиёти ӯ дарак медиҳад. Соҳиби «Муракқаъи Деҳлӣ» нахустин муаллифест, ки дар бораи таӣлили урси Бедил дар Деҳлии он аср хабар додааст. Ӯ дар баробари зикри мадфан ва таӣлили урс аз мавҷудияти нусхае аз куллиёти шоир хабар додааст, ки бо дасти худи муаллиф китобат шуда, дар сари қабраш нигоҳ дошта мешудааст. Инак, маълумоти ин муаллифро мухтасаран дарӣ менамоем. Ӯ навишатааст: «Мирзо Бедил. Турбати мавзуни эшон дар Деҳлии кӯҳна, дар муҳавватаи мухтасар ба ранги маънии хос дар алфози рангин воқеъ шуда. Саввумин шаҳри сафар урс мешавад. Таломизааш ва ҷамеъи мавзунони шаҳр ба азимати мустафодаи рӯҳаш ҳозир мешаванд ва даври қабр ҳалқаи маҷлис тартиб медиҳанд. Куллиёташ, ки ба хати гиромии худаш тартиб ва тарқим ёфта, мобайни ҳалқа гузошта, ифтитоҳ ба шеърхонӣ менамоянд. Ба унвонаш ин рубоъӣ марқум аст:

Эй оинаи табъи ту иршодпазир,
Дар касби фавоид нанамоӣ тақсир.
Маҷмӯъаи фикри мо салои ом аст,
Сайре куну қисмати тасаллӣ баргир.

Баъд аз ин алоқадри маротиб натоиҷи афкори худро нуқли маҷлис месозанд. Ҳаловати турфа ба ҳусул мепайвандад ва инбисоти хосе ба ҳуззор оид мегардад. Муҳаммадсаъид – бародарзодааш, ки чун маънии ягона аз нисбати маънавии Мирзо ягона аст, бо тавозуъи ҳозирони маҷлис ва тартиби шамъу чароғ димоғи худро месӯзад ва ба ибтиёъи маъоҷин ва ҳубуби ихтироъии Мирзо, ки аз қабили ки миёст ва дар ҳама Деҳлӣ ангуштнамо, сарфи маъишат менамояд» (Иқтибос аз «Файзи қудс», с. 76).

Тавре ки мебинем, Бедил Муҳаммадсаъид ном бародарзодае низ доштааст, ки маҷлиси урси шоир дар аввалҳо бо ташаббуси ӯ ташкил мешудааст. Ва ин бародарзодаи шоир аз ҳисоби фурӯши маъоҷин ва ҳубубе, ки ихтироъи Бедил будааст, рӯз мегузаронидааст.

Гуфтан лозим аст, ки Биндробандоси Хушгӯ низ аз Муҳаммадсаъид ном хеши Бедил ном бурдааст. Вале ӯ Муҳаммадсаъидро писари Мирзо Ибодуллоҳ ва Мирзо Ибодуллоҳро хол, яъне тағо ё ки писари тағои Бедил гуфтааст.

Абдулғанӣ дар китоби «Аҳвол ва осори Бедил» ва Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи мазкури «Мунтахабуззамон» низ, ғолибан, дар пайравӣ аз Хушгӯ, Мирзо Ибодуллоҳро писари тоғои шоир донистаанд. Дар воқеъ, тавре ки Хаста таъкид кардааст, Бедил дар ягон ҷои осораш дар бораи бародари ҳамтан доштани худ ишорае накардааст. Баръакс, баъзе ишораҳои ӯ дар «Чорунсур» далел бар онанд, ки ӯ фарзанди ягонаи падар будааст (ниг.: К.Б., ҷилди 4, Чорунсур, саҳ. 11).

Аммо бояд бигӯем, ки дар чанде аз мактубҳои Бедил аз Мирзо Ибодуллоҳ ва Мирзо Рӯҳуллоҳ ном шахсон, ки зоҳиран бародарони якдигаранд, бо хитоби «ихвонпаноҳ» ёд шудаанд. Яъне Бедил онҳоро бародарони худ донистааст. Дар ин маврид, ғолибан, ҳақ ба ҷониби Абдулғанӣ ва Холмуҳаммади Хаста мебошад, ки Мирзо Ибоддуллоҳро писари таго ва фарзанди ӯ Мирзо Муҳаммадсаъидро набераи тағои Бедил гуфтаанд. Дар ин замина навиштаи муаллифи «Мураққаъи Деҳлӣ» низ беасос нест. Яъне Мирзо Муҳаммадсаъидро бародарзодаи Бедил гуфтани ӯ ба ин маънист, ки Мирзо Ибодуллоҳ-падари Мирзо Муҳаммадсаъид-писари тағои Бедил буд ва бародар гуфтани писарони таго, хола, амма ва амак амрест маъмул ва маъруф.

Ишораи муаллифи «Мураққаъи Деҳлӣ» дар хусуси маъоҷин ва ҳубуб, яъне маводи муфарриҳа, тайёр кардани Бедил низ беасос нест. Ин мазмун аз осори худи шоир низ ба исбот мерасад. Чунончи, ӯ дар яке аз номаҳояш ба Шукруллоҳхон дар бораи ирсоли ин қабил мавод бо номҳои «ҳубби эъҷоз», «иксири аҳмар», «авӣӣ» ва «ранҷак» чунин навиштааст: «Ғайр аз маъонии дуъо он чӣ во нигорад, такаллуф ва сивои ибороти ҳамду санно, ҳар чӣ дар арз дорад, таассуф. Ба рафъи инфиъоли дурӣ ирсоли ҳуби эъҷозу иксири аҳмар ва авҷиву ранҷак узрхоҳ аст. Марҷаъи таманои бедилон, қабл аз ин ба маърифати Мирзо Хусравбек қадре иксири аҳмар ниёзи борёфтагони ҷаноби тақаддусинтисоб подшоҳзодаи оламиёнмаоб буд. Ба шарафи қабул имтиёз ёфта бошад? Билфеъл аз ин ашёи марсула он чӣ шоистаи пешкаши он боргоҳ донанд, аз назари ашраф бигзаронанд. Дар маънӣ дуъои муҷассамест, дар сурат даво, ки асараш ба ҳусули иҷобат муносибате қариб дорад. То дар ин нисбат фуқаро низ хидмат баҷо оварда бошанд. Хавоси ҳар як аз фитрати таҷрибаи эшон пӯшида нест, ки ба арзи чӣ кайфият оид аст ва масруфи изҳори кадом фоаоид» (К.Б., ч. 4, Руқаъот, с. 125).

Аз номаи дигари Бедил бармеояд, ки ӯ ба Мирзо Фозилбеки турк ном шахс як миқдор маводи муфарриҳ фиристода, таъкид намудааст, ки дар истеъмоли он ба ифроткорӣ роҳ надиҳад. Зеро беэҳтиётӣ дар ин кор натиҷаи ғайри матлуб дода метавонад. Ӯ навиштааст: «Ҳуққаи муфарриҳе, ки чун сари савдоиёни шавқ холӣ аз гармии хаёле нест, ба завқи нашъаи қабули он маҳфилорои димоғи фитрат (яъне Мирзо Фозилбеки турк – Б.Р.) марсул буд. Маълум шуд, ки баъзе хушкмағзони беҳис ифроти кайфашро ба таҷовузи ҳадди эътидол муттаҳам намудаанд ва надониста, ки аз камзарфӣ беэҳтиётист. Ҳарчанд раги хоме ба арзи хумор оварда бошад, ҳукми пухтагиҳои мавҷи саҳбо дорад» (К.Б., ч. 4, с. 148).

Муаллифи «Мураққаъи Деҳлӣ» зимни ёдоварӣ аз шоирони дигар низ роҷеъ ба Бедил ишораҳои ҷолиберо сабт намудааст. Масалан, ӯ аз сӯҳбати худ бо шоир ва тазкиранигори маъруф Сироҷиддин Алихони Орзу (1688-1757) сухан карда, аз ҷумла чунин навиштааст: «Хони Орзу рӯзи урси Мирзо Бедили марҳум ба нисбати шогирдиаш базморо мегардад ва оламеро аз софии хони афкор заллачини миннат мегардонад» (Файзи қудс, с. 76).

Муаллиф дар хусуси шоири дигари асри XVIII Гулмуҳаммад Маъниётхони Шоир таваққуф намуда, иштироки ӯро дар маҷлиси урси Бедил ин тавр ба қалам овардааст: «Саввуми моҳи сафар, ки урси Мирзо Бедили марҳум аст, ҷамеъи шуъарои Деҳлӣ бар мазори эшон муӣтамеъ мешаванд ва девони Мирзоро дар миён гузошта, ифтитоҳи шеърхонӣ аз он ҷо мекунанд. Ва баъд аз ин ба тадриҷ мусаввадаи ашъори худро ба арса оварда, аз ҳузори маҷлис мутаваққеъи таҳсин мешаванд. Аввалин касе, ки шурӯъ ба ғазалхонӣ мекунад, ҳамин азиз аст» (Файзи қудс, с. 76).

Муаллифи дигаре, ки дар таърифи Бедил чанд сатреро ба ёдгор гузоштааст, шогирди ӯ шоири маъруфи асри XVIII Анандроми Мухлис (вафоташ 1751) мебошад. Мухлис дар ҳошияи саҳифае аз дастхати Бедил чунин нигоштааст: «Ё файёз, ин сафҳа ба дастхати Мирзо Абдулқодири Бедил аст. Зоти муборакашон саромади варақгардониҳои лайлу наҳор буд. Баъди тарки навкарии подшоҳзода Муҳаммад Аъзамшоҳ дар Шоҳиҷаҳонобод гӯшаи офият ихтиёр намуданд. Дари мухлуқе ташриф нафармуданд. Баъд аз Амир Хусрави Деҳлавӣ (сивои Бедил – Б.Р.) мирзое аз хоки поки Ҳиндустон барнахоста ва сафҳаи рӯзгор (аз – Б.Р.) навъи сухан ва санойеъи нозуки ин фан наёроста. Қариб (сад ҳазор байт куллиёти – Б.Р.) эшон хоҳад буд, ки бар забонҳо мазкур ва дар Ироқу Аҷам машҳур аст. Дар тасаввуф ғулӯ доштанд ва ин (илмаро – Б.Р.) аз беҳтарин илмҳо мепиндоштанд. Роқим Анандроми Мухлис муддате мумтад ашъори худро аз назари маънипарвараш гузаронида ва ба перояи ислоҳ расонида. Дар китобхонаи фақир девони эшон аст ва ба сурату маънӣ ҳарду ба ҷилва омада. Шабеҳи эшон низ равнақафзои варақи охири девон. Дар соли як ҳазору як саду сиву се вадиъати ҳаёт супурданд. Дар саҳни ҳавлӣ қабри эшон аст ва зиёратгоҳи мӯътақидон. Ҳар сол маҳфили урсаш мунъақид мешавад ва шуъарои шаҳр бар сари хоки пок ҳозир гардида, сӯҳбат гарм месозанд ва ба хондани ашъори сеҳросор мепардозанд» (Ориёно, 1333, № 10).

Гуфтан лозим аст, ки матни суханони Мухлис ҳам дар маҷаллаи «Ориёно» ва ҳам дар бахши иловаҳои рисолаи устод Халилӣ «Файзи қудс» ба табъ расидааст. Вале чи аз навиштаи устод Халилӣ ва чи аз шарҳи маҷалла маълум намегардад, ки саҳифаи дастхати Бедил саҳифаи алоҳида аст ё варақе аз ягон китоб? Аз рисолаи устод Халилӣ ин қадар фаҳмида мешавад, ки ин саҳифа дар китобхонаи шахсии Муҳаммад Шафеъ ном муҳаққиқи лоҳурӣ маҳфуз будааст ва донишманди Афғонистон Сарвахон Гӯёи Эътимодӣ фотонусхаи онро ба Кобул оварда, дар маҷаллаи мазкур ба табъ расонидааст. Дар он саҳифа ҳашт байт аз ду ғазали Бедил бо дасти худи шоир сабт шудааст. Инак, он байтҳоро нақл менамоем:

Пирӣ видоъи умри сабукбол во намуд,
Мӯи сафед об ба ғирбол во намуд.
Ҳайрат ба кори дил гираҳе зад, ки чун гуҳар
Натвон-ш ним укда ба сад сол во намуд.
Ҳар ҷо чу соя номаи ибрат кушудаем,
Бояд ҳамин сиёҳии аъмол во намуд.

Эй руста зи гулзорат он наргиси ҷодуҳо,
Соди қалами тақдир бо мисраъи абрӯҳо.
Мо саҷдасириштонро ҷуз аҷз панохе нест,
Уммеди расо дорем чун сар ба таҳи мӯҳо.
Ин олами андӯҳ аст, ёрон, тараб ин ҷо нест,
Ҷамъият агар хоҳӣ, пешониву зонуҳо.
Ҳар кас зи назарҳо ҷаст, аз хок бурун наншаст,
Вомондаи ин саҳрост гарди рами оҳуҳо.
Қонеъсифатон, Бедил, бар моидаи қисмат
Чун мавҷи гуҳар боланд аз хӯрдани паҳлӯҳо.

Ва он нусхаи девони Бедил, ки замоне зинатбахши китобхонаи Мухлис буд, хушбахтона, то имрӯз маълум ва маҳфуз аст. Ин нусха феълан дар китобхонаи Донишгоҳи исломии Алигарҳ (захираи Ҳабибганӣ) нигоҳ дошта мешавад. Бино бар қавли Абдулғанӣ, соҳиби нусха Анандроми Мухлис дар он ибороти зайлро сабт намуда, ба хати Бедил таъаллуқ

доштанашро таъкид кардааст. Ӯ навиштааст: «Ба дастхати Мирзо Бедил алайҳурраҳма. Фақир Анандроми Мухлис аз назари Мирзосоҳиб гузаронида, ин маънӣ ба сиҳат расида» (Абдулғанӣ, Аҳвол ва осори Бедил, с. 104).

Манбаъи ниҳоят муҳим ва пурарзише, ки доир ба Бедил маълумоти муфассалро дар бар дорад, «Сафинаи Хушгӯ» ном тазкираи Биндробандоси Хушгӯст, ки дар байни солҳои 1137-1447 (1724-34) таълиф шудааст. Ин тазкира ягона маъхазест, ки ҳаёти Бедилро аз ибтидо то интиҳо нисбат ба дигар тазкираҳо муфассалтару мураттабтар инъикос намудааст.

Хушгӯ низ яке аз шогирдон ва ҳамнишинони Бедил буда, чунон ки дар ибтидои ин мақола гуфта шуд, дар сӯҳбату маҷлисҳои Бедил беш аз ҳазор бор иштирок кардааст. Ӯ баъзе аз сӯҳбатҳои Бедилро ба риштаи таҳрир кашида, онҳоро дар китобе бо номи «Малфузоти Бедил» мураттаб намудааст. Ин китоб, мутаассифона, то ба имрӯз дастраси аҳли таҳқиқ нагардидааст.

Гуфтан лозим аст, ки аксари лаҳзаҳои маълумоти Хушгӯ мушоҳадаҳои худи ӯянд. Ӯ танҳо дар баъзе мавридҳо аз осори худи Бедил, аз ҷумла «Чорунсур», низ истифода кардааст. Чунончи, маълумоти ӯ дар хусуси таърихи таваллуд, давраи кӯдакӣ, вафоти падар, замони ба мактаб рафтан, аввалин бор шеър гуфтан ва тарки таҳсил намудани Бедил дар асоси «Чорунсур» таҳрир ёфтаанд. Ҳамчунин лаҳзаҳои марбут ба амаки шоир Мирзо Қаландар низ нақл аз асари мазкуранд. Дар баъзе мавридҳо таъбироту ҷумлаҳои «Чорунсур» дар «Сафинаи Хушгӯ» айнан оварда шудаанд.

Хушгӯ пеш аз баёни тарҷимаи ҳоли Бедил ӯро бо таъбирҳои «қиблаи лафзу Каъбаи маънӣ», «кадхудои сухан ва худованди сухандонӣ» таърифу тавсиф намуда, дар васфи камолот ва истеъдоди вай чанд шеър низ гуфтааст. Яке аз он шеърҳо ин аст:

Мирзо Бедил, ки раҳнамои сухан аст,
Пайғамбару ғавсу пешвои сухан аст.
Яктост дар офаридани тарзи калом,
Бошад, ки пайи сухан худои сухан аст.

Хушгӯ аз қавму қабила ва аслу насаби Бедил ёд карда, чун Шералихони Лудӣ ӯро аз қабилаи арлоси муғул донистааст: «Он ҳазрат навиштааст Хушгӯ – аз қавми муғул (аст) дар муғулони барлос, ки чаҳор қисм мебошанд» («Сафинаи Хушгӯ», Патна, 1959, саҳ. 104).

Хушгӯ дар хусуси оғози фаъолияти эҷодии Бедил сухан ронда, навиштааст, ки шоир дар ибтидо «Рамзӣ» тахаллус мекард. Сабаби тағйири тахаллус кардани ӯ, гӯё, қитъаи зерини Саъдӣ будааст, ки дар дебочаи «Гулистон»-и ӯ мавҷуд аст:

Гар касе васфи ӯ зи ман пурсад,
Бедил аз бенишон чӣ гӯяд боз?
Ошиқон куштагони маъшуқанд,
Барнаояд зи куштагон овоз.

Хушгӯ менависад, ки баъд аз мутолаъаи ин қитъа Бедилро эътизозу риққати зиёд даст дод ва аз рӯҳи пурфутӯҳи қиблаи Шероз, яъне Саъдӣ, истимдод ҷуста, лафзи «бедил»-ро тахаллуси муборак қарор дод. (Ниг.: «Сафинаи Хушгӯ», с. 107).

Қобили қайд аст, ки Хушгӯ дар баробари сабти маълумоти боло роҷеъ ба маънои тахаллуси шоир низ изҳори назар кардааст. Ӯ дар тавзеҳи маънои тахллуси шоир хусусияти сермаъноии калимаи «бедил»-ро хотирнишон намуда, таъкид намудааст, ки тахаллуси шоир ба маънои беҳушу фаромӯшхотир аст (Дар ин бора ниг. ба мақолаи «Маънои тахаллуси Бедил»).

Хушгӯ низ ба мисли Шералихони Лудӣ ва Вориди Теҳронӣ дар бораи ба мулозамати Аъзамшоҳ пайвастани Бедил хабар дода, сабаби тарки мулозамат намудани ӯро ба таври дигар баён намудааст. Ӯ ин амалро ба ягон воқеъаи тасодуфӣ вобаста накарда, навиштааст, ки «чун ҷазба даррасид, таморуз намуда, аз хидмати шоҳӣ мустағнӣ гардид» («Сафинаи Хушгӯ», с. 108). Яъне чун дар дили ӯ хоҳиш пайдо шуд, ки тарки хидмат намояд, худро бемор вонамуд сохта, тарки мулозамат намуд.

Тавре ки дар ҷои дигар навтштаем, тарки хидмат карзани Бедил сабабҳои дигар низ дорад. Яке аз ин сабабҳо ба ҷое расидани синну соли шоир аст. Сабаби дигари ин кор ба фаъолияти эҷодии шоир мусоъадат накардани муҳит ва шароити сипоҳигарист. Ва ниҳоят ангезаи дигаре, ки Бедилро ба тарки хидмат водор намуд, бадамнӣ ва нооромиҳои охирин мавзеъи хидмати ӯ шаҳри Матҳро мебошад.

Хушгӯ илова бар он, ки доир ба робитаи Бедил бо Аъзамшоҳ ба тафсил сухан рондааст, дар бораи муносибати шоир бо ҳокимони дигари аср – Аврангзеб, Баҳодуршоҳ, Фаррухсияр, Низомулмулк, Оқилхони Розӣ, Шукруллоҳхони Хофӣ ва дигарон низ маълумотҳои муфидеро сабт намудааст.

Хушгӯ дар бораи Бедил бо маълумотҳои умумӣ иктифо накарда, баъзе лаҳзаҳои конкретии ҳаёт ва бархе аз хислатҳои шахсии ӯро низ гӯшрас намудааст. Чунончи, дар хусуси симои зоҳирӣ, одоби сӯҳбат, тарзи такаллум ва шеваи шеърхонии шоир ин тавр навиштааст: «Болои волояш дар тӯли миёна буд ва арзи паҳноварӣ бисёр дошт. Ҷамоле ёфта буд ҳамранги камол, чашмҳо хуҷаста ва абрувон калиди дарҳои баста. Тахтаи пешонии ӯ вустаъе дошт, ки гӯӣ, қалами тақдир ҷамеъи камолоти инсонӣ бар ӯ муртасим карда… Ҳангоми такаллум сухан ба оҳистагӣ ва ҷудо-ҷудо мефармуд, ки гӯӣ, гуҳарборӣ мекард ё гулафшонӣ менамуд. Оҳистагии каломаш ба ҳадде буд, ки сафнишинони муаххар кам мешуниданд… Аммо шеърро ба салобат ва маҳобате хондӣ, ки гӯши мустамеъон боз шудӣ ва аз беруни дарвоза дар кӯча маълум шудӣ, ки ҳазрат шеър мехонад. Ва муқаррар карда буд, ки тамоми рӯз андаруни маҳал ба танҳоӣ ва таҷарруд нишаста, бо сухан сӯҳбат медошт ва сари шом ба девонхона ташриф оварда, то ними шаб нишастӣ ва ақсоми ҳикоёту амсоли коромаданӣ дар миён овардӣ… Аксар авқот, ки дар гап заданҳо зиёда гузаштӣ, фармудӣ, ки ёрон, алҳол бояд зикри худой, ки киноя аз шеърхонӣ бошад, дар миён ояд» (Ҳамон ҷо, с. 112).

Лаҳзаи конкретии дигаре, ки дар тазкираи Хушгӯ инъикос ёфтааст, рӯзҳои беморӣ ва соъатҳои охирини зиндагии шоир аст. Бино бар навиштаи Хушгӯ, бемории охирини Бедил беш аз як ҳафта тӯл накашидааст. Ӯ дар ин бора навиштааст: «Дар соли ҳазору саду сиву сеюм… ҳазрати Мирзо Бедилро дар моҳи муҳаррам оризаи таб рӯй дод. Чаҳор рӯз ба ҳарорат гузашт. Баъд аз он таб муфорақат кард. Эшон ғусл фармуданд. Рӯзи дуввум аз ғусл ба таърихи сеюми сафар, рӯзи чоршанбе вақти шом боз ҳарорат авд кард ва тамоми шаб монд… Дар ҳар ҳол осори яъс ба назар омадан гирифт ва то субҳ ҳол дигаргун шуд. Явми панҷшанбе чаҳоруми моҳи сафар шаш гҳарии рӯз (воҳиди вақт – Б.Р.) баромада, ҳумои рӯҳи пурфутӯҳи он зинда ба ишқи сармадӣ аз ошёнаи тан болу пар афшонда, бар сокинони арши муъалло соя андохт ва ба висоли ҳақиқӣ комёб гардид. Дар ҳавлии иқоматгоҳ, ки чабутре барои қабри худ аз муддати даҳ сол рост карда буданд, ба хок супурданд» («Сафинаи Хушгӯ», с. 121).

Хушгӯ илова кардааст, ки пас аз гӯронидани Бедил аз зери болини ӯ як ғазал ва як рубоъӣ пайдо шуда, зуд иштихор ёфтанд. Рубоъӣ ин аст:

Бедил, калафи сиёҳпӯше нашавӣ,
Ташвиши гулӯи навҳакӯше нашавӣ.
Бар хок бимиру ҳамчунон рав бар бод,
Маргат сабук аст, бори дӯше нашавӣ.

Маълумоти Хушгӯ доир ба маҳалли иқомати Бедил дар шаҳри Деҳлӣ низ ҷолиби диққат аст. Зеро, чунон ки дидем, ҳавлии шоир, мадфани ӯ низ ба ҳисоб меравад. Муаллифони пешин, аз ҷумла Даргоҳқулихони Солорҷанг ва Анандроми Мухлис, аз мадфани шоир ёд намуда, дар хусуси маҳалли воқеъшудаи он чизе нагуфтаанд. Танҳо Хушгӯ ба ин масъала равшанӣ андохтааст. Ба қавли ӯ, ҳавлии Бедил беруни Деҳлидарвоза, дар маҳаллае бо номи Каҳгариён воқеъ гардида будааст (Ниг.: «Сафинаи Хушгӯ», с. 109). Чун Бедилро дар саҳни ҳавлии худи ӯ гӯронида буданд, қабри ӯ низ мебоист, ки дар маҳаллаи мазкури Деҳлӣ мавҷуд мебуд. Вале бо вуҷуди он, ки Деҳлидарвоза то ба имрӯз дар ҷой аст, аз қабри Бедил ному нишоне боқӣ намондааст. Қабре, ки дар наздикии Қалъаи кӯҳнаи Деҳлӣ бо номи «Оромгоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил» мавҷуд аст, дар солҳои сиюми асри XX пайдо шудааст ва ба Мирзо Бедил муносибате надорад. (Дар ин бора ниг. ба мақолаи «Марқади дурӯғини

Бедил»).

Хушгӯ дар баробари овардани маълумоти муфассал роҷеъ ба ҳаёти Бедил дар хусуси осори шоир, аз ҷумла дар бораи асарҳои алоҳидаи ӯ, низ ахбори муҳиме дарӣ намудааст, ки назири онро дар маъхазҳои дигар пайдо намекунем. Ӯ навиштааст: «Куллиёте аз он ҳазрат ёдгор аст, ки шумори тамоми абёти он наваду нӯҳ ҳазор байт аст… Аз он ҷумла ёздаҳ ҳазор байт нусхаи «Ирфон» аст дар баҳри «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ, ки бар ин маснавӣ ноз мекард. Чунончи, аксар аз забони муборакаш шунидаам, ки мегуфт, он чӣ мо дорем, нусхаи «Ирфон» аст. Ва онро дар муддати сӣ сол ба итмом насонид. Ва дигар чаҳор ҳазор байт маснавии «Тилисми ҳайрат» дар баёни имтизоҷи рӯҳ бо мизоӣ ва шарҳи хусусиёти олами сағирҷасад дар баҳри «Юсуфу Зулайхо», ки матлаъаш ин аст:

Ба номи он ки дил кошонаи ӯст,
Нафас гарди матоъи хонаи ӯст.

Ва дар ҳамин баҳр се ҳазор байт маснавии «Тури маърифат» дар аҳволи сайри кӯҳистон ва хусусиёти вилояти Байрот, ки ҳамроҳи Шукруллоҳхон – фавҷдори он ҷо ташриф бурда буданд. Ду ҳазор байт соқинома мусаммо ба «Муҳити аъзам». Як ҳазор байти дигар маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин» дар мазамати кимиё, ки ҳаргиз мӯътақиди он набуданд. Ҳазор байт тарҷеъбанд ҷавоби Фахриддини Ироқӣ ва ҳафт ҳазор аз қасоиду таркиббанд ва муқаттаъоту тавориху мухаммасот ва мураббаъу мустазоду ашъори саноеъ. Се ҳазор байт ҳазлиёту ҳашт ҳазор байту чаҳор ҳазор рубоъӣ. Ва миқдори даҳ ҳазор байт насри «Чорунсур» ва бақия панҷоҳу чанд ҳазор байт ғазалиёт дар аксоми буҳур ва заминҳои шигифту тарҳи нав, ки ӯҳдабароии ҳар як аз кори ҳиммати баланди ӯст» («Сафинаи Хушгӯ», с. 125).

Хушгӯ пеш аз забти намунаҳо аз ашъори Бедил навиштааст, ки Мирзо «баёзе ба дастхати худ аз ашъори ғазалиёт интихоб фармуда навишта ва онро ба фақир иноят кардаанд» («Сафинаи Хушгӯ», с. 125).

Мо медонем, ки Бедил аз осори шоирони форсигӯ – аз Хоқонӣ то муъосирони худ – баёзе тартиб карда буд, ки як нусхаи аз он дар Музеи Британия маҳфуз аст ва дар феҳристи Рё тавсиф низ шудааст. Доир ба мӯҳтавиёти ин баёз дар рисолаи Абдулғанӣ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) маълумоти зарурӣ дарӣ аст. Вале баёзе, ки Хушгӯ аз он ёд кардааст, чизи тамоман дигар аст. Аз ин бар меояд, ки Бедил ду баёз тартиб дода будааст. Яке баёзи намунаҳо аз осори шоирони дигар, дуввум баёзи мунтахаби абёт аз ғазалиёти худи ӯ. Бино бар қавли Хушгӯ, тамоми намунаҳо аз ашъори Бедил, ки дар «Сафинаи Хушгӯ» сабтанд, интихоб аз баёзи дуввуманд. Аз ин рӯ ин намунаҳоро мунтахаби он баёз низ ҳисобидан мумкин аст.

Хушгӯ аввалин муаллифест, ки роҷеъ ба мавзӯъҳои умдаи осори Бедил ва хусусиятҳои асосии шеъри ӯ сухан кардааст. Ӯ навиштааст: «Он ҳазрат дар фаҳми маънии тавҳид ва маъориф пояи баланд дошт. Илми тасаввуф хуб варзида буд ва масоили онро аз комилони ин фан ба таҳқиқи камол расонида. Дар ин муқаддима Ҷунайду Боязиди вақти худ буд. Басо муқаддамоте, ки Мавлавии Рум дар «Маснавӣ» ва шайх Ибни Арабӣ дар «Фусусулҳикам» баён карда, он ҳамаро ба шарҳу басти тамом бо ташбеҳоти тозаву обу ранги беандоза дар каломи худ баста. Чун намаки ҷамеъи ақсоми сухани шӯрангез тавҳид аст, дар сухансароӣ тарзи баланде ихтиёр фармуда, тавре ки маҷози ӯ ҳам ранги ҳақиқат дорад. Агар, билфарз, шеър ба дашноми касе мегуфтанд, сарриштаи тавҳид аз каф намедоданд. Дар ҳама ашъораш ин риъоят манзур аст ва ӯ дар ин фан аз устодонест, ки соҳиби тарзи хос шудаанд. Ва аз замоне, ки забон ба сухан ошно шуд, ин тарзи махсус ба дасти касе наяфтода. Корҳое, ки ӯ карда, мақдури касе нест» («Сафинаи Хушгӯ», с. 115).

Нуктаи ҷолибе, ки аз ин иқтибос бар меояд, он аст, ки ба ақидаи Хушгӯ, бо сабаби баландии тахайюул ва вуқуъи комид дар тасаввуф, мавзӯъҳои дунявӣ ва ҳатто ашъори ҳаҷвии Бедил низ рангу оҳанги орифона доранд.

Дар воқеъ, ин фикри Хушгӯ беасос нест. Чанде аз ғазалҳои Бедил, ки ҳамчун назми сӯфиёна шинохта шудаанд, дар асл масоили гуногуни дунявиро инъикос намудаанд.

Маълумоти Хушгӯ доир ба асарҳои чудогонаи Бедил ва мавзӯъу мундариҷаи онҳо низ ҷолиби диққат аст. Чунончи, ӯ роҷеъ ба бузаргтарин асари манзуми шоир «Ирфон» сухан

карда, илова кардааст, ки маснавӣ «саросар гуфтугӯи тасаввуф ва маъориф дорад».

Ё худ ӯ дар бораи маснавии «Муҳити аъзам» ва тафовути он аз «Соқинома» ном асари Зуҳурии Туршезӣ (ваф. 1616) чунин навиштааст: «Сарчӯши хумистони фикрҳои ӯст. Мулло Зуҳурӣ соқинома шоирона гуфта ва эшон (Яъне Бедил Б.Р.) ҳама муваҳҳидона».

Бедил тарҷеъбанде дорад, ки дар ҷавоби тарҷеъбанди шоири намоёни асри XIV Фахриддини Ироқӣ эҷод шудааст. Бандҳои такрори ин ду тарҷеъбанд инҳоянд:

**Ироқӣ:**
Ки ба чашмони дил мабин ҷуз дӯст,
Ҳар чӣ бинӣ, бидон, ки мазҳари ӯст.

**Бедил:**
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳама изофати ӯст.

Хушгӯ дар хусуси ин тарҷеъбандҳо сухан карда, роҷеъ ба мавзӯъ ва тафовути мазмунии онҳо низ изҳори назар намудааст. Ӯ навиштааст, ки «Ироқӣ гуфтугӯи соликона карда ва ҳама ашёро мазоҳир қарор дода ва ақидаи ориф ин аст, ки ашёро айни зот донад. Эшон (Яъне Бедил – Б.Р.). орифона гуфтаанд» («Сафинаи Хушгӯ» с. 120).

Хушгӯ агарчи аз шогирдону ҳамнишинони Бедил буд, навиштаҳои ӯ низ аз иштибоҳот ва норасоиҳо холӣ нестанд. Аввалин иштибоҳе, ки Хӯшгӯ ба он роҳ додааст, ин аст, ки ӯ зодгоҳи шоирро шаҳри Акбаробод гуфтааст. Вале, чунон ки гуфтем, аксари тазкиранависон шаҳри Патнаро зодгоҳи Бедил медонанд ва ҳамин ақида бояд дуруст бошад. Зеро, чунонки аз «Чорунсур» бармеояд, даврони кӯдакӣ ва наврасии Бедил дар Патна ва минтақаҳои атрофии он сипарӣ шудааст. Илова бар ин, Бедил дар хусуси банголӣ будани худ, гӯё, ишорае ҳам кардааст. Ӯ навиштааст:

Мо, сияҳбахтон хубоби гиряи навмедием,
Хона бар об аст як сар мардуми Банголаро.

Чунон ки маълум аст, Патна пойтахти вилояти Биҳор ва Биҳор минтақае аз кишвари Бангола аст. Вале Акбаробод яке аз шаҳрҳои шимоли Ҳинд аст ва шимоли Ҳинд дар замони Бедил бо номи «Ҳиндустон» ёд мешуд.

Хушгӯ дар хусуси оғози шоирии Бедил сухан карда, навиштааст, ки ӯ «аз мавлоно Камол ном соҳибкамол истифодаи касби шеър намуд». Вале ин ақида низ саҳеҳ нест. Мавлоно Камол шоир набуд. Ӯ аз уламои машҳури шариъат ва пешвоёни тариқаи қодирия ба шумор мерафт. Бедил ӯро аз ҷумлаи устодони маънавии хеш ҳисобида, як давраи муъайян ба азоиму таъвиза рӯй овардани худро натиҷаи таъсири ӯ донистааст. Аммо дар бораи ба шеъру шоирӣ сару кор доштан ва дар ин роҳ таъсире ба шоир бахшидани ӯ ишорае накардааст. Дар ҳоле ки роҷеъ ба сухансанҷӣ ва табъи мавзун доштани устодони дигараш Шоҳмулук, Шоҳфозил, Шоҳқосими Хуваллоҳӣ, Абулфайзи Маъонӣ, Шоҳкобулӣ ва амакаш Мирзо Қаландар маълумотҳои аниқ дода, намунаҳои ашъори баъзеи онҳоро иқтибос низ кардааст.

Хушгӯ баъди зикри аз хидмати Аъзамшоҳ рафтани Бедил илова намудааст, ки «он ҳазрат ба тариқи саёҳат рӯ ба Машриқ ниҳода, муддате дар ҳудуди мамолики Бангу Биҳор ва Урисса ба озодӣ ва бетаъйюнӣ ба сар бурд». «Аз он ҷо, - давом додааст Хушгӯ – ба таклифи Мири Комгор ба Ҳиндустон расида, чанде дар Акбаробод иқомат варзид» («Сафинаи Хушгӯ», с. 109).

Вале ҳам аз «Руқаъот»-и шоир ва ҳам аз «Чорунсур»-и ӯ ба хуби маълум аст, ки Бедил баъди тарки хидмат ба мамолики Бангу Биҳор ва Урисса рӯй наоварда, ба Деҳлӣ омад ва то охири умр дар ин шаҳр сукунат варзид. Бедил дар вилоёти Биҳору Урисса иқомат кардааст. Вале иқомати ӯ дар ин ҷойҳо пеш аз замони навкариаш рух додааст. Иқомат дар Акбаробод ва робита бо Мирзо Комгор низ дар замони навкарии ӯ ба амал омадааст.

Гуфтан лозим аст, ки Бедил баъд аз соли 1075 ҳиҷрӣ (1664-1665), ки ба сини 21 – солагии ӯ рост меояд, дигар бор ба кишвари Биҳору Бангола умуман бар нагашт ва то охири умр дар

шаҳру вилоёти дигари Ҳиндустон – Деҳлӣ, Акбаробод, Панҷоб, Гуҷарот, Матҳро, Роҷистон ва ғайра зиндагӣ кард.

Фикри Хушгӯ дар хусуси таърихи тааҳҳул, яъне замони хонадоршавии Бедил, низ ғалат аст. Ба ақидаи ӯ, Бедил пас аз тарки сипоҳигарӣ хонадор шудааст. Вале аз «Чорунсур» маълум аст, ки ӯ аввал тааҳҳул карду сипас ба хидмат пайваст. Таърихи ба хидмати Аъзамшоҳ рафтани Бедил, чунон ки гуфтем, соли 1081 ҳиҷрист. Вале таърихи издивоҷи ӯ санаи 1079 (1668-69) мебошад. (Ниг.: К.Б., ҷ. 2, Қитъаот, с. 136).

Хушгӯ навиштааст, ки Бедил дар синни 65-солагӣ соҳиби фарзанд шуд. Вале, бино бар ишораҳои худи шоир, таваллуди ягона фарзанди ӯ дар соли 1120, дар синни 66-солагиаш ба вуқӯъ пайвастааст. Яке аз таърихҳое, ки шоир дар валодати фарзандаш гуфтааст, ин аст:

Бедил, таърихи интихобафвоҳам
Бе рамзе нест, гар шавӣ огоҳам,
Шасту шаш сол фард будам, к-аз ғайб
Абдухолиқ шуд «интихобуллоҳ»-ам.

Навиштаҳои Хушгӯ дар бораи ҳаҷми баъзе асарҳои Бедил низ ғалатанд. Чунончи, ӯ маснавии «Тури маърифат»-ро иборат аз 3000 байт дониста аст. Дар ҳоле ки ин асар чи дар нусхаҳои хаттӣ ва чи дар нашрҳои куллиёти Бедил аз 1200 байт беш нест.

Хушгӯ миқдори ғазалиёти Бедилро беш аз панҷоҳ ҳазор байт гуфтааст, ки зоҳиран, ин фикр низ муболиға аст. То кунун нусхае аз ғазалиёти шоир ба назар нарасидааст, ки ин миқдор ғазалро дар бар карда бошад. Яке аз мукаммалтарин нусхаҳои девони ғазалиёт нашри кобулии онҳост, ки тахминан 32-33 ҳазор байтро дар бар дорад. Нусхаи хаттие аз ғазалиёт, ки дар Архиви миллии Афғонистон зери № 83\23 маҳфуз аст, аз 3087 ғазал иборат аст, ки теъдоди умумии абёти он наздик ба 35 ҳазор аст. Бино бар қавли муҳаққиқе бо номи Муҳаммад Риёз, «алома Муҳаммад Иқбол ба зикри нусхае аз ғазалиёти Бедил пардохтааст, ки 36 ҳазор байт дошта ва замоне дар ихтиёри вай қарор гирифта» будааст. (Ниг.: Фаслномаи «Дониш», Исломобод, зимистони 1366, № 16, с. 143).

Хушгӯ пас аз зикри ҳаҷми куллиёт ва осори ҷудогонаи Бедил илова кардааст, ки ӯ ба миқдори се ҳазор байт ҳазлиёт навиштааст. Вале на дар нусхаҳои хаттии осори шоир ва на дар нашрҳои маълуми куллиёти ӯ бахши ҷудогонае бо номи «Ҳазлиёт», ки ин миқдор абётро дар бар карда бошад, дида намешавад. Магар чаҳор ғазал, ки дар баъзе нусхаҳои хаттии девони ӯ зери ҳамин унвон дарӣ гардидаанд (Ниг.: нусхаи № 117\14- Архиви миллии Афғонистон; нусхаи № 565 китобхонаи миллии Тоҷикистон ва нусхаи № 321 китобхонаи Салтиков – Шедрини Санкт - Петербург).

Матлаъҳои он чаҳор ғазал инҳоянд:

Ин қадар риш чӣ маънӣ дорад?
Ғайри ташвиш чӣ маънӣ дорад?

Бурут тофтанат гурбашонии ҳавас аст,
Ба риш мард шудан бузгумонии ҳавас аст.

Он ҷангҷӯ ба зоҳир агар пушт додааст,
Пинҳон даре зи фатҳи намоён кушодааст.

Ин давр даври ҳез аст, вазъи матин кӣ дорад?
Боди бурути мардӣ ғайр аз сурин кӣ дорад?

Хушгӯ дар баҳрҳои мухталифи арӯз ғазал гуфтани Бедилро зикр намуда, илова кардааст, ки сивои нуздаҳ баҳри арӯз баҳри бистумро эҷод намуд ва дар он бахр ғазалҳо саранҷом дод.

Сипас ӯ аз ғазалҳои Бедил ба ҳайси мисол чаҳор байтро иқтибос кардааст, ки яке аз онҳо ин аст:

Чӣ бувад сару кори ғалатсабақон?
Дари илму амал ба фасона задан,
Зи ғурури далоили бехабарӣ
Ҳама тири хато ба нишона задан.
(«Сафинаи Хушгӯ», с. 125).

Байтҳое, ки Хушгӯ иқтибос кардааст, аз 19 баҳри маъмули арӯз берун нестанд. Ин байтҳо дар баҳри мутадорики шонздаҳрукна гуфта шудаанд ва чунон ки маълум аст, дар ин вазн пеш аз Бедил низ шоирон шеър гуфтаанд.

Бедил агарчи мухтареъи ягон баҳри арӯз нест, вале дар корбурди баҳрҳои ба истилоҳ ғайриматбӯъ маҳорати баланде дорад. Ӯ, шояд, ягона шоире бошад, ки дар баҳрҳои мазкур ашъори зиёде сурудааст. Дар нашри кобулии куллиёти ӯ, ки мукаммалтарин маҷмӯъаи чопии осораш ба шумор меравад, 56 ғазалу ду мухаммас дар баҳри комил, 24 ғазалу як қитъа дар баҳри мутақориби шонздаҳрукна, чаҳор ғазал дар баҳри мутадорики шонздаҳрукна ва як ғазал дар баҳри раҷази мусаммани мураффали матвӣ мавҷуд аст.

Инак аз ғазалҳои дар ин баҳрҳо эҷодшуда яктогӣ мисолро иқтибос менамоем:

**Аз баҳри комил**:

Чӣ фусурдагӣ балади ту шуд, ки ба маҳфили ману мо биё,
Кӣ кушуд роҳи ғунуданат, ки дар ин фасонасаро биё.

**Аз мутақориби шонздаҳрукна:**

Тараб дар ин боғ мехиромад зи сози фурсат паём бар лаб,
Зи наргис акнун мабош ғофил, ки най гирифтааст ҷом бар лаб.

**Аз мутадорики шонздаҳрукна:**

Майи ҷоми қаноъат агар бичашӣ, аламе зи ҷунуни ҳавас накашӣ,
Чӣ кам аст уруҷи димоғи ғано, ки хумори таваққӯъи кас накашӣ.

**Аз раҷази мусаммани мураффали матвӣ:**

Дурии базмат дар ғаму шодӣ гар кунад ин май қисмати ҷомам,
Субҳ нахандад бар рухи рӯзам, шамъ нагиряд бар сари шомам.

Таъкид намудан лозим аст, ки мавҷудияти иштибоҳоти мазкур дар «Сафинаи Хушгӯ» арзиш ва аҳамияти онро коста нахоҳад кард. Ин асар ба ҳайси муҳимтарин маъхази шарҳи зиндагии Бедил боқӣ хоҳад монд.

Аз тазкираҳои асри XVIII «Риёзушшуъаро»-и Алиқулихон Волеҳи Доғистонӣ ва «Маҷмаъуннафоис»-и Сироҷиддини Алихони Орзу низ дар кори тадқиқи осори Бедил дорои аҳамияти зиёде мебошанд. Маълумоте, ки муаллифи «Риёзушшуъаро» дар бораи Бедил овардааст, бештар ба мавзӯъот ва хусусиятҳои забони осори шоир дахл дорад. Ӯ низ чун Хушгӯ аз масоили тавҳид ва тасаввуф саршор будани осори Бедилро зикр намуда, ихтироъоту тасарруфоти ӯро дар забон махсус таъкид кардааст. Волеҳ навиштааст: «Аз орифони муҳаққиқ ва комилони мудаққиқ буда. Чошнии машраби тавҳид аз рақиқи каломаш пайдост ва ҳаловати мазоқи тасаввуф аз шакари гуфтораш ҳувайдо. Дар таҳқиқи масъалаи тавҳид ягона буд ва дар тарку таҷрид сарчашмаи замона. Ҳарчанд аксари ашъораш мувофиқи муҳовараи фусаҳои аҷам нест ва таркибҳои ғариб дар забони форсӣ ихтироъ намуда, аммо шеърҳои баланду барҷаста бисёр доранд. Пухтагии нафас аз гуфтугӯяш зоҳир аст. Агар забондоне сарфи авқот намуда, интихобе аз куллиёташ бардорад, маълум мешавад, ки соҳиби чӣ қадар моя будааст» (Риёзушшуъаро, нусхаи хаттии № 61\8) Архиви миллии Афғонистон).

Аз навиштаҳои Волеҳ чизе, ки боъиси эътироз шуда метавонад, он аст, ки гӯё, аксари

ашъори Бедил мувофиқи муҳовараи фусаҳои аҷам набошад. Ин фикр, албатта, ғалат аст. Мақсад аз «таркибҳои ғариб» Волеҳ калимаҳои мураккаби серҷузъа ва феълҳои мураккаберо дар назар дорад, ки дар байни осори фаровони Бедил ба ҳукми қатрае аз баҳр мебошанд. Тавре ки муъосири дигари Бедил Саъдуллоҳи Гулшан гуфтааст, миқдори ин қабил калимоту таъбироти шоир аз 500 то 1000 адад беш нест (Ниг.: Сафинаи Хушгӯй, с. 116). Ва чунон ки хоҳем дид, муаллифони тазкираҳои баъдина ҳама акси ақидаи Волеҳро изҳор намудаанд. Масалан, муаллифи тазкираи «Ништари ишқ» Ҳусайнқулихони Азимободӣ навиштааст, ки «аксар ашъори Мирзо мувофиқи қавоиди қудамо ва тарзи фусаҳост, чунон ки ба назари таъаммул маълум мешавад» (Ниг.: Наштари ишқ, ҷилди 1, Душанбе, 1981, с. 265).

Муаллифи «Маҷмаъуннафоис» Сироҷиддин Алихони Орзу аз бузургӣ ва истеъдоди Бедил ёд намуда, дар осори шоир фаровонии масоили тавҳид ва тасаввуфро таъкид намудааст. Ӯ ихтироъоту тасарруфоти Бедилро дар забони форсӣ нишонаи қудрат ва устодии шоирدониста, касонеро ки ба забони осори шоир эродҳо доранд, мазаммат кардааст. Орзу навиштааст: «Фирдавси ризвон пеши чаманороии табъаш дар хиёбони биҳишт хати аҷз ба бинӣ кашида ва шоҳиди баҳор дар муқобили рангинии мазоминаш аз норасоӣ ба хоку хун тапида. Агарчи аз илми зоҳир баҳраи кофӣ надошт, аз сӯҳбати бузургон ва сайри кутуби суфия он қадар моя рабуда, ки дар сарзамини шеър тамом тухми тасаввуф мекошт ва ба мартабае ошнои машраби тавҳид буд, ки ҳаҷву ҳазли ӯ низ бе завқи дарвешона набуд... Санги зари сухансанҷон аст. Чун аз роҳи қудрат тасарруфоти «намоён дар форсӣ намуда, мардуми вилоят ва косалесони онҳо, ки аҳли Ҳинданд, дар каломи ин бузургвор суханҳо доранд. Фақир дар сиҳҳати тасарруфоти соҳибқудратони Ҳинд ҳеҷ сухан надорад, балки қоил аст. Ба ҳар қисм, Мирзо Бедил ҷомеъи фунуни шеър аст. Чи ғазал, чи маснавӣ, чи қасида, чи рубоъӣ ва шеъри ӯро тарзи хос аст ва дар наср низ бемислу беназир аст». (Иқтибос аз рисолаи устод Халилӣ «Файзи қудс», Кобул, 1334, с. 64).

Зикри Бедилро дар «Тазкираи Ҳусайнӣ» ном асар низ дидан мумкин аст. Маълумоти ин асар бо вуҷуди нисбатан муфассал будан, маводи тазаро камтар дар бар кардааст. Муаллифи он Мирҳусайн Дӯсти Санбаҳлӣ роҷеъ ба алоқа ва дӯстии Бедил бо баъзе аз амирони аср чун Низомулмулки Осафҷоҳ, Шукруллоҳхони Хофӣ, Оқилхони Розӣ ахбороти тазкиранависони пешинро такрор намуда, ҳаҷми куллиёти ӯро иборат аз II осор (осор ба маънии воҳиди вазн) гуфтааст. Ӯ таъкид кардааст, ки куллиёти шоирро рӯзи урс паҳлӯи қабраш, ки дар Деҳлӣ воқеъ аст, мегузоранд ва аҳли зиёрат ашъор аз он мехонанд». (Ниг.: Тазкираи Ҳусайнӣ, нусхаи № 3121 Институти Шарқшиносии АИ Тоҷикистон). Дар «Тазкираи Ҳусайн» лаҳзаҳое низ ба назар мерасанд, ки дар дигар тазкираҳо сабт наёфтаанд. Дар ин ҷо ду лаҳзаеро, ки ба масъалаи ришу бурут тарошидани Бедил марбутанд, нақл менамоем. Лаҳзаи аввал ин аст: «Гӯянд, Мирзо аз дастор ба пҳанта (порчае аз газвор - Б.Р.) ва аз риш ба бачаи риш иктифо карда буд. Зарифе ин байт бар пораи коғаз навишта, гузошта рафт:

Пҳантаву риш Мирзо Бедил,
Баччаву ришу баччаву дастор.

Чун назари Мирзо бар он коғаз афтод, барошуфт ва бар заҳраш ин рубоъӣ сабт кард:

Эй мағзи хирад, ғубори ташвиш мабош,
Амома наӣ, бузургиандеш мабош.
Гар як сари мӯст одамият, кофист,
Чун хирс зи фарқ то қадам риш мабош».

Лаҳзаи сонӣ ин тавр сурат гирифтааст: «Рӯзе Мирзо ба хонаи наввоб Низомулмулки Осафҷоҳ буд, ки Муҳаммад Аминхон – қотили наввоб Ҳусайналихон – омада дид, ки фақире ришу бурут тарошида нишастааст. Пурсид: кист? Наввоб гуфт: Мирзо Бедил. Истикроҳан ба Мирзо мегӯяд, ки ҳамин фақир номида, ки риш тарошида. Мирзо гуфт: Риши худ тарошидаам, дили касе нахарошида. Хони мазкур барҳам шуда даст ба ханҷар гузошт. Мирзо низ ҷавоне қавиҷуста буд, аз ин тараф муште бардошт. Навоби мушорунилайҳ (яъне Низомулмулки Осафҷоҳ – Б.Р.) дар миён афтода ва сулҳ дод. Мирзо бисёр далерӣ кард»

(Тазкираи Ҳусайнӣ, с. 87-88).

Тазкиранависи маъруфи асри XVIII Мирғуломалии Озод ҳам дар тазкираи худ «Яди байзо», «Сарви озод» ва «Хизонаи омира» доир ба Бедил маълумотҳои зиёдеро дарӣ намудааст. Ин муаллиф «аз нажоди қавми арлос» будан ва дар балдаи Азимободи Патна ба дунё омадани шоирро зикр намуда, дар хусуси хизмати аскарӣ даст кашидани ӯ ахбороти Шералихони Лудиро такрор кардааст.

Озод аз ҷумлаи аввалин касонест, ки аз ҳодисаи дар саҳни ҳавлии худ гӯронидани Бедилро хабар додаст. Ӯ дар тазкираи «Яди байзо», ки соли 1148 (1735-36) таълиф шудааст, дар ин бора чунин овардааст: «Мирзо… дар санаи салоса ва сулсун ва мота ва алфа (1133) рахти ҳастӣ ба олами боқӣ кашида ва дар дорурулхилофаи Деҳлӣ, дар саҳни хонаи хеш мадфун гардида» (Яди байзо, микрофилми № 1197 ИШОХАИТ).

Озод аз алоқаи Бедил бо амирони аср Оқилхони Розӣ, Низомулмулки Осафҷоҳ, Шукруллоҳхони Хофиву писаронаш сухан карда, доир ба робитаи шоир бо яке аз амирони бонуфузи давр амиралумаро Сайид Ҳусейнқулихон низ рабти том буд. Дар айёме, ки амиралумаро ба назми мамолики Дакан мепардохт, Мирзо ин ду байт ба Шоҳиҷаҳонобод ба амиралумаро навишт:

Эй нашъаи паймонаи қудрат, ба чӣ корӣ?
Мастиасарӣ? Ё пайи торочи хуморӣ?
Май дар қадаҳӣ? Гулбасарӣ? Ҷомбадастӣ?
Ранги чаманӣ? Мавҷи гулӣ? Ҷӯши баҳорӣ?
(Сарви озод, Ҳайдарободи Дакан, 1913, с. 148).

Ду байти мазкур иқтибос аз ғазале ҳастанд, ки аз даҳ байт иборат аст ва дар куллиёти шоир мавҷуд аст (Ниг.: К.Б., ҷ. 2, рубоъиёт, саҳ. 431). Аз ин рӯ, имкон дорад, ки ин ғазал пурра ба Ҳусайналихон бахшида шуда бошад.

Маълумоти Озод роҷеъ ба таърих гуфтани Бедил дар вафоти подшоҳи вақт Муҳаммад Фаррухсияр (1713-1719) низ ҷолиби диққат мебошад.

Тавре ки маълум аст, дар соли 1131 (1719) Муҳаммад Фаррухсияр бо дасти вазири аъзами худ сайид Абдуллоҳхон ва бародари ӯ амиралумаро сайид Ҳусайналихон ба қатл расонида шуд (Ниг.: Сафинаи Ҳиндӣ, Патна, 1958, с. 269).

Бино бар қавли Озод, яке аз онҳое, ки ба ин муносибат таърих гуфтаанд, Бедил будааст. Озод дар ин бора навиштааст: «Баъди барҳам задани Муҳаммад Фаррухсияр таърихи табъзоди Мирзо «Содот ба вай намакҳаромӣ карданд» шӯҳрат гирифт. Мирзо мутаваҳҳим шуда, дар соли 1131 аз Деҳлӣ ҳаракат ба ҷониби Лоҳур кард. Абдуссамадхон нозими Лоҳур ба таъзим ва такрими тамом пеш омад ва хадамоти шоиста ба тақдим расонид. Ва чун давлати содот (яъне бародарони Ҳусайналихони ва Абдуллоҳхон - Б.Р.) анқариб барҳам хӯрд, Мирзо дар ҳамон айём бо Шоҳиҷаҳонобод муъовадат намуд». (Сарви озод, с. 148).

Матни пурраи таърихи мазкур, ки дар «Саври озод» сабт ёфтааст ин аст:

Дидӣ, ки чӣ бо шоҳи гиромӣ карданд,
Сад ҷавру ҷафо аз раҳи хомӣ карданд.
Таърих чу аз хирад биҷустам, фармуд:
«Содот ба вай намакҳаромӣ карданд».
(Сарви озод, с. 91).

Чунон ки дидем, Озод навиштааст, ки пас аз иштиҳори таърихи мазкур Бедил мутаваҳҳим шуда, ба Лоҳур рафт ва дар ҳузури субадори Лоҳур Абдусаммадхон муддате ба сар бурд.

Дар хусуси то чӣ андоза воқеъият доштани ин маълумоти Озод чизе гуфта наметавонем. Аммо ин чиз мусаллам аст, ки Абдуссамадхон, ки бо тахаллуси «Сухан» шеър мегуфт, яке аз шогирдон ва муътақидони Бедил буд ва то соли 1139 (1726) субадории Лоҳурро дар ихтиёр дошт.

Маълумоти дигаре, ки ин ҳам тавассути Озод ба даст омадааст, аз ҷониби Низомулмулки Осафҷоҳ ба Дакан даъват шудани Бедил аст. Озод навиштааст: «Чун наввоб Осафҷоҳ дар

санаи 1132 бар кишвари Дакан мусаллам шуд, номаи талаб ба Мирзо навишт. Мирзо дар ҷавоб ин байт ба қалам овард:

Дунё агар диҳанд, нахезам зи ҷойи худ,
Ман бастаам ҳинои қаноъат ба пойи худ».
(Хизонаи омира, Лакҳнав, 1900, с. 158).

Чунон ки медонем, Низомулмулки Осафҷоҳ низ аз шогирдон ва ҳомиёни Бедил сат. Номи аслии ин шахс Қамаруддин ибни Шаҳобуддин буда, дар замони Оламгир ва Баҳодуршоҳ бо хитобҳои «Чинкиличхон» ва «Хонидаврон» сарфароз гардида буд ва дар як вақт субадори Авадҳ ва ҳокими Лаҳкнав буд. Дар аҳди Фаррухсияр ба хитоби «Низомулмулк» ноил шуда, ба назми кишвари Дакан муззаф гардид. Дар аҳди Муҳаммадшоҳ (1719-1748) ба ӯ хитоби «Осафҷоҳ» ва мансабҳои вазири аъзам ва субадории Дакан вогузор шуд. Низомулмулк шоир низ буд. Аз мероси адабиаш ду девон - яке бо тахаллуси «Шокир», дигаре бо тахаллуси «Осаф» маълум аст. Девони аввалинаш дар соли 1354 ҳиҷрӣ қамарӣ дар Ҳайдарободи Дакан ба табъ расидааст. Дар «Руқаъот»-и Бедил чандин нома ба унвонҳои «Ба Чинқиличхон», «Ба Низомулмулк», «Ба Осафҷоҳ» мавҷуд аст, ки ҳама ба унвони ҳамин шахсанд. Вале аз ҳеҷ кадоми ин номаҳо мазмуне, ки ба маълумоти зикршудаи Озод алоқаманд бошад, барнамеояд. Ва он байт, ки Бедил, гӯё, дар ҷавоби номаи Осафҷоҳ гуфта бошад, дар куллиёти шоир дида намешавад.

Мулоҳизаву андешаҳои Озод дар хусуси мавзӯъоти осор, сабки нигориш ва хусусиятҳои забонии ашъори Бедил низ ҷолиби диққатанд. Ӯ Бедилро маъниофарини беназир донista, «дар ақсоми назм пояи баланд ва дар асолиби наср рутбаи арҷманд» доштанашро таъкид намудааст. Ӯ навиштааст: «Сухансанҷи мутафаннин аст, ғазалу маснавӣ, рубоъиву қасида ва ҳамчунин наср ба тарзи хос менигорад. Аксар ба забони тасаввуф ҳарф мезанад. Ҳаққо, ки сухани ӯ турфа димоғе дорад» (Хизонаи омира, саҳ. 154).

Озод низ аз тасарруфоту ихтироъоти Бедил дар забони форсӣ ёд намуда, писанди аҳли муҳовара, яъне мардуми Эрон, набудани шеъри шоирро гӯшрас намудааст. Ӯ, бар хилофи Сироҷиддин Алихони Орзу, ки ба тасарруфоту ихтироъоти шоирони Ҳиндустон қоил буд, ҷонибдори ин хусусияти шеъри Бедил набудааст. Ӯ навиштааст: «Мирзо дар забони форсӣ чизҳои ғариб ихтироъ намуда, ки аҳли муҳовара қабул надоранд. Бале, Қуръон, ки каломи холиқи алсина аст, сарриштаи мувофаққати забон дар даст дорад. Агар ихтироъе хилофи забон медошт, фусаҳои араб қабул намекарданд». (Хизонаи омира, саҳ. 154).

Озод аз ҷумлаи муаллифонест, ки дар хусуси шеъри Бедил ба таври конкрет бо зикри мисол сухан кардаанд. Ӯ дар аввалин тазкираи худ «Яди байзо», ки дар байни солҳои 1145-1148, (1732-36) таълиф шудааст, пас аз иқтибоси байти

Авқоти саъодати ду кавкаб,
Шерозаи улфати ду ҳамзод,

ки дар таърихи издивоҷи Мириноятуллоҳи Шокирхон ном дӯсти Бедил гуфта шудааст, чунин овардааст: «Аҷаб аст аз мисли Мирзое устоди замона, ки лафзи «ҳамзод»-ро дар ин мақом оварда». Ва илова кардааст, ки дар «Фарҳанги Рашидӣ» омада: «Ҳамзод» - тавъам, ки аз як шикам зода бошад» (Яди байзо, микрофилми № 1197 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон).

Ғуломалии Озод дар тазкираи дигари худ «Хазонаи омира» эроди мазкурро равшантар баён намудааст. «Луғати «ҳамзод», навиштааст ӯ, дар ҳаққи домоду арӯс турфа воқеъ шуда. Соҳиби «Фарҳанги Рашидӣ» гӯяд: Ҳамзод – тавъам, ки аз як шикам зода бошад» (Хизонаи омира, нашри мазкур, саҳ. 158).

Вале ин эроди Озод беасос аст. Дар байти мазкури Бедил калимаи «ҳамзод» ба маънои ҳамсол аст. Ин калимаро ба ҳамин маънӣ шоирони дигар низ истифода кардаанд. Чунончи, Низомии Ганҷавӣ дар «Махзанулаcрор» дар ҳикояте бо номи «Достони кӯдаки маҷрӯҳ» овардааст:

Кӯдаке аз ҷумлаи озодагон
Рафт бурун бо ду се ҳамзодагон.
Пояш аз он пӯя даромад зи даст,
Меҳри дилу мӯҳраи пушташ шикаст.
Шуд нафаси он ду се ҳамсоли ӯ
Тангтар аз ҳодисаи ҳоли ӯ.

Озод дар «Хизонаи омира» аз ихтироъот ва таъбирҳои ғариби Бедил ёд карда, ба ҳайси мисол ибораи «хиром коштан»-ро зикр намудааст, ки дар яке аз мухаммасҳои шоир истифода шудааст. Ӯ навиштааст: «Мирзо мухаммасе дар марсияи фарзанди худ дорад. Дар он ҷо гӯянд:

Ҳар гаҳ ду қадам хиром мекошт,
Аз ангуштам асо ба каф дошт.
«Хиром коштан» аҷаб чизест» (Хизонаи омира. Саҳ. 153).

Мирғуломи Озод дар бахши намунаҳо аз ашъори Бедил ба ду байти шоир дахл низ намудааст. Он ду байт инҳоянд:

Гар наӣ аз аҳли сидқ, домани покон магир,
Оинаву рӯи зишт кофару рӯзи ҷазост.

То гуҳар бошад, чаро дарё кашад нанги ҳубоб?
Ҳайф бошад ҷуз дили ошиқ ба дасти ёр гул.

Озод дар мавриди байти аввал овардааст: «Мираъи сонии ин байт ба ғайри муддаъо ба услуби бадеъе воқеъ шуда. Мисраъи аввал чунин авлист: Хӯрдани ноқобилон бар дили равшан хатост».

Фикри Озод роҷеъ ба байти дуввум чунин аст: «Мисраи аввалӣ, мувофиқи табъам, чунин авлист: Шӯхи ноинсофи ман мечинад аз гулзор гул» (Хизонаи омира, саҳ. 162).

Дар поёни арзёбӣ аз навиштаҳои Озод тазаккур додан лозим аст, ки ӯ низ дар шарҳи ҳоли Бедил ба баъзе иштибоҳот роҳ додаст. Чунончи, дар асоси маълумоти Шералихони Лудӣ овардааст, ки Бедил ба муносибати кадхудоии Мирлутфуллоҳ - писари бузурги Шукруллоҳхон шеъре гуфтааст, ки ҳар мисраъи он таърих аст. Сипас ӯ як байти он шеърро иқтибос кардааст, ки ин аст:

Авқоти саъодати ду кавкаб,
Шерозаи улфати ду ҳамзод.
(Ниг.: Хазонаи омира, саҳ. 154).

Вале аз тазкираи Шералихони Лудӣ бармеояд, ки шеъри мазкур дар кадхудоии писари дигари Шукруллоҳхон - Мириноятуллоҳи Шокирхон гуфта шудааст. (Ниг.: Миъотулхаёл, нусхаи мазкур, вар. 254а).

Озод таърихи вафоти Бедилро сеюми моҳи сафар гуфтааст, ки ин ҳам ғалат аст. Чунон ки Хушгӯ, Орзу ва дигарон навиштаанд, рӯзи вафоти Бедил чоруми моҳи сафар аст. Ин маънӣ тавассути нусхаи хаттие аз рубоъиёти шоир, ки 9 рабеъулаввали соли 1133 (8 январи 1721) китобат шудаасту дар Музейи Британия маҳфуз мебошад, тасдиқ меёбад. Бино бар қавли Чарлз Рё, китоби нусхаи мазкур дар вараќи 126 он навиштааст, ки замоне, ки ин нусха китобат мешуд, муаллифи он Мирзо Абдулқодири Бедил ба рӯзи панҷшанбеи чоруми моҳи сафар вафот кард. (Ниг.: Феҳристи Рё, ҷилди иловагӣ, саҳ. 212).

Тавре ки гуфта шуд, як идда тазкираҳое ҳастанд, ки маълумоти онҳо такрори маводи тазкираҳои пешин аст. Аз ҷумла зикри Бедил дар «Тазкираи беназир»-и Абдулваҳоби Ифтихор, «Хулосатулафкор»-и Абӯтолибхони Исфаҳонӣ, «Натоиҷулафкор»-и Қудратуллоҳи Гупомӯӣ, «Шамъи анҷуман»-и Муҳаммад Сиддиқи Ҳасанхон дар асоси маълумоти

тазкираҳои Озод сурат гирифтааст. Муаллифони ин тазкираҳо гуфтаҳои Озодро ҷое айнан ва ҷое мазмунан нақл намуда, роҷеъ ба аҳволу осори Бедил сухани тозаеро илова накардаанд. Аз ин рӯ, зарур нест, ки навиштаҳои онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем.

Аз ҷумлаи манбаъҳои ба истилоҳ талфифӣ ба ду асари дигар «Суҳуфи Иброҳим» таълифи Алӣ Иброҳимхони Халил ва «Ништари ишқ» таълифи Ҳусайнқулихони Азимободиро метавон ном бурд. Муаллифони ин асарҳо он чӣ дар бораи ҳаёти Бедил навиштаанд, ҳама нақл аз «Сафинаи Хушгӯ» ва тазкираҳои Озод аст. Масалан, Алӣ Иброҳимхони Халил дар хусуси ному насаб ва маҳалли таваллуди Бедил навиштааст: «Мирзо Бедил мусаммо ба Абдулқодир ва муканно ба Абулмаъонӣ халафи Мирзо Абдухолиқ дар ҳазору панҷоҳу чаҳор, ба қавли Хушгӯ, дар Акбаробод ва ба қавли Мирғуломалии Озод, дар Азимобод милод ёфта» (Ниг.: Сухуфи Иброҳим, микрофилми № 1248 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон).

Ягона маълумоти тозае, ки Алӣ Иброҳимхони Халил дар бахши ҳаёти Бедил илова кардааст, он аст, ки Бедил, гӯё, дар кишвари Дакан тарки мулозамати Аъзамшоҳ намуда, аз ҳамон ҷо ба Деҳлӣ омада бошад. Ӯ навиштааст: «Ҳар гоҳ ба синни рашодат расид, дар рафоқати шоҳзода Муҳаммад Аъзам… қадам ниҳода, ба мансаби понсадӣ ва доруғагии кӯфтагархона махсус шуд. Дар он аҳён ҷазбаи тавфиқи азалӣ гиребонгири ӯ гашта, ба ҳиллае чанд тарки хидмат гуфта, аз ноҳияи Дакан ба Деҳлӣ омада, раҳли иқомат афканд» (Суҳуфи Иброҳим, микрофилми мазкур).

Ин ақидаро чанде аз муҳаққиқон чун Ёсинхони Ниёзӣ дар мақолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Оинаи ирфон, 1311 № 9-11; 1312 № 2-4, 5-6), Ғазанфар Алиев дар рисолаи «Адабиёти форсизабони Ҳинд» (М. 1968), Нурулҳасани Ансорӣ дар рисолаи «Баҳсе дар аҳволу осори Бедил» (Кобул, 1363) ва ғайра низ зоҳиран, дар пайравӣ аз «Суҳуфи Иброҳим» таъкид намудаанд.

Ангезае, ки Алӣ Иброҳимхони Халилро ба ин фикр водор кардааст, зоҳиран, он аст, ки Аъзамшоҳ аз соли 1092 (1681) то соли 1118 (1707) дар Дакан буд. (Ниг.: Абдулғанӣ, аҳвол ва осори Бедил, Кобул, 1351, с. 72). Аммо ӯ дар Дакан ба ҳайси субадори ин кишвар ҳузур надошт, балки аз тарафи падараш Аврангзеб барои саркӯб намудани султонҳои Дакан даъват шуда буд. Дар ин муҳорибаҳо писари бузурги Аврангзеб Муҳаммад Муъаззам низ иштирок дошт (Ниг.: История Индии в средние века, М., 1968, стр. 542).

Ҳамчунин тавре, ки маълум аст, Аврангзеб аз соли 1679 пойтахти худро аз Деҳлӣ ба шаҳри Давлатободи Дакан интиқол дода буд (ниг.: асари мазкур, с. 499) ва худи ӯ ҳокими воқеъии Дакан ба ҳисоб мерафт. Аъзамшоҳ агарчи бо иддае аз асокири хеш дар Дакан меҷангид, то соли 1114 (1702-1703) расман субадори Гуҷарот буд. Дар хусуси маҳз дар ҳамин сол аз субадории Гуҷарот озод шудани ӯ Шаҳнавозхон муаллифи «Маосирулумаро» навиштааст: «Ва дар соли 46 (аз ҷулуси Аврангзеб - Б.Р.) аз тағйири вукалои шаҳзода Муҳаммад Аъзамшоҳ, ки ба дархости худ ҳузури талаб гашта буд, бандубасти Аҳмадободи Гуҷарот ба ӯ (Иброҳимхон ном амир - Б.Р.) тафвиз ёфт» (Маосирулулумаро, ҷилди аввал, Калкултта, 1888, с. 299).

Ва ниҳоят, чунон ки борҳо тазаккур дода шуд, аз соли 1094 (1683) то соли 1096 (16850 дар Матҳро зистан ва маҳз дар ҳамин шаҳр тарки хидмат намуда, ба Деҳлӣ омадани Бедил ҳам аз «Чорунсур» ва ҳам аз «Руқаъот»-и ӯ хубӣ равшан аст.

Ба ақидаи мо, Бедил ба диёри Дакан умуман сафар накардааст. Дар ин бора на дар осори худи шоир ва на дар тазкираҳои дар замони ӯ таълифшуда ишорае ба назар намерасад.

Алӣ Иброҳимхони Халил агарчи дар бахши ҳаёту осори Бедил чизи тозае илова накардааст, вале доир ба ҳунари шоирӣ ва маҳорати сухансанҷии ӯ дар баробари такрори гуфтаҳои пешиниён андешаҳои худро низ иброз доштааст. Чунончи, дар мавриди касоне, ки ба шеъри Бедил эродҳо доранд, чунин навиштааст: «Пӯшида намонад, ки қавме ба хаёлоти дур аз кор интиқод ном ба каломи ӯ (яъне Бедил - Б.Р.) доранд, агарчи аз олами нек бошад. Ва ҳарчанд ҳосиди кӯр суханвар ва суханфаҳми машҳур аст, аммо суханаш дар ин маҳал ба маҳзи ноинсофӣ ва ғурур воқеъ шуда. Ва баҳс он аст, ки Бедил шоири муқтадир ва дар назму наср соҳиби тарзи хос аст. Лекин хубаш хубу бадаш бад аст» (Суҳуфи Иброҳим, Микрофилми мазкур).

Муаллифи «Ништари ишқ» Ҳусайнқулихони Азимободӣ низ роҷеъ ба ҳаёт ва осори Бедил маълумоти муфассалеро дарӣ намудааст. Вале, чунон ки гуфта шуд, гуфтаҳои ӯ саропо

такрори навиштаҳои Хушгӯ мебошанд. Албатта, дар сурати дастрас набудани тазкираи Хушгӯ, «Ништари ишқ» аз манбаъҳои асосии омӯзиши Бедил ба шумор хоҳад рафт. Вале чун маъхази ин асар, яъне «Сафинаи Хушгӯ»-ро дар ихтиёр дорем, ба тафсил аз назар гузаронидани маълумоти «Ништари ишқ» он қадар зарурат надорад. Дар ин маврид танҳо ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар «Ништари ишқ» дар баробари такрори гуфтаҳои Хушгӯ баъзе мушоҳидаҳои дигари қобили мулоҳаза низ мавҷуданд, ки ба мавзӯъот ва хусусиятҳои забониву услубии осори шоир марбут мебошанд. Масалан, Ҳусайнқулихон ва ҷумлаи тазкиранигорон ягона муаллифест, ки дар хусуси ашъори мадҳиявӣ доштани Бедил хабар додаст. Ӯ навиштааст: «Мирғуломалии Озоду Лачҳмӣ Нароини Шафиқ ва Алиқулихони Волеҳ дар тазкираҳои худ менигоранд, ки Мирзо дар мудатулумри худ дар мадҳи арбоби дувал забон накшуда. Ва ҳол он, ки дар «Руқаъот»-и Мирзо, ки бо Шокирхону Шукруллоҳхон навишта ва алҳол дар Ҳинд шӯҳрате том дорад, бештар ҷо онҳоро сутуда ва мадоеҳ гуфта» (Ништари ишқ, ҷилди I, Душанбе, 1981, с. 264).

Чунон ки мебинем, Ҳусайнқулихон дар баробари рад намудани ақидаи муаллифони пешин факти дар замони ӯ, яъне дар ибтидои асри XIX, шӯҳрати тамом доштани «Руқаъот-и Бедилро зикр намудааст, ки барои равшан кардани таъсир ва нуфузи осори ӯ дар ҳаёти адабии асри XIX Ҳиндустон аҳамияти калон дорад.

Ҳусайнқулихон дар мавриди баёни хунари шоирии Бедил низ бо такрори навиштаҳои Хушгӯ иктифо накарда, нуқтаи назари худро изҳор намудааст. Ӯ аз тасарруфоту ихтироъоти Бедил ёд намуда донандаи хуби забони форсӣ будани шоирро махсус таъкид кардааст. Ӯ илова кардааст, ки шеъри Бедил мақбули аксари донишмандони Ҳиндустон аст. Ба ақидаи Ҳусайнқулихон, аз маҳорати суханварӣ ва сухандонии Бедил касе огоҳ шуда метавонад, ки ба осори ӯ ба таври кофӣ ошно бошад. Тавре ки гуфтем, Ҳусайнқулихон, бар хилофи Алиқулихони Волеҳ, дар ақидаест, ки «аксар ашъори Мирзо мувофиқи қавоиди қудамо ва тарзи фусаҳост». Инак, гуфтаҳои муаллифи «Ништари ишқ»-ро мухтасаран дарӣ менамоем. Ӯ овардааст: «Мирзо аз баргузидаҳои шуъорои Ҳиндустон аст ва дар забондонӣ ва мусталаҳот бисёр таҳқиқот намуда, тарзи ҷадид ва маслаки нав ихтироъ карда, дар назму наср ба ғоят дасти қудрат дошта. Аксар олитабъони Ҳинд тарзи хоси ӯро мустаҳсан медоранд ва ба диққатписандиву борикбинии ӯ мукаррар муътарифанд. Ва чун Мирзо солики масолики тариқи ҷадид, ки хилофи муҳовараи қадим аст, гардида, лиҳозо бештар аз аҳли вилоят ва баъзе шуъарои Ҳинд забони таъна бар вай кушоянд. Аммо инсоф он аст, ки агар соҳибистеъдоде мутолаъаи куллиёташ намояд, бидонад, ки пояи сухансанҷӣ ва суханофариниро ба куҷо расонида» (Ништари ишқ, нашри мазкур, с. 265).

Ҳусайнқулихон илова кардааст, ки «чун тамоми каломи он нуктасанҷ ба таври тасаввуф ва тавҳид аст, лиҳозо ашъори ошиқона аз девони вай камтар бар меояд» (Ҳамон ҷо, с. 265).

Маълумоти Ҳусайнқулихон агрчи нақл аз тазкираи Хушгӯст, вале дар баъзе мавридҳо аз ӯ низ иштибоҳоте ба миён омадааст. Чунончи, ӯ навиштааст, ки Бедил пеш аз замони мулозамат дар ҳузури Аъзамшоҳ дар саркори Шоҳшуҷоъ ном шоҳзода низ хидмат кардааст, «Авоили ҳол, - навиштааст ӯ, - дар саркори Шоҳшуҷоъ - фарзанди миёнаи Шоҳиҷаҳонподшоҳ мулозим гардид ва баъд аз синни тамизу касби баъзе улум ба рафоқати шоҳзодаи олиҷоҳ Муҳаммад Аъзамшоҳ мунсалик гардида ба мансаби понсадии зот ва хидмати кӯфтагархона сарфарозӣ ёфт» (Ништари ишқ, нашри мазкур, с. 263).

Чунон ки маълум аст, Шоҳшуҷоъ дар соли 1622 вафот кардааст, ки дар ин вақт Бедил 18-сола буду дар тарбияи тағояш Мирзо Зариф қарор дошт. Илова бар ин, дар ягон манбаъи замони шоир дар ин бора ишорае нарафтааст.

Ягона воқеъае, ки аз робитаи Бедил бо лашкари Шоҳшуҷоъ дарак медиҳад, ин аст, ки Бедил дар соли 1068 (1657-58) дар сини чордаҳсолагӣ бо иҷозати амакаш Мирзо Қаландар дар яке аз сафарҳои ҳарбӣ иштирок карда буд. Ин воқеъа замоне рух дода буд, ки ҳокими Банголаву Биҳор шоҳзода Муҳаммадшуҷоъ, яъне Шоҳшуҷоъи мазкур, хабари бемории падараш Шоҳиҷаҳонро шунида, ба мақсади тасхири тоҷу тахти Ҳиндустон ба сӯи Деҳлӣ лашкар кашида буд ва дар қаламравӣ худ фавҷҳои зиёдеро барои таҳияи маводи фатҳ ташкил ва сафарбар намуда буд. Яке аз чунин фавҷҳо бо сардории Мирзо Абдулатиф ном хеши Мирзо Қаландар дар сарҳадоти шимолии Патна, дар кӯҳистони Тирҳат амал менамуд, ки Бедили чордаҳсола дар ҳайъати он шомил буд. Ба қавли худи Бедил, ин сафари ҳарбӣ беш аз

се моҳ давом кард ва барои Бедили хурдсол ба ҳайси як мактаби далериву бурдборӣ хидмат намуд (Ниг.: К.Б., ҷ, 4, Чорунсур, с. 3030--314).

Вале гумон намекунем, ки Ҳусайнқулихон аз мулозамат дар саркори Шоҳшуҷоъ маҳз ҳамин воқеъаро дар назар дошта бошад. Пас иллати иштибоҳи ӯ дар чист?

Чунон ки гуфтем, қисми зиёди маълумоти «Ништари ишқ» нақл аз «Сафинаи Хушгӯ» аст. Аз ҷумла маъхази ин фикри ғалат низ ҳамин асар аст. Лекин дар тазкираи Хушгӯ на дар хусуси Бедил, балки дар бораи амаки ӯ Мирзо Қаландар сухан рафтааст. Хушгӯ ҷое ки дар хусуси вафоти модари Бедил таваққуф менамояд, менависад: «Мирзо Қаландар бародари аёнии Мирзо Абдулхолиқ (падари Бедил - Б.Р.) бори тарбият ва парваришро бар дӯш гирифта, бар таҳсили улуму сарфу наҳв раҳнамунаш шуд. Ба ҳар ҳол Мирзо (Мирзо Қаландар - Б.Р.) ҷавоне шоҳзӯру солеҳ, муртозу шуҷоъ ва бо дигар авсоф мавсуф буд. Авоил навкарии саркори Шоҳшуҷоъ писари дувуми Шобиҷаҳонподшоҳ дошт. Ва навбати риёзаташ аксар ба арбаъайн кашидӣ ва дар ҳафта ба як ҷом шир қаноъат намудӣ. Турфа ин ки дар сояи вай ақрабро тоби ҳаракате намондӣ ва аксар аз рӯи имтиҳон лаҳзае зери соя доштӣ, ночор ба сӯрохи одам хазидӣ. Ва дигар қуфлҳои шадиди оҳанинро ба ишораи сабобааш ҷуз кушоиш чора набуд. Чун аз ин ҳарду кайфият пурсиданд, вармуд: нахустин азалисту сонӣ амалӣ, ки ба мувозабати исми фаттоҳ насиб шуда буд» (Сафинаи Хушгӯ, с. 105-106).

Ду ҷумлаи охирини порчаи боло иқтибос аз «Чорунсур»-и Бедиланд, ки дар ин ҷо низ дар таърифи Мирзо Қаландар гуфта шудаанд. Ин ҷумлаҳо дар «Чорунсур» дар ин шакл омадаанд: «Аз аҷоиби хавоси тинаташ яке он, ки дар сояаш ҳаракат аз аъзои ақраб рамидӣ ва тоқати рафтораш ба тапидани назъ кашидӣ. Ва агар аз роҳи имтиҳон лаҳзае таваққуф фармудӣ, ночор ба сӯрохӣ адам хазидӣ. Дуввум қуфлҳои оҳанӣ ба ишораи сабобаш аз кушоиш чора надошт ва пеш аз он ки бар мисосе роҳи оғӯш кушояд, дари бастагӣ мегузошт. Аз ҳақиқати ин ду асрор мефармуд, ки муқаддимаи нахустин азалист ва кайфияти сонӣ амалӣ (К.Б., ҷ. 4, Чорунсур, с. 57).

Ҳусайнқулихон ҷое, ки аз тазкиранависони пешин Волеҳ, Озод ва Шафиқ ёд намуда, фикри онҳоро дар хусуси ашъори мадҳиявӣ надоштани Бедил рад кардааст, илова намудааст, ки «зоҳиран муроди ин бузургон (яъне Волеҳ, Озод ва Шафиқ - Б.Р.) - аз назм ва маддоҳии ом бошад, ки ин маънӣ, албатта, аз девони ӯ собит намешавад» (Ништари ишқ, с. 264).

Вале дар асл ин тавр нест. Дар эҷодиёти Бедил дар муқобили ашъори на чандон зиёде, ки дар мадҳу ситоиши аҳли дувал бахшида шудааст, садҳо мираъ ва сатрҳоро метавон пайдо кард, ки дар васфи инсони оддӣ, яъне аҳли меҳнат, ки ба қавли Ҳусайнқулихон, мардуми оманд, суруда шудаанд. Чунончи, бобҳои алоҳидаи маснавии «Ирфон» аз меҳнати деҳқон ва дигар ҳунарварон ҳикоят менамоянд. Гузашта аз ин, мавзӯъи асосии ин маснавӣ аз ситоиши инсон ва тасвири шуғли гуногунсоҳаи он иборат мебошад. Дар ин бора ишораи худи шоир, ки ба ҳайси унвони бахши асосии асар омадааст, далел аст. Унвони бахши асосии маснвӣ ин аст:

Дорад акнун қалами шавқбаён
Сеҳрпардозии шуғли инсон.
(К.Б., ҷ. 3, Ирфон, с. 96).

Аз маснавии дигари шоир «Тӯри маърифат» низ мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст, ки дар васфи инсони оддӣ ва кору бори он суруда шудаанд. Барои мисол порчаеро нақл менамоем, ки дар он меҳнати пурмашаққати маъданканон мавриди тасвир қарор гирифтааст. Шоир навиштааст:

Гурӯҳе ҳамчу чин дар домани кӯҳ,
Ба завқи чоҳ кандан гашта анбӯҳ.
Зи тадбири дигаршон даст кӯтоҳ,
Далели Юсуфи мақсад ҳамон чоҳ.
Ба он кӯшиш, ки кӯҳ аз ҳайбати он
Саросар кӯча гардад чун найистон.
Ба он ҷаҳде, ки санги ҷавфноёб

Кунад қолаб тиҳӣ то маркази об.
Ҳазорон чоҳу бар ҳар чоҳ халқе,
На сомони ридоеву на далқе.
Ба урёнӣ саропо қатраи об,
Ба оҳнги чакидан ашки бетоб.
Тараддудпеша атфолу зану мард,
Баданҳо хокмолу чеҳраҳо зард.
Чу бар сӯроххо анбӯҳии мӯр,
Чу ҷӯшишҳои хун дар табъи носур.
Ба фарқи ҳар як афрӯзон чароғе,
Сари савдойиву сомони доғе.
Бурун оранд об аз чоҳ чандон,
Ки беобӣ занад дар хок дандон…
Зиҳӣ ҷаҳди заъифиҳои инсон,
Ки душворе чунинро кард осон.
Ба даст овардани матлуби ноёб
Тиҳӣ гардондани дарёст аз об.
Фалакро бо тарддудпеша аҳд аст,
К-аз асбоб он чӣ ёбӣ, музди ҷаҳд аст.
(К.Б., ҷ. 3, Тӯри маърифат, с. 29).

Шоир ва тазкиранависи асри XVIII Ғулом Ҳамадонии Мусҳафӣ низ дар тазкираи хеш «Иқди сурайё» аз Бедил мухатасаран ёд кардааст. Ӯ доир ба ҳаёт ва осори Бедил чизи тозае илова накарда бошад ҳам, роҷеъ ба қабри шоир ва ҳолати он дар охири асри XVIII маълумоти дақиқеро ба ёдгор гузоштааст. Бино бар шаҳодати Мусҳафӣ, қабри Бедил дар соли 1199 ҳиҷрӣ (1784-85), ки санаи таълифи тазкираи ӯст, ҳанӯз бар ҷой будааст. Вале хонаи шоир дар ҳолати вайронии маҳз қарор доштааст (Ниг.: Иқди сурайё, Кобул, 1362, с. 20).

Маълумоти Мусҳафӣ ақидаеро, ки гӯё, дар замони салтанати Аҳмадшоҳи Дурронӣ (1747--1773) устухонҳои Бедилро аз Деҳлӣ ба Кобул оварда, дар Ҳоҷаровош ном минтақа гӯронидаанд, ба куллӣ ботил месозад. Зеро таърихи вафоти Аҳмадшоҳ соли 1773 асту Мусхафӣ қабри Бедилро дар Деҳлӣ дар соли !885 зиёрат кардааст. Ба таъбири дигар гӯем, дувоздаҳ сол баъд аз вафоти Аҳмадшоҳ қабри Бедил дар Деҳлӣ мавҷуд ва маълум будааст (Дар ин бора ниг. Ба мақолаи «Марқади дурӯғини Бедил»).

Маълумоти тазкиранависи дигари ин аср Бҳагвандоси Ҳиндӣ низ ҳаҷман хеле мухтасар буда, дар шарҳи ҳоли Бедил чизеро илова карда наметавонад. Ягона фикри тозае, ки дар «Сафинаи Ҳиндӣ» ном тазкираи ин муаллиф мебинем, сухани ӯ доир ба ҳаҷми куллиёти Бедил аст. Ӯ навиштааст: «Роқим куллиёташро ба чашми худ дида, ҳаштод ҳазор байт хоҳад буд» (Сафинаи ҳиндӣ, Патна, 1985, с. 29).

Чунон ки дидем, тазкиранависони пешин ҳаҷми куллиёти Бедилро мобайни 90-100 ҳазор байт гуфтаанд. Бҳагвандоси Ҳиндӣ, ки ҳаҷми онро 80 ҳазор байт мегӯяд, зоҳиран, бахши манзумашро дар назар дорад, ки тахминан наздик ба ҳамин миқдор аст.

Аз ҷумлаи манбаъҳое, ки зикри Бедилро дар бар кардаанд, чанд асари таърихиро низ метавон ном бурд. Ин асарҳо иборатанд аз «Миръотулолам»-и Муҳаммад Бахтовархон, «Таърихи Музаффарӣ»-и Муҳаммадалихони Ансорӣ ва «Мунтахабуттаварих»-и Муҳаммад Ҳакимхони Хуқандӣ. Маълумоте, ки дар «Миръотулолам» дарӣ гардидааст, ин аст: «Бедил мавсум ба Абдулқодир. Девоне тартиб дода ва муддате мулозими саркори шоҳзодаи хуҷасташиям Муҳаммад Аъзам буд». (Миръотулхаёл, нусхаи хаттии № 2097 Институти Шарқшиносии АИ Ӯзбакистон).

Муҳаққиқи афғонистонии Бедил Асадуллоҳ Ҳабиб маълумоти «Миръотулолам»-ро мавриди истифода қарор дода, таъкид намудааст, ки ин асар аввалин сарчашмаест, ки доир ба Бедил ахборот додаст. (Ниг.: Хабиб. Бедили «Чаҳор унсур». Кандидатсия диссертация. М. 1974).

Тибқи моддаи таърихе, ки дар муқаддимаи «Миръотулолам» мавҷуд аст (Миръоти

Сикандари замона), ин асар дар соли 1078 ҳиҷрӣ (1667-68 милодӣ) таълиф шудааст, ки ба сини 24 солагии Бедил рост меояд. Аммо Бедил дар ин вақт ҳанӯз ба хидмати Аъзамшоҳ нарафта буд ва девони ашъор ҳам мураттаб накарда буд. Таърихи ба мулозамати Аъзамшоҳ рафтани Бедил соли 1081 (1670-71) аст ва девони нахустини ӯ дар байни солҳои 1096-109 (165-87) тартиб ёфтааст. Чунон ки дидем, зикри Бедил дар ин асар вақте иншо шудааст, ки ӯ аз хизмати Аъзамшоҳ фориғ будааст. Ба назар чунин мерасад, ки қисми хотимавии «Миръотулолам», ки «Дар зикри шуъорои балоғатшиъор» унвон дорад, дертар, аниқтараш, баъд аз соли 1096 (1685) илова шудааст. Ин илова, ғолибан, тавассути каси дигар сурат гирифтааст. Зеро муаллифи асар Муҳаммад Бахтовархон дар ибтидои соли 1096 (1686) фавтида буд. (Ниг.: Ч. А. Сторӣ, Персидская литература, I. М., 1972, стр. 441).

Дар асари мазкури Сторӣ омадааст, ки муаллифи «Миръотулолам» Муҳаммадбақои Саҳоранпурист, на Муҳаммад Бахтовархон. Дар сурати ба Муҳаммадбақои Саҳоранпурӣ таъаллуқ доштани асар ҳам бахши мазкур аз ҷониби каси дигар илова шудааст. Зеро вафоти Муҳаммадбақои Саҳоранпурӣ қабл аз вафоти Бахтовархон, яъне дар соли 1094 (1683) рух додааст. (Ниг.: Сторӣ, асари зикршуда, с. 440).

Соҳиби «Таърихи Музаффарӣ» (таълиф 1211\1797) навиштаҳои муаллифони пешинро дар хусуси ба хидмати Аъзамшоҳ пайвастан ва дар асари мадҳ накардани шаҳзода аз хизмат даст кашидани шоирро зикр намуда, илова кардааст, ки «обои вай аз мардуми Турон буд» (Ниг.: Таърихи Музаффарӣ, нусхаи хаттии № 27-14 Архиви милли Афғонистон, саҳ. 174).

Ансорӣ роҷеъ ба осори Бедил изҳори назар карда, навиштааст: «Се девони захим тартиб дода… рубоъиёти ӯ, ки девони алоҳида аст, бар рубоъиёти муқаддимин тарӣеҳ дорад. Чанд маснавии мисли «Муҳити аъзам», «Тӯри маърифат» ва ғайра хеле ба балоғат гуфта. Аз насрҳои ӯ «Чаҳорунсур» ва «Руқаъот» ёдгори рӯзгор аст».

Гуфтан лозим аст, ки дар маълумоти мухтасари Муҳаммадалихони Ансорӣ низ баъзе нодақиқӣ ва иштибоҳот дида мешавад. Чунончи, «бештари авқот дар Азимободи Патна ба сар мебурд» гуфтани ӯ саҳеҳ нест. Шоир дар Азимобод, ки зодгоҳи ӯ мебошад, то синни 17-солагӣ, яъне то соли 1071 (1660-61) зиндагӣ кардаасту халос. Соли 1071 ӯ бо ҳамроҳии тоғояш Мирзо Зариф ба вилояти Урисса рафта, то соли 1075 (1664-65) дар он ҷо иқомат кард. Соли 1075 ба Азимобод баргашта, дар худи ҳамон сол озими шаҳри Деҳлӣ гардид ва пас аз як сол – соли 1076 (1665-66) ба Деҳлӣ омад ва дигар бор ба Азимобод ва умумун ба кишвари Биҳору Бангола барнагашт.

Асорӣ аз ҳодисаи вафоти шоир ва дар саҳни ҳавлии худ дафн шудани ӯ сухан карда, илова кардааст, ки Ҳунарвархони Оқил ном шоир «нағмаи ҷаҳон» таърих ёфт. Вале аз таъбири мазкур адади 1154 бармеояд, ки нисбат ба таърихи вафоти Бедил 21 сол зиёд даст.

Фикри Ансорӣ дар хусуси се девони захим тартиб додани Бедил низ баҳснок аст. То ҷое ки ба мо маълум аст, Бедил ба таври ҷудогона се девони мустақил тартиб накардааст. Вале то кунун се таҳрир ё худ се варианти гуногуни девони ӯ маълум аст. Таҳрири аввал, ки дар адабиёти илми бо номи «Девони қадим» шинохта шудааст, чунон ки гуфтем, дар байни солҳои 1096 – 1098 (1685-1687) мураттаб гардидааст. Варианти дуввуми девони шоир, зоҳиран то соли 1108 (1697) мураттаб гардидааст. Зеро қадимтарин нусхае, ки аз ин вариант маълум аст, нусхаи китобхонаи Донишгоҳи Карочист, ки дар даҳи рамазони 1108 (2 апрели 1697) рӯйнавис шудааст. Ба ниҳоят, таҳрири саввум ва охирини девони Бедил он аст, ки ғайр аз рубоъиёти шоир тамоми ашъори лирикӣ ва чанд маснавиҳои кӯчакро фаро гирифтааст. Қадимтарин нусхаи ин вариант дар таркиби куллиёти Бедил дар китобхонаи омавии Худобахш (шаҳри Патна) маҳфуз мебошад.

Муаллифи «Мунтахабуттаворих» Муҳаммад Ҳакимон факти дар асри Аврангзеби Оламгир зиндагӣ кардани Бедилро зикр намуда, таъкид кардааст, ки Бедил дар ҷавонӣ мирзои Аврангзеб буд. «Баъд аз он, -- идома додаст ӯ, -- ба сараш ҳавои қаландарӣ афтода, кунҷи инзиво ихтиёр намуд. Аврангзеб дар мулозамат кардани ӯ бисёр муболаға намуд, Мирзо қабул намекард» (Мунтахабуттаворих, ҷилди I, Душанбе, 1983, с. 261).

Ҳакимхон инчунин илова кардааст, ки Мирзо духтаре дошт, ки шабу рӯз ба мусоҳабати Зебунисо буд.

Байти зерин, ба гуфтаи Ҳакимхон, зодаи табъи духтари шоир аст:

Ёрам маро ба хонаи танҳо нишонду рафт,
Гуфтам, ки ман ғуборам, ӯ доман фишонду рафт.

Ақидаи Ҳакимон дар хусуси мирзои дарбори Аврангзеб будани Бедил, албатта, ғалат аст. Ин маънӣ, на аз осори худи шоир ва на аз ахбори муъосирони ӯ барнамеояд. Фикри духтар доштани Бедил низ беасос аст. Бедил ба ғайр аз Абдухолиқ ном писар, ки он ҳам дар синни дусолагиву ҳаштмоҳагӣ вафот карда буд, фарзанди дигаре надошт. Ин маънӣ аз рубоъии зерини шоир, ки дар таваллуди Абдухолиқ гуфта шудааст, ба хубӣ равшан аст:

Бедил, таърихи интихобафвоҳам
Бе рамзе нест, гар шавӣ огоҳам,
Шасту шаш сол фард Будам, к-аз ғайб
Абдухолиқ шуд «интихобуллоҳ»-ам.

Байте, ки Муҳаммад Ҳакимхон ба духтари Бедил нисбат додаст, аслан ба шоири асри XVIII Абдулаттифхони Танҳо таъаллуқ дорад (Ниг.: Калимотушшуъаро, Лоҳур, 1942, с. 20).

Аммо ишораи Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи муболағаи Аврангзеб ҷиҳати ба дарбор ҷалб намудани Бедил беасос нест. Аз муаллифони пешин агарчи касе ба ин мазмун ишора накардааст, ба ҳақиқати ин маънӣ яке аз номаҳои худи Бедил, ки ба Қобилхони муншӣ - муншии дарбори Аврангзеб – навишта шудааст, далолат менамояд. (Дар ин бора ниг., ба мақолаи « Роҷеъ ба як номаи Бедил»).

Маълумоте, ки роҷеъ ба Бедил дар «Тазкираи Фаҳмӣ»-и Абдулмуталлибхоҷаи Самарқандӣ мавҷуд аст, дар асоси асарҳои худи шоир сурат гирифтааст. Хоҷа Фаҳмӣ аз ибораи «файзи қудс» зоҳир шудани таърихи валодати Бедилро зикр намуда, таъкид кардааст, ки Бедил аз муридони Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ (вафоташ-- 1083) (1672-73) мебошад.

Аз як ишораи Фаҳмӣ маълум мешавад, ки шоирро баъзан бо тахаллуси «Бедилӣ» низ ёд мекардаанд. Фаҳмӣ ба ин муносибат аз ашъори худи шоир далел оварда, иштибоҳи мазкурро ислоҳ намудааст. Ӯ навиштааст: «Дар ҷаридаи ашъор тахаллуси вай «Бедил» аст, на «Бедилӣ». Ҳазордил аст. Чунончи, дар девони худ фармуда:

Ба сурат Бедилем, аммо ба маънӣ
Буд чун ашк сар то пои мо дил».
(Тасхираи Фаҳмӣ, нусхаи № 952. институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, саҳ. 2).

Хоҷа Фаҳмӣ пас аз Муҳаммад Ҳакимхони Кӯқандӣ дуввумин муалифест, ки аз ҳодисаи ба дарбори Аврангзеб даъват шудани Бедил хабар додааст. Ӯ навиштааст: «Подшоҳи маърифатпаноҳ Аврангзеб вайро ба навиштани хututу арқоми тавқеъи маншури аморат ба атрофи ҷаҳон ифтихор дода будааст. Аз он талаб истиғно намуд, умри гаронмояи худро масруфи ашъори обдор гардонида» (Ҳамон ҷо, саҳ. 4).

Тавре, ки гуфта шуд, Аврангзеб барои ба дарбор ҷалб намудани Бедил кӯшишҳо ба харӣ дода буд. Аммо гуфта наметавонем, ки ин кӯшишҳо маҳз барои «навиштани хututу арқом»-аморат буданд.

Хоҷа Фаҳмӣ дар байни тазкиранависон аввалин муаллифест, ки дар асоси ишораҳои худи Бедил таърихи таълифи ду асари ӯ – «Муҳити аъзам» ва «Чорунсур»-ро зикр намудааст. «Дар таърихи 1084, - навиштааст ӯ, - китоби маснавии «Муҳити аъзам»-ро ба шерозаи назм кашида ва дар синни чиҳилуяксолагӣ дар таърихи 1116 китоби «Чорунсур»-ро нақшбанди нигорхонаи ҷаҳониён кардааст. (Ҳамон ҷо, с. 5).

Тавре ки маълум аст, дар баъзе аз нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои сангии «Муҳити аъзам» моддаи таърихи ин маснавӣ ибораи «мадди ғам» аст, ки ба санаи 1084 барорбар мебошад. Инчунин таърихи таълифи «Чорунсур», воқеъан, соли 1116 ҳиҷрӣ мутобиқ ба солҳои 1074-1705 милодист. Аз ин ҷиҳат навиштаи Фаҳмӣ дуруст аст. Лекин ишораи ӯ дар хусуси дар сини 41 солагӣ «Чорунсур»-ро итмом расонидани Бедил аз ҳақиқат дур аст. Чунон ки маълум аст, Бедил дар ин вақт ба таълифи асар акнун шурӯъ намуда буд. Гузашта аз ин, замони 41 солагии шоир ба соли 1095 рост меояд, на ба соли 1116.

Фаҳмӣ инчунин аз дигар асарҳои Бедил ёд карда, бахше аз маснавии «Ирфон»-ро, ки «Миръотуллоҳ» унвон дорад, дар қатори «Тилисми ҳайрат», «Тӯри маърифат» ва «Ирфон» ҳамчун асари мустақил номбар намудааст.

Хоҷа Фаҳмӣ дар шарҳи аҳволи Бедил ба осори худи шоир такя намуда, зоҳиран, аз манбаъҳои дигар умуман истифода накардааст. Дар акси ҳол ӯ дар мавриди вафоти Бедил ба иштибоҳи ҷиддӣ роҳ намедод. Ӯ соли вафоти Бедилро 1146 ҳисобида, илова кардааст, ки «шоир ишораи фавти худ карда» ва ба ҳайси далел ин байтро овардааст:

Бедил, зи дил талаб кард таърихи реҳлати худ,<br>
Омад нидо, ки бурданд «нур» аз «чароғи олам».

Байти зикршуда, воқеъан, ба қалами Бедил таъаллуқ дорад. Вале он на дар таърихи вафоти худи ӯ, балки дар таърихи вафоти яке аз шоирон ва фозилони аср Абдулазизи Иззат (1631-1678) гуфта шудааст, ки шакли саҳеҳи мисраъи авали он чуни наст: «Бедил, зи дил талаб кард таърихи реҳлати ӯ». (Ниг:. К.Б., ҷ. с. 2, қитъаот, саҳ. 125).

Сониян, аз мисраъи дуввуми ин байт санаи 1089 бармеояд, на 1146, ки Фаҳмӣ пиндоштааст.

Охирин тазкиранависе, ки аз Бедил ёд намуда ба шеъри ӯ эрод низ гирифтааст, муаллифи тазкираи «Риёзулорифин» (соли таълиф - 1300/ 1883-84) Офтоб Ройи Лакҳнавист. Ӯ навиштааст: «Бедил, яъне Мирзо Абдулқодири барлоси Азимободӣ, ки аз касрати сукунати Деҳлӣ ба «Деҳлавӣ» машҳур аст. Агарчи баъзе аз ҳиндуёни нобалад ӯро аз аъозими шуъаро медонанд, аммо назди аҳли забон чи ҳеҷ. Форсии ӯ монанди Носиралӣ бадтар аз ҳиндист». (Риёзулорифин, Бахши аввал, Теҳрон, 1976, саҳ. 123).

Аз иқтибоси боло бармеояд, ки Офтоб Рой ба эҷодиёти Бедил умуман ошно набудааст. Вагарна ӯ дар кори баҳо додан ба шеъри Бедил ба такрори гуфтаҳои дигарон иктифо намекард. Мурод аз «аҳли забон» Офтоб Рой мардуми Эрон, дурусттараш, аҳли илму адаби Эронро дар назар дорад.

Тавре ки дидем, тазкиранависони пешин Хушгӯ, Волеҳ, Орзу ва Озод низ ба ин маънӣ ишораҳо кардаанд. Вале ҳеҷ кадоме аз онҳо, аз ҷумла Волеҳ, ки зодаи Эрон аст, шеъри Бедилро ба ҳеҷ баробар накардаанд, балки шеърҳои баланду барҷаста доштани ӯро эътироф намудаанд.

Тазкиранависи дигари эронӣ Ризоқулихони Ҳидоят, ки дар «Маҷмаъулфусаҳо» ба баъзе шоирони ҳиндӣ баҳои манфӣ додаст, дар асари дигари худ, ки низ «Риёзулорифин» унвон дорад, Бедилро ба бузургӣ ва камназирӣ дар аҳди худ сутудааст. Ӯ навиштааст: «Бедили Деҳлавӣ. Номи шарифаш Мавлоно Абдулқодир ва назираш дар аҳди худ нодир. Дар оғози шубоб аз мулозамат истеъфо гузида, дар маҷмаъи аҳли камол ва маӣлои арбоби ҳол (қарор дошта). Дар таҳқиқ ягона ва таҷрид мусаллами аҳли замона. Маснавӣ мавсум ба «Муҳити аъзам» ба забони дарвешон ба баҳри тақоруб аз эшон дида шуда ва девони мабсуте низ дорад» (Риёзулорифин, Теҳрон, 1316, с. 70).

Илова бар манбаъҳои мазкур чанд асари дигареро низ метавон ном бурд, ки дар онҳо аз Бедил ва шеъри ӯ сухан рафтааст. Ин асарҳо иборатанд аз «Гули раъно»-и Лачҳмӣ Нароини Шафиқ, «Ҳадикатулбулағо»-и Мир Шамсидини Фақир, «Сафинаи ишрат»-и Даргадоси Ишрат, «Баҳоритони сухан»-и Мир Абдуразоқи Хофӣ, «Навбаҳор»-и Муҳаммад Рафеъъудини Рафеъ, «Майкада»-и Аҳмадкулихони Сорамӣ, «Ҳадиқатушшуаро»-и Мирзо Амирбеки Амир ва ғайра. Азбаски ин асарҳо дастраси мо нестанд, дар бораи арзишу аҳамияти маълумоти онҳо чизе гуфта наметавонем. Чун ҳамаи ин тазкираҳо дар асрҳои XVIII-XIX таълиф шудаанд, доир ба ҳаёту мероси адабии Бедил шояд сухани тозае дар онҳо вуҷуд надошта бошад. Вале аз эҳтимол дур нест, ки муаллифони ин тазкираҳо доир ба шеъри Бедил, ҳунари шоирӣ ва хусусиятҳои сабкиву услубии эҷодиёти вай изҳори назар карда бошанд. Ин тахминро порае аз навиштаҳои муаллифи «Баҳористони сухан», ки Забуҳулло Сафо дар китоби худ «Таърихи адабиёт дар Эрон» овардааст, тавқият медиҳад. Пораи мазкур шоҳиди он аст, ки гуфтаҳои Мир Абдураззоқи Хофӣ дар хусуси Бедил муҳақиқона ва ноқидонаанд. Ӯ навиштааст: «Саромади ғомизхаёлони волиистеъдод ва ҷамеъи маънибандони хушфикрро устод аст. Бар сарири сухангустарӣ фарри доройӣ ва шукӯҳи

ҷамшедӣ дошта ва дар дорулмулки суханварӣ кӯси рустамӣ навохта. Аз бадви намоиши сухан чунин маънисанҷи баландфикр ҷилвафармои зуҳур нагашта. Агарчи дар мутақаддимин Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дар мутаахирин Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бо фазоили сувариву камолоти маънавӣ дар фунуни шоирӣ ҷомеъияти тамом доштанд, аммо дар ин замона вай ба дастёрии фикри расову поймардии табъи баланд роҳу расми сухандониро ба шоистагии тамом варзида ва дар ҳама машоми сухандониву анвоъи маъниёбӣ ба камоли ҷомеъият шӯҳрати офоқ гардида. Балки ба матонати алфозу таносуби фақарот, басти тарокибу нишасти муфрадот ва рангинии хаёлу расоии андоз муҷиди оини тоза ва возеъи равише ҷудогона, ки носихи тарзҳои мустаъору моҳии таврҳои бостонӣ тавонад буд, гашт.

Бастаст қазо бар кӯҳанавроқи сипеҳр

Шерозаи нав аз сухани тозаи ӯ»

(Ниг.: Забеҳулло Сафо, Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷилди 5, бахши 2, Теҳрон 1368, с. 1378-79).

Шарҳи ҳол ва намунаҳои ашъори Бедилро дар чанде аз тазкираҳои дар асри XX таълифшуда, аз ҷумла, дар асарҳои Абдулғанихони Ғанӣ «Тазкиратушшуъаро» (Алигарҳ, 1916), Муҳаммад Ҳусайни Озод «Нигористони форс» (Лоҳур, 1922, ба забони урду), Муҳаммад Азимулҳаққи Ҷунайдӣ «Маосири аҷам» (Агра, 1941, ба забони урду), Муҳаммад Икром «Армуғони пок» (Карочӣ, 1952), Забеҳулло Сафо «Ганҷи сухан» (Теҳрон, 1340), Ҳарумал Садорангонӣ «Порсигӯёни Ҳинду Синд» (Теҳрон, 2435) ва ғайра дидан мумкин аст. Азбаски зикри шоир дар ин асарҳо хулосаи маълумоти тазкираҳои пешин аст ва тазкираиҳои асри XX-ро маъмулан ба гурӯҳи адабиёти илмӣ дохил менамоянд, баррасии маълумоти онҳоро дар ин мақола зарур намешуморем.

Ва ниҳоят, зикри Бедилро дар сарчашмаҳои адабиёти урду низ пайдо намудан мумкин аст. Аз ин гурӯҳи манбаъҳо «Никотушшуъаро»-и Миртақии Мир, «Табақатушшуъаро»-и Қудратуллоҳи Шавқ, «Махзани никот»-и Муҳаммад Қиёмудини Қоим, «Тазкираи шуъарои урду»-и Мирҳасани Деҳлавӣ, «Гулшани Ҳинд»-и Мирзоалии Лутф ва «Маҷмӯъаи нағз»-и Қудратуллоҳи Қосимро метавон зикр кард. Вале бо истиснои «Маҷмӯъаи нағз» маводи тазкираҳои мазкур такрори маълумоти манбаъҳои форсӣ мебошад ва фикре, ки қобили мулоҳаза бошад, дар онҳо дида намешавад. Масалан, маълумоти қадимтарин тазкираи адабиёти урду «Никотушшуъаро» ин аст: «Мирзо Абдулқодири Бедил шоири пурзӯри форсӣ, соҳиби девони панҷоҳ ҳазор байту маснавиёт ва ғайра. Авоили ҷавонӣ навкари шаҳзода Муҳаммад Аъзамшоҳ буд. Баъд аз чанде тарки рӯзгор гирифта, фурӯкаш кард. Аз мазоқи шеъри ӯ дарёфт мешавад, ки баҳраи куллӣ аз ирфон дошт. Ду шеъри рехта ба номи ӯ шунида мешавад. Шояд ба тақрибе гуфта бошад» (Иқтибос аз мақолаи А. Ғаффоров «Миртақии Мир» ва тазкираи ӯ «Никотушшуъаро»- маҷмӯъаи «Ҳинду Покистон», Душанбе, 1987, саҳ. 4).

Аз ҷумлаи тазкираҳои адабиёти урду, чунон ки гуфтем, танҳо як асар - «Маҷмӯъаи нағз»-ро метавон ном бурд, ки дар бораи Бедил чан лаҳзаи тозаро дар бар кардааст. Худи тазкира, мутаассифона, дастраси мо нагардид. Зикри Бедилро аз он устод Халилӣ дар рисолаи «Файзи қудс» (Кобул, 1334, с. 88) мухтасаран дарӣ кардааст, ки мо низ онро иқтибос менамоем. Устод Халилӣ навиштааст: «Вай (яъне Қудратуллоҳи Қосим- муаллифи «Маҷмӯъаи нағз»- Б.Р.) Мирзоро ба бузургиву устодӣ сутуда мавлиди вайро ба иштибоҳ Бухоро пиндошта ва касонеро, ки ба таркиботи Бедил интиқод кардаанд, маломат дониста ва гуфтааст: агар шоирони Эронро касе бигӯяд, ки панӣ байт ба забони урдуи муъалло бигӯед, ба васфи умр ба сар бурдан дар Ҳиндустон саранҷом натавонанд, чӣ рассад ба девони бузург. Зиҳӣ инсофдушманӣ бар марде, ки аз вай қурби сад ҳазор рубоъӣ, ғазал, мухаммас, маснавӣ, ва ғайра анвоъи сухан ба санҷидагӣ монда, ба хатои муҳовара, ки ҷое чанд иттифоқ афтода, хӯрдагиранд. Ӯ (яъне Қудратуллоҳи Қосим- Б.Р.) мегӯяд: девонҳои Бедил дувоздаҳҳазориву ҳафтҳазорӣ ва панӣҳазорӣ хитоб доранд. Вай ҳикоят мекунад, ки рӯзе (Бедил) дар аснои роҳ ба наввоб Қутбулмулк Сайид Ҳасаналихон, ки аз дӯстони қадим буд, бархӯрд. Ва ӯ, бино бар тағйири вазъ, Мирзоро нашнохт. Зеро қаландарвор ришу бурут ва абрӯяшро тарошида буд ва ҷои дастор парколае (порае аз газвор-Б.Р.) ба сар баста буд. Мирзо ба салом сабқат накард.

Чун наввоб донист, ки Мирзо буд, ба кулбаи вай рафт ва гила бунёд ниҳод ва Мирзоро ба полакии (каҷоваи фил-Б.Р.) худ ҷой дода, ба давлатсаро овард ва се рӯз сӯҳбати муставӣ (сӯҳбати муфассал- Б.Р.) дошт».

Тавре ки устод Халилӣ навиштааст, фикри Қудратуллоҳи Қосим роҷеъ ба маҳаллаи таваллуди Бедил ғалат аст. Аз муаллифони ҳамзамони шоир касе ба ин мазмун ишора накардааст. Аксари муҳаққиқони шоир низ ин ақидаро рад кардаанд. Чунончи, Ёсинхани Ниёзӣ дар мақолае, ки зикраш гузашт, навиштааст: «Мир Қудратуллоҳи Қосим ва соири мутааххирин аз тазкиранависони урду мавлиди Мирзоро Бухоро пиндоштаанд. Ва чун муъосирони Мирзо дар ин масъала сукут доранд, қавли мутааххиринро эътиборе нест» (Ниг.: Оинаи Ирфон, Кобул, 1311, № 9-10).

Дар охири ин мақола илова кардан лозим аст, ки аксари тазкираҳои дастрасшуда дар қатори шарҳи аҳволу зикри хусусиятҳои осори Бедил намунаҳои ашъори ӯро низ дар бар кардаанд. Зикри шоир танҳо дар се- чор асар, аз ҷумла дар «Иқди сурайё», «Суҳуфи Иброҳим» ва «Мунтахабуттаворих» бе намунаи ашъор омадааст. Намунаҳое, ки дар тазкираҳо дарӣ гардидаанд, ҷиҳати ҳаҷму миқдор гуногунанд. Чунончи, миқдори онҳо дар «Тазкираи Насрободӣ» ҳамагӣ се байт бошад, дар «Сафинаи Хушгӯ» аз 350 байт зиёдтар аст. Аксари ашъори дар тазкираҳо дарӣгардида байтҳои алоҳида мебошанд. Намунаҳо танҳо дар тазкираи «Миръошутхаёл» дар шакли ғазалҳои тамом дарӣ гардидаанд. Аз ашъори дар тазкираҳо сабтгардида ба порчаҳое дучор омадан мумкин аст, ки дар нашрҳои маъруфи куллиёти Бедил – нашри Сафдарӣ ва нашри Кобул ба назар намерасанд. Ду рубоъие, ки дар «Ҳамешабаҳор» ва «Сарви озод» дар таърихи таваллуди Ҷаҳонмуродшоҳ ва таърихи қатли падари ӯ Фаррухсияр оварда шудаанд, аз ҷумлаи онҳо ҳастанд.

Аксари куллии намунаҳо моли Бediланд ва дар нашрҳои мазкури куллиёти ӯ пайдо мешаванд. Аз ҷумлаи онҳо танҳо ду байтро метавон зикр кард, ки мутаъалиқ ба Бедил нестанд. Байти якум, ки дар «Сафинаи Ҳиндӣ» омадааст ин аст:

Мебарад ҳар кас ба пеши ёр аз ҷон тӯҳфае,
Мо тиҳидастони бедил шармсорӣ мебарем.

Муаллифи «Риёзушшуъаро» дар қатори Мирзо Бедил, Бедилии Хиёбонӣ ва Бедилии Ҳиравӣ аз Бедилии дигаре ёд намуда, байти мазкурро ба ӯ нисбат додааст. Муаллифони «Тазкираи Ҳусайнӣ» ва «Ништари ишқ» онро аз Бедилии Балхӣ ном шоир донистаанд.

Байти дуввум, ки дар «Маосири аҷам” (Агра 1941) ҳамчун шеъри Бедил дарӣ гардидааст, ин аст:

Шӯре шуду аз хобби адам дида кушудем,
Дидем ки боқист шаби фитна, ғунудем.

Ин байт дар асал ба шоири машҳури асри XVI Ғизолии Машҳадӣ (ваф. 1572) таъаллуқ дорад. (Ниг.: Оини Акбарӣ, ҷилди аввал, Лакҳнав, 1869, саҳ. 304).

Муаллифони тазкираҳо аз тамоми асарҳои шоир ном бурда, баъзеашон қисматҳои ҷудогонаи ин ё он асари ӯро ба ҳайси асари мустақил зикр кардаанд. Масалан, Шералихони Лудӣ аз «Сурмаи эътибор» ном асари мансури Бедил ёд кардааст, ки бахше аз унсури саввуми «Чорунсур» мебошад.

Хоҷа Фаҳмӣ аз «Миръотуллоҳ» ном маснавӣ сухан рондааст, ки қисме аз маснавии «Ирфон» аст.

Хулоса, манбаъҳои адабию таърихии зиёде мавҷуданд, ки дар бораи Бедил ва эҷодиёти ӯ маълумотҳои гуногунро фаро гирифтаанд. Омӯзиши аҳволу осори шоир бе истифода аз онҳо натиҷаҳои дилхоҳ нахоҳад дод.

# БЕДИЛ ВА МУДДАТИ СИПОҲИГАРИИ Ӯ

Дар кори омӯзиши аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) мавзӯъҳои норавшан ва камтадқиқ ҳанӯз ҳам зиёданд. Яке аз чунин мавзӯъҳо хидмати шоир дар саркори шаҳзода Муҳаммад Аъзамшоҳ аст. Масъалаҳое, ки дар доираи ин мавзӯъ бояд баррасӣ шаванд, иборатанд аз инҳо: Бедил кай ва дар куҷо ба хидмати Аъзамшоҳ дохил шуд? Мулозимати ӯ дар саркори Аъзамшоҳ чанд сол давом кард? Бедил кай дар куҷо ва бо кадом сабаб хидматро тарк кард?

Дар хусуси он, ки Бедил, воқеъан, як давраи муайян ба суннати гузаштагонаш сипоҳигарӣ машғул будааст, ҳеҷ гуна шаку шубҳае вуҷуд надорад. Дар ин бора ҳам ишораҳои худи шоир ва ҳам маълумоти тазкиранигорон мавҷуданд. Чунончи, худи шоир дар «Чорунсур» ҷое, ки аз воқеъаи хонадоршавии худ ёд мекунад, дар ин бора чунин менависад: «Дар он ҳолат (ҳолати баъд аз издивоӣ - Б.Р.) касбе, ки аҳли маъош ба илтизоми он ногузиранд, муносиби ҳоли таҳайюрмаоли худ намедид, ночор мутатабеъи суннати обо гардид ва ба тариқаи сипоҳ гаравид» (Куллиёти Бедил, ҷ. 4, кобул, 1344, Чорунсур, с. 66).

Аз муаллифони тазкираҳо аввалин касе, ки аз сипоҳӣ будани Бедил хабар додаст, соҳиби тазкираи «Маръотулхаёл» Шералихони Лудист. Бино бар шаҳодати ин муаллиф, сипоҳигарии Бедил дар лашкари Муҳаммад Аъзамшоҳ (1646-1707) писари саввуми Авранзеби Оламгир (1658-1707) ба вуқӯъ пайвастааст. Шералихони Лудӣ навистааст: «Дар авоили шубоб чанд рӯз, бино бар маслиҳате, навкарии шоҳзодаи олиҷоҳ султон Муҳаммад Аъзамшоҳ ихтиёр карда, ба мансаби умда сарфарозӣ ёфта буд» (Миръотулхаёл, нусхаи хаттии №1996 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, вар. 251 «б»).

Муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» Биндробандоси Хушгӯ низ факти дар лашкари Аъзамшоҳ хидмат намудани Бедилро зикр намуда, илова кардааст, ки шоир дар ин кор ба мансаби понсадӣ ва доруғагии кӯфтагархона расида буд (Ниг.: Сафинаи Хушгӯ, Патна, 1959, с. 108).

Тазкиранависони баъдина ва муҳақиқони муъосир дар ин бора навиштаҳои. Шералихони Лудӣ ва Хушгӯро такрор кардаанд. Ба ибораи дигар гӯем, дар масъалаи сипоҳигарии Бедил ва дар лашкари Аъзамшоҳ хидмат намудани вай дар байни муҳақиқони шоир ихтилофи назар дида намешавад. Аммо дар бораи муддати хидмат дар лашкари Аъзамшоҳ ва сабаби аз ин кор даст кашидани Бедил ақидаҳо гуногунанд. Чунон ки дидем, Шералихони Лудӣ муддати навкарии Бедилро ба таъбири «чанд рӯз» ёд кардааст. Ба ақидаи ӯ, Бедил ба муддати хеле кӯтоҳ машғули ин кор будааст. Вале Хушгӯ гуфтааст, ки муддати хидмати шоир бист сол аст (Сафинаи Хушгӯ, саҳ. 108).

Дар адабиёти илмӣ низ роҷеъ ба ин масъала назари ягона вуҷуд надорад. Қорӣ Абдуллоҳ дар мақолаи «Мирзо Бедил» (маҷ. «Кобул», 1310, №4) устод Айни дар китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954) ва Асадуллоҳ Ҳабиб дар рисолаи «Бедил шоири замонаҳо» (Кобул, 1363) навиштаанд, ки муддати навкарии шоир аз се-чор сол беш давом накардааст.

Муаллифи рисолаи «Аҳвол ва осри Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) Абдулғанӣ низ дар ин хусус маълумоти Шералихони Лудиро қобили эътимод шуморида, таъкид намудааст, ки «Бедил барои муддати бисёр кӯтоҳ дар сипоҳ буд».

Аммо муҳаққиқи панҷобӣ Ёсинхони Ниёзӣ дар мақолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» (маҷ. «Оинаи ирфон», кобул, 1311, №912; 1312, № 2-6) ва Ҳошим Шоиқ дар мақолаи «Марсияи Бедил» (маҷ. «Ориёно», 1329, шум. далв) дар асоси ишораҳои худи шоир ба натиҷае расидаанд, ки муддати навкарии ӯ на камтар аз понздаҳ сол аст. Чунончи, Ёсинхони Ниёзӣ маълумоти дар ин бора овардаи Хушгӯро мавриди тааммул қарор дода, навиштааст: «Соҳиби «Сафина» мегӯяд, ки муддати мулозамати Мирзо ба ҳузури Аъзамшоҳ бист сол аст. Вале сиҳат надорад. Чи ба таври қатъӣ баъд аз санаи 1080 навкар шуд ва аз як руқъаи ӯ ба номи Шукруллоҳхон ва унсури чорум (унсури чоруми «Чорунсур» - Б.Р.) зоҳир мегардад, ки пеш аз санаи 1096 мулозиматро тарк гуфта».

Агарчи дар баъзе таълифоти илмӣ, аз ҷумла дар рисолаи Кошӣ Нотҳ Пандит «Аҳволу афкор ва сабки ғазалиёти Бедил» (Теҳрон, 1961, дастхат) ва «Луғатномаи Деҳхудо» (ҳарфи «Б», бахши ду), таърихи ба хидмати Аъзамшоҳ пайвастани Бедил солҳои 1079-1080 (1668-1680) дониста шудааст, вале санад ва далелҳои зиёде чи аз осори худи Бедил ва чи аз

тазкираи Хушгӯ собит месозанд, ки фикри Ёсинхони Ниёзӣ ва Ҳошим Шоиқ дар ин маврид беасос нест. Яъне, воқеъаи ба хидмати Аъзамшоҳ пайвастани Бедил баъд аз соли 1080, аниқтараш, дар соли 1081 рух додаст. Ин маънӣ аз қитъаҳои зиёди таърих, ки шоир ба Аврангзебу Аъзамшоҳ ва дигар шоҳону шоҳзодагони темурӣ бахшидааст, ба исбот мерасад. Қадимтарин санае, ки аз ин гурӯҳи таърихҳо бар меояд, санаи 1081 аст. Қобили қайд аст, ки аз бисту шаш таърихи ба шоҳону шоҳзодагон бахшидашуда моддаҳои таърихи ҳафтои онҳо санаи 1081-ро ифода намудаанд. Ва ҳаммаи ин қитъаҳо дар мавзӯъи таърихи зуҳур ё худ таввалуди чанде аз шоҳзодаҳо эҷод шудаанд. Чунончи, як қитъа дар таърихи таваллуди писари шоҳзода Акбаршоҳ, як қитъа дар таърихи таввалуди писари шоҳзода Бобуршоҳ ва чанд қитъа дар таърихи таввалуди шоҳзода Комбахш аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ин факт шоҳиди он аст, ки робита ва алоқае, ки дар ин сол байни Бедил ва шоҳу шоҳзодагон мавҷуд буд, ҳодисаи ҷудогона ва тосодуфӣ набуда, характери доимӣ дошт. Чигунагии ин робитаро аз таърихе, ки дар таввалуди Комбахш писари хурдии Аврангзеб навишта шудааст, пайхас намудан мумкин аст. Қитъаи таърих ин аст:

Атои файзи азал кард гавҳаре таслим
Ба шоҳи мо, ки ҷавонбахт ва ӯст олами пир.
Муҳити адлу ҷаҳони сахо, сипеҳри карам,
Баҳори дину дувал, ифтихори тоҷу сарир.
Шаҳаншаҳе ки кашад зӯри бозӯи ҳукмаш
Зи кӯҳсор раги санг ҳамчу мӯ зи хамир.
Тавон шикофт ба имдоди ройи равшани ӯ
Зи ранги хомаи наққош маънии тасвир.
Ба завқи новаки ӯ қатра-қатра хуни ниёз
Парад чу чашми таммано ба пайкари нахчир.
Ба аҳди ӯст чунон расми амн дар олам,
Ки захм ёфта болини роҳат аз пари тир.
Ба гулшани адабороии шариъати ӯ
Ҳамеша аз раги ток аст нашъа дар занҷир.
Сурӯши шавқ ба ин мужда то башорат дод,
Зи ҷои хеш биҷастам чу маънӣ аз тақрир.
Сафири килки гуҳарсанҷ соли ин таърих
Фурӯғ дод зи «шамъи мунири оламгир».
(1081)

Илова бар ин, дар куллиёти шоир қасидае бо номи «Дар мадҳи подшоҳ ва таърихи таввалудди шоҳзода» мавҷуд аст, ки аз моддаи таърихи он ҳам санаи 1081 бармеояд. Зоҳиран, ин қасида низ дар валодати Комбахш аст. Ба эътибори ин далелҳо, алоқаи Бедил ба дарбори Аврангзеб низ, гӯё, аз имкон дур набудааст. Вале чун тазкиранависон аз мулозамати шоир дар ҳузури Аъзамшоҳ сухан кардаанд, мо низ алоқа ва иртиботи ӯро ба дарбори шоҳӣ ба ҳамин масъала вобаста медонем. Яъне як қасида ва чанд қитъае, ки Бедил дар таввалуди Комбахш ва дигар шоҳзодаҳо сурудааст, шояд, ба хотири Аъзамшоҳ ё худ ба хоҳиши ӯ эҷод шуда бошанд.

Акнун суоле ба миён меояд, ки Бедил дар куҷо ба адои хизмати Аъзамшоҳ шурӯъ намуд? Аз «Чорунсур»-и шоир ба хубӣ маълум аст, ки ӯ дар солҳои 1081 (1670-71) ва 1083 (1672-73) дар шаҳри Акбаробод мезист. Шоир аз ҳодисаи дар хоб дидани ҳазрати Муҳаммад (с) ёд намуда таъкид кардааст, ки ин воқеъа дар соли 1081 (1670-71) дар Акбаробод рух дод. Ӯ навиштааст: «Саъодатҳусул азминае, ки дар балдаи Акбаробод бисоти фурсати тавaққуф мегустаронид ва фирдавсоин авқоте, ки ба сайри ин гулзамин сипарӣ мегардид… Шабе дар санаи якҳазору ҳаштоду яки ҳиҷрӣ…ғунудане бар табъи маҷбур ҳуҷуми беихтиёрӣ овард ва сояи мижгон бар нигоҳи заъифидастгоҳ гиронӣ кард» (К.Б. ҷ. 4. Чорунсур, с. 336).

Шоир дар ҷои дигари «Чорунсур» овардааст: «Фурсатшумории муддати анфос чанде дар саводи балдаи Акбаробод равнақи субҳи хуррамӣ дошту ба ҳавои хирманороии ҷамъият тухми хаёле мекошт ва биҳишти бехалалиро ба зиёрати дили осуда бурда буду баҳори

беташвишӣ… ба вадиъати шавқи орамида супурда… Шабе дар санаи якҳазору ҳаштоду се талвосаи дили изтиробмаҳмил бо шӯхиҳои чашмаки анҷум муқобалаи ташвишшуморӣ дошт ва парвози ғубори бехудӣ ҳамдӯшии андози Каҳкашон аламҳои шикасти ранг меафрошт» (К.Б. ҷ. 4. Чорунсур, с. 178).

Аз тарҷумаи ҳоли Бедил маълум аст, ки ӯ бо Мирзо Комгор ном амир дар Акбаробод ошноӣ ва дӯстиву рафоқат пайдо карда буд. Яке аз рисолаҳои насрии шоир, ки «Сурмаи эътибор» унвон дорад, дар Акбаробод бо хоҳиш ва талаби амири мазкур таълиф шудааст. Бедил дар ситоиш ва таърифи ин амир чанд шеър низ эҷод намудааст, ки якеи онҳо қитъаи таърих аст. Аз фиқраи таърихи ин қитъа санаи 1082 (1671-72) бар меояд. (Ниг.: КБ. ҷ. 2, Қитъаот, саҳ. 135). Ин далел баёнгари он аст, ки Бедил дар соли 1082 (1671-72) низ дар Акбаробод мезистааст.

Чун таърихи ба хидмати Аъзамшоҳ дохил шудани Бедил соли 1081 (1670-71) аст ва дар солҳои 1081-1083 (1670-1673) мо вайро дар Акбаробод мебинем, тахмин намудан мумкин аст, ки маҳалли ба хидмат расидани ӯ шаҳри Акбаробод аст. Ишораи Хушгӯ, ки ба доруғагии кӯфтагархонаи саркори Аъзамшоҳ имтиёз ёфт, мегӯяд, зоҳиран, ба ҳамин давраи ҳаёти шоир рост меояд. Агар ба эътибор гирифта шавад, ки маркази доимии ҳукумати Аъзамшоҳ шаҳри Акабаробод буд (Ниг.: Хаста, Мунтахабаззамон Абдулқодири Бедил, «Журвандун», 1342, №9, с. 6), тахмини мазкур ба ҳақиқит наздиктар мегардад.

Соли 1083, зоҳиран, охирин соли сукунати Бедил дар Акбаробод аст. Ӯ дар солҳаи 1084-85 (1673-75), ғолибан, дар Деҳлӣ зиндагӣ ва хидмат менамуд. Зеро дар «Чорунсур» вақте ки аз сафари худ ба Лоҳур, ки соли 1085 (1674-1675) рух додааст, ёд мекунад, таъкид менамояд, ки ин сафар аз Деҳлӣ оғоз ёфта буд.

Таърихи сафари мазкурро худи шоир чунин баён кардааст:

Шавқро аз азимати Лоҳур
Тозагиҳои муждаи шодист,
Яъне аз домгоҳи афсурдан
Чанд гомам навиди озодист.
Соли таърихи ин азиматшавқ
Бетакалуф шунав «худо ҳодист».
(1085)

Чунон ки гуфтем, Бедил аз ин сафар дар «Чорунсур» низ ёд крадааст. Ӯ навиштааст: «Вақате ғубори қофилаи таҷаррудам аз саёҳати арсаи Деҳлӣ ба сайри Панҷоб домани аҷз шикаст ва даройи маҳмили хаёл ба пешоҳангии сафари Лоҳур камари шавқ барбаст. Гарди танҳоӣ лашкаре буд ҳазор олами фатҳ дар рикоби шикастаболӣ ва ранги бекасӣ оламе дошт чандин баҳори ҷамъият дар ғубори ошуфтаҳолӣ. Иқболи бесарупоӣ кулоҳи саргаштагӣ аз ҷанибаткашони фалаки даввор мерабуд ва шукӯҳи урёнитанӣ муқобили найзадорони хуршед оинаи арзи иқтидор мезудуд. Ба оини маҷозиб сангу хишти пеши по афтодаро таълими гилбозии парвоз мекардам ва хоку гили ба роҳ нишастаро паркушои саъйи ҳаво бармеовардам. Ҳар куҷо аз по менишастам, осудагӣ чун нақши қадам бисоти офият мепардохт ва ҳар гоҳ ба роҳ мефитодам, ворастагӣ чун насим пеш-пеш метохт. Бо ҳама қатъи асбоби таъаллуқ дар наёми беистеъдодӣ қаламтароше доштам, чун табиати кавдан дами тезӣ рехта ва чун оби баҷоистода бо зангорҳои нософӣ омехта» (КБ, ҷ. 4, Чорунсур, с. 277).

Иддаае аз муҳаққиқон, аз ҷумла устод Айнӣ, Абдулғанӣ ва Асадуллоҳ Ҳабиб, қитъаи таърихи дар боло зикршударо таърихи сафаре медонанд, ки порае аз сурати онро аз «Чорунсур» нақл намудем. Аммо Холмуҳаммади Хаста дар ақидаест, ки ин сафар, яъне сафари дар «Чорунсур» зикршуда, пеш аз соли 1085, дар замони ворастагӣ ва маҷзубии шоир, дар байни солҳои 1076-79 (1665-1669) ба вуқӯъ пайвастааст. Яъне сафари соли 1085 дигар асту сафари дар «Чорунсур» ёд шуда дигар (Ниг.: Жувандун, 1342, №10).

Ба фикри мо, дар ин маврид ҳақ ба ҷаниби устод Айнӣ, Абдулғанӣ ва Асдуллоҳ Ҳабиб аст. Таърихи мазкур (Шавқро аз азамати Лоҳур…) таърихи ҳамон сафарест, ки аз Деҳлӣ ба Лоҳур сурат гирифтааст ва дар «Чорунсур» аз он ёд шудааст.

Тавре ки дида шуд, дар вақти сафари Лоҳур Бедил як вазъи дарвешона ва маҷзубонае

доштааст. Ба эътибори ҳамин ҳолат ва вазъияти шоир гурӯҳе аз муҳаққиқон дар ақидае ҳастанд, ки дар ин айём, яъне дар соли 1085, шоир аз хидмати Аъзамшоҳ фориғ шуда буд. Чунончи, устод Айнӣ навиштааст: «Аз Деҳлӣ то Лоҳур, ки савора аз як моҳ зиёдтар роҳ рафтан даркор аст, пиёда ва яккаву танҳо сайр кардан ғайр аз тақлиди маҷзубон ва ҳаракати маҷзубона дигар кор шуда наметавонист» (С. Айнӣ асари зикршуда, с. 37).

Устод Айнӣ ба сини 30-солагии Бедил рост омадани сафари мазкурро зикр намуда, илова кардааст, ки «агар ӯ дар 30-солагӣ ҳам навкар мебуд, аз Деҳлӣ ба Лоҳур ба тарзи маҷзубон сарупобараҳна ва пиёда сафар намекард» (С. Айнӣ, ҳамон ҷо, саҳ. 39.)

Асадуллоҳ Ҳабиб овардааст: Бедил «дар соли 1085 ҳиҷрии қамарӣ сафари маҷзубонае аз Деҳлӣ ба Лоҳур кардааст, ки он вақт, бидуни тардид, дар хизмати шоҳзода (Аъзамшоҳ Б.Р.) набудааст» (А. Ҳабиб, рисолаи зикршуда, с. 15).

Вале чанд мактуби яке аз дӯстони Бедил Эзидбахши Расо (вафоташ-1119, 1707-1708) шаҳодат медиҳанд, ки шоир маҳз дар ҳамин сол-соли 1085 ва маҳз дар Лоҳур ба хидмати бевоситаи ҳарбӣ пайвастааст. Яъне ӯ дар ҳамин сол хидмати орому осудаи доруғагии кӯфтагархонаро бо кори пурошӯби сипоҳигарӣ табдил додааст. Эзидбахши Расо дар яке аз номаҳояш навиштааст, ки Бедил дар моҳи рабиъулввали соли 1086 (июни 1675) дар лашкари Аъзамшоҳ буд (Ниг.: Нурулҳасани Ансорӣ. Баҳсе дар аҳвол ва осори Бедил. Кобул, 1363, с. б).

Бино бар номаи дигари Эзидбахши Расо, «замоне ки Бедилу Эзидбахши Расо ва Мирзо Муҳаммад Иброҳиму Хоҷа Ҳабибуллоҳ ном сипоҳиён дар як сарой бо ҳам зиндагӣ мекарданд, рӯзе як идда сарбозони мусаллаҳ бо ҳамдигар шурӯъ ба ситеза карданд. Бедилу Расо ва ду нафари мазкур ба саҳнаи воқеъа шитофтанд ва Расо дар паҳлӯи худ аз тире ҷароҳат бардошт» (Абдулғанӣ, асари мазкур, с. 133).

Агарчи дар номаи Расо сол ва маҳалли ин воқеъа зикр нашудааст, Абдулғанӣ дар асоси номаҳои дигари Расо ва тазкираи Соқӣ Мустаъидхон «Маосири Оламгирӣ» исбот намудааст, ки ин воқеъа дар ҳафтуми сафари соли 1086 (май 1675) дар Ҳасанабдол рух додаст.

Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, сафари Бедил аз Деҳлӣ ба Лоҳур дар кадом ҳолат ва вазъияте, ки ба амал омада бошад, ба мақсади ба лашкари Аъзамшоҳ пайвастан сурат гирифтааст. Сабаби ба оини дарвешон пиёда ва сарупобарҳна сафар кардани Бедил, шояд, ба хотири амнияти хеш дар ин роҳи дуру дароз бошад. Зеро дар сурати савора ва ба таври муқарарӣ ба роҳ баромадан хавфи ба ҳамлаи роҳзанону ғоратгарон дучор шудан вуҷуд дошт. Гузашта аз ин, шоир ҳангоми сафари Лоҳур ҳанӯз сипоҳӣ нашуд буд. Ӯ ба ин кор, чунон ки гуфтем, баъди ба Лоҳур расидан шурӯъ намуд.

Ва ниҳоят, ин мазмун низ ногуфта намонад, ки дар назари Бедил сипоҳигарӣ ҳам як навъи девонагӣ ва маҷзӯбӣ ба шумор мерафт. Ӯ дар «Чорунсур» ҷое, ки сабабҳои ба ин шуғл рӯ овардани худро зикр менамуд, аз ҷумла чунин мегӯяд:

Ба рафъи чашмзахми халқ гумномӣ фусун дорад,
Бурун тоз аз дари шӯҳрат, ки шӯҳрат бӯи хун дорад.
Саломатпешаро набвад беҳ аз девонагӣ касбе,
ҷунун кун ё сипоҳӣ шав, сипоҳӣ ҳам ҷунун дорад.
(КБ ҷ. 4, Чорунсур, с. 7 166).

Эзидбахши Расо дар дигар номаҳои худ низ ба муносибати Бедил ва Аъзамшоҳ ишораҳо кардааст. Чуночи, дар номае, ки ба Аъзамшоҳ ирсол шудааст, навиштааст: «Иншооллоҳ Мирзо Абдулқодири Бедил, ки саропо дил аст, анқариб мулозимати саъодат меандӯзад» (Абдулғанӣ, асари зикршуда, с. 133).

Эзидбахши Расо дар номаи дигар, ки низ ба Аъзамшоҳ равон шудааст, овардааст: «Бедили ҳамадилро дидам ва аз дилниҳодаш пурсидам. Охири рамазон ё дар авали шаввол он ҷо мерасад» (ҳамон ҷо, саҳ. 133).

Чун Эзидбахши Расо аз дилниҳоди Бедил ба Аъзамшоҳ хабар медиҳад, гумон меравад, ки Аъзамшоҳ дар Лоҳур мунтазири Бедил будааст. Бад-ин ваҷҳ аз эҳтимол дур нест, ки сафари Бедил ба Лоҳур ба даъвати Аъзамшоҳ сурат гирифта бошад.

Тавре ки гуфтем, ба қавли Эзидбахши Расо, Бедил дар моҳҳои сафар ва рабиъулаввали

соли 1086 (май-июни 1675) дар Ҳасанабдол ҳамроҳи лашкариёни Аъзамшоҳ буд. Ва дар номаи охируззикр Эзидбахши Расо навиштааст, ки Бедил дар моҳи рамазон ё авали шаввол ба хидмат хоҳад расид. Бедил агар тибқи гуфтаи худ амал карда бошад, пас сафари ӯ аз Деҳлӣ ба Лоҳур дар моҳҳои рамазон ва шавволи соли 1085 (декабри 1674-январи 1675) ба амал омадааст. Яъне иқомати шоир дар Панҷоб (Лоҳур ва Ҳасанабдол) аз рамазони соли 1085 (декабри соли 1674) то рабуъулаввали 1086 (июни 1675) идома ёфтааст.

Пас аз Лоҳур ва Ҳасанабдол Бедил, зоҳиран, ба Аҳмадободи Гуҷарот рафт. Дар Гуҷарот машғули хидмат будани ӯро Хушгӯ борҳо таъкид намудааст. Чунончи, ӯ дар зикри аҳволи шоире бо номи Мир Муҳаммазамони Росих (вафоташ 1107(1695-96) навиштааст: «Мир Муҳаммадзамони росихтахуллус писари Мир Имод аст. Ба мулозимати подшоҳзодаи анҷумсипоҳи олиҷоҳ Муҳаммад Аъзамшоҳ фоиз шуда, ба мансаби шоиста сарфарозӣ ёфт… Бо ҳазрати Мирзо Бедил хеле марбут буда. Мир ва Мирзо (яъне Мир Муҳаммадзамони Росих ва Мирзо Бедил-Б.Р.), ҳойӣ Аслами Солим, ҳаким Ҳусайни Шӯҳрат дар Гуҷарот ба лашкари шоҳӣ бо ҳам ҳамтарҳ буданд. (Сафинаи Хушгӯ, с. 8).

Хушгӯ дар ҷои дигар, дар зимни шарҳи аҳволи Мир Муҳаммадаҳсани Эҷод овардааст: «Аз авлоди шоҳ Саиднуриддин Мубораки Ғазнавист… Баъди таҳсили мутадовилот чанде ба рафоқати Навозишхони Толеъ ба сар бурда, ба Гуҷарот рафт ва дар лашкари подшоҳзодаи олиҷоҳ Муҳаммад Аъзамшоҳ монд. Дар он ҷо бо ҳазрати Мирзо Бедилу ҳойӣ Аслами Солим ва шоҳ Гулшан сӯҳбатҳои муставфӣ дошта» (Сафина, с. 97).

Алҳол ба таври қатъӣ гуфта наметавонем, ки Бедил кай ба Гуҷарот рафт ва то кадом сол дар он ҷо хидмат намуд. Вале дар соли 1090 (1679-80) мо ӯро дар Деҳлӣ мебинем. Ин амр аз ёддошти худи ӯ дар «Чорунсур» ба исбот мерасад. Бедил ҷое, ки аз Атуп Чатр ном рассом ва ҳодисаи сурати шоирро кашидани вай нақл менамояд, тазаккур медиҳад, ки сурати мазкурро ба муддати даҳ сол бо худ нигоҳ медошт ва дар соли 1100 (1688-89) бо сабабе онро мавҳ намуд (Ниг.: КБ. ч. 4. Чорунсур, с. 282-85).

Дар сурати баъд аз даҳ сол маҳв сохтани сурат, воқеъаи тасвири Бедилро кашидани Атуп Чатр ба соли 1090 (1679-89) рост меояд. Бино бар шаҳодати муаллифи рисолаи «Адаби форсӣ дар аҳдаи Аврангзеб» (Деҳлӣ, 1969. с. 12) Нурулҳасани Ансорӣ, Атуп Чатр расоми дарбори шоҳӣ буд. Аз ин рӯ дар Деҳлӣ иқомат доштани вай аз эҳтимол дур намебошад. Яъне ҳодисаи тасвири Бедилро кашидани Атуп Чатр дар соли 1090 (1679-80) дар Деҳлӣ рух додааст.

Аз ишораи дигари Бедил, ки низ дар «Чорунсур» сабт аст, тахмин намудан мумкин аст, ки ӯ дар солҳои 1091-93 (1680-1682) низ дар Деҳлӣ мезистааст. Ӯ навиштааст, ки дар айёми ворастагӣ ва парешонии хеш дар маҳаллае аз маҳаллоти Деҳлӣ иқомат мекард. Аҳли ин маҳалла аз зиёдии гунҷишкони он ҷой дар азоб буданд. Рӯзе онҳо аз Бедил хоҳиш намудаанд, ки илоҷе созад, то мардум аз шарри гунҷишкон халос шаванд. Бедил тибқи хоҳиши онҳо амал намуда, гунҷишкеро бо камонғӯлак зада ғалтондааст. Бино бар қавли шоир, баъди ин кор дар он маҳалла нишоне аз гунҷишкон намондааст. Шоир пас аз понздаҳ соли ин воқеъа ду бори дигар аз он маҳалла гузар кардааст. Сокинони он ҷой арз намудаанд, ки аз ҳамон сол то бар ин дам гунҷишкеро дар он ҷойҳо надидаанд.

Тавре ки аз «Чорунсур» бар меояд, замони ворастагӣ ва парешонии Бедил аз соли 1076 (1665-66) то соли 1079 (1668-69) давом кардааст. Ӯ дар соли 1076 бори аввал ба Деҳлӣ омада, қабл аз ҳама, бо дарвешон ва маҷзубони он шаҳр, аз ҷумлаи бо Шоҳкобулии маҷзуб, ошно шуда, то соли 1079, яъне то замони хонадоршавии хеш ба оини дарвешон ва маҷзубон зиндагӣ кард. Вай дар ин муддат на фақат дар Деҳлӣ, балки дар дигар минтақаҳои Ҳиндустони шимолӣ-Акбарobod, Матҳро, Акбарпурра ва ғайра низ умр гузаронид. Ба таъбири дигар гӯем, иқомати аввалини Бедил дар маҳаллаи зикршудаи Деҳлӣ байни солҳои 1076-1079 ба вуқӯъ пайвастааст. Шоир агар пас аз понздаҳ соли иқомати аввалинаш аз он маҳалла гузар карда бошад, пас ин ҳодиса дар байни солҳои 1091-1094 (1680-1683) рух додаст. Бад ин тариқ дар Деҳлӣ будани Бедил дар ин солҳо низ, гӯё, ба исбот мерасад.

Ва ниҳоят, аз соли 1094 (1683) то соли 1096 (1685) дар Матҳро зистан ва дар он ҷо машғули хидмати ҳарбӣ будани Бедил ҳам аз «Чорунсур» ва ҳам аз «Руқаъот»-и ӯ ба хубӣ маълум аст. Чунончи, ӯ дар «Чорунсур» аз ошӯбҳои халқӣ, ки дар минтақаи Деҳлӣ ва Акбаробод, аз ҷумла дар Матҳро, ба амал омада буданд, ёдовар шуда шоҳиди бевоситаи он

ошӯбҳо будани худро низ гӯшрас намудааст. Қобили қайд аст, ки шоир дар ин воқеъот танҳо набудааст, балки чанд нафар аз тобеъонаш низ ҳамроҳи ӯ буданд. Ӯ навиштааст: «Аёме ки подшоҳи Оламгир ба хаёли тасхири Дакан пардохта буд ва барқи бекасӣ бар саводи мамолики Ҳинд (Ҳиндустони шимолӣ дар назар аст-Б.Р.) тохта, руъаёи навоҳи Деҳлӣ ва Акбаробод аз сустиҳои амали ҳукком силсилаи инқиёд гусехта буданд ва ба даъвии тасаллут ва ҳукумат тӯфони иттифоқ ангехта. Аксаре парганоти ҳаволии Матҳро ба забти таъаддӣ доштанд ва ба тохту торочи шавореъ амали худсарию бебокӣ меафроштанд… Муддатҳо ағниёи маъмураи Матҳро ба эътимоди истеъдоди тиру туфанг сари роҳи маҳаллот баста буданд ва фуқаро ба таваккули сози бедирамӣ, чун рахти хонаи оина, беруни дар нишаста. Аз он ҷумла фақир Бедилро ташвиши табойеъи бедаступое чанд, ки ба ҳукми иттифоқ бори таъаллуқашон бар дӯши хаёл афтода буд, ҳар соъат ғубори дигар аз бунёди ҳол бармеангехт ва кашокашҳои тараддуди аҳволашон ҳар нафас риштаворе аз сози ҷамъият мегусехт» (КБ. ҷ. 4. Чорунсур, с. 122-324).

Тавре ки аз давоми навиштаҳои Бедил бармеояд, ӯ ба муддати ду сол шоҳиди ошӯбҳои мазкур шуда, оқибат дар соли 1096 (1685) рӯ ба ҷониби Деҳлӣ меорад. Ӯ менависад: «Пас аз ду соли таҳаммули азоб, ки ҳар рӯзаш ба ҳазор субҳи қиёмат муҳосабаи таъаб дошту ҳар шабаш чандин торикии шоми лаҳад дар назар меанбошт, дар санаи 1096 ҷунуни яъс дуди ин андеша аз қонуни хаёл ангехт ва ғайрати нокомӣ шароби ин савдо дар соғари димоғ рехт, ки бо ҳар бетадбирии мизоҷи офиятэҳтиёӣ роҳи саводи Деҳлӣ сар кардан аст ва табиъати аз зиндагӣ серомадаро аз махмасаи офати ин мақом бадар бурдан» (Ҳамон ҷо с. 325).

Аз суханони минбаъдаи шоир равшан мегардад, ки ӯ на фақат шоҳиди ошӯбҳои мазкур будааст, инчунин дар набардҳои байни мардум ва лашкари шоҳӣ иштирок ҳам доштааст. Ба таъбири дигар гӯем мулозимат дар лашкари Аъзамшоҳ дар ин солҳо (солҳои 1094-1096) низ идома доштааст. Шоир баъд аз изҳори тасмими мазкур, яъне азми рӯ ба Деҳлӣ овардани худ, ба муқобилияти сахти ҳамроҳонаш дучор гардида, аксуламали онҳоро нисбат ба тасмими хеш чунин ба қалам додааст: «Қудратоҳангоне, ки иститоъати ҳазор ранг мувоъанат доштанд, дар ин маслиҳат ҷуз манъ мадад намефармуданд ва ошноравишоне, ки ба чандин тариқ оғӯши шавқат мепардохтанд, дар ин ҳолат ғайр аз дари бегонагӣ намекушуданд. Охири кор беасариҳои қабули насоеҳашон моддаи озурдагӣ ба ҷӯш овард ва камтаваҷҷӯҳии афсуни мувоъиз мизоҷи илтифоташон мунҳариф кард. Муболағанавоии сози гуфтугӯ ба оҳнги истеҳзо кашид ва мубоҳасаороии муъомилаи забонҳо ба мунoқашаи тамасхур анҷомид, ки тасмими ин азм агар ба эътимоди хавориқ аст, пас аз имтиҳони саломат имон оварданист ва агар ба тадбири шуҷоъат мутаъаллиқ бошад, баъд аз вуқӯъи фатҳи мубoракбод адо карданӣ. Пайдост, ки аз чунин тӯфонгоҳ завраҷи мӯр ба чӣ иститоъат рахти халос хоҳад бастан ва аз ин шӯълазор рақси сипанди бепару бол ба кадом афсун бадар метавонад ҷастан» (ҳамон ҷо с. 325).

Тавре ки мебинем, баъди огаҳӣ аз мақсади шоир ҳамроҳони ӯ мехоҳанд, ки монеъи тасмими ӯ шаванд. Вале чун мебинанд, ки азми ӯ қатъист аз роҳи тамасхур ва истеҳзо пеш меоянд ва мегӯянд, ки ин азм агар аз паҳлӯи каромот аст, каромоте бояд, ки аз ин вартаи ҳалокат раҳоӣ ёбем ва ин тасмим агар мабнӣ бар шуҷоъат бошад, мардонагие зарур, ки аз ин туфонгоҳ бо фатҳу зафар бадар оем.

Фикри дар ин солҳо машғули хидмати ҳарбӣ будан ва ҳатто мансаберо бар ӯҳда доштани Бедилро порчаи дигаре аз «Чорунсур» боз ҳам равшантар месозад. Шоир дар ин порча факти ба Азимобод ном қария расидан ва як шабонарӯз дар он ҷо тавққуф кардани худро зикр намуда, идомаи сафарашро ин тавр ба қалам додаст: «Фардои он рӯз, (рӯзи ба Азимобод расидан-Б.Р.), ки маҳмили азми Бедил пешоҳанги ҳаракат гардид, ҳамаро наъл дар оташи шавқи хиром гардонид. Саканаи он ҷо ба инонгирӣ таваҷҷӯҳ гумоштанд ва ба шӯри мунодӣ аламе таъкид афроштанд, ки фавҷдорони маъзул сояи девори сипар андохтанро ҳисори салтанат андешидаанд ва гарди овозаи мансуб ҳанӯз аз арсаи Дакан ба Ҳиндустон нарасида. Дар ин вақт ҳар кӣ бе бадрақа пой дар ин роҳ мегузорад, ҳамон ба хуни худ қадам меафшорад» (ҳамон ҷо, с. 326).

Чунон ки мебинем, сокинони қарияи Азимобод нисбат ба Бедил ва ҳамсафарони ӯ ибораи «фавҷдорони маъзул»-ро кор фармуда, таъкид кардаанд, ки дар хусуси ба ҷои онҳо таъйин шудани шахсони дигар ҳанӯз аз ҷониби Дакан фармон нарасидааст. Дар ин ҷо ишора ба

Дакан бад ин сабаб аст, ки Аврангзеби Оламгир аз соли 1090 (1679) шаҳри Давлатободи Даканро пойтахти худ қарор дода буд ва ҳама гуна фармонҳои шоҳӣ аз он ҷо содир мешуд. Қобили қайд аст, кидар дар ин айём, яъне дар соли 1096 (1685) Муҳаммад Аъзамшоҳ низ дар Дакан буд ва ғолибан, аз ҳодисаи тарки хидмат намудани Бедил хабар надошт, ки монеъи тасмили ӯ шуда натавонист (ниг. История Индии в среднее века, М., 1986. стр. 540).

Ҳамин тавр, шоир пас аз ду соли ширкат дар муҳорабаҳои Матҳро аз хидмати ҳарбӣ дилгир шуда, роҳи сафари Деҳлиро пеш гирифт ва чунон ки аз мактубе ба номи Шукрулоҳхон бармеояд, 27 ҷимодиулохири соли 1096 (31майи 1685) дохили шаҳри Деҳлӣ гардид.

Шоир дар номаи мазкур аз ҷумла чунин навишта буд: «Ҳарчанд ризқи муқаддар дар ҳама ҳол ва ҳама ҷо муъайян ва муқарар аст, аммо ошёни ҷамъияти парешонӣ мафкуд ва номуяссар. Агар дар ин савод (яъне шаҳри Деҳлӣ-Б.Р.) мавзеъе канори дарё ё лаби наҳр ба суҳулат дари иттифоқ кушояд, потакяе ихтиёр намояд ва мобақии муддати мӯҳлате, ки аз назари яқин мухтафист, бе ташвиши тағйири макон ба сар барад. Агар аҳёнан толеъи бедилӣ аз даври аслӣ бар нагардад, домани «арзуллоҳу восиъатун» занҷири пойи ҳарзаҷавлонӣ нест.

Мадди умрам, чун нигаҳ, Бедил, ба ҳайронӣ гузашт,
Гӯшаи чашме нашуд пайдо, ки ҷо пайдо кунам».
(К.Б., ҷ. 4 Руқаъот, с. 152).

Суоле ба миён меояд, ки чаро шоир то соли 1096 (1685) манзили доимӣ надошт? Чаро ӯ ҳар замон тағйири макон менамуд? Сабаби ин оворагию хонабардӯшиҳо оё хидмати ҳарбӣ буд? Оре, хидмати ҳарбӣ набуд, ки шоирро аз Акбаробод ба Деҳлӣ, аз Деҳлӣ ба Лоҳур, аз Лоҳур ба Ҳасанабдол, аз онҷо ба Гуҷарот ва аз Гуҷарот боз ба Деҳливу Матҳро овора медошт.

Бад-ин тариқ, Бедил дар соли 1081 (1670-71) ба мулозамат дар саркори Аъзамшоҳ шурӯ намуда, то соли 1083 (1672-73) дар Акбаробод, аз соли 1084 (1673-74) то соли 1085 (1674-75) дар Деҳлӣ ба сар бурд. Соли 1085 (1674-75) ба даъвати Аъзамшоҳ ба Лоҳур рафта, ба ҳайси як сипоҳӣ ба лашкари ӯ ҳамроҳ шуд ва то соли 1086 (1675-76) дар Лоҳур ва Ҳасанабдол хидмат намуд. Сипас ҳамроҳи лашкариёни Аъзамшоҳ ба Гуҷарот рафта, зоҳиран, то соли 1090 (1679-80) дар он ҷой монд. Шоир аз соли 1090 (1679-80) то соли 1094 (1683) дар Деҳлӣ ва аз соли 1094 (1683) то соли 1096 (1685) дар Матҳро хидмати ҳарбиро давом дод. Ва ниҳоят дар соли 1096 (1685) дар Матҳро тарки хидмат намуда, ба мақсади иқомати доимӣ ба шаҳри Деҳлӣ омад.

Тавре ки мебинем, муддати мулозимати Бедил дар саркори Аъзамшоҳ ҷамъан 15 сол аст. Се-чор соли аввал (1081-1085\1670-1675) дар вазифаи доруғагии кӯфтагархона, яъне корхонаи аслиҳасозӣ ва II соли дигар (1085-1096\1674-85) дар кори сипоҳгарӣ.

Тибқи шоҳодати Хушгӯ, шоир дар хидмати ҳарбӣ ба аҳзи мансаби понсадӣ ноил гардида буд.

Инак, меоем бар сари масъалаи дигар-сабаби тарки мулозамат намудани Бедил.

Дар ин хусус дар байни муалифони тазкираҳо се ақида мавҷуд аст. Яке, маълумоти Шералихони Лудӣ, дигаре, маълумоти Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ ва саввум, навиштаи Биндробандоси Хушгӯ.

Маъмултарини ин ақидаҳо, чунон ки хоҳем дид, ақидаи муаллифи «Миръотулхаёл» Шералихони Лудист. ӯ навиштааст: «Рӯзе дар маҷлиси шоҳзода (Аъзамшоҳ-Б.Р.) зикри шуъарои аср дар миён омад. Яке аз муқаррибон ба арз расонид, ки билфеъл дар Шоҳиҷаҳонобод, балки дар аксар аз саводи Ҳиндустон беҳтаре аз Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар силки мулозимони саркор мунсалик аст, нахоҳад буд. Шоҳзода гуфт: Бигӯед, ки қасидае дар мадҳи мо иншо кунад, то зӯри табъаш маълум намуда, ба изофаи мансаб ва тақарруб сарфароз намоем. Ин хабар ба Мирзо расид. Филҳол ба бахшии саркор рафта, истеъфои мансаб кард. Ҳарчанд дӯстон маслиҳат дар он диданд, ки қасида дар мадҳи шоҳзода тавон гуфт, қабул накард ва тарки мансаб намуд» (Миръотулхаёл, нусхаи мазкур, вар. 251 «б»).

Як зумра тазкиранависон, аз ҷумла Ғуломалӣ Озоди Балгиромӣ дар «Яди байзо», «Сарви

озод» ва «Хизонаи омира», Абдулваҳоби Ифтихор дар «Тазкираи беназир», Бхагавандоси Ҳиндӣ дар «Сафинаи Ҳиндӣ», Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар «Ништари ишқ», Муҳаммад Қудратуллоҳи Гӯпомӯӣ дар «Натоиҷулафкор», Муҳаммадсиддиқи Ҳасанхон дар «Шамъи анҷуман» навиштаи Шералихони Лудиро такрор намудаанд.

Аксари муҳаққиқони муъосир, чун Ёсинхони Ниёзӣ, устодСадридини Айнӣ, Абдулғанӣ ва Асадуллоҳи Ҳабиб низ дар ҳамин ақидаанд. Вале ин фикр, яъне навиштаи Шеръалихони Лудӣ дар бораи сабаби тарки мулозимат кардани Бедил, беасос ва аз воқеият дур аст. Аъзамшоҳ аз шоир будани Бедил ба хубӣ огоҳ буд ва Бедил низ дар малҳи ӯ як қасида дар ҳаҷми 27 байт ва чанд ғазалу қитъа эҷод кардааст. Ҳоло чанд байтро аз қасидаи ӯ нақл менамоем:

Ҳаббазо, хуршеди қудратманзари авҷи яқин,
Ҳукмфармои салотин, муттакои оламин.
Соҳиби илму худованди ҷаҳон, мухтори даҳр,
Волии давлат, паноҳи миллату иқболи дин.
Вориси соҳибқирон султон Муҳаммадаъзам он,
К-аз гули мадҳаш забон дорад чаман дар остин…
(Куллиёти Бедил, ҷилди 2, кобул, 1342, қасоид, с. 104).

Соҳиби тазкираи «Миръоти воридот» Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ сабаби аз хизмати Аъзамшоҳ рафтани Бедилро ин тавр ба қалам овардааст: «Рӯзе яке аз муқаррибони бисоти салтанат ашъори Мирзо ба самъи шоҳ (Аъзамшоҳ-Б.Р.) расонид. Шоҳ пурсид: Ин ашъори кист? Арз кард, ки аз Мирзо Бедил. Шоҳ бар сабили хуштабъӣ фармуд: Бедилро дар лашкари мо, ки тамом ҷавонони пурдиланд, чӣ кор? Мирзо ба муҷарради истимоъи ин фаҳвои хориҷоҳанг аз он мақом қадам ба водии сафар гузошт» (Маҷаллаи «Ориёно», Кобул, 1349, №3, с. 71).

Ба назари мо, навиштаи Вориди Теҳронӣ низ воқеъӣ ва боварибахш нест. Бедил, ки аз ҷумлаи наздикони Аъзамшоҳ буд, гумон аст, ки аз сухане «бар сабили хуштабъӣ» гуфташуда биранҷад ва гузашта аз ин, дар асари ин сухан тарки хидмат намояд.

Шогирд ва ҳамсӯҳбати доимии Бедил Биндробандоси Хушгӯ дар бораи ба хидмат пайвастан ва аз он фориғ гардидани Бедил чунин навиштааст: «Ба ҳар ҳол чун баҳори ҷавонӣ дар бӯстонсарои вуҷудаш дамидан оғоз кард, ба ҳукми рифъати истеъдод ва таҳсили асбоби маъош мулозимати подшоҳзодаи олиҷоҳ Муҳаммад Аъзамшоҳ дарёфт. Бист сол дар ин шуғл машғул буд… Баъд аз он, чун ҷазба даррасид, таморӯз намуда, аз хидмати шоҳӣ мустағнӣ гардид» (Сафинаи Хушгӯ, саҳ. 108).

Чунон ки мебинем, Хушгӯ ҳодисаи тарки хидмат кардани Бедилро ба ягон воқеъаи тасодуфӣ вобаста накарда, навиштааст, ки: «чун ҷазба даррасид, таморуз намуда, аз хидмати шоҳи мустағнӣ гардид». Яъне чун дар дили ӯ хоҳише пайдо шуд, ки тарки хидмат намояд, худро бемор вонамуд сохта, аз мулозимат даст кашид. Хушгӯ баъди зикри ин маълумот илова кардааст: «Подшоҳзодаи олиҷоҳ аз рӯи камоли қадрдонӣ нишоне ба дастхати хос навишта. Фақир Хушгӯ биҷинсиҳи дар қаламдони эшон дида. Ин ҷо нақли он мусаввада мешавад. Нишони дастхати хоси подшоҳӣ: Алҳамдулиллоҳи валминнату, ки ҳанӯз қувваи баданӣ, он рифъату шуҷоъати дастгоҳ ба ҳоли худ аст. Бо вуҷуди барқарории ҳавос аз хидмати олии шоҳӣ тақоъуд варзидан шарти ифои ҳуқуқи ихлос нест. То ҳол ҳам ҳеҷ нарафта. Он чӣ заруриёти роҳ даркор бошад, буютоти дорулхилофа амри нафоз ёфта, саранҷом карда хоҳад шуд. Зуд мустаъиди мулозимат гардад. Интиҳо.

Эшон дар ҷавоб аризае ба алқоби «худовандо» марқум намудаанд, ки тамоми он дар «Руқаъот» дохил аст. Як рубоъӣ аз он навишта меояд:

Аз шоҳи худ он чӣ ин гадо мехоҳад,
Афзунии мансаби ризо мехоҳад.
То ҳимати фақр нанги хоҳиш накашад,
Сархайлии лашкари дуъо мехоҳад»
(Сафинаи Хушгӯ, саҳ. 108).

Дар «Руқаъот»-и Бедил мактубе ба унвони «Ба шоҳ Аъзамшоҳ, ки ҳақиқати орзуи фақир дархостанд» мавҷуд аст, ки бо хитоби «худовандо» оғоз меёбад ва рубоъии зикркардаи Хушгӯ дар он ба назар мерасад. Ин ҳамон номаест, ки Хушгӯ дар хусусаш сухан кардааст. Дар ин мактуб шоир сабаби аз хидмат рафтани худро дар фаро расидани пирӣ нишон додаст. Ӯ навиштааст: «Тоқатҳои ҷавонӣ, ки василаи обрӯи бандагист, ба заъфи пирӣ анҷомид ва истиқомати қиво, ки далели саъодати хидматгузорист, сар ба ҷайби азпоафтодагӣ кашид. Дар ин муддат:

Ҳар чӣ аз саъйи норасо меруст,
Ба арақ рӯи ҳийлате мешуст.
Орзуҳо ба боди рустан рафт,
Араќе монду рӯ ба шустан рафт».
(Куллиёти Бедил, Лакҳнав, 1287, с. 86).

Хушгӯ пас аз зикри номаи ҷавобии Бедил илова кардааст, ки шоир «ба ёдоварии ҳуқуқи намак ғазале дар он ариза (нома - Б.Р.)нигошта буд, ки ин байт аз он аст» (Сафина, саҳ. 108).

Ғазале, ки Хушгӯ ду байти онро зикр кардааст, дар куллиёти Бедил мавҷуд аст ва матни комили он ин аст:

Агар хуршеди гардунам в-агар гарди сари роҳам,
Гадои ҳазрати шоҳам, гадои ҳазрати шоҳам.
Қабуле доштам дар боргоҳи арш таъзимаш,
К-аз он касби саъодатҳо кунун мақбули аллоҳам.
Зи иқболи заминбӯсаш ғаное кардаам ҳосил,
К-аз инъоми фалак ҷуз узри истиғно намехоҳам.
Замингирӣ надорад манъи таслими ҳузури ман,
Ба хок афтодаам, аммо ҳамон чун соя ҳамроҳам.
Суҷуде мебарам аз дур хоки остонашро,
Ба он қурбе ки наздикон ҳам аз дуранд огоҳам.
Ба зери сояи ёдаш виқоре чидаам бар худ,
Ки хиффат мекашад кӯҳ аз тамошои пари коҳам.
Чи наздикӣ, чи дурӣ бандагӣ ботил намегардад,
Фидоӣ будам, акнун аз дуъогӯёни даргоҳам.
Ба ҳукми нокасӣ домони нозе додаам аз каф,
Ки меҷӯшад чу мижгон чокҳо аз дасти кӯтоҳам.
ҷудо з-он остон дигар чӣ гӯям, чистам, Бедил?
Ғамам, дарди дилам, доғам, сиришкам, нолаам, оҳам.

Тавре ки мебинем, Бедил дар ин ғазал низ ба ҳодисаи мулозамати хеш дар саркори Аъзамшоҳ ишораҳо кардааст. Мисраъҳои «Қабуле доштам дар боргоҳи арштаъзимаш», «Фидоӣ будам, акнун аз дуъогӯёни даргоҳам», «Ба ҳукми нокасӣ домони нозе додаам аз каф», «ҷудо з-он остон дигар чӣ гӯям, чистам Бедил?»ва ғайра далели ин фикранд.

Илова кардан лозим аст, ки дар Куллиёти Бедил ғазали дигаре низ мавҷуд аст, ки зоҳиран, он ҳам ба Аъзамшоҳ дахл дорад. Дар ғазал ҳамзамон бо мадҳу ситоиши мамдуҳ аз замоне ёд шудааст, ки шоир аз лутфу карам ва нозу неъмати ӯ (мамдух) баҳравар будааст. Инак, чанд байти он ғазалро низ иқтибос мекунем:

Ҷинси мавҳумам дукони обрӯе чидааст,
Ҳеҷ ҳам дар олами уммед меарзидааст.
Дар ҷаноби ҳазрати шоҳи сулаймонборгоҳ
Вотавон мӯре хаёли арзе андешидааст.
З-ин сутуре чанд, к-аз таслим дорад ифтихор,
Маънии розам ҷабинҳо бар замин молидааст…

Дар ғубори хат нафас duздида оҳе мекашам,
Сурма гардидаст дил, то ин садо болидааст.
Дастгоҳи нуқта ку? Пешониам бастаст нақш,
Хат чӣ маънӣ дорад ин ҷо? Сайдаам лағзидааст.
Хомӯшӣ аз баски нозук месраояд дарди дил,
Ҷуз хаёли шоҳ фарёдам касе нашнидааст.
Гаштаам пиру зи ҳаққи неъмати деринааш
Ҳамчунон дар ҳар буни мӯям намак хобидааст…
Ҳар куҷо сар кардаам, Бедил, дуъои давлаташ,
Ӣуши омин аз замин то осмон печидааст.

Байти ҳафтуми ин ғазал (Гаштаам пиру) яқинан ишора аст ба замони мулозамати шоир дар ҳузури Аъзамшоҳ. Зеро, чунон ки аз байтҳои дуввум ва шашум бармеояд, мамдуҳи шоир шоҳ ё шоҳзода аст. Аз ҷумлаи шоҳону шоҳзодагони асри хеш Бедил танҳо дар саркори Аъзамшоҳ хидмат кардааст. Ӣолиби диқат аст, ки шоир дар ин ҷо низ (дар байти ҳафтум) ба ҳодисаи пирии худ, ки сабаби асосии истеъфо гардида буд, ишора кардааст.

Чунон ки гуфтем, таърихи истеъфои Бедил соли 1096 (1685) аст, ки ба 42-солагии ӯ рост меояд. Албатта, дар қиёси умри умумии инсон ин синну солро айёми пирӣ гуфтан нашояд. Вале ин давраро барои адои хидмати ҳарбӣ давраи ҷавонӣ ҳисобидан ҳам номумкин аст.

Сабаби тарки хидмат кардани Бедил, аз як тараф, ба синну соли ӯ вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба фаъолияти эҷодиаш мусоъадат накардани муҳити зиндагии ӯст. Ба ибораи дигар, хидмати ҳарбӣ имкон намедод, ки шоир ба таври дилхоҳ ба фаъолияти эҷодӣ машғул шавад. Бесабаб нест, ки ӯ аз соли 1081 (1670-71) то соли 1096 (1685) ягон асари калонҳаҷм таълиф карда натавонист. Маснавии нахустини ӯ «Тилисми ҳайрат» дар соли 1080 (1669-70), яъне то замони ба хидмати Аъзамшоҳ рафтани ӯ, эҷод шуд. Таълифи «Муҳити аъзам», ки дар соли 1078 (1665-66) оғоз ёфта буд, баъд аз замони истеъфо- дар байни солҳои 1096-1099 1685-1688) ба поён расид. Маснавии дигари вай «Тӯри маърифат» дар соли 1097 (1685-86) таълиф шуд. Ва ниҳоят, девони нахустини шоир низ дар байни солҳои 1096-1098 (1685-1687) мураттаб гардид.

Ангезаи саввуме, ки Бедилро ба тарки хидмат водор намуд, ғолибан, бадамнӣ ва ноороммиҳои охирин мавзеъи хидмати ӯ шаҳри Матҳро буд. Номае, ки шоир баъди аз Матҳро ба Деҳлӣ омадан ба Шукруллоҳхон фиристодааст, ба ин маънӣ далолат менамояд. Шоир дар ин нома навиштааст: «Фарёдрасо, ба ҳасби инқилоби аҳволи олам, хоса таҳлукаи навоҳи Исломобод (номи дигари Матҳро-Б, Р.), ки дар ин айём поси номуси соҳибқудратон ҳам дар ин сарзамин бетаъаззуре нест, то ба ғурапои бедаступо чӣ рассад, муъованати фазли эзидиро шомили ҳоли хайриятмаол андешида бо пошикастае чанд, ки бори гардани зиндагианд, рахти саломат берун кашид ва бистуҳафтуми ҷимодиюлохир (соли 1096-Б.Р.) дохили дорулхилофат (шаҳри Деҳлӣ- Б.Р.) гардид» (Куллиёти Бедил, Лакҳнав, с. 152).

## ЛАҲЗАЕ АЗ РӮЗГОРИ БЕДИЛ

Дар кори омӯзиш ва таҳқиқи аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) лаҳзаҳоиноравшан ва камтадқиқӣ ҳанӯз ҳам зиёданд. Яке аз чунин лаҳзаҳо сабаби тарки таҳсили расмӣ намудани шоир аст. Чунон ки маълум аст. Бедил дар синни панҷсолагӣ ба мактаб рафта, дар синни 10-11 солагӣ онро тарк намуд. Сабаби тарк намудани таҳсил чӣ буд?

Пеш аз он ки ба ин суол ҷавоб гӯем, замони ба мактаб рафтану ба таҳсил шурӯъ намудани ӯро ба хотир меорем.

Табқи навишти худи Бедил, вақте ки ӯ панҷсолаву шашмоҳа шуд, модараш ӯро ба мактаб дод. Ӯ дар муддати ҳафт моҳ дар баробари аз худ кардани хату савод Қуръони каримро хатм намуд ва то даҳсолагӣ ба сарфу наҳви забони арабӣ ва назму насри адабиёти форсӣ ошно гардид. Вай дар ин синну сол аз қоидаву қонуни шеъру шоирӣ огаҳ шуда, ба машқи шеър низ шу л меварзидагӣ шуд ва аввалин шеъри худро дар айёми мактабхонӣ, дар синни даҳсолагӣ гуфт. Ӯ нақл мекунад, ки яке аз шарикдарсонаш одате дошт, ки қаранфули гардан зери забон мегузошт ва ҳангоми такаллум аз даҳонаш бӯи хуши қаранфул ба машом мерасад. Ҳамин одати шарикдарсаш сабаби ба дунё омадани аввалин шеъри ӯ гардид.

Шеър ин аст:

Ёрам ҳар гоҳ дар сухан меояд,<br>
Бӯи оҷибеш аз даҳан меояд.<br>
Ин бӯи қаранфул аст ё накҳати гул?<br>
Ё роиҳаи мушки Хутан меояд?

Таҳсили Бедил дар мактаб (на дар мадраса) ҳамагӣ чоруним-панҷ сол, яъне то сини даҳсолагиаш, давом кард. Ӯ ҳодисаи мазкури аввалин бор шеър гуфтани худро ба хотир оварда, таъкид кардааст, ки «ҳамон сол (соли даҳуми умр- Б. Р) нусхаи иктисоб варақи аш оли зоҳир баргардонд ва мутолааи асрори дил паси зонуи тафаккурам нишонд». Яъне ҳамон сол шу ли аз бар намудани илмҳои зоҳир қатъ гардид ва мутолааи асрори дил-бо роҳи худомӯзӣ касби камол намудан шурӯъ шуд. Суоле ба миён меояд, ки оё бо хатм намудани мактаб таҳсили расмӣ ё худ зоҳирии Бедил ба поён расид?

Аз як ишораи Бедил дар хусуси баҳси ду мударрис (дар ин бора баъд сухан хоҳем ронд) бармеояд, ки ӯ муддате дар мадраса низ таҳсил намудааст. Зоҳиран, дар асоси ишора аст, ки яке аз аввалин муҳаққиқони шоир Абдурауфи Фитрат навиштааст, ки Бедил то даҳсолагӣ дар мактаб ва аз даҳсолагӣ то понздаҳсолагӣ дар мадраса таҳсил кардааст (ниг. А. Фитрат, Бедил, Маскав, 1923. Саҳ 59). Фикри умуман дар мадраса хондани Бедил, чунон ки дидем, беасос нест. Вале муддати таҳсил дар мадраса набояд панҷ сол бошад. Аз навиштаҳои худи Бедил бармеояд, ки таҳсили расмии ӯ ҳам дар мактаб ва ҳам дар мадраса то синни 11-12 солагиаш давом кардааст.

Ба назар чунин мерасад, ки муддати таҳсили шоир дар мадраса ба ҳадде кӯтоҳ будааст, ки ӯ ҳангоми ёдоварӣ аз рафти таҳсили расмӣ онро умуман ба хотир наовардааст. Лаҳзаи баҳси ду мударрис, ки аз таҳсили Бедил дар мадраса дарак медиҳанд, лаҳзаи туфайлиест, ки зимни баёни масъалаи дигар оварда шудааст.

Бедил вақте ки аз о оз ва раванди таҳсил ҳарф мезанад, бо таассуф қайд менамояд, ки бо сабаби пайдо шудани баъзе монеаҳо ба ӯ муяссар нагардид, ки таҳсили расмиро идома диҳад.

Бино бар қавли худаш, ҳодисаи тарки таҳсил намудани ӯ замоне рух додааст, ки ӯ «ҳанӯз ба идроки маънии булу », яъне ба синни дувоздаҳ, ки айёми бало ати шаръист, нарасида будааст. Шоир сухани худро идома дода, навиштааст, ки чун давом додани таҳсил ба ӯ муяссар нагардид, такя бар фазли илоҳӣ намуда, «татаббӯи аҳволи мавҷудот»-ро дарс ва «тамошои бадойеи коинот»-ро сабақ тасаввур намуда бо роҳи худомӯзӣ фарогирии илму маърифатро давом дод. Ва боз илова кардааст, ки «аз он ҳангом то ҳол, ки нафасшумории умр муқорини соли чиҳилу якум» аст, ҳамон нақши таслим сарлавҳаи нусхаи ҷабин асту ҳамон нақди ризо сармояи ҷайбу остин». Яъне аз он давра то ба имрӯз, ки марҳалаи умр ба 41 наздик шудааст, кушиши худомӯзӣ идома дорад.

Хулосаи ин гуфтаҳо ин аст, ки чун Бедил ба синни 12 нарасида таҳсили расмиро қатъ намуд, аз ҳамон давра то замони 41 солагӣ ба давом додани он дигар барнагашт. Яъне таҳсил ҳам дар мактабу ҳам дар мадраса то замони дувоздаҳсолагиаш ба поён расида буд.

Чӣ ҳодисае боис гардид, ки Бедил дар ин синну сол таҳсили расмиро қатъ намуд?

Худи шоир дар «Чорунсур» овардааст, ки сабаби тарки мадраса кардани ӯ баҳси ду мударис буд. Сурати воқеаи чунин буда, ки рӯзе амаки шоир Мирзо Қаландар ба мадраса, ба назди Бедил рафта, шоҳиди мунозараи беадабонаи ду мударрис мешавад. Баҳси онҳо Мирзо Каландарро ба ҳадде нороҳат месозад, ки ӯ Бедилро фавран аз мадраса бозмегирад. Бедил манзараи мазкурро чунин ба қалам додааст: «Рӯзе дар уламои мадраса тақрири тарҳи иғлосе чарор ёфта буд ва курраи ишти оли баҳс бар ҳам тофта. Ду донишманди беинсоф арсаи ғавлони лоф гарм доштанд ва ба навоҳои «зараба язрибу» аламм хиффати аҳл меафростанд. Ба уборангезии қилу қол хок бар сари бема зи ҳам мепошиданд ва ба сарчанги нохунҳои дахл чеҳраи эътибори якдигар мехарошиданд. Ҳар чӣ яке ба такаллуф мечовид (мелайчид – Б. Р) дигаре рад мекард ва он чӣ ин ба мар убӣ арза медод, он ба ашӣ бармеовард. Ногоҳ тӯфонғӯши қабули илзом якеро арҷи араӣ гардонид ва урури алабаи далоил дигареро ба сад раги гардан болонид. Мушоҳадаи аёри сурати ҳол уборе бар оинаи айраташ ( айрати мирзо Қаландар-Б. Р) рехт ва кудурате ба домани сафои дийчаташ овехт. Фармуд: Ин бедонишон умрҳо ғодаи хутуту сутур мепаймоянд, то саранғом ғабҳа ба хоки пушаймонӣ бимоланд ва ин тифлмизоғон тахтаҳо сиёҳ менамояд, то муддате ба шҳрати сарнигунӣ биболанд… Ҳамон рӯз фақирро (яъне Бедилро-Б. Р) манъи дарс фармуд, ки агар осори илм ин аст, халал дар бинои ғаҳл маяфкан, то оқибати ҳол пушаймон нашавӣ ва агар фоидаи таҳсил ҳамин аст, хирмани беҳосилӣ барҳам мазан, то охири кор надомат надравӣ. Ҳар гоҳ ба масъалае эҳтмёғ афтад, қозӣ дар маҳкама намурдааст ва ҳар вайт насиҳат манзур бошад, воизро аз минбар гург набурда» (Ниг.: Чорунсур. нашри Кобул. с. 61).

Аксари муҳаййиқони Бедил, аз ғумла Абдурауфи Фитрат, Йорӣ Абдуллоҳхон, Ёсинхони Ниёзӣ, Ҳошим Шоиӣ, Иброҳим Мӯминов, устод Айнӣ, Ибодуллоҳи Ахтар, Файзи Кобулӣ, устод Халилӣ, Холида Айнӣ, Абдул анӣ, Кошӣ Нотҳ Пандит, Холмуҳамади Хаста, Шафеии Кадканӣ, Нурулҳасани Ансорӣ, Асадуллоҳи Ҳабиб ва Набӣ Ҳодӣ, сабаби тарки мадраса кардани шоирро ба ҳодисаи баҳси ду мударрис алоқаманд донистаанд. Чунончи, Абдул анӣ дар рисолаи маълум ва машҳури худ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул. 1351, саҳ. 15) навиштааст: «Ҳангоме ки Бедил «Кофия»-ро хатм ва бо «Шарҳи Муллоғомӣ» о оз карда буд, ҳодисаи арибе таълими муназзами Бедилро қатъ намуд. Рӯзе ду тан аз муалимини вай дар бораи таърифи афъол дар сарфу наҳви арабӣ мубоҳаса доштанд. Дар ҳарорати мубоҳаса рагҳои гулӯи эшон омос кард, чашмҳояшон ранги қирмиз ба худ гирифт ва мизоғашон аз ҳолати табиӣ баргашт. Иттифоқан Мирзо Қаландар ҳамон ғо ҳузур дошт. Вай ба андеша фурӯ рафт, ки агар ҳаёте, ки ба таҳсили арабӣ вайф шуда, оқибат ба чунин як вазияти бешармӣ ва тифлонӣ мунтаҳӣ гардад, пас лаънат бар чунин таълим бод. Мирзо Қаландар бародарзодаи худро (яъне Бедилро-Б. Р) филфавр аз мактаб хориғ ва ба мутолааи осори маъруфи нависандагони зубдаи дарӣ дар хона маш ул намуд».

Гуфтан даркор аст, ки ишораи мазкури Бедил дар хусуси сабаби тарки таҳсил намудани ӯ ишораи ягона нест. Дар «Чорунсур»-и шоир дар ин бора ишораи дигар низ мавғуд аст, ки нисбат ба ҳодисаи баҳси ду мударрис табиитару воқеитар ба назар мерасад. Тибқи ин ишора, сабаби тарки таҳсил намудани Бедил бебизоатӣ ва парешонии рӯзгор будааст. Ӯ ғое ки аз о оз ва анғоми таҳсил сухан меронад, сабаби қатъ гардидани онро чунин баён мекунад: «Чун асоси ғидду ғаҳди халоиӣ бар дӯши ғамъияти асбоб аст ва бунёди тавағғӯҳи ишти ол бар субути табияти беинқилоб, ҳанӯз ба идроки маънии булу нарасида (яъне дувоздаҳсола нашуда-Б. Р) нотавонии бозуи истеъдод камони кӯшиш аз зеҳ андохт ва норасоии дастгоҳи қудрат риштаи амалҳо маҳкуми гиреҳ сохт. Беихтиёрӣ нагзошт, то дигар камари ғаҳде тавон баст ва бедаступоӣ раво надошт, то домани тараддуде тавон шикаст» (Чорунсур саҳ. 11-12).

Бояд бигӯем, ки дар суханони мазкури Бедил ибораи «ғамъияти асбоб» ба маънои муҳайё будани василаи ин ё он чиз аст. Масалан, василаи зиндагӣ, сабаби зиндагӣ, ки иборат аст аз маводи хӯрокаву сару либос-ва айра.

Ҳамчунин калимаи «истеъдод» (бозӯи истеъдод) ба маънои имконият аст, имконияти моддӣ. Ва ниҳоят, калимаи «қудрат» (дастгоҳи қудрат) ба маънои қудрати дороист.

Шоир гуфтанист, ки барои анғоми ҳар коре шароиту воситаи зарурӣ даркор аст ва барои ба ягон касбе рӯй овардан хотири ғамъу табиати ором лозим. Ман ки ҳамин гуна шароит ва ҳамин хел имконият надоштам, ба синни бало ат (балоғати шаръӣ) нарасида, таҳсилро қатъ

кардам. Беихтиёрӣ (ноилоҷиву ночорӣ) ва бедаступоӣ (оғизиву нотавонӣ) имконият надоданд, ки таҳсили расмиро ба поён расонам.

Ба аҷидаи мо, сабаби аслии тарки таҳсил кардани Бедил ҳамин ишораи дуввуми ӯст, на ҳодисаи зикршудаи баҳси ду мударрис. Ин маъниро бо ин далел низ метавон тақвият дод, ки Бедил ғое ки баҳси ду мударрисро ба ҳайси сабаби тарки таҳсил нишон медиҳад, мақсади ассосии ӯ баёни таҳсил нест. Мақсади асосӣ дар ин ғо таърифи Мирзо Ҷаландар аст. Шоир барои нишон додани хислатҳои фитрӣ ва зотии Мирзо Ҷаландар ба ин ҳодиса ишора кардааст. Дар ин ғо маълумоти ӯ маълумоти туфайлист. Вале ҷое ки сабаби тарки таҳсил мавҷуд набудани шароиту имконият аст, сухан бевосита дар бораи таҳсил меравад. Дар ин ҷо маълумоти шоир ишораи туфайлӣ набуда, балки мақсади асосии ӯст. Шоир дар ин ҷо аз оғоз, раванд ва қатъи таҳсил ба тартиби муайян сухан меронад.

Илова бар ин, хотирнишон кардан лозим аст, ки амаки Бедил Мирзо Қаландар марди сипоҳӣ буд ва аз ин рӯ имконият надошт, ки муддати зиёде дар ин ё он мавзеъ иқомат намояд. Бедили хурдсол, ки узви оилаи ӯ ба шумор мерафт, дар сарсониву «сайру сафарҳо»-и ӯ шарик буд. Аз эҳтимол дур нест, ки яке аз иллатҳои тарки таҳсил кардани шоир характери пешаи амакаш низ бошад.

Дар баробари ин аз ишораи шоир роҷеъ ба баҳси ду мударрис ва тасмими Мирзо Қаландар низ наметавон чашм пӯшид. Дар кори тарки таҳсил кардани Бедил, шояд, ин ҳодиса низ таъсире гузошта бошад. Ё худ, шояд, ба ҳайси як баҳонае хидмат карда бошад.

## ЗАБОНИ МОДАРИИ БЕДИЛ

Чунон ки медонем, дар масъалаи нажод ва қавму қабилаи Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) чи тазкиранависони пешин ва чи муҳаққиқони муъосир – ҳама дар як ақида ҳастанд. Тибқи ин ақида, Бедил ба қавми арлос ё худ барлоси улуси Чиғатой мансуб аст. Бино бар маълумоти манбаъҳои таърихӣ, қабилаи барлос яке аз қабилаҳои муғул аст, ки дар замони истилои Чингизхон ба Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳру дигар сарзаминҳо ворид шуда, дар ин ҷойҳо сукунати доимӣ ихтиёр кардаанд.

Ба гуфтаи муаллифи «Равзатуссафо» Муҳаммад Ховандшоҳи Мирхонд, то давраи Чингизхон аз табқаи муғул нӯҳ нафар ба салтанат расидаанд, ки аввали онҳо Муғулхон ва охиринашон Аййилхон аст. Яке аз хонҳои муғул, ки номаш Тумнахон буд, ду писар дошт Қубулхон ва Қочулихон. «Қочулӣ, -- навиштааст Мирхонд, -- ҳафтум падари соҳибқирон (амир Темур - Б.Р.) буд ва амир Қочулӣ асли қабилаи барлос аст» (Ниг.: Равзатуссафо, Лакҳнав, 1891, ҷилди 6, с. 3).

Авваллин муаллифе, ки аз мансубияти Бедил ба қабилаи барлос хабар додааст, муъосири ӯ, соҳиби тазкираи «Миръотулхаёл» (соли таълиф – 1102\1690-91) Шералихони Лудист, ки навиштааст: «Фариштахӯи соҳибдил Мирзо Абдулқодири Бедил… Аз қавми Чиғатойи арлос аст. Дар Ҳинд нашвунумӯ ёфта» (Миръотулхаёл, нусхаи хаттии № 1996, Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон).

Гуфтан лозим аст, ки зикри Бедил дар тазкираи Шералихони Лудӣ аз назари худи Бедил гузаштааст. Аз ин рӯ, ба дурустии ин маълумот шакку шубҳае набояд бошад. Шералихони Лудӣ дар поёни шарҳи ҳоли Бедил дар ин хусус навиштааст: «Рӯзе ки маллифи ин авроқ таърифи Мирзо Бедил, ки боло марқум кардааст, ба карои мутолаъааш даровард, асари башошат бар чеҳраи муборакаш пайдо гардид ва чун ба хона ташриф бурд, ин чаҳор ғазал ба хатти худ навишта фиристонд» (Ҳамон ҷо).

Дар тазкираҳои баъдина, аз ҷумла дар «Яди байзо», «Сарви озод» ва «Хизонаи омира»-и Мир Ғуломалихони Озод, «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробандоси Хушгӯ, «Маҷмаъуннафоис»-и Сироҷиддин Алихони Орзу ва ғайра ҳамин фикр такрор ва таъкид шудааст. Чунончи, дар «Сафинаи Хушгӯ» омадааст: « Он ҳазрат аз қавми муғул дар муғулони арлос, ки чаҳор қисм мебошанд, яке аз онҳо Мирзо Барлос аст» (Сафинаи Хушгӯ, Патна, 1959, с. 104).

Муъосири дигари Бедил, муаллифи тазкираи «Миръоти воридот» Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ, ки ба қавли ӯ, Бедил ба муддати яку ним сол дар Матҳро, дар хонаи онҳо зиндагӣ кардааст, дар хусуси аслу нажоди шоир чунин навиштааст: «Дар боби насаби хеш он ҷӣ Мирзо дар ҳузури ин аҳқарулъибод мукаррар тақрир кард, ин аст, ки силсилаи аҷдоди Мирзо мунтаҳӣ ба шоҳ Мансур ибни Музаффар -- подшоҳи Форс, мамдӯҳи Хоҷа Ҳофиз мегардад. Ҳангоме ки шоҳ Мансур бо амир Темур сафоройӣ намуда, кушта гардид, авлод ва аҳводаш рӯ ба савби Бухоро оварданд. Чандин пушти Мирзо дар Мовароуннаҳр иқомат дошт. Бузургвори Мирзо аз он макон муфорақат варзида, дар мамлакати Бангола раҳли иқомат афканд. Баъди инқизои як пушт вуҷуди Мирзо аз матлаъи субҳи саъодат толеъ гашт (Ниг.: Маҷаллаи «Ориёно», 1349, № 3, с. 71-73).

Бино бар тадқиқоти Холмуҳаммади Хаста, хонадони Музаффариён, ки шоҳ Мансур намояндаи охирини онҳост, аз қавми барлос будаанд (Ниг.: Хаста, Хонаводаи Бедил, Ориёно, Кобул, 1349, № I).

Тавре ки ишора кардем, аксари муаллифони муъосир низ аз маълумоти тазкираҳо пайравӣ намуда, Бедилро аз қавми барлос гуфтаанд. Чунончи, устод Айнӣ дар рисолаи хеш «Мирзо Абдулқодири Бедил» навиштааст: «Назар ба нақли муаллифи тазкираи «Хизонаи омира»-- Ғуломалихон Озоди Балгиромӣ, ки дар замони вафоти Бедил 17 сола буд, асли Бедил аз гурӯҳи (қабилаи) Арлос будааст» (Ниг.: С. Айнӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сталинобод, 1954, с.26).

Муҳаққиқи дигари Бедил Халилуллоҳи Халилӣ дар ин бора чунин нигоштааст: «Тазкиранигорон мутавфиқанд, ки Мирзо Бедил аз эли Барлоси (арлос) чиғатойӣ мебошад. Мафҳуми калимаи «барлос» марди далер ва асил аст. Ин калима нахустин бор бар Эрдамчӣ - яке аз сардорони муғул итлоқ гардид. Эрдамчӣ писари Коҷулӣ баҳодур, бародари Қубулхон писари Тумнахон мебошад. Коҷулӣ баҳодур касест, ки насаби Чингизхон, ҷаҳонкушои

муғул, ба се фосила ба вай мунтаҳӣ мешавад. Ва Эрдамчӣ ҳамон аст, ки насаби Темур ба ҳафт фосила ба вай мерасад» (Устод Халилӣ, Файзи Қудс, Кобул, 1334. саҳ. 92).

Худи Бедил нисбат ба муғулҳо ҳусни таваҷҷӯҳи хосе дорад. Ин маъниро аз байтҳои зерин метавон пай бурд:

Хунуктар зи зоғ асту тақлиди кабк,
Ки ҳиндустонӣ тамағғул кунад.

Аз санъати муҳовараи лӯлиёни Форс
Ҳиндустониён ба тамағғул хазидаанд.
(Куллиёти Бедил, ҷилди1, Кобул, 1341, саҳ. 404; 410).

Вале ин гуна равшанӣ ва сароҳате, ки дар мавриди қавму қабилаи Бедил вуҷуд дорад, роҷеъ ба забони модарии ӯ, забоне ки аҳли оилаи ӯ гуфтугӯ мекарданд, дида намешавад. Аксар муаллифони тазкираҳо дар ин хусус умуман чизе нагуфтаанд. Аз ҷумлаи эшон танҳо ду нафар Биндробандоси Хушгӯ ва Озоди Балгиромӣ зимни баёни масоили дигар, дар ин бора низ ишораҳое кардаанд. Хушгӯ аз ҳодисаи ба лашкари Аъзамшоҳ (1646-1707) пайвастани Бедил хабар дода, илова кардааст, ки шоир дар он ҷо, яъне дар лашкари Аъзамшоҳ, дар «андак фурсат муъаззиз ва мақбул гардида, дар туркиву форсӣ ҳамзабон гардид» (Сафинаи Хушгӯ, саҳ. 108).

Аз ин ишораи Хушгӯ ин қадар метавон пай бурд, ки забони модарии Бедил на форсӣ будаву на туркӣ.

Аз ишораи Озоди Балгиромӣ низ ҳамин маънӣ – яъне форсӣ набудани забони модарии Бедилро пай бурдан мумкин аст.

Ӯ навиштааст: «Мирзо дар забони форсӣ чизҳои ғариб ихтироъ намуда, ки аҳли муҳовара қабул надоранд. Бале, Қуръон, ки каломи холиқи алсина аст, сарриштаи мувофиқати забон дар даст дорад. Агар ихтироъе хилофи забон медошт, фусаҳои араб қабул намекарданд. Ғайрифорсе, ки тақлиди забони форсӣ кунад бе мувофақати асл, чӣ гуна мақбули аҳли муҳовара тавонад шуд? (Хизонаи омира, Лакҳнав, 1900, с. 154).

Тавре ки мебинем, Озоди Балгиромӣ нисбат ба Бедил калимаи «ғайрифорс»-ро ба кор бурда, таъкид кардааст, ки касе ки худ форс несту ба забони форсӣ шеър мегӯяд ва забони шеъри ӯ ба забони аслии форсӣ мувофиқат намекунад, писанди аҳли муҳовара, яъне аҳли забони форсӣ, нахоҳад шуд.

Аз муаллифони муъосир касе, ки аввалин бор роҷеъ ба забони модарии Бедил сухан кардааст, устод Айнӣ будааст. Ӯ дар аввалин мулоҳизаҳои худ доир ба Бедил, ки соли 1912 дар маҷаллаи «Шӯро» (Оренбург, 1912, № 2) ба табъ расидаанд, забони модарии шоирро урду гуфта буд (Ниг.: Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи III. Душанбе, 1966, с. 152-157). Вале баъдтар устод Айнӣ ҳам дар мақолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил ва эҷодиёти ӯ» (Шарқи Сурх, 1946, № 7, № 1, 2, 3) ва ҳам дар рисолаи маъруфи хеш « Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод-1954) забони модарии шоирро ҳиндӣ, ҳиндии Бангола, яъне банголӣ қаламдод кард. Ӯ дар ин хусус навишта буд: « Яке аз бобокалонҳои Бедил аз Осиёи Миёна рафта бошад ҳам, падару бобоҳои наздикаш ҳиндустонзо буданд, бино бар ин, забони модарии ӯ забони ҳинду буд. Азбаски ӯ дар Азимобод таваллуд ёфта, рӯзҳои аввали ҷавониашро ҳам дар ҳамон тарафҳои шарқӣ гузаронидааст, бояд забони модарии ӯ забони Бангола бошад. Азбаски забони урду як забони умумӣ аст ва шоирони ҳинду дар он забон низ шеър мегӯянд, бояд ӯ забони урдуро ҳам донад…Азбаски ӯ бисёр чизҳоро аз китобҳои қадими ҳиндуҳо нақл мекунад, бояд ӯ забони ҳиндии қадимро ҳам донад. Дар ҳар ҳол, ӯ забони тоҷикиро аз мактаб ва мутолаа омӯхтааст» (С. Айнӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сталинобод, 1954. саҳ. 106).

Устод Айнӣ баъд аз он, ки аз эродҳои Озоди Балгиромӣ ба забони осори Бедил ва тарафдори ин эродҳо набудани Сироҷиддин Алихони Орзу ёд мекунад, фикри худро ба тариқи зайл ҷамъбаст менамояд: «Хулосае, ки мо аз ин тафсилот мебарорем, ин аст, ки Бедил бо вуҷуди забони модариаш ҳиндӣ будан, тоҷикиро аз мактаб ва мутолаа омӯхта, як куллиёти калонро ба ҳама шаклҳои анъанавӣ ва ихтироиаш дар ин забон ба вуҷуд овардааст, ҳақиқатан як қобилияти бисёр бузурги илму адабиёт ва забон дошта будааст» (Ҳамон ҷо, саҳ.

107).

Тавре ки мебинем, устод Айнӣ ҷое, ки забони модарии ӯ, яъне Бедил, забони ҳиндӣ буд, мегӯяд, мақсадаш таъкиди ин маънист, ки забони модарии Бедил форсӣ набуда, яке аз забонҳои маҳаллии Ҳиндустон буд. Сипас ӯ, ба мақсади мушаххас намудани фикри худ, илова менамояд, ки чун шоир дар Азимобод таваллуд ёфтааст, забони модариаш забони банголӣ бояд бошад. Сабаби забони модарии Бедилро банголӣ гуфтани устод Айнӣ, зоҳиран, он аст, зодгоҳи шоир шаҳри Патна, ки бо номи Азимобод низ маъруф аст, дар кишвари Бангола воқеъ аст. Аммо чунон ки медонем, зодгоҳи Бедил нисбат ба кишвари Бангола ба яке аз вилоятҳои ин кишвар - вилояти Биҳор наздикӣ ё худ тобеъияти бештаре дорад. Яъне ин шаҳр маркази ҳамин вилоят ба шумор меравад. Ва забони аслии мардуми ин вилоят забони биҳорӣ мебошад. Нуфузи забони банголӣ дар ин ҷо ниҳоят кам аст. Дар замони Бедил дар ин вилоят, шояд, нуфузи забони биҳорӣ нисбат ба дигар забонҳо бештар буда. Вале имрӯз мураввайтарин забон дар вилояти Биҳор забони ҳиндист, ки дар замони Бедил бо номи «ҳиндустонӣ» ёд мешуд. Бино бар натиҷаи баҳисобгирии аҳолӣ, ки соли 1961 дар Ҳиндустон сурат гирифт, дар вилояти Биҳор дар ин давра беш аз сӣ (30) забон дар ривоӣ буд. Аз ин миқдор маншуртарини онҳо забонҳои ҳиндӣ, урду, биҳорӣ, санталӣ ва банголӣ буданд. То соли 1961 беш аз 94 дарсади аҳолии ин вилоят ба панӣ забони мазкур ҳарф мезаданд ё худ ин забонҳоро забонҳои модарии худ меҳисобиданд. Аз ҷумла 44,3 фоизи аҳолӣ ба забони ҳиндӣ, 35,4 фоизи он бо забони биҳорӣ, 8,9 фоиз бо забони урду, 3,6 фоиз бо забони санталӣ ва ниҳоят, 2,6 фоиз ба забони банголӣ гуфтугӯ мекарданд (Дар ин бора ниг. Страны и народы Востока. Вып. XII. Индия - страна и народ. Кн. 2. М., «Наука», 1972, стр. 139-179).

Бо назардошти далели мазкур, яъне биҳорӣ будани забони аслии ватани Бедил - вилояти Биҳор ва нуфузи кам доштани забони банголӣ дар ин вилоят, ба гумон аст, ки забони модарии Бедил банголӣ буда бошад.

Аз муаллифоне, ки форсиро забони модарии Бедил намеҳисобанд, боз ду нафари дигар – муҳаққиқи ҳиндустонӣ Вораси Кирмонӣ ва донишманди эронӣ Муҳаммадризо Шафеъии Кадканиро метавон ном бурд. Чунончи, Шафеъии Кадканӣ навиштааст: «Бедил шоирест, ки форсӣ забони модарии ӯ набуда». (Шафеъии Кадканӣ, Шоири оинаҳо, Теҳрон, 1366, с. 31).

Вале аксари муҳаққиқон, аз ҷумлаи Иброҳим Мӯминов, Кошӣ Нотҳ Пандит, Азизуддин Вакилии Фуфалзоӣ, Асадуллоҳ Ҳабиб, Субҳон Амирқулов дар ақидае ҳастанд, ки забони модарии Бедил забони форсӣ буд. Чунончи, муаллифи кашмирӣ Кошӣ Нотҳ Пандит навиштааст: «Аз тазкираҳо пайдост, ки Бедил, гарчи забони модариаш форсӣ буд, аз он ҷо ки мутаваллиди Ҳиндустон буд, ҳиндӣ низ медонист. Аммо дар он забон ба ҷуз се байт шеър насурудааст ва ё агар ҳам суруда бошад, ба мо нарасида». (Ниг.: Кошӣ Нотҳ Пандит, Аҳволу афкор ва сабки ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, рисолаи дуктуроӣ, Теҳрон, 1961, чопи мошинка, с. 147).

Нурулҳасани Ансорӣ низ, зоҳиран, тарафдори ҳамин фикр мебошад. Ӯ дар мақолае бо номи «Бедил ва ҳиндшиносӣ» аз суннати ҳинддустӣ ва ҳиндшиносии шоирони форсигӯи Ҳиндустон сухан карда, роҷеъ ба Бедил чунин навишта аст: «Мирзо Абдулқодири Бедил, ки бидуни тардид, аз ҷомеътарин ва баарзтарин шахсиятҳои адабиёти дарӣ маҳсуб мешавад, низ тибқи суннати пешиниёни худ ба ҳиндшиносӣ алоқаи самимӣ дошт. Бино бар гуфтаи Биндробандоси Хушгӯ, Бедил асотири ҳиндуиро ба диққат мутолаъа карда буд ва саросар достони «Маҳабҳарот»-ро ҳифз дошт ва дар мусиқӣ маҳорати комил ба даст оварда буд ва забони ҳиндиро ба хубӣ фаро гирифта буд». (Ниг.: Маҷаллаи «Хуросон», Кобул, 1364, №№-24-25).

Аз таъбири «забони ҳиндиро ба хубӣ фаро гирифта буд» пай бурдан душвор нест, ки Ансорӣ ҳиндиро забони модарии Бедил намеҳисобад.

Аз муаллифоне, ки забони модарии Бедилро форсӣ гуфтаанд, танҳо як нафар – Асадуллоҳ Ҳабиб барои исботи фикри хеш аз «Чорунсур»-и шоир далел овардааст. Ӯ навиштааст: «Дар бораи забони Бедил суханони ноҳамгуне гуфтаанд. Ба пиндори Садриддин Айнӣ, забони Бедил банголӣ буд ва забони форсиро дар мадраса омӯхт.

Ғуломалихон Озоди Балгиромӣ муаллифи «Хизонаи омира» низ забони порсиро забони модарии Бедил намепиндорад. Магар Бедил худ дар ҳамин фасли «Чорунсур» (фасли аввали асар – Б.Р.), ки аз гироиши хеш ба таҳсили адабиёти форсӣ дар мадраса ҳикоят мекунад, ин

байтро менависад:

Эй ки аз фаҳми ҳақоиқ дам занӣ, хомӯш бош,
Умрҳо бояд, ки дарёбӣ забони хешро.

Аз ин байт чунин метавон бардошт кард, ки забони модарии Бедил порсӣ будааст. Ҳамин забоне, ки дар осораш ба кор бурдааст» (А. Ҳабиб. Бедил - шоири забонаҳо. Кобул, 1363, с. 45).

Байте, ки Ҳабиб ба ҳайси далел иқтибос кардааст, ҷузъи як қитъаест, ки дар «Чорунсур», дар бахши тарҷимаи ҳоли шоир дарӣ гардидааст. Бедил пас аз зикри он, ки дар синни 6-солагӣ ба омӯхтани савод шурӯъ кард ва дар ҳафтсолагӣ Қуръонро хатм намуд, идомаи суханро чунин ба қалам медиҳад: «Баъд аз он то соли ошир накди таваҷҷӯҳ масруфи сарфу наҳви қавоиди арабият дошт ва оинаи ҳуш ба имтиёзи назму насри форсӣ мегумошт.

Назм:
Эй ки аз фаҳми ҳақоиқ дам занӣ, хомӯш бош,
Умрҳо бояд, ки дарёбӣ забони хешро.
Рӯзгоре дар қафои ваҳм бояд тохтан,
То ба ин саҳро ба даст орӣ инони хешро.
Дар ҳавои бенишонӣ то нагардӣ бенишон,
Сахт душвор аст пай бурдан нишони хешро.
Муддате бар ҳам задан дорад қумоши хубу зишт,
То шиносӣ ҷинси мавҳуми дукони хешро.
(Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Кобул, 1344, Чорунсур, с. II).

Тавре ки мебинем, дар ин ҷо Бедил ба чигунагии забони модарии хеш ишорае накардааст ва мисраъи «Умрҳо бояд, ки дарёбӣ забони хешро» ба ҳеҷ ваҷҳ ин матлабро ифода намекунад. Чизе ки Асадуллоҳ Ҳабибро ба ин андеша водор сохтааст, ғолибан, ибораҳои «назму насри маротиби форсӣ» ва «забони хеш» аст. Аммо пӯшида нест, ки мақсад аз «назму насри маротиби форсӣ» адабиёти форсизабон аст, на забони форсӣ. Ва агар бигӯем, ки аз мафҳуми «забони хеш» шоир забони модарии худро дар назар дорад, набояд нодида гирифт, ки пеш аз қитъаи мазкур дар хусуси сарфу наҳви арабӣ низ сухан рафтааст. Дар ин ҳолат алоқамандии ибораи «забони хеш» бо таъбири «сарфу наҳви қавоъиди арабият» бештар аст. Аммо бо ин ҳама наметавон ҳукм кард, ки забони модарии Бедил арабӣ будааст. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, ҳақ ба ҷониби Хушгӯву Озоди Балгиромӣ, устод Айнӣ ва дигар муҳаққиқонест, ки забони форсиро забони модарии Бедил намеҳисобанд.

Устод Айнӣ, илова бар андешаҳое ки доир ба забони модарии Бедил дорад, дар хусуси забони модарии ҷумла мусулмонони Ҳиндустон низ мулоҳизаҳои ҷолиберо иброз доштааст. Ӯ навиштааст: «Аз рафти каломи тазкира ва таърихнависони Ҳиндустон маълум мешавад, ки аҳли исломи он ҷо ба се гурӯҳ тақсим меёбанд: 1) мусулмононе ки аз аҳолии аслии Ҳиндустон мебошанд; 2) ҳиндустонзоҳо, инҳо касонеанд, ки падару бобоҳояшон аз Осиёи Миёна ва Эрон ба Ҳиндустон муҳоҷир шуда рафтаанд; 3) вилоятзоҳо, инҳо касонеанд, ки дар Осиёи Миёна ё Эрон зода шуда, худашон муҳоҷир шуда, ба Ҳиндустон рафтаанд. Аз ин се гурӯҳ забони модарии ду гурӯҳи аввалӣ забони ҳиндӣ буда, забони тоҷикиро ба сифати як забони адабии умумӣ аз мактаб, аз муҳовара ва мутолаа меомӯзанд. Аммо инҳо ҳамеша забони шоирони вилоятзоро (осиёимиёнагӣ ва эрониро) забони пухта ва забони рости аслӣ медонанд ва сухан ё таркиберо, ки дар шеъри вилоятзоҳо намедида бошанд, хато мешуморанд» (С. Айнӣ, китоби мазкур, с. 106).

Тавре, ки гуфтем, бино бар қавли Вориди Теҳронӣ – муаллифи «Миръоти воридот», бузургвори Бедил, яъне падаркалони ӯ аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон рафтааст ва Бедил «баъди инқизои як пушт» дар ин сарзамин ба дунё омадааст. Яъне Бедил аз ҷумлаи он мусулмонони сокини Ҳинд аст, ки падару бобоҳояшон ба Ҳиндустон рафтаанд ва забони модарии онҳо забони ҳиндӣ мебошад.

Ҳоло аниқ муъайян кардан душвор аст, ки кадоме аз забонҳои маҳаллии Ҳиндустон

забони модарии Бедил буд. Вале боз ҳам дар асоси маълумоти тазкираҳо метавон тахмин намуд, ки забони модарии ӯ ҳиндустонӣ ё худ ҳиндавӣ будааст. Ҳиндустонӣ забонест, ки ду забони имрӯзаи Ҳинду Покистон – ҳиндӣ ва урду дар асоси он ба миён омадаанд. Яъне ҳинду ва урдуи имрӯза аслан забоне ҳастанд, ки дар замони Бедил бо номҳои «ҳиндустонӣ», «ҳиндавӣ» ва гоҳе бо номи «ҳиндӣ» маълум буд. Мусулмононе, ки аз Осиёи Миёна ва Эрону Афғонистон ба Ҳиндустон рафта буданд, ин забонро аз худ намуда, онро бо алифбои арабӣ мутобиқ кунонида, дар ибтидо бо номи «рехта» ва сипас бо номи «урду» ривоҷ доданд. Ба таъбири дигар гӯем, дар натиҷаи дар забони ҳиндустонӣ ҷорӣ шудани алифбои арабӣ дар қатори забони ҳиндӣ як забони дигаре бо номи «урду» арзи вуҷуд намуд. Тафовути асосии байни ҳиндӣ ва урду, пеш аз ҳама, дар гуногунии расмулхатҳои онҳост. Сониян, ба забони ҳиндӣ, ҳиндуҳо ва ба забони урду мусулмонон сухан мегӯянд. Ва ниҳоят, яке аз манбаъҳои инкишофи забони ҳиндӣ забони санскрит асту забони урду бештар ба забони форсӣ ва дигар забонҳои аҳли ислом такя менамояд. Ба эътибори он ки Бедил аз ҷумлаи мусулмонони Ҳиндустон буд, забони модарии ӯ ҳиндустоние буд, ки имрӯз бо номи «урду» ёд мешавад. Тахмини ҳиндустонӣ (урдуи имрӯза) будани забони модарии Бедилро, чунон ки гуфтем, ишораҳои баъзеи тазкиранависон тақвият медиҳанд. Чунончи, муаллифи тазкираи «Маҷмӯъаи нағз» (соли таълиф – 1221/1806-1807) Қудратуллоҳи Қосим дар мавриди касоне, ки ба забон ва услуби Бедил эродҳо доштаанд, чунин менависад: «Агар шоирони Эронро касе бигӯяд, ки панӣ байт ба забони урдуи муъалло бигӯед, бо васфи умр ба сар бурдан дар Ҳиндустон, саранҷом натвонанд (кард), чӣ расад ба девони бузург? Зиҳӣ инсофдушманӣ бар марде ки аз вай қариб сад ҳазор байт рубоъӣ, ғазал, мухаммас, маснавӣ ва ғайра анвоъи сухан ба санҷидагӣ монда», (Иқтибос аз рисолаи устод Халилӣ «Файзи қудс», Кобул, 1334, с. 88).

Дар ин иқтибос, ба ақидаи мо, зикри «забони урдуи муъалло» бемуносибат нест. Муаллиф гуфтанист, ки Бедил тавонистааст ба забони мардуми Эрон ашъори зиёде бигӯяд. Аммо шоирони Эрон ба забони модарии ӯ ҳатто ба гуфтани чанд байт қодир нестанд.

Чанде аз ишораҳои Хушгӯ низ ба дурустии ин маънӣ далолат карда метавонанд. Хушгӯ ҷое ки аз нирӯи ҷисмонии Бедил сухан меронад, дар хусуси асои ӯ чунин мегӯяд: «Ва асои хурде аз оҳан дар даст доштӣ, ки вазни он сиву шаш сери шоҳиҷаҳонӣ (баробар ба 17,5 кг. - Б.Р.) буд ва онро «Навлосӣ» ном мефармуд, ки маънояш бар забони ҳиндӣ шохи борик бошад» («Сафинаи Хушгӯ»).

Ба ин масъала, яъне ба масъалаи ҳиндӣ, урдуи имрӯза будани забони модарии Бедил баъзе ишораҳои худи ӯ низ, гӯё, равшание андохта метавонанд. Масалан, ӯ дар «Чорунсур» аз Шоҳмулук ном устоди худ ва табъи мавзун доштани вай ҳикоят карда, сабаби ба ин асар, яъне ба «Чорунсур», дохил нашудани намудҳои ашъори ӯро ин тавр ба қалам додаст: «Чун аксараш ба таври мусталаҳоти ҳинд ва ақсоми луғот ранги тартиби рехта буд, дар ин сафаҳот, ки зайли маротиби форсист, маслиҳат дари таҳрир накушуд» (КБ ҷ. 4. Чорунсур, с. 34).

Ин иқтибос, албатта, дар исботи урду будани забони модарии Бедил далели қатъӣ шуда наметавонад. Зеро аз эҳтимол дур нест, ки шоир ба дигар забонҳои Ҳиндустон низ такаллум карда метавонист. Лекин худи донистани забони урду ва корбурди он дар сӯҳбатҳои шахсӣ тахмини мазкурро тақвият надода наметавонад.

Ва ниҳоят, як факти дигаре низ ҳаст, ки ба ҳиндӣ (урдуи имрӯза) будани забони модарии Бедил то андозае далолат карда метавонад. Ин факт – корбурди зиёди калимоти ҳиндӣ - урду дар осори шоир аст. Калимаҳои ҳиндӣ – урдуро дар тамоми асарҳои ӯ дучор омадан мумкин аст. Вале теъдоди онҳо дар маснавии «Муҳити аъзам» аз ҳама бештар аст. Калимаҳои «пон» (барги як навъ дарахт) «бира» (як намуди дорувор), «чуна» (оҳак) «агол» (оби даҳон) ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

## МАЪНОИ ТАХАЛЛУСИ БЕДИЛ

Ба сифати тахаллус интихоб намудани ин ё он калима дар таърихи адабиётамон аксаран ба ҳаёту фаъолият, хусусияти эҷодиёт, характеру хислат ва касбу пешаи соҳибтахаллусон вобаста аст. Аз ин рӯ, донистани маъноси тахаллусҳои аҳли илму адаб барои беҳтар омӯхтани вазъи зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо кӯмаки муъайяне расонида метавонад. Бад-ин мақсад доир ба маънои тахаллуси шоири маъруф Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) сухан рондан аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Аз муаллифони манбаъҳои адабӣ ягона касе, ки дар ин бора таваққуф кардааст, соҳиби тазкираи «Сафинаи Хушгӯ» (замони таълиф 1724-1734) Биндробандоси Хушгӯст. Ӯ роҷеъ ба оғози фаъолияти шоирии Бедил маълумот дода, дар хусуси маънои тахаллуси вай чунин навиштааст: «Ва маънии ин тахаллус, ки ба фаҳми аксаре дарнамеояд, он аст, ки чун дилро хотир гуфтаанд, ин ҳама хатарот ва авориз аз он ҷо ҳодис мешавад. Пас дил сифате бошад, ҳаракат ба сӯи хатра аз натоиҷи ӯст. Ва аз он ҷо, ки дар нафйи сифат «бе» мустаъмали форсиён аст, чунончи, «бешуъур» ва «бекамол», бар хилофи нафйи мавсуф, ки лафзи «но» болои он меояд, мисли «номавзун» ва «ноҳамвор», лиҳозо, дар тахаллус ихтиёр нафйи дил, ки сифате беш нест, омада. Баъзе мавсум сифоти қалб надорад ва аз он бедил аст. Ва «бедил» хитоби мустатоби ошиқон ҳам омада (Сафинаи Хушгӯ, Патна, 1959, саҳ. 107-108).

Чунон ки мебинем, Хушгӯ ҳамзамон ба тавзеҳи тахаллуси шоир ба хусусияти сермаъногии калимаи «бедил» диққат низ дода, аз ҷумла ба се маънӣ истеъмол шудани онро хотирнишон намудааст. Якум: дар мавриди муродифи калимаи «хотир» пазируфтани калимаи «дил» ва дар ин асос «бедил» ба маънии «беҳуш» ва «парешонхотир» (Чун дилро хотир гуфтаанд, ин ҳама хатарот ва авориз аз он ҳодис мешавад). Ба ақидаи Хушгӯ, тахаллуси шоир ҳам ба ҳамин маънист (лиҳозо, дар тахаллус ихтиёр нафйи дил, ки сифате беш нест, омада). Дуввум: «бедил» ба маънои «беҳис», «бедард» ва «дилсард» (Баъзе мавсум сифоти қалб надорад ва аз он бедил аст). Саввум: «бедил» ба маънои «ошиқ» (Бедил хитоби мустатоби ошиқон ҳам омада).

Дар адабиёти илмии замони нав сухани аввалро дар ин хусус шарқшиноси франсавӣ Гарсен де-Тасси (1794-18780) гуфтааст. Ӯ дар асаре бо номи «Таърихи адабиёти ҳиндӣ ва ҳиндустонӣ» (Париж, 1839, ба заб. франсавӣ) доир ба Бедил маълумоти мухтасаре дода, ба назардошти маънои маъмули калимаи «бедил» тахаллуси шоирро ба маънои ошиқ шарҳ додаст.

Дар шарқшиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ин масъала пеш аз ҳама диққати устод Айниро ба худ ҷалб намудааст. Устод бори аввал дар мақолаи «Абдулқодири Бедил ва эҷодиёти ӯ», ки дар солҳои 1946-1947 ба табъ расида буд, зимни баёни тарҷимаи ҳоли шоир роҷеъ ба тахаллуси ӯ низ ибрози ақида намуда, навишта буд: «Бедил дар адабиёти бадеӣ ба маънои «дил аз даст дода» аст, ки ошиқ гуфтан аст. Чунон ки «дилдор» ба маънои маъшуқа аст. Шоир ҳам дар тахаллуси худ ин калимаро ба ҳамин маънӣ гирифтааст» (Шарқи сурх. 1946, № 7).

Устод Айнӣ баъдтар дар рисолаи машҳури худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954, саҳ. 27) ба фикри мазкури хеш оҳанги эҳтимолӣ бахшида, таъкид намудааст, ки тахаллуси шоир, шояд ба маънои ошиқ бошад. Ӯ дар ин рисола навиштааст: «Бедил» дар адабиёти бадеӣ ба маънои «дил аз даст дода-ошиқ» (ба муқобили «дилдор», ки ба маънои «маъшуқ» аст) кор фармуда мешавад. Шоир дар тахаллуси адабии худ ин калимаро, шояд, ба ҳамин маънӣ гирифта бошад. »

Дар соли 1946 мақолаи А. Князев «Классик таджикской литературы» (Коммунист Таджикистана, 1946, 14.4) ва рисолаи И. Мӯминов «Философские взгляды Мирзо Абулкодира Бедиля» (Самарқанд, 1946) низ ба табъ расидаанд. Князев тахаллуси шоирро ба маънои инсондӯст, дилдодаи халқ, ҷӯяндаи бахту саъодати мардум тавзеҳ дода бошад, Мӯминов онро ба маънои дилдодаи касбу пеша, ошиқи илму адаб дониста аст. Аммо ин ду муаллиф барои исботи ақидаҳои хеш далеле наовардаанд. Ва умуман, ба андешаҳои онҳо дар ин бора ҳамроҳ шудан душвор аст.

Дар мақолаи Абдулғанӣ Мирзоев «Як ҳуҷҷати муҳим оид ба тахаллуси Бедил» (Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон, шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1958, № 1) низ тахаллуси шоир ба маънои

ошиқу дилдода тавзеҳ ёфта, фикри устод Айнӣ дар ин хусус тақвият дода шудааст.

Аммо муаллифи китоби «Классикҳои адабиёти форсу тоҷик» (Тошкент, 1963) Ш. Шомуҳаммедов дар асоси байти:

Ба сурат бедилем, аммо ба маънӣ
Бувад чун ашк сар то пои мо дил.

маънои тахаллуси шоирро маҳзуну дилшикаста донистааст.

Калимаи «бедил» дар байти мазкур дар баробари вазифаи тахаллусӣ доштан, ба ақидаи мо, маъноҳои «беҳис», «бедард», «дилсард» ва монанди инҳоро ифода менамояд. Шоир гуфтанист, ки ӯ зоҳиран бедил намояд ҳам, ботинан монанди ашк саропо дил-ҳиссиёт, дард, тапиш ва ҳарорат аст.

Ва ниҳоят, Л. Климович дар муқаддима бар нашри русии достони «Комде ва Мудан» (М. 1955) ва Т. Стрешнева дар пешгуфтори тарҷимаи русии чанд ғазали шоир (Памир, 1976, № 10) низ тахаллуси шоирро ба маънои ошиқ, ошиқи шайдо тавзеҳ додаанд.

Акнун бубинем, ки калимаи «бедил» дар адабиёти бадеӣ умуман ба кадом маъниҳо истифода мешавад.

Дар чанде аз фарҳангҳои тафсирӣ чун «Фарҳанги Онондроӣ», «Фарҳанги Нафисӣ», «Луғатномаи Деҳхудо», «Фарҳанги Амид», «Фарҳанги забони форсӣ», «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Луғати тафсирии забони ӯзбекӣ» ва чанд луғати дузабона: форсӣ-русӣ, урду-русӣ, пушту-русӣ ин калима ба маъноҳои ошиқу дилдода, девонаву маҷнун, озурдаву дилтанг, беҳушу парешон, андӯҳгину маҳзун, навмеду маъюс, бемеҳру бемайл, бедарду беҳис, бадбахту бетолеъ, тарсую буздил, гӯлу нодон ва ғайра шарҳу эзоҳ ёфтааст.

Лекин далелҳои зиёде аз мероси гузаштагон шаҳодат медиҳанд, ки доираи маъноҳои ин калима фарохтар аз он аст, ки дар фарҳангу луғатҳои мазкур дида мешавад. Аз ҷумла истеъмоли ин калимаро ба маъноҳои оҷизу нотавон ва ҳақиру бечора низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар ду байти зерини Ҳасани Деҳлавӣ ва Ибни Ямини Фарюмадӣ калимаи «бедил» бо калимаи ошиқ дар таркиби як ибора омада, маъноҳои «ошиқи ноком», «ошиқи бечора», «ошиқи нотавон»-ро далолат кардаанд:

Эй турки гулрух, беш аз ин дарди дилам ҳосил макун,
Эй ҷону дил, чандин ҷафо бар ошиқи бедил макун.

Рӯзи аввал зи ҳаводис ки қазо дам зада буд,
Ҷумъаи ошиқи бедил ҳама бар ғам зада буд.

Дар байтҳои зерини Хусрави Деҳлавӣ низ калимаи «бедилӣ» ба маънои оҷизиву нотавонист:

Дилам дар ошиқӣ овора шуд, оворатар бодо,
Танам аз бедилӣ бечора шуд, бечоратар бодо.

Ғаме дорам, ки поёне надорад,
Тане, к-аз бедилӣ ҷоне надорад.

Дар ду қитъаи зайл низ калимаи «бедил» ба ҳамин маънист:

Аё шоҳе, ки ҳаргиз бедилонро
Чу алтофи ту дилҷӯе надидам,
Ба ман дӯш аз карам мӯина гуфтӣ,
Вале з-он мӯина мӯе надидам.
(Бадри Чочӣ)

Чу гардад шоҳи олам адлпеша,

Шавад осоиши гаҳ-гаҳ ҳамеша.
Чу нолад бедиле аз синарешӣ,
Бувад яксар зи неши зулмкешӣ.
Халосиро зи даҳри печбарпеч
Зи шоҳон адл мебояд, дигар ҳеҷ.
(Абдураҳмони Ҷомӣ)

Ҷолиби диққат аст, ин калима дар осори худи Бедил бештар ба маъноҳои оҷизу нотавон ва ҳақиру бечора истеъмол шудааст. Аз ҷумла дар ду байти зерин:

Ҳар кӣ имдоди бедилон дорад,
Аз завол ахтараш амон дорад.
Қасри иқбол ҳар куҷо бар пост,
Нардбонаш ҳимояти зуъафост.
(Ирфон)

Дар порчае аз таркиббанди шоир низ калимаи «бедил» ҳамин маъниро ифода кардааст:

Басо касон, ки дар ин коргоҳи зангорӣ
Алам шуданд ба фарзонагиву ҳушёрӣ,
Басо амир, ки аз бас ҷалолу шавкати ҷоҳ
Уруҷи чарх ба девонашон кашад хорӣ,
Басо карим, ки домони ҷудашон чу саҳоб
Кушуда даст бар офоқ дар гуҳарборӣ,
Басо табиб, ки ҳамчун Масеҳ дар аҳдаш
Ба гирди кӯш нагардида номи беморӣ,
Ба вақти марг ҳама бедиланду бечора,
Ки нест фурсаташон як нафас ба сархорӣ

Қобили қайд аст, ки дар тамоми навъҳои шеърии осори Бедил ин калимаро ба маъноҳои зикршуда дидан мумкин аст. Инак, чанд мисоли дигар аз ғазалиёт, қасоид ва муқаттаъоти шоир:

Зи бедилон машав эмин, ки тири оҳи ҳубоб
Ба як нафас гузарад аз ҳазор ҷавшани мавӣ.

Имрӯз кист, ёди фақирон кунад зи дур?
Имрӯз кист, меҳр гуморад ба бедилон?

Оламе маҳмил ба дӯши ранҷу роҳат меравад,
Лек помоле надорад ҷуз ғубори бедилон.
Дар биёбоне, ки тоқат бори офат мекашад,
Мезанад фарсудагӣ бар дӯшҳои нотавон.
Шӯъла ҳар ҷо мешавад ҷавҳарнамои сӯхтан,
Аввал аз хошок мегирад иёри имтиҳон.

Ва ниҳоят, порчаеро аз «Руқаъот»-и шоир иқтибос мекунем, ки дар ин ҷо низ калимаи «бедилон» ки ба маънои «оҷизон» ва «ҳақирон» аст: «Ибратнигоҳо, ин матни ҳошияи қадим, ки табаррукан дар китобхона нигаҳ доштаанд, на қобили он аст, ки аз рӯяш нусха тавон бардошт ва на шоистаи ин, ки ба завқи ислоҳи он тазйеъ бар авқоти таваҷҷӯҳ бояд гумошт. Савобе беҳ аз ин нест, ки ба таваққӯъи ислоҳаш азобе бар табъи бедимоғон нагуморанд ва ба таклифи сиҳҳаташ бемории мизоҷи бедилон раво надоранд».

Ногуфта намонад, ки калимаи «бедил» дар осори шоир ба маъноҳои дигар ҳам истеъмол

шудааст. Масалан, дар ду байти зерин калимаи «бедилон» ба маънои «ошиқон» аст:

Бедилонаш то нами ашке ба мижгон бурдаанд,
Кардааст аз шаш ҷиҳат оинаи дидор гул.

Коми дил гули доман, орзу тарабхирман,
Чашми бедилон равшан, музди интизор аст ин.

Ё худ дар порчаи зайл «бедил» ба маънои «ғофил» ва «бехабар» аст:

Шабе, к-аз гиря тӯфонкориам буд,
Ҳубоб оинаи дилдориам буд.
Нафас дар пардаи дил оҳ мебехт,
Нигаҳ аз чашми ҳайрон нола мерехт,
Ки эй ғофил, ту худ ҳамчашми мой,
Зи вазъи бедиле бедил чарой?

Аммо, чунон ки аз як ишораи худи шоир дар қасидае мълум мешавад, ӯ ин калимаро ҳамчун тахаллус, пеш аз ҳама, ба маъноҳои оҷизу нотавон ва ҳақиру бечора интихоб намудааст. Тавре ки аз «Руқаъот»-и шоир(номаи «Ба Қобилхони муншӣ» бар меояд, қасидаи мазкур дар мадҳи подшоҳи вақти Ҳиндустон Аврангзеби Оламгир (1658-1707) суруда шудааст ва он ҷавобест ба таваҷҷӯҳе, ки подшоҳ нисбат ба Бедил зоҳир намуда буд. Подшоҳ ба воситаи Атиқуллоҳи Кӯка ном амири худ аз Бедил хоҳиш намуда буд, ки тавассути қасидае арзи аҳвол намуда, ба дарбор наздик шавад. Шоир тибқи хоҳиши подшоҳ қасидае навишта, аз подшоҳ илтимос карда буд, ки ӯро осуда гузорад. Бедил дар қасидаи мазкур пас аз ситоиши мамдуҳ ба баёни аҳволи худ пардохта, аз номуродиву эҳтиёҷмандии хеш, дунпарварии чархи хасис шикоят намуда, ҳамзамон аз қудрат ва истеъдоди худ зикре ба миён овардааст. Инак, чанд байти он қасида оварда мешавад:

Хусраво, маънипаноҳо, ку сару барги қабул?
То ба арзи ҳоли дил ҷӯям дар ин даргоҳ бор.
Сурати аҳволам аз тарзи тахаллус равшан аст,
Бедилиҳо чидаам бар худ зи вазъи рӯзгор.
Дар қимори орзу нақши муродам гул накард,
Доштам нақди дил, аммо бохтам беихтиёр.
Ман саропо эҳтиёҷу чархи дунпарвар хасис,
Ман тароватинтизору абри эҳсон шӯълабор.
Нахли гулҷӯшам, чӣ созам, решаамро об нест,
Гулбуни иқболам, аммо рафта аз ёди баҳор.
Гар шавад абри иноят обёри мазраъам,
Хӯшасон аз пой то сар ҷумла дил орам ба бор.

Нуктаи ҷолибе, ки аз ин иқтибос бар меояд, ин аст, ки шоир аз нокомиву номуродӣ ва бечорагиву нотавонӣ шикоят намуда, тахаллуси худро «сурати аҳвол» қаламдод кардааст. Ва бо ҳамин роҳ таъкид карданӣ шудааст, ки дар кадом ҳолату вазъият будани ӯ аз тахаллусаш ошкор аст. Шоир дар баробари ин таъкид кардааст, ки дар сурати илтифот ва марҳамати шахси мамдӯҳ, ӯ метавонад саропой ба дил, яъне иқтидору нерӯ мубаддал гардад.

Ишораи шоир аз байтҳои минбаъдаи қасида боз ҳам возеҳтар мегардад:

Бетакаллуф, хони хонони ҷаҳони маъниам,
То ба ташрифи хитобам кардаанд уммедвор.
Маҳв будам, к-аз чӣ хидмат қобили ин мансабам?
Шуд яқинам, к-ин қадарҳо бедилӣ кардаст кор.
Яъне ин исмам далели лутфи шоҳаншоҳӣ аст,

Ҳамчунон, к-аз аҷз хонад бандаро парвардигор.
Ман ҳаминам, балки камтар, то ба худ вомерасам,
Лек мавҷи баҳри раҳматро намебошад шумор.

Чунон ки мебинем, шоир сабаби мавриди таваҷҷӯҳи подшоҳ қарор гирифтани худро аз бедилӣ, яъне камтарию оҷизии худ дониста, ин маъниро дар байти баъдина ба тарзе шарҳ низ додаст. Дар ин ҷо мисраъи «Ҳамчунон к-аз аҷз хонад бандаро парвардигор», ки ба сифати тамсили мисраъи «Яъне ин исмам далели лутфи шоҳаншоҳӣ аст» омадааст, ишоратест ба зарбулмасали машҳур «Назари худо ба пастист». Шоир дар ин асос гуфтааст: чунон ки оҷизону бечорагон манзури худо мебошанд, ӯ низ ба туфайли бедилӣ, яъне оҷизиву камтарӣ, мавриди лутф ва марҳамати шоҳ қарор гирифтааст.

Бад-ин тариқ, доир ба тахаллуси Мирзо Бедил муҳаққиқони зиёде изҳори назар намуда, онро ба маъноҳои гуногун-беҳушу парешон, ошиқу дилдода, маҳзуну дилшикаста ва ғайра тавзеҳ додаанд. Дуруст аст, ки ба туфайли хусусияти сермаъноии калимаи «бедил» тахаллуси шоир низ дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ буда, аз ҷумла мафҳумҳои дар боло зикршударо низ ифода карда метавонад. Аммо, тавре ки дида шуд, ин калима дар осори шоир бештар ба маъноҳои оҷизу нотавон ва ҳақиру бечора истеъмол шудааст ва бинобар ишораҳои худи шоир дар қасидаи мазкур, ӯ онро ҳамчун тахаллус низ ба ҳамин маънӣ интихоб намудааст.

# МАРҚАДИ ДУРӮҒИНИ БЕДИЛ

Тавре ки маълум аст, вафоти Мирзо Абдулқодири Бедил 4 сафари соли 1133 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 20 ноябри 1720 милодӣ дар Деҳлӣ иттифоқ афтодааст. Бино бар шаҳодати муаллифи тазкираи «Сафинаи Хушгӯ», шоирро, тибқи васияташ, дар ҳавлии худи ӯ, дар мақбарае, ки даҳ сол пеш аз вафоташ сознда буд, ба хок супурданд. Бедил дар ин ҳавлӣ аз соли 1096 (1685) то охири умр иқомат намуда буд. Тавре ки аз «Сафинаи Хушгӯ» бармеояд, ҳавлии шоир дар беруни Деҳлидарвоза, дар маҳаллае бо номи Каҳгариён воқеъ гардида буд. (Ниг.: Сафинаи Хушгӯ, Патна, 1959, саҳ. 109).

Солҳои зиёде бо ташаббуси шогирдони шоир рӯзи вафоти ӯ бо номи «Урси Бедил» қайд карда мешуд. Шоирони Деҳлӣ дар ин рӯз гирди қабри Бедил ҷамъ омада, аз куллиёти ӯ, ки дар сари қабр мавҷуд буд, шеър мехонданд. Муаллифи «Мураққаъи Деҳлӣ» Даргоҳқулихони Солорҷанг дар ин бора навиштааст: «Таломизааш ва ҷамеъи мавзунони шаҳр ба ғарази хушнудӣ ва мағфирати рӯҳаш ҳозир мешаванд ва даври қабр ҳалқаи маҷлис тартиб медиҳанд. Куллиёташ, ки ба хати гиромии худаш тартиб ва тарқим ёфта, мобайни ҳалқа гузошта, ифтитоҳ ба шеърхонӣ менамоянд» (Иқтибос аз маҷмӯъаи «Сӣ мақола дар бораи Бедил», Кобул, 1365, с. 218).

Шогирди Бедил Биндробандоси Хушгӯ овардааст: «Ҳар сол ба рӯзи урси эшон маҷмаъи шуъаро мешавад. Ҷамеъи нозукхаёлони шаҳр ҷамъ шуда, аввал ғазале аз куллиёти эшон хонда, ҳар як ҷавҳари худро арз медиҳанд. Майлиси хубе мунъақид мегардад» (Сафинаи Хушгӯ, с. 123).

Муаллифи «Маҷмаъуннафоис» Сироҷиддин Алихони Орзу низ ин маъниро таъкид намуда аст. Ӯ навиштааст: «Рӯзи вафоти ӯ, ки «чорум аз шаҳри сафар» бошад, таърихи вафоти ӯст. Мардуми Ҳиндустон он ҷо (яъне сари қабри шоир – Б.Р.) чароғон кунанд ва таъом пухта диҳанд ва «урс» номанд ва пайваста зиёрат карда мешавад». (Иқтибос аз рисолаи Халилӣ «Файзи қудс», Кобул. 1334, с. 64).

Шогирди дигари Бедил Анандроми Мухлис, ки соли 1164 (1751) фавтидааст, роҷеъ ба маросими урс навиштааст: «Дар саҳни ҳавлӣ қабри эшон аст ва зиёратгоҳи мӯътақидон. Ҳар сол маҳфили урсаш мунъақид мешавад ва шуъарои шаҳр бар сари хоки пок ҳозир гардида, сӯҳбат гарм месозанд ва ба хондани ашъори сеҳросор мепардозанд» (маҷаллаи «Ориёно», ақраб, 1333).

Дар маросими урси Бедил шоирони зиёде иштирок менамуданд. Бино бар қавли Хушгӯ, дар баъзеи солҳо шумораи онҳо то ба сад нафар мерасид. Анъанаи таҷалли урси Бедил, зоҳиран, то солҳои шастум ва ё ҳафтодуми асри XVIII идома доштааст. Гулмуҳаммад Маъниётхони шоиртахаллус, ки «ба сабаби ӯ ҳангомаи урси Бедил гарм буд» (Сафина, саҳ. 244), то соли 1157 ҳиҷрӣ (1744-45) дар қайди ҳаёт буд.

Абдулғанӣ – муаллифи рисолаи «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» - навиштааст, ки Абдувалии Узлат шоири бошандаи Сурат ба таърихи бистуми ҷимодиулаввали 1164 – (16 майи 1751) вориди Шоҳиҷаҳонобод шуд ва дар урси Бедил ширкат намуд (Ниг.: Абдулғанӣ, с. 173).

Ва ниҳоят, Озоди Балгиромӣ дар «Хизонаи омира» навиштааст, ки «девони ғазали Мирзо манқул аз куллиёте, ки бар мазори ӯ мебошад, нусхае саҳеҳ ба ибтибоъи фақир даромада» (Хизонаи омира, чопи Ҳинд, 1990, с. 154). Таърихи таълифи «Хизонаи омира» 1176 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1762-63 милодист. Мавҷудияти куллиёт дар сари қабр нишонаест аз гармии бозори урси шоир.

Вале бо мурури замон, бо сабабҳои аз сар рафтани шогирдони Бедил, касод шудани бозори шеъри форсӣ дар Деҳлӣ, ривоҷи беш аз пеши шеъру адаби урду шӯҳрату нуфузи Бедил ва осори ӯ дар муҳити адабии асри XVIII Деҳлӣ коҳидан гирифт. Аз ҷумла анъанаи маросими урс низ аз байн рафт. Тавре ки Ғулом Мусҳафии Ҳамадонӣ – муаллифи «Иқди сурайё» менависад, дар соли 1199 (1784-85), ки санаи таълифи тазкираи ӯст, урси Бедил на фақат вуҷуд надошт, балки хонаи ӯ низ дар ҳолати вайронӣ воқеъ гардида буд (Ниг.: Иқди сурайё, Кобул, 1362, с. 20). Навиштаи Ғулом Мусҳафӣ охирин маълумоти дақиқ дар бораи қабри Бедил аст.

Бад-ин тариқ маҷлиси урси Бедил на танҳо воситаи зиндагии номи ӯ дар муҳити адабии

Деҳлӣ буд, балки сабаби барҷоӣ ва ободии қабраш низ ба шумор мерафт. Чун маросими урс рӯ ба хомӯшӣ ниҳод, қабри шоир низ аз хотирҳо фаромӯш шуд ва дар асари воқеъоти зиёди таърихӣ, ҳодисоти гуногуни табиъӣ тамоман нопадид гашт ва ҳанӯз дар солҳои бистуми асри XIX асаре аз он боқӣ намонда буд. Мирзо Сангинбек ном шахс дар асаре бо унвони «Сайрулманозил», ки дар соли 1822 таълиф шудааст, аз қабри Бедил ёд намуда, таъкид кардааст, ки «аз он қабр феълан ному нишоне боқӣ нест» (Ниг.: маҷаллаи «Хуросон», 1364, №№ 24-25, с. 165).

Дуруст аст, ки муаллифи асри XIX Абӯмуталлибхоҷа Фаҳмии Самарқандӣ аз қабри Бедил ёд кардааст. Ӯ дар тазкираи хеш, ки соли 1277 ҳиҷрӣ (1860 милодӣ) таълиф шудааст, навиштааст, ки қабри Бедил «беруни дарвозаи шаҳри Деҳлӣ, дар роҳи мазори файзосори ҳазрати Низомуддини Авлиёст» (Тазкираи Фаҳмӣ, нусхаи хаттии Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон). Мурод аз «роҳи мазори Низомуддини Авлиё» роҳи соҳили рости дарёи Ҷамна аст, ки аз дарвозаи Деҳлӣ оғоз ёфта, аз мобайни шаҳри Деҳлӣ гузашта, то ба Матҳро мерасад. Аз ин рӯ, ин роҳ бо номи «Ҷодаи Матҳро» низ маъруф аст. Ҳам Қалъаи Кӯҳна ва ҳам мазори Низомуддини Авлиё дар канори ҳамин роҳ ҷойгиранд. Вале маълум нест, ки Хоҷа Фаҳмӣ қабри Бедилро худ дидааст ё ки ин маълумотро аз рӯи шунид овардааст? Гумони ғолиб бар он аст, ки навиштаи ӯ мабнӣ бар маълумоти тазкираҳои пешин аст. Зеро, илова бар навиштаи Мирзо Сангинбек, муаллифони дигар низ аз мавҷудияти қабри Бедил дар асри XIX иттилоъе надодаанд. Чунончи, муҳаққиқи мазкур Абдулғанӣ навиштааст, ки дар «Осорулсанодид», «Ғаробатнигор», «Мазороти авлиёи Деҳлӣ» ва «Воқеъоти дорулҳукумати Деҳлӣ» ном асарҳо зикре аз қабри Бедил нарафтааст (Ниг, Аҳдулғанӣ, Аҳвол ва осори Бедил, Кобул, 1351, с. 176).

Шоири маъруфи Ҳиндустон Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб (1797-1869) дар яке аз номаҳояш овардааст, ки ӯ барои пайдо намудани қабри Бедил кӯшиши зиёде ба харӣ дода буд, вале натиҷае ба даст наомад (Ниг.: Сӣ мақола, с. 219)

Маликушшуъаро Қорӣ Абдуллоҳхон дар «Тазкиратушшуъаро» ном таълифи хеш нигоштааст, ки «мазори Мирзо имрӯз маълум нест ва касе суроғи онро надорад» (Ҳамон ҷо, с. 187).

Холмуҳаммади Хаста низ солҳои дар Ҳиндустон зистанаш кӯшиш намуда буд, ки қабри шоирро пайдо намояд. Вале ӯ низ ба ёфтани қабр ва ҳатто маҳалли он муваффақ нагардид (ниг. маҷаллаи «Жувандун», 1342, №13).

Сабаби ба зудӣ аз байн рафтани қабри Бедил, шояд, дар он бошад, ки он берун аз қабристони умумӣ, дар саҳни ҳавлии худи шоир, яъне дар танҳоӣ ҷойгир буд. Гузашта аз ин, тавре ки дидем, Хоҷа Фаҳмӣ навиштааст, ки қабри Бедил дар роҳи мазори Низомуддини Авлиё, яъне дар канори ҷодаи Матҳро ҷойгир шуда буд. Аз эҳтимол дур нест, ки ин роҳ борҳо тармиму таъмир шуда бошад ва дар асари ин таъмирот қабр аз байн рафта бошад. Ва ниҳоят, шоир агарчи қабри худро даҳ сол пеш аз вафоташ созонда буд, зоҳиран, ба ороиш ва ҳашамати он диққати зарурӣ надода буд. Ин маъниро аз байти зерини ӯ метавон пай бурд, ки гуфтааст:

Эй бехабар, ороиши марқад чӣ хаёл аст?
Номи ту ҳамон беҳ, ки лаби гӯр нагирад.

Бедил дар яке аз рубоъиёти худ шахсонеро, ки дар фикри марқадҳои умда будаанд, мазаммат низ намудааст. Ӯ навиштааст:

Эй карда васияти марг аз хариат,
То марқади умдае кунад довариат.
Бо он ки ту мурдиву бо ҳақ пайвастӣ,
Аз табъ нарафт завқи боҷигариат.

Табиист, ки вазъи хоксоронаи қабр низ барои ба зудӣ нобуд шудани он мусоидат намудааст.

Пас аз ошноӣ бо далоили мазкур суоле ба миён меояд, ки агар қабри Бедил аз байн рафта

бошад, пас қабре, ки дар Деҳлӣ бо номи «Оромгоҳи Бедил» мавҷуд аст, чи гуна қабр аст ва аз куҷо пайдо шудааст?

Воқеъан, дар Деҳлӣ, дар наздикии Қалъаи Шершоҳи Сурӣ, ки бо номи Қалъаи Кӯҳна ё худ Пуранақалъа шӯҳрат дорад, қабре бо номи «Оромгоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил» вуҷуд дорад ва дар иддае аз таълифоти илмӣ ҳамчун мақбараи Бедил зикр гардидааст. Аммо ин қабр ба Мирзо Бедил ҳеҷ гуна алоқа ва иртибот надорад. Ин қабр то солҳои сиюми асри бист умуман вуҷуд надошт. Пайдокунандаи он Ҳасани Низомии Деҳлавӣ ном муҳаққиқи Ҳиндустон аст. Бино бар эътирофи худи ӯ, ки дар номааш ба Малик Абдулғанӣ овардааст, таърихи пайдоиши қабри мазкур ба қарори зайл аст: Ҳасани Низомӣ вақте ки «Мураққаъи Деҳлӣ»-ро аз форсӣ ба урду бо номи «Деҳлии қадим» тарҷима кард, дар тавзеҳоти он гӯшрас намуд, ки бо вуҷуди кӯшишоти зиёд пайдо кардани қабри Бедил ба ӯ муяссар нагардид. Донишманди дигари Ҳиндустон Шоҳсулаймони Паҳлурӣ пас аз мутолаъаи «Деҳлии қадим» ба Ҳасани Низомӣ навишт, қабри Бедил дар пешорӯи Қалъаи Кӯҳна, дар муҷовирати қабри Малик Нуриддини Ёрпаррон воқеъ гардида буд. Ҳасани Низомӣ ба назди Қалъаи Кӯҳна рафта, баландиеро пайдо кард ва бе ҳеҷ далел ва ҳуҷҷате онро қабри Бедил эълон намуд. Сипас ӯ аз ҳокими онвақтаи Дакан Усмоналихон Осафҷоҳи Ҳафтум хоҳиш кард, ки дар таъмир ва тармими қабри мазкур кӯмак намояд. Ҳокими Дакан маблағеро иборат аз ду ҳазор рупияи ҳиндӣ фиристод ва баландии мазкур бо хишти пухтаву семент ва чанд порча санги мармар ба сурати қабр дароварда шуд ва бар сари он катибаи зерин ба забони урду марқум гардид: «Марқади Мирзо Абдулқодири Бедил. Таърихи вафот- саввуми сафари 1133 ҳиҷрӣ. Таъмир ва тармими зарурӣ дар соли 1359 ҳиҷрии қамарӣ дар асари таваҷҷӯҳоти аълоҳазрат Осафҷоҳи Ҳафтум – шаҳриёри Дакан ба амал омад».

Ҳасани Низомӣ таърихи «кашфиёт»-и худро дар ҷои дигар ба таври дигар баён намудааст. Бо шаҳодати Холмуҳаммади Хаста, Ҳасани Низомӣ дар соли 1354 қамарӣ (1935-36 милодӣ) дар маҷлиси ёдбуди Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб чунин изҳор доштааст: «Мураққаъи Деҳлӣ»-ро, ки дар форсӣ буд, бо номи «Деҳлии қадим» тарҷума кардам. Қабри Мирзо Бедил дар китоб буд, магар ман ҷои муъаяни онро наёфтам, ки дар кадом ҳад аст. Дар наздикиҳо дар асари куниковиҳои Озоди Лоҳурӣ ва баъзе меҳрубонони дигар аз дафтархонаҳои қадими расмӣ маҳалли турбати Бедилро ёфта, рафта дидам ва ба низоми Ҳайдаробод навиштам, ки Бедил устоди Осафҷоҳ навли хонадони шумост. Дар ин айём мазорашро пайдо кардам, тармимаш ба зиммаи шумост» (Ниг.: Хаста, Мунтахабуз-замон Абдулқодири Бедил, нусхаи хаттӣ маҳфуз дар идораи маҷаллаи «Китоб» дар Кобул, с. 59).

Инак, хонанда намедонад, ки ба кадоме аз навиштаҳои Ҳасани Низомӣ бовар намояд? Ба номаи ӯ ба Абдулғанӣ, ки санади ягона суханони Шоҳсулаймони Паҳлурист ё ба «тадқиқот»-и вай дар дафтархонаҳои қадимӣ? Боъиси тааҷҷуб аст, ки Ҳасани Низомӣ ба кофтукови дафтархонаҳои қадим дода шуда, аз манбаъҳои асосӣ, яъне тазкираҳо, ки таърихи вафот, маҳалли қабр, вазъияти он дар давраҳои гуногун дар онҳо сабт ёфтааст, қатъи назар намудааст.

Баъд аз 20 соли «кашфиёт»-и Ҳасани Низомӣ, яъне дар соли 1374 ҳиҷрии қамарӣ мутобиқ ба 1955 милодӣ, бо ташаббуси сафири кабири Афғонистон дар Деҳлӣ Наҷибуллоҳхон бо маблағи хайрияе, ки аз зиёиёни Афғонистон ҷамъ шуда буд, қабри мазкур бори дигар таъмиру тармим шуда, ба шакли мақбараи на чандон калоне дароварда шуд ва катибаи он низ ба шакли зай тағйир пазируфт: «Оромгоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил. 1054 ҳ.қ. – 1133 ҳ.қ. Ин бино дар соли 1374 ҳ.қ. ба иъонати дӯстдорони афғонии Бедил ба сар расид».

Тавре ки гуфтем, қабри кашфкардаи Ҳасани Низомӣ дар иддае аз адабиёти илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, аз ҷумла дар мақолаи Муҳаммад Иброҳими Халил «Урси Бедил» (Ориёно, Кобул, 1330), рисолаи Хоҷа Ибодуллоҳи Ахтар «Бедил» (Лоҳур, 1952), китобчаи Файзии Кобулӣ «Мухтасари афкори Бедил» (Кобул, 1332), китоби Алиасғари Ҳикмат «Нақши порсӣ дар аҳҷори Ҳинд» (Теҳрон, 1337), рисолаҳои Холмуҳаммади Хаста, Мунтахабуззамон Мирзо Абдулқодири Бедил» (маҷаллаи «Жувандун», 1342, №13), Абдулҳакими Табибӣ «Нигоҳе ба сайри тасаввуф дар Афғонистон» (Кобул, 1356), мақолаҳои Муҳиддин Хоҷаев «Дар замири мост ошёни дӯст» (Садои Шарқ, 1985, №7) ва Муҳиддин Олимпур «Дар оромгоҳи бузургон» (рӯзномаи «Маъориф ва маданият» аз 22. VI. 1978) ҳамчун қабри Бедил шинохта шудааст.

Вале ҳанӯз пеш аз тармими дуввуми қабри мазкур муҳаққиқи намоёни Бедил Малик

Абдулғанӣ дар номае, ки ба донишмандони Афғонистон фиристода буд, изҳор дошт, ки қабри кашфкардаи Ҳасани Низомӣ ба Мирзо Бедил ҳеҷ гуна иртибот надорад. «Зеро – навишта буд ӯ, - ҳеҷ як аз тазкиранависони муъосири Мирзо Бедил қабри Бедилро дар Пуранақалъа нанавиштаанд ва ин мавзеъ аз мадфани аслии Бедил, ки дар тазкираҳо мастур аст, ду мил (3,5 км – Б.Р.) фосила дорад» (Ниг.: Сӣ мақола, с. 157).

Малик Абдулғанӣ ин маъниро баъдтар дар мақолаи «Таҳқиқе дар мавриди поёни зиндагонӣ ва мадфани ҳазрати Бедил» (Ирфон, 1337, №2) ва рисолаи маълуми хеш «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» бо далоили қавӣ ба исбот расонид.

Шоир ва донишманди Афғонистон Сарвархон Гӯёи Эътимодӣ дар мақолаи «Вафоти Бедил, қабри Бедил, урси Бедил» (маҷаллаи «Ирфон», 1335, №8) ва Сайид Ҳисомуддини Рошидӣ дар ҳошияи тазкираи Қонеъи Таттавӣ «Мақолотушшуъаро» (Карочӣ, 1957) низ ғалат ва бебунёд будани ақидаи хоҷа Ҳасани Низомиро таъкид кардаанд. Чунончи, Сайид Ҳисомиддини Рошидӣ навиштааст: «Қабре, ки Ҳасани Низомии марҳум қариби Қалъаи Кӯҳнаи Деҳлӣ, муқобили мазори ҳазрати Малик Ёрпаррон ба номи Бедил таъмир карда, назди муҳаққиқин собит нест, ки аз Бедил бошад» (Мақолотушшуъаро, с. 457).

Илова бар ин, мардуми маҳаллии худи Деҳлӣ низ ба мадфани аслии Бедил будани ин қабр шубҳа доранд. Ин мазмунро аз гуфтаи муаррихи тоҷик Аҳрор Мухторов, ки қабри мазкурро зиёрат кардааст, дарёфтан мумкин аст. Ӯ навиштааст, ки «аз рӯи нақли аҳолии маҳаллӣ, қабри шоир як вақтҳо дар даруни кадом як бино будааст ва ҳоло аз он иморат осоре боқӣ намондааст» (А. Мухторов. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон, Душанбе, 1984, с. 204).

Дар воқеъ, бо шаҳодати аксари тазкиранависон, Бедил дар саҳни ҳавлии худ дафн шуда буд. Ҳавлии шоир, тавре ки гуфтем, беруни Деҳлидарвоза, дар маҳаллаи Каҳгариён воқеъ буд. Маҳаллаи Каҳгариён агарчи то имрӯз аз байн рафтааст ва ё тағйири ном кардааст, вале Деҳлидарвоза ҳоло ҳам барҷой аст.

Деҳлидарвоза дарвозаест, ки бахши шимолии Деҳлиро, ки Шоҳиҷаҳонобод ном дорад, ба қисматҳои ҷанубӣ ва марказии он пайваст менамояд. Гап дар сари он аст, ки Шоҳиҷаҳон (1628-1658) ном подшоҳи Ҳиндустон, баъд аз он ки дар соли 1638 пойтахти худро аз Акбаробод ба Деҳлӣ овард, дар қисмати шимолӣ-шарқии Деҳлӣ, дар соҳили рости дарёи Ҷамна барои дарбори худ қасре бино кард ва онро бо қалъае, ки баъдтар «Лаълқалъа» ном гирифт, иҳота намуд. Дар баробари ба қалъа иҳота кардани қаср як қисмати Деҳлиро низ бо девор иҳота намуд. Бахши бо девор иҳота шудаи Деҳлӣ дар якҷоягӣ бо Лаълқалъа бо номҳои «Шоҳиҷаҳонобод» ва «Шаҳринав» шӯҳрат ёфт. Бахши боқимондаи шаҳр, яъне қисмати аз девор беруни он, бо номи «Деҳлӣ» ва ё «Деҳлии кӯҳна» ёд мешуд. Шоҳиҷаҳонобод чун дигар шаҳрҳои асримиёнагии Шарқ дорои дарвозаҳои зиёде буд. Чунончи, Лоҳурдарвоза, Аҷмирдарвоза, Кобулдарвоза ва ғайра. Яке аз он дарвозаҳо бо номи Деҳлидарвоза машҳур буд. Яъне дарвозае ки роҳи Деҳлӣ ё худ Деҳлии кӯҳна аз он оғоз меёфт. Ҳавлии Бедил, ба қавли Хушгӯ, дар наздикии ҳамин дарвоза, дар ҳудуди Деҳлии кӯҳна воқеъ гардида буд.

Суоле ба миён меояд, ки агар хонаи Бедил, воқеъан дар наздикии Деҳлидарвоза буда бошад, пас чаро Хушгӯ «дар назди дарвоза» нагуфта, «беруни дарвоза» навиштааст? Таъбири «беруни дарвоза» оё маънои умуман аз дарвоза берунро надорад?

Азбаски Деҳлидарвоза марзи ду шаҳр – Шоҳиҷаҳонобод ва Деҳлии кӯҳна ба шумор мерафт ва ин дарвоза аз дарвозаҳои Шоҳиҷаҳонобод буд, дар сурати «дар нази дарвоза» гуфтан, хонанда гумон мекард, ки хонаи шоир дар ҳудуди Шоҳиҷаҳонобод воқеъ будааст. Хушгӯ маҳз барои таъкиди он, ки хонаи шоир дар ҳудуди Деҳлии кӯҳна ҷойгир аст, таъбири «беруни дарвоза»-ро ба кор бурдааст. Хушгӯ тавассути ин таъбир ду матлабро ифода намудааст. Яке он, ки хонаи шоир дар наздикии дарвоза воқеъ аст, дигар он, ки хона берун аз марзи Шоҳиҷаҳонобод – дар ҳудуди Деҳлии кӯҳна ҷойгир аст.

Агарчи Қалъаи Кӯҳна ва Деҳлидарвоза ҳарду аз минтақаҳои намоёни шаҳри Деҳлӣ мебошанд, вале Қалъаи Кӯҳна нисбат ба Деҳлидарвоза шӯҳрат ва маъруфияти бештаре дорад. Зеро Деҳлидарвоза агар яке аз чордаҳ дарвозаи Шоҳиҷаҳонобод бошад, Қалъаи Кӯҳна аз ҷумлаи ёдгориҳои беназири шаҳри Деҳлӣ маҳсуб мешавад. Хонаи Бедил агар дар назди Қалъаи кӯҳна, ҷойгир мебуд, Хушгӯ ба он, яъне ба Қалъаи Кӯҳна ишора мекард, на ба Деҳлидарвоза.

Илова бар ин, дар назди Қалъаи Кӯҳна мақбараҳои шайх Абӯбакри Тӯсӣ (вафоташ – 700) 1300-1301), Малик Нуриддини Ёрпаррон (вафоташ – 680/1281 – 1282) ва дигарон низ мавҷуданд, ки дар охири қарни XIII ва ибтидои қарни XIV бино ёфтаанд. Аммо ҳеҷ касе аз тазкиранигорон қабри Бедилро дар ҷивори онҳо қаламдод накардааст.

Баъд аз он ки назарияи Ҳасани Низомӣ роҷеъ ба маҳалли қабри Бедил мавриди тардиди муҳаққиқон қарор гирифт, як гурӯҳ мухлисони Бедил овозаеро интишор доданд, ки гӯё, дар замони салтанати Аҳмадшоҳи Дуроннӣ (1747-1773) устухонҳои Бедилро аз Деҳлӣ ба Кобул интиқол дода, дар Хоҷаравош ном мавзеъи Кобул ба хок супурда бошанд. Муаллифи ин овоза Сайид Муҳаммад Довуд ал-Ҳусайнӣ ном устоди донишгоҳи Кобул буд. Ӯ дар чанде аз навиштаҳои хеш, аз ҷумла дар мақолаҳои «Мазори Мирзо Абдулқодири Бедил дар Кобул аст» (маҷаллаи «Ориёно», 1335, №10), «Маъхази ҷадид дар мавзӯъи мазори Мирзо Абдулқодири Бедил дар Хоҷаравоши Кобул» (Ориёно, 1335, №11) кӯшиш намуд, ки ин овозаро асоснок намояд. Дар ҳоле, ки ӯ ду сол қабл аз ин иддаъо дар ҷамъоварии маблағ барои таъмиру тармими қабри назди Қалъаи Кӯҳнаи Деҳлӣ яке аз саҳмгузорони асосӣ буд. Табиист, ки «кашфиёт»-и ин шахс низ аз тарафи муҳаққиқон, аз ҷумла муҳаққиқони Афғонистон, рад карда шуд. Чунончи, Оламшоҳӣ дар мақолаи «Дар атрофии оромгоҳи мавлоно Бедил» (Ориёно, 1335, №12), Муҳаммад Иброҳими Халил дар мақолаи «Изҳори назар» (Ориёно, 1335, №12) ва Халилуллоҳи Халилӣ дар мақолаи «Дар мавриди касе ки ин катибаро навишта» (Ориёно, 1335, №12) таъкид намуданд, ки фикри аз Деҳлӣ ба Кобул овардани устухонҳои Бедил афсонае беш нест.

Муҳаққиқони дигари афғонӣ Азизудини Вакилӣ дар мақолаи «Алоқаи шоҳон ва мардуми Афғонистон роҷеъ ба шахсият ва осори Бедил» (рӯзномаи «Анис» далв, 1348- ҳамал, 1349) ва Ғ. Ҷалолӣ дар мақолаи «Абулмаъонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил» (маҷаллаи «Лимар», 1349, №8) низ беасос будани ин даъворо таъйид намудаанд.

Аз муаллифони Афғонистон танҳо як нафар – Салоҳуддини Салҷуқӣ ба ақидаи Довуд- ал-Ҳусайнӣ ҳамраъйӣ намудааст. Ӯ дар «Накди Бедил» (Кобул, 1343, с. 87) ном рисолаи худ чунин навиштааст: «Ҳине ки ба Ҳинд будам, аз Бедил хелеҳо ҷустҷӯ намудам. Вале маълум шуд, ки мардуми Ҳинд кунун Бедилро фаромӯш кардаанд. Қабри Бедил ҳам пайдо нашуд. Ва ман дар поёни кӯшиши худ ба ин фикр омадам, ки бақоёи ӯро ба Кобул овардаанд. Ва ман дар ин бора бо устод Сайид Муҳаммад Довуд-ал-Ҳусайнӣ ҳамнаво ҳастам. Асноди устоди мавсуф хуб қавист. Ва илова бар он гум шудан ва нопадид шудани ногаҳонии қабри Бедил дар замоне, ки дар он муҳит бузургтарин шоиру сӯфӣ ва адиб маҳсуб мешуд, ҳеҷ маънӣ надорад, ба ҷуз ин ки ҷуссаи ӯро аз хонааш (табъан қабр дар хона маънии дигаре надорад, ба ҷуз ин ки муваққат бошад) расман ба ватанаш овардаанд».

Тавре ки гуфтем, Довуд-ал-Ҳусайнӣ иддаъо дорад, ки ҷуссаи Бедил дар замони салтанати Аҳмадшоҳи Дурронӣ аз Деҳлӣ ба Кобул оварда шудааст. Вафоти Аҳмадшоҳ 1187 ҳиҷрӣ, мутобиқ 1773 милодист. Вале чунон ки дидем, Ғулом Ҳамадонии Мусҳафӣ қабри Бедилро дар соли 1199 ҳиҷрӣ (1784-85) дар Деҳлӣ зиёрат карда буд. Яъне қабри шоир 12 сол баъд аз вафоти Аҳмадшоҳ низ дар Деҳлӣ мавҷуд ва маълум буд.

Далели дигари Довуд-ал-Ҳусайнӣ, ки Салоҳуддини Салҷуқӣ низ ба он такя кардааст, он аст, ки гӯё, дар хонаи худ гӯронидани Бедил маънои муваққатан ба хок супурданро дошта бошад. Дар ҳоле ки Бедил, чунон ки гуфтем, қабри худро даҳ сол қабл аз вафоташ омода сохта буд. Яъне васияти шоир он буд, ки маҳз дар саҳни ҳавлии худ гӯронида шавад.

Гузашта аз ин, дар саҳни ҳавлиҳои худ гӯронидани одамони бузург одати маъмули мусулмонони Ҳиндустон аст. Чунончи, шоири маъруфи асри XVIII Шоҳфақируллоҳ Офарини Лоҳурӣ низ дар саҳни хонаи худ мадфун аст.

## МАСНАВИИ НАХУСТИНИ БЕДИЛ

Маснавии «Тилисми ҳайрат» аввалин асари калонҳаҷми Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) буда, дар соли 1080 ҳиҷрӣ мутобиқ ба солҳои 1669-1670 милодӣ дар синни 25-26-солагии муаллиф эҷод шудааст. Бедил таърихи таълифи асарро дар муқаддимаи он ин тавр ба қалам додааст:

Ба килки мухтареъ чун ёфт итмом,
Чу олам шуд «Тилисми ҳайрат»-аш ном.
Куҳантаърихии аҳли замонёб
Пайи таърихи назмаш буд бетоб,
Сари андеша то дуздид дар ҷайб,
Бурун овард «ганӣ» аз «олами ғайб».

Дар ин ҷо калимаи «ганӣ» ва ибораи «олами ғайб» моддаҳои таъриханд, ки ба ҳисоби абҷад ададҳои 73 ва 1153-ро ифода менамоянд. Дар сурати берун овардани «ганӣ» (73) аз «олами ғайб» (1153) адади 1080 боқӣ мемонад, ки санаи таърихи таълифи асар аст.

Гуфтан лозим аст, ки баъзеи муҳаққиқон аз таърихи таълифи асар санаҳои дигарро бурун овардаанд, ки саҳеҳ намебошан. Чунончӣ А. Шпренгер – муаллифи «Феҳристи нусхаҳои хаттии арабӣ, форсӣ ва ҳиндустонии «Китобхонаи Ҳокимони Авадҳ» (Ҷилди аввал, Калкутта, 1854, саҳ. 380) мисраъи таърихро дар шакли «Бурун овард ганҷи олам аз айб» оварда, аз он адади 1125-ро истихроӣ намудаст ва дар ин асос таърихи таълифи асарро 1125 ҳиҷрӣ ба қалам додааст.

Устод Айнӣ дар асари маълум ва машҳури худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954, саҳ. 72) таърихи таълифи маснавиро 1079 ҳиҷрӣ донистааст. Ӯ аз асари «Сари андеша то дуздид дар айб» ба маънои ба андеша рафтан аст, на ба маънои сари андешаро дузондан ё худ аз андеша сари онро кам кардан. Шоир гуфтанист, ки аҳли замонёб барои дарёфти таърихи назми асар бетоб буд ва дар натиҷаи сари андешаро дар ҷайб дузондан, яъне ба фикру андеша фурӯ рафтан – «ганӣ»-ро аз «олами айб» берун овард.

То ҷое, ки ба мо маълум аст «Тилисми ҳайрат» то кунун панӣ бор ба табъ расидааст, чаҳор бор дар таркиби нашрҳои гуногуни куллиёти Бедил – нашри Сафдарии соли 1847, Нашри Сафдарии соли 1882, нашри Кобул (1962-1965), нашри Теҳрон (1997) ва як бор дар якҷоягӣ бо маснавиҳои «Муҳити аъзам» ва «Тури маърифат», ки дар соли 1993 дар Душанбе ба миён омадааст. Аз нашрҳои зикршудаи маснавӣ комилтарини онҳо нашри Душанбест. Аз рӯи ин нашр ҳаҷми асар, 3484 байт аст.

Маснавӣ аз муқаддима, хотима ва бахши асосӣ- ҳикоят дар имтизоҷи рӯҳ ва ҷисми инсон- иборат буда, матни умумии он ба 15 бахши алоҳидаи дигар тақсим шудааст. Бахшҳои мазкур дорои унвонҳои манзуме мебошанд, ки дар шакли байтҳои ҷудогона эҷод шудаанд. Масалан, бахши шашум, ки дар сабаби назми китоб аст, чунин унвон гирифтааст:

Замзамаороии сози камол,
Оинапардозии ҳусни маҳол.

Унвони бахши ҳафтум, ки оғози қисми асосии асар мебошад, ин аст:

Нашъаи огоҳии рӯҳ аз бадан,
Яъне аз итлоқ ба қайд омадан.

Унвонҳои мазкур ҳама дар як вазн-сареъи мусаддаси матвии макшуф-иншо шудаанд ва аз вазни асосии асар, ки ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ва мақсур аст, фарқ мекунад

Чунон ки аз мактуби Бедил «Ба Оқилхон, дар шукри ахлоқи Шукруллоҳхон» бармеояд, унвонҳои манзуми асарро Шукруллоххони Хофӣ (ваф. 1696) ном дӯсти Бедил таълиф намудааст. Мақсад аз ин унвонгузорӣ он будааст, ки бе душворӣ ва тааммули зиёде ба асли матлаб, ки дар асар ифода шудааст, пай бурда шавад. Ба ибораи худи Бедил гуем, «Ҳар гоҳ

нигоҳи маънипаноҳ майли мутолаъа фармояд, бетааммул ниқоб аз рӯи маънӣ кушояд».

Баъзеи тазкиранависон, аз ҷумла Биндробандоси Хушгӯ (вафоташ с. 1757) ва иддае аз муҳаққиқон, аз қабили Нурулҳасани Ансорӣ ва Асадуллоҳи Ҳабиб, изҳор намудаанд, ки «Тилисми ҳайрат» дар пайравии «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридаддуни Аттор (1148-1220)эҷод шудааст. Ҳарчанд дар худи маснавӣ доир ба ин масъала ишорае ба назар намерасад, аммо мазмуни он аз баъзе ҷиҳатҳо сужети «Мантиқ-ут-тайр»-ро ба хотир меоварад. «Тилисми ҳайрат» низ чун «Мантиқ-ут-тайр» ба мавзӯи тасаввуф ихтисос ёфта, дар он масъалаи худшиносии орифона аз роҳи ранҷи сафар ва тайи водию манзилҳои гуногун талқин шудааст.

Илова кардан лозим аст, ки дар байни «Тилисми ҳайрат» ва асари дигари Аттор «Мусибатнома» низ баъзе умумиятҳо мавҷуданд. Махсусан анҷомҳои ин ду асар бо ҳамдигар хеле монанд мебошанд. Чӣ дар «Мусибатнома»ва чӣ дар «Тилисми ҳайрат» ҷӯяндаи ҳақиқат пеш аз расидан ба асли мақсад, бо дили хеш, ки маърази он ҳақиқат аст, дучор мегардад. Аз ин рӯ, фикри дар пайравии «Мантиқ-ут-тайр» суруда шудани «Тилисми ҳайрат» ва ҷой доштани таъсири Аттор дар эҷодиёти Бедил аз воқеият дур набояд бошад.

Инак ба мақсади ҳосил намудани тасаввуроти бештаре дар хусуси ин асар мазмуни онро мухтасаран нақл менамоем.

Шоҳе бо номи Рӯҳ аз олами боло фуруд омада, дар мулки Бадан маскан гирифт ва бо Мизоӣ ном дӯшизаи инҷой издивоӣ карда, соҳиби фарзанде шуд бо исми Сиҳат. Ӯ ба мақсади интихоби манзил қалъаҳои Димоғ, Ҷигар ва Дилро муоина карда дар паноҳи Дил иқомат гузид. Аз муқимони Дил - Фараҳ, Муҳаббат, Умед, Хавф, Ғам ва Адоват - се нафари аввалро мулозим хориӣ кард. Ба ҳокимони мулк –Балғам, Хун, Сафро ва Савдо инъомҳо дода, дар кишвари Бадан адлу амонӣ ҷори намуд. Аммо ин осоиш дер накашид: дар байни ҳокимон низоъ бархоста, боиси хуҷуми Хавфу ғам ва Адоват бар зидди шоҳ гардид. Шоҳ надимони худ – Фараҳ, Муҳаббат ва Умедро ба назди Ҳусн, Ишқ ва Ақл фиристода аз онҳо мадад хост. Аз он ҷумла танҳо Ақл бо лашкари Ахлоқ ба имдоди шоҳ шитофта, мухолифони у Хавфу Ғамро мағлуб ва зиндонӣ кард. Лекин Адоват аз ҷазо раҳоӣ ёфт ва ба қасди интиқом аз Мараз ёрӣ талабид. Мараз дар таркиби Ризо дохили Бадан гардид. Аз ин кор Сиҳат огоҳ шуда, аз ақл Кӯмак ҷуст. Ақл бо мадади Парҳез Маразро аз Бадан дур ронд. Аммо бо асари Парҳез Заъф ба Бадан роҳ ёфта, бо дастгирии ҳокимони мамлакат бар Ақлу Парҳез шикаст овард. Дар ин асно Хавф ва Ғам низ озод гашта, ба муқобили шоҳ бархостанд. Аз ҳамлаи якҷояи онҳо шоҳ ба танг омада, ихтиёри ғурбат кард. Лекин Сиҳат ӯро ба ҳокимӣ даъват намуда, бо ёрии Ҳиммат бар душманон ғолиб омад. Дар ин миён Ҳусн низ вориди Бадан гардида, тамоми аъзои онро фаро гирифт. Сипас Ишқ ба мулки Бадан омад ва шоҳро аз ҷилои Ҳусн ғофил дида, ба мақсади такомул додани ӯ аз Ҳусн ва иқтидори он сухан кард. Шоҳ бо шунидани ин ном бедил шуда, орзуи висоли ӯ кард. Ишқ гуфт, ки барои расидан ба висоли Ҳусн ранҷи сафар бояд кашид. Шоҳ тарки манзил намуда бо ҳидояти Ишқ аввал Мулки маъшуқиро тай намуд, ки дорои манзилҳои зиёде аз қабили Миён, Зулф, Лаб, Қомат ва ғайраҳо буд. Сипас ба мулки ошиқӣ раҳ гирифта, маломат, иқлими Бало ба водии Ҳиҷронро убур карда, ба дараҷаи худшиносӣ наздик шуд. Ишқ оинаеро ба ӯ дода, таъкид намуд, ки ба он назар андозад. Шоҳ дар оина нақши заъиферо дида, дар ҳайрат монд. Ишқ ӯро аз асли мақсад воқиф намуда, гуфт, ки мақсад аз тай кунонидани манозилу водиҳо туро аз ҳақиқати ту огаҳ кардан буд. Онеро, ки ошиқӣ, ҷамоли худи туст ва ин оина, ки мебинӣ, қалби мусаффост, ки акси туро мунъакис сохтааст. Шоҳ чун аз ҳақиқати хол огоҳ шуд, аз худ бирафт ва ба ҷаҳони беранг пайваст.

Бо вуҷуди он, ки мазмуни асосӣ ва чавҳари аслии маснавӣ аз масоили мухталифи тасаввуф ва назарияи худшиносии орифона иборатанд, дар он ба тасвир ва тадқиқи бадеии мавзӯъҳои дунявию ҳаётӣ низ диққати муайяне дода шудааст. Масалан, протсесси ҳаракати доимӣ - таҳайюру таҳаввули олами моддӣ, тапиш ва шӯру шарри ҳаёти ҷамъиятӣ дар асар ин тавр инъикос ёфтаанд:

Тапидан сайди доми зиндагонист,
Чу хуни бисмилаш ҳосил равонист.
Ҷаҳоне дар гудози хеш ғарӣ аст,

Чароғи маҳфил ин ҷо шӯри барқ аст.
Чаманзори ҷаҳон доми такупӯст,
Ки парвоз аст, агар ранг асту гар бӯст.
Тилисми ваҳшати ашёст дунё,
Тапиданҳои амвоӣ аст дарё.
Агар хок аст, парвозаш ғубор аст,
В-агар санг аст, боли ӯ шарор аст.

Дар ин маснавӣ бархе аз афкор ва ақоиди тарбиявӣ-ахлоқии Бедил низ ифода шудаанд. Чунончӣ, кӯшишу ғайрат ва ҳиммати баландро шоир аз омилҳои зарурии фаъолияти инсон дониста, хонандаро ба ҷидду ҷаҳди фаъол ва анҷоми корҳои накӯ ташвиқ ва тарғиб намудааст:

Матоъеро, ки қайд омад харидор,
Агар анқост, байъаш нест душвор.
Ба қадри ҷаҳд ҳар кас муздёб аст,
Хуш он ҷаҳде, ки манзураш савоб аст.
Ниҳоли кӯшиш ин ҷо бесамар нест,
Ки ботил ҳам фусунаш беасар нест…

Маснавии «Тилисми ҳайрат» илова бар он ки аҳамияти бузурги адабию эстетикӣ дорад, дар масъалаи омӯзиши таърихи тасаввуф, тадқиқи марҳала ва ҷараёнҳои мухталифи он ҳам материали бебаҳое дода метавонад. Ва ниҳоят «Тилисми ҳайрат»-ро ба ҳайси як рисолаи тиббӣ низ аз назар гузаронидан мумкин аст. Мавҷудияти ин асар гувоҳи он аст, ки Бедил на танҳо дар ҷодаи шоирӣ соҳиби нерӯи қавӣ ва истеъдоди бузург будааст, балки аз илмҳои дигари асри хеш низ огаҳии комил доштааст.

## ЧАНД МУЛОҲИЗА РОҶЕЪ БА «ТУРИ МАЪРИФАТ»-И БЕДИЛ

Маснавии «Тури маърифат» аз ҷумлаи муҳимтарин асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) ба шумор меравад. Агрчи дар чанде аз таълифоти илмӣ доир ба «Тури маърифат» низ баъзе маълумотҳои умумиро пайдо намудан мумкин аст, вале ин асар, чун аксар асарҳои дигари шоир, то кунун мавриди баррасии зарурӣ қарор нагирифтааст.

Омӯзишу тадқиқи ҳамаҷонибаи маснавӣ кори ояндаи муҳаққиқон аст. Дар ин мақола, ки характери муқаддамотӣ дорад, доир ба чанд масъалаи баҳснок – унвон, муддати таълиф, таърихи таълиф ва ҳаҷми асар – сухан хоҳад рафт.

Пеш аз баррасӣ аз ин масъалаҳо лозим аст, ки доир ба сабабу шароити таълиф ва мавзӯъу мундариҷаи он сатре чанд нигошта шавад.

«Тури маърифат» натиҷаи таассуротест, ки Бедил аз саёҳати Байрот – минтақае аз вилояти онвақтаи Майвот – ҳосил намуда буд. Худи шоир дар ин бора навиштааст: «Боре аз сайри саводи Байрот раҳоварде, ки қонеъони туҳафи маъонӣ ба қалилӣ аз ин пешкаш кифоят тасаввур намоянд, нусхаи «Тури маърифат»-е ҳаст, ки дар таъмими ибораташ муддаъои хос мундариӣ тавон ёфт ва аз тахсиси маъниаш ҳақиқате ахасс метавон шикофт» (Ниг.: Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Кобул, 1344, Рукаъот, с. 37).

Саёҳати Бедил ба Байрот ин тавр сурат гирифта буд: Бедил баъд аз тарки хидмати ҳарбӣ, ки соли 1096 (1685) дар шаҳри Матҳро (Матҳураи имрӯза) иттифоқ афтод, ба мақсади иқомати доимӣ ба шаҳри Деҳлӣ омад ва бо кӯмаки Шукруллохони Хофӣ (вафоташ 1108\1696) ном амир, ки аз шоирони намоёни аср низ буд, соҳиби ҳавлӣ шуда, муқими шаҳри Деҳлӣ гардид. Дар ин миён, тахминан, дар охирҳои соли 1096 (1685) ё ибтидои 1097 (1686) Шукруллоҳхон ҳокими вилояти Майвот таъин шуд ва аз Бедил хоҳиш намуд, ки дар сафари ин вилоят ба ӯ ҳамроҳӣ кунад. Бедил ин таклифро қабул карда, ҳамроҳи Шукруллоҳхон ба вилояти мазкур рафта, чанд муддат дар ин ҷо иқомат кард. Аз «Руқаъот»-и шоир бармеояд, ки ӯ дар ин вилоят бештари авқоти худро дар Байрот сипарӣ менамуд (Ниг.: К.Б. ҷ.4. Руқаъот, с. 31).

Шукруллоҳхон то соли 1099(1687-1688) ҳокими Майвот буд. Аммо Бедил баъд аз чанд моҳи иқомат дар Байрот ба Деҳлӣ баргашт ва ва таассуороти худро аз ин сарзамин дар шакли маснавӣ ба силки таҳрир даровард.

Тавре ки муҳаққиқони Бедил навиштаанд, «Тури маърифат» бо хоҳиши Шукруллоҳхон ва дар татаббӯъ ба яке аз асарҳои ӯ таълиф шудааст. Дар таъкиди ин фикр ҳам аз худи маснавӣ ва аз номаҳои шоир далел овардан мумкин аст. Чунончи, шоир дар фасли хотимавии «Тури маърифат» навиштааст:

Асои ман дар ин гулгашти мақсуд
Насими файзи Шукруллоҳхон буд.
В-агарна ман куҷо ку парфишонӣ?
Сиришке будам, он ҳам беравонӣ.
Дар ин гулшан хироме дошт килкаш,
Ки пайвастам мани бедил ба силкаш.
Каломаш гашт сармашқи хаёлам,
Аз он сарчашма ҷӯшид ин зулолам.
Ду рӯзе дар паси зону нишастам,
Хаёлеро баҳоре нақш бастам.
Ба юмнаш охир ин мактуби манзум
Ба «Тури маърифат» гардид мавсум.

Ин маъниро аз номаи шоир «Ирсоли хотимаи «Тури маърифат» мавсум ба «Гулгашти ҳақиқат» ба Оқилхон» низ метавон пай бурд. Дар инҷо омадааст: Баъд аз адои маротиби убудият, ки то нафас боқист, аз гардани ақидат соқит нест, маърӯзи файзандӯзони маҳфили ҳузур мегардонад, ки дар ин айём ба васотати таълими хонсоҳиби ҳақоиқмаротиб (ишора ба Шукруллоҳхон-Б.Р.) ва татаббӯъи он марҷаъи урафои маънимуносиб (ишора ба

Шукрклоххон - Б.Р.) аз баҳористони олами мавзунӣ мустафизи «Гулгашти ҳақиқат»-е буд. Арзи он кайфиётро василаи ниёзи бедилӣ тасввур намуд» (КБ. ч. 4 Руқаъот, с. 69).

Чунонки ишора шуд, мавзӯъ ва мундариҷаи «Тури маърифат» аз тавсифи водии Байрот ва кӯҳсори ин сарзамин иборат мебошад. Маснавӣ шаш бахши асосиро дар бар карда ҳар яке аз бахшҳои он дорои унвони алоҳидаи манзум аст.

Бахши аввал (Оғози баёни сайри Байрот-Таҳқиқи саводи қудратоёт) муқаддимаи асар ба шумор рафта, дар хусуси таъсири каломи бадеъ, зиёни хамӯшӣ, тарғиби ҷидду ҷаҳду амалиёти фаъол, маърифати олами ранг – дунёи моддӣ баҳс менамояд. Бахши мазкур бо таърифи Байрот ва манзараҳои зебои он ба поён мерасад.

Бахши дуввум (Тавсифи баҳору баршаголаш - Гулрезии рашҳаи камолаш) тасвири баршагол-мавсими боришот ва манзараҳои ба ин ҳодисаи табиъӣ алоқаманд-абр, қатра, ҳубоб, тиру камон ва ғайраро фаро гирифтааст.

Тавсифи кӯҳ, санг, шарар, шафақ ва умуман кӯҳистони Байрот муҳтавиёти бахши саввум (Кайфияти абру ранги кӯҳсор – Паймонаи ҷилваҳои сараш)-ро ташкил додаст. Бахши чорум (Ороиши сайргоҳи маъдан – Дурпошиҳои роҳи маъдан) ба тасвири чоҳҳои маъдан ва меҳнати тоқатшикани маъданканон бахшида шудааст. Бахши панҷум (Аз шӯълаи дил қадам фушурдан - Дар чашмаи гарм роҳ бурдан) аз сифати чашмасор, обҳои гарми шифобахш ва манзараи шабгир иборат аст. Ва ниҳоят бахши хотимавии он (Гулгашти ҳақиқати баҳораш-Хатми такупӯи эътибораш) тасвири боғ, гулҳои боғ, таърифи ҳамсафарони муаллифро дар бар кардааст.

Илова бар фаслҳои тавсифӣ, ки қисмати асосии маснавиро ташкил додаанд, дар асар порчаҳои лирикӣ-фалсафие низ мавҷуданд, ки бо унвони «Ишорат» зимни ин ё он бахши тавсифӣ дарӣ гардидаанд. Яке аз порчаҳои фалсафӣ, ки мартуб ба бахши чорум мебошад, ин аст:

Саҳар оинаам пардози дил ёфт,
Сафои имтиёзи обу гил ёфт.
Нахустин, к-аз таҳаққуқ кардам оғоз,
Ба рамзи обу хокам чашм шуд боз.
Тааммул сарфи кори ину он шуд,
Чароғи хилвати ҳар як аён шуд.
Ниҳол аз хок гулшан дар қафас дошт,
Ҳубоб аз об ҷӯшад, то нафас дошт.
Яқинам шуд, ки дар ҳар қатра ҷонест,
Ниҳон дар ҳар кафи хоки ҷаҳонест.
Тааммул з-ин адо сад ҷилва дорад,
Ҳаку ботил тааммул менигорад.
Тааммул айнаки таҳқиқи ашёст,
Агар бошад тааммул, ҷилва аз мост.

Инак шурӯъ мекунем ба асли мақсад. Дар аввал роҷеъ ба унвони асар. Тавре ки аз хотимаи маснавӣ маълум аст (Ба юмнаш охир ин мактуби манзум – Ба «Тури маърифат» гардид мавсум), ин асар як ном дорад ва ин ном «Тури маърифат» аст. Илова бар ишораи мазкур Бедил дар чаҳор номаи хеш аз маснавӣ маҳз бо ҳамин ном ёд кардааст. Дар се маврид унвони асар дар таркиби унвонҳои номаҳо дарӣ аст ва дар як маврид дар дохили матни мактуб омадааст. Се номаи аввал инҳоянд: 1) «Ирсоли «Тури маърифат» ба Мирзо Муҳаммадамини Ирфон», 2) «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи анҷоми нусхаи «Тури маърифат». 3) «Ирсоли хотимаи «Тури маърифат» мавсум ба «Гулгашти ҳақиқат», ба Оқилхон». Номаи чаҳорум ба Мирзо Ибодуллоҳ ном шахс аст, ки дар он омадааст: «Аммо мутобиқи амре, ки аз имтисоли он чора нест, мусаввадаи шеъре чанд бо нусхаи «Тури маърифат», ки ламаъоти ҳақиқаташ мункашифи тааммул хоҳад гардид, ба маърази ирсол расонид» (К.Б. ч. 4. Руқаъат. с. 50).

Аммо дар иддае аз таълифоти илмӣ, аз ҷумла дар феҳристи Шпренгер «Нусхаҳои хаттии китобхонаи ҳокимони Авадҳ» (Калкутта, 1854), «Тури маърифат»-ро бо номи «Гулгашти ҳақиқат» низ дучор омадан мумкин аст. Дар феҳристҳои Эте «Нусхаҳои хаттии китобхонаи

Индия Оффис» (Оксфорд, 1903), Муқтадир «Нусхаҳои хаттии китобхонаи Бонгипур» (Калкутта, 1912), мақолаи Ёсинхони Ниёзӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Оинаи ирфон, Кобул, 1311, №№ 10, 11, 1312, №№2, 4, 5, 6), рисолаҳои Абдулғанӣ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил (Кобул, 1351), Амир Муҳаммади Асир «Шарҳи «Тури маърифат»-и Бедил» (Кобул, 1356), Шавкат Шукуров «Мирзо Бедилнинг поэтик мероси» (Тошкент, 1980) ва нашри кобулии куллиёти Бедил маснави бо ду ном – «Тури маърифат» ва «Гулшани ҳақиқат» ёд шудааст. Ин фикр, зоҳиран, мубнӣ бар мисраъҳои зайл аст, ки дар оғози маснавӣ мавҷуданд.

Тапишфарсуд шавқи нолатимсол
Зи таҳрики нафас во мекунад бол,
Ки хомӯшӣ навосоз аст имрӯз,
Ғубори сурма овоз аст имрӯз.
Зи тури маърифат маънисароям,
Ба чандин кӯҳ менозад садоям,
Зи гулгашти ҳақиқат тарзабонам,
Ба сад минқор меболад баёнам.

Вале ин ҷо ибораҳои «тури маърифат» ва «гулгашти ҳақиқат» ишора ба унвони маснавӣ ё ки худи маснавӣ нест. Мақсад аз ин таъбирҳо маърифати илоҳӣ ва ҳақиқати азалист. Имкон дорад, ки шоир кӯҳистони Байрот ва водии зебоманзари онро низ дар назар дошта бошад. Дар ҳар сурат, ин ҷо ишора ба предмети тасвир аст, на ба худи асар. Мақсад аз «тури маърифат»агар номи асар мебуд, шоир дар мисраъи шашуми порчаи боло «ба чандин кӯҳ менозад садоям» намегуфт. Яъне дар сурати номи маснавӣ пиндоштани таъбири «тури маърифат» таносуби маъноии мисраъҳои панҷум ва шашум аз байн меравад. Зеро дар байни маснавии «Тури маърифат» ва ибораи «чандин кӯҳ» умумият ва муносибате вуҷуд надорад.

Аз муҳаққиқони мазкур Шавкат Шукуров навиштааст, ки Бедил дар «Чорунсур» аз «Тури маърифат» бо ду ном – «Тури маърифат» ва «Гулгашти ҳақиқат» ёд кардааст (Ниг.: Ш. Шукуров, рисолаи мазкур, с. 17).

Вале мутолаъаи «Чорунсур» нишон дод, ки шоир дар ин ҷо аз «Тури маърифат» умуман ном набурдааст.

Муаллифоне низ ҳастанд, ки «Тури маърифат» ва «Гулгашти ҳақиқат»-ро чун ду асари алоҳида ба қалам овардаанд.

Чунончи, соҳиби «Базми темурия» Сайид Сабоҳиддини Абдураҳмон навиштааст, ки Бедил илова бар девони ашъор асарҳои (1) «Муҳити аъзам», (2) «Тилисми ҳайрат», (3) «Гулгашти ҳақиқат», (4) «Тури маърифат», (5) «Ирфон», (6) «Баёз», (7) «Никот», (8) «Руқаъот» ва (9) «Чаҳорунсур»-ро таълиф намудааст. (Базми темурия, Аъзамгарҳ. 1948. с. 296).

Вале, тавре ки аз номаи Бедил «Ирсоли хотимаи «Тури маърифат» мавсум ба «Гулшгашти ҳақиқат», бо Оқилхон» бармеояд, «Гулгашти ҳақиқат» унвони бахши хотимавии «Тури маърифат» аст, на унвони дуввуми ин маснавӣ ва на ягон асари мустақили дигар. Ин маъниро аз мундариҷаи маснавӣ низ дарк намудан мумкин аст. Маснавӣ, чунон ки гуфтем, аз шаш бахши асосӣ иборат аст ва унвонҳои ин бахшҳо ба қарори зайланд:

1. Оғози баёни сайри Байрот,
   Таҳқиқи саводи қудратоёт.

2. Тавсифи баҳору баршаголаш,
   Гулрезии рашҳаи камолаш.

3. Кайфияти абру ранги кӯҳсор,
   Паймонаи ҷилваҳои саршор.

4. Ороиши сайргоҳи маъдан,
Дурпошиҳои роҳи маъдан.

5. Аз шӯълаи дил қадам фушурдан,
Бар чашмаи гарм роҳ бурдан.

6. Гулгашти ҳақиқати баҳораш,
Хатми такупӯи эътибораш.

«Тури маърифат» чун ба тавсифи Байрот бахшида шудааст, бо номи «Сайри Байрот» низ шӯҳрат дорад. Ин унвон, зоҳиран, аз сарлавҳаи бахши авали маснавӣ (Оғози баёни сайри Байрот) гирифта шудааст. Дар баъзе нусхаҳои хаттӣ ба ҷои таъбири «Сайри Байрот» саҳван «Сайри Ҳирот» сабт гардидааст. Ин унвони ғалат бархе аз муҳаққиқонро ба иштибоҳ низ андохтааст. Чунончи, муаллифи кашмирӣ Коши Нотҳ Пандит дар ҳамин асос навиштааст, ки Бедил ба Ҳирот низ сафар кардааст (Ниг.: Кошӣ Нотҳ Пандит, Аҳволу афкор ва сабки ғазалиёти Бедил, Теҳрон, 1961 чопи мошинка).

Яке аз нусхаҳое, ки бо номи «Сайри Ҳирот» маълумаст, нусхаи 1053 Институти Шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Ин нусха бо маҷмӯъаи ашъори Абдураҳмони Мушфиқӣ (1525-1588) дар як ҷилд аст ва дар феҳрести китобхонаи мазкур ба Абдураҳмони Мушфиқӣ нисбат дода шудааст. (Ниг.: Собрание восточних рукописей АИ Ӯзбекистон ССР. Том. 2. Ташкент, 1954 стр. 260).

Олими тоҷик Зоҳир Аҳрорӣ ин нусхаро таҳқиқ намуда, ба Мушфиқӣ таъаллуқ надоштан ва моли Мирзо Абдулқодири Бедил будани онро исбот кардааст. (Ниг.: Зоҳир Аҳрорӣ Мушфиқӣ, Душанбе, 1978, саҳ. 84).

Аммо дар мавриди унвони асар Зоҳир Аҳрорӣ низ ба иштибоҳ роҳ дода аст! Ӯ навиштааст, ки достони «Сайри Ҳирот» дар асал «Сайри боғоти Гуҷрот» ном достони Мирзо Абдулқодири Бедил аст, ки ки ба номи ҳукмрони онвақтаи Гуҷрот Шукруллоҳхон навишта шуда, оид ба саёҳати шаҳри Гуҷрот, хурамиҳои манзараи табиати он ва атрофу ҷавониб баҳс мекунад» (ҳамон ҷо саҳ. 84).

Вале чунон ки медонем, Бедил асаре бо номи «Сайри боғоти Гуҷрот» надорад ва Шукруллоҳхон низ ҳеҷ гоҳ ҳокими Гуҷрот набудааст.

Сабаби ин иштибоҳ он аст ки бахши авали маснавӣ, чунон ки гуфтем, «Оғози баёни сайри Байрот – Таҳқиқи саводи қудратоёт» унвон дорад. Дар нусхаи зикршуда ба ҷои калимаи «Байрот» калимаи «Ҳирот» омадааст. Чун ин калима дар вазни байти боло нағунҷидааст, муҳаққиқ онро бе ҳеҷ асос бо «Гуҷрот» иваз намудааст.

Зоҳиран, нусхаи мазкури «Тури маърифат» аз нусхаҳои ноқиси маснавист. Дар нусхаҳои комили он номи Байрот ва унвони асар сареҳан зикр гардидаанд:

Кунун дар кӯҳи Байрот обу рангест,
Ки ҳар сангаш ба дил бурдан фарангест.

Ба номаш охир ин мактуби манзум
Ба «Тури маърифат» гардид мавсум.

Дар робита бо унвони маснавӣ нуктаи дигарро низ таъкид намудан зарур аст. Дар «Руқаъот»-и Бедил мактубе вуҷуд дорад, ки унвонаш чунин аст: «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи сиҳати худ ва изҳори назми «Гули зард». Бедил дар ин нома аз оғози таълифи асаре хабар додаст, ки унвонаш «Гули зард» будааст. Чанд тан аз муҳаққиқон «Гули зард»-ро асари мустақили мафқудшуда ва гурӯҳи дигар онро ҷузъе аз маснавии «Тури маърифат» донистааст. Вале мо дар ақидае хостем, ки «Гули зард» номи собиқаи «Тури маърифат» аст, на унвони бахши алоҳидаи он ва на ягон асари мустақили дигар (Дар ин бора ниг. Ба мақолаи «Гули зард»-унвони собиқаи «Тури маърифат»).

Акнун меоем ба масъалаи дуввум - муддати таълифи маснавӣ.

Иддае аз муҳаққиқон, аз ҷумла Абдулғанӣ ва Шавкат Шукуров, бинобар як ишораи худи

шоир (Ду рӯзе дар паси зону нишастам, Хаёлеро баҳоре нақш бастам) навиштаанд, ки «Тури маърифат» дар муддати ду рӯз эҷод шудааст. Дуруст аст, ки Бедил дар кори эҷоди асар аз тангии фурсат шикоят кардааст. Аммо, бо вуҷуди ин, гуфтани он ки маснавӣ маҳз дар ду рӯз иншо шудааст, хилофи воқеъият аст. Аввалан, таъбири «ду рӯзе» маънои маҳз ду рӯзро надорад. Сониян, аз «Руқаъот»-и шоир пайдост, ки асар дар муддати нисбатан зиёд таълиф гардидааст. Тавре ки дар боло дидем, Бедил аз рафти эҷоди он дар чанд номааш хабар додаст. Дар номаи «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи сиҳати худ ва изҳори назми «Гули зард» дар хусуси аз таҳрир баромадани 150 байти он сухан рафтааст. (Ниг.: К.Б.ч. 4 Руқаъот. С. 71). Ё худ бахши хотимавии он ки «Гулгашти ҳақиқат» ном дорад, дар алоҳидагӣ ирсол шудааст. Ба эътибори ин далелҳо, тахмин намудан мумкин аст, ки маснавӣ дар муддати ягон моҳ ва ҳатто аз ин ҳам бештар эҷод шудааст.

Муҳаққиқони Бедил дар масъалаи таърихи таълифи асар низ дар як ақида нестанд. Ёсинхони Ниёзӣ дар мақолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Оинаи ирфон, Кобул 1311, 119, 1011, 1312 №2, 4, 5, 6) ва Нурулҳасани Ансорӣ дар рисолаи «Баҳсе дар аҳвол ва осори Бедил» (Кобул – 1363 ба эътибори сафари шоир аз Деҳлӣ ба Байрот, замони таълифи маснавиро байни солҳои 1097-1098) донистаанд.

Муаллифи мақолаи «Мирзо Бедил ва мақоми ӯ дар равобити адабӣ ва ирфонии Афғонистон ва Ҳинд» Ғуломҳасани Маҷаддадӣ ҳам дар ҳамин ақида аст. Ба назари ӯ, маснавӣ «дар охири қарни ёздаҳиҳуми ҳиҷрӣ суруда шуда аст». (Маҷалаи «Адаб» Кобул, 1354 № 4).

Холиди Айнӣ Таълихи эҷоди маснавиро ба таърихи сафари шоир аз Деҳлӣ ба Байрот алоққаманд донста, навиштааст, ки сафари мазкур пас аз соли 1092 (1681) бавуқӯъ пайваст ва маснавӣ низ баъд аз ҳамин сол таълиф шуд. (ниг. Х. Айнӣ, Бедиль и его поэма «Ирфон», Сталинабад, 1956 стр. 54).

Абдулғанӣ-муаллифи рисолаи «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул-1351) мӯътакид аст, ки Шукруллоҳхон ду бор фавҷдори Майвот таъин шудааст. Бори аввал аз соли 1096 (1685) то соли 1099 (1687-1688) ва бори дуввум пас аз соли 1099 то охири умр, яъне то соли 1108 (1696-1697). Бинобарин, ба ақидаи Абдулғанӣ, Бедил дар сафари дуввуми Шукруллоҳхон ба ӯ ҳамроҳӣ кардааст ва «Тури маърифат» низ баъд аз соли 1099 эҷод шудааст. Ин фикри Абдулғанӣ дар асоси маълумоти Озоди Балгиромӣ ба миён омадааст. Озод навиштааст, ки Шукруллоҳхон то охири умр, яъне то соли 1108 фавҷдори Майвот буд ва дар ҳамон ҷо вафот кард. (ниг. Сарви озод, Ҳайдарободи Дакан, 1913, саҳ 149). Вале ин фикр ғалат аст. Шукруллоҳхон дар соли 1099 (1687-1688) аз фавҷдории Майвот фориғ гардида, фавҷдори Деҳлӣ таъин шуда буд. Дар ин бора Бедил қитъаи таърихе дорад, ки ин аст:

Хони хуршеднишон, матлаъи субҳи эҳсон,
Он ки дар сояаш осуда сипеҳри иззат,
Арши таъзимливо домани иқболи баланд,
Авҷи афлокбино пояи қудратазамат.
Зоташ аз фазлу карам анҷумани ҳусни сифот,
Номаш аз файзи азал ҳосили нозу неъмат.
Рояти ҳукм зи Майвот ба Деҳлӣ афрохт,
Бо ду олам талабу айшу нишонту ишрат,
З-ин ду таърих талаб соли саъодат сараш:
«Ҳосили ишрат»-у «айшу шароби беминнат» (К.Б. ч.2, Қитъаот, саҳ. 134).

Ибораҳои «ҳосили ишрат» ва «айшу тараби беминнат» моддаҳои таърихаанд, ки ҳар кадоме адади 1099-ро ифода мекунамояд. Дар ин қитъа агарчи аз Шукруллоҳхон сареҳан ном бурда нашудааст, мисраъи «Номаш аз файзи азал ҳосили нозу неъмат» (ҳосили нозу неъмат-шукри худо, яъне Шукруллоҳ) далел бар он аст, ки шоир ӯро дар назар дорад.

Пас аз соли 1099 фавҷдори Деҳлӣ навоҳии атрофии он будани Шукруллоҳхонро муаллифи «Миръотулхаёл» (соли таълиф 1102(16901691). Шералихони Лудӣ низ таъкид намудааст. Ӯ зимни шарҳи аҳволи шоире бо номи Фаррух Ҳусайни Нозим аз вафоти падари хеш хабар

дода, таъкид кардааст, ки пас аз ин воқеъа «аз ёрон ва бузургони ҳамсӯҳбат, ки ҳар яке ягонаи рӯзгор буд», баъзе шарбати марг чашиданду баъзеи дигар ба атроф майл намуданд. «Аз он ҷумла зоти муборак, хулосаи дудмони наҷобат, салолаи хонадони саёдат, зӯри бозӯи диловарию шуҷоъат, сурати маънию карам ва саховат наввоб Шукруллоҳхон соҳиб аст, ки ба таркиби фавҷдории дорулхилофаи Шоҳиҷаҳонобод (Деҳҳлӣ Б Р) ва навоҳии он компронию комёби дорад» (Миръотулхаёл, нусхаи №1966 Ишохаит, вар, 123«а»).

Мо намедонем, ки Шукруллоҳхон кори фавҷдории Деҳлиро то кадом сол давом дод? Вале ин амр мусаллам аст, ки вафоти ӯ соли 1108(1696-1697) дар Деҳлӣ рух дод, на дар Майвот. Дар ин бора аз «Руқаъот»-и Бедил далел овардан мумкин аст. Номаҳои «Ба Шукруллоҳхони сонӣ, Лар азои Шукруллоҳхон ва арзи бемори ва натвонии худ» ва «Дар таъзияи Шукруллоҳхон, ба Шукруллоҳхони сонӣ халафи эшон» аз ҳамин қабиланд.

Бад-ин тариқ Шукруллоҳхон ҳамагӣ ду-се сол, аз соли 1097 (1685-1686) то соли 1099(1697-98) фавҷдори Майвот буд ва Бедил низ ба ин сарзамин ҳамагӣ як бор сафар кардааст. Аз ин рӯ, фикри Абдулғанӣ дар хусуси таърихи таълифи маснавӣ қобили қабул шуда наметавонад.

Навиштаи Ғулом Мустафохон – муаллифи мақолаи «Таъйини таърихҳои осори» низ хилофи воқеъият аст. Ба қавли ӯ, маснавӣ қабл аз соли 1084(1673-1674) эҷод шудааст (Ниг.: Ориентал коллеӣ мегезин, Лоҳур 1972, март-июн).

Санаде, ки ин муаллиф дар ихтиёр дорад, номаи Бедил «Ирсоли «Тури маърифат» ба Мирзо Муҳаммадамини Ирфон» ва қитъаи таърихест, ки Бедил дар вафоти Муҳаммадамини Вафо ном шахс навиштааст. Матни қитъа ин аст:

Он Муҳаммадлақаб Амини Вафо
Обу ранги ҳадиқаи ахлоқ,
Ки чу ӯ кас дар ин замона набуд
Ба лиқои расули ҳақ муштоқ,
Умри бе ихтиёр бурд ба сар
Дар хаму печи ин хамида равоқ.
Дар ҳиҷоби ғубори ранги дуӣ,
Баски табъаш надошт тоби фироқ.
Ногаҳон дар хумори ҷоми аласт,
Ёдаш омад зи нашъаи мисоқ.
Ғӯта зад дар муҳити берагӣ,
Нест ҷуз васл мақсади ушшоқ.
Ҳотифе гуфт соли таърихаш:
«Рафт қутби замона аз офоқ».
(К.Б. ҷ.2, Қитъаот. С. 129).

Мисраъи охири ин қитъа моддаи таърих аст, ки санаи 1084 (1673-74) аз он бармеояд. Ғулом Мустафохон Муҳаммадамини Вафо ва адресати номаи мазкур – Мирзо Муҳаммадамини Ирфонро як шахс пиндошта, ба хулосае омадааст, ки «Тури маърифат» пеш аз вафоти Муҳаммадамини Вафо, яъне пеш аз соли 1084 эҷод шудааст. Дар ҳоле ки Муҳаммадамини Вафо ва Мирзо Муҳаммадамини Ирфон шахсони алоҳидаанд. Тавре ки аз қитъаи боло мебинем, Муҳаммадамини Вафо шахсест, ки дар соли 1084 даргузаштааст. Вале Мирзо Муҳаммадамини Ирфон шоири намоёни аср аст, ки вафоташ дар ибтидои асри XII ҳиҷрӣ иттифоқ афтодааст.

Гуруҳи дигар муаллифан, ки дар ин бора изҳори назар кардаанд, иборатан аз устод Айнӣ, Александр Баузани, Асадуллоҳ Ҳабиб ва дигарон. Бар хилофи муҳаққиқони боло, ин гурӯҳи муаллифон ҳама дар як ақидаанд. Бино бар ин ақида, таърихи анҷоми «Тури маърифат» соли 1098 ҳиҷрист. Аз ҷумлаи ин муаллифон танҳо устод Айнӣ барои тасдиқи фикри худ далел овардааст. Муаллифони дигар, зоҳиран, ҳама аз ӯ пайравӣ кардаанд. Устод Айнӣ навиштааст: «Ҳарчанд Бедил таърихи таълифи ин асари худро дар ҷое қайд накарда бошад ҳам, аз мактубе, ки шоир ин асарро ба вай ба Шукруллоҳхон фиристодааст, маълум мешавад, ки ин манзума дар солҳои 1098 ҳиҷрӣ (дар соли 1687 милодӣ дар 43 солагии шоир) навишта

шудааст. Чун ки дар мактубе, ки ин асар бо вай ба Шукруллоҳхон фиристонда шудааст, таърихи фатҳи Ҳайдаробод ҳам ҳаст, ки 1098 ҳиҷрӣ мебошад (С. Айнӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сталинобод 1954, с. 74). Дар «Руқаъот»-и Бедил ягона мактубе ки ба Шукруллоҳхон ирсол шудаасту дар он анҷоми «Тури маърифат» хабар дода мешавад ҳамон аст, ки бо унвони «Ба Шукруллоҳхон дар арзи анҷоми «Тури маърифат» дар боло ёд шуд. Бедил дар ин нома навиштааст: «Ниёзе, ки дар маъбади андеша бо маънии таслим месохт, имрӯз дар сурати хат ҷабҳасост ва дуъое, ки дар пардаи нафас ҳасрати тапидан мекашид, ба кисвати нома болкушо. Маънинавозо «Тури маърифат» аз ҳуҷуми дидаи интизор сомони як олам чароғон аст ва ба ҳавои нисори он Калими айманҳақиқат сад ҳазор гавҳари маънӣ ба домон Лиллахулҳамд, таваҷҷуҳи зоти маъниёт дар он самт яди байзое накушуда ва асои қудрате нанамуда, ки оли Фиръавн, яъне зумраи тоғиёне ки ғарқаи нили идборанд, то қиёмат сар аз оби теғ бароранд (К.Б. ҷ.4. Руқаъот с. 54).

Дар ин нома, тавре ки мебинем, ба ғалабаи Шукруллоҳхон бар тоғиёни вилояти Майвот ишора шудааст, на ба фатҳи Ҳайдаробод. Ин маъниро аз ибораҳои «Калили айманҳақиқат» ва «оли Фиръавн», ки ишора ба Шукруллоҳхон ва шӯришгарон аст, пай бурдан мумкин аст. Таъбири «оли Фиръавн» далел бар он аст, ки тарафи мағлубшуда мусулмон нест. Дар ҳоле ки подшоҳи Гулканда, яъне Ҳайдаробод-Абулҳасан ибни Абдуллоҳ мусулмон буд. Илова бар ин, дар ин нома аз иқтидору нерӯ ва ғалабаи Шукруллоҳхон сухан рафтааст. Ин ҳодиса, чунон ки гуфтем, дар Майвот ба вуқӯъ пайваста буд на дар Ҳайдаробод. Ба таъбири дигар гӯем, Шукруллоҳхон дар фатҳи Ҳайдаробод ширкат надошт. Солҳои 1097-1098 (1685-1687), ки Беҷопур ва Гулканда тобеъи ҳукумати Аврангзеб гардидаанд, Шукруллоҳхон дар Мавот буд. (ниг. К.Б. ҷ.2. Қитъаот. С. 130, 133).

Гуфтан лозим аст, ки фурӯ нишонидани ошӯбҳо дар Майвот ду сол солҳои 1097-1098 (1685-1687) давом кард. Соли 1097 Шукруллоҳхон ба пешвои қавми нарука ва ҳам қавми мев саркӯб шудаанд. (Ниг.: К.Б. ҷ.2. Қитъаот. С. 130). Суоле ба миён меояд, ки дар номаи мазкур ба кадоме аз ғалабаҳои Шукруллоҳхон ишора рафтааст – ба ғалабаи соли 1097 ё ба ғалабаи соли 1098? Аз таъбири «таваҷҷуҳи зоти маъниёт дар он самт яди байзое накушуда ва асои қудрате нанамуда» бар меояд, ки дар ин нома дар хусуси оғози ғалабаҳои Шукруллоҳхон сухан меравад. Яъне дар ин ҷо ба ғалаи Шукруллоҳхон бар Баҷироми нарука ишора шудааст, ки соли 1097 иттифоқ афтода буд. Ин маъниро аз ибораи «оли Фиръавн» низ метавон пайбурд. «Оли Фиръавн»тавре, ки гуфтем, далел бар он аст, ки тарафи мағлубшуда мусуслмон нест. Аз ду қавме, ки Шукруллоҳхон бар онҳо шикаст овард қавми ғайриислом нарука буд. Қавми мев, ки дар соли 1098 мағлуи шуд, аз ҳиндуёни мусулмоншуда ба шумор мерафт. Дар ин бора ниг. Р. Гусева, Раджастхандтсӣ. Народ и проблемы. М. «Наука: 1989. стр. 88).

Дар ин сурат ақидаи Ёсинхони ниёзӣ ва Нурулҳасани Ансорӣ, ки таърихи таълифи асарро байни солҳои 1097-1098 (1685-1687) донистаанд ба ҳақиқат наздикии бештаре дорад.

Дар воқеъ, чунон ки гуфтем, Бедил дар охири соли 1096(1685) ё ибтидои соли 1097 (1686) ба Байрот рафта, пас аз ду-се моҳ ба Деҳлӣ баргашт. Ба Деҳлӣ баргаштан замон ба таълифи маснавӣ шурӯъ намуд. Ҳамчунин тазаккур дода шуд, ки маснавӣ дар муддати як-якуним моҳ эҷод шудааст. Ба таъбири дигар аз ибтидои сафари шоир то интиҳои замони анҷоми асар камтар аз як сол гузаштааст. Аз ин рӯ, бо қатъияти том метавон гуфт, ки маснавӣ маҳз дар соли 1097 (1685-1686) таълиф шудааст.

Ва ниҳоят, чанд сухан доир ба ҳаҷми маснавӣ. Муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» ҳаҷми маснавиро 3000 байт навиштааст. Тазкиранависони дигар аз қабили Иброҳим Халилхони Халил. Ҳусайнқулихони Азимободӣ ва муаллифи феҳристи китобхонаи Худобахш Мавлавӣ Абдулмуқтадир Хушгӯро такрор кардаанд. Вале ин фикр сиққат надорад. То ба имрӯз ягон нусхае аз маснавӣ ба назар нарасидааст, ки ин миқдор абётро фаро гирифта бошад. Гуфтан лозим аст, ки маълумоти Хушгӯ доир ба ҳаҷми чанд асари дигари Бедил низ дуруст нест. Масалан, ӯ ҳаҷми маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин»-ро ҳазор байт гуфтааст. Дар ҳоле, ки асар аз дусаду чан байт зиёд нест.

Муаллифи рисолаи «Бедил» (Лоҳур 1952) Ибодуллоҳи Ахтар овардааст, ки «Тури маърифат» дар асл шаш ҳазор байт аст. Вале, таъкид намудааст ӯ, матни комили он дастрас нест. Ин муаллиф дар асоси чӣ далеле бар ин ақида аст? - ба мо маълум нест. Чун ин фикр

дар ду ҷои рисолаи ӯ (с. 249-262) таъкид шудааст, гумон аст, ки муаллиф ягон асари дигари Бедил, масалан «Муҳити аъзам» ва ё «Ирфон»-ро дар назар дошта бошад. Ба ибораи дигар гӯем, ин ҷо хатои техникӣ ва ё саҳве аз тарафи матбаъа Рух надодааст, балки назари муаллифи рисола ҳамин аст.

Муҳаққиқони дигар теъдоди дақиқ абёти маснавиро зикр накарда бошанд ҳам, дар атрофии ҳаҷми воқеъии он сухан рондаанд. Чунончи, ҳаҷми маснавиро Қорӣ Абдуллоҳ ҳазор байт, Кошӣ Нотҳ Пандит аз ҳазор байт афзунтар, Абдулғанӣ ва Асадуллоҳ Ҳабиб 1200, Салоҳуддини Салчуқӣ, Нурулҳасани Ансорӣ ва Муҳаммад Риёз 1300, Холиди Айнӣ 1400, устод Айнӣ, Саъдуддин Тоҷиддинов, Субҳон Амирқулов ва боз чанд нафари дигар 1500.

Бино бар ду нашри маъруфи куллиёти Бедил-нашри Сафдарӣ ва нашри Кобул-маснавӣ аз 1200 байт андаке бештар (1228 байт) аст. Дар чанд нусхаи хаттие, ки дар ихтиёр доштем, ҳаҷми он аз ин миқдор зиёд нест.

## «ГУЛИ ЗАРД» - УНВОНИ СОБИҚАИ «ТУРИ МАЪРИФАТ»

Дар «Руқаъот»-и Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) номае мавҷуд аст, ки унвонаш чунин аст: «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи сиҳҳати худ ва изҳори назми «Гули зард». Бедил дар ин нома навиштааст: «Чанд рӯз аст дар баҳористони андешаи «Гули зард» ранги ором мебозад ва ба ороиши бисоти шикасти ранге мепардозад. Ҳанӯз аз чамани афкор мунтахаби обуранге, ки фароҳам овардааст, қариб яксаду панҷоҳ гул зиннати домани таҳрир гардида (Куллиёти Бедил, ҷилди чорум, Кобул, 1344, Руқаъот, саҳ. 71-72).

Чунон ки мебинем, ин ҷо аз асаре сухан рафтааст, ки муаллиф ба эҷоди он акнун шурӯъ намудааст. Аз унвони руқъа ва миқдори байтҳои эҷодшуда, ки 150 будаанд, бармеояд, ки шоир дар фикри таълифи асари калонҳаҷми манзуме будааст. Вале, чунон ки маълум аст, дар байни осори Бедил асаре бо ин ном дида намешавад. Тазкиранигорон ва муаллифони феҳристҳои китобхонаҳои ҷаҳон низ аз мавҷудияти асаре бо ин ном хабар надодаанд.

Аммо дар адабиёти илмӣ истинодан ба номаи мазкури шоир аз ин асар зикрҳое ба миён омадааст.

Аввалин касе ки аз маснавии «Гули зард» ном бурдааст, муҳаққиқи панҷобӣ Ғулом Ёсинхони Ниёзист. Ӯ дар мақолаи муфассале, ки бо номи «Мирзо Абдулқодири Бедил» солҳои 1931-33 дар маҷаллаи «Ориентал коллеӣ мегезин» (Лоҳур) чоп шуд, дар қатори осори маълуми Бедил роҷеъ ба «Гули зард» низ маълумоти мухтасаре дода аст. Ӯ навишта аст: «Гули зард» яксаду панҷоҳ байт аст. Мирзо руқъае ба номи Шукруллоҳхон навишта, дар он руқъа аз ин абёт ном мебарад. Мо роҷеъ ба ин абёт дар «Ориентал коллеҷ мегезин» (Моҳи огаст, 1932) арзи 70 фиқра нигоштаем» (Ниг.: ба тарҷимаи форсии мақола дар китоби «Сӣ мақола дар бораи Бедил», Кобул, 1365).

Мутаасифона, нигоштаи муаллифи мӯҳтарам дастраси мо нагардид, то назари ӯро доир ба ин асар дониста бошем.

Дуввумин касе, ки аз маснавии «Гули зард» ёд кардааст, муаллифи рисолаи «Файзи қудс» (Кобул, 1334) устод Халилис. Ӯ зимни ёдоварӣ аз мақолаи мазкури Ёсинхони Ниёзӣ навишта буд, ки дар ин мақола, яъне мақолаи Ёсинхони Ниёзӣ «нуқтаи дигар зикри маснавии Бедил аст ба номи «Гули зард», ки иншооллоҳ, дар мабҳаси манзумот дар рисолаи ҷудогона аз ин сухан хоҳем ронд» (Файзи қудс, с. 92).

Мурод аз рисолаи ҷудогона рисолае дар назар аст, ки устод Халилӣ мебоист дар бораи осори манзуми Бедил таълиф мекард. Ӯ аз ин тасмими худ дар рисолаи «Файзи қудс» чунин хабар додаст: «Агар тавфиқ рафиқ шуд ва фураст даст дод, рисолаи дигари худро дар мавриди манзумоти вай (Бедил – Б.Р.) хоҳем навишт».

Вале, чунон ки медонем, ин мақсади наҷиби устод Халилӣ амалӣ нагрдид ва назари ӯ доир ба ин асар иброз нашуда монд.

Аз маснавии «Гули зард» Саъид Нафисӣ дар муқаддимаи рисолаи Файз Муҳаммадхони Зикриё «Бедил чӣ гуфт?» (Теҳрон, 1334), Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи «Мунтахабуззамон Абдулқодири Бедил» (Жувандин, Кобул, 1342 № 4 - 19), Муҳаммад Ҳусайни Розӣ дар мақолаи «Дӯш дар маҳфил ба ранги шамъ ашкам мегирист» (Адаб, Кобул, 1365, № 4) ва муаллифони «Таърихи адабиёти мусулмонони Покистону Ҳинд» (Лоиҳа ва забони урду) низ ба ҳайси як асари мустақили Бедил ёд намудаанд. Чунончи Холмуҳаммад Хаста навиштааст: «Бедил маснавие ба номи «Гули зард» ҳам дорад. Лекин дар куллиётҳое, ки ба назари ин ҷониб расида, дида нашуд».

Илова бар муҳаққиқони мазкур боз се нафари дигарро метавон ном бурд, ки аз «Гули зард» ёд кардаанд. Инҳо иборатанд аз Абдулғанӣ – соҳиби рисолаи ҷомеъи «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351), Асадуллоҳ Ҳабиб – муаллифи рисолаи «Бедил ва асари ӯ «Чорунсур» (рисолаи номзадӣ, М. 1973) ва Ғулом Мустафохон – муаллифи мақолаи «Таъйини таърихҳои осори Бедил» (Ориентал коллеӣ мегезин, Лоҳур, 1972). Ҳар сеи ин муаллифон дар ақидае ҳастанд, ки «Гули зард» бахше аз маснавии «Тури маърифат» аст. Чунончи, Абдулғанӣ навиштааст: «Ба ақидаи ман, ин маснавӣ («Гули зард» - Б.Р.) аз тарафи худаш (худи Бедил – Б.Р.) дар «Тури маърифат» дохил гардида» (Абдулғанӣ. Аҳвол ва осори Бедил, с. 182).

Дар воқеъ, дар бахши хотимавии «Тури маърифат», ки аз фаслҳои «Дар сифати рафиқон», «Дар сифати боғ», «Дар сифати гулҳои боғ» ва ғайра иборат аст, фасле бо номи «Дар сифати суман» вуҷуд дорад, ки абёти зерин аз ҳамон ҷо иқтибосанд:

Дар он ҳолат ки шавқи шӯълапарвард
Зи ҳар барг интихоби доғ мекард,
Тапиш бар оташи дил рехт уде,
Ҳазорон сунбулистон кард дуде…
Тааммул решаи андеша бигсехт,
Ки ин тӯфони оташ аз куҷо рехт?
Тараддуд ҷодаи таҳқиқ паймуд,
Ба оташхонае пай бурд аз он дуд.
Қиёматгулбуне дар дида ҷо кард,
Ки ҳайрат ҷайби худдорӣ қабо кард…
Ниҳоле, к-аз ҳуҷуми шӯълаи дард
Тамошояш нигаҳро доғ мекард,
Чароғи ҳайрати он анҷуман буд,
Ба сурат доғу дар маънӣ суман буд…
Ҳавас девонаи такрор дарди,
Таманно масти истифсор гардид,
Ки эй улфаткаманди дилшикоре,
Самандарбулбули оташбаҳоре,
Ба қадри як шарар изҳор бихрӯш,
Ки даргирад зи номат пунба дар гӯш.
Чу ин ҳарф аз забони шавқ болид,
Зи ҳар баргаш диле гул карду нолид,
Ки аз найранги тимсолам мапурсед,
Қиёмат мекунам, ҳолам мапурсед.
Ьама доғам, зи пову сар чӣ гӯям?
Кафе хокистарам, дигар чӣ гӯям?
Надонам, суратам ё маънии дард?
Гули зардам, гули зардам, гули зард.
(Куллиёти Бедил, ҷилди 3, Кобул, 1342, Тӯри маърифат, с. 44).

Дар баъзе нусхаҳои хаттии «Тӯри маърифат», аз ҷумла дар нусхаи хаттии № 1400 Институти шарқшиносии АИ Россия, фасли мазкури маснавиро бо номи «Дар сифати сумани зард» низ дидан мумкин аст.

Муаллифоне, ки «Гули зард»-ро бахше аз маснавии «Тури маърифат» донистаанд, ба ҳайси далели фикр, ғолибан, фасли мазкури «Тӯри маърифат», хусусан, байти «Надонам, суратам ё маънии дард, - Гули зардам, гули зардам, гули зард»-ро дар назар доранд. Ва ин тахмини онҳо аз воқеият дур нест.

Вале ба назари мо, масъала андаке дигархелтар аст. «Гули зард» бахше аз «Тӯри маърифат» набуда, балки худи «Тӯри маърифат» аст. Аниқтараш, «Гули зард» номи собиқаи маснавии «Тӯри маърифат» мебошад. Яъне вақте ки Бедил ба таълифи маснавии «Тӯри маърифат» шурӯъ намуда буд, ихтиёр дошт, ки номи онро «Гули зард» монад. Ин ақида бар ин далел аст, ки номаи дар боло зикршудаи Бедил аввалин номаест, ки баъд аз бозгашти шоир аз Байрот ба Деҳлӣ ба Шукруллоҳхони Хофӣ фиристода шудааст.

Барои возеҳтар шудани мақсад, сабаб ба шароити ба вуҷуд омадани «Тӯри маърифат»-ро ба хотир меорем.

Чунон ки аз «Чорунсур» ва «Руқаъот»-и худи Бедил бармеояд, ӯ дар соли 1096 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1685 милодӣ, тарки хидмати ҳарбӣ намуда, барои истиқомати доимӣ аз Матҳро ба Деҳлӣ омад ва бо кӯмаки Шукруллоҳхони Хофӣ ва падарарӯси ӯ Оқилхони Розӣ (ваоташ - 1696), ки ҳарду ҳам аз шоирони маъруфи аср буданд, соҳиби ҳавлӣ шуда, муқими шаҳри Деҳлӣ гардид. Ва тавре ки аз «Тӯри маърифат» маълум мешавад, пас аз гузаштани

чанд моҳ, тахминан дар охирҳои соли 1096 (1685) ё ибтидои 1097 (1686) Шукруллоҳхони Хофӣ ҳокими вилояти Майвот таъин шуд ва Бедилро низ ҳамроҳи худ ба он вилоят бурд. Бедил дар маснавии «Тӯри маърифат», ҷое ки дар сифати Байрот сухан меронад, дар ин бора чунин мегӯяд:

…Гули роёти Шукруллоҳхонӣ
Ба фарқи он замин кард осмонӣ.
Мани бедил ба оҳанги дуъояш
Гирифтам тарфи домони ливояш.
Ба завқе илтифоташ аз худам бурд,
Ки осоиш ба рафторам қасам хӯрд.
Ба пойи шавқаш он ҷо сар кашидам,
Ба ин кайфият он соғар кашидам.
Мақоме ёфт шавқи ҷустуҷӯсоз,
Ки гардаш бо таҳайир буд гулбоз.
(Тӯри маърифат, нашри мазкур, с. 6).

Аз «Руқаъот»-и шоир бармеояд, ки вай дар Майвот бештари авқоти худро дар қасабаи Байрот сипарӣ менамуд. Дар номае, ки бо Шокирхон – фарзанди дуввуми Шукруллоҳхони Хофӣ – фиристодааст, дар ин бора ишорае рафтааст. Ӯ навиштааст: «Мегӯянд, дар кӯҳсори Байрот он қадар садо напечидааст, ки фарёди дилтапидани бедилон ба гӯши касе тавонад расид. Хулосаи шиква он, ки қосиди таваҷҷӯҳ ба ҳазор дашту дар медавонанд, гоҳе ба ҷониби мо ҳам санге биғалтонанд, ки аз пошикатаҳои сояи ин кӯҳем ва ба хок нишастаи ғубори ҳамин кулфату андӯҳ» (Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Руқаъот, с. 31).

Шукруллоҳхони Хофӣ то соли 1099 (1687-88), то замони ба фавҷдории Деҳлӣ табдил шуданаш ҳокими Майвот буд. Ин маънӣ аз қитъаи таърихе ки Бедил ба ин муносибат нивиштааст, маълум мегардад. (Ниг.: Куллиёти Бедил, ҷилди 2, Муқаттиъот, с. 134). Аммо Бедил пас аз муддати на чандон зиёд, тахминан пас аз ду-се моҳи иқомат дар Байрот, ба Деҳлӣ баргашта буд. Яке аз сабабҳои ба зудӣ баргаштани Бедил, чунон ки аз номаи мазкур бармеояд, хуб набудани вазъи саломатии ӯ будааст. Шоир ба Деҳлӣ баргаштан замон фикри ба силки таҳрир кашидани таасуроти худ аз ин сарзамин шуд. Ва ин корро бо таълифи маснавии «Тӯри маърифат» ба анҷом расонд.

Дар хусуси натиҷаи таасуроти сафари Байрот будани «Тӯри маърифат» ишораҳои худи шоир мавҷуданд. Ӯ дар номае ки «Ирсоли «Тӯри маърифат» ба Мирзо Муҳаммадамини Ирфон» унвон дорад, дар ин бора навиштааст: «Боре аз сайри саводи Байрот раҳоваре, ки конеъони туҳафи маонӣ ба қалиле аз ин пешкаш ки фоят тасаввур намояд, нусхаи «Тӯри маърифат» аст, ки дар таъмими ибораташ муддаъои хос мундариҷ тавон ёфт ва аз тахсиси маъниаш ҳақиқате ахасс метавон шикофт, ба хидмат хоҳад расид ва саломи ниёзе хоҳад расонд. Захираи мазомини шавқ бисёр аст, аммо фурсати арзи ҳузуре даркор. Умед, ки маънии орзуҳо ҷилваи иборат намояд ва сурати пардаи хаёл ба маърази вуқӯъ ояд» (Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Руқаъот, С. 37).

Дар муддате ки Шукруллоҳхон дар Майвот ҳокимият мекард, дар байн ӯ ва Бедил алоқаи мактубӣ вуҷуд дошт. Дар «Руқаъот»-и Бедил чандин нома мавҷуд аст, ки дар ҳамин давра аз Деҳлӣ ба Майвот ирсол шудаанд, Руқъаҳои «Муборакбоди ид, ба Шукруллоҳхон», «Ба Шукруллоҳхон, ки таърихе барои назм фиристода буданд», «Ба Шукруллоҳхон дар арзи анҷоми нусхаи «Тӯри маърифат», «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи таърихи фатҳ ва инфиъоли таърихи фатҳи Хонихонон, ки ба ҳасби иттифоқ бар забон гузашта буд», «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи сиҳати худ ва изҳори назми «Гули зард» аз ҷумлаи он номаҳо мебошанд. Аз шаш номаи мазкур нахустини онҳо, чунон ки гуфтем, номаест, ки дар он аз оғози таълифи «Гули зард» сухан рафтааст. Ин маъниро аз бахши авали ҳамин нома пай бурдан мумкин аст. Шоир дар ин ҷо навиштааст» «Ҳосили арзи нотавониҳо он, ки баъд аз расидани Норнавл бе тааммул ба истиқболи фасд шитофт ва ба таваҷҷӯҳи сомии эшон тахфифе дар тасдеъи табиъат маҳсус ёфт. Агарчи аз мусҳил низ имдоди заъфҳое дар назар буд, аммо ба муқтазои ҳарорати ҳаво ҷӯръат нанамуд. Ба ҳар ҳол зиндагӣ моддаест, ки хун рехтан тахфифи

иллатҳои ӯ дида омад ва захми ништар шарбати шифои он фаҳмида. Беш аз ин ба заҳмати тадбир напардохт ва фурсатро масруфи такалифи дигар насохт» (Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Руқаъот, с. 71).

Тавре ки мебинем, Бедил ҳодисаеро нақл кардааст, ки ҳангоми яке аз сафарҳои ӯ ба вуқӯъ пайвастааст. Аввалин минтақае, ки Бедил дар ин сафар аз он убур намудааст, Норнавл аст ва Норнавл мавзеъи дигарест аз вилояти Майвот, ки дар роҳи байни Байрот ва Деҳлӣ воқеъ гардидааст. Аз тарҷимаи ҳоли Бедил медонем, ки ӯ ба Байрот ҳамагӣ як бор сафар кардааст. Таърихи ин сафар, чунон ки гуфтем, охирҳои соли 1096 (1685) ё ибтидои соли 1097 (1686) аст. Пас воқеъаи убур намудани шоир аз Норнавл ҳини бозгашти ӯ аз сафари Байрот рух додаст. Ва чунон ки гуфтем, раҳоварде ки Бедил аз сайри Байрот ба Деҳлӣ оварда буд, маснавии «Тӯри маърифат» аст. Яъне ҳам «Гули зард» ва ҳам «Тӯри маърифат» натиҷаи таасуроти сафари Байрот мебошанд. Чун дар хусуси асари мустақил будани «Гули зард» санаде мавҷуд нест, тахмин намудан мумкин аст, ки «Гули зард» ва «Тӯри маърифат» унвонҳои як асар мебошанд.

Дар ин бора, яъне дар бораи як чиз будани «Гули зард» ва «Тӯри маърифат», ишораи дигари шоир низ шаҳодат медиҳад. Ӯ дар номаи мазкур аз таҳрир баромадани 150 байти «Гули зард»-ро таъйид намуда, илова кардааст, ки ин байтҳо мунтазири мутолеъаи Шукруллоҳхон мебошанд: «Иқболи рангиниҳои ин гулдаста мунтазири нигоҳи маънибин аст ва меъроҷи хуррамиҳои ин гулбун мавқуфи му толаъаи баҳорофарин».

Яъне Бедил аз оғози эҷоди асаре хабар медиҳад, ки аз нияти таълифи он Шукруллоҳхон огоҳ аст ё худ дар асари хоҳиши ӯ эҷод мешавад. Ва асаре ки бо хоҳиш ва ё дархости Шукруллоҳхони Хофӣ навишта шудааст, «Тӯри маърифат» аст. Дар ин хусус ҳам дар худи маснавӣ ва ҳам дар «Руқаъот»-и шоир ишораҳо мавҷуданд.

Хулоса, мактуби зикршудаи Бедил нахустин номае мебошад, ки пас аз бозгашти ӯ аз Байрот ба Деҳлӣ ба Шукруллоҳхони Хофӣ ирсол шудааст ва зикри «Гули зард» дар ин нома аввалин ишораи шоир ба маснавии «Тӯри маърифат» аст.

# «МУҲИТИ АЪЗАМ» ВА ТАЪРИХИ ТАЪЛИФИ ОН

Маснавии «Муҳити аъзам» аз ҷумлаи бузургтарин асарҳои манзуми Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) ба шумор меравад. Маснавӣ дар жанри соқинома таълиф шуда, умдатарин хусусиятҳои ин жанрро инъикос намудааст. Бедил дар яке аз номаҳояш ба хусусияти жанрии он чунин ишора кардааст: «Муҳити аъзам»-ро, ки соқиномаест мухтареъи афкори дуъогӯ, бо мунтахабе аз ғазалиёти хаёлрангубӯ василаи омурзиш тасаввур намуда, ба боргоҳи қабули маъзарат фиристод» (Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Кобул, 1344, Руқаъот, саҳ. 12).

Дар баъзе таълифоти илмӣ, аз ҷумла дар асарҳои Эдвард Эдуардс «Феҳристи китобҳои чопии Музеи Британия» (Лондон, 1922) ва Хонбобо Мушор «Феҳристи китобҳои чопии форсӣ (ҷилди 2, Теҳрон 1342, саҳ. 2359) «Муҳити аъзам»-ро бо номи «Соқинома» низ дучор омадан мумкин аст.

Муаллифи рисолаи «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) Абдулғанӣ навиштааст, ки Бедил маснавии «Муҳити аъзам»-ро бо номи «Баҳория» низ зикр намудааст.

Воқеъан, шоир дар «Чорунсур» зимни ёдоварӣ аз рисолаи «Баҳористони ҷунун», ки бахте аз «Чорунсур» аст, аз «Муҳити аъзам» ёд кардааст. Ӯ навиштааст: «Фасле ки баҳорияи «Муҳити аъзам» ба назми тартиб расид ва нахлистони фавоидаш ба нашву нумӯи таҳрир сар кашид, баъзе дӯстон, ки ба муқтазои майлони табиъат аз рағбати назм ба завқи иншои наср мепардохтанд, муҳаррики силсилаи шавқ гардидаанд, ки аз ин олам насре агар ба рақам тавонад омад, нӯги хома бояд афшонд ва ба резиши ин ҷуръаи бепарво насибе ба ошуфтадимоғон низ метавон расонд. Ба таклифи ариза ночор ранги саводе аз ки лки хаёл берун рехт ва ба оҳанги «Баҳористони ҷунун» шӯри таҳрире барангехт» (К.Б. Ҷилди 4, Чорунсур, саҳ. 214-215).

Вале ба ақидаи мо, ин ҷо мурод аз «баҳорияи «Муҳити аъзам» худи асар набуда, балки қисмати ба тавсифи баҳор бахшидаи он аст. Ин маъниро мазмуни «Баҳористони ҷунун», ки саропо аз тавсифи баҳор иборат аст, тасдиқ менамояд.

Илова кардан лозим аст, ки бахши дигари ин асар бо номҳои «Савгандномa» ва «Қасамия» низ маъруф аст.

Ҳоло таҳлили муфассали маснавиро ба замони мувофиқтаре мавқуф гузошта, танҳо дар хусуси ду масъала-сохту мундариҷа ва таърихи таълифи он таваққуф менамоем.

Пеш аз он ки ба шарҳи масъалаи якум шурӯъ намоем, хотирнишон месозем, ки аз маснавии «Муҳити аъзам» ду вариант ё худ ду таҳрир мавҷуд аст. Яке варианти комил, ки беш аз шаш ҳазор байт дорад, дигаре варианти мухтасар, ки тахминан аз ду ҳазору панҷоҳу чанд байт иборат аст. Муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» Биндробандоси Хушгӯ, ки ҳаҷми асарро ду ҳазор байт навиштааст, зоҳиран, варианти мухтасари онро дар назар дорад.

Муқоисаи ҳарду варинти маснавӣ нишон дод, ки онҳо матнҳои комил ва ноқиси як таҳрир набуда, балки дар давраҳои гуногун иншо шудаанд. Аксари нусхаҳои хаттӣ ва тамоми нашрҳои сангии маснавӣ аз таҳрири мухтасар иборатанд. Шумораи нусхаҳои хаттии таҳрири комил нисбатан камтаранд. Аз нашрҳои гуногуни асар танҳо се нашр – нашрҳои Кобул, Душанбе ва Теҳрон матни комилро дар бар кардаанд. Мулоҳизаҳои мо дар хусуси сохт ва мундариҷаи асар дар асоси нашри Кобул ба миён хоҳанд омад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар хусуси ҳаҷми маснавӣ фикрҳои дигар низ мавҷуданд. Чунончи, Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёзулорифин» (соли таъл. 1260-1844) ҳаҷми асарро се ҳазор байт ва Салоҳуддини Салчуқӣ дар рисолаи «Нақди Бедил» (Кобул, 1343) 2270 байт навиштаанд. Устод Айнӣ ва чанд муаллифе, ки аз ӯ пайравӣ кардаанд, дар кадом асос бошад, ки ҳаҷми онро нӯҳ ҳазор мисраъ, яъне 4500 байт гуфтаанд. (Ниг.: С. Айнӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сталинобод, 1954, саҳ. 73).

Матне, ки устод Айнӣ дар ихтиёр доштааст, нашри сафдарии куллиёти шоир аст. Ҳаҷми асар дар ин нашр, чунон ки гуфтем, ду ҳазору панҷоҳ байт аст.

Сохт ва мундирачаи «Муҳити аъзам» Маснавӣ дар маъмултарин вазни соқиномаҳо-мутақорибы мусаммани маҳфуз иншо шуда, аз муқаддимаи мансур ва ҳашт давр (боб) иборат аст ва чунон ки гуфтем, беш аз шаш ҳазор байтро дар бар дорад. Унвонҳои ҳашт даври асар бад ин шакл сурат гирифтааст:

Даври аввал: Ҷӯши изҳори хумистони вуҷуд.
Даври сонӣ: Ҷоми тақсими ҳарифони шуҳут.
Даври солис: Мавҷи анвори гуҳарҳои зуҳур.
Даври робеъ: Шӯри сарҷӯши майи файзи ҳузур.
Даври хомис: Ранги асрори гулистони камол.
Даври содис: Базми найранги асарҳои хаёл.
Даври собеъ: Ҳалли ишколи ҳаму печи баён.
Даври сомин: Хатми тӯмори такупӯи забон.

Тавре ки аз муқаддимаи маснавӣ бармеояд, он дар ҷавоби «Соқинома» ном таснифи Нуриддин Зуҳурии Туршезӣ (ваф. 1616) таълиф шудааст ва бар хилофи асари Зуҳурӣ, ки асосан мавзӯъҳои гуногуни дунявиро дарбар дорад, аз ҳама бештар масоили мухталифи тасаввуф ва андешаҳои орифонаи Бедилро инъикос намудааст.

Шоир ҳамин хусусияти маснавиро дар назар дошта, дар муқаддимаи он навиштааст: «Аммо баъд бидон, ки ин майхонаи зуҳури ҳақоиқ аст, на соқиномаи ашъори Зуҳурӣ ва оинапардози кайфияти дақоиқ аст, на зангорфурӯши хумори бешуъурӣ». Дар муқаддима ҳамчунин таъкид шудааст, ки «ҳар бемағзро кайфияти муталлаъааш нашъаи тардимоғӣ нарасонад ва ҳар тунуксарфро паймонаи варақгардониаш ҷуръаи идрок начашонад, ки соғари гирдоб дархуи коми наҳанг аст, на сазовори ҳавсалаи мӯр ва қуллаи Қоф нишемани ҳиммати анқост, на камингоҳи афсур» (К.Б. ҷ. 3, Муҳити аъзам, саҳ. 3) Бедил дар ақидаест, ки шоироне ба монанди Бадриддини Ҳилолӣ (ваф. 1529), Зулолии Хонсорӣ (ваф. 1622), Солики Қазвинӣ (асри 17), Толиби Омулӣ (ваф, 1627), Сомити Исфаҳонӣ (асри 17), Шайдои Ҳиндӣ (ваф. 1670), Навъии Хубушонӣ (1562-1611) ва ғайра дар фаҳмидани матолиби ин асар оҷизанд. Ба мазмун ва мӯҳтавиёти он касоне ворид шуда метавонанд, ки табъи баланде чун табъи Салими Теҳронӣ (ваф. 1647) ва раъйи бехатое чун раъйи Соиби Табрезӣ (1603-1677) дошта бошанд. Ӯ навиштааст: «Ҳилолӣ дар андешаи ин сипеҳри камол чун моҳи нав борик аст ва Зулолӣ дар тамошои ин муҳити аъзам ба оби ҳасрат наздик. Солик, то таййи маротиби ирфон нанамоянд, аз ҷодаи истифҳоми он дур аст ва Толиб, то ба сарманзили камол нарасад, аз усули идроки он маъзур. Силии сити маъониаш табъи Сомитро ба хурӯш парварда ва гӯшмоли нағмаи алфазаш димоғ Шайдоро ба хуш оварда. Сурат пазирии шоҳиди мазмунаш бе оинаи табъи Салим муҳол аст ва маънинамоии саводи мактубаш бе шамъи раъйи соиб хаёл. Ин ҷо Навъии гӯё аз хамӯшон аст, на аз Хабушон ва минои қулқулнаво аз пунбабагӯшон аст, на аз маъниюшон (ҳамон ҷо, с. 4)

Ба ақидаи муаллиф, матолиби ин асарро касоне дарк менамоянд, ки ҷуръае аз ҷоми Мавлавии Рум нӯшида ва бӯйе аз таблаи Фаридуддини Аттор бурда бошанд:

Касеро мерасад ишратнавоиҳои ин маҳфил,
Ки чун шамъаш нафас аз дил шарардарбор меояд.
Зи бас яксар саводи хатти соғар равшан аст ин ҷо,
Нигаҳ то пар занад, аз хонаи хаммор меояд.
Шунидан он қадар маст аст аз ин афсонаи ҳайрат,
Ки пандорӣ, зи сайри олами дидор меояд.
Зи ҷоми Мавлавӣ гар ҷуръае бахшанд, дарёбӣ,
К-аз ин майхона бӯйи таблаи Аттор меояд.
(Ҳамон ҷо, саҳ. 4).

Чунон ки гуфтем, ғояи асосӣ ва ҷавҳари аслии маснавиро ақидаи орифонаи шоир ташкил додаст. Ин ақида дар заминаи раванди пайдоиши оламу одам ифода шудааст. Шоир ҷараёни пайдоиши ба зинатҳои ҷудогона тақсим намуда, ҳар як зинаро дар боби алоҳидаи асар ба тасвир гирифтааст. Аз ҷумла, боби аввал (Ҷӯши изҳори хумистони вуҷуд) ба мавзӯъи нузули нафси кулл ва зуҳури олами моддӣ бахшида шудааст. Яъне, замоне буд, ки магар зоти якто чизи дигаре вуҷуд надошт. Ҷоми воҳидият ба завқи тамошои қудрати хеш ба ҷӯш омад ва дар натиҷа аносиру маволид ва дигар ҷирму ҷисмҳои осмониву заминӣ падидор гардиданд.

Як орзу аз сад сина сар баровард ва як оҳанг ба сад гӯш манзил кард. Аз ҳуми вуҷуд зарфҳои шуҳуд тартиб ёфт. Дар дили ин зуруф орзуи висол, майли расидан ба асли хеш пайдо шуд. Бо як ҷилваи пири муғон ҷумла асрори мастӣ аён гашт ва дари майхона боз гардида, «қадаҳ дил, сабу ҷисму май рӯҳ» шуд ва тамоми мавҷудот масти бодаи беранг шуданд.

Боби дуввум (Ҷоми тақсими ҳарифони шуҳуд) дар хусуси зуҳури паямбарони гуногун ва чаҳор ёри паямбари ислом Муҳаммад баҳс менамояд. Аввалин касе, ки аз ҷоми воҳидият нӯш кард, ҳазрати Одам буд ва нахустин сухане, ки бар забон овард, таъбири «алҳамдуллилоҳ». Идрис дуввумин шахсе буд, ки ҷуръае аз ин бода насибаш гашт ва ба туфайли рӯй овардан бар дили хеш муқими боғи ҷинон гардид. Пас аз Идрис Нуҳ пайдо шуд ва тавассути ки штии худ аҳли имонро аз вартаи ҳалокат раҳоӣ дод. Сипас Юнус, Иброҳим, Яқуб, Юсуф, Довуд, Айюб, Мусо, Исо ва Муҳаммад аз ҷоми воҳидият баҳраманд гардида, соҳиби мӯъҷизаҳои гуногун шуданд.

Мундариҷаи боби сеюм (Мавҷи анвори гуҳарҳои зухур) аз пайдоиши ақоид ва авзоъҳои мухталиф ва касбу пешаҳои гуногун ҳикоят мекунад. Ин гуногунӣ, ва мухталифият дар ду паймона камол, яъне эътидол ва нуқс-беэътидолӣ гардиш намуданд. Риъояти эътидол боиси хушбахтӣ ва беэътидолӣ сабаби бадбахтии олам ва оламиён гардид.

Боби чаҳорум (Шӯри сарҷӯши майи файзи ҳузур) аз ситоиши бодаи аласт ва орзуи баҳравар шудан аз он иборат мебошад.

Васфи баҳор, кайфияти чаман, таровати сабзаву гул ва ғайра, ки ба ақидаи шоир, ҳама таҷалиёти зоти бечунанд, муҳтавиёти боби панҷум (Ранги асрори гулистони камол)-ро ташкил додаанд. Дар ин боб инчунин зуҳду риё ва гуфтору ки рдори зоҳидон мавриди танқид ва мазаммат қарор гирифтаанд.

Дар боби шашум (Базми найранги асарҳои хаёл) сифати майхона, ситоиши ҷому мино, кайфияти дил ва найрангҳои он, васфи асбобҳои мусиқӣ-даф, най, чанг, танбӯр, қонун ва ғайра, ки ҳама тарҷумонҳои дил ба шумор меравand, инъикос ёфтааст.

Боби ҳафтум (Ҳалли ишколи ҳаму печи баён) аз тарғиби худшиносии орифона, ситоиши хамӯшӣ, накӯҳиши тақлиду қиёс, мазамати даъвои беҳуда ва даъват ба гуфтани сухани тозаву бикр иборат мебошад.

Ва ниҳоят, боби охирин (Хатми тӯмори тагупӯи забон), ки хотимаи асар ба шумор меравад, васфи пон-як навъи дорувор ва маводи ҷудогонаи онро дарбар кардааст. Дар охири ин боб роҷеъ ба кайфият, иқтидор мартаба ва масъалаи ҷовидонии каломи бадеъ низ сухан рафтааст.

Ҳама қисмҳои маснавӣ бо муроҷиъат ба соқӣ шурӯъ мешаванд ва бо ҳамин хитоб ба итмом мерасанд. Шоир ба мақсади таъкид ва тақвияти ақоиди хеш аз ҳикоёту ривоёт ва латифаҳои чи халқиву чи китобӣ истифода кардааст. Дар байни ин қабил тамсилот ҳикоёти тӯлоние ба монанди қиссаи шоҳ ва ҷодугар мавҷуданд, ки бо хусусияти тасвиру вусъати воқеъот ва барҷастагии образҳо ба дараҷаи асарҳои мустақил бардошта шудаанд.

Таърихи таълифи маснавӣ. Дар хусуси таърихи таълифи «Муҳити аъзам» чунон ки хоҳем дид, фикри ягона вуҷуд надорад. Иллати ин ихтилоф он аст, ки қитъаи таърихе, ки дар муқаддимаи маснавӣ мавҷуд аст, дар нусхаҳои гуногуни он дар шаклҳои гуногун дарӣ гардидааст. Чунончи, дар нашри Сафдарии куллиёти шоир (Бамбай, 1299 ҳ.қ.) ва чанде аз нусхаҳои хаттии «Муҳити аъзам», аз ҷумла дар нусхаи хаттии № 381 Донишгоҳи Давлатии Санк-Петербург, нусхаи хаттии 1365 Институи шарқшиносии АИ Россия ва нусхаҳои хаттии № 128-7, 115-14 Архиви миллии Афғонистон, қитъаи мазкурро дар ин шакл дидан мумкин аст:

Ин нусха, ки аз хомаи илҳомрақам
Гардид мусаммо ба «Муҳити аъзам»,
Дарёфт дабири хирад аз рӯи ҳисоб
Соли таърих аз бинояш «мадди ғам».

Дар ин ҷо ибораи «мадди ғам» моддаи таърих аст, ки ба ҳисоби абҷад санаи 1084 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба солҳои 1673-1674 милодиро ифода менамояд. Ба қавли як зумра муаллифон, аз қабили тазкиранависии қарни XIX Абӯмуталлибхоҷаи Фаҳмӣ ва муҳаққиқи асри ҳозир

Холмуҳаммади Хаста, маснавӣ бояд дар ҳамин сол таълиф шуда бошад (ниг. Тазкираи Фаҳмӣ, нусхаи хаттии № 2331 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, Мавлоно Хаста, Мунтахабуз-замон Абдулқодири Бедил, маҷаллаи «Жувандун» 1342, № 15). Лекин дар нашри кобулии куллиёти Бедил (Кобул, 1341-1344) ва аксар нусхаҳои хаттии маснавӣ, аз ҷумла дар қадимтарин нусхаи хаттии он, ки дар соли 1099 (1688) ба дасти худи муаллиф китобат шудаасту дар Архиви миллии Афғонистон маҳфуз аст, моддаи таърих номи асар, яъне ибораи «муҳити аъзам» аст, ки ба адади 1078 баробар мебошад. Бино бар ин, гурӯҳи дигари муҳаққиқон, чун Шпренгер муаллифи «Феҳристи махтутоти китобхонаи ҳокимони Авадҳ (Калкутта, 1854), Абдулғанӣ муаллифи рисолаи «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул 1351), Нурулҳасани Ансорӣ муаллифи китобчаи «Баҳсе дар аҳвол ва осори Бедил» (Кобул 1363) ва ғайра, соли таълифи «Муҳити аъзам»-ро 1078 ҳиҷрӣ мутобиқ ба солҳои 1667-1668 милодӣ донистаанд.

Ақидаи саввуме, ки дар ин бора вуҷуд дорад, назари устод Айнист, ки таърихи эҷоди асарро 1092 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1681 милодӣ муъайян кардааст. Устод Айнӣ навиштааст: «Аз рӯи таърихи муъаммоӣ, ки муаллиф дар аввали ин асар қайд кардааст, таърихи таълифаш 1092 ҳиҷрӣ буда, ба 1681 милодӣ, ба 37 солагии муаллиф рост меояд, ки ба аҳволи рӯҳияи ҳамонзамонааш мувофиқ аст». (С. Айнӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сталинобод 1954, саҳ. 73).

Тавре ки мебинем, устод Айнӣ ба қитъаи таърихи таълиф ишора карда бошад ҳам, аз кадом моддаи таърих берун омадани санаи таълифро зикр накардааст. Нусхае, ки мавриди истифодаи устод қарор доштааст, нусхаи чопии нашри Сафдарии Куллиёти шоир аст ва чунон ки гуфтем, дар ин нашр моддаи таърих ибораи «мадди ғам» аст, ки ба адади 1084 баробар мебошад. Пас устод Айнӣ санаи 1092-ро бо кадом далел таърихи таълифи асар ҳисобидааст? Ба назари мо, устод дар мавриди истихроҷи таърих илова бар таъбири «мадди ғам» ибораи рӯи ҳисоб (дарёфт дабири хирад аз рӯи ҳисоб), яъне ҳарфи «ҳ»-и «ҳисоб»-ро, ки адади ҳашт аст, низ ба эътибор гирифтааст. Дар ин ҳолат, аз таъбирҳои «мадди ғам» (1084) ва рӯи ҳисоб (8) дар воқеъ, санаи 1092 берун меояд.

Имкони бо ҳамин роҳ, яъне бо роҳи муъаммо, ифода ёфтани таърихи таълифро Холмуҳаммади Хаста низ гӯшрас намудааст. Ӯ баъд аз санаи 1084-ро таърихи таълиф ҳисобидан илова кардааст, ки «агар ба таъмиа бошад, ки аз рӯи ҳисоб гуфтаанд, «рӯи ҳисоб» ҳарфи «ҳ» мебошад, ки адади ҳашт аст, дар ин сурат, 1092 мешавад. (Ниг.: маҷаллаи «Жувандун» 1342, № 15).

Бад-ин тариқ, сабаби гуногуни ақоид дар масъалаи таърихи эҷоди маснавӣ асосан дар ду шакл ифода шудани моддаи таърих аст, ки яке таъбири «мадди ғам», дигаре ибораи «муҳити аъзам» мебошад.

Дар хусуси он, ки кадоме аз моддаҳои таърих ба воқеъият наздиканд, ҳукми қатъӣ баровардан душвор аст. Лекин агар қадимияти нусхаҳои хаттии маснавӣ ба эътибор гирифта шавад, варианти дуввуми таърихи таълиф ба ҳақиқат наздиктар аст. Зеро, чунон ки гуфтем, дар қадимтарин нусхаи хаттии он моддаи таърих номи асар, яъне ибораи «муҳити аъзам» аст.

Вале бо вуҷуди ин, дар осори Бедил далелҳое мавҷуданд, ки дар ин сол низ анҷом пазируфтани маснавиро ба зери шубҳа мегузаранд. Чунончи, ду номае, ки Бедил ба Шукруллоҳхон ва писарони ӯ Шукруллоҳхони сонию Шокирхон навиштааст, ба ин маънӣ далолат менамоянд. Шоир дар ин номаҳо ду порча аз «Муҳити аъзам»-ро ҷой дода, факти ба тозагӣ эҷод шудани онҳоро таъкид намудааст. Номаи аввал, ки «Ба Шукруллоҳхон» унвон дорад, ин аст: «Арзи асрори убудият, ки то нафасе боқист, ҳар оне ба ранге ҷилвагар аст ва то рамаке аз зиндагист, ба тайдиди аҷз ниёзгустар. Филҳол абёте, ки тозагиаш буйе аз олами таҳқиқ дорад ва махмури шавқаш соғари сархушиҳои ҳол мепиндорад, ба ҳавои борёбии маҳфили қабул арза медиҳад. Иқболоҳанги муталаъи маънинавоз бод:

Шаб аз офият даври ҷомам расид,  
Зи авзоъи мастон паёмам расид,  
Ки ҳар ҷо ба мизроби куру дин  
Мухолиф навозад гумону яқин,  
Найи гардани шиша дар даст гир,

Навоҳои ваҳми ҷаҳон паст гир.
В-агар шамъи имкон хамӯшӣ кунад,
Ҷаҳон ҷумла зулматфурӯшӣ кунад.
Найе соз кун, нури ҷовид бош,
Қадаҳ гир дар дасту хуршед бош.
(К.Б.ч. 4, Руқаъот, с. 55).

Унвони номаи дуввум «Ба Шукруллоҳхон ва Шокирхон» аст. Ин ҷо мурод аз «Шукруллоҳхон» Шукруллоҳхони сонӣ, яъне мир Лутфуллоҳхон писари бузурги Шукруллоҳхони Хофист, ки баъд аз вафоти падар ба хитоби ӯ сарфароз гардида буд. (ниг. К Б, ч. 2, Қитъаот, с. 133). Матни нома ин аст: «Дар арзи муротиби ниёзи он ду муттаҳид фарқу исният андешидан хиҷолати фаҳми яктоист ва дар сайри фироқи эшон ғайри якрангӣ ба рӯи кор овардан инфиъоли аҳваливу раъноӣ. Қитъаи «Муҳити аъзам», ки ба тозагӣ чеҳракушост, узри таъсири безабониҳо хоҳад хост:

Биё, соқӣ, эй офтоби яқин,
Таҷаррудбаёни китоби яқин,
Ки моро ба ҷавлонгаҳи эътибор
Нишондаст афсурдагӣ дар ғубор.
Сабукрӯҳие гар шавад шамъи роҳ,
Фалаксайрӣ осонтар аст аз нигоҳ.
Ҷаҳоне шуд аз норасоӣ ҳалок,
Фалак буд, агар бол медошт хок. »
(К Б. ч. 4, Руқаъот, с. 53).

Бояд гуфт, ки ошноии бевоситаи Бедил ва Шукруллоҳхон аз соли 1096 ҳиҷрӣ (1685 милодӣ) оғоз меёбад. Ин маънӣ аз мактуби дигари Бедил, ки «Ба Шукруллоҳхони сонӣ, дар азои реҳлати Шукруллоҳхон ва арзӣ беморӣ ва нотавонии худ» ном дорад, равшан мегардад. Бедил дар ин нома менависад: «Аз даст рафтани домани давлате, ки силсилаи мувофақаташ дувоздаҳ сол муҳаррики ишратоҳанги сози анфос буд, чашми ибрат якбора ба рӯи идбори танҳоӣ ва бекасӣ кушуд. На сӯҳбати мушфиқе, ки ба илоҷи тафриқаи дил тавон пардохт ва на тоқати ҳаракате, ки ба шуғли сайру сафар тарҳи оворагӣ тавон андохт» (К Б. ч. 4, Руқаъот, с. 82).

Чунон ки аз қитъаоти Бедил ва тазкираи «Сарви озод»-и Мирғуломалии Озод ба исбот мерасад, соли вафоти Шукруллоҳхони Хофӣ 1108 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1696 милодӣ мебошад. (Ниг.: КБ. ч. 2, Қитъаот, с. 153, Рубоъиёт, с. 168, Сарви озод, Ҳайдарободи Дакан, 1913, сат. 149).

Шоир дар мактуби иқтибосшуда ба муддати дувоздаҳ сол ба Шукруллоҳхон мувофақат доштан, яъне дӯсту ҳамнишин будани худро гӯшзад кардааст. Дар ин асос, чунон ки гуфтем, оғози дӯстӣ ва рафоқати онҳо ба соли 1096 рост меояд.

Фикри то соли 1096 (1685) миёни Бедил ва Шукруллоҳхон мавҷуд набудани ошноиро ин факт низ тақвият медиҳад, ки дар байни қитъаоти ба Шукруллоҳхон ва писарони ӯ бахшидаи Бедил танҳо як порчаро метавон пайдо кард, ки таърихи пеш аз соли 1096, яъне санаи 1094 (1683)-ро ифода намудааст. Ин қитъа таърихи биноест, ки тавассути Шукруллоҳхон сохта шудааст.

Қитъа ин аст:

Хони олиҷоҳи волоқадр Шукруллоҳхон,
Он ки болад неъмат аз номи ҳумоюнфоли ӯ,
Ин бино, к-оинадори файзи оми давлат аст,
Сар ба гардун судааст аз сояи иқболи ӯ.
Хост Бедил аз хирад таърихи ин рифъатбино,
Аз «дари файз» ошкоро шуд ҳисоби соли ӯ.
(К Б. ч. 2, Қитъаот, с. 136).

Тавре ки аз «Чорунсур» маълум аст, шоир дар ин вақт, яъне дар соли 1094 ҳиҷрӣ, дар шаҳри Матҳро зиндагӣ мекард ва ҳанӯз аз хидмати аскарӣ фориғ нагардида буд. Аз муаллифони тазкираҳо низ касе дар Матҳро маъмури вазифае будан ва ҳатто иқомат доштани Шукруллоҳхонро қайд нанамудааст. Аз ин рӯ, гумони ғолиб бар он аст, ки таърихи мазкур пас аз ошноии Бедил ва Шукруллоҳхон, яъне чанд сол баъд аз сохтани хонаи мазкур эҷод шудааст.

Илова кардан лозим аст, ки дар нашри Кобулии куллиёти Бедил аз ду қитъаи ба Шукруллоҳхон бахшидашуда таъриххои қабл аз соли 1096 бароварда шудааст, ки саҳеҳ нестанд. Қиъаи аввал, ки бо мисраъи «Хони хонони чаҳони фазл Шукруллоҳхон» шурӯъ мешавад, ду моддаи таърих дорад. Яке «ғазви аҷиб» ва дигаре «фатҳе шигарф», ки ҳар кадомаш ба ададӣ 1098 баробар мебошад. Вале дар нашри мазкури куллиёт аз ин моддаҳои таърих санаи 1088 бароварда шудааст. Дар қитъаи дуввум номи Шукруллоҳхон сареҳан зикр наёфтааст. Аммо аз «Руқаъот»-и Бедил маълум аст, ки ин қитъа низ дар таърифи Шукруллоҳхон гуфта шудааст.

Матни қитъа ин аст.

Шукри худо, ки соҳиби моро зи фазли ҳақ
Ҷамъияти изофаи иқболи сармадист,
То шукри ин атия бурун ояд аз ҳисоб,
Таърихи ӯ «маротиби таъкиди эзидӣ»-ст.
(К Б. ӣ 4, Руқаъаот саҳ. 33).

Дар ин ҷо ибораи «маротиби таъкиди эзидӣ» моддаи таърих аст, ки санаи 1100-ро ифода менамояд. Дар нашри кобулии куллиёт аз ин моддаи таърих саҳван 1090 истихроӣ шудааст. (К Б. ӣ 2, Қитъаот, с. 136). Сабаби ин саҳв дар он аст, ки калимаи «таъкид» дар ин нашр бо як «й» омадааст. Дар ҳоле ки ин калима бо ду «й» навишта мешавад.

Ҳамин тавр, то соли 1096 (1685) байни Бедил ва Шукруллоҳхон ошноӣ ва рафоқати бевосита вуҷуд надошт ва ду порча аз «Муҳити аъзам», ки ба ӯ ва писаронаш ирсол гаштаанд, баъд аз ҳамин сол эҷод шудаанд. Ва азбаски қадимтарин нусхаи хаттии «Муҳити аъзам» дар соли 1099 (1688) китобат шудааст, бо итминони комил метавон гуфт, ки таълифи ин асар байни солҳои 1096-1099 (1685-1688) ба итмом расидааст.

Аммо таърихи шурӯъ ба таълифи он санаи 1078 (1667-68) бояд бошад. Зеро, чунон ки гуфтем, дар қадимтарин нусхаи хаттии маснавӣ, ки ба дасти худи Бедил китобат шудааст, санаи таълиф 1078 аст. Бар хилофи нусхаҳои дигари маснавӣ, ки дар онҳо мираъи охири таърих дар шакли «Соли итмом ҳам номаш мадди ғам» аст, дар нусхаи мазкур ин масраъ дар шакли «Соли таърих ҳам ба номаш мадди ғам дарӣ гардидааст. Байни ибораҳои «соли итмом» ва «соли таърих» тафовути маъноӣ бояд вуҷуд дошта бошад. Аз ибораи «соли ит-агар замони анҷоми ин ё он ҳодиса манзур бошад, аз таъбири «соли таърих» замони оғоз ё ибтидои онро фаҳмидан мумкин аст.

Бад ин тариқ, Бедил дар соли 1078 (1667-68) ба таълифи маснавӣ шурӯъ намуда, онро дар байни солҳои 1096-1099 (1685-1698) ба охир расонидааст.

Суоле ба миён меояд, ки сабаби беш аз 20 сол тӯл кашидани таълифи асар дар чист? Аввалан, бояд бигӯем, ки муддати зиёде сари ин ё он асар кор кардан яке аз усулҳои кори эҷодии Бедил аст. Чунончи, ба гуфтаи худи ӯ, «Чорунсур» дар муддати 21 сол ва ба қавли Биндробандоси Хушгӯ, маснавии «Ирфон» дар тӯли 30 сол таълиф шудаанд.

Вале, ба ақидаи мо, сабаби асосии таъхир дар таълифи асар масруфи хидмати ҳарбӣ будани муаллифи он мебошад. Чунон ки дар мақолаи «Бедил ва муддати сипоҳигарии ӯ» навиштаем, Бедил аз соли 1081 (1670-71) то соли 1096 (16850 дар хидмати Муҳаммад Аъзамшоҳ (1646-1707) ба сар мебурд. Муддати мулозимат дар саркори Аъзамшоҳ ба ду давра тақсим мешавад. Давраи аввал, ки аз соли 1081 (1670-71) то соли 1085 (1674-75) давом кардааст, замони хидмати низомии ӯст, ки дар Акбаробод ва Деҳлӣ сипарӣ шудааст. Бино бар ишораҳои тазкиранигорон, аз ҷумла Биндробандоси Хушгӯ, шоир дар ин солҳо, гӯё, дар вазифаи доруғагии кӯфтагархона (корхонаи аслиҳасозӣ) хидмат мекардааст. Давраи дуввум

давраи хидмати бевоситаи ҳарбист, ки аз соли 1085 (1674-75) то соли 1096 (1685) дар мавзеъҳои Лоҳур, Ҳасанабдол, Гуҷарот, Деҳлӣ ва Матҳро ҷараён доштааст. Табиист, ки масруфият дар корхонаи аслиҳасозӣ ва махсусан хидмати ҳарбӣ имкон намедод, ки шоир ба таври дилхоҳ машғули кори эҷодӣ шуда тавонад. Бесабаб нест, ки ӯ дар ин муддати тӯлонӣ ягон асари бузург эҷод кардан натавонист. Маснавии нахустини ӯ «Тилисми ҳайрат» дар соли 1080 (1669-1670), яъне пеш аз замони навкарӣ, эҷод шуда буд. Маснавии «Тури маърифат» баъд аз истеъфо аз мулозамат, дар соли 1097 (1685-1686) навишта шуд. Ва ниҳоят, девони нахустини шоир низ дар байни солҳои 1096-1098 (1685-1687) мураттаб гардид.

# МАЪХАЗИ ЯК ҲИКОЯТИ БЕДИЛ

Ҳодисаҳои адабие вуҷуд доранд, ки зуҳуроти онҳоро дар адабиётҳои гуногуни олам дидан мумкин аст. Дар таълифи ин ё он асар истифода кардан аз сужетҳои маълум аз ҷумлаи ҳамин гуна ҳодисаҳост, ки мисоли онро дар адабиёти форсизабон низ мушоҳада мекунем. Дар таърихи ин адабиёт ду тарз ё худ ду роҳи корбурд аз сужетҳои тайёрро метавон қайд кард.

Яке - дар асоси сужетҳои маълум офаридани асарҳои нав, ки бо хусусият ва характери таҳрир такрори сужетҳои собиқа набуда, мутобиқи шароиту талаботи давр ва мафкураву ҷаҳонбинии муаллифон илова ва такмилҳои зарурӣ пазируфта, ба дараҷаи таснифоти оригиналӣ расидаанд. Ба ин типи асарҳо «Вомиқу Узро»-и Унсурии Балхӣ (асри XI), «Вису Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ (асри XI), «Лайлию Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ (1141-1203), «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ (1281-1352), «Гулу Наврӯз»-и Ҷалоли Табиб (асри XIV), «Дилрабо»-и Котибии Туршезӣ (вафоташ соли 1436), «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492), «Нал ва Даман»-и Файзии Даканӣ (1547-1595), «Толибу Матлуб»-и Фитрати Зардӯз (1657- ибтидои асри XVIII), «Ром ва Сито»-и Масеҳои Понипатӣ (асри XVII), «Меҳру Моҳ» ва «Шамъу Парвона»-и Оқилхони Розӣ (ваф. 1698) ва ғайра мисол шуда метавонанд.

Роҳи дуюм – истифодаи сужетҳо барои тасдиқ ва тақвияти фикр. Дар ин маврид сужети тайёр бунёди асари навро ташкил надода, балки як ҷузъи таркибии он аст, ки барои таъкиди ақидаи муайяне хидмат мекунад. Ҳикоятҳои тамсилии «Ҳадиқатулҳақоиқ»-и Саноии Ғазнавӣ (вафоташ 1140-1150), «Мантиқуттайр»-и Фаридуддини Аттор (1145-1220), «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ (1207-1274), «Матлаъунанвор»-и Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325), «Баҳрому Беҳрӯз»-и Камолиддини Биноӣ (1453-1512), «Сифоттулошиқин»-и Бадриддини Ҳилолӣ (1470-1529) аз ҷумлаи ҳамин гуна сужетҳо мебошанд.

Истифодаи сужетҳои тайёрро дар эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) низ дидан мумкин аст. Дар осори ӯ, асосан, тарзи дуюми ин ҳодисаро мушоҳада мекунем. Ӯ ба мақсади тасдиқ, тақвият ва баёни ақидаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фалсафию ахлоқӣ, ишқиву ирфонӣ ва ғайра қиссаву ривоятҳои мифологӣ, диниву мазҳабӣ, ҳикоя ва латифаҳои халқӣ, эпизодҳои гуногуни таърихию афсонавиро истифода карда, ғоя ва мазмуни онҳоро ба андешаву мақсадҳои худ мутобиқ кунонидааст. Ин қабил ҳикояҳо дар таҳрири шоир рӯҳ ва ҷилои тоза пазируфта, баъзеи онҳо ба дараҷаи асарҳои мустақили оригиналӣ расидаанд. Равшан кардани маъхазҳои ин қабил ҳикояҳо дар тадқиқи мероси адабии шоир, тавзеҳи муносибати ӯ ба таъриху адаби халқҳои гуногун ва робитаи эҷодиаш ба осори суханварони дигар аҳамияти калон дорад. Эътибор надодан ба ин масъала боиси иштибоҳ ва кайфаҳмиҳо дар омӯзиши осори шоир мегардад. Чунончи, ба назар нагирифтани маъхази аслии достони «Комде ва Мудан» сабаб шуд, ки муҳаққиқ Зайнал Ризоев дар таҳлили он ба саҳву хатоҳои ҷиддӣ роҳ диҳад. Ӯ дар таҳлили ин асар усули тамоман ғайриилмиро пеш гирифта, мазмун ва ғояи онро тасвири маҷлиси риндон ва ихтилофи назари гурӯҳҳои алоҳидаи пантеистон қаламдод карда, корро ба ҷое расонид, ки қаҳрамонони достон Мудан ва подшоҳи вайро образҳои шоирони асри XVII Бобораҳими Машраб ва Сайид Қассоби Кошонӣ донист (ниг. З. Ризоев, Индийский стиль в поэзии на фарси конца XVI-XVII в. в., Ташкент, «Фан», 1977, стр. 186-190).

Табиист, ки ин гуна таҳлил дар байни муҳаққиқон ҳамовозӣ пайдо накарда, ба танқиди шадиди мутахассисон дучор гардил (ниг. Л. Климович, Поэзия Бедиля – Бедил. Комде и Мадан. М. 1975 стр. 21).

«Комде ва Мудан» аз чумлаи ҳикоятҳои тамсилии маснавии «Ирфон» аст, ки маншаъи ҳиндӣ доштани он ҳанӯз дар адабиёти илмии солҳои чиҳилуми асри бист зикр гардида буд (ниг. А. Мирзоев, Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик, Сталинобод, 1947, саҳ. 36). Ва чунон ки аз тадқиқотҳои солҳои баъдина маълум шуд, асли ин достон ба забони санскрит буда, дар адабиёти қадими ҳинд бо номи «Мадхаванал ва Камокандала» шӯҳрат доштааст (ниг. Даҳён Охуҷа, Маснавии «Мадхаванал ва Камокандала»- маҷаллаи «Сухан», (1344 №5).

Ин асар дар асрҳои баъдина низ борҳо мавриди тарҷимаву таҳрирҳои нав қарор гирифтааст. Аз ҷумла онро Ганапатӣ ном шоир дар соли 1528 ба забони гуҷаротӣ, Шайхи

Олам ном шахс дар соли 1583 ба забони ҳиндӣ ва муаллифи номаълуме дар соли 1559 ба забони роҷистонӣ ба риштаи назм кашидаанд.

Аввалин таҳрири форсӣ-тоҷикии ин қисса «Маҳзи эъҷоз» ном маснавии шоири асри XVII Ҳиндустон Ҳақирист, ки дар соли 1684 иншо шудааст. «Комде ва Мудан»-и Мирзо Абдулқодири Бедил дуввумин таҳрири форсӣ –тоҷикии он аст, ки дар навбати худ асоси таҳрири саввумаш – «Комде ва Мудан»-и Ҳоӣӣ Ҳусайни Хатлонӣ (1868-1917) гардидааст.

Тавре ки гуфта шуд, ҳикоятҳои тамсилие, ки дар асоси сужетҳои маълум таҳрир шудаанд, дар эҷодиёти Бедил, хусусан, дар ду асари калонҳаҷми ӯ «Ирфон»ва «Муҳити аъзам» зиёданд ва таъйини маъхазҳои ҳамаи онҳо вақти зиёдеро тақозо менамояд. Дар ин ҷо танҳо доир ба маъхази як ҳикояти ӯ, ки дар маснавии «Муҳити аъзам» мундариҷ аст, баъзе мулоҳаза ва тахминҳоро иброз медорем. Хотирнишон менамоем, ки ду нафар аз муҳаққиқони Бедил – Александр Баузани ва Нурулҳасани Ансорӣ қаблан дар хусуси ин ҳикоят изҳори назар кардаанд. Баузанӣ дар мақолаи «Назариёти як урупоӣ дар бораи Бедил» дар иддае аз адабиёти дунё мавҷуд будани ин қабил ҳикоятҳоро қайд карда, дар айни ҳол фарқияти анҷоми онро аз дигар ҳикоятҳо гӯшзад намудааст (ниг. Маҷаллаи «Адаб», Кобул, 1965, № 4).

Ансорӣ дар китоби «Баҳсе дар аҳвол ва осори Бедил» (Кобул, 1363) дар асоси достонҳои ниммазҳаби ҳиндӣ таълиф шудани ҳикояро зикр карда бошад ҳам, маъхази онро сареҳан нишон надодааст.

Ин ҳикоят, чунон ки гуфтем, дар боби шашуми маснавии «Муҳити аъзам», ки «Базми найранги асарҳои хаёл» ном дорад, дар фасли «Кайфияти дил» ҳамчун мисоле аз найранг ва ҳунарҳои дил дарҷ гардидааст, ки мазмуни мухтасараш чунин аст:

Дар иқлими Ҳиндустон шоҳи одил ва хирадманде буд. Ӯ боре арбоби илму ҳунарро ба дарбор даъват намуда, аз онҳо хоҳиш кард, ки ҳар кадоме ҳунари хешро нишон диҳад. Аз ҷумлаи ҳозирон шахсе як аспи чӯбинро ба подшоҳ тақдим кард. Подшоҳ баробари ба даст гирифтани асп ғарқи хаёлот шуда, худро савори он асп дид ва бар ҳаво бархост. Ӯ бо тарсу бими зиёд чанд рӯз бар ҳаво парвоз намуда, оқибат ба гӯшаи биёбоне афтод. Баъди чанд рӯз дар он биёбон духтаре пайдо шуд, ки дар даст таъом дошт. Шоҳ аз ӯ таъом талабид. Духтар гуфт, ки сокинони ин ҷо канносанд ва ғизояшон барои қавмҳои дигар ҳаром аст. Агар ҷавон аз ӯ таъом мехоста бошад, бояд, ки шавҳари ӯ шавад. Шоҳ ба ин таклиф розӣ шуд ва ҳамроҳи духтар ба манзили онҳо рафт. Ӯ дар он ҷо даҳ сол иқомат карда, соҳиби даҳ фарзанд шуд. Иттифоқан, дар он диёр қаҳтӣ ба миён омада, боиси парокандагии сокинони он гардид. Аз ҷумла, аҳли оилаи шоҳ низ тарки ватан намуда, аз пайи дарёфти нон шуданд. Лекин чизе пайдо накарда, маслиҳат дар он диданд, ки оташе афрӯхта худҳоро бисӯзонанд, то ки аз азоби гуруснагӣ халос шаванд. Дар навбати аввал худи шоҳ дохили оташ шуд. Ӯ ба оташ дохил шудан замон худро дар дарбор, дар ҳалқаи донишмандону ҳунарварон дид, ки ба ғайр аз соҳиби асп ҳама дар ҷойҳои худ буданд. Шоҳ аз ин ҳодиса дар шигифт афтод… Ёди он диёр ва зану фарзандон оромаш намегузошт. Ӯ ба мақсади аз ин ҳолат раҳоӣ ёфтан ба шикор машғул шуд. Рӯзе пеш аз шикор аз ҳамроҳон ҷудо шуда, ба самте асп ронд ва ҳамон диёри канносонро, ки хаёлан даҳ сол дар он зиндагӣ карда буд, дида, дар ҳайрат афтод. Ба хонаи худ рафта, ҷамъеро дар либоси мотам дарёфт. Сабаб пурсид, гуфтанд, ки чанде пеш ҷавоне ба ин макон омада, ба онҳо домод ва соҳиби фарзандони зиёде шуда буд. Бо сабаби қаҳтие ҳамаи онҳо тарки ватан карда буданд. Имрӯз, ки ба манзилҳои хеш баргаштаанд, аз он ҷавон ва аҳли оилааш дарак нест. Бо шунидани ин суханон тааҷҷуби шоҳ бештар шуд ва ба дарбори худ рафта, тамоми воқеотро ба паямбари аср изҳор намуд. Паямбар гуфт, ки ҳамаи ин ҳодисот кори дил, асари ҳунар ва найрангҳои он аст:

Ба рӯят дари роз во кардаанд,
Ба рамзи худат ошно кардаанд.
Дар он дам, ки шавқат зи аҳли ҳунар
Талаб кард илми фиреби назар,
Тақозои найранги дил ҷӯш дошт,
Гули роз тамҳиди оғӯш дошт.
Бурун рехт дил ҳам асарҳои хеш,

Ба хунат нишонд аз ҳунарҳои хеш.
Фусунгар набуд он фиребофарин,
Дил ангехт гарди ҳидояткамин.
Дилат сурату маънии олам аст,
Вагарна вуҷуду адам мубҳам аст…

Ҳамин гуна як ҳикоятро дар китоби адиби муъосири Ҳиндустон Р. К. Нарайан «Боги, демоны и другие» (М. 1975), ки дар асоси асотири қадими ҳиндӣ таълиф шудааст, низ дидан мумкин аст. Ин ҳикоят «Лавана» ном дорад ва тибқи шаҳодати муаллиф, таҳрири нави яке аз ҳикоёти китоби қадими ҳиндуҳо «Йогавасиштҳа» мебошад, ки мазмуни мухтасараш ба қарори зайл аст:

Дар мамлакати Уттар Пандава шоҳе буд, ки Лавана ном дошт. Ӯ ҳар рӯз бо аҳли дарбор ва меҳмонони худ сӯҳбат меорост. Рӯзе дар боргоҳ мардеро дид ва шахсияти ӯро аз ҳозирон пурсид. Гуфтанд, ки ҷодугар аст ва ҳунари хеш намоиш додан мехоҳад. Лаван пурсид: Ҳунараш чист ва бо кадом восита онро нишон доданист? Йодугар ба сӯи чашмони худ ишора кард. Шоҳ ба чашмони ӯ назар карду ба хаёл фурӯ рафт ва худро дар даште дид, ки аспе дар он ҷо чаро мекард. Ӯ бо заҳмати зиёде ба он асп савор шуд ва ба ҳаво бархоста, дар парвоз даромад. Пас аз муддате аз асп раҳо шуда, худро бар дарахте гирифт, ки дар болои он маймуне бо бачаҳояш машғули бозӣ буд. Ӯ аз дарахт ба замин афтод ва чанд муддат гуруснагӣ кашид. Боре сар аз замин бардошта, духтареро дар назди худ дид, ки дар дасташ таъом дошт. Лаван аз ӯ таъом хост. Духтар гуфт, ки ӯ каннос аст ва хӯрокаш барои қавмҳои дигар ҳаром мебошад. Вақте ба вай таъом медиҳад, ки ӯро ба занӣ бигирад. Лавана ба ин шарт розӣ шуд. Онҳо ба назди падари духтар рафта, иҷозати никоҳ гирифтанд. Лавана вақти зиёде дар макони канносон зиста, чаҳор фарзанд ёфт. Дар он диёр қаҳтие рух дода, сабаби муҳоҷирати сокинони он гардид. Лавана низ тарки манзил намуда, аз пайи дарёфти ғизо шуд. Се фарзанди калонӣ аз ӯ ҷудо гашта, аз пайи рӯзии худ шуданд. Лавана бо зану фарзанди хурдӣ кӯҳу дашти зиёдеро тай карда, чизе ёфта натавонист ва қарор дод, ки худро сӯзонда, хӯроки зану фарзанд созад. Бо ҳамин ният оташе афрӯхта, дохили он шуд. Вале аз оташ осебе надида, худро дар назди дарбориён ва меҳмонон дид, ки ба ғайр аз ҷодугар ҳама ҳозир буданд.

Чунон ки дида мешавад, дар баробари монандии умумии мазмуни ҳикояти Нарайан бо мазмуни қисми аввали ҳикояти Бедил дар байни онҳо баъзе тафовутҳо низ дида мешавад. Бар хилофи ҳикояти Бедил, дар ҳикояти Нарайан номи мамлакат ва номи ҳокими он зикр ёфта, сӯҳбат оростани Лавана бо меҳмонон ва аҳли дарбор одати доимии ӯ қаламдод шудааст. Дар ҳоле ки бор додан ва бо аҳли илму ҳунар маҷлис оростани қаҳрамони Бедил ҳодисаи ҷудогона аст. Дар ҳикояти Нарайан воситаи ҳунарнамоии ҷодугар чашмони худи ӯянд, на аспи ҷӯбин. Василаи парвози ӯ низ аспи ҳақиқист, ки бо машаққати зиёд ба он савор шудааст. Дар сурате ки қаҳрамони ҳикояти Бедил бе ҳеҷ мамоният худро савори аспи ҷӯбин дида буд. Инчунин лаҳзаҳои бар дарахт нишастану маймунро дидани Лавана, падари духтару иҷозат хостани онҳо аз ӯ дар ҳикояти Бедил дида намешаванд. Қаҳрамони ҳикояти Бедил ҳамагӣ даҳ сол дар диёри канносон зиста, соҳиби даҳ фарзанд шуда бошад, мӯҳлати зисти Лавана дар он ҷой ҳафтод солу фарзандонаш чор нафаранд. Аз онҳо низ танҳо фарзанди хурдӣ ҳамроҳи падару модар монда, дигарон аз пайи рӯзии худ шудаанд. Ва ниҳоят, шоҳи Бедил ба мақсади раҳоӣ аз гуруснагӣ рӯ ба худкушӣ ниҳода бошад, мақсади Лавана аз ин кор аз марг наҷот додани зану фарзанд аст.

Лекин бо вуҷуди ин фарқиятҳо, ки дар муқобили мазмунҳои умумии ҳикоятҳо лаҳзаҳои ҷузъиянду ҳангоми ба таҳрири нав даромадани ин ё он сужет ба амал омаданашон амри табиъист, хатҳои асосии сужети ҳикояти Нарайан ва сужети бахши аввали ҳикояти Бедил якхелаанд. Айнияти лаҳзаҳои асосӣ – сӯҳбат оростани шоҳ, пайдо шудан ва ҳунарнамоӣ кардани ҷодугар, ба хаёл рафтану савори асп шудан, ба ҳаво парвоз кардан, дар биёбон бо канносдухтар вохӯрдану аз ӯ таъом хостани шоҳ, шарт гузоштани духтар, ҳамсар шудану фарзанд ёфтан, дар асари қаҳтӣ тарки ватан намудан, аз пайи ғизо шуда, чизе пайдо накардани онҳо, оташ афрӯхтану дохили он шудан, бедор шуда худро дар дарбори худ дидани шоҳ ва ниҳоят ғайб задани ҷодугар аз байни ҳозирон – ҳама далели онанд, ки

маъхази ҳикояти Нарайан ва маъхази қисми аввали ҳикояти Бедил як асар –«Йогавасиштҳа» мебошад.

Мутаассифона, дар хусуси муаллиф, замони таълиф ва сохту мундариҷаи «Йогавасиштҳа» маълумоти аниқе дар даст надорем. Муҳаққиқи ҳиндӣ Ш. Чаухан дар китоби «Очерк истории литературы хинди» (М. 1960) доир ба тарҷумаи ҳиндии ин асар, ки дар соли 1732 бо номи «Бхашайогавасиштҳа» сурат гирифтааст, сухан ронда онро ба Васиштҳа ном шахси асотирӣ нисбат додаст ва мазмунашро таълимот дар бораи забон донистааст.

Аммо донишманди рус А. Я. Сиркин дар муқаддима бар китоби зикршудаи Нарайан ин асарро як ҷузъи илҳоқии «Рамаяна»-и Валмики дониста, замони таълифашро байни асрҳои VI-IX милодӣ тахмин кардааст.

Ба эътибори он, ки Нарайан аз «Йогавасиштҳа» ду ҳикоя-«Лавана» ва «Чудала»-ро ба таҳрири нав даровардааст, тахмин намудан мумкин аст, ки ин асар асари бисёрсужетаи шерозадор аст ва сужети мазкур яке аз ҳикоятҳои дохилии он мебошад.

Илова кардан лозим аст, ки «Йогавасиштҳа» дар асрҳои миёна низ ба чанде аз забонҳои нави Ҳиндустон, аз қабили ҳиндӣ, гуҷаротӣ, панҷобӣ ва малаялам борҳо тарҷима ва таҳрир шудааст (ниг. Ба маҷмӯаи «Масъалаҳои эроншиносӣ», Душанбе, 1999, саҳ. 35).

Бино бар гуфтаи муаллифи «Адабиёти форсизабони Ҳинд» Ғ. Алиев, аз «Йогавасиштҳа» ду таҳрири форсӣ-тоҷикӣ низ маълум аст, ки дар асрҳои XVI-XVII ба миён омадаанд. Аз ин рӯ, ҳукм кардан душвор аст, ки Бедил аз кадом вариант – асли санскрит ё аз ягон тарҷима ва таҳрири минбаъдаи он истифода кардааст.

Муҳаққиқи номбурда А. Я. Сиркин роҷеъ ба мундариҷаи китоби мазкури Нарайан таваққуф намуда, ҳикояти «Лавана»-ро ифодакунандаи масъалаи нисбияти эҳсоси замон қаламдод кардааст.

Дар мақолаи зикршудаи А. Баузини низ ҳикояти Бедил «рамзу символи нисбӣ будани замон» дониста шудааст.

Шояд ин сужет дар асл ҳамин масъала – масъалаи нисбияти эҳсоси замон ва маърифати табиати онро ифода намояд. Лекин таҳрири бедилии он дар маснавии «Муҳити аъзам» вазифаи тамоман дигар дорад. Вай дар якҷоягӣ бо бахши дуввуми ҳикояти шоир характери тамсилӣ дошта, барои тасдиқ ва таъкиди иқтидор ва нерӯи дил, ки тибқи таълимоти тасаввуф, махзани асрори ҳақ ва маъбари тамоми ҳодисоти олам аст, хидмат намудааст.

Акнун саволе ба миён меояд, ки қисми дуввуми ҳикояти Бедил, ки дар ривояти (варианти) Нарайан дида намешавад, аз куҷост? Оё ҳикояти Бедил саропо аз «Йогавасиштҳа» нест, ки Нарайан танҳо як қисмашро аз нав таҳрир намудааст? Муқоисаи чанд ҳикояти дигари Нарайан бо маъхазҳояшон, ки дар китобҳои «Мифы древней Индии» (М. 1982) ва «Три великих сказания древный Индии» (М. 1987) дида мешаванд ин тахминро рад мекунанд. Маълум мешавад, ки Нарайан аксари устураҳои ба таҳрири нав даровардашударо бе тағйири сужети асосӣ монондааст. Аз ин рӯ, гумони ғолиб бар он аст, ки ҳаҷми ҳикоят дар «Йогавасиштҳа» ҳамон аст, ки дар китоби Нарайан дарӣ гардидааст ва қисми дуввуми ҳикояти Бедил, ки қаҳрамонаш диёри хаёлиро воқеан дида, саргузашти худро аз забони мардуми он шунидааст, иловаи худи ӯст. Пас ӯ ин иловаро аз куҷо гирифтааст?

Гуфтан лозим аст, ки ин қабил ҳикоятҳо, яъне ҳикоятҳое, ки қаҳрамонони онҳо воқеоти хаёлан аз сар гузаронидаро дар зиндагии воқеӣ низ мебинанд, дар адабиётҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар адабиёти мардуми Ҳиндустон кам ба назар намерасанд. Ҳамин гуна як қиссаи ҳиндиро Бедил дар маснавии «Ирфон» ба унвони «Зикри он барҳамани толиби дид, - ки таносух заду каннос дамид» ба риштаи назм кашидааст. Мазмуни мухтасари қисса ин аст:

Бараҳмане бар лаби рӯде омада, аз пайи ғусл шуд. Сар бар об фурӯ бурдан замон худро дар хона, дар бистари беморӣ дид. Пас аз чанд вақт вафот кард ва тибқи ақидаи таносух, рӯҳи ӯ дар батни канносзане ҷой гирифт. Бараҳман аз он зан аз нав ба дунё омада, ба камол расид ва соҳиби зану фарзанд шуд. Баъд аз муддате занаш вафот кард. Вафоти зан боиси парешонӣ ва шӯридаҳолии вай гардид. Ӯ пас аз оворагии зиёд ба шаҳре расид, ки роҷаи он фавтида буд. Ӯ бо хоҳиши сокинони он шаҳр роҷаи онҳо шуд ва чанд муддат дар он ҷой иқомат кард. Рӯзе канносе аз қабилаи ба ӯ дарбораш омад ва бо ӯ тарҳи сӯҳбат орост. Аз мушоҳидаи ин манзара, яъне донистани он ки ӯ каннос будааст, ходимон ва муқаррабони дарбор ба ҳолати ногувор афтоданд ва бо мақсади пок шудан аз гуноҳ оташ афрӯхта, худҳоро

сӯзонданд. Роҷа ба ин даҳшат тоб наёварда, дохили оташ шуд ва худро дар ҳомон рӯде дид, ки дар он ғусл менамуд. Баъд аз чанд рӯз як гурӯҳ бараҳманони раҳгузар меҳмони вай шуда, саргузашти хаёлии ӯро ба ӯ нақл намуданд. Яъне, ки бараҳманони шаҳри Ауд канносеро роҷаи худ интихоб кардаанду пас аз донистани аслу насабаш рӯ ба худкушӣ ниҳодаанд.

Дар адабиёти динии исломӣ низ ин гуна мазмунҳоро пайдо намудан мумкин аст. Масалан, дар «Нодирулмеъроӣ ва баҳруласрор» ном китоб, ки дар соли 1635 дар Ҳиндустон таълиф шудааст, ба ҳамин равиш як ривоят мавҷуд аст. Дар он гуфта шудааст, ки сӯфие дар Бағдод ба лаби дарёи Дайла омада, ихтиёри ғусл кард. Баъди як бор ғӯтавар шудан дар об худро дар Миср, дар оби дарёи Нил дид. Марди заргаре ӯро ба хонааш бурда, ба домодӣ пазируфт ва ҳунари заргариро ба вай ёд дод. Сӯфӣ ба муддати сӣ сол дар Миср зиндагӣ карда, соҳиби ду писар шуд. Рӯзе барои ғусл ба лаби дарёи Нил омада, дохили он шуд. Пас аз як бор сар ба зери об бурдан худро дар шаҳри Бағдод, дар оби дарёи Дайла дид. Баъди ба хона рафтан маълум шуд, ки ҳамаи ин хаёлот дар бадали ним соат ба амал омадаанд. Сӯфӣ ин ҳодисаро ба шайхи замон нақл намуд, шайх ба номи падарарӯси мисрии ӯ мактубе навишта, зану фарзандонашро ба Бағдод даъват намуд.

Умумияти барҷастае, ки байни ин ду ривоят ва ҳикояти Бедил ба назар мерасад, ин аст, ки қаҳрамонони ҳар сеи онҳо саргузаштҳои хаёлии худро дар зиндагии воқеӣ низ мебинанд ё аз забони дигарон мешунаванд. Инчунин дар байни лаҳзаҳои алоҳидаи онҳо низ баъзе монандиҳоро дидан мумкин аст. Масалан, қаҳрамони ҳикояти сӯфии заргар баъди аз сар гузаронидани воқеоти хаёлӣ барои рафъи тааҷҷуб ба шайхи замон мурочиат карда, аз вай ҷавоби қаноатбахш гирифта бошад, қаҳрамони Бедил барои ҳамин гуна ҷавоб ба пайғамбари аср рӯй овардааст.

Лекин, бо вуҷуди ин умумиятҳо, ба ақидаи мо, бахши дуввуми ҳикояти Бедил аз ягон манбаъ нақл нашуда, балки дар зери таъсири ҳамин гуна мазмунҳо аз тарафи худи ӯ эҷод шудааст. Ба ин тахмин моро, пеш аз ҳама, як ишораи худи шоир ҳидоят менамояд. Ӯ ҳангоми таҳрири қисми аввали ҳикоят, ки бо лаҳзаи бедор шуда худро дар боргоҳ дидану аз ҷодугар асаре наёфтани шоҳ ба итмом мерасад, суханро бо таъбири «шунидам» оғоз кардааст:

Шунидам дар иқлими Ҳиндустон,
Ки хокаш бувад обрӯи ҷаҳон,
Шаҳе дошт аз афсари огаҳӣ
Ба сар нашъаи ҷоми зиллуллаҳӣ.

Вале қисми дуввуми онро эҷоди бевоситаи қалам дониста, гуфтааст:

Кунун хома сеҳри дигар медамад,
Шабе менигорад, саҳар медамад.

Ба ҳамин тариқ хулоса намудан мумкин аст, ки бахши аввали ҳикояти Бедил дар асоси яке аз сужетҳои «Йогавасиштҳа» таҳрир шуда, қисми дуввуми он маҳсули қалами худи шоир аст, ки дар якҷоягӣ барои таъйид ва таъкиди ақидаи суфиёнаи ӯ хидмат намудаанд.

## ЯК АСАРИ РАМЗИИ БЕДИЛ

Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) аз ҷумлаи маъруфтарин шоирони форсизабон ба шумор рафта, дар муддати умри бобаракати хеш осори зиёди манзум ва мансурро ба ёдгор гузоштааст. Асарҳои асосии ӯ девони ашъор, маснавиҳои «Ирфон», «Муҳити аъзам», , «Тилисми ҳайрат», «Тури маърифат», осори насрии «Чорунсур», «Руқаъот» ва «Никот» ба мухлисони адабиёти классикӣ маълуманд. Бедил дар қатори асарҳои мазкур чанд маснавии кӯчаки дигар низ таълиф намудааст, ки на фақат хонандаи қаторӣ аз онҳо огоҳ нест, балки иддае аз муҳаққиқони соҳаи адабиёт низ ба мавзӯъ ва мундариҷаи онҳо ошноӣ надоранд. Ин асарҳо иборатанд аз маснавиҳои «Танбеҳулмуҳаввисин» (210 байт), «Сифати асп» (391 байт), «Сифати фил» (100 байт), «Сифати шамшер» (45 байт) ва «Сифати забону гуфтори маъшуқ» (7 байт). Маснавиҳои мазкур ҷузъе аз девони ашъори шоиранд ва дар аксари нусхаҳои хаттии девони комил ва мукаммалтарин нусхаи чопии кулиёти ӯ, ки дар Кобул ба табъ расидааст, мавҷуданд. Ба таъбири дигар гӯем, дар хусуси ба Бедил таъаллуқ доштани онҳо то кунун ҳеҷ шакку шубҳае ба миён наомадааст.

Инак роҷеъ ба мавзӯъ ва мундариҷаи яке аз ин асарҳо -- «Сифати асп» баъзе мушоҳада ва мулоҳазаҳоро иброз медорем.

Яке аз муҳаққиқоне, ки доир ба «Сифати асп» изҳори назар кардаанд, донишманди лоҳурӣ дуктур Абдуғанист. Ӯ дар рисолаи ҷомеи худ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) ин асар ва ду асари зикршудаи шоир «Сифати фил» ва «Сифати шамшер»-ро зери як унвон-«Маснавии тавсифӣ» аз назар гузаронида, дар хусуси мазмун ва мӯҳтавиёти онҳо чунин навиштааст: «Мақсади шоир васф намудан ва тарзи кори ин се чиз (асп, фил, ва шамшер – Б.Р.) буда, гарчи фаъолияти онҳо дар маърака низ зикр гардида, вале он чӣ шоир роҷеъ ба онҳо навиштааст, ғолибан, тасввурӣ ва мунҳасир ба хаёл аст» (саҳ. 327).

Абдулғанӣ дар асоси шабеҳияти мавзӯъ ва умумияти вазн се маснавии мазкурро «аҷзои мухталифи як шеър» ҳисобидааст, ки ба ин фикр наметавон ҳамроҳ шуд. Зеро ҳар кадоми ин асарҳо дорои предмети хоси тасвир ва оғозу анҷомҳои алоҳида буда, ғоя ва мавзӯъҳои ҷудогонаро ифода намудаанд ва дар нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои гуногуни кулиёти шоир низ чун асарҳои мустақил дар алоҳидагӣ дарӣ гардидаанд. Гузашта аз ин, «Сифати фил» ва «Сифати шамшер», воқеъан, дар таърифи фил ва шамшер эҷод шудаанд ва мақсади шоир нишон додани кор ва фаъолияти ҳамин предметҳо будааст. Лекин «Сифати асп» аз ин нигоҳ ба ду маснавии мазкур умумияте надорад. Таъриф ва тавсифи асп мазмуни зоҳирии ин асар буда, мавзӯи аслии он, чунон ки хоҳем дид, масъалаи тамоман дигар аст.

«Сифати асп» дар вазни мутақориби мусаддаси маҳзуф ва мақсур таълиф гардида, аз рӯи нашри кобулии куллиёти Бедил (ҷилди 2, Кобул, 1342) ва чанде аз нусхаҳои хаттии девони шоир, масалан нусхаи № 4 Институти забон ва Адабиёти АИ Тоҷикистон, 391 байтро дар бар кардааст. Мундариҷаи асарро шартан ба се қисмат-муқаддимаву хотима ва бахши асосӣ – тавсифи асп ҷудо кардан мумкин аст. Мазмуни асосии он аз таърифу тавсифи асп ва даҳону ва узвҳои ҷудогонаи пайкари он - сар, гардан, ёл, пешонӣ, чашм, гӯш, даҳону дандон, дум, мӯй, сум ва ғайра иборат мебошад. Дар асар ба тасвири хусусиёти феълии асп низ диққати ҷиддие дода шудааст. Шоир нозукиҳои ҳаракат, тарзи рафтор, лоқайдию саркашӣ, раму ором ва шитобу изтироби онро басе моҳирона ва дилчасп ба тасвир гирифта, онро бо тамоми зебоӣ ва ҷаззобияташ дар назар ҷилвагар сохтааст. Аз ҷумла шеҳаи тундарвор, нафаси оташин, садои суми гурзмонанд, шарори наъли барқангез ва дигар ҷузъиёти ҳаракат ва ҳолати аспро дар майдони ҷанг чунин ба қалам додаст:

Ба майдон даме, к-аз қиёматгарӣ
Шавад шеҳааш моили тундарӣ,
Диҳад ёд аз он раъди ғайратфусун
Ба мастони разм аз суруди ҷунун.
Адӯро дар андешаи он хурӯш
Шавад мағзи сар пунбаанбори гӯш.
Зи ёди садои сумаш, бегумон,
Гули шамъ гардад кулоҳи сарон.

Дами ӯ муҳарраф занад бодро,
Суми ӯ кунад сурма фӯлодро.
Ба ҳамвории табъҳои дурушт
Зи ҳар по задан путку сандон ба мушт…
Шароре, ки гардад зи наълаш аён,
Хӯрад пунбазори димоғи сарон.
Ба дандон канад қалъаи кӯҳи Қоф,
Зи сум афканад дар дили санг ноф.
Зи овози он осиёи гарон
Димоғи дуруштон шавад сурмадон.

Бедил дар истифода аз воситаҳои тасвири бадеӣ, хоса ташбеҳ ва истиора, низ устодӣ ва маҳорати нотакрор нишон дода, предмети тасвиршавандаро басо воқеъӣ ва зиндаву аёнӣ намудор кардааст. Масалан, ҷое гардани аспро мавриди тасвир қарор дода, ҳолати аз узвҳои дигар болотар рафтану боз рӯ бар замин овардани онро ҳам ба абрӯи хубону моҳи нави осмон ва ҳам ба тарзи рафтори шахси гарданфарозу тавозӯъпеша монанд карда, дар таъкид ва тасдиқи ташбеҳи худ мисраъи машҳури Саъдӣ «Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст»-ро хеле бамаврид ва барҷой тазмин намудааст:

Бинозад баландӣ ба иқболи хеш,
Ки бо гарданаш ҳамсарӣ бурда ба пеш.
Хаме дорад ин гардан аз бартарӣ,
Ки гар ворасӣ, олами дигарӣ. . .
Аз он хам, ки мавзӯи ин пайкар аст,
Димоғи руъунат тавозӯъгар аст.
Касеро, ки иқболи давлат расост,
Саре гар ба ин хам расонад, баҷост.
Дар абрӯи хубон ҳамин ҷавҳар аст,
Ки аз чашму мижгон ҳамон бартар аст.
Дамидаст аз килк ҳам ин сарир,
Ки аз маҳ хамидан надорад гузир.
Хам ороиши маҳфили нози ӯст,
«Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст».

Лекин мутолиъаи дақиқи маснавии «Сифати асп» нишон медиҳад, ки мақсади аслии шоир дар ин асар сифати аспи ҳақиқӣ набуда, балки масъалаи дигаре будааст. Мурод аз таърифи асп, чолокӣ ва ҳаракати тезу тунди ӯ тасвири фурсат ва гузашти тирвори он мебошад. Ба таъбири дигар гӯем, асп рамзи вақт, рамзи умри инсон ва ҳаракату рафтори он рамзи гузаштани умр аст. Ин маъниро аз қисматҳои оғоз ва анҷоми маснави пай бурдан мумкин аст. Асар бо мисраъҳои зерин шурӯъ мешавад ва матлаби шоир аз се байти охир ба хубӣ ошкор аст:

Шабе дар ҷунунзори дашти хаёл
Дил аз бехудӣ дошт ҷавлони ҳол.
Тапишҳо зи набзам бағал мекашид,
ҷунун дар димоғам кутал мекашид.
Ба маҳмези тафтишам афтод кор,
К-аз ин ҷустуҷӯ вошикофам ғубор.
Зи гарди саманди сабуктози шавқ
Сиёҳӣ шуд оинаи таҳту фавқ.
Ба мутлақинонӣ пай андохтам,
Зи қалби сиёҳӣ бурун тохтам.
Хаёли парӣ шишае зад ба санг,
Гирифт имтиҳонгоҳи фитрат таранг.

Сарири қалам шеҳа бунёд кард,
Гаравтозии фурсат иршод кард.
Таки бодпое шунидам зи дур,
Ки меомад афшонда сомони сур.
Буроқе ҷаҳонтози гардуннавард,
Фарозанда гардан сабеъии мард.

Рамзи умр ва гузашти он будани асп ва ҳаракату рафтори ӯ аз қисмати хотимавии асар, ки як навъ хулоса ва ҳалли тамсил аст, боз ҳам равшантару возеҳтар мегардад:

Биё, Бедил, инҳо чӣ ҷавлонгарист,
Ба даште ки гардаш ҷунуни парист.
Пайи истиороти ботил мадав,
Бас аст, ин қадар пой бар гил мадав,
Ки ин парфишон фурсати рахшном
Мисолест аз умри ваҳшатхиром.
Агар аз рами умр дорӣ хабар,
Ғубораш ҳамон рафта гир аз назар.
«Биё» гар хитобат намудам, чӣ суд?
Инони тааммул ба дастам набуд.
Чӣ миқдор бедаступо гуфтаам,
Ки ҳарфи «бирав»-ро «биё» гуфтаам.
Ба хеш омадан ҷуз тасаннӯъ куҷост?
Дар ин ҷо «биё» ҳар кӣ гӯяд, хатост.
Абас чанд ранҷи баёнаш кашӣ?
Нафас гир, шояд инонаш кашӣ.

Дар охир илова кардан лозим аст, ки ба туфайли баёни мақсади асосӣ шоир таъриф ва тавсифи аспи ҳақиқиро низ дар назар доштааст ва бо ҳамин роҳ меҳру муҳаббат ва дилбастагии хешро нисбат ба он изҳор намудааст.

# МАСНАВИИ БЕДИЛ «ТАНБЕҲУЛМУҲАВВИСИН»

Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) маснавиҳои зиёде таълиф намудааст, ки муҳимтарини онҳо – «Ирфон», «Муҳити аъзам», «Тилисми ҳайрат» ва «Тури маърифат» маълуму маъруфанд. Шоир илова бар асарҳои мазкур якчанд маснавии хурд низ таълиф кардааст, ки ба эътибори дарбаргирии мавзӯъҳои воқеъию дунявӣ, содагии забону услуб ва равонии тарзи баён сазовори омӯзиш ва дастраси умум гардонидан мебошанд. Мутолаъаи ин қабил асарҳо нишон медиҳад, ки Бедил дар баробари таваҷҷӯҳ ба мавзӯъҳои маъмули адабиёт – тасвири ҳаёти мардум, танқиди нобаробариҳои замон, маҳкуми зулму беадолатӣ, мазаммати ҷаҳолату нодонӣ, васфи меҳнату хурамиҳои зиндагӣ, тараннуми ишқу зебоӣ баёни масъалаҳои гуногуни фалсафию ирфонӣ ва тарбиявию ахлоқӣ-ба тасвири ҳодисаҳои конкретии замони худ ва тасвири ашёҳои муҳити атроф диққати ҷиддӣ дода, дар ин мавзӯъҳо низ асарҳои ҷолиби диққат офаридааст.

Яке аз чунин асарҳои шоир маснавиест бо номи «Танбеҳулмуҳаввисин», ки дар мазаммати илми бардурӯғи кимиё ва танбеҳу накӯҳиши шахсони ба он машғул - муҳаввисон ё худ кимиёгарон навишта шудааст. Ин асар дар нашри Сафдарии куллиёти шоир (Бамбай, 1299/1882) бе унвони алоҳида ва дар нашрҳои Кобул (1341-1344/1962-1965) ва Теҳрон (1376/1997) бо номи «Кимиё» дарӣ гардидааст. Вале дар манбаъҳои адабии наздик ба замони Бедил аз ҷумла дар тазкираи Биндробандоси Хушгӯ «Сафинаи Хушгӯ (замони таълифаш 1724-1735) ва баъзе нусхаҳои хаттии осори шоир, масалан, дар қадимтарин нусхаи хаттии куллиёти ӯ (солҳои китобаташ 1722-1724), ки дар китобхонаи оммавии Худобахши Патна маҳфуз мебошад, ин маснавиро бо номи «Танбеҳулмуҳаввисин» дучор омадан мумкин аст. Аз ин рӯ, мо низ онро бо ҳамин ном мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Гуфтан лозим аст, ки соли таълифи асарро на худи шоир зикр кардаасту на муаллифи ягон манбаъи адабӣ. Хушгӯ ва соҳиби тазкираи «Гули раъно» (соли таълифаш 1768) Лачҳмӣ Нароин Шафиқ роҷеъ ба мавзӯъ ва мундариҷаи он сухан карда, ҳаҷмашро ҳазор байт гуфтаанд. Лекин дар нашрҳои мазкури куллиёти шоир асар ҳамагӣ аз 210 байт иборат буда, яке аз нусхаҳои хаттии он, ки дар китобхонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон маҳфуз аст, аз ин миқдор ҳам камтар аст.

Маснавӣ дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф ва мақсур иншо шуд, дар он илми кимиё, ки гӯё ба воситаи «иксир» ном санги фалсафӣ мисро ба тиллою нуқра табдил медиҳад, танқид ва мазаммат шудааст. Асарро аз ҷиҳати сохту мундариҷа ба ду қисмат ҷудо кардан мумкин аст. Қисми аввал, ки 144 байтро дар бар кардааст, ба тарзи хитоба эҷод шуда, муносибати муаллифро нисбат ба кимиё, ки ба қавли Хушгӯ, «ҳаргиз мӯътақиди он набудааст», ошкор менамояд. Қисмати дуввум иборат аз ҳикояти ҳаҷвиест, ки ба сифати тамсил оварда шудааст.

Маснавӣ мураҷиатан ба кимиёгар оғоз ёфта, кимиё ҳарфи муҳол, тахайюли ботил ва амали мавҳум дониста шуда, дар айни ҳол ба ягон касби манфиатноке рӯ овардани шахси мухотаб тарғиб шудааст:

Эй муҳаввис, дар ҳавои кимиё
Метапад набзи ту чун зайбақ чаро?
Баҳри таҳсили маъош, эй бадгуҳар,
Касб бисёр аст, агар бандӣ камар.
Ин чӣ савдо дар сарат афтодааст?
Аз куҷо ин нагбатат рух додаст?
Рафт чун симоб ором аз дилат,
Ганда чун кибрит шуд обу гилат.
З-ин тахайюлҳои ботил сар битоб,
Пуч мебофад саропои ҳубоб.

Шоир беасосу бенатиҷа будани ин амалро таъкид намуда, қайд кардааст, ки калимаи «кимиё», ки содалавҳону зудбоваронро ба иштибоҳ андохтааст, дар асл маънои ҳиллаву найранг ва хаёли хомро дорад. Манфиъат хостан аз ин шуғл монанд ба он аст, ки аз тори

анкабут нағма ҷуста шавад:

В-арна асли кимиё ранг асту бас,
Симу зар фаҳмиданат нанг асту бас,
Дар луғат ҳилласт номи кимиё,
Мебарад ин лафзи майҳулат куҷо?
Ҳеӣ кас мазмуни ин номат нагуфт,
К-аз мизоҷат ҳирси симу зар шукуфт.
Ҳар кӣ аз симоб мехоҳад сабут,
Нағма меҷӯяд зи тори анкабут.

Бедил шуғли ки миёгариро на танҳо чун пешаи бесу ду беҳуда маънидод кардааст, балки онро ҷиноят ҳукм карда, қатли ки миёгарро чун қатли дузд салоҳ донистааст:

Ҳар кӣ мегардад дар ин фан устод,
Медиҳад охир сари худро ба бод.
Кимиёгар ҳар ки ро фаҳмидаанд,
Қатли ӯ чун дузд воҷиб дидаанд…
В-ар бигӯи аз шукӯҳи ин амал,
Дастгоҳи хусравон дорад халал…
Иллаташ он аст, к-ин қавми дағал
Медиҳад айсодро ранги амал.
То вуболи қисаи мардум шаванд,
Ин харон, ё раб, зи олам гум шаванд.

Шоир барои беҳтар ошкор намудани моҳият ва натиҷаи ки миё онро ба шуғли дигари фавқуттабиӣ – симиё ё худ сеҳру ҷоду-монанд карда, саропо фиребу найранг ва беасос буданашро хотирнишон сохта, таъкид намудааст, ки шахси ба ин дард гирифтор умри азизи худро ба боди фано дода, ғайри надомат ва афсӯс чизи дигаре ба даст оварда наметавонад.

Шоир бо мақсади тасдиқи фикр бо хитобаи риторикӣ иктифо накарда, ба образи бадеӣ, ки мақсадро зинда ва айёнӣ ифода мекунад, муроҷиат намуда, ҳикояти ҳаҷвиеро мисол овардааст, ки ғолибан маҳсули тахайюли эҷодии худи ӯ мебошад. Дар ҳикоят саргузашти шахсе акс ёфтааст, ки аз тамоми касбҳо даст кашида, бо мақсади анбоштани симу зар аз пайи кимиёгарӣ афтодааст, вале дар ин роҳ ба комёбӣ ноил нашуда, баръакс, ба навмедию нокомиҳои зиёде рӯ ба рӯ омад, оқибат ба шармандагӣ ва марги беаҷал дучор гардидааст. Қобили қайд аст, ки Бедил сабаб ва омилҳои ривоҷи ки миёро низ нишон додаст, Ба ақидаи ӯ, сабаби ривоҷи ин пеша, аз як тараф, ҷаҳолату нодонӣ ва соддалавҳии гурӯҳи муайяни одамон бошад, аз тарафи дигар, ҳирсу зарпарастӣ ва мардумфиребии қисми дигари онҳост. Алоқамандона ба ин масъала шоир хислатҳои ҳарисӣ, зарпарастӣ ва дар ин асос мардумфиребию хунхории одамони алоҳидаро маҳкум ва танқид намудааст:

Чанд бо кӯрӣ тавон будан надим,
Гул манеҳ бар дида аз динору сим.
Симро фаҳмидаӣ бахти сафед,
Рӯсафедӣ аз барас дорӣ умед?
Оламеро кард ҳирси сим кӯр,
Барф аксар бурдааст аз чашм нур.
Сафҳаи андеша қирандуд чанд?
Шамъи фитрат поймоли дуд чанд?
Зарпарастӣ нест дар мулки камол,
Гар ҳама хуршед бошад, безавол.
Умрро дар фикри зар кӯтоҳӣ аст,
Тоҷи заррин шамъро ҷонкоҳӣ аст.
Зар ба ранги маъсиятҳо мекашад,

Охир ин сафро ба савдо мекашад.

Маснавӣ дар баробари аҳамияти тарбиявию ахлоқӣ ва адабию эстетикӣ доштан аз аҳамияти маърифатнокӣ низ холӣ намебошад. Мутолаъа ва омӯзиши он, аз як тараф, моро ба ривоӣ ва нашри ин шуғл дар аҳди шоир ошно намояд, аз тарафи дигар, имконият медиҳад, ки ба равиши кор, тарзи тайёр кардани «тиллову нуқра» ва технологияи он шинос шавем. Ин асар дар кори таҳқиқи ҷаҳонбинии шоир низ бе аҳамият нест.

## «ТАШБЕҲОТУ ТАМСИЛОТ» Ё ИСМЕ БЕМУССАМО?

Дар иддае аз таълифоти илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, аз ҷумла дар асари дастаҷамъии «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (Сталинобод, 1940), рисолаи устод Садриддин Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954), нашрҳои гуногуни китоби дарсӣ барои мактабҳои миёна, мақолаи Муҳаммадҳайдари Жубал «Ёди Бедил» (маҷаллаи «Ирфон», Кобул 1335, № 7), китоби А. Юнусов «Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ - форсии китобхонаи давлатии РС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» (ҷилди 1 Душанбе 1971), рисолаи С. Акрамов «Неъматхони Олӣ ва девони ашъори ӯ» (Душанбе 1981), «Энсиклопедияи Советии Тоҷик» (ҷилди 1 Душанбе 1978), тазкираи «Гулшани адаб» (ҷилди 4, Душанбе 1977), мақолаи Парвин Сино «Китобшиносии Бедил» (Маҷаллаи «Хуросон», Кобул 1364 № 24-25) ва ғайра, дар қатори осори маълуми Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) асаре зери унвони «Ташбеҳот ва тамсилот» ном бурда шудааст. Вале дар нусхаҳои хаттии осори Бедил, нашрҳои гуногуни куллиёти ӯ, аз ҷумла дар мукаммалтарин нашри он, ки дар байни солҳои 1341-1344 шамсӣ дар Кобул ба табъ расидааст, бо ин ном асари шоир дучор намеоем. Аксар аз муҳаққиқони шоир низ аз «Ташбеҳот ва тамсилот» ном асари ӯ ёд накардаанд.

Аввалин муҳаққиқоне, ки «Ташбеҳоту тамсилот» ном асарро ба Мирзо Абдулқодири Бедил нисбат додаанд, шоирон Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Абдусалом Деҳотӣ мебошанд. Ин муаллифон дар мақолае бо номи «Мирзо Абдулқодири Бедил», ки бори аввал дар соли 1940 дар китоби зикршудаи «Намунаҳои адабии тоҷик» чоп шуда буд, дар хусуси мероси адабиёт Бедил сухан ронда, дар қатори ғазалу рубоъиёт, маснавиҳои «Муҳити аъзам», «Тилисми ҳайрат», асарҳои мансури шоир «Чорунсур», «Руқаъот» ва ғайра аз «Ташбеҳот ва тамсилот» низ ёд кардаанд (ниг. Намунаҳои адабиёти тоҷик, Сталинобод 1940 саҳ. 186).

Тавре ки гуфтем, устод Садриддин Айнӣ ҳам дар рисолаи мазкури хеш аз «Ташбеҳоту тамсилот» ном бурдааст. Ӯ доир ба мероси адабии Бедил маълумот дода, дар бораи теъдоди асарҳои шоир чунин навиштааст: «Ин шоири бузурги пурбаракати дарозумр дар муддати дарози ин фаъолияти адабии худ, мувофиқи куллиёти осораш, ки дар дасти мост, асарҳои зеринро ба вуҷуд овардааст: 1. «Дебоча», 2. «Ирфон», 3. «Тури маърифат», 4. «Никот», 5. «Ишорот ва ҳикоёт», 6. «Руқаъот», 7. «Чорунсур», 8. «Муҳити аъзам», 9. «Тилисми ҳайрат», 10. «Ғазалиёт», 11. «Рубоиёт», 12. «Қасоид», 13. «Қитъаот ва қитъаҳои таърихӣ», 14. «Таркибот ва тарҷеъот», 15. «Ташбеҳот ва тамсилот». Ҳар кадоми ин асарҳо дар матбаъа бо рақамҳои алоҳида чоп шудаанд». (С. Айнӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сталинобод 1954, саҳ. 59).

Устод Айнӣ зимни характеристикаи асарҳои алоҳидаи Бедил доир ба «Таркиботу тарҷеъот» ва «Ташбеҳоту тамсилот» чунин навиштааст: «Таркибот ва тарҷеъот» ҳам «Ташбеҳот ва тамсилот»-ро ҳарчанд чопачиҳо алоҳида ном дода бошанд ҳам инҳо монанди рубоиёт, қасоид ва қитъаҳо ҷузъи девон ба шумор меравand, чунон ки ғазалҳо ва рубоиҳо дар тамоми гузариши умр навишта мешавад, инҳо ҳам дар вақтҳои гуногун навишта шудаанд. (Ҳамон ҷо с. 76).

Манбаъи маълумоти ҳам Муҳаммадҷон Раҳимию Абдусалом Деҳотӣ ва ҳам устод Айнӣ, тавре ки худи онҳо ишора кардаанд, нашри Сафдарии Куллиёти Бедил аст. (ниг. куллиёти Мирзо Абдулқодири Бедил. Бо саъйу кӯшиши Нурридин ибни Ҷавохон, Бамбай, Матбаъи Сафдарӣ 1299).

Дар феҳристе, ки бо номи «Феҳристи куллиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» дар охири ин нашр омадааст воқеъан 15 китоби мазкур бо ҳамон тартибе, ки устод Айнӣ овардааст, дарӣ гардидаанд.

Вале таркиби воқеъии куллиёт аз феҳристи он ҳам аз назари теъдоди китобҳо ва ҳам аз назари тартиби ҷойгиршавии онҳо тафовут дорад. Матни умумии кулииёт қисматҳо ё худ китобҳои зеринро дарбар кардааст:

1. «Дебочаи куллиёт», 2. «Ирфон», 3. «Тури маърифат» 4. «Никот» 5. «Ишороту ҳикоёт мутаъалиқ ба Нукот», 6. «Чорунсур», 7. «Руқаъот», 8. «Муҳити аъзам», 9. «Ғазалиёт», 10. «Рубоъиёт», 11. «Тилисми ҳайрат», 12. «Қасоиди фуйузи авоид маъа таърихи нури фавоид». Чунон ки мебинем, мундариҷаи нашри Сафдарии куллиёти Бедил аз дувоздаҳ бахш ё худ аз дувоздаҳ китоб иборат аст, на аз понздаҳ китоб, ки дар феҳристи он сабт гардидааст. Тавре

ки устод Айнӣ навиштааст, ҳар кадоми ин китобҳо бо унвон ва саҳифаҳои алоҳида ба чоп расидаанд. Муҳтавиёти 11 китоб аз унвонҳои онҳо маълуманд. Вале китоби 12 ба ғайр аз қасидаву қитъа навъҳои дигари шеърӣ-ғазал, рубоъӣ, таркиббанду тарҷеъбанд, маснавӣ ва ғайраро дарбар кардааст. Мундариҷаи ин бахш ба қарори зайл аст: таркиббанд (бе унвон), тарҷеъбанд (бе унвон), рубоъиёти қайди воқеъа (бо унвони «Аррубоиёт»), маснавии кӯчаке дар таърифи даҳону дандон иборат аз ҳафт байт (бе унвон), чанд байти алоҳида ва боз чанд рубоъӣ (бе унвон), як ғазал дар мадҳи Шукруллоҳхон-яке аз дӯстони шоир (бе унвон), чандто чистону муъаммо (бе унвон), маснавие иборат аз 210 байт бо номи «Фӣ ҳасби аҳволиҳи муҳозиян биннафиси, минатташбиҳоти ваттамсилоти, валлоҳу аълам» ва ниҳоят маснавии дигаре иборат аз 100 байт дар мавзӯъи таърифи фил.

Тавре ки аз таркиби воқеъии куллиёт бармеояд, «Ташбеҳот ва тамсилот» ном китобе ё худ асаре дар дохили он дида намешавад. Чизе ки муаллифи феҳристи куллиётро ба иштибоҳ андохтааст, сарлавҳаест бо номи «Фӣ ҳасби аҳволиҳи муҳозиян биннафиси, минатташбиҳоти ваттамсилоти, валлоҳу аълам»-яъне дар ҳасби аҳволи муаллиф андар ситез бо нафси худ, дар навъи ташбеҳот ва тамсилот ва боз худо донотар аст.

Чунон ки мебинем, ин ҷо мурод аз таъбири «ташбеҳот ва тамсилот» асари мустақиле ба ин ном нест. Ин таъбир ишора ба характери тамсилӣ доштани асарест, ки зери сарлавҳаи мазкур дарӣ гардидааст. Гузашта аз ин, асаре ки зери ин сарлавҳа омадааст, дар ҳасби аҳволи муаллиф набуда, балки маснавиест дар мазамати кимиё ва кимиёгарон, ки номи аслиаш «Танбеҳулмуҳаввисин» мебошад. Оғози ин маснавӣ чунин аст:

Эй муҳаввис, дар ҳавои кимиё
Метапад набзи ту чун зайбақ чаро?
Баҳри таҳсили маъош, эй бадгуҳар,
Касб бисёр аст, агар бандӣ камар.
Ин чӣ савдо дар сарат афтодааст?
Аз куҷо ин накбатат рӯ додаст?
Рафт чун симоб ором аз дилат,
Ганда чун кибрит шуд обу гилат.
Пир гаштӣ, лек бар ҳарфи муҳол
Меравӣ аз ҷо чу тифли хурдсол.
Медавию мехӯрад поят ба санг,
Як нафас сокин шав, эй беорунанг.
З-ин тахайюлҳои ботил сар битоб,
Пуч мебофад саропои ҳубоб.

Муаллифи сарлавҳаи мазкур, зоҳиран, аз мавзӯъи аслии ин асар огаҳ набудааст, ки дар охири он сарлавҳа «валлоҳу аълам»-боз худо донотар аст, навиштааст. Агарчи ин асар дар нашри кобулии куллиёти Бедил бо номи «Кимиё» омадааст, вале унвони аслии он, чунон ки гуфтем, «Танбеҳулмуҳаввисин» аст. Дар нусхаҳои хаттии осори Бедил ва тазкираҳо низ маснавӣ бо ҳамин ном зикр гардидааст. Чунончи, дар қадимтарин нусхаи хаттии куллиёти Бедил, ки дар байни солҳои 1134-1136 (1721-1724) китобат шудаасту дар китобхонаи омавии Худобахши шаҳри Патна маҳфуз аст, маснавӣ бо номи «Танбеҳулмуҳаввисин» дарӣ гардидааст (ниг. Мавлавӣ Абдулмуқтадир, Феҳристи нусхаҳои хаттии арабӣ ва форсии Китобхонаи шарқии оммавии Бонкипур, ҷилди 3, Калкутта, 1912, саҳ. 197).

Муъосир ва шогирди Бедил Биндробандоси Хушгӯ (вафоташ 1170/1756-1757) низ онро бо ҳамин ном зикр кардааст. Ӯ зимни ёдоварӣ аз асарҳои гуногуни шоир дар хусуси ин маснавӣ навиштааст: «Ва дигар маснавиии «Танбеҳулмуҳаввисин» дар мазмамати кимиё, ки ҳаргиз муътақиди он набудаанд. » (ниг. Сафинаи Хушгӯ. Патна 1959. саҳ. 125).

Ва ниҳоят, дар чанде аз таълифоти илмӣ, аз ҷумла дар асарҳои Забеҳуллоҳ Сафо «Ганҷи сухан» (ҷилди саввум, Теҳрон 1340, саҳ. 122) ва «Таърихи адабиёт дар Эрон» (ҷилди5, бахши 2, Теҳрон 1368, саҳ. 1378), рисолаҳои Кошӣ Нотҳ Пандит «Аҳволу афкор ва сабаки ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил (Рисолаи дуктурой, Теҳрон, 1961, чопи мошинка, саҳ. 88), Абдулғанӣ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1352, саҳ. 88) ва

«Луғатномаи Деҳхудо (шумораи мусалсали 125, ҳарфи «Б», бахши дуввум, Теҳрон 1345, саҳ. 487) ин маснавӣ бо унвони мазкур ёд шудааст.

Хулоса, Бедил «Ташбеҳот ва тамсилот» ном асаре таълиф накардааст. Ба ӯ нисбат додани ин исми бемусаммо иштибоҳест, ки аз ҷониби муаллифи феҳристи нашри Сафдарии куллиёти шоир сар зада, дар дигар таълифот такрор шудааст.

## «ЧОРУНСУР»-И БЕДИЛ

«Чорунсур» бузургтарин асари мансури Мирзо Аҳдулқодири Бедил (1644-1720) буда, дар баробари фаро гирифтани масъалаҳои гуногуни фалсафию ахлоқӣ ва адабию эстетикӣ маъхази муҳими таърихию этнографӣ низ ба шумор меравад. Ин асар дар кори тадқиқ ва омӯзиши аҳвол ва осори худи шоир низ аз манбаъҳои асосӣ маҳсуб мешавад.

Шоир ва донишманди асри XVIII Сироҷиддин Алихони Орзӯ (1688-1757) дар тазкираи «Маҷмаъун нафоис» доир ба Бедил сухан ронда, навиштааст, ки «аксар ҳолоташ аз китоби «Чорунсур», ки аз таълифоти ӯст ва насраш дар камоли диққат ва покизагист, возеҳ ва лоеҳ мегардад».

Яке аз аввалин муҳаққиқони Бедил шоири маъруф Халилуллоҳи Халилӣ дар хусуси аҳамияти «Чорунсур» дар тадқиқи ҳаёту эҷодиёти шоир чунин фармудааст: «Беҳтарин шарҳе, ки метавон аз он ба аҳволу афкори Бедил пай бурд, он аст, ки худи ӯ дар рисолаи нафиси худ «Чорунсур» нигошта… «Чорунсур», дар ҳақиқат, калиди маърифати ҳама осору афкори Бедил ва ҳамчунин маҷмӯъаи восиқе аз шарҳи зиндагонии Бедил мебошад. » (Устод Халилӣ, Файзи қудс, Кобул, 1334, с. 1, 62).

Қобили қайд аст, ки «Чорунсур» асосан масоили мухталифи ҳаётиву дунявиро дарбар кардааст ва бино бар таъкиди худи муаллиф, сабаби «Чорунсур» унвон гирифтанаш ҳам дар ҳамин будааст. Ӯ дар ин бора навиштааст: «Чун маншаъи таҳрири ин маротибхомаи унсурӣ тартиби нашъаи имконист ва гардаи тасвири ин ҳақоиқсафҳаи мову ман таркиби нусхаи ҷисмонӣ, хиради маънисанад сарриштаи сутур ба рақимаи мактаби бедилӣ расонид ва қалами таҳқиқрақам ба мавсумии «Чорунсур»-аш мумтоз гардонид» (Куллиёти Бедил, Лакҳнав, 1287, с. 297-98).

Тавре ки аз ишораҳои худи Бедил бармеояд, «Чорунсур» дар муддати нисбатан тӯлонӣ ба дунё омадааст. Бедил дар оғози унсури аввал ба воқеъаи тарки мактаб намудану бо роҳи худомӯзӣ ба таҳсили илмҳои гуногун пардохтани худ ишора карда, илова намудааст, ки аз он ҳангом то ба имрӯз, ки «нафасшумории умр муқорини соли чиҳилу якум аст», ин худомӯзӣ ва такупӯй дар роҳи маърифати олами имкон идома дорад.

Айёми 41 солагии Бедил ба соли 1095 ҳиҷрӣ рост меояд. Пас замони шурӯъ ба таълифи асар соли 1095 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1685 милодӣ мебошад.

Таърихи анҷоми асар, бино бар қитъаи таърихе, ки дар охири «Чорунсур» дарӣ аст, 1116 ҳиҷрӣ мутобиқ ба солҳои 1704-1705 милодист. Қитъаи таърихи таълиф ин аст:

Биҳамдиллоҳ, зи хатми «Чорунсур»
Фараҳ пеш омаду ғам бар қафо рафт.
Ба сайроҳангии қонуни асрор
Зи сози ҷаҳл сомони наво рафт.
Баҳоре дастабанди рангу бӯ шуд,
Ки андӯҳи хазон аз боғи мо рафт.
Даме к-андешаи таҳқиқпардоз
Ба фикри соли ин таҳрирҳо рафт,
Ду таърих аз ҳисоб овард берун,
Ки дахли шубҳа хун гашту хато рафт.
Нахуст афсуне аз эъҷоз пардохт,
Ки аз афроди ҳар «унсур» «фано» рафт.
Дуввум дар ийтимоъи чор «унсур»
«Нуҳусат» буд, чун занг аз сафо рафт.

Дар ин ҷо калимаҳои «унсур», «фано» ва «нуҳусат» моддаҳои таъриханд, ки бо ададҳои 410 (унсур), 134 (фано) ва 524 (нуҳусат) баробар мебошанд. Дар таърихи аввал агар аз калимаи «унсур» «фано» гирифта шавад, 279 боқӣ мемонад. Ин адад агар ба чор зарб зада шавад, 1116 ҳосил мешавад, ки соли анҷоми асар аст. Дар таърихи дуввум аз ҷамъи чор «унсур», ки 1640 аст, калимаи «нуҳусат» (524) кам карда шавад, боз ҳамон адад – 1116 боқӣ мемонад.

Аз ин ду ишораи шоир маълум мешавад, ки муддати таълифи асар беш аз 20 сол давом кардааст.

«Чорунсур» аз муқаддимаву хотима ва чаҳор бахш (чаҳор унсур) иборат буда, ҳар бахш ба мавзӯъи ҷудогона бахшида шудааст. Унвонҳои бахшҳои асар ба қарори зайланд:

Унсури аввал: Абҷади иштиъоли шӯълаи мақол ва гармиҳои сӯҳбати арбоби фазлу камол.

Унсури дуввум: Равоиҳи шукуфтагии баҳори олами манзум ва насоими файзғаноими фавоиди маълум.

Унсури саввум: Таровати шабистони маротиби мансур ва обёрии нахлистони кайфиёти шуъур.

Унсури чорум: Ғуборфишонии бисоти сувари аҷоиб ва зангзудоии оинаи нуқуши ғароиб.

Дар муқаддима пас аз қисматҳои анъанавии ҳамду наът дар бораи мақсади таҳрири асар ва мавзӯъҳои дарбаркардаи он сухан рафтааст. Муаллиф дар ин бора навиштааст: «Тахфифи иборатороиҳо шаммае мутобиқи рангу бӯи гулшани зуҳур аз гулу хори маротиби тайкарда адо менамояд ва пардаворе аз чеҳраи нуқсу камоли пайбурдаи худ мекушояд. То мӯҳтаҷиб намонад, ки ин нашъаи бехумори хумистони адам аз соғари эътибори ҳастӣ чӣ кашид ва ин нағмаи бенавои тарабгоҳи ваҳдат аз сози имтиёзи касрат чиҳо шунид».

Муаллиф дар баробари гӯшрас намудани мавзӯъҳои асосии асар ба масъалаи душвории сабку услуби он низ ишора кардааст. Ӯ навиштааст:

Пониш дар ин муҳит зи худ рахт бастан аст,
Бар рӯи чормавӣ мураббаъ нишастан аст.
Фаҳме ба «Чорунсур»-и Бедил гумоштан
Аз домгоҳи шаш ҷиҳати ваҳм растан аст.

Унсури аввал баъзе лаҳзаҳои ҳаёти худи муаллиф, ёддоштҳои ӯ дар бораи як зумра олимону фозилони давр, сӯҳбатҳояш бо онҳо ва дигар ҳодисоту воқеъоти марбут ба давраҳои аввали зиндагии шоирро дарбар кардааст. Ба таъбири худи шоир гӯем, мақсади таҳрири унсури аввал «тавзеҳи ибороти сафҳаи иттифоқ» ва муддаъои тартиби он «тасреҳи таъмиёти ҳақиқати вифоқ» будааст.

Муаллиф ба характери шарҳиҳолӣ доштани ин бахши асар ишора намуда, навиштааст:

Аҳволи дигарон зи чӣ бар худ фузудаӣ?
Бедил, зи худ бигӯ, ки ту ҳам кам набудаӣ.
Гар решае зи тухми ту ояд ба рӯи кор,
Банди ниқоби хирмани имкон кушудаӣ.
Барги гулат ҳазор чаман арзи рангу бӯст,
Оинаи худиву ҷаҳоне намудаӣ.
Мижгони туст басту кушоди тилисми даҳр,
Эй чашми огаҳӣ, зи чӣ ғафлат ғунудаӣ?
Олам тамом арзи паёми худ асту бас,
Эй шавқ, нолае ки чӣ аз худ шунудаӣ.

Бедил дар ин ҷо аз валодати хеш, даврони кӯдакӣ, воқеъаи вафоти падар, айёми мактабхонӣ, ҳодисаи тарки таҳсил намудани худ нақл намуда, алоқамандона ба ин мавзӯъҳо роҷеъ ба устодони аввалини хеш – шайх Камол, Шоҳмулук, Шоҳяккаи Озод, Шоҳфозил, Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ, амак ва тағоияш Мирзо Қаландару Мирзо Зариф таваққуф намуда, дар бораи ҳар кадомашон маълумотҳои муҳимеро дарӣ намудааст ва таърихҳои вафоти баъзеи онҳоро ба қалам низ овардааст.

Ишораҳои Бедил доир ба муъосирони дигараш Сайид Маҳмуд Хонидаврон ном набераи Мавлоно Яъқуби Чархӣ, ҳаким Тоҳири Гелонӣ ном табиби машҳур, Мирзо Абдусалом ном донишманд ва Рӯзибеки Туронӣ ном тоҷир низ ҷолиби диққат буда, дар кори тадқиқи ҳаёти маданиву фарҳангии асри шоир аҳамияти зиёде доранд. Аз навиштаҳои Бедил маълум мегардад, ки аксари шахсони мазкур – чи устодони шоир ва чи муъосирони дигараш-аз ҷумлаи олимону адибони замони худ ба шумор мерафтаанд ва Бедили ҷавон бисёр масоили

тасаввуф ва шеъру шоириро аз онҳо омӯхтааст. Чунончи, шоир ёдовар шудааст, ки Шоҳмулук ном устодаш вайро ҳамеша ба эҷод кардани шеър тарғиб менамуд ва дар ин роҳ маслиҳатҳои судбахш низ медод. Ӯ боре дар сӯҳбате ба Бедил таъкид намудааст, ки «эй ҳавасинтизори румузи ҳақоиқ, аз дабистони эътибори вуҷуд ба ҳарфу савти пароканда қонеъ мабош, то мумкин аст, ба машқи мавзунӣ хомаи ҷаҳде бартарош, ки ҳайъати инсонӣ дар камоли мавзунӣ мусаввар аст ва ҳайкали башарӣ ба сифати санҷидагии тамом ҷилвагар».

Бедил дар ҷои дигари унсури якум аз устоди дигари худ Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ ёд карда, ба муддати се сол бо ӯ ҳамдаму ҳамнишин будан ва аз файзи сӯҳбатҳои вай баҳравар гардиданашро бо мамнуният қайд намудааст. Ба қавли худи Бедил, сӯҳбату гуфтаҳои Шоҳқосим назари ӯро ба ҳақиқати зиндагӣ ва моҳияти ҳастӣ тағйир дод, ба туфайли ошноӣ бо Шоҳқосим шоир ҷаҳони наверо кашф намуд, қадам дар олами дигаре ниҳод.

Бедил аз рӯзгори устодон ва саҳми онҳо дар тарбия ва таълими худ сухан карда, дар бораи амакаш Мирзо Қаландар бештар аз ҳама таваққуф намудааст. Зеро аз замони кӯдакӣ то ба айёми 16 солагии Бедил мураббӣ ва устоди асосии ӯ ҳамин шахс будааст. Тавре ки устод Халилӣ навиштааст, «Чорунсур» ягона маъхазест, ки зикри ашхоси мазкур ва боз чанд тан аз муъосирони дигари Бедилро дарбар кардааст. Аз ин рӯ, аҳамияти он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ низ ниҳоят бузург аст.

Унсури дуввум чанде аз маҷлису маҳфилҳои аҳли илму адаб, иштироки муаллиф дар ин маҳофил, таъриху шароити эҷод шудани намунаҳои аввалини ашъори шоир, ошноӣ ва сӯҳбатҳои вай бо Шоҳкобулии маҷзуб, ҳодисаи хонадоршавӣ ва ба маслаки обо – сипоҳигарӣ пайвастани ӯро фаро гирифтааст. Шоир мақсаду мароми худро аз таҳрири ин унсур чунин баён намудааст: «Сарири улфатсафири хомаи Бедил дар таҳрири ин унсур инони рангҳои рафта бармегардонад ва навоҳои аз хотир рамидаро боз ба маҳфили баён мехонад. Ҳарчанд пар заданҳои нафас умрест дар гарди китоби маъонӣ афшондан аст ва таҳрики забон ба тозагиҳои мазомин машғули варақ гардондан, аммо аз кайфиёти нусхаи баъзе сӯҳбат, ки тӯҳматқобили фаромӯшӣ мебод, интихоби ёде мезанад ва аз сархушиҳои нашъаи баъзе истифода, ки махмурии нисён мабинод, паймонаи арзе ба гардиш меорад. Иъодаи тозагиҳо ба ин оҳанг муфти қонуни гуфтугӯст ва тамҳиди парфишониҳо ба ин андоз ғанимати парвози орзу»

Аввалин лаҳзае, ки Бедил дар ин унсур аз он ёд кардааст, воқеъаи нахустин бор шеър гуфтани ӯст. Тибқи ин ёддошт, шоир якумин шеъри худро дар синни даҳсолагӣ, ҳангоми таҳсил дар мактаб, эҷод кардааст. Бино бар гуфтаи ӯ, яке аз шарикдарсони вай одате доштааст, ки аксаран дар зери забонаш як миқдор қаранфулмарҷон мегузоштааст ва дар вақти гап задан аз даҳони ӯ бӯи хуше ба димоғ мерасидааст. Ҳамин амали шарикдарсаш мӯҷиби ба дунё омадани аввалин шеъри ӯ гардидааст. Он шеъри аввалин ин аст:

Ёрам ҳар гоҳ дар сухан меояд,
Бӯйи аҷибеш аз даҳан меояд.
Ин бӯйи қаранфул аст ё накҳати гул?
Ё роиҳаи мушки Хутан меояд?

Бедил дар унсури дуввум аз воқеъаҳои хонадоршавӣ ва ба суннати гузаштагонаш – сипоҳигарӣ машғул шудани худро ба хотир оварда, сабаби маҳз ба ин пеша рӯй оварданашро низ зикр намудааст. Ӯ навиштааст, ки «дар он ҳолат (ҳолати баъди хонадоршавӣ – Б. Р) касбе, ки аҳли маош ба илтизоми он ногузиранд, муносиби ҳоли таҳайюрмаоли худ намедид, ночор мутатаббеъи суннати обо гардид ва ба тариқаи сипоҳ гаравид».

Бедил илова бар он, ки дар ин ҷо низ аз ҳаёти устодони худ Шоҳфозил ва Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ лаҳзаҳои ҷолиберо нақл менамояд, роҷеъ ба дигар адибону фозилони аср – шоҳ Абулфайзи Маъонӣ, Муллодарвеш Волаи Ҳиравӣ, шоҳ Неъматуллоҳи Фирӯзпурӣ ва маҷзуби мазкур Шоҳкобулӣ маълумотҳои муҳимеро дарӣ намудааст. Масалан, дар маҳфиле иштирок кардани шоири намоён Муллодарвеш Волаи Ҳиравиро қайд карда, ӯро ба таъбири «маъниорои тарзи навӣ» ном бурдааст ва илова кардааст, ки «тамкини ибороти матинаш бар раги хоро хати насх кашидӣ ва назокати мазомини рангинаш бар латоифи бӯи гул афсуни табассум дамидӣ».

Чунон ки ишора кардем, Бедил дар унсури дуввум чанд намуна аз шеърҳои аввалини худро низ дарӣ намудааст. Яке аз он шеърҳо, ки дар синни даҳсолагии шоир эҷод шудааст, дар боло оварда шуд. Намунаи дигари шеърҳои нахустин рубоъии зерин аст, ки дар сини 15-16 солагии шоир гуфта шудааст:

Эй дил, зи ғаму нишоти даврон бигузар,
Аз бешу ками мушкилу осон бигузар.
Дар гулшани даҳр чун насими дами субҳ
Озода дарою доманафшон бигузар.

Дар ин унсур дар қатори шеърҳои аввалини шоир бо нахустин рисолаи насрии ӯ низ дучор омадан мумкин аст. Ин рисола низ дар синни 15-16 солагии муаллиф дар ҳалқаи сӯҳбати яке аз устодони шоир-шоҳ Абдулфайзи Маъонӣ иншо шудааст. Мавзӯи рисола аз таърифи олами мисол, яъне дунёи хобу хаёл, иборат аст ва дар он назари шоир ба ҳолатҳои хобу бедорӣ ва сабабҳои ба амал омадани онҳо ифода ёфтааст. Ба ақидаи Бедил, хоб натиҷаи дар олами боло сайр кардани рӯҳ асту бедорӣ нишонаи мутавайиеҳи дунёи моддӣ гардидани вай. Ӯ навиштааст: «Нафси нотиқа (яъне рӯҳ – Б. Р), ки сарриштаи ишорати маъниаш ба олами лоҳут банд асту решаи гул кардани ибораташ ба обу гили носут пайванд, ҳарчанд тамошои гулшани асмову сифоташ ба чандин ранги ваҳму занн машғул медорад, мумкин нест, ки ҳузури улфатободи берангӣ ба куллӣ аз даст бигзорад. Ғунчаи ҷамъияти асрораш аз риёзи тақаддус дари ҳайрате кушудааст ва ба хаёли рангу бӯи касрат оғӯши нигоҳе вонамуда. Муқаддимаи хобаш фароҳам овардани он дар аст бар рӯи идроку имтиёз ва ниқоби тағофул афкандан бар ҷамоли шуъури ҳақиқату маҷоз.

Чист бедорӣ? Зи боғи ваҳму занн гул чидане,
Хоб, яъне аз ғубори худ нигаҳ duздидане.

Замоне, ки ин шоҳиди сародиқи танзеҳ (яъне рӯҳ – Б. Р) аз тамошои анҷумани зуҳур майли хилвати ҳуввият дорад, нахустин қадам ба пешгоҳи олами мисол мегузорад ва ин олам исми мартабаест, ки дар он мартаба инқитоъи гулбун аз шуҳуди кайфияти сувар сурат набастааст ва ба инфисоли мутлақ аз таъаллуқоти таваҷҷуҳоти хайру шар напайваста. Ҳар гоҳ бисоти ин пояи таваҳҳум дарнавардад, ба хобгоҳи пардаи ҷалол, ки ҷаҳони бетамизиии мутлақ аст, мавсул гардад».

Рисолаи мазкур наздик ба чоряк ҷузъи чопӣ буда, ба асари мустақил будани он худи Бедил сареҳан ишора кардааст. Аммо ҷои таайҷуб аст, ки аз муҳаққиқони шоир то кунун касе аз мавҷудияти он зикре ба миён наовардааст.

Унсури саввум илова бар муҳокамаҳои фалсафию ахлоқӣ ва адабию эстетикӣ якчанд рисолаи мустақили мансурро фаро гирифтааст. Ин рисолаҳо иборатанд аз «Дабистони сунъ», «Нағмаи ваҳдат», «Исория», «Баҳористони ҷунун», «Ҳуҷуми ҳайрат», «Сурмаи эътибор» ва «Фавоиди хамӯшӣ». Бедил пеш аз сабти рисолаҳои мазкур дар хусуси назму наср ва тафовути байни онҳо сухан карда, аз ҷиҳати вазифа ва моҳият ҳардуро як чиз шуморида, навиштааст, ки «назмҳои матин насри муҷмаланд ва насрҳои рангин назми муфассал».

Гӯшрас намудан лозим аст, ки аксар аз рисолаҳои мазкур пеш аз таълифи умумии «Чорунсур», яъне пеш аз соли 1095(1684) эҷод шудаанд. Аз ҷумла «Баҳористони ҷунун», ки тавсифи баҳорро дарбар кардааст, вақте иншо шудааст, ки Бедил ба таълифи маснавии «Муҳити аъзам» машғул будааст. Ӯ дар муқаддимаи ин рисола навиштааст: «Фасле ки баҳорияи «Муҳити аъзам» ба назми тартиб расид, ва ниҳолистони фавоидаш ба нашвунамои таҳрир сар кашид, баъзе дӯстон муҳаррики силсилаи шавқ гардиданд, ки аз ин олам насре агар ба рақам тавонад омад, нӯги хома бояд афшонд ва ба резиши ин ҷуръаи бепарво насиме ба ошуфтадимоғон низ метавон расонд. Ба таклифи аъизза ночор ранги савдое аз килки хаёл берун рехт ва ба оҳанги «Баҳористони ҷунун» шӯри таҳрир барангехт».

Шоир ҷое, ки дар ситоиши футувват ва накӯҳиши хиссат мулоҳаза меронад, рисолаи «Исория»-ро ба ҳайси тамсил дарӣ менамояд. Ӯ менависад: «Вақте дар сифати исор фоидае чанд аз килки хаёл ҷӯшида буд ва ба шӯҳрати «Исория» марқуми сафҳаи эътибор гардида. Дар ин мавқеъ тарҳи ситоиши арбоби карам меандозад ва ба танбеҳи авзоъи аҳли хиссат мепардозад».

Рисолаи «Сурмаи эътибор» замони иқомати Бедил дар Акбаробод, яъне дар байни солҳои 1081-1083 ҳиҷрӣ (1670-1673 милодӣ) бо хоҳиши Мирзо Комгар ном амир ба силки таҳрир даромадааст.

Шароит ва сабабҳои таълифи рисолаҳои «Нағмаи ваҳдат», «Дабистони сунъ», «Ҳуҷуми ҳайрат» ва «Фавоиди хамӯшӣ» низ дар мавқеъҳои худ баён гардидаанд.

Шоир дар унсури чорум пас аз изҳори назар дар хусуси навъҳои гуногуни рӯҳ – рӯҳи мутлақ, рӯҳи табиъӣ, рӯҳи наботӣ, рӯҳи ҳайвонӣ ва рӯҳи инсонӣ – ба зикри воқеъоти таърихӣ ва саргузашту сафарҳои хеш пардохтааст. Ӯ зимни ёдоварӣ аз воқеъаҳои аҷиб ва нақшҳои ғариб, ки дар давраҳои гуногуни ҳаёташ мушоҳада кардааст, дар хусуси баъзе воқеъаҳои сиёсӣ ва таърихии асри хеш низ маълумотҳои муфидро дар ихтиёри мо гузоштааст. Чунончи, ахбороти ӯ дар бораи бемории подшоҳи вақти Ҳиндустон Шоҳиҷаҳон (1627-1658), лашкаркашии писари бузурги ӯ Шоҳшуҷоъ (ваф. 1662) бар муқобили падар, ҷанги байни Шоҳшуҷоъ ва бародараш Аврангзеб, дар ин ҷанг ғолиб омадану бар тахти шоҳӣ нишастани Аврангзеб ҷолиби диққат мебошанд.

Ишораҳо ба забти Дакан аз тарафи Аврангзеб ва инъикоси ошӯбҳои халқӣ дар Матҳро низ аз ҷумлаи маводи муҳими таърихии асар ба шумор меравaнд.

Аз маълумотҳое, ки марбут ба ҳаёти худи Бедиланд, ёддошти ӯ роҷеъ ба Атуп Чатри рассом, ки сурати шоирро кашида буд, тафсили сафарҳояш аз Патна ба Меҳассӣ, аз Деҳлӣ ба Панҷоб ва аз Матҳро ба Деҳлиро метавон ном бурд.

Хотирнишон намудан лозим аст, ки «Чорунсур» бо насри мусаҷҷаъ навишта шуда, бо порчаҳои зиёди шеърӣ – маснавӣ, рубоъӣ, ғазал, қитъа ва фардҳо – зиннат ёфтааст. Аксари шеърҳо ба қалами худи Бедил тааллуқ доранд. Баъзеи онҳо дар ҷараёни таълифи асар эҷод шуда бошанд, баъзеи дигар аз асарҳои дигари шоир гирифта шудаанд. Чунончи, порчаи шеърие ки бо матлаъи

Садоест печида дар коинот,
Ки пур карда аз шавқ зарфи ҷиҳат,

дар унсури саввум омадааст, аз боби ҳафтуми маснавии «Муҳити аъзам» иқтибос шудааст.

Порчаи зерин низ аз маснавии мазкури шоир аст:

Чӣ лофӣ ба ҳарфи касон хомавор?
Сарире зи таҳқиқи худ ҳам барор.
Бурун тоз аз зулмати ваҳми хеш,
Бикун сайр дар кӯчаи фаҳми хеш.
Марав ҳамчу гӯш аз пайи ҳарфи кас,
Ба дил соъате ғӯта зан чун нафас,
Ки шамъе зи таҳқиқ равшан кунӣ,
Гули маъние зеби доман кунӣ.
Чӣ таҳқиқ? Нури басити қидам,
Ки ҷӯшад зи дил бе ғубори зулам.

Дар асар ба миқдори нисбатан ками осори шоирони дигар, чун Мавлавии Рум, Шамсидини Мағрибӣ (1349-1409) ва ғайра, низ дучор омадан мумкин аст. Масалан, се байти зерин, ки дар унсури аввал мавҷуданд, аз «Маснавии маънавӣ» гирифта шудаанд:

Ин туи зоҳир, ки пиндорӣ туӣ,
Ҳаст андар туи ту аз бетуӣ.
Ин ту ҳаст аммо на ин ту, ки тан аст,
Он туе, к-он бартар аз мову ман аст.
Туи ту дар дигаре омад дафин,
Ман ғуломи марди худбинам чунин.

Рубоъие, ки инак иқтибос мешавад, ба қалами яке аз устодони Бедил – Шоҳқосими

Ҳуваллоҳӣ таъаллуқ дорад:

Дар кӯи дилором гузар бояд кард,
Феъли бади хешро бадар бояд кард.
Оинаи хеш босафо бояд дошт,
Дар вай рухи ёрро назар бояд кард.

Дар унсури якуми асар як байт аз амаки шоир – Мирзо Қаландар низ дида мешавад, ки ин аст:

Маҳрумии дидори ту хун дар ҷигар андохт,
Чашмам чӣ кунад, чашми туаш аз назар андохт.

Дар асар чанд шеъри «бегонаи» дигар низ мавҷуд аст, ки Бедил аз муаллифони онҳо ном набурдааст. Рубоъии зайл аз ҳамон ҷумла аст:

Дидем ниҳони гетиву асли ҷаҳон,
В-аз иллату осор гузаштем осон.
Он нури сияҳ зи нуқтае бартар дон,
З-он низ гузаштем, на ин монду на он.

Дар ин ҷо ба маврид аст бигӯем, ки дар нашри кобулии куллиёти Бедил (ҷилди дуввум, саҳ. 180, 336) рубоъии мазкур (Дидем ниҳони гетиву асли ҷаҳон) ва рубоъиии пештар иқтибосшудаи устоди Бедил Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ (Дар кӯи дилором гузар бояд кард) саҳван аз ҷумлаи ашъори Бедил пиндошта шудаанд. Дар ҳоле ки моли дигарон будани онҳоро худи Бедил сареҳан зикр кардааст.

# НИКОТИ БЕДИЛ

Абдулмаъонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) аз ҷумлаи сермаҳсултарин шоирон дар адабиёти форсизабони ҷаҳон аст. Танҳо бахши манзуми мероси адабии ӯ наздик ба 80 ҳазор байт мебошад. Номгӯи асарҳои асосии шоир ба қарори зайл аст: девони ғазалу мухаммас, таркиббанду тарҷеъбанд, қасида ва қитъаву мустазод ва чанд маснавии кӯчак; девони алоҳидаи рубоъиёт, маснавиҳои «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифат» ва «Ирфон», асрҳои насрии «Чорунсур», «Никот» ва «Руқаъот».

Яке аз асарҳои маълум ва машҳури шоир «Никот» аст, ки бо насри мусаҷҷаъи омехта бо назм навишта шудааст.

Пеш аз он ки дар хусуси ин асар баъзе мулоҳазаҳоро иброз намоем, дар бораи номаш низ чанд сухан гуфтанро лозим медонем. Дар адабиёти илмӣ бо ду шакли навишти номи асар дучор омадан мумкин аст: бо шаклҳои «Никот» ва «Нукот». Кадоме аз ин шаклҳо саҳеҳ аст? «Никот» ё «Нукот»?

Чунон ки маълум аст, калимаи никот ё нукот шакли ҷамъи калимаи нукта аст. Нукта ба маънои сухани тоза, нукта ба маънои сухани нотакрор, нукта ба маънои асари бадеӣ.

Дар луғатҳои арабӣ – русӣ, форсӣ-русӣ ва урду-русӣ омадааст, ки шаклҳои ҷамъи калимаи нукта никот ва нукат аст. Дар ин китобҳо калимаи нукот ҳамчун шакли ҷамъи калимаи нукта умуман зикр наёфтааст.

Муаллифи «Ғиёсуллуғот» Муҳаммад Ғиёсуддин навиштааст, ки шакли ҷамъи калимаи нукта никот аст, на нукот. Нукот – идома додаст ӯ, маҳзи ғалат аст, чаро ки вазни фуъол аз авзони ҷамъ нест.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ»-и устод Айнӣ низ таъкид шудааст, ки асли калимаи нукот никот аст.

Ви ниҳоят, дуктур Муъин низ дар «Фарҳанги форсӣ»-и хеш ин калимаро дар шакли «никот» овардааст ва илова кардааст, ки ағлаб дар тадовул (гуфтугӯ) ба замми нун хонда мешавад, вале дар асл ба касри он аст.

Дар асоси ин далелҳо номи асари Бедил низ бояд «Никот» навишта шавад, на «Нукот».

Аввалин сухане, ки дар шинохти «Никот» гуфтан лозим аст, ин аст, ки ин асар ва асари дигари шоир «Ишороту ҳикоёт» дар асл як асар мебошанд. Дар нусхаҳои хаттии осори Бедил ҳардуи ин асарҳо ҳамчун як асар дар якҷоягӣ омадаанд. Дар нусхаҳои хаттӣ онҳо идома ва ҷузъҳои алоҳидаи якдигар набуда, балки бо ҳам омехта дарӣ гардидаанд. Яъне баъд аз ҳар як нукта як ё дутогӣ ишорату ҳикоят илова шудааст. Азбаски ин ишорату ҳикоятҳо бо нуктаҳои аслӣ, яъне порчаҳои насрии «Никот», алоқаи маъноӣ надоранд, наширони баъзе нашрҳои куллиёти Бедил, масалан, нашри Сафдарӣ (Бамбай 1299), онҳоро аз матни «Никот» ҷудо карда, ҳамчун асари ҷудогона дар алоҳидагӣ чоп кардаанд. Вале дар ин гуна нашрҳои куллиёт низ иртиботи «Ишороту ҳикоёт» бо «Никот» бетаъкид намондааст. «Ишороту ҳикоёт» дар ин гӯрӯҳи нашрҳо бо номи «Ишороту ҳикоёт мутаъаллиқ ба Никот» ба табъ расидааст.

Ва ниҳоят, чанд тан аз муҳаққиқони Бедил, аз ҷумла Ёсинхони Ниёзӣ ва Қорӣ Абдуллоҳ низ «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт»-ро як асар донистаанд. (ниг. Сӣ мақола дар бораи Бедил, Кобул, 1365, саҳ. 37. 101).

«Никот» маҷмӯъаест иборат аз порчаҳои мазмунан мустақили мансур ва манзум, ки дар мавзӯъҳои гуногун (фалсафа, ахлоқ, ирфон, масоили эҷоди бадеӣ ва ғайра) таълиф шудаанд. Ҳамаи нуктаҳо аз ҷиҳати сохту таркиб бо ҳам монанд буда, аз якпорагӣ насри мусаҷҷаъ, яктогӣ рубоъӣ ё қитъа, яктогӣ ғазал ё мухаммас ва як – дутогӣ шеъри маснавишакл иборатанд. Чунон ки гуфтем, шеърҳои маснавишакл бо номҳои «Ишорат» ва «Ҳикоят» дарӣ гардидаанд.

Иддае аз муҳаққиқон, аз ҷумла Ёсинхони Ниёзӣ дар мақолае бо номи «Мирзо Абдулқодири Бедил» (маҷалаи «Оинаи ирфон», Кобул, 1312 № 4-5), Аҳмади Оташ дар нашри туркии «Энсиклопедияи ислом» (ҷилди 2, Истамбул, 1944), Абдулғанӣ дар китоби «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351), Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи «Мунтахабуззамон Абдулмаъонии Бедил» (маҷаллаи «Жувандун», Кобул, 1342 № 15), Асадуллоҳ Ҳабиб дар мақолаи «Доир ба аслияти асарҳои Бедил «Никот» ва «Ишороту

ҳикоёт» (маҷаллаи «Народы Азии и Африки» М., 1973, № 4) навиштаанд, ки «Никот» асари мустақил набуда, балки интихоб аз «Чорунсур», девон ва маснавиҳои худи шоир аст. Чунончи, донишманди лоҳурӣ Ёсинхони Ниёзӣ дар ин бора навиштааст: «Никот» китоби мустақиле нест, балки маҷмуъаест, ки Мирзо аз назму насри худ онро ҷамъ ва интихоб намуда, «Никот» ном карда. Бештар қисмати назму насри «Никот» аз «Чорунсур», девон, «Муҳити аъзам», «Тури маърифат» ва ғайра мебошад».

Шоир ва донишманди Афғонистон Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи мазкури хеш роҷеъ ба «Никот» чунин гуфтааст: «Никот» маҷмуъаест мухтасар, шахси Бедил аз қисмати назму насри осори худ рӯҳи матлабро интихоб намуда ва «Ишороту ҳикоёт» ҷузъест аз маснавиёт, худ хулосаи матлабро интихоб карда. Агар касе ба сайри куллияи осори Бедил муваффақ нашавад, метавонад аз мутолаъаи «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт»-и ӯ баҳрае аз афкори Бедил бибардорад».

Холмуҳаммади Хаста дар варианти тасҳеҳшуда ва такмилёфтаи рисолааш фикри худро дар хусуси муратгиби «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт» тағйир дода, гуфтааст, ки ин асарҳоро дӯст ва ҳомии Бедил Шукруллоҳхони Хоксор (ваф. 1696) аз осори ӯ интихоб намуда, тартиб додааст (ниг. Хаста, Мунтахабуззамон Абдулмаъонии Бедил. Нусхаи қаламӣ маҳфуз дар идораи маҷаллаи «Китоб» дар Кобул).

Устод Айнӣ низ дар рисолаи маъруфи худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954) «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро ду асари алоҳидаи мустақил ҳисобидааст. Ӯ дар хусуси «Никот» навиштааст: «Ин асар асосан наср буда, бо порчаҳои бисёри шеърӣ-бо рубоиҳо, қитъаҳо, ғазалҳо, маснавиҳо, мухаммасҳо ва мураббаъҳои мустазод зинат ёфтааст. Аз мундариҷоти гуногунаш маълум мешавад, ки ин асар дар давраҳои гуногуни ҳаёти муаллиф таълиф ёфта, баъд аз он тартиб дода шудааст».

Ба ақидаи устод Айнӣ, «Ишороту ҳикоёт» инз дар вақтҳои гуногун эҷод шуда, «баъд аз он аз тарафи муаллиф ё ягон каси дигар дар шакли китоби ҷудогона тартиб ёфтааст. »

Донишманди дигари лоҳурӣ Ибодуллоҳи Ахтар дар асоси умумият ва иртиботи «Никот» бо дигар осори шоир навиштааст, ки «Никот» шарҳи баъзе пораҳои «Чорунсур», бахшҳои алоҳидаи маснавиҳо ва абёте аз ғазалиёту қитъаот ва рубоъиёти шоир аст. (ниг. Ибодуллоҳи Ахтар, Бедил, Лоҳур, 1952, саҳ. 139).

Муаллифи рисолаи «Нақди Бедил» (Кобул, 1343, саҳ. 558) Салоҳудини Салчуқӣ доир ба «Никот» изҳори назар намуда, зоҳиран, дар пайравӣ аз Ибодуллоҳи Ахтар, онро шарҳи баъзе аз ғазалҳои шоир пиндоштааст. Ӯ навиштааст: «Бедил барои он, ки аз рӯҳи назми худ битавонад ба он табақа, ки ба шеъри ӯ чандон ошноӣ надоранд, ба забони насри классик таъбире кунад, то шарҳи порае аз ғазали ӯ гардад, лозим донист, ки «Никот»-ро ба рӯи кор орад».

Фикри Салоҳуддини Салчуқӣ дар бораи «Ишороту ҳикоёт», ки бахшҳои ҷудогонаи «Никот» аст, ҳамон аст, ки муҳаққиқони мазкур Ёсинхони Ниёзӣ, Абдулғанӣ ва дигарон гуфтаанд. Яъне ӯ низ «Ишороту ҳикоёт»-ро интихоб аз маснавиҳои шоир донистааст.

Муаллифоне, ки «Никот»-ро интихоб аз асарҳои гуногуни Бедил донистаанд, беасос ва бедалел сухан накардаанд. Зеро, воқеъан, тамоми порчаҳои манзуми «Никот»-ро аз девони ашъору маснавиҳо ва «Чорунсур»-и шоир пайдо намудан мумкин аст. Аммо на ҳамаи қисматҳои насрии асарро дар «Чорунсур» ва «Руқаъот» метавон пайдо кард. Чунончи, порчаҳои насрии 19 нуктаи авали «Никот» на дар «Чорунсур» дида мешаванду на дар матни аслии «Руқаъот». Онҳоро танҳо дар як нусхаи «Руқаъот»-нусхаи дохили нашри Сафдарии куллиёт дидан мумкин аст. Дар ин нашри «Руқаъот» 12 нуктаи дигар низ вуҷуд дорад, ки на фақат дар «Чорунсур» нестанд, балки дар матни кунунии «Никот» низ дида намешаванд. Таъкид кардан лозим аст, ки байни ин 31 нуктаи нашри Сафдарии «Руқаъот» ва матни аслии он ҳеҷ гуна муносибат ва иртибот ба назар намерасад. Яъне ин нуктаҳо бахше аз ин ё он нома, ё замимае бар ин ё он мактуб нестанд. Онҳоро касе ба таври механикӣ дар байни ду номаи шоир ҷой додааст.

Ҳамин тавр, агар порчаҳои насрии «Никот»-ро интихоб аз «Чорунсур» донем, 31 пораи насрӣ аз «Чорунсур» берун мемонад. Яъне фикри интихоб аз «Чорунсур» будани насри «Никот» беасос менамояд.

Бар хилофи нуктаҳои дохили «Никот», ки бахшҳои манзуми онҳо аз чандтогӣ шеър

иборатанд, қисматҳои манзуми 31 нуктаи мазкур дорои фақат яктогӣ шеър (асосан рубоъӣ) мебошанд. Ин нуктаҳои на ғазал доранду на мухаммас ва на порчаҳои маснавишакл. Аз ин нигоҳ онҳо ба нуктаҳои дар «Чорунсур» буда шабоҳат доранд.

Чунин тахмин дуруст менамояд, ки матни аслии «Никот» аз пораҳои насрӣ ва сирф яктогӣ шеър, асосан рубоъӣ, иборат аст. Он ғазалу мухаммас ва маснавиҳое, ки дар матни ҳозираи асар мавҷуданд, иловаҳое ҳастанд, ки онҳоро каси дигаре аз девони ашъор ва маснавиҳои шоир «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифат» ва «Ирфон» ба матни аслии «Никот» илҳоқ кардааст. Зеро байни порчаҳои насрию рубоъиҳо, аз як тараф ва ғазалу мухаммасу порчаҳои маснавишакл, аз дигар тараф, ҳеҷ гуна алоқаи маъноӣ ва мантиқӣ дида намешавад. Барои мисол як нуктаи кӯтоҳро бо порчаҳои илҳоқиаш аз назар мегузаронем. Нукта ин аст: «Аз қаландаре пурсиданд: Маърифат чист? Гуфт: Натиҷаи бекорӣ, ки агар шуғле дигар даст ба ҳам медод, ҳеҷ кас дар ин вартаи хаёл намеафтод.

Рубоъӣ:

Гар қобили касби амале мезодем,
Дар вартаи фикри худ намеафтодем.
Дидем, ки дасти мо ба ҷое нарасид,
Аз саъйи ҷунун доди гиребон додем. »

Тавре ки мебинем, ҳам пораи наср ва ҳам рубоъӣ баёнгари як маънӣ мебошанд. Як маънӣ дар ду шакл ифода ёфтааст. Маънои нукта ба туфайли рубоъӣ сангинтару муассиртар гардидааст.

Дар аксари нусхаҳои хаттӣ ва чопии «Никот» баъд аз рубоъии мазкур ғазале омадааст, ки он ҳам ҷузъи нуктаи мазкур ба шумор меравад. Ғазал аз 7 байт иборат аст ва дар баъзе нусхаҳои чи хаттӣ ва чи чопии «Никот» бо номи «Номатбӯъ» сабт ёфтааст. Ғазал ин аст:

Ба намуди ҳастии беасар
чӣ ниқоб шақ кунам аз ҳаё?
Ту магар ба ман назаре кунӣ,
ки даме арақ кунам аз ҳаё.
Агарам диҳад хати имтиҳон
ҳаваси китоби нӯҳ осмон,
Мижа бар ҳам орам аз ину он,
ҳама як варақ кунам аз ҳаё.
Чӣ кунам зи шӯхии табъи дун?
Қадаҳе назад арақам ба хун,
Ки бибӯсам он лаби лаългун,
саҳаре шафақ кунам аз ҳаё.
Зи тахайюле ки ба роҳи дин
ғами ботилам шуда дилнишин,
Ба ман ин гумон набарад яқин,
ки хаёли ҳақ кунам аз ҳаё.
Чу зи хок лола бурун занад,
қадаҳи шикаста ба хун занад.
Ҳавасе агар ба ҷунун занад,
ба ҳамин насақ кунам аз ҳаё.
Зи камолам он чӣ ба ҳам расад,
на зи лавҳу на зиқалам рассад,
Хати нақши по ба рақам расад,
ки манаш сабақ кунам аз ҳаё.
Ба умеди васли ту, нозанин,
ҳамаро нисор дил асту дин,
Мани Бедилу арақи ҷабин,
ки чӣ дар табақ кунам аз ҳаё?

Чунонки мебинем, ин ғазал дар мавзӯъи тамоман дигар эҷод шудааст ва ба пораи насру рубоъии зикршуда иртиботи маъноӣ надорад.

Дар матни маъмулии «Никот» пас аз ғазали мазкур як мухаммас омадааст, ки аз 12 банд иборат аст. Вай низ бахше аз нуктаи мазкур аст, вале ба он ҳеҷ гуна умумият надорад. Инак ду банди он мухаммас низ оварда мешавад:

Фарёд, ки изҳори ҳунар яъскамин буд,
Иқболи камолот ба идбор қарин буд,
Таҳрир чу тақрир сияҳкори яқин буд,
Сарсабзии ин мазраъа зангорнишин буд,
Ҳар ҷо нафасе коштам, оинаи замин буд.

Дил рамзи ҳақиқат, ки ниҳон буд, аён ҷуст,
Имрӯзи яқин бохта, фардои гумон ҷуст,
Бар хок ватан дошт, бурун рафту макон ҷуст,
Бар чарх назар кард, раҳе бартар аз он ҷуст,
З-ин шӯъбада ғофил, ки ҳам он асту ҳам ин буд.

Маводи илҳоқӣ будани ғазалу мухаммас ва ашъори маснавишакли нуктаҳоро ин далел низ таъйид менамояд, ки ин гурӯҳи шеърҳо дар нашрҳои гуногуни асар аз якдигар фарқ мекунанд. Яъне агар ин ё он нукта дар як нашр ғазал дошта бошад, дар нашри дигар ба ҷои ғазал мухаммас омадааст. Масалан, нуктаи «Агар мункири нубуват наӣ, ба хатарот ҷуз ба таъзим пеш маё» дар нашрҳои Лакҳнав ва Сафдарии куллиёт умуман маводи илҳоқӣ надорад. Ин нукта дар ин нашрҳо аз як пораи насру як рубоъӣ иборат асту халос. Вале дар нашри Кобул ба ин нукта як мухаммас низ илова шудааст.

Ё худ нуктаи «Агар ҳусули ризқ аз олами ғайб мутасаввир намебуд» дар нашри Лакҳнав ду порча шеъри маснавишакл дорад, яъне дорои як ишорату як ҳикоят мебошад. Ҳамин нукта дар нашрҳои Сафдарӣ ва Кобул илова бар ду шеъри мазкур як мухаммас низ дорад.

Нуктаи «Одамӣ решаи истеъдест» дар ҳар сеи нашрҳои зикршудаи куллиёт – Лакҳнав, Сафдарӣ ва Кобул-ду ғазали илҳоқӣ дорад. Ин ғазалҳо дар нашри Сафдариву Кобул дигаранду дар нашри Лакҳнав дигар.

Чунин ба назар мерасад, ки матни аслии «Никот» интихоб аз «Чорунсур» ва дигар осори Бедил набуда, балки асар ё худ маҷмуъаест, ки дар давраҳои гуногуни ҳаёти шоир дар шакли андешаҳои пароканда эҷод шудааст ва шоир дар вақти таҳрири «Чорунсур» қисми бештари онҳоро дар ҷойҳои мувофиқи он истифода кардааст. Ба таъбири дигар гӯем, аксари нуктаҳои «Никот» мусаввадаи баъзе қисматҳои «Чорунсур» мебошанд.

Дар таъйиди он, ки «Никот» пеш аз таълифи «Чорунсур» ва дигар осори Бедил ҳамчун асари алоҳида вуҷуд дошт, илова бар мулоҳазаҳои боло, як далели дигар низ мавҷуд аст. Ин далел мавҷудияти як нусхаи қадими хаттии «Никот» мебошад. Бино бар қавли муаллифи китоби «Адаби форсӣ дар аҳди Аврангзеб» (Деҳлӣ, 1969) Нурулҳасани Ансорӣ, дар китобхонаи Осафияи Ҳайдаробод нусхае аз «Никот» мавҷуд аст, ки дар соли 1091 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1680 милодӣ, яъне 25 сол пеш аз хатми «Чорунсур» (хатми «Чорунсур» 1116 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1704-1705 милодист) рӯйнавис шудааст. Муассиси китобхонаи Осафия сарсилсилаи хонадони Осафҷоҳони Дакан Низомулмулки Осафҷоҳ (вафот. 1748) аст. Осафҷоҳ, чунон ки маълум аст, яке аз дӯстон ва шогирдони Бедил буд. Аз ин рӯ, аз эҳтимол дур нест, ки нусхаи мазкури «Никот» нусхаи шахсии худи Низомулмулк бошад. Ва ин нусха, шояд, аз дасти Бедил ба ӯ расида бошад. Ва ниҳоят, имкон дорад, ки котиби нусха низ худи Бедил бошад.

Илова кардан лозим аст, ки аз «Никот» ду нусхаи қадими дигар низ мавҷуд аст. Яке нусхаи Институти дастхатҳои АИ Ӯзбекистон, ки дар соли 1125(1713) китобат шудааст (ниг. Каталог фонда Института рукописей АН Уз ССР, том 2. Ташкент, 1988), дигаре нусхаи китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолор дар Теҳрон. Бино бар шаҳодати муаллифи феҳристи нусхаҳои хаттии ин китобхона Ҳадоиқ ибни Юсуфи Шерозӣ, нусхаи «Никот» бо нусхаи

девони шоир дар як ҷилд аст ва чун нусхаи девон ҳини дар қайди ҳаёт будани муаллиф рӯйнавис шудааст.

## РОҶЕЪ БА ЯК НОМАИ БЕДИЛ

Маҷмӯъаи номаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720), ки бо номи «Руқаъоти Бедил» маъруф аст, бахши муҳими мероси адабии ӯро ташкил медиҳад ва дар кори омӯхтани ҳаёту осори шоир аҳамияти зиёде дорад. Номаҳои Бедил, ки наздик ба 300 адад мебошанд (Дар нашри кобулии куллиёташ286 нома мавҷуд аст), ба шахсони гуногуни асри ӯ-шоирону олимон, амирону вазирон, ҳунарварону соҳибкасбон, хешу ақрабо, ёру дӯстон ва ғайра навишта шудаанд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи номаҳо имкон медиҳад, ки баъзе лаҳзаҳои ҳанӯз ҳам торики ҳаёти шоир равшан карда шаванд, муносибату робитааш ба намояндагони касбу кори гуногун ошкор гардад.

Яке аз номаҳое, ки муносибати шоирро ба дарбори шоҳӣ инъикос кардааст, мактубест, ки ба Қобилхон ном муншии дарбори подшоҳи онвақтаи Ҳиндустон Аврангзеби Оламгир (1658-1707) ирсол шудааст. Унвон ва матни пурраи нома ин аст:

«Ба Қобилхони муншӣ.

Дӣ сайди ман аз яъс дари нола кушуд,
Сайёд ба ноз ҷоми лутфе паймуд,
Гардонд ба гирди сару озодам кард,
Бар дом ҳамон ҳалқаи дигар афзуд.

Меҳрубони фуқарои бедил, вуруди ҳасбуламри ҷалилулқадр хоки дармондаро ба уруҷи иқболи фалакӣ навохт ва аз обиларезии қадами фарсуда бисоти иззати сурайёӣ пардохт. Мулаххасе аз моҷарои ҳайратимо маъруз доштан аст ва мунтахабе аз девони ибратунвон вонигоштан: ҳафт сол қабл аз ин мир Атиқуллоҳи Кӯка пайғоми забонӣ расонид, ки шоҳи динпаноҳ ба муқтазои фазли рубубият ёде аз ҳоли фаромӯшимаол фармудаанд. Агар ба василаи ниёз натиҷаи афкоре захираи саъодат тавон андухт, мусоъидати замони фурсат аз муғтанамоти куллист. Ҳарчанд ба мулоҳазаи нокасӣ ва бемиқдории худ бар ин вонамуд он ҳама саботи яқине набуд, ба ҳукми такрори таъкид ва эҳтимоли имдоди толеъ, нусхаи насре тӯҳфаи таслим намуд. Соли дигари мувоъадат мири мумийилайҳ ба муждаи ин иноят сарбаландӣ бахшид, ки ниёзи қатра дар боргоҳи муҳити раҳмат ба қабули мансаби гавҳар расид ва рашҳаи посухе сомиъанавози ҳалқабагӯшон гардид, ки боистӣ ба илтимоси арзи аҳвол дар ин ҳазрат бори иқбол меҷуст ва чеҳраи умед ба арақи инфиъоли коҳилқаламӣ мешуст. Ба рафъи хиҷолати афсурдагӣ ночор нақши ҷанибе ба суҷуди таҳрир орост ва фузулии табиъатро муқаддами фазъи номуродӣ андешида, сархайлии лашкари дуъо дархост. Адами тимсоли раду қабул муддате хор-хори оинаи интизор буд. Дар ин волоибром ҳасрат ба тайдиди ароиз пардохт ва қуръаи суҷуд ба номи ҷабҳаи беэътибор андохт. Агар бар ахлоқи заррапарварӣ ва раъфати зотии подшоҳон эътиқоди росих намебуд, парафшонии муште ғубор дар он ҷаноби муъалло чӣ имкон дошт ва густохии сояи номасиёҳ дар талиъаи анвори қудс чӣ тоқат меангошт?

Рубоъӣ:

Ҳар гоҳ мани нокаси беишқуҳавас
Нанги пари пашша бошаму пои магас,
З-ин густохӣ, ки номат орам ба забон,
Ё раб, ту бибахшо, ки набахшояд кас.

Дар муддати ихтиёри фақр хоксории ин ғубори мавҳум бо шикастагие дарнасохта, ки ҳар гоҳ бар пастии иқтидори худ назар андозад, беэътибориҳои вазъи замонаро ғанимати эътибор нашуморад ва нотавонии ин сояи маъзур тарҳи аҷзе наяндохта, ки чун ба тасаввури пояи худ пардозад, бемиқдории олами иттифоқро дастгоҳи миқдор напиндорад.

Маснавӣ:

З-ин биёбон ки ваҳшатанҷом аст,
Ҳар куҷо вокашидӣ, ором аст.

Амал оинаест кулфатхез,
Обрӯи сафои ҳол марез.
Нақди кайфияти фароғ куҷост?
Ток то май шавад, димоғ куҷост?

Ба ҳама ҳол мутаваққеъи ин таваҷҷӯҳ аст, ки ҳар гоҳ тақрибе ба зуҳур пайвандад, дар истеъфои ҷароими замингирӣ ҳамин қадар маъруз доранд ва дуъогӯро марҳуни эҳсонҳои азим шуморанд.

Рубоъӣ:

Дарё чӣ кушояд аз наҳангу ҳуташ?
Гар парвариш ораду расонад қуташ.
Хосияти хуршед ҳамон тарбият аст,
Не лаъл ба кор ояду не ёқуташ.

Ё раб, ки забони ҳақбаёни фуқаро ба иршоди тазкираи ҳамду санои он ҳазрат мутаҳррики ҳарфу савти дунявӣ мабод ва ҷамъияти ҳавосу қивои бедилон ба юмни дуъои давлати абадмуддат тафриқаи умури дигар мабинод» (Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Кобул, 1344 Руқаъот, саҳ. 102).

Чунон ки аз ҷумлаи аввали мактуб (Меҳрубони фуқарои бедил) бармеояд, он ҷавоб аст ба номаи Қобилхони муншӣ, ки бо амри Аврангзеб ба Бедил фиристода шуда будааст.

Шоир пас аз тавсифи номаи Қобилхон тавзеҳ додаст, ки ҳафт сол қабл Атиқуллоҳи Кӯка ном амир хабар овард, ки подшоҳи динпаноҳ, яъне Аврангзеби Оламгир, ба муносибате аз Бедил ёд намуда, таваҷҷӯҳе ба осори ӯ зоҳир кардааст. Аз ин рӯ, Бедил агар намунае аз эҷоди худро ба дарбор равона созад, мавриди қабули подшоҳ қарор хоҳад гирифт. Бедил ба мулоҳазаи он, ки навиштаҳояш оё ба подшоҳ писанд меоянд ё не, иҷрои ин корро ба таъхир андохтааст. Вале амири мазкур бо маслиҳати боисрор шоирро водор сохтааст, ки пораи насреро ба подшоҳ фиристад. Пас аз як сол амири мазкур хабар овардааст, ки нусхаи наср ба подшоҳ писанд омад ва подшоҳ иноят кард, ки Бедил мебояд ба василаи қасидае арзи ҳол намуда, ба дарбор наздикӣ ҷӯяд. Бедил қасидае навишта дар он дар баробари арзи аҳвол намудан сархайлии лашкари дуъо талабидааст, яъне аз подшоҳ хоҳиш кардааст, ки ӯро осуда гузорад.

Дар ин миён муддати зиёде сипарӣ шудааст, вале ба Бедил ҷавобе наомадааст. Ва ниҳоят, пас аз шаш соли хамӯшӣ подшоҳ бори саввум Бедлиро ба дарбор даъват карданӣ шуда, иҷрои ин корро ба муншии дарбори хеш Қобилхон супоридааст. Қобилхон, тибқи амри подшоҳ, ба Бедил номаи даъват фиристодааст. Вале Бедил бо мулоиматӣ ва хоксории ба худ хос ин даъфа низ аз робита ба дарбор сар тофтааст. Ӯ навиштааст, ки меҳрубонӣ ва фақирпарварӣ хулқи табиъӣ ва хислати зотии подшоҳон аст. Дар акси ҳол аз фақире чун ӯ ёд кардани подшоҳ ғайри имкон мебошад. Ӯ дар айни ҳол таъкид кардааст, ки беэътибории замонаро эътибор медонаду бемиқдории олмаро миқдор мешуморад ва аз пайи амалу мансаб худро овора намесозад. Талаби амал боъиси қудурати дил ва парешонии хотир аст.

Бедил дар поёнии нома аз Қобилхон хоҳиш кардааст, ки ҳар гоҳ ба ягон муносибате подшоҳ аз ӯ ёд кунад, ҳамин узри баёнгардида пеш оварда шавад.

Акнун суоле ба миён меояд, ки он қасида, ки Бедил ба воситаи он арзи аҳвол намуда буд, кадом аст?

Дар куллиёти Бедил танҳо як қасида мавҷуд аст, ки дар мавзӯъи арзи аҳвол навишта шудааст. Ин қасида дар аксари нусхаҳои хаттии девони шоир ва дар нашри Сафдарии куллиёти ӯ беунвон омада, дар иддае аз нусхаҳои хаттӣ бо номҳои «Шаби барот», «Васфи шаби бароту чароғон», «Сифати шамъ» ва ғайра дарӣ гардидааст. Дар нашри кобулии куллиёти Бедил онро бо номи «Чароғони Деҳлӣ» дидан мумкин аст. Қасида аз 41 байт иборат аст ва бо матлаъи зер шурӯъ мешавад:

Ин чароғон аст, ё раб, дар бисоти рӯзгор?
Ё дили парвонае доғи ҷунун кард ошкор?

Дар 16 байти аввал, ки ташбиби қасида аст, сифати шамъу чароғони зиёде дарӣ гардида, дар 8 байти минбаъда мадҳу ситоиши подшоҳ ҷой гирифтааст. Ва ниҳоят, 17 байти охир аз баёни кайфияти ҳол, зикри маҳорати шоираи худ, шикоят аз чархи дунпарвар ва дуъои давлати подшоҳ иборат аст. Бо қатъияти том метавон гуфт, ки қасидае, ки Бедил дар он арзи аҳвол намудаасту дар номаи мазкури хеш аз он ёд кардааст, ҳамин қасида аст, на қасидаи дигар. Қобили қайд аст, ки баъзе калимоту ибороте, ки дар номаи мазкур мавҷуданд, дар қасида низ ба назар мерасанд. Чунончи, дар нома пас аз зикри ирсоли нусхаи наср ба дарбор ҷумлаи зеринро мехонем: «Соли дигари муъовадат мири мимийилайҳ ба муждаи ин иноёт сарбаландӣ бахшид, ки ниёзи қатра дар боргоҳи муҳити раҳмат ба қабули мансаби гавҳар расид ва рашҳаи посухе сомиъанавози ҳалқабагӯшон гардид, ки боистӣ ба илтимоси арзи аҳвол дар ин ҳазрат бори иқбол меҷуст ва чеҳраи умед ба арақи инфиъоли коҳилқаламӣ мешуст. »

Инак, таваҷҷӯҳ шавад ба абёти зерини қасида:

Хусраво, маънипаноҳо, ку сару барги қабул?
То ба арзи ҳоли дил ҷӯям дар ин даргоҳ бор,
Сурати аҳволам аз тарзи тахаллус равшан аст,
Бедилиҳо чидаам бар худ зи вазъи рӯзгор…
Бетакаллуф, хони хонони ҷаҳони маъниям,
То ба ташрифи хитобам кардаанд уммедвор.
Маҳв будам, к-аз чӣ хидмат қобили ин мансабам?
Шуд яқинам, к-инқадарҳо бедилӣ кардаст кор.

Хулоса, номаи «Ба Қобилхони муншӣ» номаест, ки дар ҷавоби талаби боисрори Аврангзеб навишта шудааст ва дар он муносибати мутақобалаи Бедил ва подшоҳи мазкур инъикос ёфтааст.

Дар хусуси маҳз ба Аврангзеб дахл доштани ин нома баъзе аз муҳаққиқони дигар низ ишораҳо кардаанд. Чунончи, устод Айнӣ дар мақолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил ва эҷодиёти ӯ» (Шарқи сурх 1946, № 7, 1947 № 1, 2, 3) ва дар рисолаи машҳури хеш «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954, саҳ. 50) роҷеъ ба ин нома чунин навиштааст: «Дар саҳифаи 33 «Руқаъот» як мактуби дарозе ҳаст, ки ба кадом кас навишта шуданаш маълум нест. Аммо аз мазмуни мактуб маълум мешавад, ки ба яке аз бузургони аҳли дарбори Аврангзеби Оламгир навиштааст. Аз рӯи ҳикояи худи Бедил дар ин мактуб, ҳафт сол аз он пеш мир Атиқуллоҳи Кӯка ном аз аҳли дарбор аз забони подшоҳ ба Бедил расондааст, ки ӯ аз асарҳояш ба ҳузур фиристонад. Баъд аз як сол боз ин хоҳиши подшоҳ такрор ёфтааст. Баъд аз он Бедил нусхаи насрие тартиб дода, ба подшоҳ фиристодааст. Аммо дергоҳ рад ё қабул ёфтани он чиз ба муаллиф маълум нашудааст. Дар ин наздикиҳо боз подшоҳ ба Бедил хабар расондааст, ки як ариза навишта ба дарбор вобаста шавад. Бедил ариза навишта хоҳиш кардааст, ки ӯро ба дарбор талаб накунанд. »

Сабаби «ба кадом кас навишта шуданаш маълум нест» гуфтани устод Айнӣ дар он аст, ки ӯ аз нашри Сафдарии куллиёти Бедил (Бамбай 1299, Руқаъот, саҳ. 33) истифода кардааст. Дар ин нашри куллиёт аксари номаҳои Бедил, аз ҷумла номаи мазкур, беунвон дарӣ гардидаанд. Дар нусхаҳои хаттии «Руқаъот», ки дар ихтиёри мо буданд, ҳамчунин дар нашрҳои Лакҳнав (1287, саҳ. 166) Конпур (1296 саҳ. 162) ва Кобули (ҷилди 4, Руқаъот, саҳ. 102) куллиёти шоир унвони нома «Ба Қобилхони муншӣ» аст.

Аммо роҷеъ ба ин нома дар баробари ақидаи мазкур ақидаи дигаре низ мавҷуд аст, ки он нисбат ба ақидаи баёнгардида таърихи қадимтар ва тарафдорони бештар дорад. Бино бар ин ақида, номаи «Ба Қобилхони муншӣ» дар асл ба Муҳаммад Аъзамшоҳ (1646-1707) писари саввуми Аврангзеби Оламгир фиристода шудааст, на ба дарбори худи Аврангзеб. Манъаш ва маъхази ин ақида иддае аз нусхаҳои хаттии «Руқаъот»-и худи шоир аст. Гап дар сари он аст, ки дар баъзе нусхаҳои хаттии «Руқаъот», аз ҷумла дар нусхаи хаттии № 822 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон ва нусхаи хаттии 2559 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон дар унвони мактуби мазкур пас аз таъбири «Ба Қобилхони муншӣ» ин ҷумла

илова гардидааст: «Дар ҷавоби ҳасбуламри талаби Аъзамшоҳ, ки навишта буданд: касеро, ки ҳақтаъолло саломати ҳавос ва қиво бахшида бошад, ба инзиво сохтан куфрони неъмат аст».

Ин иловаро дар нашрҳои Лакҳнав (1286, саҳ. 166) ва Конпури (1296, саҳ. 162) куллиёти шоир низ дидан мумкин аст. Фарқ танҳо дар он аст, ки иловаи мазкур дар ин ду нашр дар ҳошия омадааст, на дар унвони нома.

Табиист, ки нашрҳои мазкури куллиёти шоир сабаб шудаанд, ки гурӯҳе аз муҳаққиқон низ номаи мазкурро ба номи Аъзамшоҳ қаламдод кардаанд. Чунончи, муҳаққиқи маъруф дуктур Абдулғанӣ дар асари машҳури хеш «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Коблу, 1351, саҳ. 72) роҷеъ ба истеъфои Бедил аз хидмати Аъзамшоҳ сухан карда, навиштааст. «Бедил истеъфои худро бо чунон вазъи тумтароқе пеш кард, ки муддати дарозе қалби Аъзамшоҳ аз он ҷариҳадор буд. Рӯзе шахсеро ки мир Атиқуллоҳ ном дошт, назди Бедил фиристод, то навиштаҳояшро биёварад. Қитъае аз насри худро игсил намуд ва аз ин, ки мавриди тақдири шаҳзода шудааст дар асари илтимоси мири мазкур, сипосгузорӣ кард. »

Ногуфта намонад, ки дуктур Абдулғанӣ қасидаи зикршудаи «Арзи ҳол» ё худ «Чароғони Деҳлӣ»-ро низ ба Аъзамшоҳ бахшидашуда донистааст. Ӯ ин қасида ва қасидаи воқеъан дар мадҳи Аъзамшоҳ гуфташударо як асар пиндошта, дар хусуси онҳо чунин навиштааст: «Дар ҷумлаи қасоиди Бедил қасидаи неруманде дар мадҳи шаҳзода Аъзамшоҳ аст. Қасидаи мазкур муташаккил аз ду ҷузву дар як вазн, аммо бо қофияҳои мухталиф аст. Ва аз ин ҷо дида мешавад, ки Бедил низ монанди соири шуъаро аз шаҳзода таваққуъи эҳсон ва мусоъадат дошт. Шоир ба забони бисёр олӣ арзи ҳол мекунад:

Сурати аҳволам аз тарзи тахаллус равшан аст,
Бедилиҳо чидаам бар худ зи вазъи рӯзгор.
Гар шавад абри иноят обёри мазраъам,
Хӯшасон аз пой то сар ҷумла дил орам ба бор. »

Тавре ки аз «Сафинаи Хушгӯ» ва дигар манбаъҳо бармеояд, замоне ки Бедил дар шаҳри Матҳро тарки хидмати Аъзамшоҳ намуда, ба Деҳлӣ омад, Аъзамшоҳ дар Дакан буд. Ӯ пас аз огаҳӣ аз ин ҳодиса ба Бедил номае навишта, ба хидмат баргаштанашро хоҳиш намуд. Номаи Аъзамшоҳ, ки дар «Сафинаи Хушгӯ» дарӣ гардидааст, ин аст: «Алҳамдулиллоҳи вал миннату, ки ҳанӯз қивои баданӣ, он рифъату шуҷоъати дастгоҳ ба ҳоли худ аст. Бо вуҷуди барқарории ҳавос аз хидмати олии шоҳӣ тақоъуд варзидан шарти ифои ҳуқуқи ихлос нест. То ҳол ҳеҷ нарафта, он чӣ заруриёти роҳ даркор бошад, буютоти дорулхилофа (шаҳри Деҳлӣ-Б. Р) амри нафоз ёфта, саранҷом карда хоҳад дод. Зуд мустаъиди мулозамат гардад» (Сафинаи Хушгӯ, дафтари солис, Патна, 1959, саҳ. 108).

Хушгӯ пас аз иқтибоси номаи Аъзамшоҳ илова кардааст, ки Бедил низ дар ҷавоби Аъзамшоҳ номае навишта, ки бо хитоби «худованд» оғоз меёбад ва он нома дар «Руқаъот»-и шоир мавҷуд аст. Хушгӯ аз он нома рубоъиеро зикр кардааст, ки ин аст:

Аз шоҳи худ он чӣ ин гадо мехоҳад,
Афзунии мансаби ризо мехоҳад.
То ҳиммати фақр нанги хоҳиш накашад,
Сархайлии лашкари дуъо мехоҳад.

Дар «Руқаъот»-и Бедил мактубе бо унвони «Ба шоҳ Аъзамшоҳ, ки ҳақиқати орзуи фақир дархостаанд» вуҷуд дорад, ки воқеъан, бо хитоби «худованд» шурӯъ мешавад ва рубоъии мазкур низ дар он дида мешавад. Инак он мактубро низ иқтибос менамоем:

«Ба шоҳ Аъзамшоҳ ки ҳақиқати орзуи фақир дархостанд. Худованд, беқадр заррае ба ҳавои офтоб бол меафшонад, оинаи нокасаш дар пеш нагузорӣ, то биёбонмарги ғубори инфиъол нашавад ва нотавон қатрае ба хаёли муҳит бетоқат аст, сурати мавҳумиаш нишон надиҳӣ, то ба тӯфони арақи шарм наравад. Агар ғубори бесарупоро бар пастии бунёди худ назар меафтод, бар авҷи азамати сипеҳр чашм намекушод ва агар мӯри заъиф ба ҳоли худ таамуле мегумошт, бо Сулаймон ҷуръати такаллумаш чӣ имкон дошт?

Фазли яздон зи илтифоти қадим
Бандагонро дуъо кунад таълим,
Боз аз эшон ҳамон дуъо талабад,
Сӯи худ з-он баҳона воталабад.
Оҷизӣ бандаро хамуш дорад,
Лек ҳақ бо хурӯш хуш дорад.

Дар арзи маротиби таслим ба кисвати ҳар нуқтае ҳазор аҷзи убудият маҳви ҷабҳасоист ва ба андози мадориҷи курнуш (таъзим-Б. Р) дар сурати ҳар ҳарфе ҳазор одоби заминбӯс фарши саҷдапаймоӣ. Умрест дур аз қадами саҷдатирозони ҳузур ба дарди норасоӣ менолад ва фарёдрасе надорад ва мудатҳост ҷудо аз рикоби саъодатпаймоёни мавкиби иқбол дар ғубори гумномӣ фурӯ рафта ва аз ҳеҷ ҷо сар барнамеорад. Нигунбахт саре, ки маҳруми хокбӯси он даргоҳ аст, ҳаргиз ҳаловати гиребон нашнохта ва ҳирмоннасиб чашме, ки бебаҳраи он остон аст, дар хоб ҳам ба улфати мижгон напардохта. Тоқатҳои ҷавонӣ, ки василаи обрӯи бандагист, ба заъфи пирӣ анҷомид ва истиқомати қиво, ки далели саъодати хидматгузорист, сар ба ҷайби азподарафтодагӣ кашид. Дар ин муддат:

Ҳар чӣ аз саъйи норасо meруст,
Ба арақ рӯи хиҷлате мешуст.
Орзуҳо ба боди растан рафт,
Арақе монду рӯ ба шустан рафт.

Лилаҳулҳамд, ба юмни дуъои давлати абадӣ ҳанӯз мамнуни бақои нафас аст ва ба ҳавои парафшонии гулзори ҳамду санно марҳуни шикастагии қафас.
Рубоъӣ:

Аз шоҳи худ он чӣ ин гадо мехоҳад,
Ҷамъияти мансаби ризо мехоҳад.
То ҳиммати фақр нанги хоҳиш накашад,
Сархайлии лашкари дуъо мехоҳад.

Партави иқболи бениёзӣ бар фарқи ҷумҳури аноми лоязол мабсут ва ҷабҳаи умеди хавосу авом ба сояи тамсили шоҳаншоҳӣ мануту марбут бод» (Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Кобул 1344, Руқаъот, саҳ. 19-20).

Тавре ки мебинем, Бедил дар ин нома ба робитаи собиқаи худ ба саркори Аъзамшоҳ борҳо ишора кардааст. Аз ҷумлаҳои «Умрест дур аз қадами саҷдатирозони ҳузур ба дарди норасоӣ менолад ва муддатҳост чудо аз рикоби саъодатпаймоёни мавкиби иқбол дар ғубори гумномӣ фуру рафта. Нигунбахт саре ки маҳруми хокбӯси он даргоҳ аст ва ҳирмоннасиб чашме ки бебаҳраи он остон аст» ба хубӣ маълум мешавад. ки шоир замоне дар хидмати Аъзамшоҳ қарор доштааст ва акнун ба заъфи пирӣ анҷомидани тоқатҳои ҷавониро баҳона карда, аз идомаи хидмат канораҷӯй намудааст.

Муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» Биндробандоси Хушгӯ пас аз зикри рубоъии боло илова кардааст, ки шоир «ба ёдоварии ҳуқуқи намак ғазале дар он ариза (мактуб-Б. Р) нигошта буд, ки ин ду байт аз он аст:

Агар хуршеди гардунам в-агар гарди сари роҳам,
Гадои ҳазрати шоҳам, гадои ҳазрати шоҳам.
Қабуле доштам дар боргоҳи арштаъзимаш,
Зи касби он саъодатҳо кунун мақбули аллоҳам»
(Сафинаи Хушгӯ, саҳ. 108-109).

Ин ғазал низ дар куллиёти Бедил мавҷуд аст ва шоир дар он низ аз мулозимати хеш дар саркори Аъзамшоҳ ёд кардааст.

Идомаи ғазал ин аст:

Зи иқболи заминбӯсаш ғаное кардаам ҳосил,
К-аз инъоми фалак ҷуз узри истиғно намехоҳам.
Замингирӣ надорад манъи таслими ҳузур аз ман,
Ба хок афтодаам, аммо ҳамон чун соя ҳамроҳам.
Суҷуде мебарам аз дур хоки остонашро,
Ба он қурбе ки наздикон ҳам аз дуранд огоҳам.
Ба зери сояи ёдаш виқоре чидаам бар худ,
Ки хиффат мекашад кӯҳ аз тамошои пари коҳам.
Чи наздикӣ, чи дурӣ, бандагӣ ботил намегардад,
Фидоӣ будам, акнун аз дуъогӯёни даргоҳам.
Ба ҳукми нокасӣ домони нозе додаам аз каф,
Ки меҷӯшад чу мижгон чокҳо аз дасти кӯтоҳам.
Ҷудо з-он остон дигар чӣ гӯям чистам Бедил?
Ғамам, дарди дилам, доғам, სиришкам, нолаам, оҳам.
(Куллиёти Бедил, ҷилди 2, Кобул 1342, Қитъаот, саҳ. 143).

Бо ин ҳама мо гуфтанӣ ҳастем, ки номаи ҷавобие, ки Бедил ба Аъзамшоҳ фиристодааст, дигар асту номаи ба Қобилхони муншӣ ирсолшуда дигар. Ба таъбири дигар гӯем, номае ки ба Қобилхони муншӣ ирсол шудааст, ба Аъзамшоҳ ҳеҷ гуна муносибат надорад. Ба унвони Аъзамшоҳ набуданашро, пеш аз ҳама, мазмуни он таъкид менамояд. Чунон ки аз тарҷимаи ҳоли Бедил маълум аст, ӯ аз соли 1081 (1670-1671) то соли 1096 (1685) дар хидмати Аъзамшоҳ буд. (ниг. ба мақолаи «Бедил ва муддати сипоҳигарии ӯ»).

Вале тибқи мазмуни номаи «Ба Қобилхони муншӣ» шоир бо вуҷуди чандин бор мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтанаш ба дарбор умуман наздик нашудааст. Яъне шоир дар ҳузури шахсе, ки нома ба ӯ дахл дорад, умуман хидмат накардааст. Ин нома агар дар ҷавоби номаи Аъзамшоҳ мебуд, Бедил ба мулозимати хеш дар саркории ӯ ҳатман ишора мекард. Тавре ки дар нома ва ғазали ба Аъзамшоҳ фиристодааш ишораҳо кардааст.

Қароини дигар низ ҳастанд, ки ба Аъзамшоҳ дахл надоштани номаи болоро таъкид менамоянд. Чунончи, аз таъбири «шоҳи динпаноҳ» шоир яқинан Аврангзебро дар назар дорад. Зеро ин таъбир маъмулан нисбат ба подшоҳони воқеъӣ, яъне подшоҳони мамлакат гуфта мешавад, на ба шоҳзодагону дигар ҳокимони субаҳову вилоёт.

Ва ниҳоят, Қобилхон, ки мактуби мазкур ба номи ӯ равона шудааст, муншии дарбори Аврангезб буд, на муншии саркори Аъзамшоҳ. Дар хусуси муншии саркори воло, яъне дарбори марказӣ, будани Қобилхон муаллифи «Маосирулумаро» Самсомуддавла Шаҳнавозхон баъзе ишораҳо кардааст. Чунончи, ӯ дар шарҳи ҳоли Фозилхон ном амир овардааст: «Асли вай аз Татта аст. Ибтидо ба муншигарии Муҳаммад Аъзамшоҳ пероаи нашвунумо пӯшида, соли 23 аз ҷулуси Хулдмакон (Аврангзеб-Б. Р), чун Қобилхони мирмуншӣ бародари Абулфатҳ Қобилхони волошоҳӣ ба вайҳе мавриди итоб гардид, ӯ (Фозилхон-Б. Р) ба атои хидмати дорулиншоии подшоҳӣ (тавфиқ-Б. Р) ёфт» (Маосирулумаро, ҷилди 3, Калкутта, 1309, саҳ. 33).

Шаҳнавозхон дар ҷои дигари асари хеш навиштааст: «Ва дар соли 18 (аз ҷулуси Аврангзеб-Б. Р) Муҳаммадшариф муншии дорулиншо бародари Абулфатҳ Қобилхон муншии қадими волошоҳӣ ба лиҳози муносибатҳо ба қобилхонӣ сарфарозӣ ёфт» (Ҳамон ҷо, саҳ. 35).

Аз ишораҳои мазкури Шаҳнавозхон бармеояд, ки дар дарбори Аврангзеб бо ном ё худ бо хитоби «Қобилхон» ду амир фаъолият доштаанд ва ҳарду ҳам дар солҳои гуногун вазифаи муншигариро иҷро мекардаанд. Яке Абулфатҳ Қобилхон, ки муншии қадими Аварангзеб будааст, яъне аввалин ё яке аз аввалин муншиҳои дарбори подшоҳӣ ба шумор мерафтааст, дигаре бародари ӯ Муҳаммадшарифи Қобилхон, ки зоҳиран, баъд аз вафоти бародараш ба вазифаи муншигарии дарбор таъин шуда будааст. Муҳаммадшариф, илова бар ишғоли вазифаи бародар, дар ҳаждаҳумин соли салтанати Аварнгзеб, ки санаи 1086 ҳиҷрӣ (1675-1676) аст, ба хитоби қобилхонӣ низ сарфароз гардида будааст.

Акнун суоле ба миён меояд, ки агар дар дарбори Аврангзеб бо номи Қобилхон ду шахс маълум бошад, пас номаи Бедил ба номи кадоме аз онҳост? Ба ақидаи мо, нома ба номи Муҳаммадшарифи Қобилхон, яъне Қобилхони сонист. Зеро замони фаъолияти ҳамин шахс ба давраи нисбатан ҷавонии Бедил, яъне ба айёми 30-35 солагии ӯ, рост меояд. Тавре ки гуфтем, Муҳаммадшарифи Қобилхон дар соли 1086 ҳиҷрӣ (1675-1676), яъне дар ҳаждаҳумин соли салтанати Аварнгзеб, ба хитоби қобилхонӣ мушарраф гардида, дар соли 1091 ҳиҷрӣ (1680-1681), яъне дар бистусеюмин соли салтанати Аврангзеб, аз вазифаи муншигарӣ озод гардида буд. Аз ин рӯ, номаи Бедил бояд дар байни ҳамин солҳо (1086-1091) ба дарбор ирсол шуда бошад. Ва дар ин асос тахмин намудан мумкин аст, ки ҳам даъватҳои пайдарпайи Аврангзеб аз Бедил, ҳам ирсоли пораи наср ба дарбор ва ҳам таълифи қасидаи «Арзи ҳол» пеш аз соли 1091 (1681), яъне пеш аз истеъфои Қобилхони сонӣ сурат гирифтаанд. Дар ин замон Бедил ҳанӯз дар лашари Аъзамшоҳ машғули хидмат буд ва ба дарбори марказӣ даъват шудани мулозимони Аъзамшоҳу дигар ҳокимони вилоёт як амри табиъӣ ба шумор мерафт.

## ДЕБОЧАИ КУЛЛИЁТ
## Ё МУҚАДДИМАИ ДЕВОН?

Аз куллиёти осори Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-7020) нашрҳои зиёде маълуманд, ки дар давраҳои гуногуни асрҳои 19-20 ба табъ расидаанд. Аз ҷумлаи онҳо ду нашр нашрҳои нисбатан комил ба шумор меравáнд. Инҳо иборатанд аз нашри Сафдарӣ (Бамбай, 1299) ва нашри чорҷилдаи Кобул (1341-1344шамсӣ). Ҳар дуи ин нашрҳо дорои муқаддимаи мансуре низ ҳастанд, ки бо номи «Дебочаи куллиёт» мундариҷ аст ва бо ҷумлаи зайл оғоз меёбад:

«Ҳамди мубдиъе, ки тараддуди анфоси аъёни кайфу кам мавқуфи таҳрикеест аз сарангушти иродати ӯ ва ҷунбиши амвоҷи осори ҳудусу қидам марҳуни шикане аз абрӯи ишорати ӯ».

Дар аксар адабиёти илмии оид ба Бедил, аз ҷумла дар яке аз мақолаҳои муаллифи ин сатрҳо, ин муқаддима бо ҳамин ном, бо номи «Дебочаи куллиёт», зикр ва баррасӣ гардидааст (ниг. Масъалаҳои филологияи тоҷик, Душанбе, 1976). Танҳо дар чанд таълифи ҷудогона, аз ҷумла дар рисолаи Абдулғанӣ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351), онро бо дигар ном, бо номи «Муқаддимаи девони қадим», дидан мумкин аст. Лекин дар нусхаҳои хаттии куллиёт ва девони Бедил, ки ба мо маълуманд, ин муқаддима ба сифати дебочаи куллиёт ё муқаддимаи девони қадим қайд нашудааст. Балки дар чандин нусхаҳои хаттии чи куллиёт ва чи девон, ки ин муқаддима дар онҳо мавҷуд аст, чун муқаддимаи девони умумии шоир дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, дар қадимтарин нусхаи хаттии куллиёт (китобаташ солҳои 1721-1723), ки дар Китобхонаи оммавии Худобахш (шаҳри Патнаи Ҳиндустон) дар ду ҷилд маҳфуз асту тамоми осори манзум ва мансури шоир-«Чорунсур», «Руқаъот», девони қасоиду ғазал, тарҷеъбанду таркиббанд, қитъаву мухаммас, девони алоҳидаи рубоъиёт, маснавиҳои «Тури маърифат», «Муҳити аъзам», «Тилисми ҳайрат» ва «Ирфон»-ро дарбар дорад, ин муқаддима на дар ибтидо, чунон ки дар ду нашри мазкури куллиёт дида мешавад, балки пеш аз девони қасидаву ғазал, тарҷеъбанду таркиббанд, қитъаву мухаммас ва маснавиҳои кӯчаке чун «Танбеҳулмуҳаввисин» ҷойгир шудааст (ниг. Мавлавӣ Абдулмуқтадир, Феҳристи нусхаҳои хаттии арабӣ ва форсии Китобхонаи Бонкипур, ҷилди 3, Калкутта, 1912).

Дар дигар нусхаи хаттии куллиёт, ки дар китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон маҳфуз асту асарҳои «Чорунсур», девони ашъор, «Ирфон», «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифат», «Никот» ва «Руқаот»-ро дар бар мегирад, низ ҳамчун мукаддимаи девон омадааст (ниг. Собрание восточных рукописей АН Узб. ССР, том 2, Ташкент, 1954. Стр 293).

Илова бар, ин дар шаш нусхаи хаттии девони шоир, ки дар китобхонаҳои институтҳои забону адабиёт (нусхаи № 4) ва шарқшиносии (нусхаҳои №№ 1149, 2465) АИ Тоҷикистон ва Архиви миллии Афғонистон (нусхаҳои №№ 117/14, 121/15, 137/7) нигаҳдорӣ мешаванд, ин дебочаро ҳамчун муқаддимаи девон дидан мумкин аст.

Ва ниҳоят, дар яке аз нусхаҳои қадимтарини девони Бедил, ки дар китобхонаи донишгоҳи шаҳри Карочии Покистон мавҷуд аст, ин муқаддима низ ба назар мерасад. Нусхаи мазкур «Мусаввадаи девони қадим ва ҷадид» ном дошта, аз ғазал, қасида, рубоӣ ва ашъори мутафарриқа иборат аст ва даҳуми рамазони 1108 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 2 апрели 1697 милодӣ, яъне 23 сол қабл аз вафоти муаллиф, ба хати худи ӯ китобат шудааст. (ниг. ба мақолаи «Чанд сухан дар бораи баъзе нусхаҳои хаттии осори Бедил»)

Чунон ки медонем, дар ин вақт, яъне дар соли 1108 ҳиҷрӣ, Бедил таълифи ду асари бузурги худ «Чорунсур» ва «Ирфон»-ро ба итмом нарасонида буд ва табиъист, ки куллиёташ низ то он вақт мураттаб нагардида буд. Пас маълум мешавад, ки муқаддимаи мазкур дар асл муқаддимаи девони умумии шоир аст, ки иштибоҳан бо номи дебочаи куллиёт маъруф шудааст. Ин иштибоҳ, ғолибан, аз нашри Сафдарии куллиёти шоир сар зада, аз ҳамон ҷо ба адабиёти илмӣ ва нашрҳои баъдинаи куллиёт роҳ ёфтааст.

Дар сурате ки дебочаи мазкурро муқаддимаи девони умумӣ донистем, тавзеҳ бояд диҳем, ки худи он девон кадом аст ва чӣ миқдор аз асарҳои шоирро дар бар дорад?

Нусхаи хаттии девон, ки дар таркиби нусхаи куллиёти китобхонаи Худобахш аст, бино бар гуфтаи Мавлавӣ Абдулмуқтадир, аз таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву ғазал, мухаммасу

қитъа, рубоиёти ҳазл ва маснавиҳои хурде чун «Танбеҳулмуҳаввисин» иборат мебошад.

Нусхаи № 4 Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон ғазал, таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву мухаммас, қитъаву рубоиёти таърих, маснавиҳои «Танбеҳулмуҳаввисин», «Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер», «Сифати забону гуфтори маъшуқ» ва тақрибан 300 рубоъиро фаро гирифтааст.

Се нусхаи зикршудаи Архиви миллии Афғонистон ва нусхаи № 1145 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон низ айнан ҳамин навъҳои шеърӣ- ғазал, таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву мухаммас, қитъаву рубоиёти таърих, маснавиҳои кӯчаки зикршуда ва тахминан дусадтогӣ рубоиро доро мебошанд. Нусхаи № 2445 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон аз таркиббанду тарҷеъбанд, ғазалу мухаммас, қасидаву қитъа ва рубоиёти таърих таркиб ёфтааст.

Ва ниҳоят, як нусхаи девони Бедил, ки замоне дар китобхонаи шоҳии Берлин маҳфуз буду дар ҷилди чоруми феҳристи Вилҳелм Перч «Нусхаҳои хаттии Китобхонаи шоҳии Берлин» (Берлин, 1888, с. 939) тавсиф шудааст, аз бахшҳои зерин иборат мебошад:

1. Муқаддима, 2. Таркиббанду тарҷеъбанд, 3. Қасида, 4. Мухаммас, 5. Маснавии «Сифати шамшер», 6. Ғазал, 7. Рубоӣ.

Оғози муқаддимаи ин нусха ба оғози муқаддимаи девони қадим, ки дар борааш сухан хоҳем ронд, монанд аст. Лекин аз лиҳози таркиб аз нусхаи девони қадим тавофут дорад. Ин нусха бо вуҷуди он ки навъҳои гуногуни шеърро фаро гирифтааст, ҳаҷман хеле хурд-143 варақ мебошад ва гумон меравад, ки мунтахаби девони умумӣ бошад.

Чунон ки мебинем, ба истиснои нусхаи дохили куллиёти Китобхонаи Худобахш ва нусхаи № 2445 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон нусхаҳои дигари девони шоир қисмати рубоӣ низ доранд. Лекин бахшҳои рубоиёти ин нусхаҳо миқдори хеле кам – аз 200 то 300 тогӣ рубоиро дар бар гирифтаанду халос.

Ин миқдори кам низ, ғолибан, тавассути котибони нусхаҳо ба девони умумӣ роҳ ёфтаанд. Зеро худи шоир, зоҳиран, бо сабаби зиёдии рубоиёташ, ки беш аз чор ҳазоранд, онҳоро ба девони умумӣ дохил накарда, девони алоҳидаи рубоиёт тартиб додааст. Ин маъниро теъдоди зиёди нусхаҳои хаттии девони рубоиёт, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон мавҷуданд, таъкид менамояд. Яке аз онҳо нусхаи китобхонаи Худобахш аст, ки ба қавли Мавлавӣ Абдулмуқтадир, дар соли 1115 ҳиҷрӣ (1703-1704 милодӣ) бо хати худи Бедил китобат шудааст.

Ҳамин тавр, девони умумии Бедил аз таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву ғазал, қитъаву мухаммас, рубоиёти таърих ва маснавиҳои кӯчаки «Танбеҳулмуҳаввасин», «Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер» ва «Сифати забону гуфтори маъшуқ» иборат аст ва дебочаи мазкур муқаддимаи ҳамин девон ба шумор меравад.

Зимнан бояд бигӯем, ки девони умумии Бедилро баъзе аз муҳаққиқон бо номи куллиёт низ баррасӣ намудаанд. Аз ҷумла, нусхаи № 137 Архиви миллии Афғонистон дар рисолаи Абдулғанӣ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) бо ҳамин ном ёд шудааст.

Албатта, маҷмӯъаи ашъори лирикии ин ё он шоирро бо номи куллиёт ё худ куллиёти девон қаламдод кардан мумкин аст. Чунонки девони ашъори Мавлавӣ Ҷалолуддини Румӣ бо унвони «Куллиёти Шамс ё девони кабир» (Теҳрон, 1334-35), ғазалиёти Мирзо Муҳаммадалӣ Соиби Табрезӣ бо номи «Куллиёти Соиб» (Теҳрон 1333 ш.) ва девони нахустини Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ бо номи «Куллиёти Ҷомӣ» (Тошкент, 1907) ба табъ расидаанд.

Лекин девони умумии Мирзо Абдулқодири Бедилро бо номи куллиёт муаррифӣ кардан бо ду сабаб саҳеҳ намебошад. Аввалан, бар хилофи рубоиёти аксар шоирони дигар, ки як қисми девонҳои умумии онҳо мебошанд, рубоиёти Бедил, чунон ки гуфтем, ба девони умумиаш дохил нашудаанд, то ки онро куллиёти ашъори лирикӣ гуфта тавонем. Сониян, ҳамаи он тазкиранависоне, ки аз куллиёти шоир сухан кардаанд, тамоми осори манзум ва мансури ӯро дар назар доштаанд. Аксари онҳо ҳангоми ба забон гирифтани куллиёт теъдоди абёташро 90-100 ҳазор донистаанд. Дар сурате, ки миқдори умумии ашъори лирикии шоир аз 50 ҳазор байт беш нест.

Фикри муаллифи тазкираи «Сафинаи Хушгӯ» (Патна, 1959) ва баъзе муаллифони муосир, ки танҳо ғазалиёти шоирро беш аз 50 ҳазор байт гуфтаанд, асосе надорад. Дар ҳеҷ кадоме аз

нусхаҳои чи хаттӣ ва чи чопии осори Бедил ғазалиёти ӯ аз 30-35 ҳазор байт зиёд нестанд. Масалан, ғазалиёти нашри кобулии куллиёт 33 ҳазор, нусхаи зикршудаи Китобхонаи Худобахш тахминан 30 ҳазор, нусхаи № 4 Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон 26-27 ҳазор, нусхаи № 137 Архиви миллии Афғонистон 26 ҳазор байтро дар бар доранд.

Тавре ки қаблан гуфта шуд, нашри Сафдарии куллиёти Бедил сабаб шудааст, ки муқаддимаи мавриди баҳс бо номи «Дебочаи куллиёт» шӯҳрат ёбад. Аммо сабаби муқаддимаи девони қадим унвон гирифтани он, ҳамоно, иштибоҳи Мавлавӣ Абдулмуқтадир будааст. Гап дар сари он аст, ки ягона нусхаи хаттии то кунун маълуми девони қадим ё худ девони нахустини Бедил, ки дар китобхонаи Индия-Оффис маҳфуз асту дар ҷилди якуми феҳристи Эте «Нусхаҳои форсии китобхонаи Индия-Оффис» (Оксфорд, 1903) тавсиф шудааст, низ дорои ҳамин гуна як муқаддимаи мансур мебошад, ки оғозаш ба оғози муқаддимаи девони умумӣ монанд аст. Мавлавӣ Абдулмуқтадир, ки дар таълифи феҳристаш аз асари Эте истифода кардааст, зоҳиран, ҳамин монандиро ба асос гирифта, ҳар дуи онҳоро як чиз- муқаддимаи девони қадим-қаламдод кардааст. Ӯ ба назар нагирифтааст, ки нусхаи тавсифкардаи вай нусхаи девони умумӣ буда, теъдоди абёташ наздик ба 40 ҳазор байт аст. Дар сурате ки нусхаи китобхонаи Индия-Оффис, бо шаҳодати Эте, нусхаи девони қадими шоир аст ва ҳаҷми умумиаш аз даҳ ҳазор байт беш нест. Ин нусхаҳо аз лиҳози таркиб низ тамоман гуногунанд. Нусхаи Китобхонаи Худобахш, чунон ки гуфта шуд, аз таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву ғазал, қитъаву мухаммас, рубоиёти таърих, рубоъиёти қайди воқеъа ва чанд маснавии кӯчак иборат аст. Аммо нусхаи китобхонаи Индия-Офис қисматҳои ғазалу қасида ва рубоиро дар бар кардаасту бас. Аз ин рӯ, муқаддимаҳои ин ду девон низ набояд ду нусхаи як чиз бошанд.

Фикри як чиз набудани ин муқаддимаҳоро бо як далели иловагии дигар тақвият додан мумкин аст. Ин далел иборат аст аз як муқаддимаи мансури дигар, ки дар баъзе нусхаҳои хаттии «Чорунсур»-и Бедил, масалан нусхаи № 107 Институти шарқшиносии АИ Россия ва ду нашри мухтасари куллиёти шоир-нашрҳои Лакҳнав(1287 ҳ.) ва Конпур (1292 ҳ.) саҳван чун хотимаи унсури саввуми «Чорунсур» дарӣ гардидааст. Ин иштибоҳ кай ва бо айби кӣ рух додааст, алҳол ба мо маълум нест. Ҳамин қадараш возеҳ аст, ки ин дебоча дар аксар нусхаҳои хаттии «Чорунсур» ва нашрҳои Сафдариву кобулии куллиёти Бедил дида намешавад ва бо мазмуну мӯҳтавиёти хеш низ ба «Чорунсур» ҳеҷ гуна алоқа ва муносибате надорад. Балки бо хусусияти тарзи баён, ифодаи фикр ва характери таҳрир, чунон ки пешакӣ гуфтем, як муқаддимаи мустақилест дорои қисматҳои ҳамду наът ва бахши асосӣ. Бахши асосии он бо таъбири «аммо баъд» оғоз меёбад ва дар он доир ба кайфияти каломи бадеъ, натиҷаи заҳмати эҷодӣ будани он сухан меравад.

Гӯшзад кардан лозим аст, ки ин муқаддима ҳамчун дебочаи мустақил дар ягон нашри девон ё куллиёти Бедил дохил нагардидааст ва муҳаққиқони шоир низ аз мавҷудияти он хабар надодаанд.

Бо вуҷуди он ки ин дебоча нисбат ба муқаддимаи девони умумӣ ҳаҷман хеле хурд аст, оғоз ва анҷомҳои ҳардуи онҳо, бо истиснои гуногуни баъзе калимоту иборот ва камобешии порчаҳои шеърӣ, бо ҳамдигар монанд мебошанд. Барои мисол ду порчаро аз назар гузаронидан мумкин аст. Дебочаи мазкур бо ҷумлаҳои зерин сар мешавад:

«Тараддудоти анфоси ҳастии мавҷудот таҳрикест аз сарангушти иродати ӯ ва ҷунбиши муҳити коинот шиканест аз абрӯи ишорати ӯ. Мурғи нотиқа бар шохсори забонҳо болафшони аҷзи санохонии ӯст ва тоири босира дар ошёни дида риштабарпои чамани ҳайронии ӯ» (Куллиёти Бедил, Лакҳнав, 1287, саҳ. 505).

Оғози муқаддимаи девони умумӣ чунин аст: «Ҳамди мубдиъе ки тараддуди анфоси аъёни кайфу кам мавқуфи таҳрикест аз сарангушти иродати ӯ ва ҷунбиши амвоҷи осори ҳудусу қидам марҳуни шикане аз абрӯи ишорати ӯ. Мурғи нотиқаро бар шохсори забонҳо бисмил оҳоҳангии парвози санохониаш ва тоири босираро дар ошёни дидаҳо риштабарпои ҳайрати бенишониаш» (Куллиёти Бедил, ҷилди 1. Кобул, 1341, саҳ. 2).

Тавре ки дида мешавад, ин порчаҳо ҳам аз ҷиҳати ифодаи мазмун ва ҳам аз ҷиҳати таҳриру сохти ҷумлабандӣ хеле монанд мебошанд. Фарқ танҳо дар гуногунии баъзе калимаву ибораҳост. Масалан, таъбири «ҳастии мавҷудот, » ки дар порчаи аввал омадааст, дар мисоли дуввум дар шакли «аъёни кайфу кам» ифода шудааст. Ё худ, ибораи «ҷунбиши

муҳити коинот»-и порчаи аввал дар порчаи дуввум дар шакли «ҷунбиши амвоҷи осори ҳудуси қидам» дарӣ гардидааст.

Дар байни порчаҳои манзуми ин муқаддимаҳо низ умумият ба назар мерасад. Аз 11 байт шеъре, ки дар дебочаи аввал мавҷуд аст, 5 байти он бо тағйироти чанд калимаву ибора дар муқаддимаи девони умумҳ такрор шудаанд.

Лекин, бо вуҷуди ин монандиҳо, чунон ки мазмуни бахши асосии дебочаи аввал нишон медиҳад, ин дебоча ҷузъи алоҳидаи муқаддимаи девони умумӣ набуда, балки муқаддимаи асар ё маҷмӯаи дигарест. Барои мисол аз бахшҳои асосии онҳо ду ҷумларо зикр менамоем.

Аз дебочаи аввал:

«Лоҷарам, байте чанд, ки сутураш чун ниҳоли тоза решаи таҳрир дар замини ин авроқ дамонидааст ва ҳарфаш ба ранги барги сабз аз шохсори хати мистар ба серобии маонӣ сар кашида, баъзе аз он абҷади сармашқи Бедил аст дар кисвати ҷаҳли мураккаб ҳоҷизи маҷмаъи имтиёз ва аз ғубори ҳайрати нодонӣ оинаи тасвирпардоз».

Аз муқаддимаи девони умумӣ:

«Лоҷарам, натоиҷи афкоре чанд, ки решаи таҳрир дар замини ин авроқ давонидааст ва барги шохсори сатр гардида, аксар аз абҷадҳои машқи Бедил аст инфиъоли қусур дар бор ва ҳиӣлати ҷаҳли мураккаб дар канор».

Чунонки мебинем, Бедил мундариҷаи девони умумиро бо таъбири «натоиҷи афкоре чанд» ном бурда, нисбат ба маҷмӯае, ки дебочаи мазкурро муқаддимаи он донистаем, ибораи «байте чанд»-ро ба кор бурдааст. Ибораи «байте чанд» ба он далолат менамояд, ки ин дебоча муқаддимаи маҷмӯаи нисбатан хурдест. Дурусттараш, ин дебоча, ба ақидаи мо, муқаддимаи девони қадими шоир аст. Ин маъниро дар баробари монандии айнии оғози он бо оғози муқаддимаи нусхаи китобхонаи Индия – Оффис баробарии ҳаҷмҳои онҳо низ исбот менамояд. Монандии оғоз ва анҷоми ин дебоча ба ҷойҳои мутаносиби муқаддимаи девони умумии шоир аз он ҷиҳат аст, ки муаллиф баъди мураттаб намудани девони умумӣ дебочаи девони қадими худро аз ҷиҳти ҳаҷм тавсиъа ва такмил дода, муқаддимаи девони умумӣ сохтааст. Ба ибораи дигар гӯем, муқаддимаи девони умумӣ варианти такмилёфта ва тавсиъадидаи муқаддимаи девони қадим аст.

Бедил дар муқаддимаи девони қадим дар хусуси мавзӯъҳои фарогирифтаи он чизе намегӯяд. Лекин дар муқаддимаи девони умумӣ доир ба мундариҷаи девон сухан ронда, ба баъзе мавзӯъҳои он, аз ҷумла ба масъалаҳои ирфон, фалсафа, мадҳу ситоиш ва ҳаҷву мутоиба ишораҳо менамояд. Дар дебочаи девони қадим ҳамагӣ 11 байт шеър вуҷуд дошта бошад, дар муқаддимаи девони умумӣ миқдори онҳо ба 48 расидааст.

Нусхаи таҳрирхӯрда ва тавсиъадидаву такмилёфтаи дебочаи девони қадим будани муқаддимаи девони умумиро ин ҳам тасдиқ менамояд, ки баъзе ибора ва ҷумлаҳои дебочаи аввал дар муқаддимаи дуввум суфтатару рехтатар ва маҳкамтару равонтар гардидаанд. Масалан, ҷумлаи «Аммо баъд бар табъи салими арбоби фаросат ва зеҳни мустақими асҳоби диросат мухтаҷиб намонад, ки решаи ҳар ниҳол дар мабодии нашвунумо ба ранги нафаси субҳ аз заъифӣ ночор аст ва шӯълаи ҳар камол дар оғози ҷавоҳирафрӯзӣ чун моҳи нав дар нотавонӣ беихтиёр», ки дар дебочаи девони қадим омадаст, дар муқаддимаи девони умумӣ бад-ин шакл таҳрир шудааст: «Аммо баъд мизони тааммули инсофсанҷон мунҳарифи тағофул мабод, ки решаи ҳар ниҳол дар бадояти нашвунумо чун нафаси субҳ ногузири изҳори заъифист ва шӯълаи ҳар камол дар оғози қоматороӣ чун моҳи нав беихтиёри арзи наҳифӣ. »

Илова кардан лозим аст, ки дебочаи девони қадим то ба дараҷаи муқаддимаи девони умумӣ расидан шояд борҳо таҳрир ва такмил пазируфта бошад. Зеро шоир дар муддати фаъолияти эҷодии худ на камтар аз се маротиба девони ашъор мураттаб кардааст ва ҳар як варианти баъдинаи он нисбат ба пешинааш бузургтару комилтар баромадааст.

БАЁЗИ МИРЗО БЕДИЛ

Тавре ки аз баъзе тазкираҳо ва таълифоти илмӣ бармеояд, Мирзо Абдулқодири Бедил (1644 – 1720) илова бар девони ашъор, маснавиҳои зиёди хурду бузург ва чанд асари насрӣ ду баёзи ашъор ва як рисола дар илми рамл низ тартибу тасниф кардааст. Аз рисолаи рамл танҳо муқаддимаи дасрас буда, худи рисола мафқудшуда маҳсуб мешавад. Муқаддимаи онро дар ду нашри маъруфи Кулиёти шоир –нашри Сафарӣ (Бамбай, 1882) ва нашри Кобил(1341-1344 шамсӣ) дидан мумкин аст. аз муқаддимаи мазкур маълум мешавад, ки унвони рисола «таълифулиҳком» аст ва он дар асоси китобҳои машҳури ин фан мураттаб шудааст. Бахши сасосии муқадима ин аст. «Аммо баъд бар замири с оркашони маҳфили асрор махфӣ мабод, ки баъзе дустон дар даҳқиқи фунуни рамл, ки нашъаест саҳбои рамзи ладун, ғаҳде бале масруфи табиъат доштанд. Чун аскаре кутуби муътабараи ин фан ба ҳукми тасарруфи котибон дар ҳар тасвид тағдиди дигаре ёфта буд, сурати аҳком ба субут камтар мутобиӣ менамуд. Ин аъзафи ибодуллоҳ аҳкоми чанд, ки дар умри зарурӣ кифоят дошт, аз нусухи машҳура фароҳам оварда. «таълифулаҳком»-е вонигошт ва дар тавзеҳи дақоиӣ тарзе пардохт, ки ниг. Ба саҳ 232.

Аз ду баёзи ашъоре, ки Бедил тартиб додааст, яке мунтахаби байтҳо аз азалиёти худи ӯсту дигаре мағмуаи осори шоирони гуногуни пешин ва муосирони худи Бедил.

Аз ҳақиқати баёзи аввал шогирди Бедил Биндробандоси Хушгӯ дар тазкираи худ «Сафинаи Хушгӯ» (замони таълиф 1724-1734) хабар додааст. Ӯ пеш аз сабти намунаҳо аз ашъори Бедил навиштааст: «Баёзе ба дастхати худ аз ашъори азалиёт интихоб фармуда, навишта ва онро ба фақир иноят кардаанд. Ин ашъор аз он ғост».

Вале, мутаассифона, он чӣ ки аз ин баёз боӣӣ мондааст 335 байтест, ки Хушгӯ дар тазкираи худ ғой додааст. Худи баёз то кунун дастраси аҳли таҳқиӣ нагардидааст.

Хушбахтона, аз баёзи дуввум, баёзе ки мунтахаби осори иддае аз суханварони асрҳои Х1-ХУ11- ро дарбар дорад, , як нусха маълум аст. Ин нусха дар захираи дасттхатҳои Музеи Британия (Лондон) маҳфуз мебошад ва дар асари Чарлз Рё «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии Музеи Британия» (Лонлон, 1829) тавсиф шудааст. Дар хусуси ин баёз муаллифи рисолаи «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) Абдул анӣ низ маълумоти мухтасаре додааст. Маълумоти ӯ дар асоси навиштаи Рё сурат гирифтааст. Вале ӯ ҳангоми истифода аз феҳристи Рё ба чандин иштибоҳ роҳ додааст, ки зикри онҳо дар ин ғо бемаврид мебошад. Абдул анӣ навиштааст, ки аз баёзи Бедил ду нусхаи хаттӣ маълум аст, ки ҳарду ҳам дар музеи Британия маҳфузанд. Вале, чунон ки аз тавсифи Рё бармеояд, дар Музеи Британия, тавре ки гуфтем, ҳамагӣ як нусхаи баёз мавғуд аст, ки аз ду ғилд иборат мебошад. Аввалу идомаи якдигар будани ин ғилдҳо аз мундариғаи онҳо ба хубӣ ошкор аст.

Абдул анӣ дар хотимаи тавсифи худ овардааст, ки «баёзи мазкур, махсусан, аз раҳгузари маълумоте, ки дар бораи шоирони муосири Бедил аз он ба даст меояд, бисёр муҳим аст». Вале ӯ диӣқат надодааст, ки маълумоте, ки дар бораи муосирони Бедил дар феҳристи Рё мавғуд аст, ба қалами худи Рё тааллуӣ дорад, на ба қалами Бедил. Маълумотҳои нисбатан муфассале, ки дар феҳристи Рё дарғ гардидаанд, дар дохили қавсайн омадаанд ва дар охири ҳар кадомашон маъхазҳои онҳо зикр гардидаанд. Маъхазҳое ки дар охири ин ё он маълумот номбар шудаанд, дар асрҳои ХУ111-Х1Х таълиф шудаанд. Масалан, пас аз зикри тахаллуси шоири асри ХУ11 Муҳаммадсайиди Ашраф дар кавсайн ин ғумлаҳо илова шудаанд: «Муҳаммадсайид аз Мозандарон аст. Муаллими Зебуннисобегим бинти Аврангзеб ва яке аз муқаррабони Баҳодуршоҳ буд».

Дар охири ғумлаҳои боло тазкираҳои «Ҳарфт осмон» «Миръоти ғаҳоннамо» ва асари Шпренгер «Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи ҳокимони Авадҳ «(Калкутта, 1854) зикр гардидаанд, ки маълумоти мазкур аз онҳо гирифта шудааст. Ё худ дар феҳристи Рё ғое ки бо номи Алиризои Тағаллӣ дучор мешавем, дар қавсайн ин тавзеҳро мехонем: «Мулло Алиризо аз Ардакони Язд аст. Дар замони Шоҳиғаҳон муддате дар Ҳинд иқомат дошт. Баъдҳо ба Эрон баргашта дар аҳди шоҳ Аббоси 11 ва шоҳ Сулаймон дар ватани худ зиндагӣ мекард. Соли 1088 дар ҳамон ғо аз олам гузашт».

Баъди ин тавзеҳ низ маъхазҳои он тазкираи «Риёзушшуаро»-и Алиқулихони Волеҳ ва феҳристи номбаршудаи Шпренгер зикр гардидаанд.

Тавре ки гуфта шуд, комилтарин маълумот дар хусуси баёзи Бедил онест, ки дар феҳристи

зикршудаи Рё дарғ гардидааст: Бино бар ҷавли Рё, нусхаи мазкури баёз аз ду ғилд иборат буда, дар Музеи Британия зери №№16802 ва 16803 нигоҳ дошта мешавад. Ғилди аввали он дорои 429 ва ғилди дуввум дорои 453 варай буда, яке дар зулҷаъдаи 1152 (феврали1740), дигаре дар муҳаррами1153 (апрели 1740), бо хати зебои шикастаомез дар шаҳри Лоҳур китобат шудаанд. Дар нусха, зоҳиран, номи котиб зикр наёфтааст, ки Рё низ дар ин бора чизе нагуфтааст. Баёз намунаҳои осори иддае аз шоирони форсигӯй аз Хоҷонии Шервонӣ то муосирони Бедилро дар бар кардааст. Дар он намунаҳои осор аз рӯи навъҳои шеърӣ табаҷабандӣ шудаанд. Аз вараҷи саввуми ғилди аввал то вараҷи 134 он бахши ҷасоид омадааст. Бахши азал, ки бахши калонтарини он аст, аз вараҷи 135 ғилди аввал то вараҷи 136 ғилди дуввум давом кардааст, яъне ин бахш беш аз 430 вараҷи баёзро фаро гирифтааст. Баъд аз ин бахшҳои муаммо (як варай), рубоӣ (се варай), мустазод (60 варай), ҷитъа (10 варай) ва маснавӣ(12 варай) дарғ гардидаанд. Дар бахши маснавӣ намунаҳо аз осори Муҳаммадҷулӣ Салими Теҳронӣ (ваф. 1647), Муҳаммад Сайид Ашрафи Мозандаронӣ (вафоташ 1708), Мир Яҳёи Кошонӣ (ваф. 1654), Ҳаким Рукнои Масеҳӣ (1657-1656), Муҳаммадҳусайн Толиби Омулӣ (вафот. 1627) ва дигаронро дидан мумкин аст. Баъд аз бахши маснавӣ чанд мухаммасу маснавиҳои ахлоӣӣ аз худи Бедил, номаҳо ва дигар осори мансур аз Бедилу шоирони дигар, муаммо ва мусаддасоту муҷадасоти ҷитъаҳои таърихӣ аз муаллифони гуногун дарғ гардидаанд. Дар ҷитъаҳои таърихӣ воӣеаҳои таърихии то соли 121 (1709-1710) рухдода инъикос ёфтаанд. Матни асосии ғилди дуввум бо ҷиссае бо номи «Ҳикояти бараҳмани сода ва ҳилаҳои зани маккораи ӯ» ба поён мерасад. Дар ҳошияи ғилди аввал илова бар чанд порчаи кӯтоҳи манзум «Зодулорифин» ном рисолаи мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1088), Латоифи гуногун аз муосири Бедил Абдулаҳади Ваҳдат (ваф. 1714) ва «Насоеҳ ва мавоиз» ном мавод аз Зиёуддини Нахшабиро дидан мумкин аст. Ҳошияи ғилди дуввум «Меъроғи хаёл» ном шеъри Мулло Алиризои Тағаллӣ(ваф. 1682) «Мубоҳасаи кӯкнор ва танбоку» ном маснавии шоире бо номи Муғрим, номаи Неъматхони Олӣ (ваф. 1710) ба Иродатхони Возеҳ (ваф. 1687), порчаҳои гуногун бо номи «Найлиёти бузургон», хулосаи рисолаи «Ғашни Хусн ва Ишӣ»-и Неъматхони Олӣ, «Гулшани роз» ном тарғеъбанди Урфии Шерозӣ (1556-1591) ва айраро дарбар кардааст.

Аз ишораҳои Рё бармеояд, ки Бедил ҷабл аз зикри намунаҳо аз осори шоирон доир ба шеъри баъзе онҳо ибрози назар низ намудааст. Чунончи, шоири маъруфи асри ХУ11 Мирзо Ғалоли Асирро бо номи «подшоҳи сарири маънӣ» ва шеъри шоири дигари ин аср – Муҳаммадғон ҷудсии Машҳадиро бо ибораи «меъроғи сухан» ёд кардааст. Ё худ, намунаҳо аз осори муосири хеш Абдулаҳади Ваҳдатро бо таъбири «Латоифи устодона аз Ваҳдат» ба ҷалам додааст.

Хулоса, баёзи тартибдодаи Бедил яке аз манбаъҳои муҳими омӯзиши адабиёти асри шоир ба шумор рафта, дар кори таҳҷиӣ ва пажуҳиши аҳвол ва осори худи ӯ низ кӯмаки зиёде расонида метавонад. Дастрас ва тадҷиӣ намудани ин баёз барои равшан кардани назари Бедил ба мероси гузаштагону муосиронаш ва муайян сохтани завҷи эстетикии ӯ дар интихоби шеър низ муфид мебошад.

## ТААММУЛЕ ДАР САБКИ БЕДИЛ

Ҳар каси аз адаб иёти форсӣ бохабар вайте ки номи Бедилро мешунавад ё бо ягон асари ӯ дучор мегардад, пеш аз ҳама, пӯшидагии маъно, печидагии баён, душвории забон ва муракаббии услуби ӯро ба хотир меоварад. Устод Айнӣ дар рисолаи маъруфи худ “Мирзо Абдулҷодири Бедил” (Сталинобод, 1954, саҳ. 99) дар хусуси сабку услуби шоир сухан карда, забони асарҳои ӯро “душвортарин забони адабии тоғик” донистааст.

Шарӣшиноси маъруф Евгений Бертелс дар муҷаддима бар рисолаи мазкури устод Айнӣ навиштааст: “Аввалин чизе, ки одатан, дар вайти ном бурдани Бедил ба хотир меояд, забони хеле душворфаҳми вай аст”.

Суоле ба миён меояд, ки чаро осори Бедил ин ҷадар мушкилфаҳм ва услуби нигориши ӯ ин гуна мураккаб аст? Ин хусусият оё аз табиати осори вай бармеояд, ё ки ин тарзи баён ва ин роҳи фодаро ӯ ҷасдан пеш гирифтааст?

Аксари муҳайҷиҷоне, ки ба омӯхтани осори Бедил даст задаанд, ба ин масъала низ дахл намудаанд. Шоирони тоғик Муҳаммадғон Раҳимӣ ва Абдусалом Деҳотӣ, ки дар кори омӯзиши Бедил аз ғумлаи аввалинҳо ба шумор мераванд, дар китоби дастғаъии “Намунаҳои адабиёти тоғик” (Сталинобод, 1940, с. 186) роҷеъ ба Бедил маълумоти мухтасаре дода, навиштаанд, ки “Бедил барои эғодиёти худаш як услуби нави ба худ махсус ихтироъ кард, ки он хеле мураккаб ва душворфаҳм аст”. Ин муаллифон дар айни ҳол эътироф кардаанд, ки “ба чӣ сабаб чунин як услуби мураккаб ва душворфаҳмро пеш гирифтан”-и шоир ба онҳо равшан нест.

Евгений Бертелс дар соли 1945 доир ба хусусиятҳои услуби забони Бедил ва сабабҳои ба ин услуб гароидани ӯ маҷолаи алоҳидае навишта, кӯшиш кардааст, ки ба ин масъалаҳо равшанӣ андозад (Ниг.: Э. Е. Бертелс. История литературы и кульруты Ирана, М. 1988, стр. 352-362). Ӯ навиштааст, ки ба саволи аз чӣ иборат будани хусусиятҳои услуби забони Бедил ва сабабҳои душвории он вайте ғавоби фарогир додан мумкин аст, ки ду масъалаи муҷаддамотии дигар равшан карда шавад. 1. Ташаккур ва такомули сабки ҳиндӣ омӯхта шавад ва муайян гардад, ки оё ин сабк ихтироъи Бедил аст, ё ки натиғаи инкишофи табии назми форсизабони Ҳиндустон? 2. ояҳои асосии эғодиёти шоир, аз ғумла ғанбаҳои гуногуни ғаҳонбинии ӯ, ошкор карда шаванд.

Муҳайҷиӣ ба ҷадри он имконоте, ки дар он вайт вуғуд дошт, танҳо ба яке аз ин масъалаҳо ғавоб гуфтааст. Ӯ тавассути нигоҳе ба таърихи адабиёти форсии Ҳинд исбот кардааст, ки сабки ҳиндӣ ихтироъи Бедил набуда, идома ва инкишофи сабки адабиётест, ки аз асри XII то замони Бедил дар Ҳиндустон ғараён доштааст. Ба аҷидаи Бертелс, сабабҳои душвории услуби Бедилро вайте муайян кардан мумкин аст, ки ояҳои асосии эғодиёти ӯ омӯхта шаванд. Агар исбот карда шавад, ки аҷоиди Бедил хилофи таълимоти расмии ислоим буданд, -идома додааст Бертелс, -пас метавон хулоса кард, ки шоир ба мақсади пардапӯш кардани афкори зиддидиниаш ба ин услуби душвор рӯй овардааст. Вале, -таъкид кардааст Бертелс, -Бедил агар аҷоиди худро аз ҳомиёни дин пинҳон карда бошад, ошкор кардани он аҷоид барои мо кори чандон осон нахоҳад буд.

Пас аз ду соли нашри маҷолаи Бертелс рисолаи Абдул анӣ Мирзоев “Сайидо ва маҷоми ӯ дар таърихи адабиёти тоғик” (Сталинобод, 1947) ба табъ расид. Мирзоев дар ин рисола аз таърихи пайдоиши сабки ҳиндӣ низ баҳс намуда, хусусиятҳои ин сабк, аз ғумла услуби Бедилро, ба “муҳити сиёсӣ, ийтисодӣ ва иғтимоии Ҳиндустон, тарзи зиндагӣ ва хусусиятҳои фикрии халӣҳои он ғо ва инчунин манзараҳои табии” он кишвар алоҷаманд донистааст.

Носирғон Маъсумӣ низ тақрибан дар ҳамин аҷида аст. Ӯ дар маҷолаи “Ту рал ва муҳити адабии ӯ” аз омилҳои пайдоиши сабки ҳиндӣ сухан карда, аз ғумла навиштааст: “Шароити ба худ хоси таърихӣ, табиӣ, иғтимоӣ ва мадании Шарӣ дар адабиёти форсизабони Ҳиндустон “сабки ҳиндӣ”-ро ба вуғуд оварда, инкишоф дод, ки ин, пеш аз ҳама, ба тарзи махсуси баёни маънӣ ва тарзи ифодаи образҳои бадеӣ дахл карда, дар навбати худ дар асоси ҷонуни мутобиҷат шаклу мазмунро якғоя фаро мегирифт. Дар инкишофу такомулоти сабки мазкур дар шароити Ҳиндустони асри ХУП Мирзо Абдулҷодири Бедил маҷоми махсусе дорад” (Ниг.: Ту рал, Мунтахаботи ашъор, Душанбе, 1964, саҳ. 8.).

Албатта, муҳити зист, тарзи зиндагӣ, урфу одати халҷу манзараҳои табии ин ё он кишвар ба асаре, ки дар он муҳит эғод шудааст, таъсир накарда наметавонад. Вале ин таъсир асосан дар мазмун ва мухтавиёти асарҳо зоҳир мегардад, на дар сабку услуб. Аз ин рӯ, огнро омили асосии тафовути сабки ҳиндӣ аз дигар сабкҳо ҳисобидан саҳеҳ нест. Зеро дар адабиёти форсизабони Ҳинд дар ҷатори шоъирони сабки ҳиндӣ шоъиронеро низ мебинем, ки ба сабки соддаву оммафаҳм, ба таъбири тазкиранависон, “ба тарзи ҷудамо” шеър гуфтаанд. Яъне, на ҳамаи шоъирони форсигӯи Ҳинд, аз ғумла на ҳамаи муъосирони Бедил, ба сабки ҳиндӣ асар эғод кардаанд. Ё худ осори на ҳамаи шоъирони Ҳиндустон душвору дандоншикан аст. Аз ғумлаи муосирони Бедил шоъирони зиёдеро ном бурдан мумкин аст, ки забону услуби онҳо аз забону услуби Бедил ва дигар чеҳраҳои дурахшони ин сабк Носиралӣ, Мирзо Соиб, ании Кашмирӣ, Салими Теҳронӣ ва айра тафовути ғиддӣ дорад. Ба ин гурӯҳи шоъирон

Бараҳмани Лоҳурӣ, Шукруллоҳхони Хоксор, Вазоратхони Олӣ, Аҳмадёрхони Якто, Муҳаммадсаъдии чурайшӣ, Мирзо Абдурасули Исти но ва даҳҳо дигаронро дохил намудан мумкин аст.

Чунонки гуфтем, сода ва оммафаҳм будани шеъри ин гурӯҳи шоъиронро тазкиранависон низ гӯшрас намудаанд. Муаллифи тазкираи "Калимотушшуъаро" Муҳаммадафзали Сархуш дар бораи ҳаким Йозии Гелонӣ ном шоъири асри ХУП навиштааст: "Аз шуъарои мӯътабари подшоҳӣ буд. Девоне захим тартиб дода. Ашъораш ба тарзи чудумо рост ба рост аст".

Сархуш дар хусуси муъосири дигари худ Муҳаммадхусейни Холис чунин овардааст: "Дар аҳди Оламгиршоҳ аз вилоят ба Ҳинд омада, ба тарафи Дакан аксар гузаронида. Ҷасидаву маснавӣ ва девони мухтасар дорад. Ашъораш пухта аст, аммо ба тарзи чадим".

Тазкиранависи дигар муаллифи "Сафинаи Хушгӯ" Биндробандоси Хушгӯ дар бораи муъосири Бедил Очилхони Розӣ овардааст: "Аскарӣ ном аз садоти Хоф буд. Дар шеър тарзи чудамо бисёр дуруст карда".

Гузашта аз ин, аз симоҳои машҳури сабки ҳиндӣ шахсонеро нгм бурдан мумкин аст, ки умуман ба Ҳиндустон сафар накардаанд. Яъне дар муҳиту шароити тамоман дигар ба сабки ҳиндӣ шеър гуфтаанд. Мирзо Ғалоли Асир, Муҳташами Кошӣ ва Ваҳиди Ҷазнивӣ аз ҳамин чабилаанд. Умуман, дар ташаккул ва такомули сабки ҳиндӣ омилҳои сиёсиву иғтимоӣ ва ийтисодиву ғу рофӣ найши ҳалкунанда надоранд. Найши ҳалкунанда надоштани омили ғу рофиро Е. Э. Бертелс низ таъйид намудааст (Ниг.: Е. Э. Бертелс, китоби зикршуда, саҳ. 438).

Чунон ки маълум аст, яке аз аввалин тадҷиҷотҳои муфассал ва пурарзиш дар бораи Бедил асари зикршудаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулчодири Бедил" (Сталинобод, 1954) мебошад. Устод Айнӣ дар ин асар дар баробари шарҳи зиндагӣ ва тавзеҳи умумии осори Бедил доир ба сабабҳои душвории забон ва услуби ӯ низ мулоҳизаҳои ғолиби диӣчат иброз намудааст. Ӯ аз ғумла навиштааст: "Баъзеи тазкиранависон ва танчидчиён мегӯянд, ки Бедил барои ифодаи таълимоти фалсафиаш ба ихтиёр кардани ин услуб мағбур шудааст. Ин фикр як дараға дуруст аст. Чунки ифодаи маъниҳои дачичи махсус таъбирҳои душвори махсусро талаб мекунад, хусусан вайте ки муаллиф маъниҳои фалсафиашро дар пардаи сӯфизм печондан хоҳад, ин печдарпечӣ дучанд мегардад".

Дар баробари ин устод Айнӣ таъкид кардааст, ки душворӣ ва мураккабии забону услуб дар ифодаи маъниҳои оддӣ ва рӯзмарра, аз ғумла дар таҳрири номаҳо ва саргузаштҳои шоъир низ риоя шудааст. Аз гуфтаҳои устод Айнӣ чунин хулоса бармеояд, ки душвории забон ва услуби Бедил, аз як тараф, ба мазмуну мӯҳтавиёти осораш вобаста бошад, аз тарафи дигар, натиғаи саъу талоши ӯст дар кори навғӯӣ ва навпардозӣ.

Масъалаи мавриди баҳс, яъне сабабҳои душвории забон ва услуби Бедил аз назари муҳайчичи дигари ӯ Холида Айнӣ низ дур намондааст. Х. Айнӣ дар рисолаи "Бедил ва достони ӯ "Ирфон" (Сталинобод, 1956) дар таъйиди гуфтаи Бертелс тахмин намудааст, ки Бедил шояд барои пинҳон доштани ачоиди даҳриёнаи худ ин услуби душворро ба кор бурда бошад. Вале ин тахмин, навиштааст Х. Айнӣ, сабаби ягона ва асосии душвории услуби Бедил шуда наметавонад. Ба назари Х. Айнӣ, сабаби асосӣ, ҳамоно, кӯшиши бартарӣ ғустани шоъир бар муъосиронаш мебошад. Гузашта аз ин, -илова намудааст Х. Айнӣ, -услуби Бедил на танҳо як ғузъи сабки ҳиндӣ ба шумор меравад, балки ба сабку услуби назми ҳиндизабони Ҳиндустон низ алочаманд аст. Сабаби ба назар наву тоза бархӯрдани баъзе образҳо ва тарзи тасвир дар осори шоъир, хулоса намудааст Х. Айнӣ, пеш аз ҳама, дар ҳамин аст.

Рочеъ ба сабабҳои душвории осори Бедил шоъир ва донишманди Аф онистон устод Халилуллоҳи Халилӣ низ изҳори назар кардааст. Устод Халилӣ дар мучаддимае, ки ба нашри кобулии куллиёти шоъир нигоштааст, аз маҳорати шоъирии Бедил сухан ронда, яке аз иллатҳои ба фаҳм дарнаёмадани шеъри ӯро дар баландии мазмун ва нозукии маънои он донистааст. Ӯ навиштааст: "Агар бархе аз андешаҳои жарфи вай (Бедил-Б.Р.) зуд ба фаҳм дарнамеояд, иллати аслӣ он аст, ки Мирзо дар як чисмати азалиёти худ он масоили олӣ ва мубҳамро ифода намуда, ки идроки он ба зоти худ душвор ва аз фаҳми ҳар кас болотар аст. Агар, филмасал, он матолиби олияро, ки дар асрори тавҳид ва розӣ ҳастӣ ва дар баёни мавчифи инсон дар ин ғаҳон ҳайратангез аст, бо насре бас равон ва ҳатто омиёна бингоранд, мардеме, ки ба кунҳи ин матолиб ошноӣ надоранд ва лаззати ин бодаи рӯҳониро

начашидаанд, аз идроки он оғиз мемонанд. . . Дар ин қисмати азалиёти Мирзо ниҷот ва ишоратест, ки ҳамеша дониши одамӣ аз маърифати он оғиз омада ва дар пешгоҳи ин тилисми ҳайрат волеҳ ва саргардон монда. ”

Ба аҷидаи устод Халилӣ, сабаби дигари ба фаҳм дарнаёмадани шеъри шоъир касрати истиораву мағоз, киnoяву иҳом ва дигар санойеъи шеърист, ки матолиби сода ва ба зоти худ равшан дар сояи он санъатҳову резакориҳо пинҳону ноаён мондаанд. “Мирзо Бедил, - идома додааст устод Халилӣ, -дар қисмати дигари азалиёташ, ки матолиби оддӣ ва пешипоафтодаро ифода намуда, дар он низ чандон борикӣ ва резакорӣ ва истиъораву мағоз ва киnояву иҳом ва тавсия ба кор бурда ва ҳусни таълил намуда ва мисолҳои навин оварда, дидани он матолиби равшану соф дар сояи ин ҳунарнамоиҳо ва борикиҳо ба тезии ҳуш ва диҷҷати назар мӯҳтоғ шуда, гӯё ин масоили оддӣ дар ғойгоҳи рафеъе аз ҳунару санъат ҷарор ёфта, ки ҳар зеҳн ба пояи идроки он намерасад”.

Муҳаиҷиҷи маъруфи Эрон Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар чанд маҷолае, ки дар бораи Бедил навиштааст, роҷеъ ба сабабҳои душвории забону услуби ӯ низ ишораҳо намудааст (Ниг.: ба китоби ӯ “Шоъири оинаҳо”, Теҳрон, 1366). Чунончӣ, дар маҷолаи “Наили Бедил”, ки бори аввал дар соли 1346 шамсӣ (1967) ба табъ расида буд, аз маъонии бегона, печидагии баён, истиъораҳои ариби шоъир ёд карда навиштааст, ки “ин гироиш ба маънои бегона ва овардани тасвирҳои ариб барои дурӣ аз ибтизол (умумигӯӣ-Б.Р.) буда”.

Кадканӣ дар маҷолаи дигари худ “Бедили Деҳлавӣ” душвории шеъри шоъириро ба хусусиятҳои забонии он низ алоҷаманд дониста навиштааст: “Яке аз хусусиёти шеъри Бедил, ки забони ӯро бештар мубҳам ва печида сохтааст, навъи таркибот ва бофтаҳои хосест, ки вай дар шеъри хеш истиҳдом карда”.

Муроди муаллиф аз “навъи таркибот ва бофтаҳои хос” калимаҳои мураккаби серғузъаест аз ҷабили “фурсаткамин”, “ибратнигоҳ”, “ғунунпаймона”, “тӯҳматнишон”, “ҳайратоҳанг”, “адамфурсат”, “ҳаёбегона”, “ҳаёсармояғӣ”, “анҷосарубаарг”, “норасоитакутоз” ва айра.

Кадканӣ дар маҷолаи “Сабкшиносии шеъри Бедил” аҷидаи худро инкишоф дода, ин навъи таркиботро ихтироъи худи Бедил ҳисобида, маҳз ҳамин анвои калимаҳоро сабаби асосии душвории шеъри шоъир донистааст. Ӯ аз имконоти забони форсӣ дар сохтани таркибҳо, аз ананаи таркибсозӣ ва тафовути он дар сабкҳои пешин ва хусусияти услубӣ пайдо кардани таркибсозӣ дар сабки ҳиндӣ ёд намуда, дар бораи таркибҳо ва бофтаҳои хоси Бедил чунин навиштааст: “Баҳси мо дар ин ғо бар сари навъи таркибҳоест, ки Бедил сохта ва ин таркибҳо аз навъи тағориби шоъирони ҷабл аз ӯ нест. Ва ба ҳамин далел касоне, ки ба ин сохторҳои таркибӣ ошноии комил надошта бошанд, ба душворӣ метавонанд аз шеъри ӯ лаззат бибаранд. Шояд муҳимтарин омили умуз (душворӣ-Б.Р.) дар шеъри ӯ ҳамин навъи таркибот бошад”.

Аз навиштаҳои Кадканӣ танҳо ба ду ишораи ӯ метавон эрод гирифт. Якум, ба он ки ин таркибсозӣ гӯё “бо системаи табиъӣ ва меҳвари ҳамнишинии забони форсӣ чандон созгор” набошад. Дуввум, ба он, ки гӯё “ин таркибҳо аз навъи тағориби шоъирони ҷабл аз ӯ” (Бедил-Б.Р.) нестанд.

Чанд таркибе, ки Кадканӣ ба ҳайси мисол дарғ кардааст, ҳама калимаҳои мураккаби дуғузъа ва сеғузъа мебошанд. Яъне, калимаҳое ҳастанд, ки аз ду ва сетогӣ калимаи сода сохта шудаанд. Ин навъи калимаҳо дар эғодиёти пешгузаштагон ва муосирони Бедил, аз ғумла, дар осори Низомии Ганғавӣ, Саъдии Шерозӣ, Соиби Табрезӣ ва Саидои Насафӣ низ ба назар мерасанд. Миҷдори зиёди ин хели калимаҳоро дар навиштаҳои шоъирони асрҳои баъдина, чунончӣ дар азалиёти Фори и Ҳисорӣ низ дучор омадан мумкин аст.

Бартарӣ ё худ тафовути Бедил дар корбурди калимаҳои мураккаб дар он аст, ки ӯ аз ин навъи калимаҳо хеле зиёд истифода кардааст. Ӯ касрати истеъмоли ин калимаҳоро ба ҳадде расонидааст, ки онҳо ба яке аз хусусиятҳои услубии осори ӯ табдил ёфтаанд.

Муҳимтарин асаре, ки баъди нашри китоби мазкури Кадканӣ дар Эрон дар хусуси Бедил ба табъ расид, мағмӯаи маҷолаҳои Ҳасани Ҳусайнӣ “Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ” (Теҳрон, 1367) мебошад. Маҷолае аз ин мағмӯъа “Иллали печидагии шеъри Бедил” ном дорад ва назари муаллиф доир ба масъалаи мавриди баҳс дар ҳамин маҷола ифода ёфтааст. Ба аҷидаи ин муаллиф низ душвории шеъри Бедил, пеш аз ҳама, аз душвории мавзӯъ ва мундариҷаи он бармеояд. Шоъир дар шеъри худ мавзӯъ ва масъалаҳоеро баён ва баррасӣ

кардааст, ки “фи нафсиҳӣ барои баён шудан ниёз ба тафсил ва тавзеҳу ташреҳ доранд”. Ба таъсири дигар “печидагии  азали Бедил дар маънӣ бармегардад ба печидагии обишхӯри маънавии ӯ, яъне фалсафаи ирфонии ваҳлати вуғуд, фалсафае, ки бехабарӣ аз румузи он корро барои хонандагони оддӣ ва ноошнои  азали Бедил. . . сахт печида мекунад”.

Тавре ки мебинем, ин фикри муаллиф такрори мушоҳадаи устод Халилист, ки мо дар борааш сухан кардем. Ҳасани Ҳусайнӣ агарчӣ мучаддимаи устод Халилиро дар даст доштааст, масъалараро тарзе баён кардааст, ки гӯё дар ин бора сухани аввалро ӯ мегуфта бошад.

Ба ачидаи Ҳасани Ҳусайнӣ, чизи дигаре ки ба душворфаҳмии андешаҳои фалсафӣ-ирфонии шоъир сабаб шудааст, кӯшиши ифодаи ин андешаҳо ба забони  азали сабки ҳиндист. “Ба назар мерасад, ки-навиштааст муаллиф, -ин кор (яъне андешаҳои фалсафии ирфонӣ-Б.Р.) бо чолиби  азал, ки зарфияти маҳдуде дорад ва бо забони он, хоса забони  азали ҳиндӣ, ки сахт мӯъғаз аст, дар тазод ва носозгорист. Бесабаб нест, ки бузургони ирфону адаб ва фалсафаи исломӣ аз Саноӣ гирифта то шайх Маҳмуди Шабистарӣ ҳама барои табйини ин макулот ҳамвора чолиби дарандашти маснавиро баргузида ва дар ин чолиб доди маънои мавриди назари хешро ба ашкори гуногун додаанд”.

Дуруст аст, ки ифодаи андешаҳои фалсафию ирфонӣ дар  азал, ки дорои маҳдудиятҳо муъайянест, канда-канда, ба мисли дурахш ва шарораи оташ сурат мегирад. Аммо бозтоби ин масъалаҳо дар маснавӣ ботафсилтару доманадортар аст. Аз ин рӯ, дарк ва дарёфти онҳо дар  азал душвортару дар маснавӣ осонтар аст. Вале бо ин наметавон гуфт, ки забони  азал, аз ғумла  азали ҳиндӣ барои ифодаи мавзӯъҳои мазкур бегона ва носозгор аст. Масъалаҳои фалсафию ирфонӣ хоси танҳо маснавӣ набуда, дар тамоми жанру намудҳои назму наср ифода ёфта метавонанд. Дар осори Мавлавии Рум, Ҳофизи Шерозӣ, Шамсиддини Ироӣӣ, Абдураҳмони Ғомӣ ва  айра  азалҳои ҳакимонаву орифона оё каманд?

Ба ачидаи Ҳасани Ҳусайнӣ, дар шеъри Бедил илова бар печидагиҳои маънавӣ, ки ба мазмуну муҳтавиёти осораш марбутанд, печидагиҳои шакливу услубӣ низ ба назар мехӯранд. Бархе аз онҳо, -таъкид мекунад муаллиф, -аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ бармеоянд. “Шеъри сабки ҳиндӣ, -идома медиҳад муаллиф, -шеъре дардошност ва дарки он мусталзами ошноӣ бо калидҳо ва чорордодҳои роиғ байни шоъирони ин сабк аст, ки ба мурури замон дар шеъри сабки ҳиндӣ ғову макони хосе барои худ даступо кардаанд. Аз ин рӯ, агар хонандаи ин шеър бо равобити ашёӣ ва зарфиятҳои тамсилии асомӣ ва калимоти хосу истилоҳоти забонии ин сабк ошноии кофӣ надошта бошад, аз дарки шеъри ҳиндӣ ва лаззатҳои маънавии ҳосил аз мукошафаҳои шоъирони ин сабк маҳрум мемонад. Барои дарки шеъри ҳиндӣ бояд алифбои онро омӯхт ва рамузи онро фаро гирифт. Филмасал агар касе аз иртиботи пунбаву мино, катону маҳтоб, чумриву сарв, шарору теша, ҳубобу дарё, ҳумову устухон, оинаву занг, те у об, шамъу гоз, баҳлаву шикор, пай ому кабӯтар, чунуну занғир, шонаву синаи чок ва садҳо намунаи дигар ба шакле ҳамағониба муталеъ набошад, ҳатто аз фаҳми тамоми камоли шеъри содагӯёни ин сабк бенасиб хоҳад монд. Чӣ расад ба шеъри тӯфонзада ва ҳазоргӯи Бедил, ки худ хештанро “чунуниншо” ва “ҳайратофарин” мехонад”.

Образҳои дугонае, ки муаллиф зикр кардааст, воӣеъан, дар шеъри сабки ҳиндӣ хеле зиёданд. Вале онҳо хоси фачат ин сабк нестанд. Ба ин образҳо дар осори шоъирони сабкҳои пешин низ дучор омадан мумкин аст. Барои мисол чанд байтро зикр намудан мумкин аст:

***Поям аз хиттаи фармони ту берун нашавад,***
***Сарам ар пеши ту чун шамъ бибурранг ба гоз.***
**(Анварӣ)**

***Хумой бар сари мур  он аз он шараф дорад,***
***Ки устухон хӯраду ғонвар наёзорад.***
**(Саъдӣ)**

***Ба пеши сарви худам роҳ нест, эй чумрӣ,***
***Туро чӣ  ам, ки сари сарв ошёнаи туст.***
**(Мушфиӣӣ)**

Ҳасани Ҳусайнӣ дар фароварди маҷолаи хеш аз кӯшишҳои маъниёбӣ ва мазмунофаринии шоъирони сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Бедил, ёдовар шуда таъкид кардааст, ки “талошҳо барои ҷустани мазмуни ноёб баъзан ба бурузи забони ноёб низ” сабаб шудаанд. Мурод аз “забони ноёб” ҳамон таркибот ва бофтҳои хосест, ки Шафеъии Кадканӣ зикр кардааст.

Душворӣ ва дандоншикании шеъри Бедил, шояд сабабҳои зиёд дошта бошад, ки номбар кардани онҳо алҳол  айри имкон бошад. Он чӣ, ки дар ин бора гуфтаанд ва ҳар чӣ, ки мо дар ин хусус гуфтанӣ ҳастем, фарогири танҳо баъзе сабабҳо шуда метавонанд.

Эътироф бояд кард, ки андешаҳои мо дар ин бора кашфиёт ё худ мушоҳидаҳои тоза нестанд. Он чӣ ки мо мегӯем, дигарон, аз ҷумла онҳое, ки аҷидаҳояшон баррасӣ гардид, низ гуфтаанд. Аммо ба таври пароканда ё ки дар шакли ишора ва тезис. Навиштаҳои мо гуфтаҳои дигаронро ё ғамъбаст менамоянд ё ин ки инкишоф медиҳанд.

Зоҳиран, душвории забони Бедил бештар ҷанбаи субективӣ дорад. яъне, ин хусусияти осори ӯ, пеш аз ҳама, ба худи ӯ вобаста аст. Ё аз табиъати осораш бармеояд ё аз ҳунари шоиъирӣ ва ибтикороташ дар забони форсӣ.

Умдатарин сабаби душвории шеъри Бедил, чунон ки устод Айнӣ ва устод Халилӣ навиштаанд, ба мазмун ва маъонии худи он алоҷаманд аст. Шоъир дар бахше аз осори худ масъалаҳоеро ифода намудааст, ки бе дониши муайян ва бе омодагии пешакӣ фаҳмидани онҳо душвор аст. Ин масъалаҳо ё худ ин мавзӯъҳо, чунон ки муҳаӣҷиҷи мазкур Ҳасани Ҳусайнӣ гуфтааст, ба зоти худ “барои баён шудан ниёз ба тафсил ва тавзеҳу ташреҳ доранд”.

Ғолиби диӣҷат аст, ки ба масъалаи душвории шеъраш ва сабабҳои он худи шоъир низ ишораҳои зиёде намудааст. Аз ҷумла навиштааст:

***Маънии баланди ман фаҳми тунд мехоҳад,***
***Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кутал дорам.***

***Ба фаҳми рози ту, Бедил, чӣ мумкин аст расидан?***
***Ҳамин бас аст, ки тимсолрас шуд оинаи мо.***
*******

***Машҷи маъниям, Бедил, бар табоеъ осон нест,***
***Сар фурӯ намеояд фикри ман ба ҳар зону.***

Бедил дар байти зерин таъкид мекунад, ки сабабаи душвории маънӣ ва мушкиллии матлабаш он аст, ки ӯ аз забони дигар кас, аз забони маҳбуб, маҳбуби ҳаҷиӣӣ сухан мегӯяд:

***аври маъниям душвор, фаҳми матлабам мушкил,***
***Бедил, аз забони ӯст, ин мане ки ман дорам.***

Шоъир дар байти дигар иддаъо дорад, ки маънии ӯ аз ҷудрати фаҳми хонанда ба дараҷот баландтар воӣеъ гардидааст. Маънии ӯ хирмани моҳ бошад, хонанда мӯрест, ки аз ин хирман хиёли дона рабудан дорад:

***Маънӣ аз ҳавсалаи фаҳм баланд афтодааст,***
***Хирмани моҳ ҳамон донакашонаш мӯранд.***

Бедил дар ғойҳои дигар сабаби душвории шеъри худро дар нозукии маънохои он мебинад ва ба хонанда таъкид менамояд, ки барои дарки он тааммул ва тафаккур ба кор бибарад:

***унча шав, бӯи гули тарзи каломам нозук аст,***
***Бе тааммул нест мумкин кас ба ин иншо расад.***
*******

***Бе саъйи тааммул натавон ёфт садоям,***
***Ҳуш дор, ки тори нафаси набз саҷим аст.***
*******

***Эй  офил аз назокати маънӣ, тааммуле,***
***Маҳро касе шинохт, ки сайри ҳилол кард.***
***
***Муфти  аввоси тааммул гуҳари маънии бикр,***
***Дафтари Бедили мо хислати ҷулзум дорад.***
***
***Фурсате бояд, ки ибрат гирӣ аз мактуби мо,***
***Сафҳаи оташзада ҳарфаш шарардунбола аст.***

На танҳо мазмунҳои баланду маъниҳои борик боъиси душворфаҳмии шеъри Бедил шудаанд, балки калимаву ибораҳои нозук низ ранги мазмунро дигаргун карда, онро ба назари хонанда бегонаву ноошно сохтаанд:

***Бедил, ашъорни ман аз фаҳми касон пӯшида монд,***
***Чун иборат нозук афтад, ранги мазмун мешавад.***

Сабаби дигари душворфаҳмии шеъри Бедил вобаста ба ибтикорот ва тасарруфоти ӯ дар забон аст. Яъне, мушкилии фикри ӯ ба чанде аз хусусиятҳои забонии осораш низ алоҷаманд мебошад. Яке аз он хусусиятҳо, чунон ки Кадканӣ ва Ҳасани Ҳусайнӣ навиштаанд, корбурди калимаҳои мураккаби серғузъа мебошад. Дар осори Бедил хусусан дар шеъри ӯ, ба калимаҳои мураккабе дучор омадан мумкин аст, аз се-чор ва ҳатто аз 5-6 тогӣ калимаи сода сохта шудаанд. Дар бузургтарин маснавии ӯ “Ирфон” калимаҳоеро мебинем, ки аз яктогӣ мисраъи тамом иборат мебошанд. Аз ин навъи калимаҳо се мисолро зикр намудан мумкин аст:

***Дӣ ба дайри хаёл барҳамане,***
***Шӯъладаргайбиғустучӯфикане.***
***Бо ҳарифони дард посух дошт,***
***Ҷиссаи ибрати таносух дошт.***
***
***Бориш ангехт жола дар доман,***
***Сангбарсо аригулобафкан.***
***
***Аз хадам баргузид фитнафане***
***Барӣдархонумонидилфикане.***

Хонандае, ки ба осори шоъир, ба услуби ӯ ошно нест, ғузъҳои алоҳидаи ин гуна калимаҳоро аз ҳам ғудо мехонад ва дар натиға аз ин ё он байт маъное берун оварда наметавонад. Бигирем ин байти шоъирро:

***Саъйи дайруҳарамбаҳонаи мо,***
***Бурд моро бурун зи хонаи мо.***

Фаҳмидани ин байт ваҳте муяссар мегардад, ки калимаҳои “дайр”, “ҳарам” ва “баҳона” ҳама чун як калимаи мураккаб якғоя хонда шаванд. Маънии байт чунин аст, ки ба умеди зиёрати дайру ҳарам аз тавофи хонаи худ, яъне аз наздикӣ ғустун ба дили худ, маҳрум мондаем.

Мисоли дигар:

***Бедил, лаби он баргигуландом надорад***
***Шаҳде, ки тавонад ба хаёлаш магас афтад.***

Аз калимаи “баргигуландом” ғузъи “андом” агар ғудо хонда шавад, мисраъи аввал чунин маъно медиҳад, ки лаби он маҳбуб андом, яъне шаклу сурат ё худ намуди зоҳир надорад. Дар

ин ҳолат робитаи байни мисраъҳо канда мешавад ва маънои умумии байт ошкор намегардад.

Боз як мисол:

***Шӯълаи идрок* хокистаркулоӣ *афтодааст,***
***Нест айр аз боли ҷумрӣ пунбаи минои сарв.***

Ин байт аз азалест, ки чанде аз шоъирони асрҳои 18-19 ба он мухаммас бастаанд. Яке аз он мухаммасҳо мухаммаси Мирзо Олимғони Ҳасрат аст, ки дар китоби “Мероси адабии шоъирони Ҳисор” (Душанбе, 1974, саҳ. 65) ба табъ расидааст. Мураттиби китоб марҳум Амирбек Ҳабибов мисраъи аввали байтро дар ин шакл овардааст:

***Шӯълаи идроки хокистар кулоҳ афтодааст.***

Аз ин шакли мисраъ ҳеғ гуна маъно барнамеояд. Мисраъ ваӣте маъно медиҳад, ки калимаҳои “хокистар”-у “кулоҳ” якғоя навишта шаванд. Яъне шӯълаи аӣлу идрок (дар муҷобили оташи ишӣ) аз хокистар кулаҳ пӯшидааст, ё худ хомӯш шуда, ба хокистар табдил ёфтааст. Шоъир шӯълаи ҳанӯз хомӯш нашудаи идрокро ба дарахти сарв, ҳолати ба хокистар табдил ёфтани онро ба ҷӯмрии бар сари сарв нишаста ташбеҳ дода, сипас ҳам шӯълаи аз хокистар кулаҳ пӯшида ва ҳам сарви бар сар ҷумрӣ доштаро ба минои пунбадардаҳон монанд кардааст.

Вағҳи монандии шӯълаву сарву мино ростӣ ва ҷадкашидагии онҳо бошад, сабаби мушобаҳати хокистару ҷумриву пунбаи даҳони мино якрангии онҳост.

Боз як мисоли дигар:

**Рамиваҳшинигоҳи** ***ман уборангези ғавлон шуд,***
***Саводи дашти имкон шӯхии чашми изолон шуд.***

Шахси ба услуби шоъир ноошно таъбири “рамиваҳшинигоҳи ман”-ро дар шакли “рами ваҳшӣ нигоҳи ман” мехонад. Дар натиға аз ибора маънои акс бармеояд. Яъне чунин маъно бармеояд, ки шоъир нигоҳи худро ба рамидани оҳувони ваҳшӣ монанд кардааст. Дар ҳоле ки мақсади шоъир тавсифи нигоҳи маъшуӣ аст. Яъне, маъшуҷи ман, ки нигоҳаш ба рамидани оҳувон монанд аст, ба хиромидану ғавлон задан шурӯъ намуд. Аз хирому ғавлони ӯ гарду убор ба миён омад ва аз ин гарду убор саводи (масоҳати, вусъати) дашти имкон ба шӯхии чашми изолон табдил ёфт. Ба таъбири дигар, саводи дашти имкон аз гарди ғавлони маъшуҷи ман пайдо шуд.

Дар осори Бедил дар ҷатори калимаҳои мураккаби серғузъа ба ибораҳои изофии серғузъа низ дучор омадан мумкин аст. Ин навъи ибораҳо аз ибораи маъмули забон бо он фарӣ мекунанд, ки ҳар кадоми онҳо аз чор ва панғтогӣ калима таркиб ёфтаанд. Бинобар ин мо онҳоро бо номи ибораҳои изофии таркибӣ ёд мекунем.

Намунаи ибораҳое, ки аз чортогӣ калима иборат мебошанд, инҳоянд:

**Кабоби хомсӯзи оташи ҳасрат:**
***Кабоби хомсӯзи оташи ҳасрат диле дорам,***
***Ки ҳар го бенавое сӯхт, дудаш сар кашид ин го.***
**Ғоми уммеди назаргоҳи хумор:**
***Ғоми уммеди назаргоҳи хумор аст ин го,***
***Ҳалҷаи доми ту хамёзашикор аст ин го.***
**Адабпарвардагони ёди тамкини ту:**
***Аз адабпарвардагони ёди тамкини тӯем,***
***Мӯи чинӣ мефурӯшад нола дар кӯҳсори мо.***
**Муҷими пардаи номуси фаҷр:**
***Муҷими пардаи номуси фаҷр бояд буд,***
***Кугост даст, ки бардорӣ остини ҳубоб.***
**Шарми рӯсиёҳии аъмоли зист:**

***Аз шарми рӯсиёҳии аъмоли зишти хеш***
***Ба рух кашидаем зи дасти дуъо ниҷоб.***
**Шабнами лутфи каримони ғаҳон:**
***Шабнами лутфи каримони ғаҳон барӣ асту бас,***
***айри оташ нест дар сарчашмаи хуршед об.***
**Фиреби ғилваи найранги зиндагӣ:**
***Фиреби ғилваи найранги зиндагӣ нахӯрӣ,***
***Ки шустаанд аз ин сафҳа айри нақши сароб.***
**Ҳамҷофилаи ҳайрати саршори нигоҳ:**
***Ҳамҷофилати ҳайрати саршори нигоҳем,***
***Гарди раҳи мо сурма ба овози ғарас рехт.***
**Йофилаи беғараси мақсади таслим:**
***Дар ҷофилаи беғараси мақсади таслим***
***Бетоҷатии набзи талаб ҳарзадароист,***

Намунаи ибораҳое, ки панғтогӣ калимаро дар бар кардаанд:

**Маҳви рангинии гулзори тамошои ту:**
***Маҳви рангинии гулзори тамошои туам,***
***Аз нигаҳ то мижаам арзи хиёбони гул аст.***
**Масти хаёли майкадаи наргиси ту:**
***Масти хаёли майкадаи наргиси туем,***
***Шӯри ғунун кунад ҷадаҳи шаробро.***
**Шаҳиди интизори ғилваи те и кӣ?**
***Шоҳиди интизори ғилваи те и киям, ё раб,***
***Ки чун шамъам зи як гардан баландӣ мекунад сарҳо.***
**Хароби майкадаи олами хаёли ту:**
***Хароби майкадди олами хаёли туем,***
***Чӣ машрабӣ, ки ҷадаҳнӯш кардаӣ моро.***

Тавре ки аз мисолҳои зикршуда пай бурдан мумкин аст, ин навъи ибораҳо низ фаҳмидани матлаби шоъирро мушкил кардаанд. Бо сабаби тафсил ёфтани ғузъҳои тобеъи ибораҳо дарки маънoҳои онҳо душвор шудааст. Хусусияти характерноки ин ибораҳо он аст, ки ғузъҳои тобеъашон дар баробари вазифаи тобеъӣ доштан ба вазифаи ғузъи асосӣ низ омада метавонанд. Чунончӣ, дар ибораи “масти хаёли майкадаи наргиси ту” ғузъи асосӣ калимаи “маст” аст. Калимаҳои дигар ҳама нисбат ба он ғузъҳои тобеъанд. Дар баробари ин калимаи “хаёл” низ нисбат ба калимаҳои минбаъда ғузъа асосист. Ҳамин тавр калимаҳои “майкада” ва “наргис” низ ҳам ғузъи асосӣ ва ҳам ғузъи тобеъ шуда метавонанд.

Аз ғумлаи сабабҳои душвории фикри Бедил чанд сабабе, ки зикр кардем, ҳама сабабҳое мебошанд, ки ба мазмуну мӯҳтавиёт ва забону услуби осори ӯ вобастаанд. Дар доираи эғодиёти шоъир ин сабабҳоро сабабҳои объективӣ гуфтан мумкин аст.

Дар радифи сабабҳои мазкур як сабаб ё худ як омили дигар низ мавғуд аст, ки бар хилофи сабабҳои зикршуда характери сирф субъективӣ дорад. н омил он аст, ки Бедил дар баъзе мавридҳо ихтиёран ё худ йсдан ба баёни душвори фикр ва ифодаи печдарпечи мақсад рӯй овардааст. Яъне, ӯ кӯшиш кардааст, ки “ аври маъният душвор” ва “фаҳми матлабаш мушкил” бошад. ӯ ин тарзи баёнро зоҳиран, бо мақсади нишон додани хунари шоъириаш ихтиёр кардааст. Ғолиби диққат аст, ки ӯ аз ин мақсади худ хонандаро баъзан огоҳ низ намудааст. Чунончӣ дар байти зерин навиштааст, ки мақсади маъниҳои равшанро ба имову ишора ифода карданаш санғидани фитрати ёрон аст:

***Ғуз имтиҳони фитрати ёрон мурод нест,***
***Бепарда маъние, ки ба имо навиштаем.***

Илова бар ин, чунон ки маълум аст, Бедил бузургтарин намояндаи сабки ҳиндӣ ба шумор

меравад. Печидагии маъно ва душворфаҳмии мазмун аз мушаххасоти асосии сабки мазкур аст. Азбаски дар забони Бедил сабки ҳиндӣ сабки пешрав ва ҳукмрон буд, таъсири он бар осори шоъир амри табиъӣ мебошад. Бедил дар сабки ҳиндӣ осори фаровоне эҷод намуда, барои сода ва омафаҳм шудани он на фақат кӯшиш накард, балки бо андешаҳои амиӣ, мазмунҳои баланд, маъноҳои нозук, таъбироти латиф, ташбеҳу истъораҳои нав онро душвортару печидатар гардонид. Беҳуда нест, ки муҳаӣқиқони адабиёти форсӣ сабки Бедилро авҷи сабки ҳиндӣ ва забони асарҳои ӯро душвортарин забони адабии тоҷик донистаанд.

## ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ БАЪЗЕ НУСХАҲОИ ХАТТИИ ОСОРИ БЕДИЛ

Нусхаҳои хаттии осори Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) дар аксари шӯъбаҳои шарқии китобхонаҳои ҷаҳон мавҷуданд. Бо сабабҳои маълум муъайян кардани теъдоди дақиқи онҳо аз имкон берун аст. Аз ҷумлаи нусхаҳои то кунун маълуми осори Бедил аксарашон дар китобхонаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маҳфуз мебошанд. Чунончи, дар китобхонаҳои шаҳрҳои Душанбе, Самарқанд, Тошканд, Санкт Петербург, Ашқобод ва Боку беш аз ҳазор нусхаи хаттии осори шоирро дидан мумкин аст.

Дар ин мақола доир ба ҳамаи нусхаҳои хаттӣ, ки бевосита ё ба ин ё он восита ба мо маълуманд, сухан карданӣ нестем. Ин кор, аз як тараф, боъиси тӯл кашидани сухан гардад аз тарафи дигар, он қадар зарурат ҳам надорад. Мақсади мо дар ин ҷо тавсифи мухтасари чанд нусхаест, ки аз ин ё он ҷиҳат арзиш ва аҳамияти хосаеро доро мебошанд. Чун матни илмӣ-интиқодии осори Бедил то кунун таҳия нашудааст, огаҳӣ аз ҳама гуна нусхаҳои нодир ва муътабар аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Баъзеи нусхаҳо барои он мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтаанд, ки ба қалами худи Бедил китобат шудаанд. Сабаби ошноӣ ба гурӯҳи дигари нусхаҳо ин аст, ки онҳо нусхаҳои ба истилоҳ қадим мебошанд, яъне ё дар аҳди худи шоир китобат шуданд ё дар солхои наздик ба замони зиндагиии ӯ баррасӣ аз гурӯҳи саввуми нусхаҳо ба ин ҷиҳат аст, ки дар онҳо баъзе қайду ишораҳои ҷолиброо пайдо намудан мумкин аст.

Азбаски нусхаҳои хаттии маҷмӯъи осори Бедил, яъне куллиёти ӯ, ангуштшумор мебошанд, суханро аз тавсифи онҳо шурӯъ менамоем. Мукаммалтарин ва қадимтарин нусхаи хаттии куллиёти Бедил нусхаест, ки дар зодгоҳи шоир шаҳри Патна, дар Китобхонаи оммавии Худобахш, ки бо номи Китобхонаи Банкипур низ маълум аст, дар ду ҷилд маҳфуз мебошад. Ин нусха дар асари Мавлавӣ Абдулмуқтадир «Феҳристи нусхаҳои хаттии арабӣ ва форсии Китобхонаи омавии шарқии Бангипур» (Ҷилди 3, Калкутта, 1912) зери №381, 382 тавсиф шудааст. Бино бар тавсифи муаллифи феҳрист, нусха дар байни солҳои 1134-1136 ҳиҷрӣ (1721-1724 милодӣ) китобат шуда, ҷилди авали он аз асарҳои насрии «Чорунсур», «Руқаъот» ва девони ашъори лирикии шоир иборат мебошад. Дар девони шоир илова бар ғазалу қасида, таркиббанду тарҷеъбанд чанд маснавии кӯчаке чун «Танбеҳулмуҳаввисин» низ дохиланд. Дар феҳристи Муқтадир девони шоир ба панӣ бахши зерин: муқаддимаи девон, таркиббанд, маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин», рубоъиёти ҳазл ва ғазалиёт тақсим шудааст. Ба таъбири дигар гӯем, дар феҳристи Муқтадир танҳо қисматҳои мазкури девон зери унвонҳои алоҳида омадаанд. Дар ҳоле ки дигар нусхаҳои хаттии девони Бедил навъҳои дигари шеърӣ-қасида, қитъа, мухаммас, тарҷеъбанд ва ғайраро низ фаро гирифтаанд. Ба назар чунин мерасад, ки дар дохили қисматҳое, ки Муқтадир зикр кардааст, навъҳои дигари шеърӣ низ мавҷуданд. Чунончи, аз теъдоди абёти он қисмати девон, ки ба таркиббанди шоир оғоз меёбад, пай бурдан душвор нест, ки дар ин бахш дар қатори таркиббанди ишоир, ки 630 байт аст, навъҳои дигари шеърӣ, ба мисли тарҷеъбанд ва қасоиду қитъа низ дарӣ гардидаанд, Зеро, бино бар нишондоди Муқтадир, бахши мазкури девон беш аз панӣ ҳазор байт аст.

Ҳамчунин, гумони ғолиб бар он аст, ки бахши дигаре, ки бо маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин» шурӯъ мешавад, маснавиҳои дигари шоир-«Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер» ва «Сифати забону гуфтори маъшуқ»-ро низ дарбар кардааст.

Ашъоре, ки дар ин бахш омадааст, тибқи навиштаи Муқтадир, наздик ба ҳазор байт аст. Дар ҳоле ки маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин» ҳам дар нусхаҳои дигари хаттӣ ва ҳам дар нашрҳои маълуми куллиёти шоир – нашри Сафдарӣ, нашри Кобул ва нашри Теҳрон-аз дусад байт андаке бештар аст. Вале ҳаҷми умумии «Танбеҳулмуҳаввисин», «Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер» ва «Сифати даҳону гуфтори маъшуқ» наздик ба 900 байт аст, ки ба навиштаи Муқтадир мутобиқат менамояд.

Дар феҳристи Муқтадир аз мухаммасҳои шоир низ ёд нашудааст. Мухаммасҳои ӯ, шояд, бе унвони алоҳида дар дохили ғазалиёт ҷойгир шуда бошанд. Чунин ҳолатро дар нусхаҳои дигари девони ӯ, аз ҷумла дар нусхаи № 52\22 Архиви миллии Афғонистон ва нусхаҳои 565, 489 Китобхонаи миллии Тоҷикистон дидан мумкин аст.

Ҷилди дуввуми нусхаи мазкури куллиёт иборат аст аз девони рубоъиёт, маснавиҳои «Тури маърифат», «Муҳити аъзам», «Тилисми ҳайрат» ва «Ирфон». Тавре ки мебинем, рубоъиёти Бедил ҷузъе аз девони умумии ӯ набуда, балки дар девони алоҳида ҷамъ омадаанд. Сабаби ин кор, яъне дар девони алоҳида ҷой додани рубоъиёт, шояд, фаровони теъдоди онҳо бошад.

Бедил дар қатори рубоъиёти маъмулӣ, ки девони мустақиланд, як идда рубоъиёти дигар низ навиштааст, ки дар нусхаҳои хаттӣ ва чопҳои куллиёти ӯ бо унвонҳои «Рубоъиёти ҳазл» ва «Рубоъиёти қайди воқеъа» мундариҷ мебошанд. Ин гурӯҳи рубоъиёти шоир, тавре ки дидем, бахше аз девони умумии ӯ ҳастанд.

Нусхаи мазкури куллиёти Бедил қадимтарин ва дар айни ҳол комилтарин нусхаи хаттии осори ӯ мебошад. Масалан, ҳаҷми ғазалиёти ин нусха наздик ба 30 ҳазор байт аст. Ҳамаи маснавиҳои шоир низ нусхаҳои комил ба назар мерасанд. Аз ҷумла маснавии «Муҳити аъзам», ки дар аксар нусхаҳои хаттӣ ва ҳамаи чопҳои сангӣ аз ду ҳазор байт андаке бештар аст, дар ин ҷо, чун дигар нусхаҳои комил, беш аз шаш ҳазор байт мебошад.

Чунонки гуфтем, нусхаи куллиёт дар байни солҳои 1134-1136 ҳиҷрӣ (1721-1724) китобат шудааст. Чунончи, таърихи китобати «Чорунсур» шаҳри зулҳиҷҷаи 1134 (сентябри 1722) қайд шуда, санаҳои китобати «Руқаъот» ва «Тилисми ҳайрат» зикр наёфтаанд. Боқӣ ҳамаи асарҳо-девони умумӣ, девони рубоъиёт, «Тури маърифат», «Муҳити аъзам» ва «Ирфон» дар соли 1136 (1723-1724) рӯйнавис шудаанд. Котиби нусха Муҳаммадворас ибни Муҳаммадбоқари Сиддиқӣ ном шахс аст. Ӯ санаи китобати «Чорунсур»-ро чунин ба қалам додааст: «Шаҳри зулҳиҷҷаи санаи 1134 як ҳазору яксаду сию чори ҳиҷрӣ ба хати аъҷазулибод Муҳаммадвдорас ибни Муҳаммадбоқар ал-Сиддиқӣ ба итмом расид».

Муҳаммадворас илова бар нусхаи мазкури куллиёт чандин нусхаи дигари осори Бедилро низ китобат кардааст, ки бо баъзеи онҳо шинос хоҳем шуд.

Тавре ки мебинем, нусхаи мазкури куллиёти Бедил ба ғайр аз «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт» ном асарҳои шоир тамоми мероси манзум ва мансури ӯро дарбар кардааст. Сабаби аз ин нусха берун мондани «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт» дар чист? Иллати ин ҳодиса, ба ақидаи мо, он аст, ки «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт» аслан асарҳои мустақил набуда, мусаввадаи баъзе қисматҳои осори Бедил мебошанд. Ба назар чунин мерасад, ки Бедил маводи ин асарҳоро дар давраҳои гуногуни зиндагиаш дар шакли нукта, ҳикоят ва ишорат эҷод карда, ҳангоми таҳрири ин ё он асари худ аз ин маводи тайёр истифода кардаааст. Зеро тамоми порчаҳои манзум ва аксари пораҳои мансури ин ду асарро дар «Чорунсур» ва маснавиҳои «Тури маърифат», «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам» ва «Ирфон» пайдо намудан мумкин аст. Аз пораҳои мансури «Никот» танҳо 19 нуктаро метавон зикр кард, ки дар ҳеҷ кадоме аз асарҳои шоир роҳ наёфтаанд. Асарҳои мустақил набудани «Никот» ва «Ишороту ҳикоёт»-ро ин факт ҳам таъйид менамояд, ки Бедил дар осори худ аз ин ду асар боре ҳам ёд накардааст. Дар ҳоле ки ӯ дар «Чорунсур» ва «Руқаъот» аз тамоми асарҳои маълумаш-девони ашъор, «Тилисми ҳайрат», «Тури маърифат», «Муҳити аъзам», «Ирфон» ва «Чорунсур»-ёд намудааст. Қобили зикр аст, ки аз муаллифони тазкираҳо низ касе аз ин ду асар ёдовар нашудааст. Дуруст аст, ки баъзеи муаллифон аз мавҷудияти нусхаҳои қадими «Никот» хабар додаанд. Масалан, Нурулҳасани Ансорӣ-муаллифи китоби «Адаби форсҳ дар аҳди Аврангзеб (Деҳлӣ, 1969) навиштааст, ки дар Китобхонаи марказии Ҳайдаробод нусхае аз «Никот» мавҷуд аст, ки соли 1091 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1680 милодӣ рӯйнавис шудааст. Аммо мавҷудияти нусхаи қадими «Никот» ба асари мустақил будани он далел шуда наметавонад. Зеро аз имкон дур нест, ки он никоту ҳикоёт ва ишороте, ки зикр шуданд, дар

шакли мусаввада низ боқӣ монда бошанд.

Акунун суоле ба миён меояд, ки нусхаи куллиёти Бедил, ки дар Китобхонаи Худобахш маҳфуз аст, аз рӯи кадом нусха истинсох шудааст?

Чун таърихи китобати ин нусха ба замони зиндагии Бедил наздик аст ва чун тарзи китобати он чормисроъӣ, яъне дар ҳар саҳифа чор сутун шеър дорад, гумони ғолиб бар он аст, ки ин нусха аз рӯи нусхаи аслии куллиёти Бедил китобат шуда бошад. Нусхаи аслии куллиёти Бедил, ба қавли шогирд ва ҳамнишини доимии шоир Биндробандоси Хушгӯ, ба таври чормисроъӣ китобат шуда будааст. Хушгӯ дар ин бора дар тазкираи худ «Сафинаи Хушгӯ» чунин навиштааст: «Куллиёте аз он ҳазрат ёдгор аст, ки шумори тамоми абёти он наваду нӯҳ ҳазор байт аст. Ва онро дар ҳини ҳаёти худ чормироъӣ нависонида, авроқи вазн карда, чаҳордаҳ сери мутаъориф ба вазн даромад» (Саинаи Хушгӯ, Патна, 1959, с7123).

Қобили зикр аст, бо ин гуна қадамот ва мукаммалӣ, ки хоси нусхаи мазкур аст, нусхаи дигаре то ба ин рӯз маълум нест. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи матни илмӣ-интиқодии осори Бедил ин нусхаи куллиёт набояд аз мадди назар дур бошад ва ҳатто месазад, ки асоси матни илмӣ - интиқодии осори шоир қарор бигирад.

Чанд нусхаи дигари куллиёт, ки ба мо маълуманд, нусхаҳои қарни XIX мебошанд. Чунончи, нусхаҳое ки дар китобхонаҳои шаҳри Тошканд маҳфузанд, ҳама дар асри X1X китобат шудаанд. Қадимтарини онҳо нусхаи китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон аст, ки зери № 2858 маҳфуз мебошад. Таърихи китобати ин нусха 1216 (1801-1802) буда, девони ашъор, маснавиҳои «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Ирфон», асарҳои насрии «Чорунсур» ва «Никот»-ро дарбар кардааст. Дар феҳристи китобхонаи мазкур «Собрание восточных рукописей АН Уз ССР» (Том2, Ташкент, 1954) дар тавсифи ин нусхаи куллиёт илова бар «Чорунсур» асарҳои дигаре бо номҳои «Фавоиди хамӯшӣ», «Сурмаи эътибор», «Баҳористони чунун», «Ҳучуми ҳайрат», «Нағмаи ваҳдат» ва «Гудринома» низ зикр ёфтаанд. Асарҳои мазкур, ба ғайр аз «Гудринома», ҳама рисолаҳои мустақили мансур ҳастанд, ки дар якҷоягӣ бахши саввуми «Чорунсур»-ро ташкил додаанд. Яъне қисматҳои ҷудогонаи унсури саввуми «Чорунсур» мебошанд. «Гудринома, бар хилофи панӣ рисолаи мазкур, асари мустақил набуда, балки чузъи манзуми як номаи шоир аст. Ин нома дар «Руқаъот»-и шоир мавчуд аст ва чунин унвон дорад: «Дар таҳнияти ирсоли гудрӣ, ба Шукрулоҳхон».

Нусхаи дигаре, ки дар ҳамин китобхона маҳфуз асту аз нигоҳи ҳаҷм нисбат ба нусхаи якум комилтар мебошад, нусхаи № 1880 аст, ки дар соли 1267 (1850-1851) китобат шудааст. Мундаричаи ин нусха иборат аст аз девони ғазалу қасида ва дигар ашъори лирикӣ, маснавиҳои «Ирфон», «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифт» ва асарҳои насрии «Никот»-у «Руқаъот».

Қайд кардан лозим аст, ки дар иддае аз нусхаҳои хаттии куллиёти Бедил «Рамзу имо» ном маснавии шоири асри XVII Мунири Лоҳурӣ низ дохил шудааст, ки нусхаи № 1880 аз ҷумлаи онҳост.

Дар баъзе нусхаҳои дигари куллиёти Бедил, аз ҷумла, дар нусхаи № 1487 Тошканд, ду маснавӣ бо номҳои «Миръотуллоҳ» ва «Сайри Ҳирот» зикр гардидаанд. «Миръотуллоҳ» бахше аз маснавии «Ирфон» аст, ки дар он ҷо низ бо ҳамин ном, мундариӣ мебошад. «Сайри Ҳирот» асари маъруфи Бедил «Тури маърифат» аст, ки дар баъзе нусхаҳои хаттӣ иштибоҳан бо ин ном низ дучор меояд.

Нусхае аз куллиёти Бедилро дар Музеи таърихии шаҳри Панҷакент низ дидан мумкин аст. Нусха зери № 186 маҳфуз буда, ғазалиёт, таркиббанду тарҷеъбанд, рубоъиёт, «Никот», порае аз «Чорунсур», бахше аз маснавии «Муҳити аъзам» ва иддае аз ашъори мутафарриқаро дарбар кардааст. Бузургтарин бахши ин нусха бахши ғазалиёт аст, ки беш аз 20 ҳазор байт дорад. Котиби нусха Мирзо Муҳаммадносир ибни Бобомӯъмин ва санаи китобаташ 1257 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1841-1842 милодӣ мебошад. Ин нусха бо вуҷуди ноқис буданаш баъзе шеърҳоеро низ фаро гирифтааст, ки дар нашрҳои комили куллиёти шоир-нашри Сафдарӣ ва нашри Кобул-ба назар намерасанд. Рубоъии зерин, ки «Дар реҳлати фарзанд» унвон дорад, аз ҳамин қабил шеърҳо мебошад:

Эй чарх, ба ҳаққи ҷӯш ин майхона,

Яъне ба хурӯши оқилу девона,
Берун набарӣ зи анҷуман шамъи маро,
Оташ назанӣ ба хонаи парвона.

Гуфтан лозим аст, ки дар ин нусха ба шеърҳое низ дучор омадан мумкин аст, ки сабку услубашон ба сабку услуби Бедил монандӣ надоранд. Яъне, ғолибан, моли шоирони дигар мебошанд. Яке аз ин гуна шеърҳо ғазали панӣбайтаи бемақтаъест бо ин матлаъ:

Шаб, ки банди ниқоб во кардӣ,
Ду ҷаҳон чашм мубтало кардӣ.

Як нусхаи куллиёти Бедилро дар захираи дастхатҳои шарқии шаҳри Боку дидан мумкин аст. Нусха дар феҳристи захираи мазкур, ки бо номи «Элйазмалары каталогу» (1 ҷилд, Боку, 1963) ба табъ расидааст, тавсиф шудааст. Вале аз он тавсиф фаҳмида намешавад, ки ин нусха нусхаи куллиёт аст ё нусхаи ягон асари дигари шоир? Аз тавсифи мазкур ин қадар маълум мешавад, ки бахши аввали он ҳовии «Никот»-и шоир мебошад.

Сурати тавсиф ин аст:

«Мирзо Абдулқодири Бедил, Куллиёт, Таърих 1220=1805. Котиб Муҳаммадлатиф. Хат-настаълиқ-шикаста. Оғоз-Агар мункири нубуват наӣ, бо хатарот… Анҷом-Бираҳматика ё арҳамарроҳимин, омин. Мазмун-куллиёт, Андоза-25х41см. ҳаҷм 450 варақ».

Нусхае аз куллиёти Бедилро дар захираи дастхатҳои шарқии Институти шарқшиносии АИ Россия (Санкт Петербург) мебинам. Ин нусха, ки зери №Е-18 маҳфуз аст, аз ҷумлаи нусхаҳои нисбатан мукаммали куллиёт аст. Муқоисаи ин нусха бо нашри Сафдарии куллиёти шоир (Бамбай-1882) нишон дод, ки он аз рӯи ҳамин нашр истинсох шудааст. Тафовут танҳо дар он аст, дар ин нусха унвонҳои асарҳо, хотимаи табъ, тақриз ва дигар маводи хоси нусхаҳои чопӣ партофта шудаанд.

Дар феҳристи мухтасари захираи мазкур, ки бо номи «Персидские и таджикские рукописи Института народов Азии АН СССР» (М. 1964) чоп шудааст, таърихи китобати нусха солҳои 1301-1325 ҳиҷрӣ нишон дода шудааст, ки ғалат мебошад. Тавре ки аз худи нусха бармеояд, китобати он солҳои 1301-1302 сурат пазируфтааст. Чизе ки муаллифони феҳристи мухтасарро ба иштибоҳ андохтааст, он аст, ки дар баъзе ҷойҳо аз адади чоррақамаи таърих як рақам афтидааст. Масалан, дар охири «Никот» таърихи китобат бо ҳуруф «ҳазору сесаду як» навишта шуда, баъди ин таъбир адади 131 сабт шудааст. Яъне ба ҷои 1301 131 омадааст. Ҳамин гуна ҳодиса дар поёни «Руқаъот» низ рух додааст. Дар ин ҷо ба ҷои 1302 132 сабт ёфтааст. Аммо дар охири «Рубоъиёт» санаи 1320 аст. Зоҳиран, ин ҷо низ адади 132 буда, ки касе дар охири он рақами сифрро илова кардааст. Ё худ котиб иштибоҳан дар ҳамин шакл навиштааст. Умуман ба муддати 24 сол идома ёфтани китобати як нусха ҳодисаи басо нодир мебошад.

Аз нусхаҳои хаттии куллиёти Бедил чанд адад дар Архиви миллии Афғонистон низ мавҷуд аст. Муҳимтарин ва мукаммалтарини онҳо нусхаест, ки зери № 52\22 маҳфуз мебошад. Ин нусха аз ғазалу мухаммас, қасидаву қитъа, маснавиҳои кӯчаки «Танбеҳулмуҳаввисин» ва «Сифати шамшер», муқаддимаи девон, «Никот», «Чорунсур», «Руқаъот», «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Ирфон» ва миқдори тахминан 200 рубоъӣ иборат аст. Тафовути назарраси ин нусха, пеш аз ҳама, он аст, ки муқаддимаи девон пеш аз «Никот» омадааст. Яъне он бахше аз «Никот» пиндошта шудааст. Ҳамчунин маснавии «Мирътуллоҳ», ки қисми таркибии «Ирфон» аст, ҳамчун асари мустақил дар алоҳидагӣ дарӣ гардидааст.

Яке аз бартариҳои ин нусха нисбат ба нусхаҳои дигари архив ин аст, ки он дорои матни комили маснавии «Муҳити аъзам» мебошад. Ҳамчунин дар ин нусха ду мухаммас ба назар мерасад, ки дар нусхаҳои чопии куллиёт дида намешаванд. Яке аз онҳо бо мисраъи «Дар ишқ ҷуз таҳайюрам афзун намешавад», дигаре бо мисраъи «Ёрон хубоббвор нафас вом кардаанд» оғоз меёбанд.

Вале ин нусха як камбудии ҷиддӣ низ дорад. Дар он чанд шеър аз шоирони дигар, аниқтараш, ду ғазал аз Файзии Даканӣ ва як ғазал аз Абдураҳмони Ҷомӣ дохил шудааст.

Нусха дар байни солҳои 1245-1247 (1829-1832) дар шаҳри Тошқӯрғони Афғонистон китобат шудааст. Котиби нусха Муҳаммадқосим ибни мулло Шафеъулло ном шахс аст, ки нусхаро ҳасбуламри Муҳаммад Аминбек халафи Қиличалихони атолиқ ном амир китобат кардааст.

Нусхаҳои дигари куллиёт, ки дар Архиви миллии Афғонистон мавҷуданд, чи аз ҷиҳати ҳаҷм ва чи аз ҷиҳати замони китобат, аз нусхаи боло беҳтар нестанд. Аз ин рӯ аз баррасии онҳо худдорӣ менамоем.

**Нусхаҳои хаттии девони Бедил**

Пеш аз он ки дар хусуси нусхаҳои хаттии девони Бедил сухан ронем, хотирнишон менамоем, ки шоир девони аввалини худро дар сини 42-43 солагиаш, дар байни солҳои 1096-1098 (1685-1686) мураттаб кардааст. Ин маънӣ бо мавҷудияти ду далел ба исбот мерасад. Далели аввал як ғазали шоир аст бо матлаъи зерин:

Машшотаи шӯхе ки ба дастат дили мо баст,
Мехост чаман тарҳ кунад, ранги ҳино баст.

Шералихони Лудӣ, ки муъосир ва яке аз ҳамсӯҳбатони Бедил, дар тазкираи худ «Миръотулхаёл» навиштааст, ки ин ғазал дар таҳнияти ҳинобандии Мир Лутфуллоҳ – писари бузурги Шукруллоҳхони Хофӣ-гуфта шудааст.

Бедил дар ин ғазал дар баробари ситоиши шахси мамдуҳ ба ҳодисаи аввалин бор девон тартиб додани худ низ ишора кардааст. Ӯ дар мақтаъи ғазал гуфтааст:

Бедил, ту ҳам аз шавқ чаман шав, ки ба ин ранг
Шерозаи девони ту имрӯз ҳино баст.

Бино бар мазмуни байти мазкур, замони навиштани ин ғазал ва замони тадвини девони шоир як вақт аст. Ин кадом вақт аст? Чунонки дар мақолаи «Муҳити аъзам» ва таърихи таълифи он» навиштам, таърихи ошноии Бедил бо яке аз ҳокимони аср-Шукруллоҳхони Хофӣ (вафоташ-1696) ва писарони ӯ соли 1096 (1685) аст. Ҳар шеъре ки Бедил дар мадҳи Шукруллоҳхони Хофӣ ё писаронаш Лутфуллоҳхону Иноятуллоҳхон ва Кароматуллоҳхон гуфтааст, ё дар ҳамин сол-соли 1096 (1685) эҷод шудаанд ё баъд аз ин таърих. Аз ҷумла ғазале ки матлаъ ва мақтаъаш дар боло оварда шуд, низ бояд дар ҳамин вақт иншо шуда бошад.

Далели дигар мавҷудияти нусхае аз девони Бедил аст, ки дар соли 1098 ҳиҷрӣ (1686-16870 бо дасти худи ӯ китобат шудааст. Ин нусха феълан дар китобхонаи Донишгоҳи исломии Алигарҳ дар захираи Ҳабибганӣ маҳфуз аст. Дар асоси ин ду далел ба хулосае омадан мумкин аст, ки замони мураттаб шудани девони нахустини Бедил байни солҳои 1096-1098 (1686-1687) мебошад.

Аз нусхаҳои маълуми девони Бедил қадимтарини онҳо, чунон ки ишора шуд, нусхаи зикршудаи Ҳабибганӣ аст. Дар бораи ин нусха ду мақолаи алоҳида ба табъ расидааст. Яке мақолаест, ки дар шумораи январии соли 1934 маҷаллаи «Маъориф» (шаҳри Алигарҳи Ҳиндустон) чоп шудааст. Дигаре мақолаи Ёсинхони Ниёзӣ «Дар шинохти як нусхаи бебадали девони Бедил» аст, ки дар тасҳеҳ ва такмили мақолаи аввал иншо шудааст. (ниг. маҷаллаи «Маъориф», Аъзамгарҳ. 1934, шумораи моҳи август).

Роҷеъ ба ин нусха баъзе ишораҳо дар рисолаи Абдулғанӣ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) низ мавҷуданд.

Бино бар шаҳодати Ёсинхони Ниёзӣ, нусхаи мазкур дар соли 1098 ҳиҷрӣ (1686-1687) бо дасти худи Бедил китобат шудааст ва анвоъи гуногуни шеър: ғазал, рубоъӣ, мухаммас ва ғайраро дарбар кардааст. Нусха аз 5346 байт иборат мебошад. Тавре ки аз тадқиқоти мазкури Абдулғанӣ бар меояд, нусхаи Ҳабибганӣ замоне дар ихтиёри шогирди Бедил шоири маъруфи асри XVIII Анандроми Мухлис (ваф. 1751) қарор доштааст. Мухлис дар саҳифае аз он ибороти зайлро сабт намуда, ба хати Бедил будани онро таъкид кардааст. Ӯ навиштааст: «Ба дастхати Мирзо Бедил алайҳураҳма. Фақир Анандроми Мухлис аз назари Мирзосоҳиб гузаронида, ин маънӣ ба сиҳҳат расида» (ниг. Абдулғанӣ, саҳ. 104).

Анандроми Мухлис дар ҷои дигар низ аз ин нусхаи девони Бедил ёд кардааст. Ӯ дар ҳошияи чанд байт аз ду ғазали Бедил, ки ба дасти худи шоир китобат шудаанд, дар ин бора чунин навиштааст: «Ё файёз, ин сафҳа ба дастхати Мирзо Абдулқодири Бедил аст. Зоти муборакашон саромади соҳибкамолони рӯзгор дар интихоби варақгардониҳои лайлу наҳор буд. Роқим Анандроми Мухлис муддате мадид ашъори худ аз назари маънипарвараш гузаронида ва ба перояи ислоҳ расонида. Дар китобхонаи фақир девони эшон ба дастхати эшон аст ва ба сурату маънӣ ҳарду ба ҷилва омада. Шабеҳи эшон равнақафзои варақи охири девон аст» (Ориёно, Кобул, 1333, бурҷи ақраб).

Тавре ки мебинем, ба қавли Мухлис, дар варақи охири нусхаи китобхонаи ӯ сурати шоир низ мавҷуд будааст. Аммо он сурат дар нусхаи Ҳабибганӣ ба назар намерасад. Аз эҳтимол дур нест, ки суратро касе аз байн бурдааст.

Аз ҷумлаи нусхаҳои хаттии девони Бедил нусхаи дигареро зикр намудан лозим аст, ки ба эътибори баъзе хусусиятҳо мунтахаби девони қадими шоир мебошад. Ин нусха нусхаи № 715 китобхонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Нусха ба хати настаълиқи моил ба шикаста дар коғази абрешимӣ рӯйнавис шуда, 414 саҳифаро дар бар гирифтааст ва дар ҳар саҳифааш даҳтогӣ байт ҷойгир аст. Бо тавофут аз нусхаи Ҳабибганӣ ин нусха танҳо аз ғазазлу рубоъӣ иборат буда, 510 ғазал (4000 байт) ва 26 рубоъӣ дорад. Бахши ғазалиёт бо ғазали машҳури «Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ он ҷо» оғоз меёбад ва бо ғазали «Набарӣ гумон, ки яъне ба худо расида бошӣ» поён мепазирад. Қисмати рубоъиёт бо рубоъии «Фарёд ки ҷаҳл буд фаҳмидани мо»… сар шуда, бо ду байти зерин ба охир мерасад:

Рафтӣ чу май аз соғару дигар нанишастӣ,
Эй ашк, даме бар мижаи тар нанишастӣ.
Бедил, ҳама тан ҳалқа шудӣ, лек чӣ ҳосил?
Бар хок нишастиву бар он нанишастӣ.

Ду байти охир рубоъӣ набуда, матлаъ ва мақтаъи ғазале ҳастанд, ки дар дигар нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои девон пурра дарӣ гардидааст. Равшан кардан душвор аст, ки ин ду байт матлаъ ва матқаъи ғазали нотамоманд, ё ки интихобан дар охири қисми рубоъиёт оварда шудаанд?

Бино бар санае, ки дар варақи охири нусха мавҷуд аст, китобати он 1102 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1690-1691 мелодист. Қобили зикр аст, ки ин сана дар охири нусха паиҳам се бор дарӣ гардидааст. Ду бори аввал фақат рақами 1102 ва бори саввум сана бо номи котиб дар ин шакл: «Таммалкитоб биавни маликулваҳҳоб. Сана 1102. Котиби ин нусха роҷии заъиф Муҳиддин ибни мулло Муҳаммадлатиф.

Шуд ба тавфиқи худои лониём ин китоб рӯзи душанбе шомом».

Чунон ки мебинем, нусха, гӯё, 32 сол пеш аз вафоти муаллиф истинсох шудааст ва дар байни нусхаҳои хаттии осори Бедил яке аз қадимтаринҳо ба шумор меравад.

Муаллифи ин сатрҳо ба ин нусхаи девони Бедил ҳанӯз соли 1974 дучор омада будам. Он вақт аз мушоҳадаи санаи китобати нусха хеле шод гаштам ва дар борааш мақолаи ҷудогонае навишта, ба мақсади муъайян кардани навъи коғаз нусхаро ба чанде аз донишмандони дастхатштнос, аз ҷумла ба профессор Аҳрор Мухторов, фозили мӯҳтарам Аскар Ягонӣ ва муҳаққиқи машҳур О. Ф. Акимушкин нишон додам. Ҳар сеи ин мутахассисон ба таърихи китобати нусха ба назари шубҳа нигаристанд. Онҳо изҳор намуданд, ки ин нусха нусхаи асри XVII нест. Чи аз рӯи намуди хат ва чи аз нигоҳи навъи коғаз нусха ба охири асри XVIII ва ҳатто ба асри XIX таъаллуқ дорад. О. Ф. Акимушкин тахмин намуд, ки имкон дорад, нусха аз рӯи нусхаи қадиме рӯйбардор шуда бошад. Ва он таърихе, ки дар охири нусха сабт аст, таърихи китобати ҳамон нусхаи қадим бошад.

Чун дар мавриди таърихи китобати нусха шакку шубҳа ба миён омад, мо низ аз нашри мақола дар бораи он худдорӣ намуда, доир ба он то ба имрӯз чизе нагуфтем. Ҳоло ки умуман нусхаҳои хаттии осори Бедил мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ба хотир овардани онро низ лозим донистем. Зеро дар сурати нусхаи асрҳои XVIII-XIX будан ҳам он дорои чандин бартариҳо мебошад. Аввалан, агар ин нусха, воқеъан, аз рӯи нусхаи қадиме рӯйнавис шуда

бошад, пас яқинан мунтахабе аз девони қадим шоир аст. Нусхаҳои мунтахаби девони қадим ниҳоят камшуморанд. Сониян, ин нусха дар такмил ва пурра сохтани девони ғазали Бедил низ судманд хоҳад буд. Дар он ғазалҳое мавҷуданд, ки дар нашрҳои комили осори шоир – нашрҳои Сафдарӣ (Бамбай, 1299), Кобул (1341-1344) ва Теҳрон (1376) ба назар намерасанд. Инак матлаъҳои чанде аз ин қабил ғазалҳоро дар ин ҷо сабт менамоем:

Тааммул то чӣ дар гӯш афканад паймонаи моро,
Навое нест дар хотир шикаси ранги миноро.
* * *
Умрест шӯълабории ашки равони мо,
Ку гарди ҳайрате ки бигирад инони мо?
* * *
Тарки тарабам ишрати бебаргунавоист,
Чун обила болиданам аз тангқабоист.
* * *
Чун шамъ барорад мижаам тори шарар мавӣ,
Ҳамчун пари парвона занад лахти ҷигар мавӣ.
* * *
Чаро баланд набошад чу шиша гардани мавӣ,
Ки бехудист дили офият ба кардани мавӣ.

Пас аз ошноӣ бо нусхаҳои мунтахаби девони қадими Бедил ба тавсифи нусхае аз матни комили он пардохтан мумкин аст. Ин нусха дар китобхонаи Индия-Оффиси Лондон маҳфуз аст ва нусхаи девони қадим буданаш дар варақи охири он қайд гардидааст. Тавсифи мухтасари нусха дар ҷилди якуми «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Индия Оффис» (Оксфорд, 1903, саҳ. 910) мавҷуд аст. Бино бар шаҳодати муаллифи феҳрист Ҳерман Эте, нусха 15 зилқаъдаи 1106 ҳиҷрӣ, мутрбиқ ба 22 июни 1695 милодӣ, яъне 26 сол қабл аз вафоти муаллиф дар Шоҳиҷаҳонобод (Деҳлии имрӯза) китобат шудааст. Котиби нусха хоҷа Бобоқаландари Қодирӣ ном шахс аст. Нусха бо муқаддимаи мансур оғоз шуда, бахшҳои ғазалу қасида ва рубоъиро дарбар кардааст. Бахши ғазалиёт бо ғазали «Нафас ошуфта медорад чу гул ҷамъияти моро», бахши қасоид бо қасидаи «Дар ҳарими хок моро мӯи пирӣ раҳбар аст» (Саводи аъзам) ба бахши рубоъиёт бо рубоъии «Ҳамди ду ҷаҳон сазост субҳонеро» оғоз меёбанд. Ҳаҷми умумии нусха тахминан 8-9 ҳазор байт аст.

Муаллифи феҳристи мазкур пас аз тавсифи нусха илова кардааст, ки девони қадими Бедил дар соли 1287 дар якҷоягӣ бо «Никот», «Руқаъот» ва «Чорунсур» ба табъ расидааст. Дар ин ҷо манзури муаллифи феҳрист яке аз нашрҳои маъруфи куллиёти Бедил аст, ки дар соли 1287 (1870) дар Лакҳнав чоп шудааст. Ин нашр, воқеъан, девони ғазалиёт ва се асари мазкури шоирро дар бар кардааст. Нашри мазкур бори дуввум дар соли 1292 (1875) дар Конпур низ чоп шудааст. Девони ғазалиёти Бедил дар ин нашрҳои куллиёт бо бисёр хусусиятҳояш ҳам аз нашрҳои дигари девон ва ҳам аз нусхаҳои хаттии он тавофутҳои ҷиддӣ дорад. Аз ин рӯ, фикри Эте дар хусуси нашри девони қадим будани он аз ҳақиқат дур наменамояд. (Дар хусуси ин нашри куллиёт нигар: ба мақолаи «Аз таърихи нашри осори Бедил»).

Агар нусхаҳои хаттии девони Бедилро аз рӯи таъриххои китобати онҳо аз назар гузаронем, саввумин нусхаи қадими девон нусхаи китобхонаи Донишгоҳи шаҳри Карочии Покистон хоҳад буд. Бино бар шаҳодати муаллифи китоби «Китобхонаҳои Покистон» (Ҷилди 1, Исломобод, 1977) Муҳаммад Ҳусайни Тасбеҳӣ, ин нусхаи девони Бедил «Мусаввадаи девони қадим ва ҷадид» ном дошта, ба хати худи Бедил китобат шудааст. Дар бораи ин нусха мақолаи ҷудогонае низ мавҷуд аст, ки ба қалами муҳаққиқи маъруфи Афғонистон Абдулҳай Ҳабибӣ таъаллуқ дорад (Ниг.: А. Ҳаибӣ, Девони Бедил бо хати ӯ?-маҷаллаи «Адаб» Кобул, 1355, №3).

Ба қавли Ҳабибӣ, нусха даҳи рамазони 1108 (2 апрели 1696) дар шаҳри Шоҳиҷаҳонобод (Деҳлии имрӯза) китобат шудааст. Он аз 866 саҳифа иборат буда, ҳар саҳифааш дорои ду ҳошия мебошад. Дар мобайни саҳифаҳо ва дар ҳошияи аввал девони мураттаби ғазалу

қасоид ва рубоъиёт ҷоӯ гирифта, то саҳифаи 846 идома ёфтааст. Дар охири саҳифаи 846 таърихи китобати девони мураттаб сабт ёфтааст. Дар мобайни ҳар саҳифа 15 сатр, яъне 15 байт ва дар ҳар саҳифаи ҳошияи аввал 14 байт ҷойгир шудааст. Ҳаҷми умумии девони мураттаб, ки дар мобайни саҳифаҳо ва ҳошияи аввал омадааст, 22842 байт мебошад. Ҳашт саҳифаи авали девонро муқаддимаи мансуре ишғол намудааст, ки бо ин ҷумла оғоз меёбад: «Ҳамди мубдиъе, ки тараддуди анфоси аъёни кайфу кам мавқуфи таҳрирест аз сарангушти иродати ӯ».

Пас аз девони мураттаб ва сабти таърихи китобати он 796 байт дар охири нусха ва 2766 байти дигар дар ҳошияи дувуми нусха афзуда шудааст. Нусха умуман аз ғазалу қасидаву рубоъӣ ва ашъори мутафарриқа иборат буда, ҷамъан 26404 байтро фаро гирифтааст.

Хати нусха «нимшикасти хуб ва аксари он ғайри манқут аст, ки шахсе ноошно бо сабки Бедил онро ба заҳмат тавонад хонд» (А. Ҳабибӣ).

Коғази нусха кашмирии хокист. Тамоми саҳифаҳои он дар ҳолати хуб боқӣ мондаанд. Дар саҳифаи авали нусха дар қатори чанд мӯҳри дигар ду мӯҳри подшоҳи вақти Ҳиндустон Муҳаммадшоҳ (1131-1161 (1719-1748) низ мавҷуд аст. Мавҷудияти ин мӯҳрҳо далел бар он аст, ки ин нусха замоне дар ки обхонаи шоҳӣ нигаҳдорӣ мешудааст. Нусха то соли 1947, яъне то замони тақсими Ҳинду Покистон, дар яке аз китобхонаҳои Ҳиндустони ҷанубӣ маҳфуз будааст.

А. Ҳабибӣ нусхаро муфассал тавсиф намуда, дар баробари ин масъалаи ба хати Бедил таъаллуқ доштани онро ба зери шубҳа гузоштааст. Бино бар қавли Ҳабибӣ, дар саҳифаи аввали нусха навиштаҷоти зерин мавҷуд аст:

1. Мусаввадаи девони қадим ва ҷадид. Фақир Бедил
2. Девон. Мусаввадаи хос ба қалами мусанниф. Харида. Маърифати девон – 125. Дохил шуд: 1279 (1862-1863).
3. Девони Мирзо Бедил. Гузаронида шуд. Муҳаммад Бурҳоналихон. Муқаддимаи шаҳри рамазони 1206 (охири апрели 1792).
4. Арзи мурарар дида шуд. Мӯҳр: Маҳороҷа Макишрой, 1203 (1788-1789).
5. Куллиёти девони Мирзо Абдулқодри Бедил. ба қалами хоси мусанниф.

Дар саҳифаи аввал илова бар навиштаҷоти мазкур як мӯҳр бо номи Рой Ҳиммат (санаи мӯҳр 1123 (1711-17120 ва ду мӯҳр бо номи Муҳаммадшоҳ подшоҳи ғозӣ» низ дида мешавад.

Ҳабибӣ навиштааст, ки аз навиштаҷоти мазкури саҳифаи аввали нусха танҳои сатри аввал, яъне таъбири «Мусаввадаи девони қадим ва ҷадид. Фақир Бедил» ба хати матни девон монанд аст. Вале ҷои ибораи «Фақир Бедил»-илова кардааст Ҳабибӣ, - қадре сиёҳ аст ва аз он маълум мешавад, ки иборатеро маҳв карда, ба ҷойи он ин калимотро навиштаанд. Бино бар ин, -таъкид намудааст Ҳабибӣ, - калимоти «фақир Бедил» қадре машкук ба назар мерасад.

Ба қавли Ҳабибӣ, таърихи китобати нусха, ки дар охири он мавҷуд аст, дар ин шакл омадааст: «Даҳуми шаҳри рамазоналмубораки санаи 1108 як ҳазору яксаду ҳашти ҳиҷрати набӣ саллалоҳа алйҳи ва алоҳу дар балдаи Шоҳиҷаҳонобод ба таҳрир анҷомид. Алҳамду лиллоҳи».

Ҳабибӣ баъд аз зикри ин таърих навиштааст: «Дар тамоми матни китоб фақат ҳамин таърих мавҷуд аст. Вале зикре ва ишорате нест, ки нависандаи матн худи Бедил бошад… Фақат ба унвони муқаддима ба хати сурх «Лироқима» мавҷуд аст ва бар вараќи аввали он аз тарафи моликони мутаъаддиди он навишта шуда, ки ба қалами мусанниф, яъне Бедил бошад. Вале ин даъво танҳо ки фоят намекунад, ки мо ин нусхаро ба хати худи Бедил бишуморем, то вақте ки як қаринаи хориҷӣ ва бурҳоне дигар бар он мавҷуд набошад».

Ҳабибӣ дар айни ҳол гӯшрас намудааст, ки хати нусха ба асли хати Бедил, ки ӯ дар Лоҳур ва Кобул дида будааст, шабоҳати зоҳирӣ дорад.

Дуруст аст, ки дар ин нусха санаде ки ба хати худи Бедил таъаллуқ доштани онро сареҳа исбот намояд, дида намешавад. Вале барои қатъиян рад кардани ин фикр низ далели кофӣ вуҷуд надорад. Баракс, мусаввадаи девон будани ин нусха, шабоҳати хати он ба хати Бедил, дар замони зиндагии шоир ва дар шаҳре, ки ӯ дар он иқомат дошт, китобат шуданаш ва ниҳоят шаҳодати хаттии чандин кас, ки дар вараќи аввали нусха мавҷуд аст, имкон медиҳад тахмин намоем, ки нусха нусхаи асл аст. Далели дигари нусхаи асл будани он зикр

нагардидани номи котиб аст. Ва ниҳоят, таъбири «ба таҳирир анҷомид» ки дар охири ҷумлаи таърихи китобат омадааст, ин тахминро тақвияти бештаре мебахшад. Чунон ки дар ҷои дигар дар мавриди нусхае аз маснавии «Муҳити аъзам» навиштаем, иборaҳои «таҳрир шуд», «ба таҳрир расид», ва ғайра дар бештари мавридҳо ба маънои эҷод шудан, таълиф гардидан, бори аввал ба рӯи коғаз омадан истеъмол мешаванд.

Аз ҷумлаи нусхаҳои қадими девони Бедил як нусха др Теҳрон, дар китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолор низ вуҷуд дорад. Ин нусха зери № 403 маҳфуз аст ва дар ҷилди дуввуми асари Ҳадоиқ ибни Юсуфи Шерозӣ «Феҳристи китобхонаи Мадрасаи олии Сипоҳсолор» (кутуби хаттии форсиву арабиву туркӣ, Теҳрон, 1316-1318, саҳ. 572) тавсиф шудааст. Бино бар тавсифи муаллифи феҳрист, номи котиб ва соли китобати нусха қайд нашудаанд. Вале қароине ки дар худи нусха мавҷуданд, далел бар онанд, ки он барои худи муаллиф, яъне Бедил китобат шудааст ва «изофате ки дар ҳавошӣнигошта шуда, бо хати худи Бедил» таъллуқ дорад. Дар ҳошияи варқҳои 235-287 матни «Никот»-и шоир ҷой гирифтааст, ки хаташ ба хати нусхаи девон монанд аст. Яъне котиби ҳам нусхаи девон ва ҳам нусхаи «Никот» як шахс аст. Дар се вараќи охири девон, ки пас аз китобати нусха холӣ мондаанд, «як-ду мактуб ва матолиби мутафарриқаи назму наср мавҷуд аст, ки «зоҳиран, ба хати худи Бедил» иншо шудаанд. Нусха ба хати настаълиқи хуб китобат шуда, бештари калимаҳо бенуқта нигошта шудаанд. Нусха аз 407 варақ иборат буда, ҳар варақ дорои 34 сатр, яъне 34 байт аст. Ҳаҷми умумии он наздик ба 13-14 ҳазор байт мебошад. »

Чандин нусхаи хаттии девони Бедилро дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ дидан мумкин аст. Дар феҳристи мухтасари нусхаҳоии хаттии ин донишгоҳ, ки бо номи «Список восточных рукописей фундаментальной библиотеки Самаркандского университета имени Алишера Навои» (составители А. Пулатов, Х. К. Ахроров. Самарканд, 1977) ба табъ расидааст, аксари онҳо бо санаҳои китобаташон зикр гардидаанд. Яке аз нусхаҳои ин донишгоҳ нусхаи қарни XVII қаламдод шудааст. Гумони ғолиб бар он аст, ки санаи китобат дар худи нусха сабт наёфтааст ва ин фикр тахмини мураттибони феҳрист аст. Аз ин рӯ худи нусхаро надида, ба ақидаи онҳо ҳамроҳ шудан душвор аст. Зоҳиран, қадимтарин нусхаи девони Бедил дар ин китобхона нусхаи соли 1184 (1770-1771) аст, ки дар шаҳри Бухоро китобат шудааст. Бо истисноии ду нусхаи мазкур нусхаҳои дигари девон, ки наздик ба 50 адад ҳастанд, ҳама дар асрҳои 13-14 ҳиҷрӣ рӯйнавис шудаанд.

Дар ҷилди саввуми «Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ-форсии китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» (Душанбе, 1983, саҳ. 31-32), ки Н. Кароматуллоева тартиб додаст, чанд нусха аз девони Бедил низ тавсиф шудааст. Аз ҷумла дар тавсифи нусхаи №1759 ин китобхона омодааст, ки ин нусха дар соли 1114 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1702 милодӣ рӯйнавис шудааст. Вале дар асл ин тавр нест. Рақаме, ки мураттиби феҳрест онро санаи китобати девон ҳисобидааст, ба нусхаи девон умуман дахл надорад. Ин санан, ки дар асл 1116 мебошад, дар охири асари дигари шоир «Чорунсур», ки дар ҳошияи девон омадааст, сабт ёфтааст. Аммо ин рақам дар ин ҷо низ таърихи китобат набуда, балки таърихи таълифи «Чорунсур» аст, ки касе онро аз қитъаи таърихи таъсиси асар истихроӣ намуда, дар поёнии нусха сабт намудааст. (Доир ба ин нусха ниг. ба мақолаи «Нусхае аз девони Бедил»).

Дар асари Еарж Буркуй «Нусхаҳои хаттии Афғонистон» (Қоҳира, 1966 ба забони франсавӣ) аз ҷумлаи нухсаҳои хаттии Музеи Кобул нусхае аз девони Бедил тавсиф шудааст, ки зери № 225 маҳфуз будааст. Ба қавли Буркуй, ин нусха дар соли 1120 ҳиҷрӣ (1708-1709) китобат шудааст.

Феҳристи Буркуй тавсифи нусхаҳои хаттии панӣ китобхона - ки тоҳхонаи хусусии Муҳаммад Зоҳиршоҳ, Китобхонаҳои Музеи Кобул, Вазорати матбуот, Вазорати маориф ва Музеи Ҳиротро дарбар кардааст. Ба ғайр аз нусхаҳои Музеи Ҳирот нусхаҳои хаттии чаҳор китобхонаи дигар, ки дар шаҳри Кобул воқеъ буданд, ҳама дар Архиви миллии Афғонистон гирдоварӣ шуда, дар ҳамон ҷо ҳифз карда мешаванд. Муаллифи ин сатрҳо дар солҳои 1983-1985 дар Кобул машғули хидмат будам ва дар ин муддат ба аксар нусхаҳои осори Бедил, ки дар Архиви миллӣ мавҷуданд, ошно шудам. Аммо ба нусхаи зикршудаи девон, нусхае, ки таърихи китобаташон 1120 ҳиҷрӣ бошад, дучор наёмадам. Аз ин рӯ, дар хусуси то кадом андоза воқеъият доштани фикри Буркуй чизе гуфта наметавонам.

Дар Институти осори хаттии АИ ҷумҳурии Ӯзбакитсон низ чанд нусхаи қадими девони Бедил маҳфуз будааст. Дар ҷилди дуввуми феҳристи ин муассиса, ки аз тавсифи нусхаҳои форсӣ иборат мебошад, се нусха аз девони Бедил қайд гардидааст, ки дутои онҳо, гӯё, дар замони зиндагии шоир китобат шуда бошад. Яке нусхаи №3797\1 аст, ки санаи китобаташ 1125 ҳиҷрӣ (1713 милодӣ) нишон дода шудааст. Дигаре нусхаи № 3473, ки соли 1133 ҳиҷрӣ (1720 милодӣ) рӯйнавис шуда будааст (ниг. Каталог фонда Института рукописей АН Узб. ССР. Том 2. Ташкент, 1988).

Дар китобхонаи Бодлеани шаҳри Оксфорди Британия низ як нусхаи қадими девони Бедил мавҷуд аст, ки 2 сафари 1138 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 10 октябри 1725 китобат шудааст. Нусха аз ғазалу рубоъӣ иборат буда, бахши ғазалиёт бо ғазали «Эй гарди такопӯи суроғи ту нишонҳо» ва бахши рубоъиёт бо рубоъии «Он дам ик ҳақиқати қидам пайдо шуд» шурӯъ мешаванд (ниг. Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи Бодлеан, Қисми 3, Оксфорд, 1954, саҳ. 712).

Нусхаҳои зиёди девони Бедилро дар Ҷамъияти осиёии Бангола (шаҳри Калкуттаи Ҳиндустон) низ мебинем, ки қадимтарини онҳо нусхаи соли 1141 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1728-1729 милодист, ки бо дасти Абдулмӯъмин ибни Муҳаммадтақӣ ибни Муҳаммадфозил ном шахс китобат шудааст (ниг. Вл. Иванов, Нусхаҳои хаттии форсии Ҷамъияти осиёии Бангола, Калкутта, 1924, саҳ. 181-182).

Нусхае, ки дар китобхонаи Индия Оффиси Лондон маҳфуз аст, 6 раҷаби 1144 ҳиҷрӣ (4 январи 1732) китобат шудааст. Ин нусха низ аз ду бахш – бахши ғазал ва бахши рубоъӣ иборат аст. Бахшт ғазалиёт бо ғазали «Эй мурдаи такаллуф, аз кайфу кам бурун о ва бахши рубоъиёт бо рубоъии «Гардун дар хок агар нишонад моро» оғоз меёбад (ниг. Ҳерман Эте, Нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Индия Оффис, ҷилди 1, саҳ. 912).

Аз нусхаҳои қадими девони Бедил як нусха бо номи «Интихоби девони Мирзо Абдулқодири Бедил» дар Музеи Британия (Лондон) маҳфуз аст. Ҳаҷми нусха 166 варақ буда, мунтахаби ғазалу рубоъӣ ва мухаммасҳои шоирро дарбар кардааст. Матни нусха бо ғазале шурӯъ мешавад, ки матлаъаш ин аст:

Ба ҳар ҷабин, ки бувад сатре аз китоби ҳаё,
Зи нуқтаи арақам дорад интихоби ҳаё.

Китобати нусха дар моҳи шаъбони 1145(январи 1733) дар қалъаи Авсои Дакан сурат гирифтааст. Соҳиби нусха яке аз шогирдон ва ҳомиёни Бедил ҳокими онвақтаи Дакан Низомулмулки Осафҷоҳ (ваф. 1748) будааст (ниг. Чарлз Рё. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии Музеи Британия. ҷилди 2, Лондон, 1882, саҳ. 706).

Аз ҷумлаи нусхаҳои қадими девони Бедил як нусха (№ 592) дар китобхонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ мавҷуд аст, ки дар соли 1151 ҳиҷрӣ (1738-1739) китобат шудааст. Санаи китобати он дар ду ҷой – дар варақи аввал ва дар поёни бахши ғазалиёт сабт гардидааст. Номи котиб ва маҳалли китобат зикр наёфтааст. Нусха мунтахаби ғазалу рубоъиёти шоирро дарбар кардааст. Агар нусхаи № 715 ҳамин китобхонаро, ки тавсифаш гузашт, истисно кунем, нусхаи № 592 дар байни нусхаҳои то кунун маълуми китобхонаҳои Тоҷикистон қадимтарин нусхаи девони Бедил хоҳад буд. Нусха, мутаассифона, аз баъзе ноқисиҳо холӣ нест. Чунончи, чанд варақи аввали бахши ғазалиёт пора шуда, баъзеи онҳо аз байн рафтаанд. Дар натиҷаи шикасту рехти нусха хондани баъзе ҷойҳои матн душвор гардидааст.

Дар байни дастхатҳои девони Бедил нусхаҳое низ ба назар мерасанд, ки бо фаро гирифтани баъзе ишора ва қайдҳои ҷолиб аз дигар нусхаҳо фарқ мекунанд. Яке аз чунин нусхаҳо нусхаи № 565 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон мебошанд. Ин нусха мунтахаби ғазалиёту мухаммас ва рубоъиёти шоир буда, дар соли 1246 (1830-1831) китобат шудааст. Номи котиб ва маҳалли китобат зикр наёфтаанд. Пас аз қайди таърихи китобат чанд мухаммас ва як пора шеър бо номи «Гудринома», ки ҷузве аз як мактуби шоир аст, сабт ёфтаанд. Хати онҳо низ ба хати матни асосӣ монанд аст. Дар ин нусха низ чанд ғазали Файзии Даканӣ дохил гардидааст. Хушбахтона, дар ин ҷо касе хонандагонро аз ин иштибоҳ огаҳ кардааст. Масалан, дар ҳошияи ғазали «Меравад он шаҳсавор бурда зи ҷонҳо шикеб» чунин навиштааст: «Ин ғазал аз шайх Файзии Файёзист. Дар ин ҷо саҳван

навиштаанд. » Ё худ дар ҳошияи ғазали «Эй зи хубони ҷафоҷӯ дар ситамкорӣ масал» ин ҷумларо сабт намудааст: «Ин ғазал аз шайх Файзии Файёзӣ мебошад, ки дар девонҳои дастхати Бедил саҳван навишта шудааст».

Ҳамчунин дар ҳошияҳои чанд вараҷи ин нусха ғазалҳое мавҷуданд, ки баъдтар аз тарафи каси дигаре илова шудаанд. Қобили зикр аст, ки ин ғазалҳо дар нашрҳои ба мо маълуми девони Бедил пайдо намешванд. Яке аз онҳо ғазалест бо матлаъи зерин:

Бақо гирифт ба фарқам, наво муборак бод,
Қабо бурид ба қаддам, қабо муборак бод.

Аз ҷумлаи нусхаҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон боз ду нусхаи дигарро метавон зикр кард, ки чун нусхаи № 565 дорои ғазалҳои иловагӣ мебошанд. Яке нусхаи № 445, ки ғазале дорад бо ин матлаъ:

Ба имо сухан карданатро бинозам,
Ба андоз дил бурданатро бинозам.

Дигаре нусхаи № 746, ки шомили ғазали зайл мебошад:

Маст бар сарам омад офати дилу хуше,
Соя бар сарам афканд моҳи ҳолаоғӯше.
Оразаш зи май гулгун, лаб зи пон чу ёқуте,
Чеҳра сандалиранге, бо ҳаё ҳамоғӯше.
Зулфлайлатулқадре, субҳиидрухсоре,
Ҳусни чеҳрааш бадре, настаринбаногӯше.
Зудҷанг бадхӯе, дерсулҳ маҳрӯе,
Шӯхи анбаринмӯе, пуритобу пурҷӯше.
Ошёни Бедилро рахт сӯхт аз ҳайрат,
Дуд аз дилаш бархост ҳамчу шамъи хомӯше.

Бо иқтибоси мисолҳои мазкур мо гуфтанӣ нестем, ки ғазалҳои иловагӣ ҳама моли Бедиланд ва бояд ба куллиёти осори ӯ дохил карда шаванд. Аз эҳтимол дур нест, ки қисме аз онҳо ё аксари онҳо ба шоирони дигар таъаллуқ дошта бошанд. Мақсад аз овардани мисолҳо он аст, ки чигунагии нусхаҳои хаттии девони шоир муъайян гардад, ҳусну қубҳи онҳо барои мутахассисон то андозае ошкор шавад.

Дар охири бахши нусхаҳои мунтахаби девони Бедил аз нусхае ёд мекунем, ки замоне дар китобхонаи шоҳии Берлин маҳфуз буд. Ин нусха дар ҷилди чоруми феҳристи Вилҳелм Перч «Нусхаҳои хаттии китобхонаи шоҳии Берлин» (Берлин, 1888, саҳ. 939) тавсиф шудааст. Тибқи тавсифи Перч, нусха 143 варақ дорад, яъне нусхаи мунтахаби девони шоир аст. Нусхаи қадим будан ё набуданаш маълум нест. Зеро дар феҳрист на номи котиб зикр ёфтааст у на санаи китобат. Вале он аз дигар ҷиҳат – аз ҷиҳати фарогирии навъҳои гуногуни шеърӣ-қобили зикр мебошад. Мундариҷаи он иборат аст аз муқаддимаи девон, таркиббанду тарҷеъбанд, қасида, тамхис, маснавӣ, ғазал ва рубоъӣ. Бахши қасида бо қасидаи «Бад-он расид тароват зи файзи боди баҳор», бахши тамхис бо мухаммаси «Чун саҳар то чанд чоки ғам ба пироҳан занам?», бахши маснавӣ бо манзумаи «Ало эй зиреҳпӯши зеварнигор», бахши ғазалиёт бо ғазали «Эй оинаи ҳусни таманнои ту ҷонҳо» ва бахши рубоъиёт, ки 136 байт аст, бо рубоъии «Ё раб, зи майи шавқ аёғе бифирист» шурӯъ мешаванд.

Аксари нусхаҳои мунтахаби девони Бедил муқаддима надоранд ва аз анвоъи шеърӣ асосан ғазалу рубоъиро дарбар мегиранд. Нусхаи мазкур бо шомилияти навъҳои гуногуни шеърӣ нусхаҳои комили девонро ба хотир меоварад. Бартарии дигари ни нусха он аст, ки мухаммасе, ки бахши тамхис ба он оғоз меёбад, дар нусхаҳои ба мо маълуми девон ба назар намерасад. Ин мухаммас дар нашрҳои комили куллиёт-нашрҳои Сафдарӣ ва Кобул наз дида намешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки иддае аз нусхаҳои девони Бедил бо номи «девони комил» ё худ «куллиёти девон» маъруфанд. Ин нусхаҳо ба ғайр аз маҷмӯъаи рубоъиёт, ки девони алоҳида аст, тамоми ашъори лирики шоир – таркиббанду тарҷеъбанд, ғазалу мухаммас, қасида, қитъа

ва қитъаҳои таърих, рубоъиёти қайди воқеъа, маснавиҳои кӯчаки «Танбеҳулмуҳаввисин», «Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер» ва «Сифати забону гуфтори маъшуқ»-ро дарбар мегиранд. Қадимтарин нусхаи девони комил онест, ки дар таркиби куллиёти шоир дар китобхонаи оммавии Худобахш маҳфуз аст ва чунон ки гуфтем, дар феҳристи Мавлавӣ Абдулмуқтадир тавсиф шудааст. Нусхаҳои дигари девони комил, ки ба мо маълуманд, ҳама дар қарнҳои 13-14 ҳиҷрӣ (охири асри XVIII-ибтидои асри XX) китобат шудаанд. Ин нусхаҳо агарчи аз ҷумлаи нусхаҳои қадим нестанд, аз ҷиҳати мукаммалӣ ҷолиби диққат мебошанд.

Нусхаҳои комили девони Бедилро беш аз ҳама дар Архиви миллии Афғонистон дидан мумкин аст. Яке аз комилтарин нусхаҳои Архиви миллӣ нусхаи № 117/14 мебошад. Нусха аз муқаддима, ғазал, таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву мухаммас, аз ҷумла ду мухаммаси шаҳрошуб, қитъа ва қитъаҳои таърих, маснавиҳои «Танбеҳулмуҳаввисин», «Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер», «Сифати даҳону гуфтори маъшуқ» иборат аст. Бахши ғазалиёти он тақрибан 28 ҳазор байт дорад. Котиби нусха Муҳаммадлатиф ибни мулло Муҳаммадшарифи шаҳрисабзист, ки онро дар солҳои 1241-1242 ҳиҷрӣ (1825-11827) китобат кардааст.

Нусхаи дигари Архиви миллӣ нусхаест, ки зери №137/7 маҳфуз мебошад. Ин нусхаро Буркӯй дар асари зикршудаи «Нусхаҳои хаттии Афғонистон» тавсиф намуда, номи китоби онро Муҳаммадюнусхоҷа ибни Бобохоҷа ва санаи китобаташро 1147 ҳиҷрӣ (1734-1735) нишон додааст. Ин нусхаро, хушбахтона, мо низ аз назар гузаронидем. Нусха за ҷумлаи комилтарин нусхаҳои девони Бедил аст, ки дар маҷмӯъ 31535 дайтро дарбар дорад. Мундариҷаи он иборат аст аз муқаддимаи девон, ғазалиёт (миқдори ғазалҳо тахминан 26 ҳазор байт аст), беш аз 300 рубоъӣ, тарҷеъбанду таркиббанд, қасоид, мухаммас, қитъа ва қитъаҳои таърих, маснавиҳои «Танбеҳулмуҳаввисин», «Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер» ва ғайра. Котиби нусха, дар воқеъ, Муҳаммадюнусхоҷа ибни Бобохоҷаи шаҳрисабзист мебошад. Вале санаи китобат 1147 набуда, балки 1246-1247 (1830-1832) аст. Аммо касе аз ҳарду рақам-ҳам рақами 1246 ва ҳам рақами 1247 адади 2-ро кӯр карда, ба ҷояш адади як навиштааст. Аз чӣ сабаб бошад, ки Буркуй ин ҳолатро нодида гирифтааст. Санаи китобати бахши ғазалиёт 1246 аст ва он ин тавр сабт ёфтааст: «1246 буд, ки ин нусхаи шариф аз дасти фақир Муҳаммадюнусхоҷа ибни Бобохоҷаи кешӣ тамом ёфт. » Таърихи китобати ҳиссаи дуввуми нусха ин аст: «Ин нусхаи қасоиду рубоъиёт ва муқаттаъоти Мирзо Абдулқодири Бедил… Муҳаммадюнусхоҷа ибни Бобохоҷаи шаҳрисабзӣ, 1247. »

Саввумин нусхаи Архиви миллӣ зери № 164\22 маҳфуз аст. Ин нусха нисбат ба ду нусхаи зикршуда хурдтар аст ва танҳо аз муқаддима, ғазалу қасида ва як маснавӣ-«Танбеҳулмуҳаввисин» иборат аст. Бино бар қавли котиби нусха, он аз рӯи нусхаи асл рӯйнавис шудааст. Номи котиб, таърих ва маҳалли китобат дар охири нусха ин тавр баён гардидааст: «Лилаҳилҳамд, ба итмом расид ва ба ихтитом анҷомид нусхаи девони фасоҳаттарҷумони Мирзо Абдулқодири Бедил ба дастёрии қалами шикастазабон дар қасабаи дорулфатҳи Ғиждувон (воқеъ дар Бухоро-Б. Р) дар санаи 1275 (1858-1859милодӣ). Катбту мин нусхатиласли. Ано алъабду Муҳаммадхусайн ибни мулло Муҳаммадазим».

Баъд аз қайди мазкур ғазали шоир бо матлаъи Чист инсон? Муфради килки дабиристони раб, К-ин ҳама авзоъи асморост таркибаш сабаб» ва мухаммаси шаҳрошӯби ӯ «Ин хирасаре чанд, ки не ҳолу на қоланд» дарӣ гардидаанд. Дар поёни ду шеъри мазкур ишораи зайл сабт ёфтааст: «Муҳаррара Сулаймонхоҷа 1272 (1855-1856 милодӣ-Б. Р)».

Чаҳорумин нусхаи архиви миллӣ, ки зери № 172\23 маҳфуз аст, «Ашъори Бедил» унвон дорад ва он асосан аз ғазал иборат аст. Нусха бо ғазали машҳури «Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо» оғоз шуда, бо ғазали «Қадаҳ май бар каф асту шамъ гул дар остин дорад» ба поён мерасад. Яъне нусхаи нотамоми девони ғазалиёт аст. Дар нусха роҷеъ ба таърихи китобату номи котиб қайду ишорае ба назар намерасад. Замони китобати он ба солҳои аввали асри XX рост меояд. Ин нусха, зоҳиран, нусхаест, ки яке аз нашрҳои кобулии девони Бедил – нашри соли 1334 ҳиҷрии қамарӣ (1916 милодӣ) аз рӯи он сурат гирифтааст. Нашри мазкур низ чун нусхаи зикршуда ғазалиёти шоирро то охири радифи дол дарбар кардааст.

Аз нусхаҳои Архиви миллии Афғонистон боз ду нусхаи дигарро зикр бояд кард. Яке нусхаи № 83\23, ки бо номи «Девони Бедил» маҳфуз аст ва дигаре нусхаи 171\23, ки

«Ашъори Бедил» унвон дорад. Нусхаи № 83\23 яке аз бузургтарин нусхаҳои девони шоир аст. Ҳаҷми он 1670 саҳифа буда, дар ҳар саҳифа бистогӣ байт ҷойгир шудааст. Шумораи умумии абёташ наздик ба 34 ҳазор аст. Нусха, ғолибан, дар ибтидо ё миёнаҳои асри XX китобат шудааст. Муқаддимаи мансуре, ки дар аксар нусхаҳои комили девон мавҷуд аст, дар ин нусха дида намешавад. Агар ба қайди дар нусха вуҷуддошта, ки миқдори ғазалҳоро 3087 гуфтааст, бовар кунем, ин нусха комилтарин нусхаи девони ғазалиёти Бедил хоҳад буд. Аз нусхаҳои то кунун ба мо дастрасшуда ҳеҷ яке ин миқдор ғазалҳоро дарбар накардааст. Ҷилди аввали нашри кобулии куллиёти Бедил, ки комилтарин нусхаи чопист, ҳамагӣ 2836 ғазал дорад.

Аммо ба назар чунин мерасад, ки ин нусха танҳо аз ғазал иборат нест. Тахмин намудан мумкин аст, ки дар ин нусха навъҳои дигари шеърӣ, масалан, таркиббанду тарҷеъбанд ва қитъаҳои матлаъдор низ дохиланд. Аз эҳтимол дур нест, ки дар ин ҷо мухаммасҳои шоир низ мавҷуд бошанд.

Нусхаи № 171\23 аз 141 саҳифа иборат аст ва ҳар як саҳифааш шаш сутун шеър дорад. Дар 47 саҳифаи аввали он ғазалҳо бо радифи алиф ҷой гирифтаанд. Саҳифаҳои боқимонда радифҳои мим, нун, фе, қоф, айн ва ғайнро дарбар кардаанд. Дар радифҳои дигар ҳарфҳо ғазал умуман вуҷуд надорад. Ноқис будани нусха ва рақамҳои аз ҳаҷми нусха зиёд (265, 270, 250 ва ғайра) доштани саҳифаҳои он далел бар ононд, ки ин нусха бахшҳои ҷудогонаи нусхаи комили девон аст. Дар ҳошияҳои баъзе саҳифаҳои ин нусха ғазалҳои иловагие мавҷуданд, ки хаташон аз хати матни асосӣ фарқ мекунад. Яъне ин ғазалҳоро каси дигаре вориди нусха гардонистааст. Яке аз чунин иловаҳо, ки дар саҳифаи 4 дарӣ гардидааст, ғазали чорбайтаи бемақтаъест, ки бо матлаъи

Таҳамтаннашъа пурзӯре ки аҷзи нотавониҳо

Зи паҳлӯяш занад бар хок пушти паҳлавониҳо.

Шурӯъ мешавад. Ин ғазал аз «Чорунсур»-и худи Бедил гирифта шудааст. Мавзуъи он аз таърифи ҷасорат ва зӯроварии амаки шоир Мирзо Қаландар иборат мебошад. (ниг. Куллиёти Бедил, ҷилди 4, Кобул, 1344, Чорунсур, саҳ. 54).

Ғазалҳои иловагии ҳошия ва баъзе қайду ишораҳои дигар имкон медиҳанд тахмин намоем, ки ин нусха пораҳои ҷудогонаи нусхаест, ки асоси ҷилди аввали нашри Кобулии куллиёти Бедил гардидааст. Зеро аз ғазалҳои иловагӣ, ки дар ҳошияҳо мавҷуданд, аксарашон дар ҷилди аввали куллиёти нашри Кобул низ ба назар мерасанд.

Илова бар ин, дар саҳифаи 258 ин нусха омадааст, ки қасоид «аз рӯи китоби чопии қасоиди фуюз таҳрир шавад».

Дар ин ҷо мурод аз «китоби чопӣ», яқинан, нашри Сафдарии куллиёти шоир аст, ки бахши қасоиди нашри Кобул аз рӯи он чоп шудааст.

Ногуфта намонад, ки чанд ғазали Файзии Даканӣ ва як ғазал аз Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин нусха низ роҳ ёфтаанд. Хушбахтона, ин иштибоҳро касе бо ишораи «Ин ғазал аз Бедил нест» ислоҳ намудааст.

Аз нусхаҳои девони комил чанд ададро дар китобхонаҳои шаҳри Душанбе низ дидан мумкин аст, Яке аз онҳо нусхаи № 4 китобхонаи Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон аст, ки дар феҳристи дохилии ин китобхона бо номи «Куллиёти Бедил» қайд гардидааст. Нусха аз муқаддима, ғазал, таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву қитъа, мухаммасу рубоъӣ (300 рубоъӣ) ва маснавиҳои «Танбеҳулмуҳаввисин», «Сифати шамшер», «Сифати фил», «Сифати асп», «Сифати забон ва каломи маъшуқ» иборат мебошад. Номи котиб, таърих ва маҳалли китобат зикр наёфтаанд. Ин нусха низ, пеш аз ҳама, аз нигоҳи комил буданаш ҷолиби диққат аст. Бахши ғазалиёти он беш аз 26 ҳазор байт дорад. Дар байни нусхаҳои ба мо маълуми девон ин нусха ягона нусхаест, ки дар он ҳарду мухаммаси шаҳрошуби шоир бо номҳои муъайян дарӣ гардидаанд. Мухаммасе, ки бо мисраъи «Ассало, эй сархушони ҷоми иқболи тараб» оғоз меёбад, дар ин нусха чунин унвон дорад: «Дар таҳнияти қудуми шаҳзодае, ки ба воситаи бевафоии умаро ҷилоҳ шуда, ба сӯҳбати Мирзо (Бедил-Б. Р) расидаанд».

Унвони шаҳрошӯби дуввум (Ин хирасаре чанд, ки не ҳолу на қоланд) ин аст: «Мухаммаси шаҳрошуб дар мазамmати шуюх ва уламои ботил».

Нусхаи дигаре, ки дар шаҳри Душанбе мавҷудаст, нусхаи № 1145 Институти

шарқшиносии АИ Тоҷикистон мебошад, ки дар ҷилди чоруми «Феҳристи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон» (Душанбе, 1970, саҳ. 17) мухтасаран тавсиф шудааст. Нусха дар соли 1230 (1815) дар Бухоро, дар мадрасаи Бибихалифа рӯйнавис шуда, муқаддима, ғазал, мухаммас, таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву қитъа, рубоъиёти қайди воқеъа ва маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин»-ро дарбар кардааст. Мутаасифона, дар ин нусха низ чанд шеъри Файзии Даканӣ дохил гардидааст, ки яке аз онҳо ғазалест бо ин матлаъ:

Маҳбуби ману ҳабиби ман ку?
Бемор шудаам, табиби ман ку?

Аз нусхаҳои Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон нусхаи № 2465 низ қобили зикр аст. Ин нусха низ дар асри XIX, дар соли 1843 (1259 ҳиҷрӣ) китобат шуда, тақрибан тамоми ашъори лирикии шоирро фаро гирифтааст. Тафовути ин нусха нисбат ба нусхаҳои дигар он аст, ки дар ин ҷо таркиббанди шоир пеш аз муқаддимаи девон омадааст, яъне муқаддима ва таркиббанд ҷойҳои худро иваз кардаанд.

Як хусусияти дигари ин нусха ин аст, ки ба чанде аз ғазалу қасида ва қитъаҳои он аз рӯи мазмунҳояшон сарлавҳа ё худ унвон гузошта шудааст. Масалан, пеш аз тарҷеъбанди шоир ин сарлавҳа дарӣ гардидааст: «Тарӣеъбанд муштамил бар маъонию ибороти аҷибия ва мазомину ишороти ғарибия».

Ё худ пеш аз ғазали «Эй нашъаи паймонаи қудрат, ба чӣ корӣ?» ин сарлавҳаро хондан мумкин аст: «Ғазал дар мадҳи вазир ва таҳрис бар риъояти раъоё».

Ҳамчунин «Ғазал дар таърихи вафоти Шоҳиҷаҳон», «Қасида муштамил бар мадҳу ҷулуси султон Муъизуддин ва таърихи он», «Қитъа дар вафоти Оқилхон, ки ҳар мисраъ таърих аст», «Қитъа дар санъате ки ададӣ «шоҳ Фаррухсияр» ва адади «мазҳари эзиди корсоз» баробар мешаванд аз ҷумла шеърҳои унвондори ин нусха мебошад.

Котиби нусха ё шахси дигаре, ки ба шеърҳои Бедил унвонҳо гузаштааст, зоҳиран, ба осори шоир ва авзоъи сиёсии асри ӯ ошноии кофӣ надоштааст, ки ба чанде аз шеърҳо унвонҳои ғалат додааст. Масалан қитъаи машҳури шоъир:

Ба соле ки Бедил ба мулки зуҳур
Зи файзи азал тофт чун офтоб,
Бузурге хабар дод аз мавлидаш,
Ки ҳам «файзи қудс» асту ҳам «интихоб. »

зери ин овора шудааст: «Қитъа дар таърихи валодати Мирзо Абдулқодири Бедил, ки бузурге фармуда».

Ҳамчунин шеъре ки бо сарлавҳаи «Қитъа дар таърихи валодати шоҳзода Оламгир» омадааст, таърихи таваллуди Оламгир набуда, таърихи таваллуди писари хурдии ӯ Муҳаммад Комбахш аст. Аз моддаи таърихи ин қитъа «шамъи мунири Оламгир», адади 1081 бармеояд. Дар сурате ки таърихи таваллуди Оламгир 1028 аст, ки дар ин вақт Бедил ҳанӯз ба дунё наомада буд.

Чунон ки борҳо гӯшрас намудем, дар баъзе нусхаҳои хаттии девони Бедил чанд ғазал аз шоирони дигар, аз ҷумла Файзии Даканӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, низ дохил шудаанд. Дар аксари ин нусхаҳо дар хусуси моли Бедил набудани онҳо қайду ишорае вуҷуд надорад. Танҳо дар ду нусха – нусхаи № 171\23 Архиви миллии Афғонистон ва нусхаи № 565 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикитсон ишора шудааст, ки ин ғазалҳо аз Бедил нестанд.

Умуман, дар нусхаҳои хаттии девони Бедил то ба имрӯз ба ҳафт ғазали бегона дучор омадан мумкин аст, ки панҷтоаш ба Файзии Даканӣ, яктоаш ба Абдураҳмони Ҷомӣ ва яктои дигараш ба шоири ба мо номаълуме таъаллуқ доранд. Матлаъҳои 5 ғазали Файзӣ инҳоянд:

1. Базм чун водии Айман шуда пурнур имшаб,
Шамъро ханда бувад бар шаҷари Тур имшаб.

2. Меравад он шаҳсавор бурда зи ҷонҳо шикеб,

Ишва маъорифшикор, ғамза малоикфиреб.

3. Эй зи хубони ҷафоҷӯ дар ситамкорӣ масал,
Фитнаҷӯёнро ҷафоҳои ту дастуруламал.

4. Аз ғами он парӣ чунон шудаам,
ки зи чашми халқ ниҳон шудаам.

5. Маҳбуби ману ҳабиби ман ку?
Бемор шудаам, табиби ман ку?

(ниг. Куллиёти шайх Абулфайзи Файзӣ. Муштамил бар қасоиду ғазалиёт ва матолеъ. Ҷилди аввал. Мураттабаи дуктур Аршад, Лоҳур, 1967. саҳ. 225, 228, 335, 432, 492).

Матлаъи ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ ин аст:

Дӯстон, чанд кунам нола зи бемории дил?
Кас гирифтор мабодо ба гирифтории дил.
(ниг. Абдураҳмони Ҷомӣ, Фотиҳатушшубоб. Аз рӯи ҳашт нусхаи хаттии қадимтарин. Ба кӯшиши Аълохон Афсаҳзод, Маскав, 1978, саҳ. 382).

Ғазали ҳафтум ғазалест, ки танҳо дар як нусха – нусхаи зикршудаи № 186 Музеи таърихии шаҳри Панҷакент (вар. 37 «а») ба назар расид. Агарчи аниқ кардани муаллифи ҳақиқии он ба мо муяссар нагардид, шеъри Бедил набуданаш яқин аст. Гуфтан лозим аст, ки ба содагии тарзи баён ва услуби нигориш ин ғазал низ ба ғазалҳои Файзӣ шабоҳат дорад. Вале мо онро аз ҷилди аввали куллиёти ӯ, ки дар ихтиёр доштем, пайдо карда натавонистем. Ҳоло ба мақсади тақвият додан ба фикри хеш, яъне таъкиди он, ки ин ғазал аз Бедил нест ва муъайян шудани муаллифи ҳақиқии он матни пураашро сабт менамоем:

Шаб, ки банди ниқоб во кардӣ,
Ду ҷаҳон чашм мубтало кардӣ.
Не нигоҳе, на ишва, не рухе,
Хуш ситам бо ман ошно кардӣ.
Аз ҷафоҷӯию ситамкорӣ
Ин ҳама доштӣ, ба мо кардӣ.
Бехабар рафтӣ аз сари бисмил,
Эй ситампеша, ин чаро кардӣ?
Оламеро ба як адои нигоҳ
Куштаи дашти Карбало кардӣ.

**Нусхаҳои хаттии девони рубоъиёти Бедил**

Қадимтарин нусхаи девони рубоъиёти Бедил нусхаест, ки дар китобхонаи зикршудаи Худобахш маҳфуз аст. Тавсифи мухтасари он дар ҷилди саввуми феҳристи Муқтадир (Калкутта, 1912, № тавсиф 385) дарӣ гардидааст. Бино бар қавли Муқтадир, нусха дар соли 1115 ҳиҷрӣ (1703-1704 милодӣ) ба қалами худи Бедил китобат шудааст ва бо рубоъии «Ҳамди ду ҷаҳон сазои зоти якто» шурӯъ мешавад.

Дар китобхонаи мазкур нусхаи дигаре аз рубоъиёти шоир мавҷуд аст, ки он ҳам дар замони зиндагии муаллиф китобат шудааст. Ба қавли Муқтадир, китобати ин нусха рӯзи чоршанбеи 18 ҷимодиюлаввали соли 1122 (15 июли 1710) ба итмом расидааст. Нусха бо рубоъии «Он кас ки муназзаҳ аст аз обу гили мо» оғоз ёфтааст. Номи котиб, зоҳиран, дар нусха сабт наёфтааст, ки Муқтадир низ дар ин бора чизе нагуфтааааст.

Саввумин нусхае, ки дар замони зиндагии муаллиф китобат шудааст, нусхаи китобхонаи Индия Оффиси Лондон аст. Бо шаҳодати муаллифи феҳристи ин китобхона Этте, ин нусха 17 муҳаррами 1126 (2 феврали 1714) бо қалами Муҳаммадворас ибни Муҳаммадбоқари Сиддиқӣ китобат шудааст. Ин нусха низ бо рубоъии «Он кас ки муназзаҳ аст аз обу гили мо»

оғоз мешавад.

Як нусхаи муътабари рубоъиёт дар захираи дастхатҳои Музеи Британия (Лондон) маҳфуз аст, ки дар 9 рабеъулаввали соли 1133 (8 январи 1721) рӯйнавис шудааст. Нусха дар ҷилди иловагии феҳристи Чарлз Рё «Нусхаҳои хаттии Музеи Британия» (Лондон, 1895, саҳ. 212) тавсиф шудааст. Тибқи гуфтаи Рё, ин нусха дорои 135 варақ буда, 126 варақи он шомили рубоъиёт ва 10 варақи охираш ҳовии чанд ғазалу мухаммасу рубоъиест, ки зери унвони «Ҳайвиёт» дарӣ гардидаанд. Бахши рубоъиёт бо рубоъии «Он кас ки муназзаҳ аст аз обу гили мо» ва бахши ҳаҷвиёт бо ғазали «Ин давр даври ҳез аст, вазъи матин ки дорад?» шурӯъ мешаванд. Ғолибан, китобати ин нусха замоне оғоз ёфтааст, ки муаллифи он дар қайди ҳаёт будааст. Котиби нусха дар варақи 126 «а», яъне дар поёнии бахши рубоъиёт навиштааст, ки муаллифи ин китоб Мирзо Абдулқодири Бедил рӯзи панҷшанбеи 4 сафари соли 1133 аз олам гузашт.

Як нусхаи рубоъиёти Бедил дар китобхонаи шоҳии Берлин маҳфуз буд. Муаллифи феҳристи нусхаҳои форсии китобхона Вилҳелм Перч онро тавсиф кардааст. Тибқи гуфтаи ӯ, нусха бо амри Мирзо Иноятуллоҳ ном шахс рӯзи ҷумъаи саввуми зулҳиҷҷаи 1333 (25 сентябри 1721) дар шаҳри Деҳлӣ рӯйнавис шудааст. Котиби нусха аз худ ном набурдааст. Нусха бо рубоъии «Эй мавҷи шикасти ранги иқболи бақо» оғоз меёбад.

Аз нусхаҳои қадими рубоъиёт як нусха дар Китобхонаи ҳокимони Авадҳ (ш. Лакҳнави Ҳиндустон) вуҷуд дошт. Бино бар қавли Шпренгер – муаллифи «Феҳристи нусхаҳои хаттии арабӣ, форсӣ ва ҳиндустонии Китобхонаи ҳокимони Авадҳ» (Калкутта, 1854, саҳ. 379), нусха соли 1133 (1720-1721) китобат шуда, 4000 рубоъӣ дорад. Ба ибораи дигар гӯем, вай аз ҷумлаи комилтарин нусхаҳои девони рубоъиёти шоир ба шумор меравад.

Гуфтан лозим аст, ки соли 1857 дар вақти шӯриши сипоҳиёни Ҳиндустон бахше аз дастхатҳои Китобхонаи ҳокимони Авадҳ нобуд шуда буд. Аз ин ҳодиса оё нусхаи мазкур низ талаф ёфт ё на? – ба мо маълум нест.

Нусхае аз рубоъиёти Бедилро дар Ҷамъияти осиёии Бангола (шаҳри Калкуттаи Ҳиндустон) дидан мумкин аст. Муаллифи феҳристи нусхаҳои хаттии ин ҷамъият Вл. Иванов онро тавсиф намуда, таърихи китобаташро асри XII ҳиҷрӣ (XVIII милодӣ) ба қалам додааст.

**Нусхаҳои хаттии маснавиҳои шоир**

Маснавиҳои калонҳаҷми Бедил, чунон ки маълум аст, иборатанд аз «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифат» ва «Ирфон». Тавсифи нусхаҳои хаттии ин асарҳо низ аз рӯи қадомати нусхаҳо дода мешавад, на аз рӯи таърихи таълифи онҳо.

Теъдоди нусхаҳои хаттии маснавиҳои мазкур нисбат ба нусхаҳои хаттии девони шоир чандин мартаба камтар аст. Аз ин рӯ, миқдори нусхаҳои қадими онҳо низ ниҳоят кам мебошад.

Аз ҷумлаи нусхаҳои хаттии маснавиҳо қадимтаринашон нусхае аз «Муҳити аъзам» аст, ки дар Архиви миллии Афғонистон зери № 35\8 нигоҳ дошта мешавад. Ин нусха дорои тахминан шаш ҳазор байт буда, рӯзи якшанбеи зулқаъдаи соли 1099 ҳиҷрӣ (5 сентябри 1688 милодӣ) ба қалами худи Бедил китобат шудааст. Ба эътибори он ки санаи китобати нусха ба замони таълифи маснавӣ рост меояд, тахмин намудан мумкин аст, ки нусха нусхаи асл аст. Яъне аввалин нусхаи хаттии маснавист. (Доир ба ин нусха ниг. ба мақолаи «Муҳити аъзам» ба хати худи Бедил»).

Дар Архиви миллии Афғонистон нусхаи дигаре аз «Муҳити аъзам» (№ 138\4) мавҷуд аст, ки ҳамагӣ як сол баъд аз вафоти муаллиф, яъне дар соли 1134 (1721-1722), китобат шудааст. Ин нусха низ нусхаи комил буда, 6019 байт дорад. Аммо муқаддимаи мансуре, ки дар дигар нусхаҳои хаттӣ ва нашри кобулии асар мавҷуд аст, дар ин нусха ба назар намерасад. (Доир ба ин нусха ниг. ба маҷаллаи «Ориёно», Кобул, 1329, шумораи далв).

Нусхаи қадиме аз «Муҳити аъзам»-ро дар Институти дастхатҳои АИ ҷумҳурии Ӯзбекистон (Тошканд) дидан мумкин аст. Бино бар қавли мураттибони ҷилди дуввуми феристи дастхатҳои ин муассиса, санаи китобати нусха 1118 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1706 милодист. (ниг. Каталог фонда Института рукописей АН Узб. ССР. Том 2. Ташкент. 1988).

Дар дигар муассисаи илмии Тошканд – Институти шарқшиносии АИ ҷумҳурии Ӯзбекистон низ чанд нусхаи «Муҳити аъзам» мавҷуд аст. Муаллифони феҳристи дастхатҳои

ин пажуҳишгоҳ нусхаҳои асарро тавсиф намуда, таърихи китобати яке аз онҳоро (нусхаи № 1260-ро) асри XVII тахмин намудаанд (ниг. Собрание восточных рукописей АН Уз ССР. Том 2. Ташкент. 1954, стр. 297).

Як нусхаи қадими «Муҳити аъзам»-ро дар китобхонаи Индия – Оффис дидан мумкин аст. Тибқи тавсифе, ки дар феҳристи Этте омадааст, нусха 19 шавволи 1161 (12 октябри 1748) китобат шудааст. Ин нусха низ чун нусхаи № 138\4 Архиви миллии Афғонистон бе муқаддимаи мансур аст. (Ниг.: ба феҳристи Ҳ. Этте, тавсифи № 1682).

Бино бар қавли муаллифи мақолаи «Нусухи хаттии форсӣ дар Музеи Британиё» Мардит Авнас, дар Музеи Британия низ як нусхаи қадими «Муҳити аъзам» вуҷуд доштааст, ки китобаташ ба охири асри XI ва ибтидои асри XII ҳиҷрӣ (охири асри XVII милодӣ) рост меомадааст. (ниг. Нусхаҳои хаттӣ. Дафтари чаҳорум. Теҳрон, 1344, саҳ. 686).

Чанд нусхаи комили «Муҳити аъзам»-ро дар китобхонаи Донишгоҳи Лоҳур пайдо намудан мумкин аст. Муаллифи рисолаи «Бедил» (Лоҳур, 1952, саҳ. 249) хоҷа Ибоддуллоҳи Ахтар навиштааст, ки яке аз нусхаҳои китобхонаи Донишгоҳи Лоҳур замоне зери мутолаъаи шоири маъруф Мирзо Асадуллоҳхони Ғолиб (1797-1869) қарор доштааст. Мирзо Ғолиб дар саҳифаи авали маснавӣ байти зеринро нигошта будааст:

Ҳар хубоберо ки мавҷаш гул кунад, ҷоми Ҷам аст,

Оби ҳайвон оби ҷӯе аз «Муҳити аъзам» аст.

Пас аз байти мазкур мӯҳри шахсии Мирзо Ғолиб ва санаи 1231 ҳиҷрӣ (1816 милодӣ) сабт ёфтаанд.

Ба эътибори қадимияти нусхаҳо пас аз ошноӣ бо нусхаҳои «Муҳити аъзам» навбат ба нусхаҳои «Ирфон» мерасад. Аз ин маснавӣ низ чанд нусхаи қадим, аз ҷумла ду нусхаи дар аҳди муаллиф китобатшуда, маълум аст. Яке аз онҳо нусхаи № 7093 Музеи Британия мебошад, ки тавсифашро дар ҷилди дуввуми феҳристи Чарлз Рё хондан мумкин аст. Тибқи навиштаи Рё, нусха аз 332 варақ иборат аст ва дар ҳар варақаш 34 байт ҷой дода шудааст. Ба таъбири дигар гӯем, нусха беш аз 11 ҳазор байт дорад, яъне аз ҷумлаи нусхаҳои комил ба шумор меравад. Навъи хаташ настаълиқ, санаи китобаташ моҳи раҷаби соли 1128 ҳиҷрӣ (июли 1716 милодӣ) ва номи котибаш Аллоҳбахш аст. Дар саҳифаи аввали нусха қайде мавҷуд аст ба ин мазмун: соли 1159 ҳиҷрӣ (1746 милодӣ) буд, ки ин нусхаро Мирзо Муҳаммад ибни Мӯътамадхон харидорӣ кард. Дар саҳифаи мазкур инчунин мӯҳре дида мешавад бо номи Архивалд Суинтон ва таърихи 1174 ҳиҷрӣ (1760-1761).

Нусхаи дигари аҳди муаллиф, ки он ҳам дар соли 1128 ҳиҷрӣ (1716) китобат шудааст, дар китобхонаи шарқии Донишгоҳи исломии Алигарҳ (захираи Мавлавӣ Сайид Субҳоноллоҳ) маҳфуз аст. (ниг. Феҳристи нусухи қаламии Субҳоноллоҳ Уринтал лобрайрӣ Муслим юниверсити Алигарҳ. Мураттабаи Сайидкомили Ҳусайн. Ба эҳтимоми Муҳаммад Муқтадирхони Сарвонӣ. Алигарх. 1930, саҳ. 40).

Аз маснавии «Ирфон» як нусхаи қадим дар Ҷамъияти Осиёии Бангола (шаҳри Какуттаи Ҳиндустон) мавҷуд аст. Ба қавли муаллифи феҳристи нусхаҳои хаттии ҷамъият Вл. Иванов, нусха дар асри 12 ҳиҷрӣ (асри 18) китобат шудааст (ниг. Вл. Иванов, 1924, саҳ. 383).

Чанд нусхаи «Ирфон» дар Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон маҳфуз аст. Яке аз онҳо нусхаи № 3131 аст, ки дар 11 ҷимодиюлаввали соли 1205 ҳиҷрӣ (16 январи 1791) бо қалами мулло Абдуззуҳур ибни Муҳаммадраҳим ном шахс китобат шудааст (ниг. Каталог восточных рукописей АН Тадж. ССР. Том 4. Душанбе. 1970, стр. 43).

Нусхае аз «Ирфон» зери рақами 490 дар Китобхонаи давлатии оммавии ба номи Салтиков – Шедрин (Санкт - Петербург) мавҷуд аст. Санаи китобати он 1235 ҳиҷрӣ (1819-1820) аст. Номи котибаш зикр наёфтааст. Нусха нусхаи ноқис аст: чанд варақи аввалаш вуҷуд надорад. Шояд бо сабаби ноқисиаш бошад, ки дар феҳристи дохилии китобхона иштибоҳан бо номи «Муҳити аъзам» қайд гардидааст.

Аз маснавии нахустини шоир «Тилисми ҳайрат» низ нусхаҳои қадим мавҷуданд. То ҷое ки ба мо маълум аст, қадимтарин нусхаи хаттии ин асар нусхаи китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст. Бино бар қавли собиқ кормандони китобхона А. Пӯлодов ва Ҳ. Аҳроров, нусхаи мазкур бо «Маснавӣ»-и Носиралии Сарҳиндӣ дар як ҷилд аст ва китобати ҳарду соли 1129 ҳиҷрӣ (1717 милодӣ) сурат гирифта аст (ниг. Список восточных рукописей фундаментальной библиотеки Самаркандского государственного Университета имени

Алишера Навои. Самарканд. 1977, стр. 26).

Як нусхаи нисбатан қадими «Тилисми ҳайрат»-ро дар Архиви миллии Афғонистон дидан мумкин аст. Ин нусха ва боз нусхаҳои чанд асари дигар – «Муҳити аъзам»-и Бедил, ғазалҳои Нозим, «Масанавӣ»-и Носиралӣ, девони Ҷалоли Асир ва ғайра дар як ҷилданд ва ҳама бо як номи умумӣ – «Ҳафт рисола» зери № 127 \8 маҳфуз мебошанд. Санаҳои китобати ҳар кадоми онҳо ҳар хел аст. Девони Ҷалоли Асир дар соли 1178 (1764-1765), «Маснавӣ»-и Носиралӣ 1180 (1766-1767) «Тилисми ҳайрат» ва «Муҳити аъзам»-и Бедил 1184 (1770-1771) рӯйнавис шудаанд. Санаи китобати ғазалҳои Нозим қайд нагардидааст.

Дар радифи нусхаҳои мӯътабари «Тилисми ҳайрат» як нусхаи нисбатан ҷадид, нусхаи № 2559 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистонро низ ном бурдан лозим аст. Ин нусха агарчи дар охири асри 18 (1203\1789) китобат шудааст, аз ҷумлаи комилтарин нусхаҳои маснавӣ ба шумор меравад. Ҳаҷми маснавӣ агар дар нашри Сафдарии куллиёти Бедил 3454 байт ва дар нашрҳои кобулӣ ва теҳронии он 3464 байт бошад, дар ин нусха 3484 байт аст. Яъне ҳаҷми он нисбат ба нашри Сафдарӣ 30 байт ва нисбат ба нашрҳои Кобулу Теҳрон 20 байт зиёд аст.

Аз маснавии «Тури маърифат» нусхаи алоҳидае, ки дар аҳди муаллиф рӯйнавис шуда бошад, то кунун ба назари ин ҷониб нарасидааст. Қадимтарин нусхае, ки мо аз он огоҳем, нусхаи китобхонаи Индия – Оффис аст, ки дар феҳристи борҳо зикршудаи Этте тавсиф шудааст. Бино бар тавсифи Этте, ин нусха бо нусхае аз «Чорунсур»-и шоир дар як ҷилд аст. Китобати «Чорунсур» 1160 (1747) ва китобати «Тури маърифат» 1163 (1750) мебошад. (ниг. Этте. саҳ. 160).

Дар феҳристи мазкури Этте нусхаи дигаре бо номи «Тури маърифат» тавсиф шудааст, ки китобаташ 2 рабеъулаввали 1191 (10 апрели 1777) қайд шудааст. Котиби нусха Муҳаммадҷаъфари Рифъатӣ ном шахс аст. Ба қавли Этте, нусха бо ин байт оғоз меёбад:

Бенавое зи маҳфили ҳастӣ
Дошт паймонаи тиҳидастӣ.

Вале ин байт аз «Тури маърифат» нест. Вазнаш ҳам бо вазни ин маснавӣ мувофиқат намекунад. Ин байт аз маснавии «Ирфон» аст. Пас нусхаи мазкур нусхаи «Тури маърифат» набуда, балки бахше аз маснавии «Ирфон» мебошад. (ниг. Куллиёти Бедил, ӣ. 3. Кобул, 1342, Ирфон, саҳ. 150).

Дар Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон низ чанд нусхаи «Тури маърифат» мавҷуд аст. Қадимтарини онҳо нусхаи рақами 2559\2 мебошад. Ин нусха бо маснавии дигари шоир « Тилисми ҳайрат» дар як ҷилд аст. китобати ҳар дуи онҳо соли 1203 ҳиҷрӣ (1789 милодӣ) сурат гирифтааст.

Аз ҷумлаи нусхаҳои осори Бедил, ки дар китобхонаи Донишгоҳи Лоҳур мавҷуданд, як нусха аз «Тури маърифат» низ вуҷуд доштааст. Бино бар гуфтаи хоҷа Ибоддулоҳи Ахтар, Мирзо Асадуллоҳхони Ғолиб ин нусхаро низ мутолиъа карда, дар саҳифаи аввалаш ин байтро навишта будааст:

Аз ин саҳифа ба навъе зуҳури маърифат аст,
Ки зарра-зарра чароғони «Тури маърифат аст.

**Нусхаҳои хаттии осори мансури Бедил**

Аз асарҳои насрии Бедил қадимтарин нусха нусхае аз «Никот»-и шоир аст, ки дар Китобхонаи марказии Ҳайдаробод (Дакан) нигоҳ дошта мешавад. Чунон ки дар бахши тавсифи нусхаҳои куллиёти шоир гуфтем, китобати ин нусха соли 1091 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1680 милодист. Такроран таъкид менамоем, ки ин нусха на танҳо қадимтарин нусха аз осори насрии Бедил аст, балки дар байни нусхаҳои қаламии тамоми осори ӯ низ мақоми аввал дорад. Китобхонае, ки ин нусха дар он маҳфуз аст, пештар бо номи Китобхонаи Осафияи Ҳайдаробод маъруф буд. Бунёдгузори ин китобхона яке аз ҳокимони вақти Дакан Низомулмулки Осафҷоҳ аст, ки дӯст ва шогирди Бедил мебошад. Аз эҳтимол дур нест, ки нусхаи мазкур аз они худи Осафҷоҳ бошад ва аз дасти худи Бедил ба ӯ расида бошад.

Нусхаи қадими дигари «Никот» дар шаҳри Тошканд, дар Институти дастхатҳои АИ

ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст. Котиби нусха Абдурауфи Қандаҳорӣ ном дошта, нусхаро дар соли 1125 ҳиҷрӣ (1713 милодӣ) рӯйнавис кардааст (ниг. Каталог фонда Института рукописей АН Уз ССР Том. 2. Ташкент 1988).

Як нусхаи қадими «Никот»-ро дар ҳошияи девони шоир, ки дар Теҳрон, дар китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолор маҳфуз аст, дидан мумкин аст. Тибқи шаҳодати муаллифи феҳристи китобхонаи мазкур Ҳадоиқ ибни Юсуфи Шерозӣ, нусхаи «Никот» низ чун нусхаи девон ҳини дар қайди ҳаёт будани Бедил рӯйнавис шудааст.

Нусхае аз «Никот»-ро дар Музеи Британия пайдо намудан мумкин аст, ки китобаташ дар соли 1154 ҳиҷрӣ (1741-1742) сурат гирифтааст. (ниг. ба феристи Чарлз Рё, ҷилди 2, саҳ. 745).

Дар феҳристи Вл. Иванов «Нусхаҳои хаттии форсии Ҷамъияти Осиёи Бангола (захираи Сусоӣ, Калкутта 1924) се нусхаи «Никот» тавсиф шудааст, ки қадимтаринашон нусхаи соли 1182 (1768-1769) мебошад. Котиби нусха Ғуломаҳмад ном шахс аст.

Чанд нусхаи нисбатан қадими «Никот»-ро дар маркази шарқшиносии Россия шаҳри Санкт- Петербург дидан мумкин аст. Яке аз онҳо нусхаи соли 1202 ҳиҷрӣ (1787-1788 милодӣ) мебошад, ки дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии шаҳри мазкур зери № 1264 маҳфуз аст. Ин нусха бо девони шоир ва бахше аз маснавии «Муҳити аъзам»-и ӯ дар як ҷилд аст.

Ду нусхаи дигари «Никот» дар Китобхонаи давлатии оммавии ба номи Салтиков-Шедрин мавҷуд аст. Нусхаи № 448, ки дар соли 1217 (1802-1803) ва нусхаи № 319, ки дар соли 1221 (1806-1807) рӯйнавис шудаанд.

Пеш аз он ки дар бораи нусхаҳои хаттии бузургтарин асари насрии Бадил «Чорунсур» сухан ронам, ишора ба як фикри баҳснокро зарур мешуморем. Гап дар сари он аст, ки дар феҳристи борҳо зикршудаи китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд (Список восточных рукописей…) нусхае аз «Чорунсур» зикр ёфтааст, ки санаи китобаташ 1116 ҳиҷрӣ (1704-1705) нишон дода шудааст. Мутаассифона, мо ин нусхаро надидаем, аз ин рӯ, дар бораaш қатъиян чизе гуфта наметавонем. Вале тахмин мекунем, ки муаллифони феҳрист А. Пӯлодов ва Ҳ. Ахроров дар ин ҷо ба иштибоҳ роҳ додаанд. Санаи 1116, ки дар охири нусха сабт гардидааст, набояд таърихи китобати нусха бошад. Ин сана санаи таърихи таълифи асар аст, ки аз қитъаи таърихи таълиф, ки дар охири аср мавҷуд аст, берун оварда шудааст. Дар ин ҷо низ ҳамон иштибоҳ, ки дар мавриди нусхаи № 1579 Китобхонаи миллии ба номи А. Фирдавсии Тоҷикистон рух дода буд, такрор шудааст. Яъне таърихи таълифи асар таърихи китобати нусха пиндошта шудааст.

Агар ин тахмини мо беасос набошад, аз ҷумлаи нусхаҳои ба мо маълуми «Чорунсур» қадимтаринашон нусхаи № 1802 Институти дастхатҳои АИ ҷумҳурии Ӯзбекистон хоҳад буд. Бино бар қавли мураттибони феҳристи ин муассиса, таърихи китобати нусхаи маззкур 1128 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1716 милодӣ мебошад. Котиби нусха мулло Абдуллоҳхоҷа ном шахс будааст (ниг. Каталог фонда Итститута рукописей АН Уз. ССР. Том 2. Ташкент, 1988).

Дуввумин нусхаи қадими «Чорунсур» нусхаи китобхонаи шахсии сокини шаҳри Равалпиндии Покистон Гулзор Аҳмадхон аст, ки дар моҳи шаъбони 1130 ҳиҷрӣ мутобиқ ба июли 1718 мелодӣ бо қалами шахси ба мо маълум Муҳаммадворас ибни Муҳаммадбоқари Сиддиқӣ китобат шудааст (ниг. Муҳаммадҳусайни Тасбеҳӣ, Китобхонаҳои Покистон. Ҷилди 1. Исломобод. 1977, саҳ. 493).

Як нусхаи қадими «Чорунсур» дар Китобхонаи миллии Париж маҳфуз аст, ки дар соли 1156 ҳиҷрӣ (1743 милодӣ) рӯйнавис шудааст. Котиби нусха Муҳаммадҷаъфар ибни шайх Муштоқмуҳаммад ном шахсе аст (ниг. Блоше. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии Китобхонаи миллии Париж. Ҷилди 1. Париж. 1905, саҳ. 90).

Нусхаҳои қадими «Чорунсур»-ро дар китобхонаи Индия Оффис (як нусха) ва Ҷамъияти Осиёии Бангола (ду нусха) низ мебинем. Китобати нусхаи Индия Оффис 22 рамазони 1160 ҳиҷрӣ (27 сентябри соли 1747) ва китобати нусхаҳои Ҷамъияти Осиёии Бангола 1160, 1164 ҳиҷрӣ (1747, 1752 милодӣ) мебошад.

Дар китобхонаҳои Федератсияи Руссия низ ба нусхаҳои нисбатан қадими «Чорунсур» дучор омадан мумкин аст. Чунончи, як нусхаи ин асар дар захираи дастхатҳои Институти Шарқшиносии АИ Россия (Санкт Петербург) зери № 107 мавҷуд аст, ки дар солҳои 1182 – 1184 ҳиҷрӣ (1768-1771 милодӣ) истинсох шудааст. Котиби нусха Муҳаммадсолеҳ ном шахс

аст. Нусхаи дигаре, ки дар Санкт Петербург мавҷуд аст, нусхаи рақами 218 Китобхонаи давлатии оммавии ба номи Салтиков – Шедрин аст, ки дар соли 1234 ҳиҷрӣ (1818-1819) рӯйнавис шудааст.

Дар Институти Шарқшиносии АИ Тоҷикистон низ чандин нусхаи «Чорунсур» мавҷуд аст, ки таърихҳои китобати аксари онҳо ибтидои асри XIX милодист. Чуночи, нусхаи № 812 соли 1800 (1215 ҳиҷрӣ) ва нусхаи рақами 1837 соли 1804 (1218 ҳиҷрӣ) китобат шудаанд (ниг. Каталог восточных рукописей АН Тадж. ССР. Том4, Душанбе, 1970, ст. 51-52).

Аз саввумин асари насрии Бедил «Руқаъот» нусхаҳои хаттии қадим, мутаассифона, хеле кам ба назар мерасанд. Аз нусхаҳои ба мо маълуми ин асар қадимтарини онҳо нусхаи 2559\IV Институти Шарқшиносии АИ Тоҷикитсон аст, ки дар соли 1203 ҳ.қ. (1789 м) китобат шудааст (ниг. Каталог восточных рукописей АН Тадж. ССР, Том IV. Душанбе 1970).

Як нусхаи нисбатан қадими дигар дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд мавҷуд аст. Китобати ин нусха дар соли 1222 ҳ.қ. (1807 милодӣ) сурат гирифтааст (ниг. Список восточных рукописей…).

Чанд нусхаи «Руқаъот»-ро дар Институти шарқшиносии АИ Ӯзбакистон низ дидан мумукин аст, ки китобати ҳамаи онҳо дар асри XIX рух додааст (ниг. Собранные Восточных рукописей АН Узб. ССР. Том 1. стр. 156, Том 5, стр. 91).

Мирзо Бедил илова бар асарҳои зикргардида ду баёзи ашъор низ мураттаб намудааст, ки яке мунтахаби шоҳбайтҳо аз ғазалиёти худи ӯсту дигаре маҷмӯъаи осори шоирони дигар. Аз мавҷудияти баёзи аввал шогирди Бедил Биндробандоси Хушгӯ дар тазкирааш «Сафинаи Хушгӯ» хабар дода бошад ҳам нусхае аз он то кунун дастраси аҳли таҳқиқ нагардидааст.

Аммо аз баёзи дуввум як нусхаи хаттӣ маълум аст, ки дар Музеи Британия (Лондон) зери рақамҳои 16802 ва 16803 маҳфуз мебошад. Бино бар тавсифи Чарлз Рё, баёз аз ду ҷилд иборат буда, ҷамъан 882 варақ дорад. Ҷилди аввал дар моҳи зулқаъдаи 1152 (феврали 1740) ва ҷилди дуввум дар моҳи муҳаррами 1153 (апрел 1740) дар Лоҳур китобат шудаанд.

Баёз мунтахаби осори шоирони форсигӯ аз Хоқонии Шервонӣ (1126-1197) то муъосирони Бедилро дар бар кардааст. Мӯҳтавиёти он аз қасидаву ғазал, мухаммасу мустазод рубоъиву қитъа ва порчаҳои хурди маснавӣ иборат мебошад. (Дар ин бора ниг. ба мақолаи «Баёзи Мирзо Бедил» дар ҳамин маҷмӯа).

# МУҲИТИ АЪЗАМ БА ХАТИ ХУДИ БЕДИЛ

Дар Архиви миллии Афғонистон аз мероси адабии Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) нусхаҳои хаттии зиёде мавҷуданд, ки барои таҳқиқи аҳволу афкор ва таҳияи матни илмии интиқодии осори ӯ дорои аҳамият ва арзиши бузурге мебошанд. Яке аз онҳо нусхаи маснавии «Муҳити аъзам» аст (нусхаи №35/8), ки 9 моҳи зулқаъдаи соли 1099 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 5 сентябри 1688 милодӣ, яъне 34 сол қабл аз вафоти муаллиф, китобат шудааст. Ин нусха алҳол нусхаи дар ҷаҳон қадимтарини «Муҳити аъзам» аст ва дар байни осори умумии шоир низ, баъд аз нусхаҳои «Никот» (соли китобат 1091/1680-81) ва мунтахаби девони қадим (соли китобат 1098 (1688-87), ки дар китобхонаҳои Осафияи Ҳайдарободи Дакан ва Донишгоҳи мусулмонии Алигарҳ маҳфузанд, мақоми саввумро ишғол менамояд. Мушаххасоти зоҳирии нусхаи мазкур ба қарори зайл аст: Андозаи нусха 23х12 см, хаташ настаълиқи моил ба шикаста, теъдоди авроқаш 184, ҳар варақаш дорои 34 байт ва ҳаҷми умумиаш наздик ба шаш ҳазор байт.

Дар ҳошияи варақи 4 нусха матни зерин ба назар мерасад, ки ба қалами Ғуломмуҳаммадхони Тарзӣ (1829-1901) таъаллуқ дорад. Тарзӣ навиштааст: «Мегӯяд бандаи мискини парешон Тарзии афғон, ки дар санаи 1288 нусхаи «Муҳити аъзам» аз тасонифи наҳанги баҳри маърифат ва гавҳари якдонаи дарёи ҳақиқат, айни инсони комил Мирзо Абдулқодири Бедил ба даст афтод. Аз ман иттифоқи нусхае ҳам ба дасти бонамати муборaки Мирзо буд. Бо ин китоб он қадар дилхушӣ даст дод, ки фавқи он тасаввур натавон кард. Пас ин ҳеҷмадонро ба хотир расид, ки бар ҳошияи ин нусха «Тилисми ҳайрат», ки аз китобҳои умдаи Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад, ба хати бенамати худ бинависам, то ёдгоре буда бошад. Муқаррар аст, ки бадонро ба рӯи некон ва ноқобилонро ба туфайли мақбулон бахшанд.

Шунидам, ки дар рӯзи уммеду бим
Бадонро ба некон бубахшад карим.
Фақат:
Ҳар кӣ хонад, дуъо тамаъ дорам,
З-он ки ман бандаи гунаҳгорам.

Ҳарара Тарзии парешони афғони қандаҳорӣ. Явми душанбе, 23 шаъбони аъзам, 1288 (13 – ноябри 1871 – Б. Р).

Гуфтан даркор аст, ки бо кадом сабабе мақсади Тарзӣ пурра амалӣ нагардидааст. Ӯ дар ҳошияи «Муҳити аъзам» ҳамагӣ 277 байти «Тилисми ҳайрат»-ро китобат кардаасту халос.

Аз суханони мазкури Тарзӣ бармеояд, ки ӯ бидуни нусхаи «Муҳити аъзам» нусхаи дигареро низ аз осори Бедил дар даст доштааст, ки ба қавли ӯ, ба хати худи шоир китобат шуда будааст. Зоҳиран, монандие байни ин ду нусха мавҷуд буда, ки Тарзӣ китобати нусхаи «Муҳити аъзам»-ро низ ба қалами Бедил нисбат додааст. Лекин, ба фикри мо, ангезаи асосие, ки ӯро ба ин фикр водор кардааст, ҷумлаи зайл аст, ки дар охири нусха сабт гардидааст: «Рӯзи якшанбе нӯҳуми шаҳри зулқаъдаи санаи 1099 як ҳазору наваду нӯҳи ҳиҷрӣ таҳрир ёфт».

Яъне Ғуломмуҳаммадхони Тарзӣ, ғолибан, дар асоси ҳамин ҷумла нусхаи «Муҳити аъзам»-ро дастхати худи Бедил дониста аст. Дар нусха зикр наёфтани номи котиб низ шояд омили дигари ин фикри Тарзӣ шуда бошад.

Дар варақи аввали ин нусха амири вақти Афғонистон Ҳабибуллоҳхон (1901-1919), ки бо лақаби Сироҷалмиллат вад-дин машҳур буд, дар хусуси суханони мазкури Тарзӣ ин ҷумлаҳоро сабт намудааст: «Тарзӣ соҳиби марҳум марқум намуда, ки ин китоб ба хати Мирзо Бедил аст. Аммо санаде дар байн намебошад. Хайр, агар (ба хати Бедил) набошад ҳам 34 сол қабл аз замони фавти марҳум таҳрир шуда, холӣ аз ғаробат нахоҳад буд. Таҳрир явми ҷумъа, 17 рамазони 1333 (29 июни 1915-Б. Р) Сироҷалмиллат вад-дин».

Гуфтан лозим аст, ки аз навиштаи Ҳабибуллоҳхон ибораи «ба хати Бедил»-ро касе кӯр кардааст ва аввалин шубҳаро дар хусуси автограф будани ин нусха аз байн бурданӣ шудааст.

Масъалаи ба хати Бедил таъаллуқ доштани нусхаи мазкур дар адабиёти илмӣ, аз ҷумла дар китоби Серж Буркуй «Нусхаҳои хаттии Афғонистон» (Қоҳира, 1964 саҳ. 103-104) ва ду

мақолаи Азизуддин Вакилии Фуфалзоӣ «Бедилу шоҳони Дурронӣ» (маҷаллаи «Жувандун», 1319 №41-42) ва «Алоқаи шоҳон ва мардуми Афғонистон роҷеъ ба шахсият ва осори Бедил» (рӯзномаи «Анис» 5 ҳамали 1349) низ таъкид шудааст.

Доир ба ин нусха мақолаи алоҳидае ҳам бо унвони «Қадимтарин нусхаи хаттии маснавии «Муҳити аъзам» ба табъ расидааст, ки ба қалами Абдулқадири Муштарӣ таъаллуқ дорад (маҷаллаи «Хуросон», Кобул 1364 № 4-5). Муштарӣ ба эътибори «такмилии абёт ва набудани ағлот дар матн» ба хати Бедил китобат шудани онро аз эҳтимол дур намедонад. Аммо навъияти қоғаз ва муқоваи нусхаро комилан мовароуннаҳрӣ дониста, дар ин асос то ҳадде шокӣ будани худро иброз медорад.

Гуфтан лозим аст, ки масъалаи мовароуннаҳрӣ будан ё набудани қоғаз ва муқовваи нусха ҳанӯз ба исбот нарасидааст ва дар ин бора ҳукми қатъӣ баровардан душвор аст.

Пеш аз он ки дар тасдиқ ё радди ин назария чизе бигӯем, яъне пеш аз он ки ба хати Бедил будан ё набудани ин нусхаро эътироф намоем, бояд ба як масъалаи дигар, ба масъалаи таърихи таълифи худи маснавӣ назаре бияфканем. Тавре ки дар мақолае бо номи «Муҳити аъзам» ва таърихи таълифи он» навиштаем, дар хусуси таърихи таълифи «Муҳити аъзам» фикрҳои гуногун вуҷуд доранд. Иддае аз муҳаққиқон бар онанд, ки маснавӣ дар соли 1078 ҳиҷрӣ (1667-1668) таълиф шудааст. Гурӯҳи дигар санаи 1084 (1673-1674)-ро таърихи анҷоми он медонанд. Устод Садриддин Айнӣ ва дигар муҳаққиқони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ навиштаанд, ки асар дар соли 1092 (1681) эҷод шудааст. Мо дар ақидае ҳастем, ки «Муҳити аъзам» дар муддати нисбатан тӯлонӣ, дар байни солҳои 1078-1099 (1667-1668) навишата шудааст. Яъне Бедил дар соли 1078 (1667-1668) ба таълифи асар шурӯъ намуда, дар соли 1099(1687-1688) онро ба итмом расонидааст. Санаи 1078 (1667-1668)-ро оғози таърихи таълиф донистанамон бар ин асос аст, ки дар қадимтарин нусхаи хаттии асар, яъне дар нусхаи мавриди баррасӣ қарордошта, моддаи таърихи таълиф номи асар, яъне ибораи «муҳити аъзам» аст, ки ба санаи 1078 баробар мебошад. Санаи 1099 (1687-1688)-ро соли анҷоми таълиф пазируфтан мубнӣ бар ин далел аст, ки қадимтарин нусхаи хаттии маснавӣ дар ҳамин сол китобат шудааст.

Дар «Руқаъот»-и Бедил номаҳое мавҷуданд, ки фикри то соли 1099 идома ёфтани таълифи асарро тақвият медиҳанд. Ду номае, ки ба дӯстони Бедил Шукруллоҳхони Хофӣ ва писарони ӯ Шукруллоҳхони сонию Шокирхон ирсол шудаанд, аз қабили ҳамин гуна номаҳо мебошанд. Дар ин номаҳо чанд қитъа аз маснавии «Муҳити аъзам» дарӣ гардидааст ва факти ба тозагӣ эҷод шудани он қитъаҳо таъкид шудааст. Азбаски ошноии Бедил бо Шукруллоҳхону писаронаш аз соли 1096 оғоз меёбад, тахмин намудан мумкин аст, ки он номаҳо ва он қитъаҳои «Муҳити аъзам», ки дар номаҳо дарӣ гардидаанд, ё дар соли 1096 (1685) эҷод шудаанд ё дар ду соли баъдина, яъне солҳои 1097 (1685-1686), 1098 (1686-1687). Ба таъбири дигар гӯем, таълифи «Муҳити аъзам» дар ин солҳо ҳанӯз ба итмом нарасида будааст. Агар ин ақидаи мо ба ҳақиқат наздик бошад, яъне агар «Муҳити аъзам», воқеъанд, дар байни солҳои 1078 (1667-1668)-1099 (1687-1688) таълиф шуда бошад, пас фикри ба дасти худи Бедил китобат шудани нусхаи мазкур аз эҳтимол дур нест. Зеро, чунон ки дида шуд, таърихи ба анҷом расидани таълифи асар ва таърихи китобати нусха дар як вақт иттифоқ афтодаанд.

Далели дигаре, ки дар исботи ин ақида мавҷуд аст, таъбири «таҳрир ёфт» аз матни охирсухани нусха мебошад. Ибораи «таҳрир ёфтан», ки аслан мафҳумҳои «навишта шудан, «китобат шудан», «сабт ёфтан», «марқум гардидан», «ба рӯи дафтар омадан» ва ғайраро ифода менамояд, ба маънои «эҷод шудан» ва «таълиф гардидан» низ истеъмол мешавад. Ин ибора, маъмулан, нисбат ба матне гуфта мешавад, ки бори аввал ба рӯи қоғаз меояд.

Бедил таъбири «таҳрир ёфтан»-ро ба маънои «анҷом пазируфтан» дар мавридҳои дигар низ истифода кардааст. Чунончи, санаи таълифи қасидаи «Саводи аъзам»-ро ин тавр ба қалам додаст:

Нест аз фитрат ниҳон кайфияти таърихи ӯ,
Соли таҳрираш ҳамон дар ҳарфи номаш музмар аст.

Ё худ аз таърихи итмоми «Чорунсур»-и хеш чунин хабар додааст:

Даме, к-андешаи таҳқиқпардоз
Ба фикри соли ин таҳрирҳо рафт,

Ду таърих аз ҳисоб овард берун,
Ки дахли шубҳа хун гашту хато рафт.
Нахуст афсуне аз эъҷоз пардохт,
Ки аз афроди ҳар «унсур» «фано» рафт.
Дуввум дар ийтимоъи чор «унсур»
«Нуҳусат» буд, чун занг аз сафо рафт.

Ва ниҳоят, дар байни хати ин нусха ва намунаи хати Бедил, ки акси он дар маҷаллаи «Ориёно» (Кобул 1333, № 10) ба чоп расидааст, шабоҳати назаррасеро мушоҳида кардан мумкин аст.

Хулоса, ба эътибори далелҳои мазкур, дилпурона гуфтан мумкин аст, ки нусхаи № 35\8 Архиви миллии Афғонистон на фақат дастхати худи Бедил аст, балки нусхаи аслии маснавии «Муҳити аъзам», яъне нусхаи аввалин бор ба рӯи қоғаз омадаи асар низ мебошад.

## НУСХАЕ АЗ ДЕВОНИ БЕДИЛ

Дар ҷилди саввуми «Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ – форсии Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» (Душанбе 1983), ки Назира Кароматуллоева тартиб додааст, дар қатори нусхаҳои хаттии осори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Соиби Табрезӣ, Беҳуди Лоҳурӣ (вафоташ 1673), Имлои Бухорӣ (асри XVII), Муҳии Хуҷандӣ (асри X1X) ва ғайра ҳашт нусха аз девони Мирзо Абдулқодири Бедил низ тавсиф шудааст. Тавсифи яке аз нусхаҳои девони Бедил, ки зери № 1579 маҳфуз аст, чунин сурат гирифтааст: «Нусхаи мукаммали хеле зебо. Матн дар ду сутун бо хати шикастаи ниҳоят базеб дар қоғази нафиси оҳор ва мӯҳразадаи ҷилодор ва ҳарранга навишта шудааст. Атрофи матн бо зарҳал ва ранги кабуд ҷадвал дорад. Дар аввали китоб лавҳаи хеле зебо дида мешавад. Инчунин ҳошияи варақи аввал бо зарҳал ва рангҳои гуногун оро ёфтааст. Мобайни матн низ бо санъати афшон зарҳалкорӣ шудааст. Дар ҳошияи китоб асари «Чаҳорунсур»-и шоир сабт ёфтааст, ки то варақи 243 давом мекунад. Атрофи матни асосӣ ва ҳошия бо ранги кабуд ва зарҳал ҷадвал дорад. Таърихи китобаташ 1114| 1702. Ҷ̣ои китобат номаълум. Исми китобат низ маълум нест».

Нуктаи ҷолибе, ки аз ин иқтибос бармеояд, ин аст, ки нусхаи мазкур, гӯё, дар соли 1114 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1702 милодӣ, яъне 18 сол қабл аз вафоти муаллифаш-Мирзо Бедил китобат шуда бошад. Дар сурати воқеъият доштани ин фикр нусхаи мазкур яке аз қадимтарин нусхаҳои осори шоир ба шумор хоҳад рафт. Кофист бигӯем, ки дар китобхонаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нусхае бад-ин қадимӣ то кунун ба назар нарасидааст. Вале афсӯс ва сад афсӯс, ки дар асл ин тавр нест. Аввалан, таърихе, ки муаллифи феҳрист онро соли китобати нусха пиндоштааст, 1114 набуда, балки 1116 аст. Сониян, ин таърих, яъне санаи 1116, ба нусхаи девони шоир муносибате надошта, ба асари дигари ӯ – «Чорунсур» дахл дорад.

Ҳоло пеш аз ворид шудан ба асли мақсад чанде аз хусусиятҳои дигари нусхаи мазкурро баён менамоем. Нусха, ки ба хати шикастаи бенуқта китобат шудааст, аз ҷумлаи нусхаҳои нисбатан мукаммали мунтахаби девони Бедил аст, ки тахминан даҳ ҳазор байтро дар бар кардааст. Дар охири нусхаи девон таърихи китобат ва номи котиб сабт наёфтааст. Аммо дар варақи аввал, ки аз навқи тамоман дигари коғаз – дафтари ҳозира аст, касе бо қалами мидод навиштаи зеринро илова намудааст: «Мирзо Бедил, Шикаста, Ёзулғондур 1308 йили ҳиҷрида». Яъне Мирзо Бедил, девон бо хати шикаста. Дар соли 1308 ҳиҷрӣ китобат шуд.

Поинтар аз ин матн навиштаи зайлро мебинем: «Рукопись, дата 1880 г. ».

Аммо таъаҷҷубовар аст, ки муаллифи феҳрист навиштаҳои мазкурро на фақат ба эътибор нагирифтааст, балки ба мавҷудияти онҳо ишорае ҳам накардааст.

Дуруст аст, ки ин навиштаҳо ба хати дигар ва дар коғази дигар сабт ёфтаанд ва аз ин рӯ, онҳоро чун ҳақиқати бебаҳс наметавон пазируфт. Вале чун санади дигаре, ки ба таърихи китобати нусха далолат намояд, вуҷуд надорад, аз ин фактҳо низ чашм пӯшидан нашояд.

Гуфтан лозим аст, ки аксари нусхаҳои мунтахаби девони Бедил дар қатори ғазалиёт иддае аз рубоиъёти ӯро низ фаро гирифтаанд. Вале ин нусха ҳовии танҳо ғазалиёти шоир асту бас. Ба эътибори набудани бахши рубоиёт ва мавҷудияти чанд варақи холӣ дар охири нусха тахмин намудан мумкин аст, ки китобати он нотамом мондааст. Ва сабаби дар поёни нусха сабт наёфтани сана ва номи котиб низ шояд дар ҳамин бошад.

Тавре ки муаллифи феҳрист навиштааст, дар ҳошияи нусхаи девон асари дигари Бедил «Чорунсур» дарӣ гардидааст. Матни «Чорунсур» низ бо хати шикаста, вале шикастаи нуқтадор китобат шуда, аз нигоҳи ранг ва унсури ҳуруф ба хати нусхаи девон монанд аст, ки шояд котиби ҳар дуи онҳо як шахс бошад. Бар хилофи нусхаи девон, дар поёни матни «Чорунсур» навиштаи зайлро дидан мумкин аст: «Байтҳои «Чорунсур» назди табъи нуктасанҷ шуд муъаян ду ҳазору шашсаду панҷоҳу панӣ. Тамматалкитоб».

Ва тахминан дар масофаи 1-1, 5 см поинтар аз матни боло адади 1116 сабт ёфтааст. Шояд ба мақсади қадимтар нишон додани нусха бошад, ки шахси номаълуме адади 1116-ро ба адади 1114 табдил додаст. Вале асари ин сохтакорӣ ба хуби ошкор аст. Дар феҳрист ана ҳамин адад ҳам таърихи китобати девон ва ҳам таърихи китобати «Чорунсур» дониста

шудааст. Адади мазкур, воқеъан, таърих аст. Вале на таърихи китобати нусха, яъне нусхаи «Чорунсур», балки таърихи таълифи он аст, ки аз қитъаи таърихи таълифи асар, ки дар охири он мавҷуд аст, бароварда шудааст. Яъне котиби нусха ё худ касе дигаре дар баробари аниқ кардани шумораи абёти порчаҳои манзуми «Чорунсур» дар асоси қитъаи таърих санаи таълифи асарро низ муъайян кардааст.

Инак қитъаи таърихи таълиф ва тарзи истихроҷи санаи онро дар поён дарӣ менамоем. Қитъа, ки ба қалами худи Бедил таъаллуқ дорад, ин аст:

Биҳамдиллоҳ, зи хатми «Чорунсур»
Фараҳ пеш омаду ғам бар қафо рафт.

Ба сайроҳангии қонуни асрор
Зи сози ҷаҳл сомони наво рафт.
Баҳоре дастабанди рангу бӯ шуд,
Ки андӯҳи хазон аз боғи мо рафт.
Даме, к-андешаи таҳқиқпардоз
Ба фикри соли ин таҳрирҳо рафт,
Ду таърих аз ҳисоб овард берун,
Ки дахли шубҳа хун гашту хато рафт.
Нахуст афсуне аз эъҷоз пардохт,
Ки аз афроди ҳар «унсур» «фано» рафт.
Дувум дар иҷтимоъи чор «унсур»
«Нуҳусат» буд, чун занг аз сафо рафт.

Дар инҷо калимаҳои «унсур» «фано» ва «нуҳусат» (бадбахтӣ) моддаҳои таъриханд, ки бо ададҳои 410 (унсур), 131 (фано) ва 524 (нуҳусат) баробар мебошанд. Дар таърихи аввал агар аз калимаи «унсур» калимаи «фано» гирифта шавад, 279 боқӣ мемонад ва ин адад ба 4 зарб зада шавад, 1116 ҳосил мешавад, ки соли анҷоми асар аст.

Дар таърихи дуввум аз ҷамъи чор «унсур», ки 1640 аст «нуҳусат» (524) кам карда шавад, боз ҳамон адад - 1116 боқӣ мемонад.

Хулоса, нусхаи девони Бедил, ки дар Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон зери № 1579 маҳфуз аст, аз ҷумлаи нусхаҳои қадими осори шоир набуда, балки нусхаест, ки ғолибан, дар охири асри 19 китобат шудааст.

Хотирнишон бояд сохт, ки тадқиқу омӯзиши нусхаҳои хаттӣ, аз ҷумла тавсифи илмии онҳо, амали чандон саҳл нест. Ин кор дониши қазоӣ, дақиқкорӣ ва масъулияти ҷиддиро тақозо менамояд. Чун сухан аз осори ин ё он шоири бузург равад, ин гуна ҷиддият ва масъулият дучанд хоҳад шуд.

# АЗ ТАЪРИХИ НАШРИ ОСОРИ БЕДИЛ

Осори манзум ва мансури Мирзо Абулқодири Бедил (1644-1720) дар шаклу ҳаҷмҳои гуногун борҳо ба табъ расидааст. Аз ҷумлаи нашрҳои гуногуни осори шоир чопҳои мунтахаби девони ӯ аз ҳама бештаранд. Аз замони пайдоиши дастгоҳи чоп дар мамолики Шарқ то охирҳои солҳои бистуми асри XX мунтахаби девони Бедил дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна, Ҳиндустон, Туркия ва Аф онистон беш аз сад маротиба ба чоп расидааст. Бештари ин нашрҳо мунтахаби азалиёту рубоиёт буда, миқдори камтарашон, илова бар азалу рубоӣ, таркиббанду тарҷеъбанд ва қасида низ доранд. Яке аз сабабҳои борҳо ва пайдарпай ба табъ расидани мунтахаби девони Бедил, зоҳиран, ин аст ки он дар мактабҳои кӯҳнаи Осиёи Миёнаву шимоли Аф онистон ба ҳайси як китоби дарсӣ омӯхта мешуд. Хонандагони мактаби кӯҳна пас аз хатми «Чоркитоб», «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ ва девони Ҳофиз мунтахаби девони Бедилро мутолаа мекарданд.

Дар байни нашрҳои мунтахаби девони Бедил беъзе чопҳои нодир низ мавҷуданд. Яке аз чунин чопҳо нашри кобулии девони шоир аст, ки дар соли 1334 ҳиҷрии қамарӣ (1916 милодӣ) ба табъ расидааст. Ин нашри девон, ки як қисми азалиёт – азалҳо аз радифи алиф то радифи долро – дарбар кардааст, бо ташвиқу таҳрики бародари амири онвақтаи Аф онистон Ҳабибуллоҳхон (1901-1919) ноибуссалтана сардор Насруллоҳхон ба сомон расида буд. Сардор Насруллоҳхон ният дошт, ки тавассути гурӯҳе аз шоирону фозилони Аф онистон матни комили девони Бедилро чоп кунад. Нашри мазкури девон ибтидои ин кори бузург буд. Аммо бо сабаби марги бармаҳали сардор Насруллоҳхон, ки соли 1919 иттифоқ афтод, кори чоп ва таҳияву тадвини девони Бедил низ қатъ гардид.

Гуфтан лозим аст, ки илова бар мунтахаби девон чанде аз асарҳои алоҳидаи шоир низ дар шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон ва Осиёи Миёна либоси табъ пӯшидаанд. Чунончи, «Руқаот»-и ӯ дар соли 1260 ҳиҷрӣ (1844 милодӣ) дар матбаъи Ҳасании Лакҳнав, «Чорунсур» дар соли 1278 ҳиҷрӣ (1862 милодӣ) дар матбаъи Аҳмадии Шоҳдараи Мирут, «Никот» дар соли 1309 ҳиҷрӣ (1891 милодӣ) дар Тошканд ва маснавии «Муҳити аъзам» дар соли 1302 ҳиҷрӣ (1883 милодӣ) дар Сиёлкут чоп шудаанд.

Тавре ки мебинем, теъдоди нашрҳои осори Бедил хеле зиёд аст. Аксари ин нашрҳо, мутаассифона, ба мо дастрас нестанд. Аз ин рӯ, дар хусуси таърихи пурраи нашри осори шоир сухан кардан айри имкон аст. Дар ин мақола дар бораи як тарафи масъала – таърихи нашри Куллиёти ӯ таваққуф менамоем. То ҷое ки мо огаҳӣ дорем, то кунун ҳафт нашри Куллиёти Бедил маълум ва маъруф аст. Инҳо иборатанд аз нашрҳои Лакҳнав ва Конпур, нашри Ҳасани Бомбай, нашри Сафдарии соли 1882, нашри чорҷилдаи Кобул, нашри Покистон ва нашри Теҳрон. Бо ном ва тавсифи мухтасари ин нашрҳо дар феҳристҳои кутуби чопии форсӣ, ва рисолаву мақолаҳои илмӣ дучор омадан мумкин аст.

Ба назар чунин мерасад, ки илова бар ҳафт нашри мазкури Куллиёт нашрҳои дигари он низ вуҷуд доранду мо алҳол аз онҳо хабар надорем. Дар таъйиди мавҷудияти яке аз чунин нашрҳои номаълум ду далели айримустақим мавҷуд аст. Далели аввал эъломияест, ки дар варақи охирини чопи Сафдарии соли 1882 Куллиёти Бедил дарҷ гардидааст. Муаллифи эъломия нoшири нашри мазкури Куллиёт Нуриддин ибни Ғевохон мебошад. Аз эъломия бармеояд, ки Куллиёти Бедил дар матбаъи Сафдарии Бамбай бори аввал дар соли 1847 милодӣ ба табъ расида будааст ва нашри маълум ва машҳури Сафдарӣ, ки дар соли 1299 ҳиҷрӣ (1882 милодӣ) дар Бамбай ба табъ расидааст, нашри дубораи он мебошад.

Нуриддин ибни Ғевохон дар эъломияи худ навиштааст, ки ӯ дар кори фароҳам овардану тартиб додани Куллиёти Бедил мабла ва вақти зиёдеро сарф намуда, онро дар соли 1847 исавӣ дар раҷастари инглисӣ чоп кардааст. Аз ноширону тоҷирони кутуб тақозо дорад, ки Куллиёти батабърасонидаи ӯро моли муфт напиндоранд ва бе иҷозати ӯ онро чоп накунанд.

Инак, матни пурраи эъломия, ки бо номи "Иштиҳор" сабт ёфтааст, иқтибос мешавад: "Бар нозирини волонажод пӯшида мабод, ки дар фароҳам овардани аҷзои ин саҳифаи гиромӣ (яъне Куллиёти Бедил – Б.Р.) муддате дароз ва замоне дербоз ба сарф анҷомида, то он ки дар ин замон ба ин ҳусну услуб ва унвони мар убулқулуб акспазири оинаи инибоъ гардида, ба арсаи зуҳур расида. Ҳар қадар мaболи ки дар тасҳеҳу таҳрир ва табъи ин Куллиёи Бедил сарф шуда, ҳамон қадар чун шоҳиди дилрабо зебову шигарф омада. Лиҳозо бо ҳамияти маҷмӯе ин маҷмӯи китобро ҳасби маншаи қонун санаи 1847 исавӣ дохили раҷастари инглисӣ

гардонидам. То касе аз арбоби матобеъ ва аҳли тиғорат инро давлати муфт ангошта билоиғозати роҷим ғуръат дар табъи он нафармояд. Фаҷат алмуштаҳир Нуриддин ибни Ғевохон мӯҳтамими матбаъи Сафдарӣ воиеи шаҳри Бамбай (Ниг. Куллиёти Бедил, Бамбай, матбаъи Сафдарӣ, 1299 ҳиғрӣ).

Далели дигаре ки аз мавғудияти нашри Сафдарии соли 1847 Куллиёти Бедил дарак медиҳад, таҷризест ки бар нашри зикршудаи Сафдарии соли 1299 Куллиёти шоир навишта шудааст. Муаллифи таҷриз мусаҳҳеҳи нашри мазкури куллиёт мавлавӣ Сироғулҳаӣҷи Толиб мебошад. Дар таҷризи мазкур омадааст. “Аммо баъд бар арбоби хибрат ва басират махфӣ ва мӯҳтағиб мабод, ки дар ин айёми фарҳатинзимоми масарратилтиём ғаноби Мухторшоҳ ибни Акбаршоҳи Кашмирӣ ва ғаноби мулло Абдулҳаким ибни домуло Муҳаммадраҳими мар инонӣ аз ватани маълуфаи худ нусхаи интихоб ва китоби лоғавоби мусаммо ба “Куллиёти Бедил” марҷумаи аҳди мусанниф алайҳурраҳма барои фарҳати хавотири фусаҳо ва инбисоти замоири була о ба таври ҳадя овcovered ва ба хидмати ғаноби ҳашматинтисоб, фахри хонадон наӣҷодаи дудмон, сироғи корхонаи интибоъ, шамъи кошонаи беҳбуду интифоъ сардафтари тоғирони олишон мулло Нуриддин ибни Ғевохон молики матбаъи Ҳайдарӣ ва Сафдарӣ воиеи Бамбай муштоҷона забони истидъо кушуданд, ки ин китобро тамома ва комила маъа изофаи маҷомоти нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд мағмӯа ба таври гулдаста матбӯъ фармоянд, баҳори ғадид ва оинаи ҷобили дид шуюъ намоянд. Назар ба он фармоиши ин ҳарду бузургон ва ба ҳусни саъйи мӯҳтамимон интизоми ин кор чунон ба анғом расид, ки назираш илал – он дида нашуда” (Ниг.: Куллиёти Бедил, Бамбай, матбаъи Сафдарӣ, 1299 ҳ. Бахши ҷасоид ва муҷаттаот, саҳ. 69-70).

Пас аз хондани пораи мазкури таҷриз суоле ба миён меояд, ки мурод аз “нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд” кадом нусхаи Куллиёти Бедил аст? Албатта, ин нусха нусхаи хаттӣ нест. Зеро  айри имкон аст, ки ин ё он нусхаи хаттӣ дар тамоми Ҳиндустон маълуму машҳур гардад. “Нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд” нашри дар он солҳо мураввағи Куллиёти шоир, яъне нашри Лакҳнав ё нашри Конпур низ набояд бошад. Зеро ин нашр нашри хеле мухтасар буда, ҳамагӣ чор асари шоир – “Никот”, “Руҷаот”, мунтахаби девони  азалиёт ва “Чорунсур”, дарбар кардааст. Нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд нисбат ба нусхаи хаттии тоғирони мазкур бузургтар бояд бошад. Зеро тоғирон аз Нуриддин ибни Ғевохон хоҳиш кардаанд, ки нусхаи эшонро “тамома ва комила маъа изофаи маҷомоти нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд” ба чоп расонад. “Нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд” нусхаест, ки он ба Нуриддин ибни Ғевохон беиртибот нест. Ба аҷидаи мо, мурод аз ин нусха ҳамон нашри Сафдарии соли 1847 Куллиёти Бедил аст. Тоғирони мазкур барои нашри нусхаи хаттии хеш беҳуда ба Нуриддин ибни Ғевохон муроғаъат накардаанд. Онҳо медонистанд, ки ин шахс пеш аз ин ҳам Куллиёти Бедилро ба табъ расонидааст. Аз ин рӯ, нусхаи хаттии дар ватани худ ба даст овардаро, ки ба ҷавли онҳо, нусхаи айди муаллиф будааст, маҳз ба ӯ таслим намуданд. Нусхаи хаттии тоғирони мазкур, зоҳиран, нусхаи комил набудааст, ки онҳо аз Нуриддин ибни Ғевохон хостаанд, ки онро аз ҳисоби нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд, яъне нашри Сафдарии соли 1847, такмил дода, чоп намояд.

Суоле ба миён меояд, ки дар сурати комилтар будани нусхаи чопии соли 1847 чаро ҳамин нусха такроран чоп карда нашудаасту нусхаи ноҷиси тоғирон бо такмилу иловаҳо ба чоп расидааст? Сабаби ин тавр сурат гирифтани кор, зоҳиран, он буда, ки нусхаи хаттии тоғирони мазкур нусхаи ҷадим, ба ҷавли худи онҳо, нусхаи аҳди муаллиф будааст. Тоғирони мазкур онро маҳз ба хотири ҷадим буданаш ба Бамбай бурда, ба дасти чоп супоридаанд.

Нусхаи тоғирони мазкур, агар воиеан, аз ҳисоби нусхаи шӯҳратёфтаи Ҳинд такмил ёфта, ба табъ расида бошад, пас ҳарду нашри куллиёт, ҳам нашри соли 1847 ва ҳам нашри соли 1882 (1299 ҳиғрӣ) аз нигоҳи кайфияту камият тахминан якхела бояд бошанд. Ба таъбири дигар гӯем, нашри Сафдарии соли 1847, ки алҳол нопайдо ва номаълум аст, чи аз ғиҳати ҳағм ва чи аз ғиҳати дарбар кардани анвоъи шеърӣ ба нашри Сафдарии соли 1882 монанд ё худ баробар бояд бошад.

Нашри Сафдарии соли 1847-ро агар аввалан нашри Куллиёти Бедил ҳисоб кунем, пас нашри дуввуми он Куллиёти мухтасарест, ки дар соли 1287 ҳиғрӣ мутобиӣ ба соли 1871 милодӣ дар Лакҳнав, дар матбаъи муншӣ Нувил Кшур ба табъ расидааст. Ҳамин нашр такроран бе ҳеғ гуна илова ва та йирот дар соли 1292 ҳиғрӣ мутобиӣ ба соли 1875 милодӣ

дар Конпур низ чоп шудааст.

Нашри Лакҳнав, чунон ки гуфта шуд, мухтасари Куллиёти Бедил аст ва он ғамъан чор асари шоир – “Никот”, “Руҷаот”, мунтахаби девони азалиёт ва “Чорунсур”-ро дарбар дорад. Азбаски ин нашри куллиёт бо “Никот”-и шоир о оз меёбад, дар баъзе феҳристҳо бо номи “Никоти Бедил” низ ёд шудааст. Ношири ин нашр, зоҳиран, Муҳаммаданвори Таслим ном шоир аст. Ин нашри Куллиёт дорои баъзе мушаххасотест, ки дар дигар нашрҳои он ба назар намерасанд. Яке аз он мушаххасот ин аст, ки “Никот” ва “Ишороту ҳикоёт” номи асарҳои шоир ҳамчун як асар дар якғояги дарғ гардидаанд. Хусусияти дигари ин нашр ин аст, ки “Руҷаот” дар ин ғо бо шарҳу тавзеҳоти нисбатан муфассал ба табъ расидааст. Асари дигари шоир “Чорунсур” низ бо як маводи иловагӣ аз нашрҳои дигар фарӣ мекунад. Дар охири унсури саввуми ин асар пораи насре илова шудааст, ки дар нашрҳои дигари он дида намешавад. Ин пораи наср, агарчи дар баъзе нусхаҳои хаттии асар, аз ғумла дар нусхаи № 107 Институти шарӣшиносии АИ Россия низ мавғуд аст, вале дар асл ба “Чорунсур” иртиботе надорад. Ин пора муҷаддимаи девони ҷадими Бедил аст, ки дар ин ғо иштибоҳан ғой дода шудааст. Дар хусуси ин муҷаддима ниг. ба маҷолаи “Муҷаддимаи девони Бедил” дар ҳамин мағмӯа)

Тафовути назарраси ин нашри куллиёт аз дигар нашрҳо боз дар он аст, ки девони азалиёти дохили он ба нашрҳои дигари девон ва нусхаҳои хаттии он монанд нест. Муаллифи феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи Индия Оффис Ҳерман Эте навиштааст, ки ин нашр нашри девони ҷадими Бедил аст. Яке аз нусхаҳои хаттии девони ҷадими шоир, чунон ки Эте шаҳодат медиҳад, дар китобхонаи Индия Офиси Лондон маҳфуз мебошад. Умумияте, ки байни нусхаи хаттии девони ҷадим ва девони дохили Куллиёти нашри Лакҳнав мавғуд аст, ин аст, ки ҳардуи онҳо бо як азал о оз меёбанд. Матлаи азал ин аст:

Нафас ошуфта медорад чу гул ғамъияти моро,

Парешон менависад килки мавғ аҳволи дарёро.

Аммо дар баробари ин умумият тафовутҳои ғиддие байни ин ду нусха мавғуд аст. Яке аз тафовутҳо ин аст, ки девони нашри Лакҳнав нисбат ба нусхаи хаттии девони ҷадим хеле хурд аст. Нашри Лакҳнав ҳамагӣ аз 2754 байт иборат аст. Дар ҳоле ки нусхаи хаттии девони ҷадим, бино бар тавсифи Этте, наздик ба 9000 байт аст. Ҳамчунин, муҷаддимаи мансуре, ки дар нусхаи хаттии девони ҷадим мавғуд аст, дар нусхаи чопӣ дида намешавад.

Аз ғиҳати дарбар кардани анвои шеърӣ низ ин нусхаҳо аз ҳамдигар фарӣ доранд. Нусхаи хаттӣ, бино бар навиштаи Этте, аз азалу ҷасида ва рубоӣ иборат бошад, нусхаи чопӣ ҳовии танҳо азал мебошад. Гузашта аз ин, дар нусхаи чопӣ дар радифи баъзеи ҳарфҳо масалан, ҳарфҳои “х” ва зол, азал умуман вуғуд надорад. Лекин бо вуғуди ин тафовутҳо нусхаи чопӣ ва нусхаи хаттии девони ҷадим ду чизи ба ҳам бегона нестанд. Баъзе мушаххасоте, ки дар нусхаи чопӣ мавғуданд, имкон медиҳанд тахмин намоем, ки нусхаи чопии нашри Лакҳнав мунтахаби азалиёти девони ҷадим аст. Зеро чунон ки гуфтем, ин нашри девон бо баъзе хусусиятҳояш аз нусхаҳои хаттӣ ва чопии то кунун ба мо дастрасшудаи девони умумии Бедил фарӣ дорад. Девони умумӣ гуфта мо девонеро дар назар дорем, ки бо истиснои рубоиёти шоир, ки девони алоҳида аст, тамоми ашъори лирикии ӯро дарбар дорад, ҳам ашъори лирикии девони ҷадимро ва ҳам ашъори лирикии пас аз тадвини девони ҷадим эғодшударо.

Он хусусиятҳое, ки нашри лакҳнавии девони Бедилро аз нашрҳои дигари он фарӣ кунонидаанд, кадомҳоянд?

Яке аз он хусусиятҳо ин аст, ки дар ин ғо баъзе байтҳо ва ҳатто баъзе азалҳо дар вариантҳои дигар дарғ гардидаанд. Ба назар чунин мерасад, ки ҷисме аз азалҳои ин нашр баъдҳо аз тарафи худи шоир таҳриру тасҳеҳ шудаанд. Зеро он байтҳову он азалҳо дар нашрҳои дигари девон дар шаклҳои суфтатару равонтар садо медиҳанд. Барои мисол чанд байтро ҳам аз нашри Лакҳнав ва ҳам аз нашри кобулии Куллиёт наӣл менамоем ва ба тафовутҳои ғиддии байни вариантҳо диӣҷат медиҳем.

<u>Дар нашри Лакҳнав:</u>

<u>Баҳри айлам,</u> печутоби фикр гирдоби ман аст,

<u>Шӯриши табъи баланд</u> амвоғи бетоби ман аст.

<u>Дар нашри Кобул:</u>

Баҳри розам, печутоби фикр гирдоби ман аст,
Шӯхии табъи расо амвоғи бетоби ман аст.

Чунон ки мебинем, ба ғои таъбири “бахри айл”-и нашри Лакҳнав дар нашри Кобул таъбири “баҳри роз” омадааст ва ибораи “шӯриши табъи баланд”-и нашри Лакҳнав дар нашри Кобул дар шакли “шӯхии табъи расо” дарғ гардидааст. Ба шахси андаке аз шеъру шоирӣ огаҳ маълум аст, ки ибораҳои “бахри роз” ва “шӯхии табъи расо” табиитару равонтар ба гӯш мерасанд. Аз ин рӯ, гумон кардан душвор аст, дар нашри Лакҳнав ба ғои ин ибораҳо омадани таъбирҳои “бахри айл” ва “шӯхии табъи баланд” бо айби котиб рух дода бошад. Дар ин ғо асари таҳрир ва тасҳеҳи худи муаллиф ошкору ҳувайдост.

Дар нашри Лакҳнав:
Аз хаёли ғилваи  айри ту то бастам назар,
Ҳамчу мижгон ҳарду оламро задам дар якдигар.

Дар нашри Кобул:
Аз  убори ғилваи  айри ту то бастам назар,
Чун сафи мижгон ду олам маҳв шуд дар якдигар.

Дар ин ғо низ калимаи “хаёл” ба “ убор” иваз шуда, мисраи дуввум саропо та йир ёфтааст, яъне он суфтатару хушгуфтор баромадааст. Дар мавриди “хаёл” ва “ убор” гуфтан лозим аст, ки “ убор” аз “хаёл” беҳтару саҳеҳтар мебошад. Зеро аввал ин, ки аз ғилва  убор бармехезад, на хаёл, сониян, назарро аз  убор мебананд, на аз хаёл.

Дар нашри Лакҳнав:
Ба сурат Бедилем, аммо ба маънӣ
Бувад чун хӯша сар то пои мо дил.

Дар нашри Кобул:
Ба сурат Бедилем, аммо ба маънӣ
Бувад чун ашк сар то пои мо дил.

Дар ин байт низ табдили калимаи “хӯша” ба “ашк” иштибоҳи котиб ё амри тасодуф нест, балки таҳрири бошуурона аст.

Аз ғумлаи байтҳои таҳрирхӯрдаи Бедил чанд мисоли дигарро зикр намуда, муҷоясаи онҳоро ба худи хонандаи гиромӣ ҳавола менамоем.

Дар нашри Лакҳнав:
То гули маҳрумӣ аз гулзори васлат чидааст,
Ҳамчу шамъи кушта дар чашмам нигаҳ хобидааст.

Дар нашри Кобул:
То зи о ӯши видоят до и ҳайрат чидааст,
Ҳамчу шамъи кушта дар чашмам нигаҳ хобидааст.

Дар нашри Лакҳнав:
Мефизояд ҷадри дил, аз шарм чун мегардад об,
Аз хаё оинаи моро фузун мегардад об.

Дар нашри Кобул:
Бе камоле нест дил аз шарм чун мегардад об,
Аз арай оинаи моро фузун мегардад об.

Дар нашри Лакҳнав:
Донаи тасбеҳ бошад  унчаи ин шохсор,
Гар кунад аз бо  и куфрам шухии зуннор гул.

Дар нашри Кобул:
Субҳа резад  унчаи кайфияти ин шохсор,
Гар кунад дар бо  и куфрам риштаи зуннор гул.

Дар нашри Лакҳнав:
Ба ранги лола дар бо  и шаҳодат
Зи найди до   дорад хунбаҳо дил.

Дар нашри Кобул:
Ба ранги лола найди дигарам нест,
Магар аз до   хоҳад хунбаҳо дил.

Дар охир тазаккур додан лозим аст, ки Куллиёти нашри Лакҳнав аз баъзе нуйсону

норасоиҳо низ холӣ нест. Яке аз ин нуқсонҳо иштибоҳест, ки дар ҳошияи саҳифаи 117 "Руқаот" дар мавриди як порчаи шеърӣ ба амал омадааст. Ин порчаи шеърӣ замимаи номаест, ки Бедил ба Шукруллоҳхону Шокирхон ном дӯстони худ ирсол кардааст. Шоир дар ин нома, аз ғумла, навиштааст: "Қитъаи "Муҳити аъзам", ки ба тозагӣ чеҳракушост, узри тақсири безабониҳо хоҳад хост".

Мурод аз "қитъаи "Муҳити аъзам" ҳамон пораи шеърест, ки замимаи номаи мазкур шудааст. Ва ин пораи шеър ғузъе ё худ қитъае аз маснавии шоир "Муҳити аъзам" аст. Муаллифи матни ҳошияи "Руқаот", зоҳиран, аз маснавии мазкур хабар надоштааст, ки ибораи "Муҳити аъзам"-ро чунин тавзеҳ додааст: "Муҳити аъзам", шояд, ки номи қитъа, таснифи роқими хат (мактуб – Б.Р.) бошад".

Иштибоҳи дигаре, ки дар нашри лакҳнавии Куллиёт ба чашм мерасад, дар мавриди адресати номае бо номи "Ба Йобилхони муншӣ" рух додааст. Фарқи ин иштибоҳ аз иштибоҳи аввал дар он аст, ки ин иштибоҳ бо айби муаллифи матни ҳошия рух надода, балки аз нусхаҳои хаттии "Руқаот" ба ин нашр гузаштааст. Гап дар сари он аст, ки дар баъзе нусхаҳои хаттии "Руқаот", чунончи, дар нусхаи № 2559 Институти шарқшиносии АИ Тоғикистон ва нусхаи № 822 Китобхонаи миллии Тоғикистон пас аз унвони номаи "Ба Йобилхони муншӣ" ин ғумла ба ҳайси ташреҳи унвон зикр гардидааст: "Бидон, ки ин руқъа дар ғавоби ҳасбуламри талаби Аъзамшоҳ аст, ки навишта буд, ки касеро, ки ҳақ таолло саломати ҳавосу қиво бахшида бошад, инзиво сохтан куфрони неъмат аст".

Ана ҳамин илова дар Куллиёти нашри Лакҳнав низ роҳ ёфтааст. Тафовут танҳо дар ин аст, ки иловаи мазкур дар нусхаҳои хаттӣ дар садри нома омадаасту дар нашри Лакҳнав дар ҳошия.

Аммо, чунон ки гуфтем, ин илова иштибоҳи котибони баъзеи нусхаҳои хаттии "Руқаот" мебошад. Номаи "Ба Йобилхони муншӣ" ба Аъзамшоҳ умуман дахл надорад. Дар ин нома дар хусуси Аврангзеб ва таваққӯҳи ӯ нисбат ба Бедил сухан рафтааст, на дар бораи Аъзамшоҳу муносибаташ ба шоир.

(Дар ин бора ниг. ба мақолаи "Роқеъ ба як номаи Бедил" дар ҳамин мағмӯа).

Нашри саввуми Куллиёти Бедил нашрест, ки дар оли 1929 ҳиғрӣ мутобиқи ба 1875 милодӣ дар матбаъи Мушн Нувил Кшури шаҳри Конпур ба табъ расидааси. Ин нашр такрори айнии нашри баррасишудаи Лакҳнав мебошад. Аз ин рӯ, ҳар чӣ ки дар хусуси нашри Лакҳнав гуфта шуд, ба нашри Конпур низ дахлдор аст.

Нашри чоруми Куллиёти Бедил нашри Ҳасании Бамбай мебошад. Ин нашр низ аз ғумлаи нашрҳои мухтасари осори шоир буда, девон, "Никот", "Ишороту ҳикоёт" ва маснавии "Муҳити аъзам"-ро дар бар дорад. Нашри Ҳасанқ дар соли 1292 (1875) ба эҳтимоми Йозӣ Иброҳим ибни Йозӣ Нурмуҳаммад дар чопхонаи Ҳасании Бамбай ҳуллаи табъ пӯшидааст.

Муаллифи хотимаи табъ ва қитъаи таърихи табъ Муҳаммад Саломуллоҳи Ромпурӣ ном шахс аст, ки дар хотимаи табъ, аз ғумла, чунин нигоштааст: "Мағмӯаи зебо ва гулдастаи раъно, яъне назму насри Бедил мусаммо ба "Девон ва Никоти Бедил маъа маснавии "Муҳити аъзам" ва дигар ҳикоёту ишорот мутааллиқа ба "Никот" равнақи табъ пазируфт".

Матни маснавии "Муҳити аъзам" чун дигар нашрҳои сангии он дар ин ғо низ аз ду ҳазор байт андаке бештар аст.

Панғумин нашри Куллиёти Бедил нашри маъруфи Сафдарист, ки дар соли 1299 ҳиғрии қамарӣ мутобиқи ба соли 1882 милодӣ дар Бамбай ба табъ расидааст. Тавре ки гуфа шуд, ношири ин нашри Куллиёт Нуриддин ибни Ғевохон ном тоғир аст. Мусаҳҳеҳони он мавлавӣ Сироғулҳақ ибни қорӣ Нурулҳаққи Толиб ва мавлавӣ Муҳаммадисҳоқ ибни мавлавӣ Абдулмалик мебошанд. Дар тасҳеҳ ва мулоҳазаи ин табъи Куллиёт мавлавӣ сайид улом Мустафои Илоҳободӣ ва мавлалавӣ Иноятуллоҳ ном донишмандон низ иштирок намудаанд. Ба ин нашри Куллиёт ду тақриз илова шудааст. Яке ба қалами мусаҳҳеҳи китоб Сироғулҳаққи Толиб тааллуқ дораду дигаре ба қалами Ҳасаналӣ ибни Солеҳмуҳаммади Мадрасӣ. Хотимаи табъро низ шахси охируззикр навиштааст.

Тавре ки муқарризони мазкур навиштаанд, асоси нашри Сафдарии Куллиёт нусхаи хаттие будааст, ки ду нафар тоғир бо номҳои Мухторшоҳ ибни Акбаршоҳи кашмирӣ ва Абдулҳаким ибни Муҳаммадраҳими мар енонӣ аз ватани маълуфи худ ба Ҳиндустон бурда будаанд. Ватани маълуфи тоғирон кадом мамлакат ё кадом шаҳр аст, - аз тақризҳои мазкур маълум

намегардад. Нусхаи хаттӣ, олибан аз ягон шаҳри Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон бурда шудааст. Нусхаи хаттии мазкур, чунон ки дар ибтидои маҷола гуфтем, нусхаи комили Куллиёт набудааст. Аз ин рӯ, аз ҳисоби нусхаи шӯҳраёфтаи Ҳинд, яъне нашри Сафдарии соли 1847 Куллиёи Бедил мукаммал гардонида шудааст. Дар кори такмил ва пурра сохтани ин нашри Куллиёт илова бар нусхаи хаттии тоғирон ва нашри Сафдарии соли 1847 манбаъҳои дигар низ истифода шудаанд. Ба дурустии ин фикр гуфтаҳои муаллифи хотимаи табъ гувоҳӣ медиҳанд. Ӯ менависад: "Аввалан, манҷулинанҳ (нусхае ки асоси нашр будааст – Б.Р.) нусхаи саҳеҳа буд, сониян, ба ҳар диёре ки каломи Бедилро ёфтанд, фароҳам оварданд".

Хаттотоне ки нусхаи куллиётро барои чоп омода сохтаанд, се нафаранд. Яке Ҳабибуллоҳ ибни Азизи Шерозӣ, ки азалиёт, "Муҳити аъзам", "Тилисми ҳайрат", "Чорунсур", "Никот" ва "Ишороту ҳикоёт"-ро китобат кардааст. Дигаре Нисораҳмад ибни Ҳофиз Ниёзаҳмади Барелавӣ, ки китобати рубоиёт ва "Руҷаот"-ро ба анғом расонидааст. Саввум Мирзо Сайидалихони Ҳусайнӣ, ки бахши ҷасоиду ҷитъаот, тарғеъбанду таркиббанд ва маснавиҳои кӯчаке чун "Сифати шамшер", "Сифати фил" ва "Танбеҳулмуҳаввисин"-ро рӯйнавис кардааст.

Дар поёни маснавиҳои "Ирфон" ва "Тури маърифат" номи котиб зикр наёфтааст. Котибони ин ду нусха низ аз ғумлаи се нафари мазкур бояд бошанд. Тавре ки аз ишораҳои котибон ва муаллифи хотимаи табъ бармеояд, кори китобат ва табъи Куллиёт ҳамагӣ 8 моҳ – аз зулҳиғғаи соли 1298 то рағаби 1299 давом кардааст. Куллиёт 5 рағаби 1299 ба табъ расидааст. Муаллифи яке аз таҷризҳои Куллиёт Ҳусайналӣ ибни Солеҳмуҳаммади Мадрасӣ дар таърихи табъи он ҷитъаи зеринро навиштааст:

Ин Куллиёти Бедил бар ҳасби хоҳиши дил<br>
Чун шуд тамому комил бо ҳусни сайъи оғил,<br>
Таърихи он ҳамон дам омад чунин ба табъам:<br>
"Матбӯъи ҳарду олам шуд Куллиёти Бедил".

Нашри Сафдарии Куллиёт, бар хилофи нашрҳои Лакҳнав ва Ҳасании Бамбай, матни нисбатан комили осори Бедилро дарбар кардааст. Бино бар феҳристе, ки дар охири Куллиёт дарғ гардидааст, он бояд ҳовии асарҳои зерин бошад:

1. Дебочаи Куллиёт. 2. Ирфон, 3. Тури маърифат, 4. Никот, 5. Ишороту ҳикоёт, 6. Руҷаот, 7. Чорунсур, 8. Муҳити аъзам, 9. Тилисми ҳайрат, 10. азалиёт, 11. Рубоиёт, 12. Ҷасоид, 13. Ҷитъаот ва ҷитъаҳои таърихӣ, 14. Таркиботу тарғеот, 15. Ташбеҳот ва тамсилот. Ба истиснои асари охирин, яъне "Ташбеҳот ва тамсилот" боқӣ ҳамаи асарҳои номбаршуда дар дохили куллиёт мавғуданд. Тафовут танҳо дар ин аст, ки ҷитъаву ҷитъаҳои таърихӣ ва таркиботу тарғеъот дар алоҳидагӣ нею дар таркиби бахши ҷасоид омадаанд. Ин бахши куллиёт бо номи "Ҷасоиди фуюзи авоид маъа таърихи нури фавоид" дарғ гардидаанд. Дар ин бахш, илова бар ҷасидаву ҷитъа ва таркиббанду тарғеъбанд анвои дигари шеърӣ – азал, рубоъӣ ва чанд маснавии кӯчак низ мавғуд мебошанд. Маснавиҳои кӯчак инҳоянд: Маснави дар сифати даҳону дандон (7 байт), маснавӣ дар сифати шамшер (15 байт), маснавӣ дар мазаммати кимиё ва кимиёгарон (210 байт), маснавӣ дар таърифи фил (100 байт). Дар ин бахши куллиёт чандто чистону муъаммо низ мавғуд аст.

Ягона асаре ки дар феҳрист номбар шудаасту дар таркиби куллиёт дида намешавад, чунон ки гуфтем, "Ташбеҳот ва тамсилот" аст. Гуфтан лозим аст, ки ин асар умуман вуғуд надорад. Дар феҳристи куллиёт зикр ёфтани номи он иштибоҳ аст. (Дар ин бора нигар ба маҷолаи "Ташбеҳоту тамсилом ё номе бенишон").

Чунон ки гуфташуд, нашри Сафдарии куллиёт маъруфтарин ва мураввағтарин нашри осори Бедил аст ва беш аз сад сол мешавад, ки мавриди мутолиа ва омӯзишу истифодаи хонандагону муҳаҷҷиҷони Бедил ҷарор дорад. Аз рӯи ин нашр чандин нусаи хаттӣ низ истинсох шудааст. Яке аз он нусхаҳо нусхаи № 17 Институти шарҷшиносии АИ Россия мебошад (Дар ин бораи ниг. Ба маҷолаи "Чанд сухан дар бораи баъзе нусхаҳои хаттии осори Бедил"). Тавре ки ишора шуд, афзалият ва бартарии ин нашр нисбат ба се нашри пешин, пеш аз ҳама, дар мукаммалӣ ва фарогирии ҷариб ҳамаи асарҳои шоир аст. Дар ин ғо бо тамоми асарҳои асосии Бедил дучор омадан мумкин аст. Гузашта аз ин, баъзе асарҳои шоир дар ин нашр дорои бартариҳое мебошанд, ки нашрҳои дигар ба назар намерасанд. Масалан, дар

дохили “Руҷаъот”-и ин нашр 31 нуктаи шоир дарғ гардидааст, ки 20-тои онҳоро на дар “Никот”-и ӯ пайдо мекунему на дар “Чорунсур”. Бист нуктаи мазкур ҳатто ба нашри кобулии куллиёти ӯ низ дохил нашудаанд. (Дар ин бора ниг. ба маҷолаи “Никоти Бедил”).

Дар руҷаъоти ин нашр, илова бар 31 нуктаи зикршуда, чанд маводи “бегона”-и дигар низ дида мешавад, ки пеш аз матни асосии аслии асар ғойгир шудаанд. Ин маводҳо иборатанд аз ду муҷаддимаи мансур ва як натиба дар таъриф ва таърихи бунёди мадрасае бо номи “Зовияи азизия”.

Аз муҷаддимаҳо яке дебочаи баёзест, ки муаллиф номашро сареҳин зикр накардааст. Бахши асосии он бо ғумлаҳои зерин о оз меёбад: “Аммо баъд ин мағмӯъа мағмаъест ороста ба ғилваи шоҳидони сародиҷи таҳҷиӣ ва ин ғунг ганғе пероста ба ғавоҳири асрори авомизи тадҷиӣ. Мутолаъаи ҳар ҳарфаш миҷалаест, ки то ба фаҳми он расӣ, занге ғаҳл аз оинаи идрок зудудаӣ ва мушоҳадаи ҳар сафҳааш оинае, ки то муҷобили ӯ шаӣӣ, чашм бар ҳаҷиҷат кушудаӣ. Баёзаш ба сафои ботини аҳли тавҳид менозад ва саводаш сурмаи басирати арбоби дида мепардозад”.

Мураттибони нашри кобулии куллиёти Бедил ба ин муҷаддима “Дебоча бар мағмуъае аз малфузоти урафои уззом” ном ниҳодаанд. Мурод аз “мағмуъае аз малфузоти урафои уззом” рисолаест дар масоили гуногуни тасаввуф, ки Бедил дар унсури дуввуми “Чорунсур” аз он ёд кардааст. Бино бар гуфтаи Бедил рисола аз суханони орифони машҳури гузашта иборат будааст ва Бедил онро бо тавсияи устодаш Шоҳҷосими Ҳувваллоҳӣ мутолаа карда, нусхаеро аз он барои худ истисноҳ намудааст. Ва дар охири нусхаи худкитобаткарда ҷитъаи тӯлоние дар таърифи он нигоштааст. Аз мазмуни умумӣ ва баъзе ғумлаву ибораҳои муҷаддима бармеояд, ки он, гӯё, дебочаи рисолаи мазкур бошад. Аммо дар назар доштан лозим аст, ки Бедил ду баёзи ашъор низ дорад. Аз он баёзҳо яке мағмӯаи шоҳбайтҳост аз азалиёти худи ӯ, дигар баёзест, ки шоир аз осори шоирони пешин ва муосирони худ тартиб додааст. Аз мавғудияти баёзи аввал шогирди Бедил Биндробандоси Хушгӯ (ваф. 1757) хабар дода бошад ҳам нусхае аз он то кунун дастраси аҳли таҳҷиӣ нагардидааст. Аммо аз баёзи дуввум як нусха маълум аст, ки дар Музеи Британия нигоҳ дошта мешавад. Аз ин рӯ, муҷаддимаи мазкур дебочаи яке аз ин баёзҳо низ буданаш мумкин аст.

Муҷаддимаи дуввум дебочаи асарест бо номи “Таълифулаҳком”, ки Бедил онро дар асоси нусхаҳои муътабари илми рамл (фолбинӣ) мураттаб намуда будааст (Дар ин бора ниг. ба маҷолаи “Баёзи Мирзо Бедил” дар ҳамин мағмӯа).

Катибае, ки Бедил дар таъриф ва таърихи эъмори мадрасаи “зовияи азизия” навиштааст, аз ду бахш иборат мебошад. Бахши аввал таърифу тавсифи мадраса ва ситоиши бунёдгузори он шайх Аблулазизи Иззатро фаро гирифтааст. Аз ин бахши катиба бармеояд, ки мадраса бо номҳои “Маҳфили Иззат” ва “Зовияи азизия” ёд мешудааст. Бахши дуввум рубоиест ифодагари таърихи ба итмом расидани бином мадраса.

Инак, матни пурраи катибаро дар ин ғо сабт менамоем: “Ин бунёди маърифатэғод, ки пояи яҷинпорояаш уруғи нашъаи асрордонист ва фазои улумиӣтизояш вузуҳи маонӣ, Осори пешгоҳи ҳаҷоиӣпаноҳаш чун матлаи баёзи субҳ хуршедандуд ва сафои садри маорифҷудраташ чун ҳуиҷаи гавҳари дил асроромуд. Дар сурати убори остон яксар ғавҳари идрок болида ва дар кисвати сояи девор якҷалам саводи маънӣ хобида. Дар дафотири эътибор мазомини ишораташ ба имои “Маҳфили Иззат” марҷум ва бар алсинаи иштиҳор алфози ибораташ ба эзоҳи “Зовияи азизия” мавсум. Аз хок бардошта ҳиммати гардунҷибобест ва бар фалак расонида таваққӯҳи сурайёғанобе, ки офтоб дар муҷобили ламаоти фитраташ бо нуҷаи зарра му олата хӯрдӣ ва муҳит дар ғанби тамаввуғи ҳимматаш кори обрӯ ба ҷатрагӣ пеш бурдӣ. Гулшани иззат ба обёрии нисбати лаҷабаш тубиниҳоли мубоҳоти сарафрозӣ, оинаи азамат аз иӣтибоси партави зоташ исти нотимсоли ғавҳари бениёзӣ.

Маснавӣ:

Зеби дебочаи китоби камол,
Ғавҳари ифтихори маънии ҳол.
Уфуҷи осмони олами дин.
Матлаи офтоби илми яҷин.
Раҳматиӣбол зоти уфронсадр,

Шайх Абулазиз иззатҷадр.
Ҷаддаса-л-лоҳу сирра асрориҳи.
Басата-л-лоҳу файза анвориҳи.
То муаллими мактаби афлок камолтаълими талабаи арвоҳу ағсом аст ва муршиди хонаҷоҳи фитрат маорифиршоди зумраи хавосу авом файзи ин ирфонкада донишомӯзи арбоби фасоҳат ва бало ат бод ва бинои ин фазлобод инҷилоби тағалғули ҳаводис мебинад.
Рубоӣ:
Ин мадраса, к-аз файзи азал тозабиност,
Чун Каъба зиёратгаҳи арбоби сафост.
Азбаски ба дарси маънавӣ роҳнамост,
Таърихи бинои ӯ “маҷоми фузало”-ст.
Ибораи “Маҷоми фузало” моддаи таърих аст, ки ба соли 1092 ҳиғрӣ ҷамарӣ (1681 милодӣ) баробар мебошад. Ин сана таърихи эъмори мадрасаи мазкур аст. Гуфтан лозим аст, ки таърихи вафоти Абдулазизи Иззат 1089 ҳиғрист. Тафовути санаҳои вафоти Иззат ва эъмори мадраса нишон медиҳад, ки Иззат, ки бунёдгузори мадраса мебошад, то ба итмом расидани эъмори он аз олам гузаштааст.
“Руҷаот”-и нашри Сафдарии Куллиёт дар баробари ин афзалиятҳо як норасоӣ низ дорад. Ин норасоӣ он аст, ки аксари номаҳои Бедил дар ин ғо беунвон дарғ гардидаанд. Беунвонии номаҳо фаҳмидани маъноҳои онҳоро хеле душвор кардааст. Зеро мазмунҳои аксар номаҳои шоир дар унвонҳои онҳо зикр гардидаанд. Унвонҳои чанде аз номаҳо чунинанд: “Ба Шокирхон, ҳангоме ки аз Дакан аз подшоҳ барои фаҷир мулк гирифтанд. Агарчи фаҷир ҷабул накард, аммо шукри эҳсон ба ғо овард”. “Ба Шукруллоҳхон, дар таваҷҷуфи азми сафар, ки дарди чашм монеъ бууд”, “Ба шоҳ Аъзамшоҳ, ки ҳаҷиҷати орзуи фаҷир дархостанд”, “Ба Шокирхон, ҳангоме ки Ғаҳондоршоҳ эшонро ба ҳаровулии фавғ баргузиданд Нурхони мағҳул, ки иборати “ғаннат”-ро алат ҳисоб карда буданд”, “Ба Чинҷиличхонбаҳодур хони даврон дар мутолаъаи ашъори эшон ва ислоҳи он ва дохили девон намудан, ки пеши фаҷир гузошта буданд”.
Нашри Сафдарии Куллиёт дар муҷояса бо нусхаҳои комили хаттӣ ва нашрҳои Кобулу Теҳрон норасоиҳои дигар низ дорад. Чунончи, дар ин нашр, ба истиснои чанд мухаммасе, ки дар “Никот” мавғуд аст, бахши мухаммасот умуман дида намешавад. Яъне аксари мухаммасҳои шоир аз ин нашр берун мондаанд. Ҳамчунин маснавии “Сифати асп”, ки дар нусхаҳои хаттиву нашрҳои баъдинаи куллиёт мавғуд аст, дар ин нашр дохил нашудааст. Маснавии “Муҳити аъзам” низ чун дигар нашрҳои сангӣ дар ин ғо низ ноҷис аст. Ин маснавӣ дар ин ғо 2050 байт дорад, дар ҳоле ки дар нусхаҳои хаттии комил ва нашрҳои Кобулу Дешанбеву Теҳрон аз 6 ҳазор байт бештар аст. Маснавиҳои “Тилисми ҳайрат” ва “Ирфон” низ комил нестанд. “Тилисми ҳайрат” нисбат ба нашри Кобул 10 байт ва нисбат ба нашри Душанбе 30 байт кам аст. Маснавии “Ирфон” низ нисбат ба нашрҳои Кобулу Теҳрон 14 байт камтар мебошад.
Ва ниҳоят, гуфтан лозим аст, ки дар нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои Кобулу Теҳрон бахшҳои гуногуни “Ирфон”, “Тилисми ҳайрат” ва “Тури маърифат” унвонҳои манзум доранд, яъне сарлавҳаҳои ҷисматҳои ғудогонаи ин асарҳо дар шакли байтҳои алоҳида эғод шудаанд. Дар нашри Сафдарии Куллиёт ин унвонҳои манзумро дида наметавонем.
Дар охири бахши баррасӣ аз нашри Сафдарии Куллиёт гӯшрас кардан лозим аст, ки чанде аз муҳаиҷиҷон, аз ғумла устод Айнӣ ва Салоҳуддини Салчуиӣ нисбат ба ин нашри Куллиёт назари мусбат надоранд. Ба аҷидаи онҳо, дар нашри Сафдарии Куллиёт баъзе шеърҳои бегона низ дохил шудаанд. Гӯё, одамони манфиатдоре пайдо шуда, шеърҳои зиддимазҳабӣ навишта, бо номи Бедил иштиҳор додаанд ваноширони чопи Сафдарӣ онҳоро моли Бедил пиндошта, ба Куллиёти ӯ дохил кардаанд. Чунончи, устод Айнӣ дар рисолаи маълум ва машҳури уд “Мирзо Абдулҷодири Бедил” (Сталинобод, 1954) аз нусхаи аслии куллиёти шоир ва чигунагии нашри Сафдарии он сухан карда, дар ин бора чунин навиштааст: “Баъзе сохтакорони беинсоф барои ҳар гуна мақсадҳои фосид ба номи ин муутафаккири бузург (яъне Бедил – Б.Р.) порчаҳои шеърӣ сохтаанд ва содадилони шеършиносс порчаҳоро ба куллиёти ӯ даровардаанд”. “Сабаб ҳамин аст, ки, - идома додааст устод Айнӣ, - дар нусхаи куллиёти Бедил (нашри Сафдарӣ – Б.Р.) чизҳое даромадаанд, ки бо мулоҳиза ва муҳокимаи

чуҷуртар асари ин шоир набудани онҳо маълум мешавад".

Ба аҷидаи устод Айнӣ, рубоиёте ки дар ҳағви рофизиҳо гуфта шудаанд, аз ғумлаи ҳамин гуна шеърҳои бегона мебошанд. "Дар чанд ғои нусхаи чопии куллиёти Бедил, хусусан дар рубоиёт, – менависад устод Айнӣ, - ҳағви рофизиён аст. Ин ҳағвияҳо чунон беадабона тартиб ёфтаанд, ки шӯрапуштони кӯчагӣ ҳам аз гуфту шуниди ин гуна суханҳо шарм медоранд". Устод Айнӣ таъкид кардааст, ки роҳ ёфтани шеърҳои бегона ба куллиёти шоир ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки натиғаи як ҷасди бад аст ва ин ҷасди бадро касоне кардаанд, ки дар низоъҳои мазҳабӣ манфиатдор мебошанд.

- Чунон ки гуфтем, муаллифи рисолаи "Найди Бедил" (Кобул, 1343) Салоҳуддини Салчуӣӣ низ дар ин бора ҳамфикри устод Айнӣ мебошад. Ӯ агарчи аз устод Айнӣ ном набурдааст, дар хусуси рубоиёти ҳағвии Бедил гуфтаҳои мазкури ӯро айнан набошад ҳам мазмунан такрор кардааст. Ӯ навиштааст: "Чун рубоиёти Бедил аз сатҳи  азалиёти ӯ поинтар аст, гумон меравад ба дастае аз мардум орзуи он пайдо шудааст, ки дар рубоиёти ӯ мудохала кунанд. Ва ман баъзе рубоиёти ӯро мебинам, ки лаккаи тӯҳматест бар домани назоҳати сӯфиёнаи ӯ. Ва ин яке аз далоилест, ки ин гуна рубоиёти хориғи маслаки ӯ аз худаш нест".

Мурод аз "рубоиёти хориғи маслак" рубоиётест, ки ба "баъзе мазоҳиб ва тавоиф тамос мекунанд". Яъне муаллиф рубоиётеро дар назар дорад, ки дар мазаммати рофизиён эғод шудаанд. Ба фикри муаллиф, ин гуна рубоиёт "дар мазмун ба боҷии ашъори ӯ на ҳамоҳангӣ доранду на ҳамсиб аи баарзе аз услуби Бедил дар онҳо дида мешавад".

Салоҳуддини Салчуӣӣ дар хусуси мудохалаи бегонагон ба рубоиёти Бедил ба тафсил сухан ронда аз овардани мисолҳо худдорӣ кардааст. Ва худдорӣ кардани ӯ як амри табиист. Зеро дар манбаъ ё худ сарчашмаи фикри ӯ, яъне гуфтаҳои устод Айнӣ, низ ин гуна мисолро намебинем.

Бо он ки дар фазилати шеършиносии устод Айнӣ шакку шубҳае надорем, дар масъалаи ҳағвияҳои нашри Сафдарии Куллиёти Бедил бо ӯ ҳамфикр шудан наметавонем. Ин ҳағвияҳо, бидуни шак, ба ҷалами Бедил тааллуӣ доранд. Тавре ки муҳаӣҷиҷи дигари Бедил Асадуллоҳ Ҳабиб дар маҷолае бо номи "Бедилшиносӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ" (мағаллаи "Адаб" Кобул, 1352, № 5-6) навиштааст, танҷиди рофизиву хориғӣ на танҳо дар рубоиёти Бедил, балки дар ашъори дигар, аз ғумла дар таркиббанди ӯ низ ба назар мерасад. Таркиббанди шоирро дар аксар нусхаҳои хаттии осори ӯ, аз ғумла дар ҷадимтарин нусхаи Куллиёташ, ки дар солҳои 1134-1136 ҳиғрӣ (1721-1724) китобат шудаасту дар Китобхонаи оммавии шарҷии Худобахш маҳфуз аст, дидан мумкин аст.

Мазаммати рофизӣ дар чанд ғои "Чорунсур" низ ба назар мерасад. Ва ниҳоят, худи шоир низ ба ин ғиҳати эғодиёташ ишораҳо кардааст. Чунончи, дар рубоие гуфтааст:

Чанде сайри мазоҳибам буд ҳавас,
Бо рафзию хориғӣ задам ҳарза нафас.
Охир маълум шуд, ки дур аз манзил
Роҳрав пату баланд мебинаду бас.

Дар хусуси нашри Сафдарии Куллиёти Бедил ҳаминро илова кардан даркор аст, ки ин нашр аз ғумлаи нашрҳои нисбатан саҳеҳи осори шоир аст. Бар хилофи баъзе нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои кобулию теҳронии Куллиёт дар ин нашр факти ғой доштани ашъори бегона то кунун ба назар нарасидааст.

Нашри шашуми Куллиёти Бедил нашри чорғилдаи Кобул аст, ки тайи солҳои 1341-1344 шамсӣ (1963-1966 м.) ба табъ расидааст.

Чунон ки гуфта шуд, кӯшиши дар Аф онистон чоп намудани Куллиёти Бедил бори аввал дар ибтидои асри XX, дар замони салтанати амир Ҳабибуллоҳон (1901-1919) ба миён омада буд. Дар он ваӣт бародари амири мазкур сардор Насруллоҳхон тасмим гирифта буд, ки бо эҳтимоми гурӯҳе аз адибону олимони Аф онистон матни комили Куллиёти Бедилро нашр кунонад. Натиғаи нахустини ин ташаббус дар соли 1916 ба табъ расидани ғилди аввали  азалиёт гардида буд, ки дар бораащ сухан ронда шуд. Мутаассифона, нашри осори шоир дар он замон идома наёфт. Бо сабаби марги бармаҳали сардор Насруллоҳхон чопи осори Бедил низ ҷатъ гардид. Таҷрибан пас аз 50 соли ин воӣеа масъалаи нашри Куллиёти Бедил дар Аф онистон бори дигар ба миён гузошта шуд. Бо ташаббуси вазири онваӣтаи маориф дуктур Алӣ Аҳмади Пупал ин кор статуси расмӣ гирифт ва таҳияву тадвин ва тасҳеҳу

муқобалаи Куллиёт бар ӯҳдаи шоир ва донишманди намоён Холмуҳаммади Хаста вогузошта шуд. Холмуҳаммади Хаста бо ҳамкориву ҳамдастии шоирон ва фозилони маъруф Абдулҳайҷи Бетоб, Мирнағмиддини Ансорӣ Ҳофиз Нурмуҳаммади Каҳгадоӣ, Муҳаммаддовуди Ҳусайнӣ ва дигарон дар муддати чор сол таҳия ва тасҳеҳу муқобалаи Куллиётро ба итмом расонид ва чунон ки гуфтем, матни комили он дар солҳои 1341-1344 шамсӣ аз чоп баромад.

Ба маврид аст бигӯем, ки дар хусуси муҳтамим ва мусаҳҳеҳи нашри кобулии Куллиёти Бедил фикри алате мавғуд аст, ки гӯё ин нашри Куллиёт бо саъйу кӯшиши устод Халилуллоҳи Халилӣ ба табъ расида бошад. Таъйиди ин фикри алатро дар нашри дуғилдаи азалиёти Бедил ва нашри охирини Куллиёти ӯ, ки ҳарду ҳам дар Теҳрон ба амал омадаанд, дидан мумкин аст (Ниг.: Девони мавлоно Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ. Бо тасҳеҳи устод Халилуллоҳи Халилӣ. Бо муқаддимаи Мансури Мунтазир, Чопи аввал, Теҳрон. 1363; Куллиёти мавлоно Абулмаонӣ Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ. Ба тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд ва Парвиз Аббосии Доконӣ, Ғилди аввал Теҳрон, 1376, саҳ. 6).

Иштибоҳи мазкур дар баъзе таълифоти илмӣ низ роҳ ёфтааст. Чунончи, Муҳаммад Риёз дар мақолаи мазкур, ки мурure дар китоби устод Халилӣ “Файзи қудус” (Кобул) аст, навиштааст, ки устод Халилӣ то замони нашри “Файзи қудс” “соири осори Бедилро аз назар гузаронида буд ва куллиёти бас қутури назмунасри вайро омодаи чоп месохт”. Ин муаллиф таъкид кардааст, ки “мураттиби аслии ин куллиёт (куллиёти нашри Кобул – Б.Р.) ҳамоно устод Халилист”. (Ниг.: Ба мағаллаи “Дониш” – фаслномаи ройзании фарҳангии Ғумхурии исломии Эрон. – Исломобод, 1366 № 16).

Сабаби ин иштибоҳ ба мундариғаи Куллиёт ошно набудани муҳайқиқони мазкур мебошад. В-агарна бо тасҳеҳу муқобалаи Хаста нашр шудани куллиёт дар муқаддима ва хотимаи табъи он ки устод Халилӣ навиштааст, сареҳан зикр гардидааст. Устод халилӣ дар охири муқаддима бар ғилди аввали куллиёт навиштааст: “Тавағғуҳи фозили арғманд дуктур Мирнағмиддини Ансорӣ ва саъйи маликушуъаро устод Бетоб, ҳамкории хаттоти шаҳир сайид Муҳаммаддовуди Ҳусайнӣ, хоса эҳтимом ва масоъии ғамила ва кӯшиши шабонарӯзии шоиру фозил ва хаттоту муҳайқиқи гиромӣ Холмуҳаммади Хаста, ки дар тасҳеҳу муқобалаи ин нусха (яъне ғилди аввали куллиёт – Б.Р.) намудаанд, дархӯри тамғид аст”.

Устод Халилӣ дар хотимаи табъи куллиёт ки дар поёни ғилди чорум дарғ аст, чунин навиштааст: “Кӯшиши хастагинопазири донишманди муҳайқиқи гиромӣ мавлоно Хаста, ки дар ин чор соли мутаволиян ранғи тасҳеҳ ва муқобалаи ин мағмӯъаи шарифаро ба худ ҳамвор намудаанд, шоистаи тайдир ва эҳтиром мебошад”.

Бо саъйу кӯшиши мавлоно Хаста чоп шудани куллиётро аз қайду шарҳи ҳавошии баъзе сафаҳоти худи куллиёт низ пай бурдан мумкин аст. Чунончи дар поварақи саҳифаи 101 “Руқаъот” дар мавриди номае, ки “Ба Хусайқулохон Баҳодур” унвон дорад, ғумлаи зайлро хондан мумкин аст: “Хаста дар олами татаббуъ аз ихлосмандону шогирдони Бедил касеро ба номи Хусайчулихон суро надорад, магар Ҳусайалихон Баҳодур, ки бародари Абдуллоҳхони қутбулмулк аз содоти Борҳа ва вазири аъзами Фаррухсияр буд”.

Дар ҳошияи саҳ. 215 бахши қасоиду қитъаот дар хусуси яке аз муъаммоҳои Бедил ин ғумларо мехонем: “Аз ин муъаммо фақир Хаста исми Алӣ” “истихроғ намудаам, бад-ин тарӣ”.

Ва ниҳоят, омодагӣ ба нашри Куллиёти Бедил дар Кобул ва бар ӯҳдаи Холмуҳаммади Хаста гузошта шудани ин кор дар адабиёти илмӣ низ акс ёфтааст (Ниг.: ба мағаллаи “Китоб”, Кобул, 1363 шумораи махсу доир ба хаста).

Чунон ки гуфтем, нашри кобулии Куллиёти Бедил аз чор ғилд иборат мебошад. Ғилди аввал дебочаи Куллиёт (дар асл муқаддимаи девон аст - Б.Р.) ва бахши азалиётро дарбар дорад. Ғилди дуввум аз таркиббанду тарғеъбанд, қасидаву қитъа, рубоиву мухаммас ва маснавиҳои кӯчаки “Танбеҳулмуҳаввисин”, “Сифати асп”, “Сифати фил”, “Сифати шамшер” ва “Сифати даҳону гуфтори маъшуӣ” иборат аст. Ғилди саввум ҳовии маснавиҳои “Ирфон”, “Муҳити аъзам”, “Тилисми ҳайрат” ва “Тури маърифат” аст. Ва ниҳоят, ғилди чорум фарогири асарҳои насрии шоир “Чорунсур”, “Руқаот” ва “Никот” мебошад.

Дар таҳияи ғилди аввал аз азали якум то азали “Ёрон ба ранги рафта ду рӯзам масал кунед” девони нашри кобулии соли 1916 асоси кор қарор гирифта, азалҳои баъдина аз рӯи

нашри Сафдарии Куллиёт ба табъ расидаанд. Дар ғилди аввали Куллиёт бо азалҳое дучор омадан мумкин аст, ки на дар девони нашри кобулии соли 1916 мавғуданду на дар нашри Сафдарии Куллиёт. Ин азалҳоро фозили мӯҳтарам Ҳофиз Нурмуҳаммади Каҳгадоӣ аз нусаҳои хаттию чопҳои сангии девони Бедил ва баёзҳои гуногуни чаламӣ ғамъоварӣ намуда, дар ҳошияи яке аз нусаҳои нашри Сафдарӣ замима намуда буд. Холмуҳаммади Хаста ва ёронаш ин азалҳоро низ ба ғилди аввали Куллиёт дохил намуданд. Барои фарӣ кардани ин гурӯҳи азалҳо дар о ози ҳар кадоми онҳо аломати ситорача гузошта шудааст. Ҳамин гуна ашъор ва пораҳои насрии иловагиро дар ғилдҳои дуввум ва чоруми куллиёт низ дидан мумкин аст. Гирдоварандаи маводи иловагии ин ғилдҳо низ Ҳофиз Нурмуҳаммади Каҳгадоӣ мебошад.

Гуфтан лозим аст, ки баъзе аз муҳайҷиҷон ба шеърҳои иловагии ин нашри Куллиёт ба назари манфӣ нигаристаанд. Масалан, муаллифи рисолае бо номи "Калиди ирфон" (соли нашр – 1370 ш) Муҳаммад Абдулҳамиди Асир аз нашри кобулии Куллиёти Бедил ёд намуда, бо назардошти ашъори иловагии мазкур онро "Нур аз иштибоҳу тасарруф ва таҳрифоту илҳоҷот" дониста аст ва илова намудааст, ки мураттибони Куллиёт " азалҳои зиёдеро аз нусухи хаттӣ истинсох ва дар ин китоб ба номи Абулмаонӣ Бедил дарғ намудаанд, ки на аз лиҳози сабк ва на аз лиҳози муҳтаво ба осори Абдулмаонӣ мутобаҷат надоранд" (Рисолаи мазкур, саҳ. 150).

Чунон ки гуфтем, азалҳо ва дигар ашъоре, ки Ҳофиз Нурмуҳаммади Каҳгадоӣ ғамъоварӣ кардааст, дар чанде аз нусхаҳои хаттӣ ва баъзе нашрҳои сангии девони Бедил ба номи ӯ дарғ гардидаанд ва дар девонҳои шоирони дигар то кунун ба назар нарасидаанд. Аз ин рӯ, масъалаи ба Бедил тааллуӣ доштани онҳоро бе ягон далел рад намудан ё ба зери шубҳа гузоштан дуруст нест.

Йобили ҷайд аст, ки нашри кобулии Куллиёт нисбат ба нашри Сафдарии он бартариҳои зиёде дорад. Бартарии асосӣ ва назарраси ин нашр дар пуррагӣ ва мукаммалии он аст. Дар ин нашри Куллиёт миӣдори ҳам азалиёту ҳам рубоиёт ва ҳам муҷаттаоту ҳам мухаммасоти шоир хеле зиёд мебошад. Кофист бигӯем, ки дар нашри Сафдарии Куллиёт, ба истисноИ мухаммасҳои дохили "Никот" бахши алоҳидаи мухаммас умуман вуғуд надорад. Дар нашри кобулӣ бар замми мухаммасҳои "Никот" 19 мухаммаси дигар илова гардидааст. Дар бахши маснавиҳои кӯчак низ як маснавии садбайта, ки "Дар сифати асп" унвон дорад, илова шудааст. Маснавиҳои бузурги шоир "Ирфон", "Муҳити аъзам" ва "Тилисми ҳайрат" низ дар ин нашр нисбат ба нашри Сафдарӣ комилтар мебошанд. Чунончи, "Муҳити аъзам" дар ин нашр беш аз шаш ҳазор байт аст, дар ҳоле ки варианти Сафдарии он аз 2050 байт зиёд нест. "Тилисми ҳайрат" ва "Ирфон" низ яке чордаҳ байт ва дигаре 18 байт иловагӣ доранд. Бар хилофи нашри Сафдарии Куллиёт бахшҳои ғудогонаи маснавии шоир "Ирфон", "Тилисми ҳайрат" ва "Тури маърифат" дар ин нашр дорои унвон ё худ сарлавҳаҳои манзум мебошанд.

Нашри кобулии Куллиёт дар баробари бартариҳои зикргардида аз норасоӣ ва иштибоҳот низ холӣ нест. Норасоии асосии ин нашр иборат аз он аст, ки дар таҳия ва тадвини он нусхаҳои хаттии осори шоир истифода нашудаанд ва агар истифода шуда бошанд ҳам, ин кор дар муҷаддима зикр наёфтааст. Масалан, нусхаи хаттии "Муҳити аъзам", ки бо ҷалами худи Бедил китобат шудаасту дар Архиви миллии Аф онистон маҳфуз аст, умуман ном бурда нашудааст. Ба таъбири дигар гӯем, дар таҳияи матни Куллиёт корҳои тадҷиҷотӣ кам сурат гирифтаанд. Ба таври кофӣ ошно набудан ба нусхаҳои хаттии осори шоир сабаб шудааст, ки баъзе иштибоҳоти нашри Сафдарӣ дар ин ғо низ такрор шудаанд. Чунончи, муҷаддимаи девони шоир чун дар нашри Сафдарӣ ба унвони "Дебочаи Куллиёт" дарғ гардидааст. Дар сурате ки дар аксари нусхаҳои хаттии девони комил ин дебоча ҳамчун муҷаддимаи девон омадааст. Ин муҷаддимаро дар нусхаҳои хаттие дидан мумкин аст, ки онҳо пеш аз замони таълифи "Ирфон" ва "Чорунсур", яъне пеш аз тартиб ва тадвини Куллиёт, китобат шудаанд (Дар ин бора ниг. ба маҷолаи "Дебочаи куллиёт ё муҷаддимаи девон?" дар ҳамин мағмӯа).

Истифода накардан аз нусхаҳои хаттӣ боиси ноҷис ба табъ расидани баъзе асарҳо низ гардидааст. Масалан, маснавии "Тилисми ҳайрат" дар нашри Кобул нисбат ба баъзе нусхаҳои хаттии асар, аз ғумла нисбат ба нусхаи № 2559 Институти шарӣшиносӣ АИ Тоғикистон, бист байт кам аст. Маснавӣ дар нашри Кобул 3464 байт дораду дар нусхаи

хаттии мазкур 3484 байт. Аз ин бист байт даҳ байти аввал аз бахши "Сайри ҷомат" асту даҳ байти дигар аз бахши баъдинаи асар. Ноҷис будани бахшҳои мазкур аз матни худи онҳо низ маълум аст. Масалан, бахши "Сайри ҷомат" дар нашри Кобул бо ин байтҳо о оз ёфтааст:

Чӣ ҷомат? Авғи кори орзуҳо,

Ҳамон меъроғи фикри ғустуғӯҳо.

Набинад ҳеғ кас до е ки шаҳ дид,

Ба манзил буду чандин ранғи раҳ дид.

Чунон ки мебинем, ин ду байт бо ҳам иртиботи маъноӣ надоранд. Байти дуввум идомаи байти аввал нест. Дар байни ин ду байт нарасидани чизе ҳис карда мешавад.

Ҳамин гуна ноҷисиро дар баъзе саҳифаҳои "Чорунсур" низ дидан мумкин аст. Чунончи, дар саҳифаи 91 баъд аз мисраи "Хаёли дӯст мабод шавад уборолуд" ин ғумлаҳо аз матн берун мондаанд: "Бе такаллуф, дилҳои ин ҷавм аз роиҳаи ҳубби аҳли байт минои гулобе дар ба ал дошт, агар шайтон дар он зарф намешошид (ва) бисоти эътиҷодашон райҳонзоре ба арз оварда буд, агар таассуб дар ин ғо намерид. Биноии ин бебасиратон мояи залолату кӯрист ва чаро и ин сиёҳдарунон далели тирагиву бенурӣ".

Ҳамчунин дар саҳифаи 205 пас аз ғамлаи "Интисоби ҳаёву имон бо айли таҳҷиҷрачам нисбати ибороту мазомин аст бо ҷалам" ин ғумлаҳо аз матн берун мондаанд. "Асрори ҷалам аз руҷум дар кисвати бепардагиву урёнист ва зуҳури руҷум иғтимои кайфиёти моддаи алфозу маонӣ. Пас ҳаё бар айл далелест равшантар аз об ва имон ҳамчунон аз айл мубарҳан чун сурати мазмун аз китоб" (Ниг.: Куллиёти Бедил, нашри Лакҳнав, саҳ. 365, 465, нашри Сафдарӣ, саҳ. 38, 71).

Нуйсони дигаре, ки дар ин нашри Куллиёт ба назар мерасад, ба он ворид гардидани чанд шеъри бегона аст. Масалан, дар саҳифаҳои 180, 336 ғилди дуввум ба ду адад рубоие дучор меоем, ки дар асл моли Бедил нестанд. Ин рубоиҳо аз "Чорунсур"-и шоир гирифта шудаанд ва шеъри Бедил набуданашон дар он асар таъйид гардидааст. Рубоии аввал, ки ба ҷалами устоди Бедил. Шоҳҷосими Ҳуваллоҳӣ тааллуӣ дорад, ин аст:

Дар кӯи дилором гузар бояд кард,

Феъли бади хешро бадар бояд кард.

Оинаи шавӣ босафо бояд дошт,

Дар вай рухи ёрро назар бояд кард.

(Ниг.: Куллиёти Бедил, ғилди 4, Кобул, 1344. с. 71).

Рубоии дуввум, бино бар гуфтаи худи Бедил, моли шоире аз шоирони ҷадим аст. Онро низ дар ин ғо дарғ менамоем:

Дидем ниҳони гетиву асли ғаҳон,

В-аз иллату осор гузаштем осон.

Он нури сияҳ зи нуйтае бартар дон,

З-он низ гузаштем, на ин монду на он.

(Ҳамон ғо саҳ. 275).

Дар саҳифаи 216 ғилди дуввум бо як рубоии шубҳаноки дигар низ дучор шудан мумкин аст. Инак онро низ дар ин ғо найл менамоем:

Оина ба ҳусни дилкушои ту расад, Эй ғони нигоҳ,

Ҳам шона ба зулфи мушксои ту расад, Моро чӣ гуноҳ?

Мо хок шавему сурма манзур афтад, До ем зи рашк,

Дил хун шаваду ҳино ба пои ту расад, Субҳоналлоҳ.

Муаллифи тазкираи "Натоиғулафкор" (Бамбай, 1336 шамсӣ, саҳ. 196) ҷудратуллоҳи Гупомӯӣ рубоии мазкурро ба Муҳташамалихони Ҳашмат (вафоташ 1750) ном шоир нисбат додааст.

Ин рубоӣ аз ғумлаи шеърҳоест, ки дар нашри Сафдарии Куллиёт вуғуд надоранд ва онҳоро фозили номбурда Ҳофиз Нурмуҳаммади Каҳгадоӣ аз нусхаҳои хаттӣ ғамъоварӣ намудааст. Аз ин рӯ, аз эҳтимол дур нест, ки навиштаи муаллифи "Натоиғулафкор" ба ҳаҷиҷат наздик бошад.

Мураттиби Куллиёт аз асарҳои насрии шоир ба ғилди дуввум рубоиётеро низ дохил кардааст, ки дар алоҳидагӣ мазмун ва маънои тамомшударо ифода намекунанд. Ин гуна рубоиҳо танҳо дар ғои аслии худ, яъне дар дохили асарҳои насрӣ ин ё он фикрро ба пуррагӣ

инъикос менамоянд. Масалан, дар саҳифаи 250 ғилди дуввум рубоии зеринро хондан мумкин аст:

Аз бому дараш вусъати машраб гулғӯш,

Бо файзи саҳар убори ӯ дӯш ба дӯш.

Чун ҳалчаи зулфи ёр хуршедшикор,

Чун хонаи оина тағаллио ӯш.

Ин рубоӣ низ аз "Чорунсур" наӣл шудааст. Дар "Чорунсур" пеш аз сабти рубоӣ таърифи як хона омадааст ва рубоъӣ идомаи ҳамон таъриф аст (Ниг.: ба ғилди чоруми куллиёт, Чорунсур, саҳ. 123).

Ҳамин гуна ҳодисаро дар ғилди аввали Куллиёт низ дидан мумкин аст. Масалан, дар саҳифаи 645 ин ғилд азале мавғуд аст, ки бо матлаи зайл о оз меёбад:

Магӯ, ин нусха таври маънии якдаст кам дорад,

Ту хориғна маӣ, сози сухан сад зеру бам дорад.

Маънии ин азал низ дар танҳоӣ дуруст ошкор намегардад. Дар ин ғо фаҳмида намешавад, ки дар ин азал дар хусуси кадом нусха сухан меравад. Ин азал низ ваӣте маънои худро пурра зоҳир менамояд, ки дар ғои аслии худ хонда шавад. Ғои аслии ин азал муҷаддимаи девон аст. Яъне ғузъе аз муҷаддимаи девон маҳбуб мешавад ва мурод аз "ин нусха" нусхаи девон мебошад.

Дар нашри кобулии Куллиёт ба чанде аз асарҳои чи хурд ва чи бузурги шоир унвонҳои алат дода шудааст. Чунончи, маснавии "Тури маърифат" бо ду ном – "Тури маърифат" ва "Гулгашти ҳаҷиҷат" дарғ гардидааст. Дар сурате ки ин асар як ном дорад ва ин ном "Тури маърифат" аст (Дар ин бора ниг. Ба маҷолаи "Чанд мулоҳаза дар бораи "Тури маърифат"-и Бедил" дар ҳамин мағмӯа). Ин гуна унвонгузории алат дар мавриди маснавии "Танбеҳулмуҳаввисин" низ рух додааст. Ин маснавӣ дар ин нашри Куллиёт бо номи "Кимиё" омадааст, ки саҳеҳ нест. Ин асар чи дар нусхаҳои хаттии осори Бедил ва чи дар манбаъҳои адабии наздик ба замони ӯ бо номи "Танбеҳулмуҳаввисин" ёд шудааст.

Дар байни муҷаттаоти Бедил ҷитъаи таърихе мавғуд аст, ки ба муносибати бар тахти салтанат нишастани Муъизиддин Ғаҳондоршоҳ ном подшоҳи ваӣти Ҳиндустон гуфта шудааст. Ҳамин ҷитъа дар ғилди дуввуми Куллиёт (Ҷитъаҳо саҳ. 157) бо унвони алат, яъне "Таърихи ғулуси Фаррухсияр" дарғ гардидааст. Дар ҳоле ки ба Ғаҳондоршоҳ дахл доштани он аз мазмунаш ба хубӣ равшан аст:

Те и ғаҳондори замон рӯзе ки шуд барҷофарин,

Иӣболи ҷайсар даст шуст аз Зуҳра то Хоҷони Чин.

Ороиши кавну макон, фармонавои инсу ғон,

Нури замину осмон, яъне муъизи мулку дин.

Адлаш сипеҳри маъдалат, ғудаш муҳити макрамат,

Зоташ баҷои мамлакат, номаш ғаҳонбахши нигин.

Сабаби унвони алат гирифтани ин ҷитъа он аст, ки ҳам Ғаҳандоршоҳ ва ҳам Фарухсияр дар як сол – соли 1124 ҳиғрӣ подшоҳ шуданд. Ғаҳондоршоҳ дар ибтидои солу Фарухсияр дар охири сол.

Дар саҳифаи 434 ғилди дуввуми Куллиёт ҷитъаи таърихе мавғуд аст, ки аз моддаи таърихи он санаи 1130 берун меояд. Ин ҷитъа дар асл таърихи вафоти яке аз дӯстон ва ҳомиёни Бедил Иноятуллоҳи Шокирхон аст. Вале бо чӣ сабаб бошад, ки ба ин ҷитъа "Таърихи вафоти Шокирхони сонӣ" унвон дода шудааст. Дар ҳоле ки аз дӯстон ва иродатмандони Бедил шахсе бо номи Шокирхони сонӣ вуғуд надорад.

Дар нашри кобулии Куллиёт аз моддаҳои таърихи баъзе ҷитъаҳо санаҳои алат истихроғ шудааст. Масалан, аз моддаи таърихи таълифи маснавии "Ирфон" – "Ҳадяи зулғалол валикром" ба ғои адади 1124 адади 1122 баровадра шудааст. Дар ин ғо ду алифи ҳарду алифлом ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Нуӣсони дигаре, ки дар нашри кобулии Куллиёт тез-тез ба назар мерасад, такроран чоп шудани иддае аз азалиёт ва рубоиёти шоир аст. Даҳҳо азалро метавон зикр кард, ки ҳам дар ғилди аввал омадаанду ҳам дар ғилди дуввум. азалҳои "Эй баҳористони иӣбол, эй чамансимо, биё", "Омадам, то сад чаман дар ғилва нозон бинамат", "Ғинси мавҳумам дукони обрӯе чидааст", "Эй ҳузури маӣдамат дар зиндагӣ бурҳони ман", "Агар хуршеди

гардунам в-агар гарди сари роҳам", "Машшотаи шӯхе ки ба дастат дили мо баст" ва  айра аз ҳамин ҷобиланд.

Ҳодисаи такрор ба такрор омадани шеърҳо дар бахши рубоиёт аз ҳама бештар аст. Дар ин ғо ба рубоиҳое дучор омадан мумкин аст, ки дуборию себорӣ ва ҳатто чорборӣ такроран чоп шудаанд. Масалан, рубоии "Гар хасм ба анбӯҳии лашкар шод аст", -ро дар саҳифаҳои 110, 385 ва 411 ғилди дуввум дидан мумкин аст.

Ва ниҳоят, хатои ғиддӣ ва нобахшидание, ки дар нашри кобулии Куллиёт содир шудааст, дахолати беғои мураттиб ба бузургтарин асари насрии шоир "Чорунсур" аст. Мураттиб, зоҳиран, ба мақсади кӯмак ба хонанда, ба бахшҳои ғудогонаи "Чорунсур" унвонҳои иловагӣ дохил кардааст, ки ин кор хилофи ҷоида ва ҷонунҳои нашри осори гузаштагон мебошад. Азбаски унвонҳои иловагӣ бо ягон аломат ва ё таъкиде ишора карда нашудаанд, хонандаи бо нусхаҳои дигар ошно набуда фаҳмида наметавонад, ки ин унвонҳо ба ҷалами кӣ таъаллуӣ доранд – ба ҷалами муаллиф ё мураттиб? Унвонҳои мазкур на танҳо ба хонанда кӯмак намерасонанд, балки ӯро ба иштибоҳот мувоғеҳ месозанд. Яке аз унвонҳои фаръие, ки мураттиб ба бахше аз "Чорунсур" додааст, ин аст: "Расидани Мирзо Зариф ва Бедил дар балдаи Ганг ба сӯҳбати орифе". Дар ин унвон таъбири "балдаи Ганг"  алат аст. Мураттиб мебоист "балдаи Катак" менавишт. Зеро мақсади муаллиф шарҳи Катак аст, ки пойтахти вилояти Орисса буд. Ба маркази вилояти Орисса будани ин шаҳр худи Бедил низ ишора кардааст. Ӯ навиштааст: "Пас аз муддате чун ба балдаи Катак, ки пойтахти маҳоли (вилояти Б-Р) Урисса аст, иттифоҷи убур афтод". . .

Дар саҳифаи 106 "Чорунсур" ин унвонро хондан мумкин аст: "Арзи Мирзо Абдуссалом ба ҳазрати шоҳ ба  арази тарбияти Бедил ва ғавоби ҳазрати шоҳ". Мурод аз "ҳазрати шоҳ" Шоҳҷосими Ҳуваллоҳист. Вале дар ин ғо сухан дар бораи ӯ нарафтааст. Ин ғо сухан дар бораи шахси дигар аст. Ин шахс орифест ки Бедил ва та ояш Мирзо Зариф баъд аз бори дуввум ворид шудан ба шаҳри Катак бо ӯ ошно шуда буданд. Бедил номи аслии ин шахсро зикр накарда, бо таъбирҳои "дарвеше аз мансубони ҳазрати шоҳ", "он ҳазрат" ва  айра аз ӯ ёд кардааст. Дар бахшҳои "Чорунсур" ки зери унвонҳои "Арзи Мирзо Зариф аз атвори Бедил ба ҳазрати шоҳ" ва "Ғавоби ҳазрати шоҳ" омадаанд, низ сухан дар хусуси ҳамон марди ориф аст, на дар бораи ҳазрати шоҳ, яъне Шоҳҷосим.

Вале, бо вуғуди ин норасоиҳо, нашри кобулии Куллиёти Бедил комилтарин ва гуфтан мумкин аст, ки саҳеҳтарин нусхаи чопии осори Бедил мебошад. Тамоми нашрҳои баъдинаи чи девон ва чи Куллиёти шоир аз рӯи ҳамин нашр сурат гирифтаанд.

Бино бар ҷавли мусаҳҳеҳони нашри теҳронии Куллиёти Бедил Акбари Беҳдорванд ва Парвиз Аббосии Доконӣ, мунтахабе аз Куллиёти Бедил дар Покистон низ ба нашр расидааст. Агар мунтахаби Покистонро нашри ҳафтуми Куллиёти Бедил ба шумор оварем, пас нашри ҳаштуми он нашри зикршудаи Теҳрон хоҳад буд, ки алҳол се ғилди он ба табъ расидааст (Ниг.: Куллиёти мавлоно Абулмаонӣ Абдулҷодир Бедили Деҳлавӣ. Ғилдҳои 1, 2, 3, Теҳрон, 1376 шамсӣ). Мусаҳҳеҳони матн ва муаллифони пешгуфтору муҷаддимаи ин нашр, чунон ки гуфтем. Акбари Беҳдорванд ва Парвиз Аббосии Доконӣ ном шахсон мебошанд.

Ғилди аввали Куллиёт дебочаи куллиёт, ҷасоид, таркиббанду тарғеъбанд, мухаммасоту ҷитъаот, муаммо ва бахше аз  азалиёт; ғилди дуввум идомаи  азалиёт,  азалҳои тозаёб ва муфрадот; ғилди саввум маснавиҳои "Ирфон" "Тилисми ҳайрат", "Тури маърифат", "Муҳити аъзам" ва чанд маснавии кӯчаки шоирро дарбар кардаанд. Дар сурати идома ёфтани нашри куллиёт, ғилди чорум аз рубоиёт ва ғилди панғум аз осори насрии шоир "Чорунсур", "Руҷаот" ва "Никот" иборат хоҳанд шуд.

Бино бар гуфтаи Акбари Беҳдорванд, манбаъҳое ки асоси ин мағмӯа ҷарор гирифтаанд, аз нашрҳою нусхаҳои хаттии зайл иборат мебошанд: 1. Куллиёти Аф онистон, 2. Куллиёти Бамбай, 3. Девони хаттии Малик, 4. Нусхаи хаттии Деҳлӣ, 5. Мунтахаби Покистон. 6. Мунтахаби Тоғикистон.

Мурод аз "Куллиёти Аф онистон" нашри чорғилдаи Кобул аст, ки дар борааш таваҷҷуф намудем. "Куллиёти Бамбай" нашри маъруфи Саафдарии соли 1299 ҳиғрист, ки дар хусуси он низ маълумот дода шуд. Аммо аз ибораҳои "Девони хаттии Малик", "Нусхаи хаттии Деҳлӣ", "Мунтахаби Покистон" ва "Мунтахаби Тоғикистон" чизи муайяне фаҳмидан душвор аст.

Аз таъбири “Девони хаттии Малик” ин ҷадар фаҳмидан мумкин аст, ки ин нусха дар Китобхонаи Малики Эрон маҳфуз мебошад. Агар ин нусха воӣеан вуғуд дошта бошад, зери кадом раҷам нигоҳ дошта мешавад? Оё он таърихи китобат дорад ё надорад? Агар таърихи китобат дошта бошад, он таърих кадом асару кадом солу кадом моҳ аст?

Ибораи “Нусхаи хаттии Деҳлӣ” чӣ маънӣ дорад? Оё дар тамоми Деҳлӣ аз осори Бедил ҳамагӣ як нусхаи хаттӣ мавғуд аст?

“Мунтахаби Покистон” кадом мунтахаб аст? Ин мунтахаб кай ва дар кадом шаҳр чоп шудааст? Кадоме аз асарҳои шоирро дар бар мегирад?

Маҷсад аз “Мунтахаби Тоғикистон” кадом нашр аст? Нашри чорғилдаи  азалиёт? Ё мунтахабе ки устод Садриддин Айнӣ ба табъ расонидааст? Ё нашри якғилдаи маснавиҳои шоир, ки дар соли 1993 ба миён омадааст?

Нигоҳи кӯтаҳе ба се ғилди нашри эронии Куллиёти Бедил нишон медиҳад, ки онҳо аз рӯи ғилдҳои якуму саввум ва бахше аз ғилди дуввуми нашри Кобул ба табъ раидаанд. Дар таҳияи онҳо ҳеғ гуна нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои дигари осори Бедил истифода нашудаанд. Ба ҳайси манбаъҳои асосӣ номбар шудани нусхаҳои хаттию нашрҳои зикршуда дурӯ и маҳз аст. Фарҷи нашри Теҳрон аз ғилдҳои мазкури нашри Кобул дар он аст, ки тартиби ғойгиршавии асарҳо дар ин ғо дигар асту дар нашри Кобул дигар. Нашри Кобул бо  азалиёт о оз ёфтаасту нашри Теҳрон бо ҷасоиду муҷаттаоту мухаммасҳо.

Тафовути дигар ин аст, ки дар нашри Теҳрон ҷасидаву ҷитъа ва мухаммасҳо бо тартиби алифбо дарғ гардидаанд. Дар нашри Кобул дар ин навъҳои шеърӣ тартиби алифбо риоя нашудааст.

Ҳамчунин ҷитъаҳои матлаъдори Бедил, ки бо хусусиятҳои шаклиашон ба  азал шабоҳати бештар доранд, дар нашри Теҳрон дар бахши  азалиёт омадаанд. Дар нашри Теҳрон мухаммассҳои дохили “Никот” низ дар бахши мухаммасҳои девон ғой дода шудаанд.

Ва ниҳоят, маснавиҳои кӯчаки “Сифати даҳон”, “Фараснома”, “Сифати шамшер”, “Кимиё” ва “Фил”, ки дар нашри Кобул дар ғилди дуввум ғой гирифтаанд, дар нашри Теҳрон дар охири ғилди саввум дарғ гардидаанд.

Такрори нашри Кобул будани нашри Теҳронро бо ин далел ҳам метавон исбот намуд, ки тамоми иштибоҳоти дар ғилдҳои якуму саввум ва бахши ҷасоиду ҷитъаоти ғилди дуввуми нашри Кобул рухдода дар нашри Теҳрон такрор шудаанд.

Яке аз иштибоҳоти нашри Кобул, чунон ки гуфтем, такроран чоп шудани баъзе  азалҳои шоир мебошад. Такрори ин ҳодисаро дар нашри Теҳрон низ мушоҳада кардан мумкин аст.

Дар ғилди дуввуми нашри Кобул аз моддаи таърихи “навиди  айб” (саҳ. 135) ба ғои адади 1082 адади 1072, аз моддаи таърихи “маротиби таъйиди эзидӣ” (саҳ. 136) ба ғои адади 1100 адади 1090, аз иборахои “ азве ағиб” ва “фатҳе шигарф” (саҳ. 133) ба ғои адади 1098 адади 1088, аз таъбири “Одинаи аввали шаби шаҳри рағаб” (саҳ. 169) ба ғои адади 1120 адади 1119, аз мисраи “Зи бетаайюнии зот рафт ном – сифат” (саҳ. 133) ба ғои адади 1083 адади 1093 бароварда шудааст. Ҳамин иштибоҳот дар ғилди аввали нашри Теҳрон низ айнан такрор шудаанд.

Дар нашри Кобул унвони даври ҳаштуми маснавии “Ирфон” аз чоп афтидааст. Дурусттараш, унвони даври мазкур аз нусхаҳои хаттӣ барҷарор карда нашудааст. Даври ҳафтуми маснавӣ бо байти

Нарасад гар муроди мо ба ҳусул,<br>
Нест кам сайри олами мағҳул.

поён ёфтааст ва бе ҳеғ гуна ишора байти аввали даври ҳаштум омадааст, ки ин аст:

Со ари дигар аз хуми найранг<br>
Шишаи ҳуш кард ваӣфи таранг.

Дар байни ин ду байт мебоист унвони даври ҳаштум меомад. Ё худ дар байни ду даври мазкури асар аломате гузошта мешуд.

Ҳамчунин дар нашри Кобул унвони даври ҳафтуми маснавии мазкур дар шакли:

Сунъи сонеъ агар аз фаҳм расост,<br>
Одамӣ ғавҳари асрори  аност.

омадааст, ки саҳеҳ намебошад. Дар ин унвон ба ғои таъбири “сунъи сонеъ” ибораи “сунъи собеъ” бояд бошад, ки ба маънои даври ҳафтум аст.

Ҳарду ишибоҳи мазкурро дар нашри Теҳрон низ дида метавонем.

Дар нашри Кобул аз "Сайри ҷомат" ном бахши маснавии "Тилисми ҳайрат" пас аз байти:

Чӣ ҷомат? Авғи кори орзуҳо,

Ҳамон мероғи фикри ғустуғӯҳо.

бист байти маснавӣ аз нашр афтодааст ва ин ноҷисӣ низ дар нашри Теҳрон такрор шудааст.

Гуфтан лозим аст, ки бист байти мазкур дар нашри Сафдарии Куллиёт низ ба назар намерасанд. Онҳоро дар баъзе нусхаҳои хаттӣ, масалан, нусхаи № 2559 Институти шарӣшиносии АИ Тоғикистон ва нашри дар Душанбе ба миён омадаи маснавӣ дидан мумкин аст.

Дар нашри Кобул унвонҳои чанд бахши маснавии "Тури маърифат" низ аз чоп афтидаанд. Масалан, унвони "Ишорат" дар саҳ. 16, унвони "Сифати маъдан" дар саҳ. 20 ва  айра. Бо ин унвонҳо дар нашри Теҳрон низ дучор шуда наметавонем.

Мураттибони нашри Теҳрон ба такрори иштибоҳоти нашри Кобул маҳдуд нашуда, чандин иштибоҳот ва ноҷисиҳои дигарро аз худ илова намудаанд. Ҷисме аз ин иштибоҳот дар асари бедиӣҷатӣ ва шитобкории мусаҳҳеҳон рух дода бошанд, ҷисми дигар бо сабаби аз мавзӯъ огоҳ набудани онҳо ба миён омадаанд.

Аввалин норасоие, ки дар ғилди аввали Куллиёт ба назар мерасад, ин аст, ки аксари куллии муаммоҳои шоир аз ғилд берун мондаанд. Дар бахши "Муаммо"-и ғилди аввал пас аз дарғ гардидани ҳамагӣ як муаммо идомаи бахши ҷитъаҳо омадааст. Яъне аз 40 байт муаммои шоир танҳо унвон ва як муаммо чоп шудаасту халос. Муаммоҳои дигар, чунонки гуфтем, умуман чоп нашудаанд.

Дар бахши ҷасоиди ғилди дуввуми нашри Кобул як ҷасида бо номи "Дар мадҳи Муҳаммад Аъзамшоҳ" ва як ҷасидаи дигар бо номи "Дар мадҳи шоҳ ва таърихи таваллуди шаҳзода" мавғуд аст. Ҷасидаи аввал, чунон ки аз мазмуни он бармеояд, дар таърифи шаҳзода Муҳаммад Аъзамшоҳ (1646-1707) гуфта шудааст. Ҷасида бо байтҳои зерин о  оз меёбад:

Ҳаббазо, хуршеди ҷудратманзари авғи яҷин,

Ҳукмфармои салотин, муттакои оламин.

Соҳиби илму худованди ғаҳон, мухтори даҳр,

Волии давлат, паноҳи миллату ийболи дин.

Вориси соҳибҷирон, султон Муҳаммад Аъзам он,

К-аз гули мадҳаш забон дорад чаман дар остин.

Ҷасидаи дуввум, зоҳиран, дар мадҳи Аврангзеб ва таърихи таваллуди писари хурдии ӯ Муҳаммад Комбахш (вафоташ – 1120 -1708) гуфта шудааст. Вале мусаҳҳеҳони нашри Теҳрон ду ҷасидаи мазкур ва ҷасидаи дар таърихи ғулуси Муизуддин Ғаҳондоршоҳ гуфташударо бо номҳои якхелаи "Дар ситоиши Хони даврон ба табъ расонидаанд. Дар сурате ки ба кадом ашхос дахл доштани се ҷасидаи зикршуда аз мазмунҳои худи онҳо маълум аст ва ин ҷасидаҳо дар нашри Кобул, ки асоси нашри Теҳрон мебошад, бо унвонҳои муайян дарғ гардидаанд, мураттибони нашри теҳронии Куллиёти Бедил бо кадом асосу далел ба онҳо номҳои дигар додаанд? Оё дар ягон нусхаи хаттии осори шоир ин ҷасидаҳоро бо номи умумии мазкур дучор омадан мумкин аст? Не, ин ҷасидаҳоро дар ягон нусхаи хаттӣ бо номи умумии "Дар ситоиши Хонидаврон" намебинем. Ин номи умумиро худи мусаҳҳеҳон "эғод" намудаанд. Онҳо ба чӣ мақсад ба ин кори зишт даст задаанд?  олибан, ба мақсади пинҳон доштани дурӯ  и хеш, дурӯ  е, ки гӯё, дар нашри теҳронии Куллиёти шоир илова бар нашри Кобул нусхаҳои дигар низ истифода шудаанд.

Зоҳиран, ба ҳамин мақсад аст, ки мураттибон дар бахши ҷитъаҳои таърих санаҳои аз ин ҷитъаҳо истихроғшударо нодида гирифтаанд. Яъне ҷитъаҳоро аз рӯи нашри Кобул овардаанду ададҳои аз моддаҳои таърихи онҳо беруномадаро аз назар соҷит кардаанд. Мураттибон кӯшиш намудаанд, ки нашри онҳо аз нашри Кобул, ҳеғ набошад, зоҳиран тафовут дошта бошад.

Мутаассифона, ҳодисаи нохуши таҳриф ва та  йири худсарона дар матни баъзе асарҳо низ ба назар мерасад. Чунончи, Бедил дар банди ёздаҳуми таркиббанди хеш ғое ки аз адолату ҳаҷиҷатхоҳӣ ва дигар фазилатҳои халифаи дуввум ҳазрати Умар (р) ҳарф мезанад, душманон ва бадхоҳони ӯ – рофизиёнро накӯҳиш ва сарзаниш менамояд. Ӯ менависад:

Зи дил барор убори хаёли кинаи ӯ,
Мабош ҳамҷадами рафзии лаин ҳаргиз.
Фассонаҳои равофиз фусуни гумроҳист,
Масоз маркази хатти яҷин ғуз ин ҳаргиз,
Ки ӯ имоми дувум буду сарвари асҳоб,
Мутеи эзиду ҳомии дини пай амбар.

Танҷид ва мазаммати рофизиён ба мураттибон хуш наёмадааст, ки онҳо ба ғои иборои "рафзии лаин" таъбири "нафси беяҷин" ва ба ғои калимаи "равофиз" калимаи "таассуб"-ро гузошта, ду байти аввали порчаи мазкурро дар ин шакл "тасҳеҳ" намудаанд:

Зи дил барор убори хаёли кинаи ӯ,
Мабош ҳамҷадами нафси беяҷин ҳаргиз.
Фасонаҳои таассуб фусуни гумроҳист,
Масоз маркази хатти яҷин ғуз ин ҳаргиз, . . .

Дар ин ғо дар хусуси бемаънӣ ва беғо будани иборои "нафси беяҷин" чизе намегӯем. Инро худи хонанда ба осонӣ пай хоҳад бурд. Дар ин ғо ба мураттибони беинсоф ин ҳаҷиҷатро гӯшрас менамоем, ки таҳрифи аразнок ва бомақсади осори гузаштагон ғиноят аст. Шахсе ки худро муҳайҷиӣ мешумораду нисбат ба муаллифони пешин ҳисси эҳтиром дорад, ба ин гуна амали ношоям даст намезанад.

Бедил ҷитъае дорад, ки дар нашрҳои Сафдарӣ ва кобулии Куллиёти ӯ дар ин шакл омадааст:

Ҳар кӣ дар иститоати ҷудрат
Кунад имдоди ҳоли дарвешон,
Фазли Яздон камолаш афзояд
Ба давоми дуои дарвешон.

Чунон ки мебинем, ин ҷитъа аз нигоҳи ҷофия нуйсон дорад. Мисраҳои дуввум ва чоруми он ҳамҷофия нестанд. Мураттибони нашрҳои Сафдарӣ ва кобулӣ чун ба вариантҳои дигари ин ҷитъа дучор наёмадаанд, ночор онро дар шакли аз ғиҳати ҷофия ноҷис чоп кардаанд. Вале мураттибони нашри Теҳрон ҷитъаи мазкурро ба таври худ таҳриру тасҳеҳ намуда, мисраи чоруми онро дар шакли "Ба давоми камоли дарвешон" додаанд. Яке аз мураттибон Акбари Беҳдорванд дар пешгуфтори хеш навиштааст, ки ин тасҳеҳ "бо руғӯъ ба дигар нусхаҳо" сурат гирифт. Вале ӯ дурӯ мегӯяд. Ин гуна варианти содалавҳонаи бемантиӣ дар ягон нусха набояд бошад. Ба варианти тасҳеҳкардаи мусаҳҳеҳон мулоҳаза намоед:

Ҳар кӣ дар иститоати ҷудрат
Кунад имдоди ҳоли дарвешон,
Фазли яздон камолаш афзояд
Ба давоми камоли дарвешон.

Хонандагони гиромӣ дийҷат диҳанд ба маъною мантиҷи байти дуввум: бо мадади камоли дарвешон афзун шудани камоли ҷудратмандон. Яъне соҳибҷудрате агар ба дарвешон имдод намояд, камол ё худ ийтидораш ба воситаи камоли дарвешон бештар мешавад.

Дарвеши бечора агар ҷудрате медошт, ки он ҷудрат камоли ҷудратмандонро афзун менамуд, ӯро ба имдоди ҷудратмандон эҳтиёғ набуд. Аз дарвеши бечора ба ғуз дуо чизи дигаре чашм доштан нашояд. Аз ин нигоҳ, мисраи чоруми ҷитъа дар ҳамон шакли аввалааш саҳеҳтару табиитар ба назар мерасад, таҳрир ва тасҳеҳи он ноғо ва нодуруст аст.

Бо ин ҳама мо гуфтанӣ нестем, ки ин ё он мусаҳҳеҳ ҳуҷуҷи доир ба ин ё он асар изҳори аҷида карданро надорад. Не, ҳуҷуӣ дорад. Вале ин ҳуҷуӣ бояд берун аз матн, дар ҳошияи асар пиёда гардад.

Дар ин ғо суоле ба миён меояд, ки агар тасҳеҳи пешниҳод кардаи мусаҳҳеҳон алат бошад, пас варианти тахминан дурусти он кадом аст? Дар ин маврид, ба фикри мо, мисраи дуввумро та йир бояд дод. Яъне ба ғои "ҳоли дарвешон" "ройи дарвешон" бояд навишт. Дар ин сурат ба маъно ва мантиҷи шеър халал ворид намегардад. Ба ин маънӣ, ки агар ҷудратманде тибҷи хоҳиш ва ризоияти дарвешон амал намояд, дарвешон дуъои давлати ӯро хоҳанд кард ва аз ин дуо камолу ийтидори ӯ бештар хоҳад шуд.

Дар ғилди дуввуми нашри Теҳрон ба иддае аз азалиёти шоир " азалҳои тозаёб" унвон дода шудааст. Бо дидани ин унвон хонанда гумон мекунад, ки дар ин бахш бо азалҳое дучор

хоҳад омад, ки дар нашрҳои пешин, аз ғумла дар нашрҳои Сафдарӣ ва Кобул, дида намешаванд. Вале бо хондани худи азалҳо гумони мазкур аз байн меравад. Зеро аксари “ азалҳои тозаёб” дар нашри Кобул мавғуданд. Ҷисме аз онҳоро дар ғилди якум, ҷисми дигарро дар бахши муҷаттаоти ғилди дуввум ва ҷисми саввумро дар охири ғилди чорум пайдо намудан мумкин аст.

Азбаски нашри Теҳрон такрори айнии нашри Кобул аст, ҷисме аз “ азалҳои тозаёб”-ро дар бахши азалиёти ғилдҳои 1-2 Теҳрон низ мебинем. Масалан, азалҳои “Гаҳ аз мӯи миён шӯҳрат диҳад нозукхаёлиро”, “Умрест ҳарзатозии ашки равони мо”, “Дар до и дил ниҳон буд аз рафтагон нишонҳо”, “Зи ростӣ мадади ҳоли гӯшагириҳост”, “Зи даҳр найди ту ғуз печутоб душвор аст”, “Ҳиммат чӣ барфарозад аз шарми фаҷри мо даст”? “Субҳаи ман ноларо бо уйди дил пайвастан аст”, “Баҳор оинаи ранге ки бошад сарфи оинат”, “Сафои об ба ёди убори роҳи касест” ва айраро ҳам дар бахши азалиёти ғилди аввал мебинему ҳам дар бахши “ азалҳои тозаёб”-и ғилди дуввум. Тафовут дар ин аст, ки миӣдори байтҳои баъзеи азалҳо дар ғилди дуввум нисбат ба ғилди аввал камтар аст. Чунончи, азали “Ҳиммат чӣ барфарозад аз шарми фаҷри мо даст?” дар ғилди аввал 16 байт асту дар бахши “ азалҳои тозаёб”-и ғилди дуввум 7 байт. Ё худ, азали “Биё, эй ғоми минои тараб найши кафи поят” дар ғилди аввал 11 байт асту дар бахши “ азалҳои тозаёб” 10 байт. азали “Вой, пайванди сухансанғон намонд” дар ғилди дуввуми нашри Кобул 5 байт дораду дар ғилди дуввуми нашри Теҳрон 4 байт.

Ҳамчунин дар бахши “ азалҳои тозаёб”-и ғилди дуввум баъзеи байтҳо дар шаклҳои алат дарғ гардидаанд. Масалан, аз байти:

Гаҳ аз мӯи миён шӯҳрат диҳад нозукхаёлиро,

Гаҳе аз чини абру сахта хонад байти олиро.

калимаи “гаҳе” дар ғилди дуввум дар шакли “гуҳар” чоп шудааст.

Дар байти:

Наёбӣ айри ашк аз пардаҳои чашми мо, Бедил,

Ҳарири мо ба дил дорад ҳавои баршаголиро.

ба ғои калимаҳои “наёбӣ” ва “баршаголӣ” калимаҳои “наболад” ва “бесиголӣ” ва ба ғои таъбири “ҳарири мо” ибораи “чу дил бар мо” чоп шудааст.

Дар мисраи “Ниҷоб аз оҳи ман бардору чоки дил тамошо кун” ба ғои “оҳ ман” “они ман” дарғ гардидааст.

Дар мисраи “Зи даҳр найди ту ғуз печутоб душвор аст” ба ғои “зи даҳр найди ту” “раҳе ба ҷадди ту” омадааст.

Дар мисраи “Расид ҷосиду аз бехудӣ паёмам кард” ба ғои “расид” “рамид” сабт ёфтааст.

Ин гуна алатхониҳою алакӯчониҳо дар бахши “ азалҳои тозаёб” хеле зиёд аст.

Бо таассуфи зиёд ҷайд кардан лозим аст, ки дар бахши “ азалҳои тозаёб”-и ғилди дуввум ашъори воӣеан “тоза”-ро низ дидан мумкин аст. Дар ин ғо бо шеърҳое дучор мегардем, ки дар асл моли Бедил нестанд. Ба ҷалами шоирони дигар тааллуӣ доранд. Яке аз шеърҳои бегона, ки дар саҳифаи 881 дарғ гардидааст, азали Файзии Даканист, ки бо матлаи:

Базм чун водии Айман шуда пурнур имшаб,

Шамъро ханда бувад бар шағари Тур имшаб.

шурӯъ мешавад ва дар нусхаҳои хаттиву чопии девони ӯ мавғуд аст (Ниг.: Куллиёти шайх Абдулфайзи Файзӣ, муштамил бар ҷасоиду азалиёт ва матолеъ. Ғилди аввал. Мураттабаи дуктур Аршад, Лоҳур, 1967, саҳ. 225).

Шеъри бегонаи дигар матлаи зерини як азали Соиби Табрезист:

Шохи гулро аз саропо чеҳра танҳо нозук аст,

Нозукандоме ки ман дорам, саропо нозук аст.

(Ниг.: Соиб, Мунтахабот, Душанбе, “Ирфон” 1980, саҳ. 254).

Аз ғумлаи ашъори бегона ду порчаи зеринро низ метавон зикр кард:

Ман аз куғову расидан ба он ғаноб куғо?

Куғост зарраи саргашта? Офтоб куғо?

Чӣ нисбат аст ба афсурдагон зи гармдилон?

Сафоли об куғо? Ғоми пуршароб куғо?

Сари иродати Бедил бар остони дарат,

Ба айри даргаҳат, эй подшоҳ, савоб куғо?
* * *
Одамият аз он парӣ маталаб,
Аз парӣ одамигарӣ маталаб.
Дар раҳи дӯст тарки сар бояд,
Афсари ишӣ сарсарӣ маталаб.
Бедил, аз хайли офтобвашон
Шеваи заррапарварӣ маталаб.

Порчаҳои мазкур чи аз ғиҳати сабку услуб ва чи аз лиҳози тарзи ифодаю баён ба шеъри Бедил ҳеғ гуна ҷаробат надоранд. Ин шеърҳо, шояд, аз ягон Бедили дигар бошанд. Зеро дар адабиёти форсизабон шоирони бедилтахаллус кам нестанд.

азалҳои "Лаъл ҳамранг бувад он ду лаби майгунро", "Дигар фаршест дар ишратсароям моҳтоб имшаб", "Хор дар дидаи он кас ки талабгораш нест", "Ғисмро дар ишҷи ғонон кор нест" низ ранги бедилӣ надоранд.

Пас аз ошноӣ ба нашри нави куллиёти Бедил суоле ба миён меояд, ки оё дар Эрон ягон каси босалоҳияте набуда, ки таҳия ва тасҳеҳи осори Бедил ба шахсони тасодуфӣ ва аз мавзӯъ ноогоҳ супорида шудааст? Шахсони тасодуфӣ ва бесалоҳият будани мусаҳҳеҳон аз пешгуфтор, муҷаддимаи ба ин нашр навиштаи онҳо ба хубӣ ошкор аст. Хусусан муҷаддимаи басо тӯлонии (наздик ба 100 саҳифа) Парвиз Аббосии Доконӣ дар савияи ниҳоят пасти илмӣ навишта шудааст. Муҷаддима аз чанд мавзӯи порокандаи бо ҳам беиртибот иборат буда, дар муҷояса бо таълифоти мавғудаи оид ба Бедил ягон сухани тозаро дарбар накардааст. Муҷаддима агарчи "Аҳволу осор ва афкори Бедил" унвон дорад, дар он роҷеъ ба осори шоир ғумлаеро пайдо карда наметавонем. Мулоҳаза ва муҳокамаҳои сатҳию берабти муаллиф далел бар онанад, ки ӯ на танҳо дар бораи Бедил ва осори ӯ тасаввуроти кофӣ надорад, балки аз оддитарин масъалаҳои таърихию адабии Ҳиндустони асри Бедил бехабар аст. Чунончи, ӯ дар "Таваллуд ва зиндагии Бедил" ном бахши муҷаддимааш навиштааст, ки Бедил "ба соли 1054 ҳ-ӣ дар шаҳри Азимободи аёлоти Патна мутаваллид шуд".

Ҳол он ки дар Ҳиндустон аёлате бо номи "Патна" умуман вуғуд надорад. Азимободу Патна ҳарду як чизанд, яъне ду номи як шаҳранд, ба монанди Деҳливу Шоҳиғаҳонобод, Аграву Акбаробод, Сикриву Фатҳпур, Матҳураву Исломобод. Банорасу Муҳаммадобод ва айра.

Маълумоти муаллиф дар хусуси воӣеаҳо ва ашхоси таърихии Ҳиндустон низ аз маълумоти ғу рофии ӯ бехтар нест. Ӯ дар саҳифаи 31 муҷаддимааш навиштааст: "Дар авохири умри Бедил авзои иғтимоӣ ва сиёсии асри шоир муташанниғ шуд. Равобити миёни ғонишини Аврангзеб, яъне император Фаррухсияр ва вазири ӯ амиралумаро тира шуд.

Муаллиф дар ин ғо ду шахси таърихии замони Бедил – амиралумаро сайид Ҳусайналихон ва бародари ӯ сайид Ҳасаналихон мулаӣҷаб ба ҷутбулмулк сайид Абдуллоҳро бо ҳам махлут кардааст. Амиралумаро сайид Ҳусайналихон ҳеғ гоҳ вазири Фаррухсияр набуд. Вазири Фаррухсияр бародари ӯ ҷубулмулк сайид Абдуллоҳ буд.

Муаллифи муҷаддима аз ҳодисаи дар соли 1131 (1719 милодӣ) аз Деҳлӣ ба Лоҳур рафтану дар хузури ҳокими Лоҳур Абдуссамадхон ба сар бурдани Бедил ёд намуда, афзудааст, ки "Бедил таҷрибан чизе ҳудуди як солу ним дар Лоҳур ва назди Абдуссамадхони Низомулмулк буда".

Муаллиф номе дар ин ғо низ аз ду шахс як шахс сохтааст. Ӯ медонад, ки Абдуссамадхону Низомулмулк шахсони ғудогонаанд. Абдуссамадхон Сайфуддавлаи Далерғанг аз хоғазодаҳои аҳрорист, ки дар аҳди Аврангзеб ба Ҳинд рафта, дар вазифаҳои гуногуни маъмурӣ хидмат намудааст. Ӯ аз ибтидои аҳди Фаррухсияр, яъне аз соли 1124 (1713) то соли 1138 (1726) субадори Лоҳур буд. Вафоташ соли 1150 (1737-38) иттифоӣ афтодааст.

Номи аслии Низомулмулк Ҷамариддин ибни Шаҳобуддин аст. Ӯ дар замони Аврангзеб ва Баҳодуршоҳ бо хитобҳои "Чинҷиличхон" ва "Хонидаврон" сарфароз гардида, дар як ваӣт субадори Авадҳ ва фавғдори Лакҳнав буд. Дар аҳди Фаррухсияр ба хитоби "Низомулмулк" ноил шуда, ба назми кишвари Дакан муваззаф гардида буд. Ва ниҳоят дар аҳди Муҳаммадшоҳ (1131-1151, 1719-1738) ба ӯ хитоби "Осафғоҳ" ва мансабҳои вазири аъзаму ҳокими Дакан вогузор гардид. Вафоти Низомулмулк дар соли 1161 (1748) ба вуҷуъ

пайвастааст.

Муаллиф аз авзои адабии асри Бедил, аз ғумла аз ривоғу равнаҷи сабки ҳиндӣ, сухан карда, тамоми шоирони форсигӯи асрҳои XVI-XVIII Ҳинд, аз ғумла, Файзии Даканӣ, Малики ҷумӣ, Муллошоҳи Бадахшӣ, Бараҳмани Лоҳурӣ, изолии Машҳадӣ, Сармади Кошонӣ, Ғӯёи Табрезӣ, Неъматхони Олӣ, Ҳазини Лиҳайғиро намояндагони сабки ҳиндӣ ба ҷалам додааст. Дар сурате ки шоирони зикршуда ва чандин шоири дигари ин асрҳо на бо сабки ҳиндӣ, балки бо сабки соддаи шоирони ҷадим шеър гуфтаанд.

Парвиз Аббосии Доконӣ дар бахши “Таъсирпазирии Бедил аз дигар шоирон”-и муҷаддима дар ҷатори чанд байти маълуми Бедил ки дар онҳо дар хусуси ашъори Саъдиву Ҳофизу Соиб сухан рафтааст, байти зерини шоирро низ зикр кардааст:

Пириам бар ҳар сари мӯ баст мазмуни хамӣ,

Баъд аз ин тартиби девони ҳилолӣ мекунам.

Ба аҷидаи муаллиф, Бедил дар ин байт ишора ба девони ашъори Бадриддини Ҳилолӣ кардааст. Вале ӯ дар ин ғо низ ба иштибоҳ роҳ додааст. Таъбири “девони ҳилолӣ” дар ин ғо маънои тамоман дигар дорад. Шоир гуфтанист, ки дар асари пирӣ тамоми аъзои бадани ӯ ба монанди ҳилол хам задаанд. Аз ин рӯ, месазад, ки ӯ аз узвҳои хамзадаи хеш девоне тартиб диҳад. Яъне пириву нотавонӣ вуғуди ӯро ба мағмӯаи ғисмҳои хамзада табдил додааст.

Дар муҷаддима ба суханоне низ дучор омадан мумкин аст, ки умуман асоси воӣеӣ надоранд, яъне дурӯ анд, дурӯ и маҳз. Масалан, муаллиф дар бахши тарғимаи ҳоли Бедил навиштааст, ки “номи Бедил, яъне Абдулҷодир пайомади назрест, ки падар (падари Бедил-Б. Р) карда буд. Падари Бедил, ки соҳиби фарзанд намешуд, - назр кард, ки агар худованд фарзанде ба вай ато кунад, номи ӯро ба таяммун ва табаррук Абдулҷодир хоҳад гузошт, ки дар воӣеъ номи бунёдгузори тариҷаи ҷодирия шайх Абдулҷодири Гелонист”.

Суханони мазкур зодаи хаёли худи муаллифи муҷаддима мебошанд. Мо онҳоро дар ягон тазкираи чи замони Бедил ва чи асрҳои баъдина пайдо карда наметавонем.

Хулоса, нашри нави Куллиёти Бедил бо ном наву тоза аст. Дар асл нисбат ба нашрҳои пешин ҳеғ гуна тозагӣ ва бартарие надорад. Ин нашр, мутаассифона, сабаби хушнудӣ ва хушҳолии мухлисони Бедил шуда наметавонад. Баракс, тағассуми носипосӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба Бедил ва хонандагони ӯ мебошад.

## АЗ ТАЪРИХИ ШАРҲИ ОСОРИ БЕДИЛ

Чунон ки маълум аст, яке аз хусусиятҳои асосии эғодиёти Мирзо Абдулҷодири Бедил (1644-1720) душвории забон ва печидагии тарзи баёни ӯст. Ба таъбири муҳаӣҷиҷи тоғик Носирғон Маъсумӣ гӯем, “асоси услуби эғодии Бедилро мураккабӣ ва печидагии баён, сарбастагӣ ва мустаории сухан, муғаррадӣ ва сермаъноии образҳои сухан, дар мавӣеу мавридҳои айричашмдошт кор фармуда шудани калимаю иборахои маъмулӣ ва амсоли ин хусусиятҳои хос ташкил медиҳанд” (ниг. Н. Маъсумӣ, Ту рал ва муҳити адабии ӯ-Ту рал, мунтахаботи ашъор, Душанбе, 1964, саҳ. 9).

Душвории забон ва услуби шоир, табиъист, ки зарурати шарҳу тавзеҳи осори ӯро низ ба миён овардааст. Ин зарурат ҳанӯз дар замони зиндагии шоир эҳсос шуда буд. Аввалин касе, ки ба ташреҳу тавзеҳи осори Бедил даст задааст, ҳомӣ ва дӯсти наздики ӯ шоири намоён Шукруллоҳхони Хоксор (ваф. 1696) аст. Шукруллоҳхон ваӣте ки маснавии нахустини шоир “Тилисми ҳайрат”-ро мутолаа намуд, душвории забони онро пай бурд ва ба маҷсади осонии дарёфти матолиби асар барои бахшҳои алоҳидаи он унвонҳои манзум эғод намуд. Ин маъниро Бедил дар номае, ки “Ба Оҷилхон, дар шукри ахлоҷи Шукруллоҳхон” унвон дорад, чунин ифода кардааст: “Дар ин айём хони саодатунвон (Шукруллоҳхон-Б.Р.) ба инкишофи матолиби "Тилисми ҳайрат“ унвонҳо муҷаррар намудаанд ва миръоте, ки хулосаи муддаои он нусха аст, ба сайҷали таҳрир зудуда. Ҳосили тавағғӯҳ он, ки ҳар гоҳ, нигоҳи маънипаноҳ майли мутолаа фармояд, бетааммул ниҷоб аз рӯи матлаб кушояд. ”

Тавре, ки дар номаи мазкур ҳам ишора шудааст, унвонҳои эғодкардаи Шукруллоҳхон дар баробари дар кашфи матолиби асар кӯмак кардан хулосаи муддао, яъне мазмуни мухтасари онро низ ифода намудаанд. Ҳар як унвон аз як байт иборат аст ва байтҳо ҳама дар як вазн-

сареи мусаддаси матвии макшуф иншо шудаанд. Байте, ки ба ҳайси унвони бахши нахустин, яъне ҷисмати ҳамди асар, омадааст, ин аст:

Он чӣ дар ин доира савту садост,

Пардаи ороиши ҳамди худост.

Ё худ унвони бахши ҳафтуми маснавӣ, ки о ози сужети он ба шумор меравад, ин хел сурат гирифтааст:

Нашъаи огоҳии рӯҳ аз бадан,

Яъне аз итлоӣ, ба ҷайд омадан.

Аз номаи дигари Бедил бармеояд, ки Шукруллоҳхон, зоҳиран, боз ҳам барои тавзеҳи фикри шоир, яке аз асарҳои манзуми ӯро ба наср гардонида будааст. Унвони нома, ки ифодагари мазмуни он низ мебошад, ин аст: "Ғавоби номае ки Шукруллоҳхон навишта буданд, яъне назми шуморо наср кардаам. Барои юсуфоина арму он аст. "

Кӯшиши шарҳу тавзеҳи осори Бедил дар ватани ӯ- Ҳиндустон, мутаассифона, инкишоф наёфт. Бо сабабҳои гуногун, аз ғумла, бо сабабҳои коста шудани нуфузи забону адабиёти форсӣ дар Ҳиндустон, аз арсаи ҳаёт дур шудани шогирдону пайравони шоир ва ривоғу равнаҷи адабиёти урдузабон таваҷҷӯҳ ба осори ӯ кам шуд. Ва ҳамватанонаш рафта-рафта ӯ ва осори ӯро фаромӯш карданд. Бетаваҷҷӯҳӣ нисбат ба Бедил ба ғое расид, ки пас аз сад соли вафоташ аз ҳавлӣ ва турбати ӯ ному нишоне боӣӣ намонд (ниг. маҷаллаи "Хуросон", №24-25, Кобул, 1364, саҳ. 165).

Вале дар дигар манотиҷи ҷаламрави забони форсӣ-Тоғикистону Ӯзбекистон ва Аф онистон-шӯҳрат ва эътибори шоир афзуд. Осори ӯ ба доираҳои адабии ин кишварҳо ворид гардида, пайравон ва муҷаллидони зиёде пайдо намуд.

Устод Айнӣ дар асари маъруфи худ "Намунаи адабиёти тоғик" (М. 1925, с. 289) навиштааст, ки "дар аҳдҳои охирӣ (баъд аз соли 1200 ҳиғрӣ) дар Бухоро ва Мовароуннаҳр дар назму наср таӣлиди Бедил шӯҳрат гирифта, ҳар аҳлу ноаҳл, ки ба дасташ ҷалам мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро аз ғумлаи татиммаи (авғи – Б.Р.) каломи худ мешумурд. "

Дар баробари таӣлиду пайравӣ ба осори Бедил шарҳу тавзеҳи каломи ӯ, хусусан азалиёташ, низ авғ гирифт. Дар шаҳрҳои бузурги Мовароуннахр – Бухорову Самарҷанд, Хуҷанду Хуғанд ва айра маҳфилҳои бедилхониву бедилфаҳмӣ пайдо шуданд. Дар ин маҳфилҳо шеъри Бедил ба таври шифоҳӣ шарҳу тавзеҳ меёфт. Кам воӣеъ мешуд, ки мазмуни ин ё он маҳфил ба силки таҳрир кашида шавад. Аз ин рӯ, бо вуғуди амал намудани маҳфилҳои бедилхониву бедилфаҳмӣ, шарҳу тавзеҳи хаттии осори ӯ хеле кам ба назар мерасад. То ба имрӯз ҳамагӣ як шарҳи девони шоир маълум аст, ки дар асри Х1Х тавассути Сиб атуллоҳ Хаёлии Сулаймонӣ ном шахс дар Туркияи Усмонӣ ба забони форсӣ таълиф шудааст. Нусхае аз ин шарҳ дар шаҳри Коҳира, дар Китобхонаи миллии Миср маҳфуз аст. Дар феҳристи нусхаҳои хаттии ин китобхона, ки соли 1966 дар Коҳира ба табъ расидааст, тавсифи мухтасари онро пайдо намудан мумкин аст.

Муаллифи дигаре, ки дар асри Х1Х ба шарҳи хаттии осори Бедил маш ул шудааст, сарвари маорифпарварони тоғик Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) мебошад. Ӯ дар "Наводирулваҷойеъ, " рисолае бо номи "Меъёруттадайюн" ва осори дигари худ 5 байт аз азалиёту чандин рубоии шоирро шарҳу тавзеҳ додааст, ки дар ин бора дар рисолаи Расул Ҳодизода "Аҳмади Дониш" (Душанбе, 1976) ба тафсил сухан рафтааст.

Аҳмади Дониш ҳамчунин дар ҳошияи яке аз нусхаҳои хаттии рубоиёти Бедил, ки худи Аҳмади Дониш китобат кардааст, ба чанд рубоии дигари шоир низ шарҳҳои кӯтоҳе нигоштааст. Дар хусуси ин кори Аҳмади Дониш Шавкат Шукуров маҷолаи алоҳидае навиштааст, ки дар мағмӯаи илмии "Аз таърихи афкори адабии халҷи тоғик" (Душанбе, 1977) ба табъ расидааст. Инак, аз шарҳҳои Аҳмад Махдуми Дониш чанд намунаро дар ин ғо иӣтибос менамоем. Шарҳи байте аз "Наводирулваҷойеъ":

Хаёли ҷурбу афлат дурии унс аст маҳрамро,

Табассумҳои гандум чини доман гашт Одамро.

Яъне тасаввури ҷурби дӯст ва бори афлат варзидан касеро, ки маҳрами ҳарами маҳбуб бувад, аз ҳарими мувосалат ва мувонасат дур меафканад ва мардуду маҳғур мегардонад. Агар ба изофа хонӣ (яъне агар "хаёли ҷурби афлат" хонӣ – Б.Р.), маънӣ инчунин мешавад,

ки тасаввури наздикӣ ба афлат маҳрамро аз ҳарими дӯст маҳҷур мекунад, то ба афлат чӣ расад? Ва, албатта, офил набояд буд. Ва ба чизе ки боиси афлат гардад, низ илтифот набояд кард. Нашунидӣ, ки "табассуми гандум", яъне кушодагии чеҳраи гандум ва илтифоти Одам алайҳиссалом бад-ӯ бо вуҷуди манҳиюн анҳу будан сабаби барзадагии домани вай шуд барои ҳубут аз биҳишт. Чи касе ки таъҷил кунад дар рафтан, доман чин кунад ва бар занаду ба камар бандад. Ва илтифоти Одам ба гандум аз мантуқи байт намебарояд илло, "табассуми гандум" имо мекунад, ки шахси танҳо, то касе бад-ӯ мутаваҷҷеҳу мултафит набувад, табассум накунад. Ва он ки дар хилвату танҳоӣ табассуму зеҳн орад, аз савдо ва ҷунун бошад. "

Рубоӣ аз мақолаи Ш. Шукуров:

"Он симу заре, к-аз эҳтиёҷат беш аст,

Бар табъи салим садҷароҳатнеш аст.

Чун ҷамъ шавад, ба хиссатат до кунад,

В-ар сарф кунӣ, фузулият дар пеш аст.

Яъне матои дунявӣ он беҳ, ки ҷамъ нашавад. Чун ҷамъ шуд, бар табъи салим чун неш бар ҷароҳат бошад, ки дар ҷамъ хасис, дар тарк фузул ва бехирад шиносанд. "

Шарҳу тавзеҳи байтҳои алоҳида ва пораҳои насри Бедилро дар ҳошия ва поварақҳои баъзе аз нашрҳои сангии осори ӯ низ дидан мумкин аст. Яке аз чунин нашрҳои шарҳдор нашри мунтахаби куллиёти шоир аст, ки бори аввал дар соли 1287 (1871) дар Лакҳнав ва бори дуввум дар соли 1292 (1875) дар Конпур ба табъ расидааст. Ин нашри куллиёт "Никот", "Рукаот", мунтахаби девони қадим ва "Чорунсур"-ро дарбар дорад. Дар ҳошияи "Рукаот"-и ин нашри куллиёт калимаву ибора ва мисраву байтҳои зиёде шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Ин шарҳу тавзеҳ фаҳмидани мазмуни номаҳо ва дарёфти матолиби шоирро хеле осон кардаанд. Мутаассифона, маълум нашуд, ки куллиётро кӣ чоп кардааст ва шарҳу тавзеҳ бар "Рукаот"-ро кӣ навиштааст? Танҳо ҳамин мазмун аён аст, ки муаллифи хотимаи табъ ва қитъаи таърихи табъ шоирест бо номи Муҳаммаданвор Ҳусайни Таслим. Ин шахс дар хотимаи табъ, аз ҷумла, чунин навиштааст: "Аммо баъд забондони анҷумани аҷабу муҳим Муҳаммаданвор Ҳусайни Таслим мӯҳр аз дурҷаки даҳан мебардорад ва ба ҳукми шавқи бепарвохиром лафзе чанд менигорад, ки дар ин моҳи морчи санаи 1871 мутобиқи шаҳри зулҳиҷҷаи санаи 1287 ҳиҷрӣ куллиёти файзи симот, захираи маънию ганҷинаи хаёлот… аз тасонифи шоири ҷодузабон, носири муъҷазбаён, лавҳи тилисми обу гил Мирзо Абдулқодири Бедил ба мақоми Лакҳнав дар матбаи муншӣ Нувил Кшур ба эҳтимоми бале ва қадда ани намоёни корпардозони донишпаноҳ, хирадмандони субҳонидастгоҳ озаи табъ ба рӯ молид ва даҳри табъ моил харидораш гардид.

Қитъаи таърихи табъ:

Куллиёти Мирзо Бедил гирифт

Чун ба дастм табъ домони ҳаёт,

Гуфта шуд таърихи он бе рӯи ҷаҳд:

"Табъ шодон шуд зи табъи куллиёт" (1287)

Гуфтан лозим аст, ки аз ҷумлаи нашрҳои "Рукаот", ки ба мо маълуманд, нашри мазкур ягона нашрест, ки бо ин гуна шарҳу тавзеҳи муфассал ба табъ расидааст. Аз ин рӯ, ин нашр дар кори омӯзиши осори Бедил арзиш ва аҳамияти махсус дорад. Инак, барои мисол чанде аз он шарҳу тавзеҳотро дар ин ҷо сабт менамоем. Дар аввал номаеро меоварем, ки ба Шукруллоҳхон ном дӯсти Бедил равона шудааст. Бедил дар ин нома ду байти як азали худро дарҷ намуда, аз Шукруллоҳхон хоҳиш кардааст, ки он байтҳоро бо назариислоҳомез мутолаа намояд. Нома ин аст:

"Ба Шукруллоҳхон навишта шуд.

Рӯзи васлат бояд аз шарм об гардидан, ки мо

Дар фироқат зиндагӣ кардему ҷоне доштем.

Шерозабанди нусхаи зуҳур беш аз ин ба тафриқаи аҷзои бедилон розӣ мабод. Ба татаббӯи афкори гавҳарнисор ду байт ба таҳрири ниёз меорад ва аз мутолааи ислоҳоро таваққӯи пирояи қабул дорад:

Кардаам сармашқи ҳайрат сарви мавзуни туро,

То ки мехонам баландиҳои мазмуни туро.

Ҳар чӣ мебинам, суро е аз хаёлат медиҳад,

Ҳарду олам як сари зонуст мағнуни туро”.

Муаллифи шарҳу тавзеҳот дар се ғои мактуби мазкур-дар фавҷи ибораи “татаббӯи афкор”, дар ибтидои байти аввал ва дар о ози мисраи дуввуми байти сонӣ – ишораҳо гузошта, сипас дар ҳошия онҳоро шарҳу маънидод кардааст. Ӯ таъбири “татаббӯи афкор”-ро чунин шарҳ додааст: “Татабӯи афкор”-пайравии афкор. Ва ишорат ба сӯи худ кардааст. ”

Шарҳи байти аввал ин тавр сурат гирифтааст: “Аз вайте ки баландиҳои мазмуни туро мехонам, ҷадди мавзуни туро сармашҷи ҳайронии худ кардаам. Яъне ҷадат мебинаму ҳайрон мешавам, ки чӣ ҷадар расой дорад. ”

Маънии байти дуввум, аз нигоҳи шореҳ, чунин аст: “Девонаи ту ҳар гоҳ барои муроҷаба сар ба зонуи худ мегузорад, инро баробари ҳарду олам мешуморад. ”

Гуфтан лозим аст, ки шарҳи таъбири “татаббӯи афкор” чандон саҳеҳ нест. Махсусан “ишорат ба сӯи худ кардааст” гуфтани муаллиф дуруст ба назар намерасад. Дар ин ғо, баръакс, ишора ба сӯи Шукруллоҳхон аст. Манзури шоир аз “афкори гавҳарнисор” шеъри Шукруллоҳхон аст. Яъне Бедил хитобан ба Шукруллоҳхон гуфтааст, ки дар пайравии афкори гавҳарнисори вай, яъне Шукруллоҳхон, ду байт эғод кардааст, ки инак, барои ислоҳ ба сӯи ӯ равонаашон месозад.

Ҳамчунин таъкид бояд кард, ки мисраи дуввуми байти аввал дар дигар нусхаҳои осори Бедил дар шакли “Нола мехонам баландиҳои мазмуни туро” сабт шудааст, ки ҳамин вариант саҳеҳ ба назар мерасад. Дар ин асос шарҳи байт низ бояд дигар хел сурат гирад.

Дар ҳошияи “Руҷаот” зимни ташреҳи калима ё иборае маънои пурраи ин ё он порчаи шеърӣ низ баён гардидааст. Ба таъбири дигар, дар ин ғо шарҳҳои мукаммали ашъори ғудогонаро низ пайдо намудан мумкин аст. Аз ғумлаи чунин шарҳҳо шарҳи ду байтест, ки ийтибос мешаванд:

Ҳайратҷафасам, ку асари ағзу расой?

Мағбури адаброчи висолу чи ғудой.

Оинаи таслиму фузулӣ? Чӣ хаёл аст?

Ранге нанамоям, ки ту онро нанамой.

Муаллифи ҳошия дар баробари шарҳи маънохои истилоҳии калимаҳои “ҳайрат” ва “таслим” мазмуни пурраи байтҳоро низ шарҳу тавзеҳ додааст. Ӯ дар шарҳи байти якум навиштааст: “Ҳайрат ҷафаси ман аст, яъне муҷайяди ҳайратам. Ва “ҳайрат” дар истилоҳи аҳли тасаввуф маҷоми интиҳои ирфони ҳай аст. Ва дар он маҷом идрок оғиз шавад ва ҳеғ мадрак намешавад ва ин маҷом боиси даҳшат ва рағъат мегардад. Ва дар ин маҷом ҳаргиз асари нарасидану расидан зоҳир нашавад. Ва солик дар ин маҷом аз ояти хавфу адаб аз тамизи висолу ғудой омӣ гардад. ”

Шарҳи байти дуввум чунин аст: “таслим дар лу ат супурдан ва гардан ниҳодан ба фармон ва салом кардан. Ва дар истилоҳи аҳли таҳҷиӣ таслим маҷомест, ки чун солик дар он ғо расад, ҳама ҳаракоту саканоти оламро аз ҳай бинад ва аз чуну чаро боз монад. Лиҳазо мегӯяд, ки гумони зиёдагунии ман чӣ хаёл аст. Чаро ки ман оинаи таслим дорам ва ту рӯ ба рӯи ӯ бошад. Сурате ки дар он намояд, мани бинанда бувад ва сари мӯе каму беш нагардад. ”

Аз муаллифони асри XX аввалин касе ба шарҳу тавзеҳи осори Бедил даст задааст, Абдурауфи Фитрат аст. Ӯ дар ин мавзӯъ рисолае навишта, онро дар соли 1923 дар Маскав ба табъ расонида буд. (ниг. Фитрат, Бедил, м. 1923, 54 саҳифа, ба забони ӯзбекӣ) мавзӯъ ва муҳтавиёти ин рисола аз тасвири як мағлиси бедилхониву бедилфаҳмӣ иборат мебошад.

Тавре ки гуфтем, то инҷилоби октябр дар шаҳрҳои гуногуни осиёи миёна маҳфилҳои бедилхониву бедилфаҳмӣ вуғуд доштанд. Рисолаи фитрат шояд аввалин ва ягона асаре бошад, ки рафти яке аз ин маҳфилҳоро инъикос намудааст. Рисолаи фитрат шоҳиди он аст, ки маҳфилҳои бедилхонӣ дар бухорои ибтидои асри XX низ амал менамуданд. Бино бар тасвири фитрат, маҳфилҳои бедилхонӣ ҳафтае як бор дар хонаи ин ё он зиёӣ ташкил мешуданд. Дар аввали мағлис порае мусиҷӣ шунида мешуд. Сипас аъзоёни маҳфил ба хондану маънидоди шеъри Бедил мепардохтанд. Дар рисола чанд пора аз “Нукот”-у “Чор унсур”, абёти ғудогона аз азалиёту ҷасоиду рубоъиёт ва намунаҳои зиёде аз маснавии “Ирфон” шарҳу маънидод шудаанд. Шарҳу тавзеҳи намунаҳо дар аксари мавридҳо дурусту саҳеҳанд. Дар онҳо ҳеғ гуна аразҳои сиёсӣ, аҷидаҳои буржуазӣ-миллатчигӣ ифода

наёфтаанд. Аз ин рӯ, иддаои нависанда Ҳамид Олимғон, ки дар соли 1936 рисолаи мазкурро мавриди танҷид ҷарор дода, муаллифи онро ба таҳриф намудани шеъри Бедил айбдор намуда буд, асосе надорад. Ҳамид Олимғон навишта буд, ки Фитрат аз ашъори Бедил намунаҳои зиёдеро тарғима намуда, барои тар иби аҷидаҳои миллатчигии худ аз онҳо истифода кардааст, аз ашъори танҷидӣ ва шикоятомези Бедил мисолҳо оварда, ба воситаи онҳо сохти нави советиро бадном карданӣ шудааст (ниг. Олимжон Ҳамид. Фитратнинг адабий ижоди ҳаҷида-Асарлар мажмуаси, Бешинчи том, Ташкент, 1972, саҳ. 121-124). Вале дар асл ин тавр нест. Рисола аз шарҳу тавзеҳи объективонаи шеъри Бедил иборат асту бас. Дуруст аст, ки дар рисола баъзе байтҳои сӯфиёнаи Бедил як андоза маҳдуду сарсарӣ маънидод шудаанд. Вале дар он таҳрифи рӯиросту маҷсаднок дида намешавад.

Аз муҳаиҷиҷони замони мо донишманди Аф онистон Салоҳуддини Салчуҷиро метавон ном бурд, ки дар кори шарҳу басти осори Бедил хидмати арзандаеро адо намудааст. Ӯ дар соли 1326 шамсӣ (1947 милодӣ) рисолаеро бо номи “Афкори шоир” ба табъ расонид, ки аз ташреҳ ва тавзеҳи афкор ва андешаҳои чанд тан аз шоирони гузашта-Хоҷонии Шервонӣ, Ғалолуддини Румӣ Маҳмуди Шабустарӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мирзо Бедил ва Содоти урӣ иборат мебошад. Бахше, ки ба Бедил ихтисос ёфтааст, 46 саҳифаро дарбар дорад. Муаллиф дар ин бахш дар баробари шарҳу маънидоди чанд байти шоир аз муносибати ӯ ба осори шоирони пешин, аз ҷабили Ҳоҷонӣ ва Хоға Ҳофиз, низ сухан кардааст. Инак, ба ҳайси намуна шарҳи байтеро дар ин ғо ийтибос менамоем.

Байт:

Ҳазар аз фузулии ваҳму занн, “ту” чӣ мекунад ба ғаҳони “ман”?

Дари аҳвалӣ ба ҳавас мазан, зи ду чашм як нафар офарин.

Шарҳи байт: Бедил мегӯяд: “Ғаҳон ғаҳони ман”, лафзи “ту”дар ин ғаҳон чӣ мекунад? Ва ин ваҳму хаёл зи алатҳиссӣ ва аҳвалӣ аст, ки як чизро ду чиз мебинанд. ”

Маллиф аз ашъори Бедил асосан абётеро шарҳ додааст, ки мазмун ва оҳанги сӯфиёна доранд. Ӯ ба баёни ин мавзӯъ саргарм шуда, гоҳо ба мубола аву и роӣ низ роҳ додааст. Ӯ шоирро як фарди муғаррад ва осмонӣ тасаввур намуда, тамоми осори вайро сӯфиёнаву орифона ба ҷалам додааст. Ӯ навиштааст: “Мо гуфтем, ки Бедил шоири заминӣ нест, пас маҳбуби онро ҳам наметавон заминӣ ва хокӣ пиндошт. Бедил марди бисёр рӯҳӣ ва бисёр муғаррад аст. дар куллиёти (девони- Б.Р.) захими он, ки ба сию панғ ҳазор байт ба сурати тахмин мешавад, ҳеғ мисрае ки олудагии онро)ба олами имнон. – Б.Р.) нишон диҳад, мавғуд нест. ”

Салоҳуддини Салчуйӣ кори тавзеҳ, ва ташреҳи осори Бедилро идома дода, дар соли 1342 (1963) китоби дигареро бо номи “Накди Бедил” дастраси хонандагон гардонид. Нашри ин рисола дар бедилшиносии он солҳо ҳодисаи бузург ба шумор мерафт ва аз тарафи муҳаиҷиҷони адабиёти форсӣ баҳои баланд гирифта буд (ниг. Шафеии Кадканӣ, Наиди Бедил, Роҳнамои китоб, соли даҳум 1346, (шумораи саввум). Рисола аз 570 саҳифа иборат буда, мулоҳаза ва андешаҳои муаллифро дар хусуси тамоми осори Бедил фаро гирифтааст. Ҷисми зиёди асар (420 саҳифа) ба шарҳу тавзеҳи ҷариб 300 байт аз азалиёти шоир бахшида шудааст. Усули кори муаллиф дар ин бахш чунин аст, ки ӯ байтеро аз ягон азал интихоб намуда, онро ё пурра шарҳ додааст ё ишорае ба мазмуни он кардааст. Сипас доир ба ин ё он масъалаи адабиёт, аз ғумла роҷеъ ба шеъри Бедил мулоҳаза ва андешаҳои худро иброз намудааст. Ва ниҳоят дар поёни шарҳи ин ё он байт матни пурра ё мухтасари азалеро овардааст, ки байти ташреҳёфта аз он гирифта шудааст. Ҳоло барои мисол шарҳи ду байтро аз ин китоб наил менамоем.

Байти аввал:

Тадбир илоғи марази зотии кас нест,

Аз шиша шудан санг ҳамон тавбашикан шуд.

Шарҳи байт:

Ҳазрати пай амбар (с) зотияи некӯро ҷобили та йир намедонист ва мефармуд: “Беҳтарини шумо дар ғоҳилият беҳтарини шумост дар ислом. ”

Ва Бедил амрозу уюби зотиро низ ҷобили табдил намедонад. Зеро мебинад: санге ки рӯзе миношикан буд, кунун ки худаш мино шудааст, боз тавбашикан гаштааст (Наиди Бедил, саҳ. 246).

Байти дуввум:

Сайри муҳит хоҳӣ, бар мавғу каф назар кун,

Мутлаӣ дигар чӣ дорад  айр аз муҷайяди мо?

Шарҳи байт:

Ҳаҷиҷат ин аст, ки афкор низ монанди раёҳин барои худ мавсиме дорад. Ва гумон мекунам, ҷарни ҳафдаҳум талеаи баҳори ин афкор буда ва, шояд, Бедил аввалин касе буда, ки бӯи ин баҳорро шунидааст. Зеро Бедил аввал касест, ки муҷайядро дар муҷобили мутлаӣ мавғудияте медиҳад. Аммо на монанди вуғуде “ҳо” ва “на”, ба сурате, ки ранги илҳод дошта бошад. Ӯ ҳине ки мутлаҷро баҳр меномаду муҷайядро мавғу каф мегӯяд, далели возеҳест, ки маҷоми манеи мутлаҷро камоҳӣ мешиносад. Ва агар мутлаҷро ба муҷайяд мавҷуф месозад, аз роҳи таайюн аст. Ва ин ҳаҷиҷатест ноҷобили инкор, ки мутлаӣ дар таайюн худ мавҷуф аст ба муҷайяд. Вале мутлаӣ дар таҳаӣҷуҷи худ ба муҷайяд муттакӣ нест, балки ин ғо масъала билъакс аст. Ва муҷайяд аст, ки дар таҳаӣҷуҷи худ марбут ва марҳун аст ба мутлаӣ. Ва ин рӯҳи тасаввуфу ғони ҳаҷиҷат аст. (Ҳамон ғо. С. 249).

Усули мазкури тавзеҳ ба муаллиф имкон додааст, ки алоҷамандона ба маънии ин ё он байт роҷеъ ба масоили гуногуни адабиёт-пайдоиши каломи бадеъ, ғинсҳову навъҳои адабӣ, сабку услубҳои мухталиф, мактабу равияҳои шеърӣ ва  айра изҳори назар намояд. Ва ҳамин тарзи ташреҳ низ сабаби гоҳо аз мавзӯъ дур рафтан, ба такрорҳои бемавӣеъ роҳ додан, ба баёни масоили маълуму маъруф саргарм шудани муаллиф гардидааст.

Бахши дуввуми асар, ки “Ирфониёт ё сайри корвони вуғуд” унвон дорад, ба таҳлилу баррасии чор маснавии шоир “Ирфон”, “Тури маърифат, ” “Тилисми ҳайрат”, “Муҳити аъзам” ва асари насрии ӯ “Чорунсур” ихтисос ёфтааст. Мутаассифона, муаллиф дар таҳлили ин асарҳо принсип ё худ усули тамоман носолим ва  айриилмиро пеш гирифта, панғ асари мазкурро ба таври яклухт, ҳамчун воситаи ифодаи як маънӣ ба ҷалам додааст. Ӯ дар таҳлили хеш на таърихҳои таълифи асарҳоро ба эътибор гирифтаасту на мавзӯву мундариғаи онҳоро. Ба аҷидаи муаллиф, ин гурӯҳи асарҳо дар якғоягӣ сайри корвони вуғуд, яъне сайри рӯҳи мутлаҷро дар зинаҳои гуногуни нузули он инъикос намудаанд. Манзили аввали сайри вуғуд, - навиштааст муаллиф, - маснавии “Ирфон” аст. Дар ин манзил вуғуди мутлаӣ аз дунёи лоҳут, яъне олами зот, ба дунёи ғабарут – олами сифот ва аз олами ғабарут ба дунёи малакут – олами асмо нузул менамояд. Баъд аз ин дар “Тури маърифат” нузули рӯҳ ба дунёи носут ё худ олами мавод о оз мешавад. Сипас дар “Тилисми ҳайрат” ин корвон ба иҳотаи ғисми инсон ворид шуда, дар “Муҳити аъзам” ба савмиаи рӯҳ ва шуури инсон роҳ меёбад. Ва ниҳоят, “Чорунсур” сайри корвонро дар шахси худи Бедил шарҳ медиҳад.

Чунон ки гуфтем, ин таҳлил таҳлили хаёлӣ,  айривоӣеӣ ва  айриилмист. Ин гуна хулоса, ин хел натиғагирӣ ва ин ҷабил схема ба мавзӯу мундариға ва ҳатто ба эпизодҳои алоҳидаи ин ё он асар ҳеғ гуна умумият ва муносибат надорад. Ҳар кадоме аз ин асарҳо асари мустаҷилест, ки предмети тасвир, мавзӯъ ва мундариғаи конкретро доро буда, дар давраи муайяни зиндагии шоир барои ифодаи мақсад ва матлаби муайян эғод шудааст. Ҳеғ яке аз ин асарҳо муҷаддима, идома ва ё хулосаи асари дигар нест. Маснавии “Тилисми ҳайрат”, ки нахустин асари калонҳағми шоир аст, дар соли 1080 (1669 - 1670) таълиф шуда, дар хусуси имтизоғи рӯҳ бо ғисми инсон, яъне нозил шудани рӯҳ бар замин, ворид шудани он дар бадани инсон, сайр намудани узвҳои гуногуни бадан ва боз рӯй овардан ба асли хеш, яъне олами беранг, баҳс менамояд. Ба таъбири дигар гӯем, мавзӯи ин асар масоили худогоҳӣ ва худшиносии орифона аст.

Маснавии “Муҳити аъзам”, ки дар байни солҳои 1078 – 1099 (1667-1668) эғод шудааст, масъалаҳои пайдоиши оламу одам, зуҳури аҷоиду афкори гуногун, ба миён омадани касбу пешаҳои мухталиф, тасвири баҳору зебоиҳои табиат, ситоиши ғому мино, мазамммати зуҳду риё, васфи асбобҳои мусиӣӣ, васфи гиёҳҳои гуногуни табиӣ, ситоиши хамӯшӣ; накwҳиши таӣлид, мазаммати даъвои беҳуда, таърифи каломи бадеъ ва  айраро дарбар гирифтааст. Ин асар соҷиномаест, ки ба воситаи хитоб ба соӣӣ мавзӯву матлабҳои зиёдеро дар худ фаро гирифтааст.

Таълифи “Тури маърифат” соли 1097 (1685-1686) аст ва мавзӯи он масъалаи тамоман дигар, масъалаи сирф заминӣ, яъне тасвири минтаҷае бо номи Байрот аст, ки дар вилояти Роғистони Ҳиндустон воӣеъ гардидааст.

Маснавии “Ирфон”, ки замони анғомаш соли 1124 (1712-1713) мебошад, асари бузургтарини шоир аст, ки характери энсиклопедӣ дошта, масъалаҳои зуҳури олами имкон, пайдоиш ва ташаккули инсон, васфи маш улияти гуногунсоҳаи онро фаро гирифтааст. Дар ин асар риштаҳои гуногуни фаолияти одамӣ – барзгарӣ, тиғорат, илму ҳикмат, ҳокимияту салтанат ва айра тасвир ва баррасӣ шудаанд. Ба ин мавзӯи асар худи шоир ҳам борҳо ишора кардааст. Чунончи, ба бахши асосии маснавӣ, ки ҳикояти ориф ва даҳ фарзанди ӯст, чунин унвон гузоштааст:

Дорад акнун ҷалами шавӣбаён

Сеҳрпардозии шу ли инсон.

Шоир бахши мазкурро бо мисраъҳои зайл о оз намудааст:

Сухан акнун ба арзи сомон аст,

Малакуте дигар парафшон аст.

Мешавад сози нусхаи “Ирфон”

Ҷиссае аз тавағғӯҳи инсон.

Ва ниҳоят, асари насрии Бедил “Чорунсур”, ки дар соли 1116 (1704-1705) ба итмом расидааст, низ аз тасвири масоили дунявию ҳаётӣ иборат мебошад. Бино бар таъкиди худи шоир, сабаби “Чорунсур” унвон гирифтанаш ҳам дар ҳамин будааст. Ӯ дар ин ибора навиштааст: “Чун маншаи таҳрири ин маротибхомаи унсурӣ тартиби нашъаи имконист ва гардаи тасвири ин ҳаҷоиӣсаҳфаи мову ман таркиби нусхаи ғисмонӣ, хиради маънисанад сарриштаи сутур ба раҷимаи мактаби бедилӣ расонид ва ҷалами таҳҷиҷраҷам ба мавсумии “Чорунсур”-аш мумтоз гардонид. ”

Тавре ки гуфтем, дар “Наӣди Бедил” тамоми осори шоир аз рӯи жанру намудҳо мавриди баррасӣ ҷарор гирифтааст. Аммо ба айр аз бахши азалиёт ва ҷисман бахши маснавиёт бахшҳои дигари он-рубоиёт, ҷасоид, таркиббанду тарғеъбанд, мухаммас, ҷитъаот, “Никот”, “Ишороту ҳикоёт”, “Руҷаот” ва айра характери тадҷиҷоти доранд. Дар ин бахшҳои китоб муаллиф осори Бедилро шарҳу тавзеҳ надода, балки ин ё он асарро мавриди баррасии умумӣ ҷарор додааст.

Гуфтан лозим аст, ки баъзе бахшҳои китоб аз иӣтибосоти айнии ашъори Бедил иборат буда, ҳеғ гуна таҳлил ва шарҳу басте ба онҳо илова нашудааст. Чунончи аз 220 рубоие, ки дар китоб дарғ аст, танҳо даҳтои онҳо шарҳу тавзеҳ ёфтаанду халос. Яке аз рубоиҳое, ки шарҳаш дар ҳошияи он сабт ёфтааст, ин аст:

Сад ранг зи бо и чашми ибраттамҳид

Гулҳои хаёли суру мотам болид.

Лекин ба кушоди лаб касе роҳ набурд,

К-ин гул хандид ё гиребон бидарид?

Яъне чашм метавонад вазъи аму шодиро ба воситаи сиришке, ки дорад, нишон диҳад. Аммо даҳон гиряву хандаро яксон нишон медиҳад ва ба ҳарду лабҳо боз мегардад.

Умуман, “Наӣди Бедил” яке аз таълифоти муҳим дар бораи Бедил аст. Баъзе норасоиҳо, ки зикрашон гузашт, аҳамияти онро кам нахоҳанд кард.

Муҳаӣҷиҷи дигари Аф онистон Амирмуҳаммади Асир шарҳи муфассале ба маснавии “Тури маърифат” нигоштааст, ки ғилди аввали он дар ҳағми 672 саҳифа бо номи “Шарҳи “Тури маърифат” (Кобул, 1356) ба табъ расидааст. Таӣдири ғилди дуввумаш, ки мебоист низ ба табъ мерасид, ба мо маълум нест.

Устоди собиҷи Донишгоҳи Кобул Ҳафизуллоҳи Сайид низ рисолае бо номи “Шарҳи бист азал аз азалиёти Бедил” таълиф намудааст, ки дар соли 1357 (1978) дар матбааи донишгоҳи мазкур чоп шудааст. Мутаассифона, ин рисола дастраси мо нашуд. Аз ин рӯ, дар хусуси он беш аз ин чизе гуфтан наметавонем.

Дар рисолае, ки Набӣ Ҳодӣ ном муҳаӣҷиҷи ҳиндӣ дар бораи Бедил навиштааст, дар баробари шарҳи ҳол ва наӣду баррасии осори шоир даҳ азали ӯ низ мавриди шарҳу тавзеҳ ҷарор гирифтааст. Асли рисола, ки ба забони урдуст, соли 1975 дар Деҳлӣ ба чоп расида буд. Чанде пеш дар Эрон тарғимаи форсии он низ ба миён омад (ниг. Набӣ Ҳодӣ Абдулҷодир Бедили Деҳлавӣ. Зиндагӣ, наӣд ва баррасиву гузидаи осор. Тарғимаи дуктур Тавфиҷи Субҳонӣ. Теҳрон, 1376, 208 саҳ.) Хусусияти назарраси кори Набӣ Ҳодӣ ин аст, ки ӯ барои шарҳу тавзеҳ азалҳои ба истилоҳ номатбӯи Бедилро интихоб намудааст. Аз даҳ азале, ки ӯ

шарҳ додааст, панҷ  азал дар баҳри комил (8 бор мутафоилан дар ҳар байт) ва панҷ  азал дар баҳри мутаҷориби маӣбузи аслам (8 бор фаулун фаълан) мебошад.

Шарҳи яке аз байтҳои баҳри комил ин аст:

Ситам аст, агар ҳавасат кашад, ки ба сайри сарву суман даро,

Ту зи  унча кам надамидаӣ, дари дил кушо, ба чаман даро.

Дар байт ба сайри дари ботин таъкид шудааст, ки тамрини машҳури баъзе аз сӯфиён будааст. Зулм аст, агар ҳавас туро бифиребад ва туро ба сайри мазоҳири хориҷӣ (сарву суман) маш ул ва омода кунад. Оё ин фиреб нест? Дари дил бикшо дар дили ту гулзоре боз хоҳад шуд".

Ту камтар аз  унчаи фурӯбаста нестӣ, ки ҳадафи ниҳоияш он аст, ки гул шавад. Рамзҳои некиву бадӣ аз роҳи дарунбинӣ бар ту кашф хоҳад шуд.

Шарҳи байте аз баҳри мутаҷориби маӣбузи аслам чунин сурат гирифтааст:

Тамом шавӣем, лек  офил, ки дил ба роҳи кӣ мехиромад?

Ғигар ба до  и кӣ менишинад, нафас ба оҳи кӣ мехиромад?

Ман саропо шавҷам, лекин то ҳоло маълум нашудааст, ки дил чӣ роҳе бархоҳад гузид ва ғигар чӣ до е интихоб хоҳад кард? Бедил ин  азалро дар ибтидои ҳол сурудааст. Аз сабки баёни сода маълум аст, ки дар иӣлими андешаву илҳоми ӯ ҳангоми дамидани офтоб аст. Дар ин байт ин мазмун баён шудааст, ки дари ихтиёр ба рӯи одамӣ кушуда нашудааст. Таманнои дил ва ҳавсалаи ғигар ғои худ доранд. Аммо ба ҳар ҳол наметавон гуфт, ки чӣ фарозу нишебе дар роҳ аст?

Боиси хурсандист, ки дар 15-20 соли охир дар кишвари Эрон низ дар хусуси Бедил ва осори ӯ чандин маҷола ва китобҳои ғолиб ба табъ расиданд. Аз ғумлаи китобҳои дар Эрон таълифгардида яке аз беҳтарини онҳо мағмӯаи маҷолаҳои Муҳаммадризо Шафеии Кадканист, ки бо номи "Шоири оинаҳо" (Баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил)дар соли 1366 шамсӣ ба табъ расидааст. Дар ин мағмӯа илова бар маҷолаҳои муаллиф 282  азал ва 60 рубоии Бедил низ интихобан дарғ гардидааст. Шафсии Кадканӣ дар охири намунаҳои ашъори Бедил тавзеҳоти муфассалеро бо номи "Фарҳанги тадоиҳо" (Хӯшаҳои хаёл ё шабакаи тасвирҳо) ғой додааст, ки шарҳи чандин калима ва ибораи дар осори Бедил мураввағро дарбар кардааст. Дар ин ғо калима ва таъбирҳое аз ҷабили "гуҳар", "оби гуҳар", "мавғи гуҳар", "оина", "оинаи зону", "оинахона", "гавҳари оина", "сурма", "товус, " "ранги парида", "сангу шарор", "шишаву парӣ, " "ному нигин", ки дар осори шоир хусусияти рамзиву тамсилӣ пайдо кардаанд, шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Масалан, таъбири "оби оина", ки яке аз образҳои маъмул ва машҳур дар осори Бедил аст, чунин шарҳ дода шудааст:

"Оби оина: ҳамон зулолӣ ва сафои оина аст. Вале тадоии об ба маънии мутлаҷро дорад ва аз раҳгузари ин тадоӣ мутаваққеҳи оинаи Искандар мешавад ва убур аз ин обро коре душвор мебинад ва натиға мегирад, ки аз оби оинаи Сикандар гузаштан кори душворест ва дар он об пуле вуғуд дошта, ки Искандар натавонистааст он пулро пайдо кунад ва аз он бигзарад (яъне убур кунад ва бо иҳом, яъне сарфи назар ва дунболаи он наравад). Бо таваққӯҳ ба услуби муодала дар мисраи аввал мегӯяд: одами ҳарис наметавонад роҳи ҷаноатро тай кунад ва дар мисраи дуввум мисол меоварад аз Искандар, ки чӣ гуна натавонист пуле пайдо кунад ва аз оби оина убур кунад (бигзарад ва ба иҳом сарфи назар кунад):

Ҳирс мушкил ки раҳи фаҳми ҷаноат сапарад,

Оби оина пуле гашт, Сикандар нагузашт. "

"Фарҳанги тадоиҳо"-и Кадканӣ дар олами бедилхониву бедилшиносӣ як падидаи тоза ба шумор рафта, барои мухлисон ва ҳаводорони осори шоир ба ҳайси раҳнамои хубе хизмат хоҳад кард.

Аз ғумлаи шарҳҳои дар солҳои охир ба табъ расида ду рисолаи муҳаӣҷиҷи аф онистонӣ Муҳаммад Абдулҳамиди Асир низ ҷобили зикр ва сазовори таваққӯҳ мебошанд. Ин рисолаҳо иборатанд аз "Шарҳи рубоиёти Мирзо Абдулҷодири Бедил" (82 саҳифа) ва "Калиди ирфон" (Шарҳи абёти  омизи Абулмаонӣ Бедил). "Шарҳи рубоиёт" дар соли 1369 (1990) ва "Калиди ирфон" дар соли 1370 (1991) шамсӣ ба эҳтимоми писари муаллиф Муҳаммадэҳсони Асир ба табъ расидаанд.

Хушбахтона, ҳардуи ин асарҳо дастраси мо гардиданд ва мо аз мутолааи онҳо хеле баҳравар шудем. Бино бар гуфтаи муаллиф, ангезае ки ӯро ба таълифи "Шарҳи рубоиёти

Бедил” водор кардааст, рубоии зерини шоир будааст:

Эй шавқи ту дар касби фунун гармталош,
Чандон ҳавасомодаи ҳар нусха мабош.
**Дар сайри рубоиёти Бедил муфт аст**
Дарду ибрат, сулуку таҳқиқу маош.

Муаллиф пас аз ийтибоси рубоии мазкур навиштааст: “Мулоҳазаи ин рубой моро ба он водошт, то бархе аз рубоиёти ин орифи комилро дар панғ фасл мавриди баҳсу фаҳс қарор диҳем ва онро дар маърази истифодаи хонандагон бигзорем. Зеро афкору андешаҳои ин сӯфии тамом беш аз дигар осор дар рубоиёти вай тағаллӣ намуда”.

Ба ақидаи муаллиф, дар рубоии мазкур таълимоти орифонаи Бедил инъикос ёфтааст. Ин таълимот, ба фикри муаллиф, аз панғ зина ё худ аз панғ водӣ - дард, иборат сулук, таҳқиқ ва маош – иборат мебошад. Муаллиф таъкид кардааст, ки солики роҳи тариқат, пеш аз расидан ба асли мақсад, зинаҳои мазкурро бояд тай намояд.

Муаллиф дар хусуси маъно ва моҳияти истилоҳот ё худ, ба қавли худи ӯ, зинаҳои мазкур изҳори назар карда, доир ба ҳар яки онҳо рубоиҳо интихоб намуда, онҳоро шарҳу маънидод кардааст. Ӯ ғамъан 40 рубоии шоирро мавриди шарҳу тавзеҳ қарор додааст. Шарҳу маънидоди муаллиф дар аксари мавридҳо воқеӣ ва боварибахш мебошанд. Махсусан шарҳи рубоии зерин басо ғолиб ва шавқангез аст.

Ҳарчанд димо и ҳайписад аст ин ғо,
Ё нашъаи таҳқиқ баланд аст ин ғо.
Азбас ба хаёли хоксорӣ задаем,
Хуни Мансур хушкбанд аст ин ғо.

Муаллиф дар шарҳи ин рубой навиштааст. “Дар мабоҳаси гузашта гуфта шуд, ки урафо аз лиҳози маслак ва машраб бо ҳам мутафовутанд ва ҳар як аз онҳо ба қадри истеъдоди худ маърифат касб намуда, ба роҳе равонанд, ки ҳақиқатро дар он ташхис додаанд. Ҳазрати Мансур, ки аз урафои қарни саввуми ҳиғрист, он чунон шӯру валвала дар олами тасаввуф барпо намуда, ки кам касе аз сӯфия чунин растохезеро ба ёд доранд. Ин шахсияти бузурги ирфон ба садои баланд “аналҳақ” гуфт ва фасли тозаро дар тасаввуф рӯи кор овард. Агарчи ин садо, ки аз ҳанғараи ӯ баромад, нидои ҳақ буд, на садои Мансур, аммо бо вуғуди он вайро ба ин ғурм муохаза намуданд ва пас аз муҳокама ба дор овехтанд. Чунончи, аз қатароти хуни ӯ низ садои “аналҳақ” шунида шуд ва то охирин асаре, ки аз вай боқӣ буд, аз изҳори ин иддао хомӯш намонд.

Ҳар гоҳ ин ғараёнро аз нигоҳи тасаввуф мавриди арзёбӣ қарор диҳем, маълум мешавад, ки мақоми мансурӣ яке аз аҳволест, ки бояд урафо онро дарёбанд ва аз он убур кунанд. Ва инро мақоми ғамъ ё итсол мегӯянд. Ва ҳар орифе ки ба ин мақом расид, ма луби ҳоли худ гардида ва ҳамин ранг даое аз вай ба зуҳур мерасад… Алой ҳол, гуфтем, ки аз хуни ҳазрати Мансур ҳам садои ҳақ баланд шуд. Биноан Абулмаонӣ дар рубоии худ ба ҳамин матлаб тамос гирифта, аз хун ёде мекунад ва дар паҳлӯи он равиши худро низ тавзеҳ мефармояд ва мегӯяд, ки агарчи мо ҳам димо и ҳайписанд дорем ва ҳамин тавр нашъаи таҳқиқи мо ҳам баланд аст, вале чун ба хоксорӣ ниёзи бештаре дорем, лиҳозо дар назди мо хуни Мансур равонӣ ва тарӣ надорад. Дар ин ғо Адбулмаонӣ аз ҳолу мақоми худ хабар медиҳад ва бо истеъмоли калимаи “ин ғо” матлабро ҳаср намуда, мефармояд, ки мо ҳам мисли Мансур ба мақоми ғамъ ё итсол расидаем, вале бо тавфиқоти илоҳӣ аз ин мақом моро гузарониданд ва моро ба мақоми хоксориву бандагӣ расониданд ва ба шинохти ҳадду худуди худ тавфиқ доданд. Биноан мо бо ҳама ҳайписандӣ ва ҳайпарастӣ мӯҳри сукутро бар лаб ниҳодем ва чунин иддаое нанамудем. Ба иборати дигар, чун хуни Мансур тарӣ ва равонӣ дошт, аз он садои ҳақ мутасоид гардид, магар мо ба хоксорие гироидем, ки тарӣ ва равонӣ дар он нест ва хушкбанд аст. Биноан аз мо чунин садое баланд намешавад.

Умуман, “Шарҳи рубоиёти Бедил” рисолаи ғолиб ва дорои нуктаҳои тозаву ағиб аст. Бо вуғуди ин бо баъзе фикру мулоҳизаҳои муаллифи он ҳамроҳ шудан душвор аст.

Пеш аз ҳама гуфтан лозим аст, ки мазмуни рубоии Бедил “Эй шавқи ту дар касби фунун гармталош”-ро аз таълимоти суфиёнаи шоир иборат донистан саҳеҳ нест. Яъне калимаҳои дарду ибрат, сулуку таҳқиқу маошро сирф ба маънои сӯфиёна фаҳмидан доираи мавзӯи рубоиёти Бедилро маҳдуд кардан аст. Зеро дар рубоии мазкур сухан дар хусуси мавзӯъ ва

мундариҷаи девони рубоиёти шоир меравад. Дарду ибрату сулуку таҳқиқу маош берун аз олами ирфон низ вуҷуд дошта метавонад. “Афкору андешаҳои ин сӯфии тамом беш аз дигар осор дар рубоиёти вай таҷаллӣ намуда” аст, гуфтани ӯ низ мавриди тааммул аст. Мурод аз “афкору андешаҳо” агар афкори сӯфиёна бошад, ин фикр низ воқеият надорад. Дар муқояса бо азалиёту маснавиҳои шоир ифодаи андешаҳри сӯфиёна дар рубоиёти ӯ хеле кам ба назар мерасад. Сонияи, таълимоти ирфонии Бедилро аз панҷ зинаи мазкур иборат донистан низ саҳеҳ нест. Зеро олами ирфонии шоир басо васеъ ва рангоранг аст.

Муаллиф аз тарзи зиндагии аҳли сулук сухан карда, накӯӣ, боадабӣ, хоксорӣ, исти опешагӣ, саховатмандӣ барин хислатҳои ҳамидаи умумиинсониро хоси аҳли тариқат ба қалам дода, бад-ин роҳ доираи фаолияти мафҳумҳои мазкурро хеле маҳдуд тасаввур намудааст.

Ва ниҳоят, шарҳу тавзеҳи баъзе рубоиёт низ воқеӣ ва боварибахш нестанд. Чунончи, рубоии зерини шоир:

Гар ибрати аҳвол китоб аст ин ҷо,
Таҳсили камолат аз чӣ боб аст ин ҷо?
Дониш бар ҷаҳл мекашад хат ба замин,
Бедорӣ сар ба пои хоб аст ин ҷо.

чунин шарҳ дода шудааст: “Дар ин рубоӣ Абулмаонӣ ибрат аз аҳволи китобро мавзӯи баҳс қарор дода, мефармояд, ки танҳо аз мутолааи китоб ибрат ҳосил намешавад, балки аз мутолааи китоб илм ҳосил мешавад. Илме ки соҳаи амалӣ ва татбиқ дорад. Ҳар гоҳ илму амал тавъам набошад, таҳсили камол муяссар нест. Ва инчунин илму дониш ба бедоре мемонад, ки сари худро ба пои хоб гузошта бошад. Ба иборати дигар, китоб ҳовии илму дониш буда, улум дар он мундариҷ аст. Аммо ин улуми мундариҷа олиме ҳам ба кор дорад, то онро дар амал бикашонад. Дар айри он чӣ ҳосиле аз илм мутараттиб хоҳад буд”.

Ин шарҳи то андозае тӯлонии муаллифи мӯҳтарам ба мазмуни рубоии боло ҳеҷ гуна наздикӣ надорад. Дар рубоии мазкур дар хусуси чизи тамоман дигар сухан рафтааст. Ин ҷо дар бораи беқадрии донишу донишманд ва қадру эътибор доштани ҷаҳолату нодонӣ сухан меравад. Шоир гуфтанист, ки агар ибрат гирифтан аз аҳволи мардум, панд гирифтан аз зиндагии одамон барои ту китоб бошад, яъне аҳволи мардум бароят чун китоб шоиста ва сазовори мушоҳадаву муроҷиа бошад, агар аз тарзи зиндагии одамони замони худ огоҳ бошӣ, аҳволи онҳоро чун китоб мутолаа кардан ва аз он мутолаа ибрат гирифтан тавонӣ, таҳсили камол бароят зарурат надорад. Ба таъбири дигар, агар ба зиндагии мардум ба чашми ибрат нигарӣ, аз зиндагии онҳо сабақею панде гирифтан тавонӣ, пас чаро таҳсили камол мекунӣ? Чаро илму маърифат меомӯзӣ? Таҳсили камол макун, илм маёмӯз. Зеро аҳволи мардум нишон медиҳад, ки дар ин замона донишу донишманд қадру қиммат надорад. Баракс, ҷаҳолату нодонӣ соҳиби обрую эътибор ҳастанд. Мартабаи аҳли илму фан аз мартабаи ҷоҳилону нодонон пасттар, эътибору обрӯи ҷоҳилон аз эътибори оқилон бештар аст. Доно ба мақому мартабаи ҷоҳил назар карда, бар замин хат мекашад, яъне аз ҳоли зору залили худ хиҷолат мекашад, шарм медорад, аз ҳастӣ, аз зиндагии худ пушаймон мешавад. Дар ин замона бедорӣ, яъне доноӣ, сар бар пои хоб, яъне ҷоҳилӣ, мегузорад, оқил ба ҷоҳил таъзим менамояд, хидмати ӯро ба ҷо меорад. Доно дар назди ҷоҳил хору залил ва нописанд аст. Агар аҳволи донишу донишманд ҳамин бошад, ҷаҳолату нодонӣ даст болою донишу донишманд дасткӯтоҳ бошанд, пас таҳсили камол намудани ту, илму маърифат омӯхтани ту чӣ даркор?

Рисолаи дуввум, яъне “Калиди ирфон”, бино бар ишораи худи муаллиф, дар соли 1354 шамсӣ таълиф шудааст ва чунонки гуфтем, пас аз 16 соли таълифаш, дар соли 1370 рӯи чопро дидааст. Рисола аз рӯи нусхаи дастхати муаллиф чопи офсет шуда, 253 саҳифаро дарбар дорад. Дар он наздик ба 300 байти душворфаҳми Бедил, ки ийтибос аз азалҳои гуногунанд, шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Мутаассифона, дар ин рисола низ шарҳу маънидоди на ҳамаи байтҳо саҳеҳу воқеӣ ба назар мерасанд. Муаллиф дар шарҳу тавзеҳи баъзе байтҳо аз асли мақсади шоир хеле дур рафтааст. Чунончи, ӯ байти машҳури “Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд, Одамӣ ҳам, пеш аз он к-одам шавад, бӯзина буд”-ро мавриди баҳс қарор дода, фикри дар он байт ифодаёта, яъне масъалаи маълуми аз маймун пайдо шудани инсонро рад намуда, шарҳи тамоман айривоқеиеро пешниҳод кардааст. Ӯ навиштааст: “Ба

истилоҳи эшон (сӯфиҳо – Б.Р.), ҳаюло мурод аз ҷобилият ва ғавҳарест, ки дар маърифати ҳаӣ ба кор бурда мешавад. Зеро сӯфияи киром муроди аслӣ аз хилҷат (ро) маърифат ва шинохт медонад. Лиҳозо, ҳар кӣ маърифат надошта бошад, ҳайвон мепиндоранд. Ибни Арабӣ ҳаюлоро истеъдоди маърифат медонад. Тибҷи ишораи Бедил дар "Ирфон" ҳаюло ҳамон ғавҳари аслии маърифат аст. Ва ин ғавҳари аслӣ, ки дар вуғуд аст, ба асари касби баъзе таӣво ва риёзат ба зуҳур мерасад ва ҷабл аз зуҳури маърифат инсон ҳайвоне беш нахоҳад буд. Аз калимаи "бӯзина" мурод ҳайвон аст" (саҳ. 93-94).

Муаллиф шарҳи худро идома дода навиштааст, ки "ҳаюло аз назари Бедил яке аз румузи тасаввуф аст, на баҳси ҳикмату фалсафа, зеро агар баҳси ҳикмат мебуд, ҳаюло абъод медошт ва дорои тӯлу арз мебуд".

Ағиб аст, ки муаллиф байти мазкурро ба таври худ тавзеҳ дода, дар айни замон таъкид кардааст, ки ин байт аз они Бедил нест ва дар куллиёташ низ дида намешавад. "Ҳар гоҳ назари шахсии маро пурсанд, - навиштааст ӯ, - ман ин байтро аз Абулмаонӣ намедонам ва дар куллиёти вай низ дохил нест" (саҳ. 196).

Дар хусуси шеъри Бедил надонистани байти мазкур муаллифи мӯҳтарам, шояд, ягон далеле дошта бошад. Вале ин байт "дар куллиёти вай дохил нест" гуфтани ӯ дурӯ аст, дурӯ и маҳз. Байти мазкур дар ҳардуи нашрҳои комили куллиёти Бедил – нашри Сафдарӣ – (Бамбай, 1882, азалиёт, саҳ. 160) ва нашри Кобул (ғилди аввал, 1341, саҳ. 692) мавғуд аст (Дар бораи маънои байти мазкур ниг. ба маҷолаи "Шарҳи як байти Бедил" дар ҳамин мағмӯа).

Чунон ки маълум аст, намунаҳои осори Бедил ба чанде аз забонҳои дигар, аз ғумла ба забони ӯзбекӣ, низ тарғимаву нашр шудаанд. Яке аз тарғимаҳои ӯзбекии осори шоир мунтахаби рубоиёти ӯст, ки бори аввал дар соли 1974 ва бори дуввум дар соли 1986 ба табъ расидааст. Нашри аввали мунтахаб 408 рубоӣ ва нашри дуввуми он 439 рубоиро дар бар кардааст. Мунтахабро муҳаӣҷиҷи тоғик Расул Ҳодизода интихоб ва мураттаб кардаасту тарғимаи он ба ҷалами олими ӯзбек Шоислом Шомуҳаммедов тааллуӣ дорад. Мураттиби мағмӯа Расул Ҳодизода дар охири он тавзеҳоти муфассале навишта, дар баробари зикри баъзе масоили назарии омӯзиши Бедил мазмуни 48 рубоии ӯро низ шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар соли 1992 дар саҳифаҳои рӯзномаи "Ғумҳурият" (Душанбе) зери рубрикаҳои "Шарҳи Бедил" ва "Минбари баҳс" маҷолае чанд бо унвонҳои "Дастор ғӯшонад" (16 май), "Аз душвориҳои Бедил" (20 май), "Як азали Абулмаонӣ" (10 июн), "Сари мӯе гар ин ғо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ғо" (22 июл), "Дидаи мо як ҷадам пеш аст аз мижгони мо" (11 август) ва айра ба табъ расиданд, ки ба ҷалами Ислом Исмоил ном шахс тааллуӣ доранд. Мутаассифона, ин навиштаҳо ба дарағае бебунёд ва дур аз воӣеият ҳастанд, ки кирои онҳоро баррасӣ кардану ба муаллифи онҳо баҳс намудан намекунад. Хуб шуд, ки шоир аффор Мирзо ва музаӣҷиҷон Расул Ҳодизодаву Ансор Афсаҳ дар тардид ва такзиби маҷолаҳои Ислом Исмоил чандто маҷола навишта, ба бедилшиносӣ ва бедилфаҳмонии ӯ хотима доданд (Ниг.: Ғумҳурият, 23. У. 1992, 5. IX. 1992 ва 24. X. 1992).

Охирин асаре, ки дар мавзӯи шарҳи осори Бедил таълиф шудааст, рисолаи муҳаӣҷиҷи аф онистонӣ Абдул аннии Барзинмеҳр аст, ки бо номи "Андарз шунидан дар оинахона" ё худ "Ғусторе дар муддао ва масали Бедил" дар соли 2000 дар Пешовар ба табъ расидааст. Ҳиғми рисола 120 саҳифа буда, ду бахши асосиро дарбар кардааст. Бахши аввал, ки "Кӯтоҳнигарише бар зиндагӣ ва осори Бедил" унвон дорад, аз шарҳи мухтасари зиндагӣ ва баррасии иғмолии эғодиёти шоир иборат аст. Бахши дуввум – "Муддао ва масал дар лобалои азалиёти Бедил" – шарҳу тавзеҳи таҷрибан 120 байти шоирро фаро гирифтааст. Дар охири рисола ба айр аз байтҳои ташреҳшуда боз 245 байт ба ҳайси илова дарғ гардидааст. Дар рисола байтҳое шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки дар санъати тамсил ё худ ташбеҳи мураккаб иншо шудаанд. Дар ин гуна байтҳо, чунон ки маълум аст, ин ё он фикр дар мисрае ифода шуда, дар мисраи дигар бо мисолҳо тасдиҷу таӣвият меёбад. Бино бар ташреҳи муаллифи рисола, ин гуна байтҳо дар Аф онистон бо номи "муддао ва масал" ёд мешудаанд. Ду байти зерин аз ҷабили ҳамин хел байтҳо мебошанд.

Озори золим аз асари дастгоҳи ӯст,
Бедил, ба хун нишастани ханғар зи даста аст.

***X X X***

Золим аз бедастгоҳӣ нест бе тамҳиди зулм,
Дар ҳақиқат, арра шамшер аст, чун дандона рехт.

Рисолаи Абдул ании Барзинмехр умуман асари хонданист. Шарҳу тавзеҳи ӯ дар бештари мавридҳо воҷеӣ ва боварибахш садо медиҳанд. Вале, азбаски маводи ташреҳ якхела аст, баёни мавзӯъ низ то андозае якрангу якнавохт баромадааст.

Шарҳи баъзе порчаҳои шеърӣ ва байтҳои мушкилфаҳми Бедилро дар рисолаҳои Хоға Ибодуллоҳи Ахтар "Бедил" (Лоҳур, 1952), устод Садриддин Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" (Сталинобод, 1954), Холида Айнӣ "Бедил ва достони ӯ "Ирфон" (Сталинобод, 1956), китоби Ҳасани Ҳусайнӣ "Бедил. Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ" (Теҳрон, 1368) ва мақолаҳои Мавлоно қурбат "Шарҳи як байти Бедил" (мағаллаи "Ирфон", Кобул, 1331, № 3), Муҳаммадисмоили Асбаӣ "Ду шеъри Бедил" (мағаллаи "Ирфон" Кобул, 1333, № 4), Майвандвол "Хитоби Бедил" (мағаллаи "Ирфон", Кобул, 1335, № 10), Евгений Бертелс "Бедил ва таълимоти ӯ дар бораи эволютсия (Е. Э. Бертельс, История литературы и культуры Ирана, М. 1988), Муҳаммад Ансор "На ҳар к-ӯ вараҷе хонд, маонӣ донист" (рӯзномаи "Омӯзгор" 13. 02. 1991), Муҳаммаддовуди Ҳаёт "Кағфаҳмиҳо дар шарҳи абёт" (рӯзномаи "Сомон" 21. 02. 1992), Асадуллоҳ Ҳабиб "Вожасозӣ ва одатситезии сарфӣ ва наҳвӣ дар сурудаҳои Бедил" (мағаллаи "Фарҳанг". Душанбе, 1993, № 1 – 3). Алии Муаллим "Ҳайратдамидаам, гули до ам баҳонаест" (мағаллаи "Шеър: Теҳрон, 1374, № 1-7), Парвиз Аббосӣ "Оинаи ҳайрат" (ҳафтаномаи "Нағот" Душанбе, 2000 №№ 13-14) низ пайдо намудан мумкин аст.

Ва ниҳоят, тайи чанд соли охир дар саҳифаҳои мағаллаи "Маърифат" (Душанбе, 1994-2002) шарҳу тавзеҳи беш аз 60 азали Бедил ба табъ расид, ки ба қалами собиӣ сардабири мағалла марҳум Муҳаммад Ансор ва муаллифи ин сатрҳо тааллуӣ доранд.

## *ШАРҲИ ЯК БАЙТИ БЕДИЛ*

Дар байни осори фаровони Мирзо Абдулқодири Бедил (1644 - 1720)шеърҳое ба назар мерасанд, ки нисбат ба ашъори дигари ӯ шӯхрат ва маъруфияти бештар доранд. Яке аз чунин шеърҳо байти зерин аст:

Ҳеғ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,
Одамӣ ҳам, пеш аз он к-одам шавад, бӯзина буд.

Ин байт дар адабиёти зиёди илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба маъниҳои гуногун таҳлил ва шарҳу тавзеҳ шудааст. Чунончи, дар мағмӯаи дастғамъии "Намунаҳои адабиёти тоғик" (Сталинобод, 1940), китоби устод Садриддин Айнӣ "Мирзо Абдулқодири Бедил" (Сталинобод, 1954), мақолаи Е. Э. Бертелс "Бедил ва таълимоти ӯ дар бораи эволютсия" (Е. Э. Бертельс, История литературы ин культуры Ирана, М. "Наука" 1988), китобчаи Ҳафиз Рауфов ва Азизӣ – Мешкин "Бар зидди хурофоти динӣ" (Сталинобод, 1964) ва нашрҳои гуногуни китоби дарсии мактаби миёна гуфта шудааст, ки Бедил дар ин байт ягонагӣ ва бо ҳам алоқамандии модда ва шаклро таъкид намуда, ба масъалаи аз маймун пайдо шудани инсон низ ишора кардааст.

Масалан, муаллифони бахши "Бедил" дар "Намунаҳои адабиёти тоғик" шоирон Муҳаммадғон Раҳимӣ ва Абдусалом Деҳотӣ дар асоси байти мазкур навиштаанд:

"Бедил дар масъалаи пайдоиши одам ҳам ба муқобили рӯҳониён мебарояд, вай дар ин бора ба нуӣтаи назари илмӣ-материалистӣ наздик шуда, аз маймун пайдо шудани одамро тасдиӣ мекунад".

Устод Айнӣ ба тарзи ифодаи мазмуни байт диӣқат дода, таъкид кардааст, ки Бедил дар ин байт ба ақидаи аз маймун пайдо шудани инсон танҳо ишора кардааст. Ин фикр ихтирои худи ӯ нест. Устод навиштааст: "Мо дар охири қисми эғодиёти ин шоири файласуф ба болои як азали ӯ меистем, ки дар вай ба тарзи мисол масъалаи аз маймун расида баромадани одамро қайд кардааст. Дар ҳикмати қадим моддаи аслӣ ва асосии хилқати чизҳоро ҳаюло ном чизе мешуморанд, ки ҳар чиз бо таркиби оташу обу боду хок дар вай ташаккул ёфта сурати худро пайдо мекунад ва муаллиф, ки ба ҳамин назария боварӣ дорад, барои исботи ин "чунончи одам пеш аз пайдо кардани сурати одамият бӯзина буд", мегӯяд". Устод Айнӣ идома

медиҳад: “Бо ҳамаи ин мо ҳеғ гоҳ намегӯем, ки Бедил ин назарияро ихтироъ кардааст ё ба тарзе ки дар асри Х1Х аз тарафи Дарвин ба сурати илмӣ дар муҳокимаи донишмандон гузошта буд, фикр кардааст”. “Лекин, - илова менамояд устод, - мумкин аст, ки ин назария дар афсонаҳои ҳинди ҷадим бошад ва Бедил аз ин афсона барои исботи фаолияти ҳаюло ва сурат, ки барои ӯ хеле муҳим аст, фоида бурда бошад”.

Евгений Бертелс дар тавзеҳи назари Бедил ба масъалаи инкишофи тадриғӣ (эволютсия) ба шарҳу маънидоди байти мазкур иктифо накарда, тамоми азалро, азале ки байт аз он гирифта шудааст, тарғимаву таҳлил намудааст. Ӯ роҷеъ ба маънои байт мулоҳаза намуда, тавзеҳ додааст, ки Бедил модда ва шаклро аз ҳам ғудонашаванда медонад, зеро, ба аҷидаи ӯ, шакл бе модда зоҳир намешавад ва модда низ бе шакли муайян вуғуд дошта наметавонад. Бертелс навиштааст, ки Бедил, воӣеан, ба масъалаи аз маймун пайдо шудани одам ишора кардааст. Вале ин ишора аз назарияи эволютсионии Дарвин ба куллӣ фарӣ мекунад. Назарияи Дарвин дар асоси мушоҳада ва муроҷабаи бевоситаи табиат ба вуғуд омада бошад, ишораи Бедил асоси идеалистиву хаёлӣ дорад. Бертелс ҷайд кардааст, ки фикри аз маймун ба миён омадани инсон фикри нав нест. Ин аҷидаро дар таълифоти мутафаккирони пешин низ дидан мумкин аст.

Бар хилофи аҷидаи муҳаӣҷиҷони мазкур, гурӯҳи дигари муаллифон байти мазкурро ба маъноҳои дигар фаҳмидаанд. Аз ғумла, муаллифи аф онистонӣ Абдулҳамиди Асир, ки бо номи Ҷандио о низ маъруф аст, дар “Калиди ирфон” (соли нашр 1370 шамсӣ) ном китоби худ дар шарҳи байти мазкур навиштааст:

”Ба истилоҳи эшон (сӯфиҳо – Б.Р.) ҳаюло мурод аз ҷобилият ва гавҳарест, ки дар маърифати ҳаӣ ба кор бурда мешавад. Зеро сӯфияи киром муроди аслӣ аз хилҷат(ро) маърифат ва шинохт медонанд. Лиҳозо, ҳар кӣ маърифат надошта бошад, ҳайвон мепиндоранд. Ибни Арабӣ ҳаюлоро истеъдоди маърифат медонад. Тибҷи ишораи Бедил дар “Ирфон”, ҳаюло ҳамон гавҳари аслии маърифат аст. Ва ин гавҳари аслӣ, ки дар вуғуд аст, ба асари касби баъзе таӣво ва риёзат ба зуҳур мерасад ва ҷабл аз зуҳури маърифат инсон ҳайвоне беш нахоҳад буд. Аз калимаи бӯзина мурод ҳайвон аст”.

Муаллиф шарҳи худро идома дода, навиштааст, ки “ҳаюло аз назари Бедил, яке аз румузи тасаввуф аст, на баҳси ҳикмату фалсафа. Зеро агар баҳси ҳикмат мебуд, ҳаюло абъод медошт ва дорои тӯлу арз мебуд. ”

Аз ин шарҳи муаллиф ҳамин ҷадар фаҳмида мешавад, ки калимаи “ҳаюло” дар байти Бедил ба маънои ҷобилияти маърифат кардан будааст ва маънои байт ин буда, ки шахси дорои ҳаюло набуда бӯзина, яъне ҳайвон, аст.

Ба фикри мо, ин шарҳ шарҳи зӯраки ё худ шарҳ аз ночорист. Ночорӣ на ба маънои он, ки муаллиф маҷсади шоирро нафаҳмидааст. Баръакс, ӯ аз баёни маънии ҳаҷиҷии байт ҷасдан худдорӣ кардааст. Яъне ишораи Бедил ба масъалаи аз маймун пайдо шудани инсон ба ӯ хуш наомадааст. Ба назари ӯ, Бедил на бояд ин гуна фикрҳо дошта бошад. Чун шарҳи ӯ худи ӯро ҷонеъ карда натавонистааст, ӯ роҳи дигарро ғуста, иддао кардааст, ки байти мазкур аз Бедил нест.

“Ҳар гоҳ назари шахсии маро пурсанд, – навиштааст ӯ, - ман ин байтро аз Абулмаонӣ намедонам ва дар куллиёти вай низ дохил нест. ”

“Ин байтро аз Абулмаонӣ намедонам” гуфтани муаллиф, шояд, бедалел набошад. Вале «дар куллиёти вай низ дохил нест» гуфтанаш дурӯ аст, дурӯ и маҳз. Байти мазкур дар ҳарду нашрҳои комили куллиёти Бедил – нашри Сафдарӣ (Бамбай, 1299 ҳ. ӣ. азалиёт, саҳ. 160) ва нашри Кобул (ғилди аввал, 1341 ш. саҳ. 692) мавғуд аст.

Муаллифи дигаре, ки байти мазкурро ба таври айриананавӣ шарҳ додааст, шодравон Муҳаммад Ансор мебошад. Ӯ дар маҷолаи «…На ҳар к-ӯ вараӣе хонд, маонӣ донист» (ҳафтаномаи «Омӯзгор» аз 13. 02. 1991) таҳлили ашъори шоирони пешин дар китобҳои дарсиро мавриди накӯҳиш ҷарор дода, ба ҳайси мисол чанд шеъри Бедил, аз ғумла байти мавриди маҳсро низ зикр намудааст. Инак, бахши оид ба байти мазкури маҷолаи ӯро иӣтибос менамоем. Ӯ навиштааст: «Мехоҳам боз як мисол аз Бедил биёварам, ки хеле машҳур аст:

Ҳеғ шакле бе ҳаюло ҷобили сурат нашуд,<br>
Одамӣ ҳам, пеш аз он к-одам шавад, бӯзина буд.

Шарҳи олимро (муаллифи китоби дарсиро – Б.Р.) мехонем: «Бедил мегӯяд, ки ҳеғ чиз бе

ҳаюло, яъне бе модда шакл нагирифтааст ва одамӣ, пеш аз он ки ба шакли одамият дарояд, бӯзина – маймун буд». Аз навиштаи олим хулоса мебарояд, ки – идома медиҳад Муҳаммад Ансор, - Бедил назарияи аз маймун ба вуҷуд омадани инсонро пештар аз Дарвин кашф кардааст. Вале дар байти боло бӯзина барои Бедил чун рамзи шартии ҳайвон хидмат кардаасту бас. Бедил метавонист, ки умуман ҳайвон гӯяд ва ё ягон навъи ҳайвонро ном барад. Бедил дар ҳақиқат ҳайвони ба одам монандро ёфта, фикри худро барҷаста ифода кардааст. Фақат арази ӯ аз маймун пайдо шудани одам набудааст. Бедил ҳамон фикри маъмулро, ки инсонро афзали махлуқот (беҳтари офариниш) медонад, таъкид кардааст. Ва модда (ҳаюло)-и нутӣ сухан (хирад) аст, ки одамро аз соири ҳайвонот, аз ҷумла маймун, тафовут медиҳад».

Тавре ки дида мешавад, таҳлили байт дар китоби дарсӣ ҳамон аст, ки дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик», китоби устод Айнӣ ва мақолаи Евгений Бертелс дида мешавад. Муаллифи китоби дарсӣ таҳлили худро, шояд, аз ҳамин манбаъҳо гирифта бошад. Аз ин рӯ, сарзаниш кардани ӯ дар ин ҷо бемаврид ва беасос аст. Гузашта аз ин, таҳлили мазкур чандон бебунёд ва носолим ҳам нест, ки муаллифи он сазовори ин гуна коҳишу сарзаниш бошад.

Ҳамин гуна рӯҳияи тезу тундро дар мақолаи Муҳаммаддовуди Ҳаёт «Каҷфаҳмиҳо дар шарҳи абёт» (ҳафтаномаи «Сомон» аз 21. 02. 1992) низ мушоҳада кардан мумкин аст. Ин муаллиф низ ба маънидоди байти мавриди баҳс дар китобҳои дарсӣ эрод гирифта, аз ҷумла навиштааст:

«Албатта, ҳамоқат аст, агар муаллими фанни адабиёт Мирзо Абулқодири Бедилро дарвинист ном барад, ба сабаби ин байти машҳураш, ки:

Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,

Одамӣ ҳам, пеш аз он к-одам шавад, бӯзина буд.

Ҳол он ки сӯфии бузург на ба ин мақсад ин байтро гуфта буд, то моркисистон кӯшиш ба харҷ диҳанд суханони безаволи гузаштагони моро бо афкори моркисистонаи худ ҳамоҳанг намоянд. Барои соҳибзавқон ин байтро шарҳи кӯтоҳ дода мегузарем, чунки ҳамзабонони мо имрӯз аз лаззати фаҳмиши ин суханони «адимулмисол» бебаҳраанд. Аввал пеш аз шарҳи ин байт мо мебинем, ки ҳазрати Бедил яке аз мутафаккирони бузург ва муриди Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ аст. Пас ин шеър аз ҷисми ашъори сӯфиёна аст. Мақсади Бедил дар ин байт он аст, ки чун шакл бе ҳаюло соҳиби сурат нест, одамӣ низ бе бӯзинагӣ одам намешавад, яъне одам то худошинос шудан ҳукми одамӣ надорад, балки ҳукми баҳоимро дорад. Ин аст мазмуни ин байт, ки моркисистон мувофиқи табъи худ шарҳ додаанд».

Шарҳу маънидоди Муҳаммаддовуди Ҳаёт шарҳи Абулҳамиди Асирро ба хотир меорад. Ӯ низ ба маънои воқеии байт сарфаҳм рафтаасту қасдан суханро ба дигар тараф, ба тарафи худошиносӣ, бурдааст.

Ба назари мо, дар хусуси маънои мисраи дуввуми байт ҳақ ба ҷониби муаллифони гурӯҳи аввал, яъне устод Айнӣ ва дигарон аст. Дар ин ҷо, воқеан, дар бораи аз маймун пайдо шудани инсон сухан рафтааст. Вале мисраи якум, ба фикри мо, баёнгари муносибати моддаву шакл нест. Мисраи аввал маънои онро надорад, ки ҳеҷ шакле бе модда, бе материя вуҷуд дошта наметавонад ё худ ҳеҷ шакл бе модда ба сурат табдил намеёбад. Гап дар сари он аст, ки калимаи «ҳаюло» дар ин ҷо ба маънои ҷавҳар, асл, модда ё худ материя нест. Ин калима дар ин ҷо маънои дигар дорад, ки дар борааш баъдтар таваққуф мекунем.

Дар сурати ба маънои модда (материя) фаҳмидани калимаи «ҳаюло» аз мисраи аввал як маънои оддӣ ва муқаррарӣ бармеояд. Маъние бармеояд, ки бе таъйид ва таъкиди шоир ҳам маълум аст. Маълум аст, ки чи шакл ва чи сурат бе модда вуҷуд дошта наметавонанд. Мақсади шоир дар ин ҷо нишон додани инкишоф ва сифати нав гирифтани шакл аст, на таъйиди ягонагӣ ва бо ҳам алоқамандии моддаву шакл.

Инак, ба асли мақсад мегузарем ва байтро, ба он тарзе ки мо мефаҳмем, маънидод мекунем. Маънидоди байтро аз шарҳи калимаҳои он о оз менамоем.

Калимаи «шакл» дар ин ҷо ба маънои аслии худ, яъне намуд ва зоҳири ҳар чиз аст. Калимаи «сурат» ҳам ба маънои шакл аст, аммо шакли ба камол расида, шакли сифатан нав ё худ зинаи олии шакл. Ба таъбири худи Бедил гӯем, сурат зинаи охирини шакл аст, хатми намуд аст:

Ба маънӣ, ки асли шуҳуд асту бас,

Ба сурат, ки хатми намуд асту бас. (Муҳити аъзам).

Калимаи «ҳаюло» дар ин байт, чунон ки гуфтем, ба маънои маъмули он, яъне модда (материя), асл ва ғавҳар нест. Ин калима дар ин ғо ба маънои барзах, пул (кӯпрук), ҳалчаи пайванд, воситаи гузариш ва амсоли инҳо истифода шудааст. Яъне ба маънои чизест, ки миёни ду чизи гуногун воиеъ аст ва умумияту наздикие ба он ду чиз дорад. Ба мисли аъроф, ки ҳаюлост миёни ғаннату дӯзах, бӯзина, ки барзах аст байни ҳайвону инсон, мардумгиёҳ, ки ҳалча аст байни наботу ҳайвон ва марғон, ки купрӯкест миёни ғамоду набот.

Гуфтан лозим аст, ки ҳаюло ба маънои барзах дар баъзе лаҳғаҳои забони тоғикӣ низ дучор мешавад. Чунончи, мардуми Дарвоз махлуҷи хаёлии нимҳайвону ниминсонро бо номи ҳаюло ёд мекунанд.

Инак, маънои мисраи аввал чунии бояд бошад: ҳама гуна шакл, пеш аз он ки ба сурат табдил ёбад, бояд давраи ҳаюлоиро низ аз сар гузаронад. Бе воситаи гузариш, бе ҳалчаи пайванд шакл якбора ба сурат мубаддал намегардад. Шакл, ҷабл аз он ки ба марҳалаи сифатан нав, яъне сурат гузарад, бояд зинаеро тай намояд, ки ин зина ҳам ба худи ӯ монанд бошаду ҳам ба марҳалаи пешоянд, ки сурат аст. Ин маъниро агар дар доираи васеътар, дар мисоли ҳодисаҳои ғамъиятӣ ифода намоем, чунин сурат мегирад, ки дар байни зинаҳои гуногуни инкишофи ғамъият марҳалаҳое мавғуданд, ки ҳам дорои хусусиятҳои зинаи пеш аз худанду ҳам дорои хусусиятҳои зинаи баъд аз худ. Масалан, давраи гузариш, ки дар байни форматсияҳои феодалӣ ва сармоядорӣ мавғуд аст. Ё худ давраи гузариш, ки дар байни иҷтисоди планӣ ва иҷтисоди бозаргонӣ воиеъ аст.

Маънои мисраи дуввум ин аст, ки инсон дар ғараёни инкишофи худ аз зинаи ҳайвонӣ то зинаи инсонӣ марҳалаеро тай намудааст, ки он марҳала марҳалаи бӯзинагист, яъне инсон, пеш аз он ки ба дараҷаи инсонӣ расад, дар баробари тай кардани зинаҳои маълуми инкишоф – ғамодӣ, наботӣ ва ҳайвонӣ зинаи барзахӣ ё худ ҳаюлоиеро бо номи зинаи бӯзинагӣ низ тай кардааст. Алоҷамандии мисраъҳои байт аз он иборат аст, ки фикри асосӣ дар мисраи аввал ифода ёфтаасту мисраи сонӣ тамсил ё худ исботи он фикр аст. Шоир гуфтанист: маълум аст, ки инсон пеш аз инсон шудан мароҳили зиёде, аз ғумла марҳалаи бӯзинагиро аз сар гузаронидааст. Ё худ инсон пеш аз тарк кардани зинаи ҳайвонӣ ва ворид шудан ба зинаи инсонӣ барзахи ин ду зина – зинаи бӯзинагиро низ гузаштааст. Монанд ба ҳамин, шакл низ пеш аз ба сурат табдил ёфтанаш, барзах ё худ ҳаюлои шаклу суратро сайр намудааст. Тавре ки инсон то олами бӯзинагиро сайр намекард, ба мартабаи инсонӣ соҳиб намешуд, шакл низ то аз маҷоми ҳаюло убур намекард, ба дараҷаи суратӣ намерасид.

Азбаски дар ин байт мисраи дуввум тамсили мисраи аввал аст, умумият ва таносуб дар байни калимаҳои он мавғуд аст. Калимаи шакл мутаносиб аст бо калимаи ҳайвон. Дар мисраи дуввум калимаи ҳайвон агарчи ифода наёфтааст, вале дар назар дошта шудааст. Зеро бӯзина, ки барзах аст, барзахи байни ҳайвону одам аст. Калимаи ҳаюло мутаносиб аст бо калимаи бӯзина. Зеро ҳам ҳаюло ва ҳам бӯзина барзаханд, яке барзахи байни шаклу сурат, дигаре барзахи байни ҳайвону одам. Калимаи сурат мутаносиб аст бо калимаи одам. Зеро ҳам сурат ва ҳам одам зинаҳои олии инкишофанд, сурат зинаи олии шакл, одам зинаи олии ҳайвон.

Зоҳиран, аҷидаи аз маймун пайдо шудани инсон дар замони Бедил як фикри маълум ва машҳур будааст, ки шоир онро ба ҳайси исбот ва таҷвияти гуфтаи худ истифода кардааст.

Чунон ки гуфта шуд, дар таърихи тамаддуни халҷҳои Шарҷ ин аҷида аҷидаи нав нест. Муҳаҷҷиҷи мазкур Е. Э. Бертелс дар маҷолаи зикршудаи хеш навиштааст, ки аҷидаи аз маймун пайдо шудани одам дар асаре бо номи «Ихвонуссафо», ки дар асри X ба забони арабӣ таълиф шудааст, ба назар мерасад. Ин асар аз 51 маҷола иборат аст ва дар маҷолаи 32 он масъалаи пайдоиши оламу одам инъикос ёфтааст. Ба ҷавли Бертелс, раванди пайдоиш дар ин асар чунин тасвир шудааст: о оз ва ибтидои ҳастӣ рӯҳи мутлаҷ ё худ зоти бечун аст. Ин зот дар танҳоӣ зоҳир ва намоён набуд. Ӯ ба маҷсади ошкор сохтани хеш аввал аҷлро офарид. Аз аҷл нафс пайдо шуд. Нафс сабаби пайдоиши ҳаюло (материя) гардид. Ба туфайли ҳаюло ғараёни пайдоиш ранги моддӣ гирифт. Ин моддият дар намуди ғисми курашакл ғилвагар шуд. Аз ин ғисми курашакл аввал бурғҳои осмонӣ – Ҳамал, Сарв, Ғавзо, Саратон ва айра пайдо шуданд. Сипас ҳафт сайёра – Зуҳал, Муштарӣ, Уторид, Офтоб, Миррих, Зӯҳра ва Моҳ арзи ҳастӣ намуданд. Дар зери кураи Моҳ нишонаҳои олами ғисмонӣ – бухори латиф (эфир),

ҳаво, об ва замин ба вуғуд омаданд. Раванди таназзули рӯҳ дар ҳамин ғо ба поён расид. Сипас протсесси тараӣӣӣ ё худ болоравӣ, яъне бозгашт шурӯъ шуд. Унсури асосии замин – ғамод ба воситаи ҳалчаи мобайнӣ, яъне ма ор, ба зинаи баландтар – наботӣ ворид гардид. Аз набот ба воситаи растании дуғинса – нахл ба зинаи ҳайвонӣ чадам гузошт. Ниҳоят, аз зинаи ҳайвонӣ ба воситаи ҳалчаи мобайнӣ, яъне маймун, ба зинаи инсон ворид шуд. Инсон дар навбати худ ба туфайли пок шудан аз хислатҳои ҳайвонӣ ба сӯи асли хеш - рӯҳи мутлаӣ роҳ гирифт (Ниг.: Е. Э. Бертельс, История литературы и культуры Ирана, М., «Наука», 1988, стр. 346-347).

Ачидаи мазкури аз маймун пайдо шудани инсонро дар осори илмии ба забони форсӣ таълифшуда низ дидан мумкин аст. Чунончи, шоир ва сӯфии машҳур Маҳмуди Шабистарӣ (1252-1320) дар китоби «Миръотулмуҳаӣчичин» раванди инкишофи инсонро аз панғ зина – ғамод, набот, ҳайвон, бӯзина ва инсон - иборат донистааст (Ниг.: А. Хабиб, Бедил и его произведение «Чахор унсур». Кандидатская диссертатсия М., 1973, стр. 100). Яъне ба ачидаи Маҳмуди Шабистарӣ низ инсон дар ғараёни ташаккул ва такомули хеш дар чатори зинаҳои ғамодӣ, наботиву ҳайвонӣ марҳалаи бӯзинагиро низ паси сар кардааст.

Дар охир илова кардан лозим аст, ки тасдичи ачидаи аз маймун ба миён омадани инсон ҳачичати аз хок пайдо шудани онро инкор намекунад. Маймун яке аз зинаҳои охирини инкишофи инсон аст, на маншаъ ва мабдаи пайдоиши он. Чунон ки дидем, тибчи назарияи инкишофи ботадриғ инсон аз маймун, маймун аз ҳайвон, ҳайвон аз набот, набот аз ғамод, ғамод аз замин, замин аз ихтилоти чор унсур (хоку обу боду оташ), чор унсур аз бухори латиф ва бухори латиф аз рӯҳ, рӯҳи мутлаӣ пайдо шудаанд.

## БЕДИЛШИКАНӢ ЧӢ МАЪНӢ ДОРАД?

Чунон ки маълум аст, пеш аз Инчилоби Октябр ва бунёди сохти шӯравӣ дар байни аҳли илму адаби шаҳрҳои бузурги Тоғикистону Ӯзбекистони имрӯза маҳфилҳои бедилхониву бедилфаҳмӣ амал менамуданд, ки дар онҳо осори Мирзо Абдулчодири Бедил (1644-1720) хонда, шарху маънидод карда мешуд. Маҳфилҳои бедилхонӣ дар баъзе деҳаҳои атрофи шаҳрҳо низ вуғуд доштанд. Аз мавғудияти яке аз чунин маҳфилҳои деҳагӣ устод Айнӣ дар ғилди аввали “Ёддоштҳо” хабар додааст (ниг. Садриддин Айнӣ, Куллиёт ғилди 6, Душанбе, 1962, с. 295-296).

Абдурауфи Фитрат низ дар “Бедил” (Маскав, 1923) ном рисолаи худ рафти яке аз маҳфилҳои бедилхонии ибтидои асри XX-ро ба риштаи таҳрир кашидааст.

Маҳфилҳои бедилхонӣ дар ватани Бедил Ҳиндустон (асосан дар Деҳлӣ) низ барпо мешуданд. Тафовути маҳфилҳои Деҳлӣ аз маҳфилҳои Осиёи Миёна ин буд, ки онҳо соле як бор дар арафаи рӯзи вафоти шоъир доир мегардиданд. Ин маҳфилҳо бо номи “Урси Бедил” ёд мешуданд. Рӯзи ӯро шоъирони зиёде аз шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон ба Деҳлӣ омада, дар назди чабри шоъир ғамъ мешуданд ва аз Куллиёти ӯ, ки дар сари чабраш мавғуд буд, шеърҳо мехонданд.

Маҳфилҳои доимии бедилхониро дар баъзе шаҳрҳои Аф онистони асрҳои XVIII- XIX низ дидан мумкин буд. Яке аз ташаббускорон ва илҳомбахшони маҳфилҳо дар ин кишвар амири ваӣти Аф онистон Темуршоҳи Дурронӣ (1773-1793) буд. Темуршоҳ аз мулисон ва ҳаводорони шеъри Бедил ба шумор мерафт ва барои дастрас намудану муҳофизат кардани нусхаҳои хаттии осори Бедил кӯшишҳои зиёде ба харғ медод. Дар марказҳои ҳукумати ӯ Чандаҳор ва Кобул маҳфилҳои бедилхониву бедилрасӣ амал менамуданд. Худи Темуршоҳ ва баъзеи муосирони ӯ дар татабӯъи Бедил азалҳо месуруданд.

Дар ибтидои асри XX дар солҳои ҳукмронии амир Ҳабибуллоҳхон (1901-1919) низ Бедил ва осори ӯ дар маркази диӣчати аҳли илму адаби Аф онистон чарор дошт. Дар ин солҳо бо ташаббус ва дастгирии бародари амир сардор Насруллоҳхон Анғумани Бедил таъсис ёфта буд. Яке аз корҳои анғуман тағлил дусадумин соли вафоти Бедил буд, ки дар соли 1333 ҳиғрӣ (1815 милодӣ) дар Кобул баргузор гардид. Хидмати дигари анғуман таҳия ва ба чоп омода сохтани девони азалиёти Бедил аст. Бино бар чавли муҳаӣчичи аф онистонӣ Азизуддин Вакилии Фуфалзоӣ, ғиҳати таҳияи девони Бедил беш аз 50 нусхаи хаттӣ аз дохил ва хориғи кишвар фароҳам гардида буд. Шоирон ва олимони бедилшиноси ваӣт гирди ҳам

ғамъ омада, ба муҷобалаву тасҳеҳи ашъор аз рӯйи нусхаҳои мухталиф мепардохтанд ва пас аз авру диӣҷат рӯйнавис карда, ба чопхона мефиристоданд. Девони нашри соли 1916, ки азалҳо то радифи долро дарбар дорад, аз натоиҷи кори он анҷуман мебошад (Дар ин бора ниг. ба маҷаллаи "Жувандун", Кобул, 1339, №№41-42 ва рӯзномаи "Анис", Кобул, 1349 8 ҳамал).

Алоҷа ва дилбастагӣ ба осори Бедил дар Аф онистон дар нимаи дуюми асри XX низ идома ёфтааст. Дар солҳои 60-ум дар ин кишвар анъанаи ҷайд кардани урси шоъир аз нав зинда карда шуд. Ташаббускор ва бунёдгузори урси Бедил дар Аф онистон муҳоҷири бухороӣ шоъири намоёни Аф онистон Ҳошим Шоиҷи Афандӣ (1889-1955) буд. Баъд аз вафоти Ҳошим Шоиӣ ин корро шоиъири дигари Аф онистон Файзии Кобулӣ идома медод. Охирин барпогари урси Бедил дар Аф онистон Муҳаммад Абдулҳамиди асир ном муҳаӣҷиҷи бедилшинос буд.

Таҷлили урси Бедил дар баъзе солҳо ба таври расмӣ сурат мегирифт ва дар сатҳи вазоратҳову Академияи улум баргузор мегардад. Чунончӣ, урси соли 1985 бо номи "Семинари байналхалӣӣ ба муносибати сесаду чиҳилумин соли таваллуди Бедил" барпо шуда буд (ниг. маҷаллаи "Харосон", Кобул, 1364, №№ 24-25). Урси Бедил бо ташаббуси муҳаӣҷиҷини Аф онистон охирин бор дар моҳи июли соли 1998 дар Душанбе баргузор гардид.

Урси Бедил дар Аф онистон, чун дар Деҳлии асри XVIII, дар арафаи рӯзи вафоти шоъир сеюми моҳи сафар суратпазир мешуд. Дар маҳфилҳои урс илова бар ҷироъати ашъори Бедил дар борааш маҷолаву маърӯзаҳо низ ироа мегардад ва дар васфаш шеърҳои гуногун эҷод мешуданд. Маводи дар маҳфилҳои Урс ҷироъатшуда дар маҷаллаву рӯзномаҳои Аф онистон интишор меёфт (ниг. ба маҷаллаи "Ориёно", Кобул, 1329, далв-1333, аҷраб).

Бар хилофи маҳфилҳои Урс дар Деҳливу Кобул, маҳфилҳои Осиёи Миёна, маҳфилҳои доимӣ буданд ва мақсади асосӣ дар онҳо фаҳмидану маънидод кардани шеъри Бедил буд. Дар ин маҳфилҳо дар ҷатори калимаҳои "бедилхонӣ", "бедилфаҳмӣ" ва "бедилрасӣ" истилоҳи "бедилшиканӣ" низ мураваҷ буд.

Ин истилоҳ дар он ваӣтҳо чиро ифода мекард? Аҳли илму адаби он давра онро ба кадом маънӣ ба кор мебурданд? Тавре ки дар муҷаддимаи ҷилди панҷуми осори Бедил (Душанбе, 1993) ва маҷолае бо номи "Тааммуле дар сабки Бедил" (Садои Шарӣ, 2002, №№ 4-6) навиштаем, дар осори Бедил бо калимаҳои мураккабе дучор омадан мумкин аст, ки аз 3-4 ва ҳатто 5-6-тоҷӣ калимаи содда сохта шудаанд. Ин навъи калимаҳоро калимаҳои мураккаби серҷузъа меҷӯянд.

Ин намуди калимаҳоро дар осори шоъирони пешин, аз ҷумла дар асарҳои Низомии Ганҷавӣ ва Саъдии Шерозӣ, низ дидан мумкин аст. Чунончӣ, маснавии "Бӯстон"-и шайх Саъдӣ бо ин байт о оз ёфтааст:

***Ба номи Худованди ҷонофарин,***
***Ҳакими сухандарзабонофарин.***

Тавре ки мебинем, калимаи "сухандарзабонофарин" аз чор калимаи содда-"сухан", "дар", "забон" ва "офарин" таркиб ёфтааст. Дар нашрҳои кириллии "Бӯстон" ҷузъҳои алоҳидаи ин калима аз ҳам ҷудо навишта шудаанд, ки дуруст нест. Тарзи тарзи саҳеҳ он аст, ки чор ҷузъи калима якҷоя талаффуз ёбанду якҷоя навишта шаванд. Дар акси ҳол, оҳанги мисраъи дуввум та йир меёбад ва маънои байт норавшан мемонад.

Калимаҳои мураккаби серҷузъаро дар осори муъосирони Бедил, масалан Сайидои Насафӣ ва шоъирони асрҳои баъдина, ба монанди Фори и Ҳисорӣ, низ дидан мумкин аст.

Ин навъи калимаҳо дар эҷодиёти шоъирони муосир низ аҳёнан ба назар мерасанд. Масалан, Саъдулло Рабиӣ (1884-1938) шеъре дорад бо номи "Тазмин ба шеъри Абулҷосим Лоҳутӣ", ки байти сеюмаш ин аст:

***Дидам зане ба рух зи фаранҷӣ ниҷобкун,***
***Хуршедро ба зурӣ батаҳиҳиҷобкун.***

Устод Мирзо Турсунзода навиштааст:

***Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,***
***Мушкилосонкун касонро гум макун.***

Аммо корбурди ин навъи калимаҳо дар осори Бедил аз ҳама бештар буда, ба яке аз

хусусиятҳо услубии эҷодиёти ӯ табдил ёфтааст. Таъкид намудан лозим аст, ки яке аз сабабҳои мушкилфаҳмии шеъри Бедил низ ҷой доштани ҳамин навъи калимаҳо дар осори ӯст.

Бедилхонон ва бедилшиносони гузашта барои фаҳмидани маънои байтҳои гуногун калимаҳои мураккаби серҷузъаро ба ҷузъҳо ҷудо мекарданд, яъне онҳоро мешикастанду сипас аввал маънои ҳар як ҷузъ, сонӣ маънои умумии калимаро шарҳ медоданд. Ҳамин намуди шарҳ доданро "бедилшиканӣ" мегуфтанд.

Масалан, пеш аз маънидоди байти:

***Чунон муттаҷинонтоз аст шамъи мо дар ин маҳфил,***
***Ки ранги рафта дорад поси аз худ рафтани моро.***

калимаи "мутлаҷинонтоз"-ро ин тавр тақсим ва ташреҳ мекарданд:

Мутлақ-ба маънои озод, беқайд, чизи ба ягон чизи дигар вобаставу тобеъ набуда. Инон-лаҷом, ҷилави асп. Тоз-асоси замони ҳозираи феъли тохтан, тозидан. Мутлаҷинонтоз-чизе ки бо лаҷоми раҳошуда, бо лаҷоми озод дар тоз аст. Киноя аз суръати ниҳоят тез. Шамъ-киноя аз умр, ҳаёту зиндагӣ. Ин маҳфил-яъне ин дунё. Ранги рафта-ранги паридаи чеҳраи инсон, ранги кандагӣ, ранге ки дар камтарин лаҳза аз рухи одам дур мешавад. Яъне ранге ки умраш ниҳоят кӯтоҳ аст. Пос доштан (дорад поси) ба маънои ба ёд овардан, аз хотирҳо фаромӯш накардан, аз хубӣ ё амали неки касе ёд кардан. Аз худ рафтан-дар ин ҷо ба маънои аз олам гузаштан, мурдан.

Шоъир гуфтанист, к и умри мо дар ин дунё ба ҳадде кӯтоҳ ва нопойдор аст, ки ранги рафта ҳам поси хотири моро нигоҳ медорад. Ранги аз рух паридаистода, ранги аз рух кандашуда бо он ҳама кӯтоҳумриву даргузариаш нисбат ба мо ҳаёти бештар мебинад. Мо мегузарем ва ранги рафтаистода аз зиндагии мо дар дунё ёд мекунад, дар бораи мо ба дигарон қиссаҳо мегӯяд. Яъне умри мо аз умри ранги паридаистода ҳам камтару кӯтоҳтар аст.

Мисоли дигар:

***Чарх паймонабадаврафкани як ғоми тиҳист,***
***Мастии мову ту овозаи таранг аст ин ҷо.***

Калимаи "паймонабадаврафкан", ки тавзеҳдиҳандаи калимаи "чарх" аст, аз чор калимаи сода-паймона, давр афкан ва пешоянди "ба"-иборат аст. Калимаи "паймона" ба маънои пиёла, қадаҳ, қадаҳе ки боданӯшон бо он ба навбат май менӯшанд. Калимаи "давр" ба маънои даври сӯҳбат, ҳалқаи сӯҳбат, нишасти майнӯшон аст. Ин калима маҷозан ба маънои дунё, нишемани одамон низ истеъмол мешавад. Калимаи "афкан" асоси замони ҳозираи феъли "афкандан" аст, ки маънояш андохтан, партофтан, ҳаво додан мебошад. Калимаи "ба" пешояндест, ки ишора ба сӯй ё худ тараф менамояд. Калимаи "чарх" ба маънои чархи фалак аст. Маҷозан ба маънои тақдиру қисмат низ меояд. Калимаи "мастӣ" ба маънои хушиву хуррамист. Маҷозан ба маънои ҷӯшу хурӯш, ҳастӣ, мавҷудият ва зиндагӣ низ истифода мешавад. Калимаи "таранг" дар ин ҷо ба маънои садои зарфи холист.

Шоир гуфтанист, ки чархи фалакро хислат ва хосият ин аст, ки ба ҳалқаи боданӯшон, ба маҳмурони маю шароб ҷоми холӣ ҳадя мекунад. Паймонае ки чарх онро ба аҳли нишаст, ба сокинони олам тақдим менамояд, паймонаи холист. Аз ин рӯ, хушиву хуррамии дар асари он паймона ба миёномадаи мо сокинони дунё низ шодиву хуррамии воқеъӣ нест, балки садои ҳамон ҷоми холист. Яъне ин ҳаёт ва ин зиндагие, ки дар ин дунё насиби мо гардидааст, ҳеҷ гуна арзиш ва эътиборе надорад, фиребу найранге беш нест. Зеро маншаъ ва мабдаъи он аз ҳеҷ иборат аст. Сарчашма ва обишхӯри он як ҷоми тиҳист.

Мисоли савум:

***арраи ишрат машав, к-ин навбаҳори умр ном***
***Ноумединаҳат асту матлабиноёбгул.***

Дар ин байт ду калимаи мураккаби номаънуе вуҷуд дорад. Яке "ноумединакҳат", ки аз ду ҷузъ-ноумедӣ ва накҳат таркиб ёфтааст ва мафҳумоеро ифода кардааст, ки накҳаташ ё худ натиҷааш аз ноумедӣ иборат мебошад. Дигаре "матлабиноёбгул", ки аз чор ҷузъ-матлаб, ноёб, гул ва бандаки изофии "и" сохта шудааст ва ифодагари чизест, ки гулаш, ҳосилу натиҷааш матлаби ноёб, яъне ҳеҷ аст. Маънии умумии байт ин аст, ки дар ин дунё кас набояд арраи ишрат шавад, кас набояд бо зиндагиву нозу неъмати он бинозад, зеро умри инсон

агар навбаҳор бошад, накҳати он ноумедию гули он матлоби ноёб аст. Яъне аз зиндагӣ хушиву хуррамӣ ва умеди ба мақсаде ноил шуданро чашмдор набояд шуд.

Мисоли чаҳорум:

***Дорад ба мани дилшуда имшаб сари ғанге***
***Гулбаргкамоне, паритовусхаданге.***

Калимаҳои мураккаби серғузъа дар ин ғо низ дуто мебошанд: гулбаргкамон ва паритовусхаданг. Камон-як навъи силоҳ. Дар ин байт киноя аз аврувони маҳбуб. Хаданг-ба маънои тир. Дар ин ғо киноя аз мижгонҳои маҳбуб. Дилшуда-ошиӣ, ошиӣе, ки аз саршории меҳру муҳаббат саропо ба дил мубаддал гардидааст. Сари ғанг доштан-ихтиёрӣ бо касе дар ғанг шудан, бо касе майли ғанг доштан.

Шоир гуфтанист: Шахсе бо ман дар садади ғанг аст, ки аз абрувони чун барги гул нозук камон дораду аз мижгонҳои чун пари товус тез хаданг. Яъне маҳбуби ман тасмим гирифтааст, ки имшаб маро бикушад. Василаи ҷатли ман камони абрӯю хаданги мижгон аст. Ташбеҳи абрӯ ба камон ва мижгон ба хаданг хеле табиъӣ баромадааст. Зеро чунон ки хаданг дар о ӯши камон аст, мижгон низ дар канори абрӯ ғойгир шудааст.

Мисоли панғум:

***Рагигулостин шӯхе камини сайди мо дорад,***
***Кӣ дасте зери санг аз сояи барги ҳино дорад.***

Дар ин ғо калимаи мураккаби серғузъа калимаи “рагигулостин” аст, ки аз се калимаву як бандаки изофӣ сохта шудааст ва маънояш остини ба монанди раги гул нозук мебошад.

Маънии ибораи “камини сайди касе доштан” дар фикри сайд кардани касе будан, нияти сайд кардани касеро доштан аст.

Таркиби “даст зери санг доштан” дар забони тоғикӣ ба чандин маънӣ истифода мешавад. Яке аз маъноҳояш навъе аз ғазост. Ин навъи ғазо чунин аст, ки гунаҳкорро дар замин хобонда, бар болои дастҳояш сангҳои вазнинро мегузоранд.

Маънии дигараш ин аст, ки касеро даст зери санг мемонад, яъне ҳангоми иғрои ин ё он кор санги вазнине ё худ сангҳои зиёде фурӯ рехта дастони ӯро зер мекунад ва ӯ бе кӯмаки дигарон дастони худро раҳо карда наметавонад. Дар ин маврид даст зери санг будан мағозан ба маънои кӯтоҳдастӣ, беимкониятӣ низ меояд.

Маънои сеюм ин аст, ки касе ба нияти сайд кардани чизе ё худ зарба задан ба касе ба даст санг мегирад. Яъне ба даст санг мегирад, ки касеро ё чизеро бизанад. Дар ин маврид миғозан ба маънои ният, ҷасд ё худ азму тасмим низ меояд.

Ин ибора дар байти Бедил ба маънои сеюм омадааст. Сояи барги ҳино-ранге ки дар асари бастани ҳино дар кафҳои даст боиӣ мемонад.

Маънии байт ин аст: Шӯхе, ки остинаш ба монанди рагҳои барги гул нозуку латиф аст, зоҳиран мақсад дорад, ки ошиҷи худ, яъне моро ошиӣтару гирифтортар созад. Ба даст ҳино бастану дасти зотан нозуки худро зеботару дилкаштар намуданаш ба ҳамин мақсад аст. Хонандаи гиромӣ бояд тасаввур намояд: шӯхе, ки нозукии остинаш ба монанди рагҳои барги гул аст, нозукии дастонаш чӣ сон бошад? Ва ин дасти нозук аз бастани ҳино чӣ ҷадар нозуктару латифтар мешуда бошад?

Чунон ки дидем, маъшуҷа мехоҳад, ки ошиҷи худро мафтунтару шайдотар намояд, мехоҳад, ки ӯро сайди худ созад. Барои ин кор ба ӯ воситаи сайд кардан, яъне силоҳ даркор аст. Як намуди силоҳ санг аст. Вале дасти маҳбуб ба ҳадде нозук аст, ки тоҷати бардоштани сангро надорад. Ӯ барои сайд кардани ошиӣ чизеро бояд ба даст гирад, ки аз як тараф, вазифаи сангро адо намояду аз тарафи дигар, ба монанди дасти худ нозуку латиф бошад. Ин гуна чиз ҳиност, ки ҳам нозук асту ҳам ба монанди санг дар кафи даст нигаҳ дошта мешавад. Воиеъан, ҳолати дасти ҳинобаста ба ҳолати дасти санг дар каф дошта монанд аст.

БЕДИЛ ВА САБАБҲОИ ДАР ЭРОН ШӮҲРАТ НАЁФТАНИ Ӯ

Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720), ки аз бузургтарин шоирони форсигӯи ғаҳон аст, дар байни мардумони Тоғикистону Аф онистон ва иддае аз халӣҳои туркзабон-ӯзбекҳо, кош арҳо, уй урҳо, таторҳову бошқирдҳо ва туркҳои усмонӣ шӯҳрат ва маҳбубияти зиёде дорад.

Вале дар Эрон, дар кишваре, ки аз гаҳвораҳои шеъри форсӣ ба шумор меравад, акси ин манзараро мушоҳада менамоем. Дар ин сарзамин Бедилро ҷариб ки намешиносанд. Ин маъниро чи муҳаӣчиқони эронӣ ва чи айриэронӣ борҳо таъкид намудаанд. Донишманди маъруфи Эрон Алиас ари Ҳикмат дар рисолаи "Найши порсӣ бар аҳғори Ҳинд" (Техрон 1337) навиштааст: "Бедил дар асри худ дар Ҳиндустон шӯҳрати босазо доштааст. Ҳам акнун дар Аф онистону Покистон низ ашъори ӯро бисёр меписананд. Мутаассифона, дар Эрон, чунон ки бояд, шинохта нашудааст".

Муҳаӣчиқи дигари Эрон Аҳмад Гулчини Маонӣ овардааст: "Мирзо Абдулчодири Бедил аз шуарои машҳури Ҳиндустон аст ва осори бисёр аз назму наср дорад, ки дар Ҳиндустон ва Аф онистон ба табъ расидааст. Эрониён сабки сухани вайро намеписананд ва ба афкору ашъори ӯ маънус нестанд" (Ниг.: Аҳмад Гулчини Маонӣ, Шаҳрошӯб дар шеъри форсӣ. Теҳрон, 1346).

Адабиётшиноси машҳур Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ навиштааст: "Бедил шоирест, ки барои хонандаи эронӣ ва ҳатто барои бисёре аз аҳли фазлу дӯстдорони шеър дар Эрон нашинохта мондааст ва камтар шоирест, ки бо шахсияте бад-ин гуна то ин ҳад гумном монда бошад. Ба хусус, ки дар вилоёти дигари ҷаламрави забони форсӣ аз шӯҳрати бисёр бархурдор бошаду дар Эрон аз ёдҳо фаромӯш" (Шафеии Кадканӣ, Шоири оинаҳо, Теҳрон, 1366, с. 18).

Ҳасани Ҳусайнӣ муаллифи китоби "Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ" (Чопи дуввум, Теҳрон, 1368, саҳ. 8) дар мавриди адами шӯҳрати Бедил дар Эрон навиштааст: "Бедил, алора ми истеҳқоқи зотӣ ва лаёқати рӯҳӣ, ки дар шеъраш мутағаллист, дар Эрон гумном аст".

Устод Абдулқосим Лоҳутӣ низ дар яке аз сӯҳбатҳои худ аз ин ҳақиқат ёдовар шудааст. Муҳаӣчиқи тоғик Камол Айнӣ дар мақолае бо номи "Меҳмонии амаки Лоҳутӣ" аз он сӯҳбат ёд намуда, навиштааст, ки устод Лоҳутӣ аз шунидани ашъори Бедил "ба вағд меомад ва афсӯсҳо мехӯрд, ки файласуфе монанди Бедилро дар Эронзамин намешиносанд" (Ниг.: Садои Шарӣ, 1979, № 12).

Пеш аз он ки дар хусуи сабабҳои камшӯҳратии Бедил дар Эрон сухан кунем, ёдовар мешавем, ки дар ин бора иддае аз муҳаӣчиқон изҳори назар намудаанд. Чунончи, донишманди тоғик Шарифғон Ҳусейнзода дар мақолаи "Дар бораи баъзе лаҳзаҳои асосии таърихи адабиёти тоғик" (Шарқи сурх, Сталинобод, 1946, № 3) навиштааст: "Бедил дар байни шоирон ва философони тоғик бо донишмандӣ, озодфикрӣ ва ғаҳоншиносии васеи худаш ғои аввалро иш ол мекунад. Ӯ ба айр аз фалсафаи Юнон ва ислом, фалсафаи Ҳиндро ҳам ба хубӣ медонист. Дар асарҳои ӯ мураккабтарин комплекси ақидаҳои динӣ, фалсафӣ ва сиёсӣ инъикос ёфтаанд. Бедил ба тарзи принсипиалӣ муносибатҳои феодалӣ, ислом ва дар навбати аввал шиизмро танқид карда, ба ӯ зарбаҳои ҳалокатовар додааст. Ба ҳамин муносибат аст, ки асарҳои вай дар Ҳинд ва Осиёи Миёна хеле ривоғ ёфтаанд, вале дар Эрон чандон шӯҳрат пайдо накардаанд".

Дуруст аст, ки дар осори Бедил, хоса дар рубоиёти ӯ, ашъори дар мазаммат ва танқиди рофизиёну хориғиён гуфташуда зиёд аст. Вале гуфтани он, ки Бедил ба таври принсипиалӣ исломро танқид кардааст ва гузашта аз ин, ба мазҳаби ташайюъ зарбаҳои ҳалокатовар задааст, албатта, мубола а аст.

Пеш аз ҳама, гуфтан лозим аст, ки дар фаҳмиши Бедил рофизия ва умуман ташайюъ, ки ғараёни асосии он имомия ё худ исноашара мебошад, айни як чиз нестанд. Аз ин рӯ, танқид ва мазаммати рофизиёнро танқиди тамоми аҳли шиъа ҳисобидан дуруст нест. Бедил дар байни ғараёнҳои рофизия ва имомия на танҳо умумияте намебинад, балки бар хилофи мазаммати рофизиёну хориғиён, аҳли имомияро ситоиш менамояд. Ӯ менависад:

Қавмест имомия ба иффат дамсоз,

Дар зумраи ташъияғамоат мумтоз.

З-ин тоифа гар шумурдаӣ рафзиро,

Бо атри гул омехтаӣ атри бурoз.

Гузашта аз ин, Бедил рофизиён ва хориҷиёнро маҳз бо сабаби шиъа будани онҳо мазаммат накардааст. Мазаммат ва сарзаниши рофизӣ ва хориҷиён сабабҳои муайян ва конкретӣ дорад. Ба ибораи дигар гӯем, иллати ҳадафи мазаммати шоир ҷарор гирифтани рофизиву хориҷиён таассуб ва бадбинии худи онҳо нисбат ба мазҳабҳои дигар аст.

Муҳаиҷиҷи мазкур Шафеии Кадканӣ аз ашъори зиддимазҳабии Бедил ёд карда, навиштааст, ки "зидди мазҳаб будани Бедил ба маънии душманӣ бо таассубҳои тангназарона аст, ки тамоми бадбахтиҳои машриизамин аз даруни он сарчашма мегирад (Ниг.: Шафеии Кадканӣ, Шоири оинаҳо, Теҳрон, 1366). Бедил рофизиёнро бо сабаби он мазаммат мекунад, ки худи онҳо нисбат ба аҳли тасанун, махсусан, нисбат ба халифаи дуввум ҳазрати Умар (Р) ҳисси бадбинӣ ва кинаву адоват доранд. Шоир ғое ки аз фазилат ва адолати Умар (р) сухан меронад, сабаби ба рофизиён назари манфӣ доштани худро низ иброз медорад. Ӯ менависад:

Расул гуфт: Забони Умар забони ҳаӣ аст.

Ҳадиси ла  в наёяд аз он амин ҳаргиз.

Даме ки ҳаӣ ба забонаш сухансаро бошад,

Фазилате натавон ёфт беш аз ин ҳаргиз…

Зи дил барор   убори хаёли кинаи ӯ,

Мабош ҳамҷадами рафзии лаин ҳаргиз…

Фасонаҳои равофиз фусуни гумроҳист,

Масоз маркази хатти яҷин ғуз ин ҳаргиз,

Ки ӯ имоми дуввум буду сарвари асҳоб,

Мутеи эзиду ҳомии дини пай  амбар.

Сабаби накӯҳиш ва мазаммати гурӯҳи дигари аҳли ташайюъ - хориҷиён ин аст, ки онҳо мухолифони халифаи чорум, имоми аввалини шиъаҳо Алӣ ибни Абӯтолибанд. Ӯ дар ситоиши ҳазрати Алӣ ва накӯҳиши мухолифини ӯ менависад:

Шаҳи вилояти дин, офтоби аҳли яҷин,

Алӣ, ки даргаҳи ӯрост аили кулл човуш…

Забони ҳоли ҳавасхоҳи ӯ ба ҳаӣ ҳамроз,

Адӯи бебасари ӯ ба бахти бад ҳамдӯш.

Агар хавориҷи нопок гашт мункири ӯ,

Ба шери ҳаӣ чӣ зиён мерасад зи гурбаву мӯш.

Сагони ҳарзамагас ғуз гулӯи худ надаранд,

Гар аз мушоҳадаи шер мекунанд хурӯш.

Тавре ки мебинем, Бедил дар ҳар ду маврид – чи дар мавриди мазаммати рофизӣ ва чи дар мавриди накӯҳиши хориҷӣ – ба ҳимояи ду нафар аз хулафои рошидин ҳазрати Умар ва ҳазрати Алӣ бархостааст. Ба таъбири дигар гӯем, шоир дар байни яке аз пешвоёни аҳли тасаннун ҳазрати Умар ва пешвои аввалини аҳли ташайюъ ҳазрати Алӣ фарҷият ва имтиёзе намебинад.

Мутолааи осори шоир нишон медиҳад, ки ӯ нисбат ба аҳли ташайюъ на танҳо нафрат ва бадбинӣ надорад, балки онҳоро аз сунниён кам намедонад. Ӯ дар ситоиши яке аз мазҳабҳои шиъа – мазҳаби исноашара, ки мазҳаби расмии Эрони имрӯза аст, чунин навиштааст:

Исноашар офтоби маънӣ буданд,

Фори   зи кусуф – нуиси даъвӣ буданд.

Бар ғодаи суннати набишон раҳ буд,

Бе кизбу нифоӣ ғумла суннӣ буданд.

Йобили ҷайд аст, ки Бедил дар яке аз рубоиёти худ таассуби мазҳабиро амали бемаънӣ ҳисобида, таъкид намудааст, ки он чӣ дар ин мавзӯъ гуфтааст, ҳарзае беш нестанд. Ин аст он рубоӣ:

Чанде сайри мазоҳибам буд ҳавас,

Бо рафзиву хориҷӣ задам ҳарза нафас.

Охир маълум шуд, ки дур аз манзил

Раҳрав пасту баланд мебинаду бас.

Муаллифи дигаре, ки роҷеъ ба сабаби камшӯҳратии Бедил дар Эрон сухан рондааст,

муҳаййиқи покистонӣ соҳиби “Тазкираи шуарои Панҷоб” (Карочӣ, 1967) хоҷа Абдуррашид мебошад. Ба ақидаи ин муаллиф, сабаби камшӯҳратии Бедил дар Эрон он аст, ки эрониён сабки ҳиндиро умуман намеписанданд. Ӯ навиштааст: “Тасаннӯъ ва овард (сунъӣ, ғайритабиӣ, ғайримаъмулӣ – Б.Р.) як қисмати муҳимеро аз сабки ҳиндӣ ташкил медиҳад. Вале эрониён ҳеҷ гуна арзишеро барои он қоил намешаванд. Ташбеҳоти нодир, истиороти дақиқу мушкил, мазмунофаринӣ ва хаёлоройӣ ишколотеро дар раҳи фикр эҷод мекунад ва ин ишколотро эрониён дӯст надоранд ва ба ҳамин ҷиҳат эрониён сабки ҳиндиро мавриди истиқбол қарор намедиҳанд” (Иқтибос аз китоби Ҳасани Ҳусайнӣ “Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ”, Теҳрон, 1368, саҳ. 11).

Хоҷа Абдуррашид идома медиҳад, ки “яке аз мухтассоти муҳими сабки ҳиндӣ асабияти (шиддатнокии – Б.Р.) тарзи баёни шоир мебошад. Насли ҷадиде, ки ба имтизоҷи му улҳову эрониҳо ба вуҷуд омада буд (яъне мусулмонони Ҳиндустон – Б.Р.) дорои афкори шаҳоматангезу далерона буд. Онҳо фикр мекарданд, ки бартар аз табақаи нисвон ҳастанд. Ва ҳамин эҳсоси онҳо боис гардид, дар шеър. Шеъри ҳиндӣ ғазаботи инсонро бармеангезад ва дар эҷоди рӯҳияи ҷавӣ кӯмак мекунад. Вале сабки хуросонӣ ва ироқӣ дар ибтали ғазабот хеле муассир аст. Ва шояд ба ҳамин ҷиҳат ашъори сӯфиҳо ҳамеша мавриди писанди эрониҳо қарор гирифта ва шоирии ишқӣ ба назари истеҳсон дида шудааст. Ва мухтассоти сабки ҳиндӣ, ки мо баён кардем, дар шеъри Абдулқодири Бедил ва аллома Иқболи Лоҳурӣ комилан мушоҳада мешавад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 12).

Фикри Хоҷа Абдуррашид дар бораи писанди эрониён набудани сабки ҳиндӣ, агар ба таври умумӣ гӯем, аз ҳақиқат дур нест. Воқеан, дар асрҳои XVIII-XIX, замоне ки дар муҳити адабии Эрон равияи “бозгашт” ҳукмфармо буд, сабки ҳиндӣ дар ин сарзамин маҳбуб ва мураввақ набуд. Аксари намояндагони он аз ҷумлаи шоирони гумном ва камшӯҳрат ба шумор мерафтанд. Вале ақидаи ӯ роҷеъ ба сабабҳои пайдоиши сабки ҳиндӣ ва нишонаҳои тафовути он аз сабкҳои хуросониву ироқӣ қобили қабул шуда наметавонад. Ҳамчунин зуҳури сабки ҳиндиро ба “насли ҷадиде, ки бо имтизоҷи му улҳову эрониҳо ба вуҷуд омада буд”, алоқаманд кардани муаллифи мӯҳтарам воқеият надорад. Зеро на ҳамаи намояндагон ва ҳатто асосгузорони сабки ҳиндӣ аз сарзамини Ҳиндустон бархостаанд. Ва он рӯҳи ҳамосӣ ва афкори мардонагиву шуҷоат, ки ба пиндори Хоҷа Абдуррашид, хоси сабки ҳиндист, дар сабкҳои хуросониву ироқӣ низ фаровон аст.

Муҳаққиқи маъруфи Эрон Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ низ доир ба Бедил ва сабабҳои камшӯҳратиаш дар Эрон ибрози ақида намудааст. Ӯ дар яке аз аввалин мақолаҳои хеш, ки бо номи “Бедили Деҳлавӣ” дар соли 1346 (1968) ба табъ расида буд, иллати фаромӯшӣ ва шӯҳрат наёфтани Бедилро дар Эрон ба хусусиятҳои забонии осори худи ӯ – “тасвирҳои дур аз зеҳн”, “торикии заъфи баён”, “беэътиноӣ ба мавозини табиати забони форсӣ”, “таркибот ва бофтаҳои хосе, ки ба системи табиии забони форсӣ созгор нестанд” ва ғайра вобаста донист буд (Ниг.: Шоири оинаҳо, с. 15-28). Вале ӯ дар мақолаҳои баъдинаи худ, аз ҷумла дар мақолаи “Ҳофиз ва Бедил дар муҳити адабии Мовароуннаҳр дар қарзи нуздаҳум” сабаби ин ҳодисаро дар носипосӣ ва ҳақношиносии эрониён нисбат ба Бедил мебинад. Ӯ дар ин мақола менависад: “Сукуту носипосӣ ва ҳақношиносии мо эрониён дар баробари азамат ва нубуғи шеърии ӯ (яъне Бедил – Б. Р) ба ҳеҷ ваҷҳ аз аҳамияти ҳақиқии мақоми ӯ дар таърихи адабиёт ва забони милали Осиёи Миёна ва Осиёи ғарбӣ (чи онҳо ки ба забони форсии дарӣ ва тоҷикӣ шеър мегӯянд ва чи онҳо ки ба забонҳои парваришёфта дар суннати адабии ин забон сухан месароянд) намекоҳад ва наметавонад ҳузури ошкори ӯро дар ҳофизаи ҷамъии ин ақвом пардапӯшӣ кунад” (Ҳамон ҷо с. 96-97).

Муаллифи муқаддима бар нашри дуҷилдаи ғазалиёти Бедил (Теҳрон, 1363) Мансури Мунтазир низ дар қатори дигар масъалаҳои марбут ба ҳаёту эҷодиёти Бедил роҷеъ ба сабабҳои гумномии ӯ дар Эрон низ изҳори ақида намудааст. Ба ақидаи ӯ, иллатҳои гумномии Бедил дар Эрон аз чаҳор масъалаи зайл иборат мебошанд: ҳуҷуми фарҳанги бегона аз замони Сафавия ва қувват гирифтани он дар замони Қоҷория, худгумкардагии худи эрониён, ҷудо шудани марзҳои мамолики исломӣ аз якдигар ва адами иртиботи фарҳангӣ дар байни ин мамолик.

Масъалаҳои мазкур на фақат сабабҳои гумномии Бедил шудан наметавонанд, балки онҳо дар замони Бедил ва асрҳои баъдина дар қаламрави забони форсӣ умуман вуҷуд надоштанд.

Воӣеъан, мурод аз фарҳанги бегона кадом фарҳанг аст? Ва хуғуми он ба муҳити илмиву адабии Эрон аз чӣ иборат аст? Ва мақсад аз мамолики ислом кадом мамлакатҳо дар назар аст? Ба ин саволҳо, шояд, худи муаллиф ҳам ғавоб босавоб дода натавонад.

Ҳамин гуна андешаҳои бебунёд ва  айривоӣеиро дар китоби Ҳасани Ҳусайнӣ "Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ" (Теҳрон, 1368) низ дидан мумкин аст. Ҳасани Ҳусайнӣ аз адами шӯҳрати Бедил дар Эрон ёдовар шуда, таъкид намудааст, ки гумномии Бедил дар Эрон сабабҳои зиёде дорад, ки асоситарини онҳо ду омил аст. Яке омили дохилӣ, дигаре омили хориғӣ. Ба аҷидаи Ҳусайнӣ, сабаб ё худ омили дохилии гумномии шоир он аст, ки "дар садсолаи охир сардамдорон ва коргардонони адаби форсӣ ва мутаваллиёни пешинаи фарҳангӣ дар Эрон ё аҳли Хуросон буданд ва ё ба гунае  айримустаҷим дар адабиёт ба салиҷаи хуросонӣ тамоил доштанд ва аз ин ғо ки ин сардамдорон дар тайи ин муддат марокизи омӯзишӣ ва маҳофили фарҳангиро дар ихтиёр доштаанд, ба иӣтизои салиҷа ва писанди худ дар муаррифии адабиёти форсӣ ба донишғӯёни адабиёт ва дигар аӣшори муртабит бо шеъру адаби форсӣ танҳо аз як трибун сухан гуфтаанд (яъне танҳо аз сабки хуросонӣ ҳарф задаанд. – Б. Р) ва пеши рӯи мухотабони хеш ба табъиз равзанаеро гушудаанду равзанаҳои дигарро ё аз беху бун мункир шудаанд ва ё дар ҳадди тавони хеш онҳоро кӯру масдуд кардаанд" (Ҳ. Ҳусайнӣ, асари зикршуда, саҳ. 8-9).

Ба аҷидаи Ҳасани Ҳусайнӣ, сардамдорон ва коргардонони мазкур "дар бархӯрд бо сабки ҳиндӣ забони пуршукӯҳ ва пуртантанаи хуросониро (сабки хуросониро – Б. Р) бабодрафта мебинанд ва авғи фахомату ғазолати онро бозичаи гироишҳои мардумизабон дар шеъри сабки ҳиндӣ мешуморанд. Инон аз сабки ҳиндӣ дар пеши чашми муосирон як дӯзахи тамомиёри адабӣ сохта ва пардохтаанд" (Ҳамон ғо, с. 9).

Сабаби дигар, ё худ омили берунии камшӯҳратии Бедил, дар Эрон, ба фикри Ҳусайнӣ, он аст, ки муҳаӣҷиҷони  айриэронӣ, яъне бедилшиносони Аф онистону Покистон ва  айра Бедилро ба хонандаи Эрон ба таври кофӣ оншо карда натавонитаанд. Ин гурӯҳи мухлисон ва ошиҷони Бедил алоҷаи васфнопазире ба Бедил ва шеъри ӯ иброз мекунанд ва эҳтироме амиӣ барои шеър ва шахсияти Бедил ҷоиланд". Аммо инон "фаҷат эҳтироми ӯро нигоҳ доштаанд ва аз каромоту муъғизоти Бедил дар адаби ирфонии форсӣ, он гуна ки бояду шояд, барои ҳамзабонони эронии хеш сухан нагуфтаанд" (Ҳамон ғо, с. 10).

Андешаҳои Ҳасани Ҳусайнӣ дар хусуси сабабҳои гумномии Бедил дар Эрон ҳеғ гуна асоси илмӣ надоранд. Бар хилофи аҷидаи ӯ, дар асрҳои XVIII-XIX сабки ҳиндӣ беш аз ҳама дар Хуросон ривоғ дошт. Касоне ки дар Эрон бар зидди ин сабк баромадаанду равияи адабии бозгаштро ташвиҷу тар иб намудаанд, аз аҳли адаби Исфаҳон буданд, на Хуросон.

Назари муаллиф доир ба омили хориғии дар Эрон гумном мондани Бедил низ ҷобили ҷабул шуда наметавонад.

Муаллифи маҷолаи "Бедил ва маснавиҳояш" Муҳаммадхусайни Баёт яке аз иллатҳои дар Эрон маъруф набудани Бедилро дар сиёсати тафриҷаандозии империализм мебинад, ки ба ин аҷида низ наметавон ҳамроҳ шуд. Ӯ навиштааст: "Бедил яке аз маъруфтарин мутафаккирон ва шоирони ин замон (асри ХУ11 – Б. Р) аст. Яке аз ғиҳоте ки пеш аз ҳар чиз дар муаррафии Бедил матраҳ мешавад, ногустурдагии шеъри ӯ дар Эрон аст, ки далоили мутааддидеро барои он зикр кардаанд. Шояд ағиб бинамояд, агар яке аз далоили умдаро нуфузи ҷудратҳо дар Ҳинд тасаввур кунем. Ҳангоме ки империёлизм дар кишварҳои мустаъмара таҳдид мешавад, миллатҳо ва аӣвомро ба ғудоиталабӣ тар иб мекунад. Ҳамчунин ҳароси империёлизм бештар аз иттиҳоди фарҳангии миллатҳост. Англисҳо барои ҳифзи масолеҳ ва таҳкими мавӣеияти худ дар Ҳинд ногузир буданд миёни воҳидҳои миллӣ тафриҷа афканда ва ин афкори нифоҷомезро ба онон илҷо кунанд ва нагузоранд ба фикри дармони дарди муштараки худ бошанд" (Ниг.: Кайҳони фарҳангӣ, соли 7, Фарвардини моҳи 69).

Шӯҳрат наёфтани Бедил дар Эрон ё худ писанди эрониён нагардидани шеъри ӯ, ба аҷидаи мо, дорои чандин сабабҳо мебошад. Ва ҳар яке аз ин сабабҳо хоси давраи муайяни таърихист. Масалан, сабаби асосии дар замони худи Бедил писанди эрониён нашудани шеъри ӯ тасарруфот ва ихтирооти вай дар забони форсист. Ин мазмунро аксари тазкиранигорон хотирнишон намудаанд. Чунончи, Сироғиддин Алихони Орзу дар тазкираи "Мағмауннафоис" навиштааст, ки Бедил "чун аз роҳи ҷудрат тасарруфоти намоён дар форсӣ намуда, мардуми вилоят (яъне Эрон – Б.Р.) ва косалесони онҳо, ки аз аҳли Ҳинданд, дар

каломи ин бузургвор суханҳо доранд. Фақир дар сиҳҳати тасарруфоти соҳибқудратони Ҳинд хеғ сухан надорад, балки қоил аст”. (Иқтибос аз рисолаи устод Халилӣ “Файзи қудс”, Кобул, 1334, с. 64).

Муаллифи тазкираи “Риёзушшуаро” Алиқулихони Волеҳ, ки худ зодаи Эрон аст, навиштааст: “Ҳарчанд аксари ашъораш мувофиқи муҳовараи фусаҳои ағам нест ва таркибҳои ариб дар забони форсӣ ихтироъ намуда, аммо шеърҳои баланд ва барғаста низ бисёр дорад. Пухтагии нафас аз гуфтугӯяш зоҳир аст” (Риёзушшуаро, нусхаи хаттии № 61 Архиви миллии Аф онистон).

Тазкиранависи дигари ин аср уломалихон Озоди Балгиромӣ овардааст: “Мирзо дар забони форсӣ чизҳои ариб ихтироъ намуда, ки аҳли муҳовара қабул надоранд” (Хизонаи омира, Лакҳнав, 1900, с. 153).

Аз навиштаҳои шогирд ва ҳамнишини Бедил Биндробандоси Хушгӯ бармеояд, ки баъзеи муосирони шоир тасарруфот ва ихтирооти ӯро ба алатгӯӣ ҳамл намуда, вайро ба надонистани забони форсӣ гунаҳгор низ менамудаанд. Хушгӯ навиштааст: “Аксар беинсофҳои замона аз рӯи ҳасад ҳарфе чанд носазо дар ҳаиқи ғаноби кароматмаоби вай месозанд, ки Мирзо Бедил алатгӯи муқаррарист. Ҳол он ки худ ба пояи алатҳояш нарасидаанд, то ба корҳое, аз ӯ (ба) зуҳур пайваста, чӣ расанд. Ҳазрати Гулшан (Саъдуллоҳи Гулшан шоири асри ХУ111 – Б. Р) мефармуд, ки Мирзо Бедил пояе дорад, ки ин “ алатҳояш”-ро баъди сад – дусад сол аҳли лу ат дар фарҳангҳо ба тариқи санад хоҳанд овард. Мо фарз кардем, ки таркибсозӣ ва лафзтарошӣ, ки номаш алат гузоштаанд, дар тамоми ашъораш пансад ё ҳазор байт хоҳад буд. Ғавоби бақия шеърҳо, ки ҳам ба ра ми муддаиён саҳеҳу дуруст бошад, ки метавонад дод?” (Сафинаи Хушгӯ, Патна, 1959, с. 116).

Суоле ба миён меояд, ки муаллифони тазкираҳо аз “таркибҳои ариб” (Волеҳ), “тасарруфоти намоён” (Орзу) ва “иборат ба таври худ” (Озод) кадоме аз хусуссиятҳои шеъри Бедилро дар назар доранд?

Муроди ин муаллифон аз ин мафҳумҳо, олибан, баъзе хусусиятҳои забонии осори Бедил аст, ки дар эғодиёти шоирони пешин камтар ба назар мерасанд. Яке аз чунин хусусиятҳо корбурди калимаҳои мураккаби серғузъаест, ки аз 3-4 тоғӣ ва ҳатто 5-6 тоғӣ калимаҳои сода иборат мебошанд. Калимаҳои мураккаби “мухталифна мазо”, “бӯигулмаҳмил”, “садфусунизҳор”, “сурхрӯиталош”, “бунёдиандешасӯз”, “баҳрукондастчоҳ”, “чамангулдастасоз”, “биёбанмаргном”, “якшарариизҳор”, “беудипечутоб”, “симузархез”, “ёқутобуранг”, “беэътидолиривоғ”, “худсарипеша”, “хунгаштаминқор”, “туфанбаоламфикон”, “нонамударухсор”, “даштударпаймо”, “сурхусафедриш”, “фақру аноандеша”, “ғисмуғонмумассил”, “парфишонназар”, найшипойдаҳим”, “дардисараълим” ва айра аз ҳамин қобиланд.

Дуруст аст, ки калимаҳои мураккаби серғузъаро дар осори шоирони дигар, аз ғумла дар осори Нозомии Ганғавӣ, Саъдии Шерозӣ ва Сайидои Насафӣ, низ дидан мумкин аст. Вале ин типпи калимаҳо дар осори Бедил аз ҳама зиёдтар аст. Ин навъи калимаҳоро дар тамоми осори ӯ – чи назму чи наср – дидан мумкин аст. Инак, чанд намунаро аз азалиёту рубоиёт ва маснавиҳои шоир иқтибос менамоем:

Аз азалиёт:

Саъйи дайруҳарамбаҳонаи мо
Бурд моро зи остонаи мо.
***
Рамиваҳшинигоҳи ман уборангези ғавлон шуд,
Саводи дашти имкон шӯхии чашми изолон шуд.
***
Рагигулостин шӯхе камини сайди мо дорад?
Ки зери санг даст аз сояи барги ҳино дорад.
***
Қиёматхандарезе бар мазори ман гулафшон шуд,
Зи шӯри орзу ҳар зарраи хокам намакдон шуд.
***
Булбулон, қисса мехонед, ки дар мактаби ишӣ

Дафтари гул паripарвонаварай мебошад.
***
Ёрон, дар ин биёбон аз мо асар мағӯед,
Гумгаштагисуро ем, моро дигар мағӯед.
***
Даступогумкардаи шавҷи тамошои туам,
Афканад, ё раб, сари афтода дар пои туам.
***
Дорад ба мани дилшуда имшаб сари ғанге
Гулбаргкамоне, паритовусхаданге.
Аз рубоиёт:
Дилбар ҳарчанд даштударпаймо буд,
Бедил, ту мапиндор, зи мо танҳо буд.
Ман сояи он сарви хиромон будам,
Ҳар ғо ҷадамаш буд, сарам он ғо буд.
***
Олам чамани рангивафонапзир аст,
Бар рӯи ҳаво анғумани тасвир аст.
Аз оҷибати кори ману мо дарёб,
К-инҳо ҳама аз хоби адам таъбир аст.
***
То кай пурсӣ, маҷоми дилдор куғост?
В-он шоҳиди нонамударухсор куғост?
Мижгони ту гар ҳиғоби биниш нашавад,
Дар хонаи офтоб девор куғост?
**Аз маснавии "Тилисми ҳайрат":**
Шуд охир маҳмилорои та офул,
Ғарасбарноҷабанд аз хандаи гул.
***
Кунун килки муҳаббатномаиршод
Зи ҳағрафтодагонаш медиҳад ёд.
***
Намакдонҳо башӯровардаи ӯ,
Ҳаловатҳо намакчашкардаи ӯ.
***
Тасарруфмояи аҳкоми ҳар кас,
Таваҳҳумдонарези доми ҳар кас.
***
Насимаш аз чаман кулфатбурунсоз,
Зи дарё мавғи ӯ хошокпардоз.
***
Аз он шамшери хуниофиятрез
Саломатҳо сарихудгирубигрез.
***
Забони садфусунизҳор во кард,
Лаби садмавғихундарбор во кард.
***
Намоён гашт саҳрои ҷиёмат,
Зи ғӯши шавӣ садмаҳшараломат.
***
**Аз маснавии "Тури маърифат":**
араз, ин кӯҳсори симузархез
Ғаҳонерост оташдарғигаррез.
***

Ғиҳоти даҳр аз оинасофӣ
Ҷиёматғилварези синасофӣ.
***
Мапурс аз санги ҳамворибачангаш,
Магӯ аз хоки ёҷутобурангаш.
***
Биё, эй ашки беповусароҳанг,
Ба тавфи муддао сар то ҷадам ланг.
***
Аз ин кӯҳсори симузартағаммул
Бигӯям, то чӣ сон зар мекунад гул.
***
Саҳар бӯи баҳори синачокон,
Шафаӣ рангинии дархунҳалокон.
***
Тапишомода балафшониоҳанг,
Паризодони бӯ дар шишаи ранг.
***
**Аз маснавии “Муҳити аъзам”:**
Шаробе дуоламтасаввургудоз,
Адампарвари нашъаи имтиёз.
***
Ҳама масти беэътидолиривоғ,
Чу минои холӣ шикастэҳтиёғ.
***
В-агар сози  афлатфурӯшӣ кунад,
Ҳамон нурихуршедпӯшӣ кунад.
***
Шаробест бунёдиандешасӯз,
Ба ҳам нисбати со арушишасӯз.
***
Сипеҳрам сувайдонасабкавкаб аст,
Гули домани субҳи бахтам шаб аст.
***
Зи минҷори булбул дар ин гулситон
Навоест доманбароташфишон.
***
Нигоҳе шикастимижадомане,
Чу фурсат баҳори зи худ рафтане.
***
Якоҳангие мухталифна мазост,
Зи андози ҳар соз ҷудратнавост.
***
Зи худ рафтанат ғодапайдокун аст,
Ба хеш омадан манзилиншокун аст.
***
Биё, эй пару боли афсурдагон,
Абадзиндагибахши дилмурдагон.
***
**Аз маснавии “Ирфон”:**
Дарағоти зуҳур бисёр аст,
Ҳар лабе садтакаллумизҳор аст.
***
Огаҳӣ беҷарорианғом аст,

Ғаҳл якдаст хоби ором аст.
***
Бо вуғуди фусурдагитаъсир,
Як чалам нолаанд шавӣсафир.
***
Хусрави огаҳитаманное
Дошт дастури аӣликулрое.
***
Гашт ҳар як хуморияъсшикан,
Муфлис аз хӯша, мунъим аз хирман.
***
Ғамъ гардид жожхое чанд,
Мухталифхосиятнавое чанд.
***
То тасаллигаҳи камоли сувар
Сад ҳаюлост ғайбиҳасратдар.
***
Оташ аз дасти шӯъладармушташ
Фундуӣе баста бар ҳар ангушташ.
Шӯъла з-он дасти шохигулмонанд
Карда ангушти зинҳор баланд.
***
Аз чаро  они нуридилбаканор
Ҳар тараф чашми ноз шуд бедор.
***
Мӯбамӯяш тарабгулафшан шуд,
Аз либосе ки дошт, урён шуд.
***
Зиндагони кафили ризӣ бас аст,
Ки гуҳар обудонадарчафас аст.
***
Симузарҳосилон ғаҳонгиранд,
Ҳуснтасхиранду ишӣзанғиранд.

Нишонаи дигари тасарруфот ва ихтирооти Бедил дар забони форсӣ сохтани феълҳои мураккабест аз чабили "хиром коштан", "шӯҳрат кашидан", "ранг тарошидан", "ханда коштан", "нигаҳ танидан", "  алат хӯрдан", "инфиол чидан", "олам шикастан" ва  айра. Ин навъи таркибҳо дар алоҳидагӣ ноошно ва  айритабиӣ ба назар расанд ҳам, ҳангоми дар матн омадан номаънист ва бегонагии онҳо пайхас карда намешавад.

Ҳоло чанде аз ин феълҳоро дар мавӣеъҳои истеъмолашон аз назар мегузаронем.

Ранг тарошидан:

Гули ағзе тасаввур кун, баҳори кибриё бингар,
Зи мо ранге тарошу дар кафи пояш ҳино бингар.
***

Ханда коштан:

Субҳ ғуз шабнам гуле з-ин бо  и навмедӣ начид,
Гиря яксар ҳосил асту ханда мекорӣ ҳанӯз.
***

О  ӯш дуздидан:

Ҳавас то чанд бар дил тӯҳмати ҳар хушку тасар бандад?
Бидуздам дар худ о  ӯше, ки бар офоӣ дар бандад.
***

  алат хӯрдан:

Навмеди васл буд дил аз сози инфиол,
Оинаат зи мо   алате хӯрд дар араӣ.

***

Инфиол чидан:

Инфиоле кош барчинад бисоти ихтиёр,
Оҳ аз ин тадбири пӯч, он гоҳ бо тайдир ғанг.

***

Интизор чидан:

Бар хаёле чидаем аз дида то дил интизор,
Лайлии ин анғуман ваҳм асту маҳмил интизор.

***

Нафас шикастан:

Чун   уури мову ман ин дашт пола  зе надошт,
То нафас дар лаб шикастам, роҳи дил ҳамвор шуд.

***

Ғавлон шикастан:

Ҳар куғо саъйи ғунун бар азм ғавлон бишканад,
Кӯҳ то дашт аз ҳуғуми нола домон бишканад.

***

Базм чидан:

Базми чандин ҳасрат он сӯи ҷиёмат чидаем,
Бояд аз шахси амал пурсид мийдори тамаъ.

***

Шиканға чидан:

Пӯст ба тан шиканға чид, ҳар сари мӯ ба хам расид,
Мунтахаби чӣ нусха аст ин ки шикастаӣ варaӣ?

Дар осори Бедил, хусусан дар   азалиёти ӯ, ибораҳои изофие низ мавғуданд, ки дар ҷолиби ибораҳои “паридани чашм”, “тапидани дил”, “ларзидани овоз”, тавассути худи шоир сохта шудаанд. Ибораҳои “шукуфтани чашм”, “чакидани нигоҳ”, “чакидани тамкин”, “рустани мавғ” аз ҳамин ҷабиланд. Инак чанд байте ки ин гуна таъбирҳоро дарбар кардаанд:

Шукуфтани ваҳшат:

Ваҳшатам гар як тапиш дар дашти имкон бишкуфад,
То ба домони ҷиёмат чини домон бишкуфад.

***

Шукуфтани чашм:

Метавон бо сад хиёбони биҳиштам шарҳ дод,
Як мижа чашме ки бар рӯи азизон бишкуфад.

***

Чакидани нигоҳ:

Ба ин завҷи тараб, к-аз ҳасрати дидор лабрезам,
Нигаҳ хоҳад чакидан, гар тарӣ домонам афшорад.

***

Дамидани алам:

Асари хиғолати муддао, агар ин алам дамад аз тамаъ,
Чӣ хуш аст, ҳарфи висол ҳам накунад касе раҷам аз тамаъ.

***

Танидани нигоҳ:

Зи чашмаки гули бо  и ғунун машав   офил,
Танидааст нигоҳе ба хатти со  ари до  .

***

Дамидани чашм:

Ғӯши яъсест баҳори тараби мо, Бедил,
Медамад чашми пуроб аз лаби хандони садаф.

***

Ларзидани нафас:

Ноёб гавҳаре ба кафи дил фитодааст,

Меларзадам нафас, ки мабодо, шавад талаф.
***

Дамидани тафовут:
Зи ниёзи Бедилу нози ӯ надамад тафовути мову ту,
Агар аз табиати мунфаил зи худам ғудо накунад араӣ.

Дуруст аст, ки ин тарзи калимасозӣ ва таркиббандӣ хондани осори Бедилро душвор сохта, шахси ба услуби ӯ ноошноро ба иштибоҳ наандохта наметавонад. Вале ин падидаҳо ва дигар хусусиятҳои забонии осори шоир нишонаи нобаладӣ ва алатгӯӣ дар забони форсӣ набуда, балки шоҳиди ийтидор ва маҳорати ӯ дар истифода аз нозукиҳо ва имкониятҳои забони форсист. Ба назар чунин мерасад, доираи забони форсӣ ва имконоти он барои ғавлони андеша ва афкори Бедил тангӣ кардааст, ки ӯ ба ин гуна ибтикороту навпардозиҳо даст задааст.

Тавре ки гуфтем, баъзе аз муосирони шоир тасарруфот ва ибтикороти ӯро хилофи ҷоидаҳои забони форсӣ дониста, ба калимаву ибораҳое, ки ӯ сохтааст эродҳо гирифтаанд. Яке аз чунин ноҷидон шоир ва таърихнигори аср Нозимхон Фори и ҷумӣ буд. Хушгӯ манзараи баҳси ӯро бо Бедил чунин ба ҷалам додааст. “Машҳур найл аст, ки рӯзе Нозимхони Фори – мусаннифи “Таърихи Фаррухшоҳӣ” он ҳазратро (яъне Бедилро – Б. Р) ба даъват талабид. Баъди фаро и таъом Нозимхон ба тариҷи илзом пеш омад ва гуфт: Мирзосоҳиб, дар ин шеъри саркор (шеъри Бедил – Б. Р) рӯзмарра (яъне таъбир, ибора – Б. Р) бисёр тоза аст:

Тавонгаре ки дам аз фаҷр мезанад, алат аст,
Зи мӯи косаи чинӣ намад намебофанд.

Мирзо дар ғавоб фармуд: Хонсоҳиб, ман он аҳмаӣ нестам, ки таъни соҳибро дарёфт накунам. Хон мукаррар гуфт: Биллоҳ, биллоҳ, ин рӯзмарра ихтирои соҳиб аст. Бедил фармуд, ки шумо дар шуарои ҷадим кадом касро мусаллам медоред? Нозимхон гуфт: Аз ҷудамо ҳар кӣ бошад. Пас он ҳазрат ҳафдаҳ санади мӯътабар аз Асғадиву Фаррухӣ ва Муизиву Масъуди Саъди Салмон ва Хоға Салмону дигар устодон дар сиҳҳати рӯзмарраи “намадбофӣ” гузаронид. Нозимхон ҳайрон монд ва ба бонги баланд гуфт: Валлоҳ, ҳар кӣ дар устодии ин азиз шак орад, бешак, кофир бошад. То зист, мӯътаҷиди ӯ буд” (Сафинаи Хушгӯ, Патна, 1959, с. 117).

Ноҷиди дигари Бедил шоири маъруфи асри ХУ111 шайх Муҳаммадалии Ҳазин мебошад. Ӯ ғое роҷеъ ба насри Бедил ва назми Носиралӣ навишта буд: “Аз назми Носиралӣ ва насри Бедил ҳеғ ба фаҳм намеояд. Агар ба Эрон мерафтам, барои ришханди ёрон раҳоварде аз ин хубтар набуд” (Ийтибос аз маҷолаи улом Сарвар, Шуарои шибҳи ҷора ва ноҷидони эронӣ, мағаллаи “Ҳилол, 1965, шумораи 4).

Ҳазин дар ғои дигар гуфтааст: “Агар мардуми Исфаҳон шеъри Бедилро бишнаванд, механданд” (Ниг.: Вораси Кирмонӣ, Сабки ҳиндӣ ва абъоди он, мағаллаи “Хуросон”, Кобул, 1360, № 2).

Бино бар ҷавли тазкиранигорон, Ҳазин шеъри шоирони сабки ҳиндиро умуман намеписандидааст. Хушгӯ дар ин бора навиштааст: “Эътиҷоде ба мутаҷаддимин мисли Шайх Саъдиву Хоғаи Шероз ва порае ба Фи онӣ дорад. Ва дигар тозагӯён мисли Соибу Салим ва Калимро вуғуд намегузарад” (Сафинаи Хушгӯ, с. 291).

Волеҳи До истонӣ, ки аз дӯстони Ҳазин буд, доир ба назари ӯ ба шоирон ва умуман мардуми Ҳиндустон навиштааст. “Умуман аҳли ин диёрро (Ҳиндустонро – Б. Р) аз подшоҳу умаро ва айра ҳағвҳои ракид, ки лоиҷи шаъни шайх набуд, намуда. Ҳарчанд ӯро аз ин адои зишт манъ кардам, фоида набахшид ва то ҳол дар кор аст. Лобуд, поси намаки подшоҳ ва ҳайҷи сӯҳбати умарову ошноёни бегуноҳ гиребонгир шуда, тарки ошноӣ ва мулоҷоти он бузургвор намуда, ин дидаро нодида ангоштам. Офарин ба ҳулҷи карим ва карами амими ин бузургон, ки бо камоли ҷудрат дар садади интиҷом барнаёмада, бештар аз пештар дар риояти аҳволаш худро маоф намедоранд. Ин маънӣ зиёда муғиби хилоғати уламои Эрон, ки дар ин диёр ба балои урбат гирифторанд, мешавад” (Ийтибос аз маҷолаи зикршудаи Вораси Кирмонӣ).

Гуфтан лозим аст, ки сабаби эродҳои Ҳазин, аз як тараф, сабку услуби нигориш ва тасарруфоти Бедил дар заобни форсӣ бошад, аз тарафи дигар, таассуб ва нописандии Ҳазин

нисбат ба шеъри шоирони форсигӯи Ҳиндустон низ дар миён аст. В-агарна, эътироф накардани шеъри шоирони Ҳиндустон ва гузашта аз ин, ҳағву мазаммат намудани мардуми ин кишвар чӣ маънӣ дорад?

Вале ин таассуб ва нописандӣ хоси танҳо Ҳазин нест. Ин тамоилро дар шоирони эронии пеш аз ӯ низ дидан мумкин аст. Ба хотир овардани баҳсҳои тӯлонии Муҳаммадориф Шайдои Ҳиндӣ (вафоташ – 1669), аз як тараф ва шоирони эронӣ Абӯтолиби Калиму Муҳаммадғони чудсӣ, аз тарафи дигар, далели ин фикр шуда метавонад. Шайдо дар хотимаи насре ки дар таърифи Кашмир гуфта шудааст, навиштааст: "Эрониён маро ба ҳиндинажод будан миӣдор наниҳанд, офил аз асли кори худ, ки чун ҳазрати Одам алайҳиссалом аз биҳишт ба дунё ворид шуд, замини Сарандебро аз маӣдами шариф гиромӣ намуд. Ва бар ин чавл арбоби таърих иттифоӣ доранд. Пас Одам ҳиндист ва нисбати одамият ба нашвунмоёфтагони Ҳинд собиттар. Ҳарф он аст, ки эронӣ ва ҳиндӣ будан фахрро санад нагардад. пояи мард ба нисбати пояи зотӣ бошад. Ва агар эрониён забони таън кушоянд, ки порсӣ забони мост, забонро ба коми худ наёбанд. Гар забон ба ком бошад, ба мазо, ки сухан ошно набуваб. Чун дастгоҳи сухан надоранд, лоғарам, дасту по ҳамезананд. Зоҳирбинон ки паи ба маънӣ набурдаанд, ғуз бар зоҳири ҳоли ман чашм нагморанд. Маънии рангини ман чун хилъати эшон нигор аст ва суханони эшон чун ғомаи ман камбаҳо ва бадчумош. Эшон бар ғомаи ман чашм бидӯзанду ман бар эшон маънии рангин арза дорам. Он чӣ аз бетакаллуф навишта шуд, ҳама аз рӯи ростист ва аз ростӣ ранғидан кори аҳли дониш нест" (Иӣтибос аз дафтари дуввуми тазкираи "Сафинаи Хушгӯ". Микрофилми №. Институти шарӣшиносии АИ Тоғикистон).

Ба таассуб ва худхоҳии шоирони эронӣ ишораи шоири асри ХУ11 ва ибтидои асри ХУ111 Мирзо Иноятуллоҳи Ҳайрат низ гувоҳӣ медиҳад. Ӯ навиштааст:

Гӯянд: Суханварӣ бувад дар Эрон,
Файзи ҳачро ба як макон хос мадон.
Ҳуғғат талабӣ агар дар ин даъвии кизб,
Бингар, ки манам зи хоки поки Турон.

Бино бар гуфтаи муҳаӣчичи ҳиндӣ Вораси Кирмонӣ, "маҳбубияти Бедил бо таъсири дунболадори наӣдҳои Ҳазин осеб дид". Баъд аз ӯ низ дар Ҳиндустон муаллифоне чун Мир уломалии Озод, Офтоб Ройи лакҳнавӣ ва Шиблии Нуъмонӣ пайдо шуданд, ки шеъри Бедил, хусусан забони ӯро, мавриди сарзаниш ва маломат чарор доданд. Озод рочеъ ба забони осори Бедил навишта буд: "Мирзо дар забони форсӣ чизҳои ариб ихтироъ намуда, ки аҳли муҳовара чабул надоранд. Бале, чуръон, ки каломи холичи алсина аст, сарриштаи мувофачати забон дар даст дорад. Агар ихтирое хилофи забон медошт, фусаҳои араб чабул намекарданд. айрифорсе ки таӣлиди забони форсӣ кунад бе мувофачати асл, чӣ гуна маӣбули аҳли муҳовара тавонад шуд? Масалан, Мирзо мухаммаме дар марсияи фарзанди худ дорад. Дар он ғо гӯяд:

Ҳар гаҳ ду чадам хиром мекошт,
Аз ангуштам асо ба каф дошт.
"Хиром коштан" ағаб чизест (Хизонаи омира, нашри мазкур, с. 153).

Тавре ки мебинем, Озод аз ихтироот ва тасарруфоти Бедил дар забони форсӣ ғонибдорӣ накунад ҳам, дар эродҳои худ назокат ва одоби суханро аз даст нададааст. Аммо муаллифи тазкираи "Риёзулорифин" Офтоб Ройи лакҳнавӣ аз ин гуна назокат ва одоби баҳс дур аст. Ӯ дар бораи Бедил ва шеъри ӯ навиштааст: "Бедил, яъне Мирзо Абдулчодири барлоси Азимободӣ, ки аз касрати сукунати Деҳлӣ ба Деҳлавӣ машҳур аст. Агарчи баъзе аз ҳиндиёни нобалад ӯро аз аозими шуаро медонанд, аммо назди аҳли забон чӣ ҳеғ. Форсии ӯ монанди Носиралӣ бадтар аз ҳиндист".

(Риёзулорифин, бахши аввал, Теҳрон 1976, саҳ. 123).

Аз навиштаи мазкур бармеояд, ки Офтоб Рой ба эғодиёти Бедил умуман ошно набудааст. Дар акси ҳол ӯ дар масъалаи арзёбӣ аз осори шоир ба такрори гуфтаҳои дигарон иктифо намекард. Чунон ки дидем, тазкиранависони пешин чун Орзуву Волеҳ низ аз ин маънӣ, яъне аз он, ки шеъри Бедил маӣбули аҳли забони форсӣ нест, ёд намудаанд. Вале онҳо дар баробари ин доир ба шеъри Бедил ачидаҳои шахсии худро низ изҳор намудаанд ва бузургии Бедилу асолати шеъри ӯро эътироф кардаанд.

Чунон ки гуфтем, донишманди номӣ Шиблии Нуъмонӣ низ нисбат ба шеъри Бедил назари хуб надошт. Бесабаб нест, ки ӯ дар асари машҳури худ "Шеърулағам" саҳифаеро ҳам ба ин шоир набахшидааст. Дуруст аст, ки ӯ дар чанд ғои ин асар аз Бедил ёд намудааст. Вале ин ҳама зимни таҳлили осори дигарон ва гузашта аз ин, бо нописандӣ ва беэътиноӣ нисбат ба шоир ва осори вай. Чунончи, ӯ зимни баррасӣ аз осори Калими Кошонӣ навиштааст: "Гарчи дар он замон (асри ХУ11 – Б. Р) истило ва алабаи маънисозӣ ва хаёлбофӣ шуароро аз забон, яъне алфоз ва муҳоварабандӣ офил карда буд, чунон ки Носиралӣ, анӣ, Бедил дар ин доира афтода, аз лутфи забон бегона шуда буданд, лекин Калим бо вуғуди мунтаҳои дарағаи нозукхаёлӣ, ин сарриштаро аз даст намедод" – (Ниг.: Шиблии Нуъмонӣ, Шеърулағам, ғилди саввум, Теҳрон, 1334).

Шиблии Нуъмони ҳангоми баррасӣ аз осори Соиби Табрезӣ дар хусуси робитаи ӯ ба шоирони пешин сухан карда, аз шоироне ба монанди Ҳофизи Шерозӣ, Авҳадии Маро ӣ, Назрии Нишопурӣ, Навъии Хабушонӣ, Файзи Ҳиндӣ, Малики чумӣ, Толиби Омулӣ, Мир Шавӣӣ, Масеҳои Кошӣ, Калими Кошонӣ, Ҳаким Шифоӣ, Ҳозиқи Телонӣ ва айраҳо ёд кардани Соиб изҳори қаноъатмандӣ менамояд. Вале аз он ки Соиб аз Зуҳурии Туршезӣ ва Ғалони Асир низ ёд кардааст, афсус меҳӯрад ва менависад, ки "ин нахустин чадами харобии завӣ будааст, ки он шоҳроҳе қоим карда ва навбат ба ин ғо расида, ки имрӯз мардум ба каломи Носиралӣ, Бедил, Шавкаши Бухороӣ ва амсоли он офарин гуфта ва таҳсин мекунанд. Бунёди зулм дар ғаҳон андак буд, ҳар кӣ омад, бар он мазид кард" (Ҳамон ғо, саҳ. 166).

Сабаби дигари дар Эрон шӯҳрат наёфтани Бедил зуҳури равияи адабии "бозгашт" дар муҳити адабии нимаи дуввуми асри ХУ111 ва асри Х1Х ин кишвар аст. Поягузорони равияи "бозгашт" Сайидалӣ Муштоқи Исфаҳонӣ (1689-1757), Оқомуҳаммад Ошиқи Исфаҳонӣ (1699-1767), Сайидаҳмад Ҳошифи Исфаҳонӣ (ваф. 1783), Лутфалибек Озари Бекдилӣ (ваф. 1780) гурӯҳи бузурги шоирони асрҳои ХУ1-ХУ111-ро шоирони ҳарзагӯ ва бемаънӣ шуморида, ба ҳар роҳу восита кӯшиш менамуданд, ки монеъи нашр ва шӯҳрати осори онҳо бошанд. Бо зуҳури равияи "бозгашт" на танҳо шеъри Бедил ва шоирони ҳамранги ӯ ании Кашмирӣ (ваф. 1668) ва Носиралии Сарҳиндӣ (1639-1697) инкор карда шуд, балки иддаи зиёди шоирони сабки ҳиндӣ аз Урафию зуҳурӣ сар карда то Калиму Соиб дар муҳити адабии асрҳои ХУ111-Х1Х Эрон фаромӯш шуданд. Ба майдон омадани тазкираҳои "Оташкада" таълифи Лутфалибеки Озар ва "Мағмаъуфусаҳо" таълифи Ризоқулихони Ҳидоят ба инкор ва фаромӯш шудани Бедил ва дигар шоирони сабки ҳиндӣ мусоидат намуд. Масалан, муаллифи "Оташкада" қариб ба аксари шоирони сабки ҳиндӣ назари бад дорад. Чунончи, дар хусуси яке аз бунёдгузорони сабки мазкур Зуҳурии Туршезӣ (ваф. 1616) навиштааст: "Аслаш аз қасабаи Туршез, соҳиби девон аст. Маснавӣ дар баҳри тақоруб машҳур ба "Сокинома" гуфта. Ба назари фақир ҳусне зиёд надорад. Аммо ба фасоҳат машҳур шуда". (Ниг.: Оташкада, бахши нахуст, Теҳрон, 1336, с. 266). Назари Озари Бекдилӣ нисбат ба Толиби Омулӣ ва шеъри вай чунин аст: "Аз шуъарои Омул аст. Муддате дар Ҳиндустон дар хидмати шоҳ салим (Ғаҳонгир – Б. Р) аз муътабарин буд. Соҳиби девон аст ва дар шоирӣ тарзи хосе, ки матлуби шуъарои фасеҳ нест, дорад". (Оташкада, бахши дуввум, Теҳрон, 1337, с. 870-71).

Ағобат дар он аст, ки Озар аз маҳбубият ва шӯҳрати шоирони сабки ҳиндӣ ёд кард, дар айни ҳол он шӯҳрат ва маҳбубиятро тасодуфӣ ва беғо меҳисобад. Аз навиштаҳои Озар бармеояд, ки ӯ муқобили шоиронест, ки дар шеър ба тозагӯӣ ва ибтикороту иххтироъот даст задаанд. Яке аз шоирони тозагӯй ва дорои мактаби хоси адабӣ Соиби Табрезист. Назари Озар ба шеъри Соиб тамоман манфӣ ва айривоӣеъист. Ӯ пас аз баёни мухтасари тарғимаи ҳоли шоир дар хусуси шеър ва "шӯҳрати беғо"-и ӯ чунин менависад: "Аз о ози сухангӯии эшон (яъне Соиб – Б. Р) туруқи хаёлоти матинаи фусаҳои мутақаддимин масдуд ва қавоъиди мусалламаи устодони собиӣ мафқуд. Ва маротиби суханварӣ баъд аз ғаноби Мирзои Мушорунилайҳ, ки мубдоъи тариқаи ғадидаи нописандида буд, ҳаррӯза дар таназзул. То дар ин замон, биҳамдиллоҳ, тариқаи мухтариъаи эшон билкуллия мундарис ва қонуни мутақаддимин муғаддад шуда. Аксар ашъори эшон мулоҳада (ва) ин чанд байт ба саъйи фаровон аз ӯ интихоб шуд. Бо ин хаёлоти суст сабаби шӯҳрати беғои ӯ, гӯё, камолоти нафсонии ӯст, ки машҳур аст дар ҳини фаро аз фикр маш ули зикр буда ё тарбияти кавкаб аст. Ва илло роҳи дигар ба хотир намерасад" (Ниг.: Оташкада, бахши нахуст, Теҳрон, 1336, с. 120-127).

Аз тазкираи Ризоқулихони ҳидоят бармеояд, ки дар муҳити адабии эрони асри Х1Х низ шеъри сабки ҳиндӣ аз ғумла шеъри Соиб маӣбул ва маънус набудааст. Ҳидоят пас аз маълумоти тарғумаҳолӣ дар бораи Соиб навиштааст: “Боре дар тариқи шоирӣ тарзе ариб дошта, ки акнун писандида нест” (Мағмаъулфуаҳо, Теҳрон, 1339, Мағаллаи 2, бахши 1, с. 44).

Адиб ва донишманди маъруфи Эрон Карим Амирии Фирӯзкӯҳӣ роҷеъ ба сабабҳои фаромӯш шудани Соиб дар муҳити адабии нимаи дуввуми асри ХУ111 сухан карда, аз ғумла навиштааст: “Ин пардапӯшӣ ва дар воӣеъ, беинсофӣ ва аразварзӣ аз замони ҳукумати Зандия ба дастури маъдуде аз шуърои он аср монанди Озару Маштоқу Ҳотиф ва амсолаҳум ба вуғуд омад ва билохира навишта ва ҳукумати ғоҳилона ё ма руронаи марҳум Озари Бекдилӣ дар тазкираи маъруфу машҳури ӯ мавсум ба “Оташкада” дар бораи Соиб муғиб шуд, ки на танҳо номи вай дар аъдоди шуърои муҳмалсаро ва беарзиш маъдуд ва мавсуф гардад, балки нимае аз пайкари шеъру адаби ин кишвар низ дар зери тӯдаҳои анбӯҳи сангини бехабарӣ ва фаромӯшӣ пинҳону мустатар бимонад. Ва ҳатто самараи таҳаввулу та йири сухани форсӣ дар тайи чанд қарн ва пайдоиши мактаби тозае, ки натиға ва моҳасали афкори ҷудамо ва ибдоу ибтикори мардуме айри муқаллид ва мубтакир буд, дастхуши сухраву истеҳзои ғамъе бехабару беиттилоъ ва касоне аз аҳли ғамуду мутамоил ба каҳҷаро гардид” (Ниг.: ба Муқаддимаи Куллиёти Соиб, Теҳрон, 1336).

Бо кӯшиши муассисони равияи “бозгашт” раванди табиии адабиёт, раванде ки идома ва такомули сабки ҳиндӣ шуда метавонист, ба таври сунъӣ боздошта шуд. Завқу салиқаи хонандаи ин аср ба талабот ва меъёрҳои равияи “бозгашт” мутобиӣ кунонида шуд. Сабаб ҳамин аст, ки шеъри сабки ҳиндӣ танҳо дар Эрон инкишоф ва идома наёфт. Дар сурате ки дар дигар манотиқи шеъри форсӣ – Тоғикистон, Ӯзбекистон ва Аф онистону Ҳиндустон ба таври табиӣ идома ва ғараён дошт. Ба таъбири дигар гӯем, адабиёти асрҳои ХУ111-Х1Х Эрон аз шоҳроҳи асосии шеъри форсӣ берун шуда, бо роҳи таӣлиду пайравӣ аз сабкҳои қадим – хуросониву ироӣӣ ҳаракат намуд.

Муаллифи мағмӯаи Шафеии Кадканӣ дар бораи тафовути сабкии шоирони эронӣ аз шоирони манотиқи дигари шеъри форсӣ сухан карда, чунин навиштааст: “Ин тамоиз ё дигаргунӣ то қарни дувоздаҳум (қарни ХУ111 милодӣ – Б. Р) ба ҳеғ вағҳ вуғуд надоштааст ва аз даврае ки дар Эрон онро “бозгашти адабӣ” ном ниҳоданд, о оз мешавад. Ба ин маънӣ, ки дар Эрон тавассути баъзе аз аҳли адаб ва мунтақидон, аз қабили Озари Бекдилӣ, ба тадриғ дар баробари милокҳои ҳоким бар завқи умумии форсизабонон як навъ “кудито” ё инқилоб, ё ғунбиши ислоҳталабона о оз мешавад, ки дарбори Йоғория маркази аслии ин назарияи адабист. Батадриғ сарзаминҳое ки таҳти нуфуз ва қаламрави сиёсии давлати Йоғория ҳастанд, ин милокҳову ҳинғорҳоро густариш медиҳанд. Аммо дигар сарзаминҳои қаламрави шеъри дарӣ ҳамчунон бар суннати адабии пешини хеш, ки аз даруни тағрибаҳои шоирони қарни нуҳуму даҳум ва ёздаҳум (қарнҳои ХУ-ХУ1-ХУ11 милодӣ – Б. Р) рушд карда буд, боӣӣ мемонад ва ҳамон чизеро, ки мо имрӯз ба номи сабки ҳиндӣ мехонем, ба хусус, ғиноҳи тундрави онро идома медиҳад. Истимрори табиӣ ва таърихии сабки ҳиндӣ дар хориғ аз қаламрави сиёсии Йоғория дар саросари аӣтори форсизабону форсидон ва форсихони ғаҳон ҳамчунон идома меёбад. Ва имрӯз ҳам агар ба шеърҳои гӯяндагони мовароуннаҳрӣ (Ӯзбекистону Тоғикистон) ва Аф онистону шибҳи қора (Ҳинду Покистон ва Банглодиш) таваққӯҳ кунем, сайри табиии он услубро бавузуҳ мебинем”.

Идомаи нуфуз ва таъсири завқу салиқаи равияи “бозгашт” буд, ки шоир ва донишманди маъруф Муҳаммадтақии Баҳор низ аз шеър ва ҳамчунин аз насри форсии Ҳиндустон бо кароҳат ва нописандӣ ёд кардааст. Ӯ зимни гӯшрас намудани хусусиятҳои насри форсии Ҳинд навиштаат: “Нависандаи муқими Ҳинд бештар мехоҳад узҳори фазл кунад ва камтар матлаби баён карданӣ дорад ё агар дорад, ба ғои ин ки ҳарфи худро бинависад, аз дару девор сӯҳбат дошта ва калимоте муносиби фазлфурӯшии худ ба даст овардааст, на муносиби матлабе, ки бояд нависад. Ҳамин ҳолатро дар шеъри ҳиндӣ мебинем. Ва ба ғуз Соиб, ки гоҳе аз воӣеият сухан мегӯяд, боӣӣ шуаро, махсусан мутааххирин, аз қабили Бедилу анӣ, қасдашон овардани иборотест, ки бо санъат ва мазмун ғӯр биёянд, на ба маӣсуде, ки доранд, ва олибан, маӣсуде ҳам надоштаанд” (Ниг.: Муҳаммадтаӣӣ Баҳор, Сабкшиносӣ, Ғилди 3. Теҳрон, 1331, саҳ. 259).

Баҳор сабки ҳиндиро дар яке аз шеърҳояш низ накӯҳиш ва мазаммат намудааст. Ӯ навиштааст:

Сабки ҳиндӣ гарчи сабке тоза буд,
Лек ӯро заъф беандоза буд.
Фикрҳо сусту тахайюлҳо ағиб,
Шеър пурмазмун, вале нодилфиреб,
В-аз фасоҳат бенасиб.
(Ниг.: Девони Баҳор, Ғилди 2, Теҳрон, 1337, с. 228).

Ва ниҳоят, саввумин сабаби камшӯҳратии Бедил дар Эрон, хоса Эрони имрӯза, ба таври кофӣ ошно набудани хонанда ва аҳли таҳқиқи ин кишвар ба осори шоир аст. Яъне ғой доштани нуфузи равияи “бозгашт” дар муҳити адабӣ ва илмии Эрони имрӯза ва то андозае идома доштани таассуби эронӣ, ки дар бораш сухан рафт, сабаб шудаанд, ки аз хонандагон ва муҳаӣқиқони эронӣ кам касоне ба осори Бедил рӯй оваранд. Аз ғумлаи онҳое ҳам ки дар бораи Бедил чизе навиштаанд, аксарашон бевосита ба осори худи шоир муроғиат накарда, навиштаҳои дигаронро такрор намудаанд. Ин маъниро аз баъзе маҷолоте, ки дар бораи шоир навишта шудаанд, пай бурдан душвор нест. Чунончи, дар китоби Забеҳуллоҳи Сафо “Ганғи сухан” (Теҳрон, 1340) маснавии маъруфи шоир “Ирфон” саҳван ба номи “Арафот” ёд шудааст. Ҳамин иштибоҳ, ки шояд, хатои техникӣ бошад, дар китобҳои Заҳрои Хонларӣ “Раҳнамои адабиёти форсӣ” (Теҳрон, 1341) ва “Фарҳанги адабиёти форсӣ (Теҳрон, 1348), дар рисолаи Абдурафеъ Ҳаҷиҷати Рафеъ “Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён” (Ғилди чаҳорум, бахши якум, Теҳрон, 1368) ва  айра низ такрор шудааст.

Мисоли барғастаи Бедилро нахонда дар бораш асар навиштан маҷолаи Мансури Мунтазир аст, ки ба ҳайси муҷаддимаи нашри дуғилдаи  азалиёти Бедил ба табъ расидааст. Ба назар чунин мерасад, ки Мансури Мунтазир дар навиштани ин маҷола осори худи Бедилро дар ихтиёр надоштааст ва манбаи асосии ӯ “Бедилшиносӣ” ном рисолаи  уломҳасани Муғаддадӣ будааст.

Аз мулоҳаза ва муҳокамаҳои Мансури Мунтазир бармеояд, ки ӯ на танҳо дар бораи Бедил ва осори ӯ тасаввури кофӣ надорад, балки оддитарин масоили марбут ба Ҳиндустонро низ намедонад. Дар акси ҳол ӯ наменавишт ки “Бедил дар Азимободи Патна – яке аз вилоёти Ҳинд ба дунё омадааст”. Ва илова намекард, ки “шаҳри Азимобод маркази аёлати Патна буда, дар соҳили ғанубии рудхонаи Ганг воӣеъ аст”.

Ҳол он ки Патна аёлат набуда, яке аз шаҳрҳои ҷадимтарини Ҳиндусттон аст. Ва Азимобод номи дигари ҳамин шаҳр мебошад, ки аз ибтидои асри ХУ111 то ибтидои асри ХХ ба ин ном низ ёд мешуд.

Мансури Мунтазир дар саҳифаи 9 маҷолааш навиштааст, ки Бедил дар соли 1075 ба Даҳлӣ омада, зарфи чанд сол шӯҳрат пайдо кард. Сабаби ба зудӣ шӯҳрат ёфтани ӯ, ба фикри Мунтазир, ин буда, ки дар он ваӣт аз шоирони бузург касе дар Деҳлӣ иқомат намекардааст. “ ании Кашмирӣ – идома додааст Мунтазир, – дар Кашмир ба сар мебурд, мавлоно Мирзо Соиби Табрезӣ ба Исфаҳон рафта буд, Носиралии Сарҳиндӣ ба Шоҳиғаҳонобод ва Афзали Сархуш ба доруссалтана рафта” буданд. Аввал ин, ки Бедил дар соли 1076 ба Деҳлӣ омад, на дар соли 1075. Сониян, Деҳливу Шоҳиғаҳонобод низ чун Патнаву Азимобод номҳои гуногуни як шаҳранд. Мурод аз доруссалтана низ ҳамон Даҳлӣ ё худ Шоҳиғаҳонобод аст.

Мансури Мунтазир маводи асосии маҷолаи худро аз китоби зикршудаи Муғаддадӣ гирифта, дар баъзе мавридҳо аҷоиди ӯро рад карданӣ шудааст. Ӯ аз муносибати Бедил бо Шоҳяккаи Озод ном дарвеш сухан карда, аз ғумла чунин навиштааст: “Шоҳяккаи Озод Бедилро бисёр мавриди тавағғӯҳ ҷарор медиҳад ва ба Бедил ҳидоят медиҳад, ки дар маънии ин чанд байт доиман фикр кунад:

Ин туи зоҳир, ки пиндорӣ, тӯӣ,
Ҳаст андар туи ту аз бетуӣ.
Ӯ ту аст, аммо на ин ту, ки ман аст,
Он туе, к-он бартар аз мову ман аст.
Туи ту дар дигаре омад дафин,
Ман  уломи марди худбинам чунин”.

Мансури Мунтазир баъд аз иӣтибоси се байти боло чунин мегӯяд: “ уломҳусайни

Муғаддадӣ менависад, ки “Ин абёт дар ҳақиқат ҳидояте буд, то Бедил ба зареаи онҳо ба худии дарунӣ тамоил пайдо кунад”. Ва худ илова менамояд, ки “тамоил ба дарун пайдо кардан, он ҳам ба абёте аз ин даст аз шоире мисли Бедил баъид ба назар мерасад”. Чаро ки худ мавлоно (Бедил – Б. Р) – идома медиҳад ӯ, - дар ҳамон овони ғавонӣ абёте маҳкамтар ва бадеътар аз ин сустназмакҳо иншо мекарда ва гумон намекунам, ки табъи мушкилписанди Бедил бо хондани мукаррари ин се байт шеъри суст ба сирфи гунгӣ ва печидагии мӯҳтаво ба тарафи дунёи дарун ҳидоят шуда бошад. Баъид нест, ки ин қасдро, - хулоса мекунад Мансури Мунтазир, - тазкиранависони мо, ки аксаран одамҳои хаёлпардози афсонасоз буда, барои Бедил сохта бошанд”.

Маълум мешавад, ки Мансури Мунтазир на фақат ба осори Бедил ошноӣ надорад, инчунин аз асари бузурги Мавлавии Рум “Маснавӣ” низ бехабар аст. Ӯ намедонад, ки се байти мазкур иӣтибос аз “Маснавӣ” мебошанд ва онҳоро худи Бедил дар “Чорунсур” овардааст. Ва фикри дар таъсири ин байтҳо тамоил ба дарун пайдо кардан низ фикри худи Бедил аст, на фикри “тазкиранависони афсонасоз”-у на фикри улом ҳусайни Муғаддадӣ.

Мансури Мунтазир дар бораи устоди дигари Бедил Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ сухан карда, ҳодисаи аввалан бор ба ҳам вохӯрдани онҳоро чунин ба қалам додааст: “Дар соли 1071, дар ҳамон соле ки Бедил бо Мирзо Зариф ба Катак меравад, бо ин мард (Шоҳқосим – Б. Р) ошно мешавад. Моғарои бархӯрди ин марди худо бо Бедил аз ин қарор аст, ки рӯзе Бедил ва Мирзо Зариф саргарми тафсири қуръон ҳастанд, ки хабар мерасад марде рӯҳонӣ ба дидани онҳо омадааст. Аз ӯ истиӣбол мекунанд ва вай бо шарҳи чанд оя аз қуръон табаҳҳури худро дар илми тафсир ошкор месозад”.

Мансури Мунтазир дар ин ғо ду шахс – Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ ва дарвеше дигарро як шахс пиндошта, ҳамчунин ду ҳодисаи дар замонҳои гуногун ба амал омадаро як ҳодиса тасаввур намудааст.

Воӣеаи ошноии Бедилу Мирзо Зариф бо Шоҳқосим, дар ҳақиқат, дар соли 1071 дар шаҳри Катак рух додааст. Вале сурати воӣеа на он аст, ки Мансури Мантазир навиштааст. Шахсе ки ба назди Бедилу Мирзо Зариф меояд ва бо тафсири чанд ояти қуръон “табаҳҳури худро ошкор месозад” Шоҳқосим нест, балки шаси дигар аст. Ва ин ҳодиса дар соли 1071 не, балки дар соли 1075 рух додааст. Дар соле рух додааст, ки Бедилу Мирзо Зариф аз минтақае бо номи Ксорӣ ба шаҳри Катак баргашта, равонаи ватани хеш шаҳри Патна буданд. Шахсе ки дар соли 1075 ба дидани Бедилу Мирзо Зариф меояд, дар “Чорунсур” бо номи аслии худ ёд нашуда, бо иборахои “марде аз мансубони ҳазрати шоҳ” (яъне Шоҳқосим – Б. Р), “орифе”, “он ҳазрат” ва айра зикр ёфтааст.

Мансури Мунтазир дар “Бедил ва сабки ҳиндӣ” ном бахши мақолааш навиштааст: “Ба эътирофи худи мавлоно (Бедил – Б. Р) ӯ пеш аз он, ки ба Шоҳғаҳонобод биёяд ва замоне ки дар Патна ва Биҳор буда, ба сабки шуарои клосик кор мекарда ва шеваи тозаро намешинохта ва дар муқаддимае, ки ба маснавии “Муҳити аъзам”-и худ навишта, маълум мешавад, ки бо мутолааи кори шоироне чун Зуҳурӣ, Ҳилолӣ, Солик, Толиб, Шайдо, Салим ва Соиб бо сабки ҳиндӣ ошно шудааст ва аз миёни тамоми шоирони ин сабк ба нубу и Мирзо Соиб мӯътақид будааст”.

Ин суханони Мансури Мунтазир низ ҳеғ гуна асос ва воӣеият надоранд. Дар муқаддимаи “Муҳити аъзам” дар ин бора умуман сухан нарафтааст. Чизе ки дар муқаддимаи маснавии мазкур мавғуд аст ин аст: “Аммо бидон, ки ин (яъне “Муҳити аъзам” – Б. Р) майхонаи зуҳури ҳақоиӣ аст, на соқиномаи ашъори Зуҳурӣ ва оинапардози кайфияти дақоиӣ аст, на зангорфурӯши хумори бешуурӣ. Ҳилолӣ дар андешаи ин сипеҳри камол чун моҳи нав борик аст ва Зулолӣ дар тамошои ин муҳити аъзам ба оби ҳасрат наздик. Солик то тайи маротиби ирфон нанамояд, аз ғодаи истифҳоми он дур аст ва Толиб то ба сарманзили камол нарасад, аз усули идроки он маъзур. Силии ситти маониаш табъи Сомитро ба хурӯш парварда ва гӯшмоли на маи алфозаш димо и Шайдоро ба ҳуш оварда. Суратпазирии шоҳиди мазмунаш бе оинаи табъи Салим муҳол аст ва маънинамоии саводи мактубаш бе шамъи раъйи Соиб хаёл”.

Тавре ки мебинем, дар ин ғо дар бораи душвории истифҳом ва идроки маонӣ ва матолиби “Муҳити аъзам” сухан рафтааст, на дар хусуси ба сабки клосик навиштану сабки ҳиндиро аз дигарон омӯхтан.

Мансури Мунтазир дар саҳифаи 13 маҷолааш мегӯяд: “То соли 1078, ки Бедил ду маснавӣ - “Муҳити аъзам” ва “Тилисми ҳайрат”-и худро тамом мекунад, ба дарвешӣ ва сайру сафар зиндагиро мегузаронад. Вале як сол баъд издивоғ карда ва барои ҳамеша ба Деҳлӣ иқомат мекунад ва мисли ниёкони худ ба сипоҳигарӣ мепардозад”.

Ин фикри муаллиф низ чандон саҳеҳ нест. Бедил то замони Ба Деҳлӣ омадану ба таври доимӣ сукунат ихтиёр кардан ба муддати 15 сол дар шаҳру вилоёти дигари Ҳиндустон – Акбаробод, Лоҳур, Ҳасанабдол, Гуғарот, Матҳро зиндагӣ ва хидмат намудааст. Замони ба Деҳлӣ омадану муҷими доимӣ шудани ӯ соли 1096 аст.

Мунтазир илова намудааст, ки Бедил баъди ба Деҳлӣ омадан “аз Оҷилхони Розӣ ва наввоб Шукруллоҳхон, ки аз шогирдон ва дӯстони ӯ ҳастанд, кӯмак металабад ва онҳо хонае барои ӯ таҳия” менамоянд. Фикри Бедилро аз хона таъмин намудани Оҷилхону Шукруллоҳхон дуруст аст. Вале онҳо аз ғумлаи шогирдони Бедил набуданд. Шахсони мазкур аз ғиҳаи синну сол нисбат ба Бедил 10-15 солӣ бузургтаранд.

Мансури Мунтазир суханони Муғаддадиро дар хусуси дар соли 1120 ба дунё омадани ягона фарзанди Бедил ийтибос намуда, дар ин ғо низ ба ӯ эътироз кардааст. Ӯ навиштааст: “Ҷазия ду сурат дорад. Агар Бедил то он мавӣеъ духтаре ё духтароне дошта, хуб, ҳеғ айбу эроде надорад, ки дар синни 66 солагӣ соҳиби писаре шуда бошад. Вале агар то он мавӣеъ иғойкӯр (бефарзанд) буда, ҳарфи эшон (Муғаддадӣ – Б. Р) санад нест ва Бедил аслан дар чунин синне соҳиби фарзанд нашуда”.

Мансури Мунтазир, зоҳиран, ба  айр аз китоби зикршудаи Муғаддадӣ аз осори бедилшиносони дигар хабар надорад. Факти дар пиронсолӣ соҳиби фарзанд шудани Бедилро аксари онҳо зикр кардаанд. Худи шоир низ дар ин бора ишораҳои зиёде дорад. Чунончи, дар рубоие мегӯяд:

Бедил, таърихи интихобафвоҳам
Ба рамзе нест, гар шавӣ огоҳам.
Шасту шаш сол фард будам, к-аз  айб
Абдухолиӣ шуд “интихобуллоҳ”-ам.

Мутаассифона, ягона фарзанди Бедил – Абдухолиӣ, умри дароз надид. Ӯ дар соли 1123 дар синни ҷариб сесолагӣ аз олам гузашт. Бедил дар ин маврид низ чандин шеър эғод намуд, ки яке аз онҳо мухаммасест, ки бо ин мисраҳо о  оз меёбад:

Ҳайҳот, чӣ барӣ парфишон рафт?
К-ошӯби ҷиёматам ба ғон рафт.
Гар тобе буд, гар тавон – рафт,
Тифлам з-ин кӯҳна хокдон рафт.
Бозӣ – бозӣ ба осмон рафт.

Мансури Мунтазир ҳангоми ёдовар шудан аз ин мухаммас низ шеършиносӣ ва шеърфаҳмии худро нишон доданӣ шуда, иддао кардааст, ки ин мухаммас набояд дар синни пиронсолии шоир гуфта шуда бошад. “Ба эътимоди ман, - навиштааст ӯ, - суст будани шеър ва заъфе ки дар ҷавофӣ вуғуд дорад, нишондиҳанда ва намоёнгари ин асл аст, ки агар Бедил фарзанде дошта, дар ҳамон ғавонӣ буда ва ин шеър низ аз ашъори ибтидоӣ ва аввалияи Мирзост”.

Мансури Мунтазир дар фароварди маҷолаи худ роҷеъ ба осори Бедил сухан карда, навиштааст, ки “Куллиёти Бедил муштамил бар 99 ҳазор байт мебошад, ки то кунун (яъне то соли 1985 – Б. Р) танҳо як бор дар Аф онистон чоп шудааст”.

Мансури Мунтазир дар ин ғо низ дурӯ  гуфтааст. Куллиёти Бедил то замони дар Аф онистон чоп шудан, яъне то ибтидои солҳои 60-уми асри XX панғ маротиба ба табъ расидааст. Аввалин нашри он, ки матни нисбатан мукаммал аст, дар соли 1847 дар матбааи Сафдарии Бамбай чоп шудааст. Нашри дуввуми Куллиёт онест, ки дар ҳағми мухтасар ҳавоии девон, “Никот”, “Руҷаот” ва “Чорунсур” дар соли 1287 (1871) дар Лакҳнав ба табъ расидааст. Чопи такрории ҳамин нашр, ки дар соли 1292 (1875) дар Конпур ба миён омадааст, нашри саввуми Куллиёт ба ҳисоб меравад. Нашри чоруми куллиёт низ нашри мухтасарест, ки дар соли 1292 (1875) дар матбааи Ҳасании Бамбай сурат пазируфтааст. Ин нашр девон, “Никот”, “Муҳити аъзам” ва “Ишороту ҳикоёт”-ро дар бар кардааст. Ва ниҳоят, нашри панғуми Куллиёт нашри маълум ва маъруфи Сафдарист, ки дар соли 1299 (1882) дар

Бамбай либоси табъ пӯшидааст.

Илова кардан лозим аст, ки Куллиёти Бедил ахиран дар Теҳрон низ дар се мағаллад ба табъ расид, ки асосан такрори ғилдҳои якум ва дуввуми нашри Кобул мебошад.

Аз муаллифони муосири Эрон касе ки ба омӯзиши Бедил ба таври ғиддӣ маш ул шудааст, муҳаӣҷиҷи номбурда Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ мебошад. Ӯ аз охири солҳои шастуми асри XX ба ин ғониб дар хусуси Бедил як силсила маҷолаҳо таълиф ва нашр намуда, дар охир он маҷолаҳоро бо мунтахабе аз азалу рубоиёти Бедил дар шакли мағмӯаи алоҳида ба табъ расонид (Ниг.: Шафеии Кадканӣ, Шоири оинаҳо. Теҳрон, 1366). Кадкани бо ин кор на танҳо Бедилро ба хонандаи имрӯзаи Эрон ошно намуд, инчунин тавонист, ки дар бедилшиносии ғаҳон сухани тозае низ бигӯяд. Дар мисоли тадҷиҷотҳои ин муаллиф низ ба хулосае омадан мумкин аст, ки хонандаи эронӣ агар ба осори Бедил ба таври кофӣ ошно шавад, аз мазомини олӣ, санъати баланд, итирооту ибтикороти вай дар забони форсӣ огаҳӣ хоҳад ёфт ва ӯро ба ҳайси яке аз маҳбубтарин шоирони форсигӯ хоҳад пазируфт. Нуктаи муҳиме ки аз маҷолаҳои Кадканӣ бармеояд ин аст, ки ба ҷадри ошноӣ ба осори Бедил назари ӯ ба шоир ва эғодиёти вай та йир ёфтааст. Дар маҷолаҳои ӯ “Найди Бедил” ва “Бедили Деҳлавӣ”, ки дар солҳои 1346 (1968) ва 1347 (1969) навишта шудаанд, нисбат ба Бедил агар як навъ беэътиноӣ ва нописандӣ мушоҳада шавад, дар маҷолаҳои охирини ӯ “Ҳофиз ва Бедил дар муҳити адабии Мовароуннаҳр дар ҷарни нуздаҳум”, “Сабкшиносии шеъри Бедил” ва “Мисраъ – даричаи ошноӣ бо Бедил” ин ҳолат ба назар намерасад. Чунончи, муҳаҷиӣ дар маҷолаи “Бедили Деҳлавӣ” доир ба азалиёти Бедил навишта буд: “Нависандаи ин сутур бо ҳама кӯшиш, ки дошт, дар саросари девони ӯ як азали ҳамвору якдаст, ки битавон тамоми абёти онро ба унвони шеъри хубу покиза арза кард, наёфт (Ҳунар ва мардум, 1347, №№ 74-75, с. 50).

Ё худ дар маҷолаи “Найди Бедил”, мехонем: “Бедил дар таърихи адабиёти форсӣ авғи шеваест, ки ба номи “Ҳиндӣ” ва ё “Исфаҳонӣ” хонда мешавад. Тарзи тозае, ки аз даврони Фи онӣ ва пеш аз ӯ о оз ёфа буду чеҳраҳои мушаххасу барғастааш дар ҷарни ёздаҳум иборатанд аз Соибу Калиму Урфиву Толибу Салим, дар шеъри ӯ ба авғ мерасад. Аммо ин авғ авғи камол нест ё дасткам ба назари ман чунин мерасад. Давраи камол ва ё беҳтар бигӯем, намунаи нисбатан табиӣ ва зебои ин гуна шеърҳоро дар девони Соиби Табрезӣ метавон ғуст” (Ниг).

Аммо дар маҷолаи “Ҳофиз ва Бедил дар муҳити адабии Мовароуннаҳр дар ҷарни нуздаҳум”, ки дар соли 1366 (1987) ба табъ расидааст, акси ин аӣдаро мебинем. Дар ин ғо намунаи беҳтарин ва такомули табиии сабки ҳиндӣ шеъри Бедил дониста шудааст. Муаллиф дар ин маҷола навиштааст: “Дар чунин суннати адабӣ ва муҳити завҷиву ҳунарӣ шоирони усва ва сармашӣҳои адабӣ иборатанд аз гурӯҳи шоирони дарағаи аввали сабки ҳиндӣ аз ҷабили Соибу аҷмори ӯ ва дар садри ҳамаи онҳо Мирзо Абдулҷодири Бедили Деҳлавӣ, ки вуғудаш аз лиҳози таърихӣ такомули табиии услуби шоиронаш Соибу аҷрини ӯст. Бедил фарди акмал ва намунаи оливу муваффаӣтарини мазҳари ин гуна шеъру шоирист ва илова бар тааммулоти жарфе, ки дар аволими рӯҳии инсон ва ғавониби ҳаёти башарӣ дорад, яке аз шигифтиҳои ҷаламрави халлоҷияти забони шеъри форсӣ низ ҳаст”. (Шоири оинаҳо, саҳ. 95).

Тавре ки дар о ози ин маҷола гуфта шуд, Кадканӣ дар маҷолаи “Бедили Деҳлавӣ” иллати фаромӯшӣ ва дар Эрон шӯҳрат наёфтани Бедилро ба хусусиятҳои забонии осори худи ӯ вобаса дониста буд. Вале дар маҷолаи “Ҳофиз ва Бедил” чунон ки дидем, сабаби инро дар носипосӣ ва ҳаӣношиносии эрониён нисбат ба Бедил мебинад.

Хулоса, факти фаромӯшӣ ва камшӯҳратии Бедил дар Эрон зуҳуроти муваӣҷатист ва он рӯз дур нест, ки шеъри ӯ дар ин мантиҷаи забони форсӣ низ густурда хоҳад шуд ва шефтагони худро дар ин сарзамин низ пайдо хоҳад кард. Зеро шеъри Бедил падидаест, ки бо гузашти ваӣт доираи нуфузаш васеътар ва ҷаламрави таъсираш бузургтар мешавад. Худи ӯ фармудааст:

Бедил, тағаддудест либоси хаёли ман,
Гар сад ҳазор сол барояд, кӯҳан наям.

## ТАРҒИМАИ ТУРКИИ ЯК АЗАЛИ БЕДИЛ

Ҳангоми ошноӣ ба таърихи омӯзиши Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) ба мулоҳаза ва андешаҳое дучор омадан мумкин аст, ки аз далелҳои қавии илмӣ бархурдор нестанд. Чунончи, ақидаҳое вуғуд доранд, ки, гӯё, Бедил ба забонҳои урду ва туркӣ низ шеърҳо навишта бошад. Яке аз муаллифоне, ки аз ин ақидаҳо пайравӣ кардаанд, шоир ва донишманди Аф онистон Муҳаммадиброҳими Халил мебошад. Ӯ дар мақолае бо номи “Алоиӣ ва ақоиди мо ба Бедил” навиштааст: “Бедил агарчи ба забонҳои ҳиндӣ (урду – Б. Р) ва туркӣ ҳам осор дорад, вале кам аст” (Ниг.: мағаллаи “Ирфон”, Кобул, 1333. № 1).

Гуфтан лозим аст, ки фикри ба забони урду шеър гуфтани Бедил фикри нав нест. Ин фикр аз сарчашмаҳои асри ХУ111 адабиёти урду ибтидо мегирад. Дар аксари онҳо, аз ғумла дар тазкираҳои Миртақии Мир “Никотушшуаро” (1759) қудратуллоҳи Шавӣ “Табақотушшуаро” (1774-1775), Алӣ Иброҳимхони Халил “Гулзори Иброҳим” (1783-1784), Қиёмуддини Йоим “Махзани никот” (1792-1794), қудратуллоҳи Йосим “Мағмӯаи на з” (1806-1807), Абдул афури Нассох “Сухани шуаро” (1864-1865) омадааст, ки Бедил аслан шоири форсигӯст, вале чанд байти башумор ба забони урду низ гуфтааст. Масалан муаллифи “Никотушшуаро” пас аз зикри мухтасари тарғимаи ҳоли шоир илова кардааст, ки “ду шеъри рехта (урду- Б. Р) ба номи ӯ шунида мешавад, шояд, ба тақрибе гуфта бошад”.

Муаллифи “Тазкираи шуарои урду” (1778) Мирҳасани Деҳлавӣ овардааст: “Мирзо Абдулқодири Бедил шоири забардаст ва соҳибтарзи форсист. Таърифи ӯ дар тазкираҳои форсӣ мастур аст. Ду шеъри ҳиндӣ (урду – Б. Р) аз он бузургвор шунида шуд”.

Таъкид бояд кард, ки дар ду ийтибоси мазкур таъбирҳои “ду шеъри рехта” ва “ду шеъри ҳиндӣ” ба маънои ду байт мебошанд, на ба маънои ду азал ё намуди дигари шеър. Ба таъбири дигар гӯем, муаллифоне, ки аз шеъри урду доштани Бедил ёд кардаанд, ба ҳайси намуна ҳамагӣ ду байтро зикр намудаанд.

Муаллифи дигари адабиёти урду Шод Азимободӣ ба он ду байт байти дигареро илова кардааст. Ӯ дар асари хеш “Навои ватан” ривоятеро аз ҳаёти Бедил наийл намудааст, ки дар тазкираҳои зикргардида ба чашм намерасад. Тибқи ин ривоят, вайте ки амаки Бедил Мирзо Қаландар вафот мекунад, ӯ ба тангдастиву парешонӣ дучор гардида, муддате бо қарзи қавола ба сар мебарад. Чун нодорӣ ва тангдастӣ аз ҳад мегузарад, дӯстонаш ба ӯ маслиҳат медиҳанд, ки шаҳри Патнаро тарк намуда, ба Деҳлӣ биравад. Шояд, дар он ғо ба қадри ӯ бирасанд ва аҳволи моддиаш беҳтар шавад. Бедил маслиҳати дӯстонро қабул мекунад ва асбобу анғоми худро ба аспе бор карда барои видоъ ба хонаи пиразане меравад, ки аз дӯстони деринаи ӯ буд. Шоир ҳангоми видоъ бо пиразан байте ба забони урду мегӯяд, ки мазмунаш чунин аст: Чун барои Бедил ҳомии дигаре вуғуд надорад, ӯ шаҳри Патнаро тарк намуда, ба диёри бегона меравад.

Агарчи баъзе муҳаййиқон, масалан, муаллифи рисолаи “Аҳвол ва осори Бедил” (Кобул, 1351) Абдул анӣ, ба ин ривоят истинод кардаанд, мо дар хусуси войеият доштани он чизе намегӯем, зеро ин ривоят дар манбаъҳои адабии замони Бедил ва асрҳои наздик ба замони ӯ ба назар намерасад.

Ба ҳар ҳол, чун забони модарии Бедил урду буд (Дар ин бора ниг. ба мақолаи “Забони модарии Бедил” дар ҳамин мағмӯа) ва дар замони ӯ адабиёти урдузабони Ҳиндустон рӯ инкишоф ниҳода буд, имкон дорад, ки ӯ чанд байт ба ин забон низ гуфта бошад ва сабаби ба тазкираҳои адабиёти урду дохил шуданаш ҳам ҳамин чанд байт бошад.

Вале масъалаи муносибати Бедил ба забон ва шеъри туркӣ дигархелтар аст. Бино бар қавли баъзеи тазкиранависон, Бедил ба забони туркӣ ошно буд. Муосир ва шогирди ӯ Биндробандоси Хушгӯ аз ҳодисаи ба лашкари Аъзамшоҳ (1646-1708) пайвастани шоир хабар дода, навиштааст, ки Бедил дар лашкари Аъзамшоҳ “дар андак фурсат муаззизу майбул шуда, дар туркиву форсӣ ҳамзабон гардид” (Ниг.: Сафинаи Хушгӯ, Патна, 1959, с. 108).

Вале дар хусуси ба ин забон шеър гуфтани ӯ дар манбаъҳои адабӣ ишорае ба назар намерасад. Ба ин мазмун, чунон ки гуфтем, дар таълифоти муҳаййиқони муосир дучор омадан мумкин аст. Масалан, муаллифи мазкур Абдул анӣ дар рисолаи номбаршудаи хеш навиштааст, ки ӯ дар Кобул, дар китобхонаи вазорати маорифи Аф онистон нусхае аз девони Бедилро дидааст, ки дар охираш 65 байти туркӣ доштааст. Абдул анӣ ин байтҳоро низ моли Бедил пиндошта, ба хулосае омадааст, ки Бедил шеъри туркӣ низ иншо намудааст.

Абдул анӣ аз он шеърҳо як байтро дар рисолаи худ зикр кардааст, ки мо низ онро наӣл менамоем:

Эй тахти темурӣ, у эрур нодир,

Бу ғумла а Ҳофиз эрурди чодир.

Абдул анӣ пас аз ийтибоси байти мазкур таъкид намудааст, ки аз шунидани ин ҳачичат, яъне шеъри туркӣ доштани Бедил, набояд таағғуб кард, зеро, чунонки Хушгӯ мегӯяд, Бедил ба забони туркӣ ошноии комил дошт (Ниг.: Абдул анӣ, Аҳвол ва осори Бедил, саҳ. 183).

Хотирнишон бояд кард, ки ҳамаи нусхаҳои хаттие ки дар китобхонаҳои Кобул, аз ғумла, дар китобхонаи вазорати маориф, маҳфуз буданд, баъдтар ба Архиви миллии Аф онистон кӯчонида шуда, дар ҳамон ғо ҳифз мешуданд. Мо дар аввали солҳои 80-уми асри гузашта муддате дар Архиви миллӣ кор карда, аксари нусхаҳои хаттии осори Бедилро аз назар гузаронида будем. Вале ба нусхае, ки дар охираш ашъори туркӣ дошта бошад, дучор наомадем. Дар сурати вуғуд доштани ин нусха низ ба ачидаи Абдул анӣ ҳамроҳ шудан душвор аст. Далелҳое ки ӯ овардааст, барои ба чунин натиға расидан басанда нестанд.

Чунонки маълум аст, дар дохили як ғилд дарғ гардидани ашъори чандин шоир, аз ғумла шоирони гуногунзабон, як ҳодисаи мучаррарист. Бисёрҳо воӣеъ шудааст, ки котибон дар охири девонҳои мураттаби ин ё он шоир ашъори шоирони дигарро низ ғой додаанд.

Ҳамчунин ҳодисаи иштибоҳан ба девони як шоир ворид шудани шеъри шоири дигар низ бисёр ба назар мерасад. Масалан дар чанде аз нусхаҳои хаттии Куллиёти Бедил “Рамзу имо” ном маснавии шоири асри ХУ11 Ҳиндустон Мунири Лоҳуриро низ дидан мумкин аст. Ё худ дар чандин нусхаҳои хаттии девони Бедил азалҳо аз Абдураҳмони Ғомиву Файзии Даканӣ иштибоҳан ворид гардидаанд. Ба фикри мо, пеш аз он ки 65 байти мазкур ба Бедил нисбат дода шавад, бояд аниӣ гардад, ки оё онҳо ба ягон шоири туркзабон тааллуӣ надоранд? Агар исбот гардад, ки онҳо дар девонҳои шоирони туркзабон дида намешаванд, ба масъалаи дигар равшанӣ андохтан лозим меояд. Яъне муайян мебояд кард, ки оё ин шеърҳо дар нусхаҳои дигари девони Бедил низ мавғуданд ё на? Агар ин шеърҳо воӣеан моли Бедил бошанд, ҳеғ набошад, дар баъзе нусхаҳои дигари девони шоир низ бояд роҳ ёфта бошанд. Вагарна, мавғудияти онҳо танҳо дар як нусха, он ҳам нусхаи охири асри Х1Х, далели эътимодбахш шуда наметавонад.

Ва ниҳоят, чунон ки аз мучаддимаи нашри кобулии Куллиёти Бедил бар меояд, дар таҳия ва тадвини он дар чатори дигар нусхаҳо нусхаҳои хаттии вазорати маорифи Аф онистон низ истифода шудаанд. Гумони олиб бар он аст, ки нусхаи зикркардаи Абдул анӣ низ ба дасти мураттибони Куллиёт расидааст. Дар сурати ба Бедил тааллуӣ доштани ашъори туркии он нусха, мураттибон онҳоро низ ба Куллиёт дохил менамуданд ё худ аз онҳо зикре ба миён меоварданд.

Далели дигар, ки Абдул анӣ дар таъйиди фикри хеш овардааст, ба забони туркӣ ошно будани Бедил аст, ки ҳам пояи устувори илмӣ надорад. Зеро бо донистани ин ё он забон шеър гуфтан ба он шарт нест.

Муҳаӣчичи дигаре, ки ба шеъри туркӣ доштани Бедил исрор намудааст, муаллифи киоби “Описание тюркских рукописей Института востоковедения” (Том III. Москва, 1980) Л. В. Дмитриева мебошад. Ӯ ҳангоми тавсифи нусхаҳои хаттии туркии Институти шарӣшиносии АИ Россия дар ҳошияи яке аз нусхаҳо бо азале дучор омадааст, ки зери унвони “ азали Бедил” сабт ёфааст. Мутаассифона, Дмитриева дар тавсифи нусхаи ин азал ба сохтакорӣ даст зада, дар феҳристи худ ба ғои “ азали Бедил” “ азалҳои Бедил” навиштааст ва таъкид намудааст, ки муаллифи “ин азалҳо” шоири маъруфи форсигӯ Мирзо Абдулчодири Бедил аст, ки ба забони ӯзбекӣ низ шеърҳо гуфтаат.

Ба мо маълум нашуд, ки Дмитриева дурӯ и мазкурро ба кадом мақсад гуфта бошад? Агар Дмитриева худи нусаро надида, тавсифи онро аз асари дигар гирифта бошад ҳам, дурӯ и ӯ ба иштибоҳ табдил намеёбад. Зеро нусхаи мазкур пеш аз нашри китоби Дмитриева фачат дар як асар – дар феҳристи А. М. Мугинов “Описание уйгурских рукописей Института Народов Азии” (Москва, 1962) тавсиф шудааст. Дар ин ғо низ унвони азал дар шакли танҳо, яъне “ азали Бедил”, дарғ гардидааст. Мугинов нусхаи азалро тавсиф намуда, ба чалами Бедил тааллуӣ доштани онро гӯшрас накардааст.

Хушбахтона, мо низ он азалро дида, аз назар гузаронидем. азал дар ҳошияи варачи 289

“б” нусхае бо номи “Китоби  ариб” сабт гардидааст, ки он зери № С 165 маҳфуз аст. Тавре ки аз тавсифҳои Мугинов ва Дмириева бармеояд, муаллифи “Китоби  ариб” шоири асри Х1Х уй ур Турдии  арибӣ будааст, ки то соли 1257 (1841-1842) дар ҷайди ҳаёт буданаш маълум аст. Китобати нусха, аз ғумла нусхаи  азали Бедил, пеш аз санаи 1265 ҳиғрӣ мутобиӣ ба 1848-49 милодӣ ба анғом расидааст.

Мо  азали мазкурро бо  азалҳои Бедил муҷояса намуда, ба натиғае расидем, ки он тарғимаи як  азали шоир мебошад.  азал аз шаш байт иборат аст ва мо асли форсии чор байти онро аз девони  азалиёти Бедил пайдо намудем. Пайдо кардани матнҳои форсии ду байти аввал ба мо муяссар нагардид.

Инак,  азали мазкурро дар ин ғо иӣтибос намуда, матни аслии чаҳор байти онро низ сабт менамоем. Аввал ду байтеро наӣл мекунем, ки вариантҳои форсии онҳо дар нашрҳои Сафдарию кобулии Куллиёти Бедил ва чанде аз нашрҳои мунтахаби девони ӯ ба чашм намерасанд.

Ғилва айлоб кирса гулшан ичра ул рухсор гул,
Куйдурур ҳайрат утидин рангини ночор гул.
Кимса ул гулюз хаёлидин чаманда хоб итор,
То ҷиёмат рашкидин ҷил  ай унин бедор гул.

Акнун чаҳор байтеро дарғ мекунем, ки матнҳои аслии онҳо дар нашрҳои зикршудаи Куллиёти шоир мавғуданд. Пас аз сабти ҳар як байт матни аслии он низ оварда мешавад:

Шамидин бу нукта равшандур, вафо базми аро
До  зеби ъул ирур чун зиннати дастор гул.
Ин ҳадис аз шамъ равшан шуд, ки дар базми вафо
До  дорад зеби дил чун зиннати дастор гул.
То нафас бордур ки осоишдин умед айлла, айлолма ҳеғ, Солчилур буин яҷа рӯз бӯйину гулхор гул.
То нафас боҷист, бояд хасми роҳат буду бас,
Ҳам зи бӯи хеш дорад дар гиребон хор гул.
***
  унчалор аҳлик хаёлидин яҷосин чок этор,
В-арна бу гулшанда юӣдур бир табасумвор гул.
  унчаҳо аз ғӯши дилтангӣ гиребон медаранд,
В-арна ин гулшан надорад як табассумвор гул.
***
Шӯхии нашвунамо охир хиғолат туткурур,
Сабзасин мижгони Бедилдек ҷилур саршор гул.
Шӯхии нашвунумо баски хиғолатпарвар аст,
Сабзаи чун мижгони Бедил кирда гавҳарбор гул.

Чаҳор байте ки вариантҳои форсии онҳо дар Куллиёи Бедил мавғуданд, байтҳои як  азал набуда, дар таркиби ду  азал ба чашм мерасанд. Байтҳои якуму дуввум ва чаҳорумро дар таркиби  азале мебинем, ки бо матлаи зерин о  оз меёбад:

Навбаҳор орад ба имдоди мани бемор гул,
То ба ғои ранг гардонам ба гирди ёр гул.
Байти саввум аз  азалест бо ин матлаъ:
Мекунад дарси раме аз рангу бӯ такрор гул,
Бо ҳама бедаступоӣ нест пур бекор гул.

Ин факт ва факти кам будани теъдоди байтҳои  азал (ҳамагӣ 6 байт) далел бар онанд, ки  азали мазкур аз рӯи ягон нусхаи хаттии мунтахаби девони Бедил тарғима шудааст. Як хусусияти мунтахабҳои девони шоир ин аст, дар онҳо баъзе  азалҳо интихоб аз як  азал набуда, балки аз чандин  азали ҳамвазну ҳамҷофия гирифта шудаанд.

## ТАҲҶИҶИ НАЗМИ БЕДИЛ

***(Таҷриз ба китоби Ш. Шукуров. “Мероси манзуми Мирзо Бедил” (ба забони тоғикӣ) Тошкент. Нашриёти “Фан”, 1980)***

Мирзо Абдулқодири Бедил, ки бо назардошти маҳалли таваллуд, муҳити тарбия, инъикоси урфу одат ва тасвири ҳаёти таърихию мадании халӣ ва кишвари алоҳида ба сарзамини Ҳиндустон мансуб аст, ба тавассути афкори тоза, мазмуни баланд ва санъати олии сухан асрҳост, ки аз ҳудуди ватани худ берун рафта, дар радифи бузургтарин шоирони пешин, аз қабили Фирдавсӣ, Низомӣ, Мавлавии Румӣ, Саъдӣ ва Ҳофизу Ғомӣ, ки ба ҳамаи халӣҳои форсизабони ғаҳон тааллуӣ доранд, ғойгир шудааст. Аз ин рӯст, ки тадқиӣ ва омӯзиши осори ӯ низ ғанбаи васеъ пайдо карда, соҳаи бедилшиносии ғаҳониро ба миён овардааст. Омӯзиш ва нашри осори Бедил, ки аз солҳои сиюми асри XIX то имрӯз давом дорад, махсусан дар соли охир суръат ва вусъати бештаре касб намуд. Илова бар он, ки матни нисбатан окмилтарини куллиёти шоир дар Кобул ба табъ расид, роқеъ ба ҳаёт ва эғодиёти ӯ чанд асари калонҳағм низ ба майдон омад, ки таснифоти донишмандони советӣ устод Айнӣ, И. Мӯминов, Холида Айнӣ, муҳаиқиқони хориғӣ Ибодуллоҳи Ахтар, Файзии Кобулӣ, Муҳаммад Ҳайдари Жӯбал, Холмуҳаммади Хаста, Александр Баузани ва дигарон аз муҳимтарини онҳо ба шумор меравандд. Аз ин миён таҳқиқотҳои олими покистонӣ Абдул анӣ “Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил” (Кобул, 1354), муаллифони Аф онистон Халилуллоҳ Халилӣ “Файзи чудс” (Кобул, 1334), Салоҳуддини Салчуӣӣ “Наӣди Бедил” (Кобул, 1343), Асадуллоҳ Ҳабиб “Бедил ва асари ӯ “Чаҳор унсур” (М. 1973, диссертацияи номзадӣ) ва ниҳоят мақолаи бедилшиноси Ҳиндустон Нурулҳасани Ансорӣ “Баҳсе дар аҳвол ва осори Бедил” (Мағаллаи “Адаб” Кобул, 1350, №№ 5-6, 1351, №№ 1-2) мақоми ғудогона доранд. Силсилаи таълифоти оид ба Бедилро асари монографии бедилшиноси советӣ Шавкат Шукуров, ки ба унвони “Мероси манзуми Мирзо Бедил” ба табъ расид, пурратар намуд. Шавкат Шукуров аз ибтидои солҳои 60 инғониб ба омӯзиш ва тар иби эғодиёти шоир маш ул буда, дар ин муддат доир ба ашъори лирикии ӯ чанд мақолаи хурду бузург таълиф намуд. Асари мазкур, ки дар асоси навиштаҳои пешинаи муаллиф ба миён омадааст, хидмати қариб бистсолаи ӯро дар ин ғода ғамъбаст менамояд. Гуфтан лозим аст, ки дар илми шарӣшиносии советӣ дар 25 соли охир ин асар ягона тадқиқоти монографӣ доир ба Бедил аст. Агар ба назар гирифта шавад, ки асар ҳамчун воситаи таълим барои мактабҳои олӣ таълиф гардидааст, аҳамият ва арзиши он боз ҳам бештар мегардад.

Монография масъалаҳои таърихӣ, омӯзиш, тадқиқи осори лирикӣ ва характеристикаи умумии мснавиҳои калонҳағми шоирро дарбар кардааст. Дар муқаддимаи он ахбороти сарчашмаҳои зиёди адабию таърихӣ аз қабили “Миръотулхаёл”-и Шералихони Лудӣ, “Калимотушшуаро”-и Муҳаммадафзали Сархуш, “Миръоти воридот”-и Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ, “Сарви озод” ва “Хизонаи омира”-и Мир уломалӣ Озоди Балгиромӣ, маълумоти феҳристу лу атномаҳои гуногун ба монанди асарҳои Гарсин де Тасси, М. А. Муӣтадир, А. Шпренген, Ҳ. Эте, Ч. Рё, В. Иванов ва аксари таснифоти илмии дар мамлакати мо ва хорниға бамиёномада ёдовар шуда, муҳимтарини онҳо аз назари таҳлил ва танқид гузаронида шудаанд. Хеле хуб аст, ки муаллим ба баррасии адабиёти илмии мавғуда бо назари танқидӣ пеш омада, дар баробари ғиҳатҳои мусбат ва қавии ин асарҳо норасоӣ ва камбудиҳои баъзеи онҳоро низ қайд намудааст.

Боби аввал, ки “Адабиёти форсу тоғики Ҳиндустон ва назми Бедил” номида шудааст, обзори мухтасари адабиёти тоғикзабони ин сарзамин аз асри XI то замони Бедил ва мухтасари тарғимаи ҳоли шоирро фаро гирифтааст. Муаллиф ба мақсади дар алоқамандӣ бо муҳити адабии давр нишон додани Бедил роқеъ ба лаҳзаҳои характернок ва намояндагони барғастаи адабиёти асри шоир мухтасаран сухан ронда, баъзе махсусиятҳои он, аз ғумла ҳодисаи ба форсӣ таҳрир намудани қисса ва ҳикоёти ҳиндро таъкид ва хотирнишон намудааст. Дар фароварди ҳамин боб доир ба афкори адабию эстетикии Бедил, аҳамияти иғтимоии адабиёт ва назари ӯ, муносибаташ ба мероси гузаштагон ва ниҳоят назари манфии вай ба мавзӯи мадҳ ва шоирони маддоҳ маълумот дода шудааст. Аз ғумла қайд гардидааст, ки Бедил ба осори шоирони пешин аз қабили Анварӣ, Ҳоқонӣ, Фаридуддини Аттор, Ғалолуддини Румӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳҳми Хонихонон, Урфии Шерозӣ, Зуҳурии Туршезӣ ва бисёр дигарон назари нек дошта, маҳорат ва санъати шоирии онҳоро эътироф намуда, аз маҳсули гаронбаҳояшон баҳраҳо бурдааст. Муаллиф, бо ҳамин роҳ, пайванди ногусастанӣ доштани эғодиёти Бедилро ба мероси гузаштагонаш

таъкид ва исрор намудааст.

Дар боби “Нозукиҳои мазмун ва ғилоҳои жанри лирика” муҳаиҷиӣ ашъори лирикии шоир- азал, ҷасида, рубоӣ, мухаммас, таркиббанду тарғеъбанд ва ҷисман муҷаттаотро мавриди таҳлил ҷарор додааст. Муаллиф дар байни осори лирикии Бедил маҷоми аввал доштани  азалро ба назар гирифта, баҳси худро аз баррасии ҳамин шакли шеърӣ о оз намудааст. Ӯ даставвал доир ба робитаи Бедил ба эғодиёти  азалсароёни маъруф Ҳофизи Шерозӣ ва Соиби Табрезӣ мулоҳаза ронда, таъсири пурсамари ин ду устоди бузурги  азалро ба эғодиёти шоир ҷайд карда, дар пайравии онҳо  азалҳо гуфтани ӯро бо далелҳои ҷотеъ исбот намудааст. Ӯ ҳамчунин дар хусуси муносибати Бедил бо шоири маъруфи замони худ Носиралии Сарҳиндӣ андешаҳои ғолиб баён намуда, ғой доштани баҳси эғодиро дар байни онҳо гӯшзад кардааст. Илова бар ин, ду  азали ҳамвазну ҳамҷофияи онҳоро аз назар гузаронида, дар баробари зикри ҳамоҳангии мазмун ва монандии сабку услуб аз ғиҳати ифодаи маъниҳои баланд ва маҳорати нигориш афзалияти  азали Бедилро нишон додааст. Лекин аз чӣ сабаб бошад, ки муаллиф  азали Бедилро ғавоб бар  азали Носиралӣ ҷаламдод кардааст, дар сурате ки доир ба таърихи ғоди онҳо далеле дар даст нест. Зимнан бояд ҷайд кард, ки дар куллиёти Соиби Табрезӣ низ дар ҳмин вазну ҷофия ду  азал ба назар мерасад ва шояд,  азалҳои мазкури Бедил ва Носиралӣ дар пайравии онҳо эғод шуда бошанд.

Муаллиф баъди изҳори мулоҳазаҳои мазкур роҷеъ ба мавзӯъҳои умдатирини  азалиёт-васфи ишҷи реалӣ, оҳангҳои ирфонӣ, афкори панду ахлоиӣ, андешаҳои гуманистӣ, танҷиди иллатҳои ғамъияти феодалӣ, накӯҳиши шоҳони золиму бехиради давр ва баъзе тарафҳои сабку услуби онҳо сухан ронда, мисолҳои характерноки зиёдеро иитибос ва ташреҳу таҳлил намудааст. Аз ғумла  азале, ки бо матлаи

***Ин ситамкешон, ки ваҳми зиндагиро ҳолаанд,***
***Дар талоши худкушиҳо шӯълаи ғавволаанд.***

о оз меёбаду ба аҷидаи муаллиф, пас аз вафоти Аврангзеби Оламгир ба муносибати тоғутахтталабӣ ва бародаркушии фарзандони ӯ навишта шудааст, хеле муфассал ва конкрет баррасӣ гардидааст. Ин  азал, дар ҳаҷиҷат, вазъияти ҳамондавраи замони шоирро хеле барғаста ва реалистона инъикос намудааст. Ғанбаи иғтимоӣ ва рӯҳи танҷидии он хеле пурҷувват ва нишонрас буда, муносибат ва нуитаи назари муаллифашро ба ҳодисаҳои грами замонаш ба хубӣ ошкор сохтааст.

Муаллиф роҷеъ ба сохту композицияи  азалиёт таваҷҷуф намуда, гуногунии мавзӯи  азалҳои алоҳидаро яке аз хусусиятҳои назарраси онҳо муниста, бо таҳлили  азали

***“Ғоме магар аз базми ҳаё дарзадаӣ боз?***
***К-оташ ба дили шишаву со ар задаӣ боз”.***

ин фикри худро ба исбот расонидааст.

Дар ҷисмати таҳлили ҷасоид бар замми характеристикаи умумии онҳо се ҷасидаи бузург “Муҳити бекарон”, “Маддоҳи фитрат” ва “Саводи аъзам”, ки ғавоб ба ҷасидаҳои Ҳоҷонӣ, Анварӣ ва Хусрави Деҳлавӣ мебошанд, ба тафсил аз назар гузаронида шудаанд. Дар бахши баррасии рубоиёт мавзӯъ ва мундариғаи асосии онҳо-андешаҳои фалсафӣ, масъалаҳои инсондӯстӣ, танҷиди аҳли давлат, оҳангҳои ҳаётдӯстӣ, сарзаниши зулму ситам ва  айраҳо зикр гардида, ба ҳамоҳангии баъзеи онҳо бо рубоиёти Умари Хайём ишораҳои ғолиб карда шудааст, ки барои беҳтар ошкор намудани робитаи Бедил ба гузаштагонаш аз аҳамият холӣ нест.

Муаллиф доир ба мухаммас ва маҷоми он дар осори Бедил мулоҳаза ронда, таъкид намудааст, ки шоир ба навиштани мухаммаси тазмин тавағғӯҳ накарда, эғоди намуди озод ё худ мустаҷили онро афзал донистааст.

Дар ҷисмати таҳлили таркиббанду тарғеъбанд ва муҷаттаот низ баъзе хусусиятҳои намоёни онҳо аз назар гузаронида шуда, мавиеи ин навъҳои шеърӣ дар эғодиёти ӯ то дараҷае таин гардидааст. Ва ниҳоят, дар хотимаи ин боб аз таъсири осори Бедил ба адабиёти асрҳои XVII-XIX ва ибтидои асри XX тоғику ӯзбек сухан рафта, татаббӯъ ва мухаммас бастани Шермуҳаммади Мунис, Муҳаммадшарифи Шавиӣ, Йозӣ Абдулвоҳиди Сарир, Мирзо Юнуси Роғӣ, Муҳаммадшарифи Узлат, Муҳаммадсиддииӣ Ҳайрат, Наҷибхони Ту рал барин намояндагони муҳимтҳои адабии Тошканду Самарҷанд, Хоразму Йӯҷанд ва Бухорову Ҳисор хотирнишон гардидааст. Дар соҳаи истинсох ва ташреҳи осори Бедил хидмати

маорифпарвари маъруфи тоғик Аҳмад Махдуми Дониш махсус ҷайд гардидааст.

Боби охирини асар ба баррасии маснавиҳои шоир “Ирфон”, “Муҳити аъзам”, “Тилисми ҳайрат” ва “Тури маърифат” ихтисос шуда, масъалаҳои таърихи таълиф миҷдори абёт ва тавсифи муғмали мавзӯъ ва мундариғаи онҳоро дар бар гирифтааст. Муаллиф дар ин ғо роҷеъ ба асари барғастаи шоир “Ирфон”, ки маҳсули ранғи ҷариб сисолаи ӯст, аз ҳама бештар таваҷҷуф намуда, таъриху процесси эғод, сохту таркиб, масъалаҳои асосӣ ва ғиҳатҳои оявии онро муфассалтар мавриди назар ҷарор додааст.

Чунон ки аз баёни мухтасари мундариғаи асар дида мешавад, Шавкат Шукуров доираи тадҷиҷотро хеле фарох гирифта, дар ҳағми рисолаинисбатан хурде (6 ғузъи чопӣ, 128 саҳифа) масъалаҳои зиёдеро мавриди баррасӣ ҷарор додааст. Дар натиға таҳлил ва таҳҷиҷи масъалаҳо то дарағае ноҷис ва яктарафа баромада, хусусиятҳои оявӣ ва бадеии назми шоир ба таври бояду шояд равшан нашуда мондаанд.

Масалан, ба баррасии азалиёт, ки наздик ба 33 ҳазор байт мебошанд, ҳамагӣ 19 саҳифа бахшида шудааст, ки дар муҷобили таълифоти мавғуда, аз ҷабили “ азали Бедил” ном фасли китоби Абдул анӣ ва маҷолаи зикршудаи Н. Ансорӣ кам ва ночиз ба назар мерасанд. Ҳол он ки Бедил, пеш аз ҳама, ҳамчун шоири азалсаро машҳур буда, таъсир ва шӯҳрати ӯ низ дар адабиёти халӣҳои Шарӣ маҳз ба туфайли азалиёташ амалӣ гардидааст. Ҳамин гуна норасоиро дар боби оид ба маснавиҳо низ мушоҳида метавон кард. Муаллиф ба тадҷиҷи маснавиҳо 25 саҳифаи китобро тахсис карда бошад ҳам, асосан ба баёни фикру аҷоиди маълум иктифо намуда, доир ба онҳо сухани нави ба назар намоёне дода натавонистааст. Гузашта ин ин, дир ба баъзе масъалаҳо нуӣтаи назари худи муаллиф дида намешавад. Масалан, ӯ роҷеъ ба маснавии “Муҳити аъзам” таваҷҷуф намуда, дар хусуси таърихи таълифи он бо зикри гуфтаҳои устод С. Айнӣ ва Абдул анӣ, ки санаи анғоми асарро солҳои 1092 ва 1078 ҳиғрии ҷамарӣ донистаанд, ҷаноат намуда, оид ба саҳеҳии яке аз ин аҷидаҳои хомӯш мондааст. Ба ибораи дигар гӯем, муаллиф ба фактҳои дар худи асар вуғуддошта муроғаат накарда, навиштаҳои муаллифони дигарро бе тафтиш ва тадҷиҷи иловагӣ такрор намудааст. Хотирнишон бояд кард, ки роҷеъ ба таърихи таълифи маснавии “Муҳити аъзам” ду аҷида мавғуд аст, ки ҳар ду ҳам дар асоси ду хел ҷайд шудани моддаи таърихи он дар нусхаҳои гуногун ба миён омадаанд. Гап дар сари он аст, ки дар нусхаҳои чопии куллиёти нашри Сафдарӣ (Бамбай, 1299 ҳиғрии ҷамарӣ) ва куллиёти мухтасари Нашри Ҳасанҷ (Бамбай, 1292 ҳиғрии ҷамарӣ) моддаи таърихи анғоми он ибораи “мадди ам” зикр шудааст, ки ба санаи 1084 ҳиғрӣ баробар аст. Лекин дар нусхаи чопии куллиёти нашри Кобул ва чанд нусхаи хаттии маснавӣ моддаи таърих ҳам иборат аз номи асар, яъне “Муҳити аъзам” аст, ки мутобиҷи соли 1078 ҳиғрӣ мебошад. Ба муаллиф лозим буд, ки ба ин гуна ихтилофот диӣҷати ғиддӣ дода, ба хонанда ҳаҷиҷати масъаларо ошкор намояд.

Номустаҷилии фикр ва назари танҷидӣ надоштани муаллифро дар истифода аз сарчашмаҳои адабӣ низ дидан мумкин аст. Аз ғумла, ӯ маълумоти тазкираи “Ништари ишӣ”-ро дар хусуси муддате ба “Рамзӣ” тахаллус кардан ва дар таъсири мисраи Саъдӣ” Бедил аз бенишон чӣ гӯяд боз” онро ба “Бедил” та йир додани шоирро хотирнишон намуда, иснодан ба тазкираи мазкур ва маҷолаи Абдул анӣ Мирзоев “Як ҳуғғати муҳим оид ба тахаллуси Бедил” (Ахбороти шӯъбаи илмҳои ғамъиятии АФ РСС Тоғикистон, 1958, № 1) илова намудааст, ки шоир як ваӣти муайян ба “Мирзо” низ мутахаллис буд. Бояд гуфт, ки фикри дар ибтидо “Рамзӣ” тахаллус кардани Бедил нахустин бор дар тазкираи Биндробандаси Хушгӯ “Сафинаи Хушгӯ” (санаи таълифаш 1137-1147) зикр гардида, дар тазкираҳои Лаҷҳмӣ Нароин Шафиӣ “Гули раъно” (таълифаш солҳои 1181-1182) ва Ҳусайнҷулихони Азимободӣ “Ништари ишӣ” (соли таълифаш 1233) айнан такрор шудааст. Лекин факти муддате ба “Мирзо” мутахаллис будани Бедил дар ягон сарчашми то кунун дастрас, аз ғумла дар “Ништари ишӣ” пайдо намегардад. Аз муҳаӣҷиҷони шоир низ ба айр аз Абдул анӣ Мирзоев касе дар ин бора ишора накардааст. Ба назар чунин мерасад, ки дар ваӣташ Абдул анӣ Мирзоев калимаи Рамзиро иштибоҳан Мирзо хондааст. Зеро дар нусхаи мавриди истифодаи ӯ ҷарор гирифтаи “Ништари ишӣ”, ки дар захираи дастхатҳои шарҷии Институти шарӣшиносии АФ РСС Ӯзбекистон зери № 2096 маҳфуз аст, калимаи Мирзо ба назар намерасад.

Норасоии дигаре, ки зикри онро низ зарур мешуморем, шарҳ ва маънидоди алати баъзе

абёт ва порчаҳои дигари шеърист. Масалан, дар асоси байти

***Гӯшагири вусъатободи убори ғаҳл бош,***

**Пардапӯши як ғаҳон айб аст Ҳиндустони шаб.**

навишта шудааст, ки шоир ватани худ сарзамини Ҳиндустонро пардадори як ғаҳон айбу иллат ва камбудӣ дониста, баъзан худро ба нодонӣ зада, ин гуна иллатҳоро нодида мегирад. Ҳол он ки дар ин байт сухан дар хусуси кишвари Ҳиндустон нарафта, мурод аз Ҳиндустони шаб торикӣ ё худ сиёҳии шаб аст. Шоир гуфтанист: чӣ тавре ки торикии шаб ҳама гуна айбу иллат ва нуӣсонро пинҳон медорад, ғаҳолату нодонӣ низ одамро аз ҳар гуна масъулият ва дилсӯзи дур месозад.

Ба аҷидаи Шукуров, Бедил дар рубоии

***Ҳар кас бинамуд зиштхӯӣ саҳлаш,***

***Ғуз нафрати халӣ нест илму ғаҳлаш.***

***Он ҳусн, ки гуфтаанд оламгираш,***

***Ҳусни хулӣ аст, то кӣ бошад аҳлаш.***

роҳбарӣ ва усули давлатдории Аврангзеби Оламгирро бо роҳи тағнис маҳкум намудааст.

Ё худ муаллиф аз байти "Бетакаллуф, хони хонони ғаҳони маъниям, То ба ташрифи хитобам кардаанд уммедвор" ибораи хони хононро ишора ба шоири маъруф Абдураҳими Хонихонон пиндошта, навиштааст, ки "Бедил Хонихононро ба сифати тағассуми як ғаҳон маъниҳои зебо ба забон гирифта, муносибати худро ба ӯ ошкор намудааст".

Дар асар ҳодисаи алат хондани матн низ ба назар мерасад. Масалан, дар рубоии зерин калимаи балисӣ дар шакли иблисӣ хонда шуда, аз калимаи одам бандаки изофӣ афтидааст, ки дар натиға маъно мубҳаму вазн лакнатдор баромадааст:

***Эй одам, бехабар иблисӣ накунӣ,***

***аммозиро доми раисӣ накунӣ.***

***Гар исмати хонадони худ мехоҳӣ,***

***Зинҳор, ки вопеанависӣ накунӣ.***

Ва ниҳоят, таърихи вафоти шоир низ алат сабт ёфтааст. Санаи вафоти ӯ, ки 4-уми сафари 1133 ҳиғрист, мутобиӣ ба 4-уми ноябри 1720 аст, на ба декабри 1721, ки дар китоб омадааст.

Лекин бо вуғуди ин норасоиҳо, монографияи Шавкат Шукуров дар тадҷиӣ ва тар иби осори шоир аҳамият ва арзиши калонеро молик буда, барои омӯзиши ҳартарафаи мероси адабии ӯ замина ва раҳнамои хубе шуда метавонад

## ИНЪИКОСИ БЕДИЛ ДАР КИТОБҲОИ ДАРСӢ

Аз ибтидои солҳои 50 то ба имрӯз чаҳор варианти китоби дарсии адабиёти тоғик барои синфи 10 ба табъ расидаву дастраси хонандагон гардидааст, ки дар ҳар чори ин вариантҳо мавзӯъи "Бедил" мавғуд астю Дар варианти аввали китоб, ки то охири солҳои шастум ҳамасола ба табъ мерасид, бахши ҳаёт ва эғодиёти Бедил ба ҷалами марҳум Саъдуддин Тоғиддинов тааллуӣ дошт. Дар варинати дуввум бахши Бедилро муҳаӣҷиҷи маъруф Расул Ҳодизода навиштааст. Гуфтан лозим аст, ки инъикоси ҳаёт ва осори Бедил дар ин ду варианг умуман бад нест. Сабаб дар он аст, ки ин муаллифон ба ҳаёт ва эғодиёти Бедил бевосита ошно будаанд ва дар хусуси Бедил дар бештари мавридҳо андеша ва мулоҳазаҳои худро иброз намудаанд. Яъне пеш аз он ки мавзӯъи Бедилро дар китоби дарсӣ дарғ намоянд, ба осори шоъир ошно шудаанд. Аммо, мутаассифона, ин гуна суханонро дар мавриди варианти саввум (муаллифи фасли "Бедил"-Т. Неъматзода) ва чаҳорум (муаллифи умумии китоб-Тӯйчӣ Мирзод) наметавон гуфт. Бахши "Бедил" дар ин вариантҳои китоб басо ноҷис ва рӯякиву сарсарист. Муаллифони ин ду вариант дар навиштани фасли "Бедил" на танҳо аз осори худи шоъир истифода накардаанд, балки аз адабиёти илмии мавғуда низ бехабар будаанд. Чунончӣ, Тӯйғи Мирзод дар бахши рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ ба айр аз рисолаи устод Айнӣ "Мирзо Абдулҷодири Бедил" (Сталинобод, 1954) асари дигареро зикр накардааст. Ҳоло он ки рисолаи мазкур дар соли 1946 таълиф шуда буд ва аз он замон то ба имрӯз дар хусуси Бедил даҳҳо рисолаву садҳо маҷола навишта шудааст. Дар ин рисолаву

маҷолаҳо бисёр нуӣтаҳо ва лаҳзаҳои рисола тасҳеҳу такмил ёфтаанд.

Чун варианти чаҳоруми китоби дарсӣ нашри охирин ба ҳисоб меравад (Ниг.: Тӯйчӣ Мирзод. Адабиёти тоғик. Китоби дарсӣ барои синфи 10 Душанбе "Маъориф", 1993), моро лозим аст, ки навоҷисиву норасоиҳои фасли "Бедил"-ро аз рӯйи ҳамин вариант нишон бидиҳем. Он навоҷисиву норасоиҳоро аз рӯйи характер ва хусусияташон ба чор гурӯҳ ғудо намудан мумкин аст: Якум, норасоиҳо дар шарҳи аҳволи Бедил, яъне баёни бар алати тарғимаи ҳоли шоъир; дуввум, норасоиҳо дар характеристикаи умумии асарҳо; саввум, алат хондану алат таҳлил намудани баъзе аз порчаҳои шеър; чаҳорум, баъзе хулосаҳо ва ғамъбастҳои назарӣ, ки бунёди воӣеъӣ надоранд.

Аз шарҳи ҳоли Бедил, ки дар китоб дарғ гардидааст, бармеояд, ки муаллиф ба оддитарин масъалаи марбут ба Бедил ошно нест. Чунончи, ӯ навиштааст, ки Бедил "дар шаҳри Азимободи вилояти Бангола ба дунё омадааст". Дар ҳоле ки дар Ҳиндустон вилояте бо номи "Бангола" вуғуд надорад. Дар Ҳиндустон кишвари Бангола мавғуд аст, ки дорои чандин вилоят мебошад. Кишвари Бангола ба ҳадде бузург аст, ки дар он феълан як давлати мустаҷил бо номи "Бангладеш" ва яке аз штатҳои бузурги Ҳиндустон-штатаи Банголаи арбӣ вуғуд доранд. Яке аз вилоятҳои Банголаи арбӣ вилояти Биҳор аст. Бедил дар пойтахти ана ҳамин вилоят шаҳри Паткана, ки чанд сол баъд аз вафоти шоъир бо номи Азимобод низ шӯҳрат ёфт, таваллуд шудааст.

Муаллифи китоб аз шуҳрати Бедил, мактаби адабии ӯ, аз пайравону муҷаллидони вай ёд карда, афзудааст, ки "наслҳои оянда ба ӯ унвони фахрии Абулмаъониро муносиб додаанд, ки барҳаҷанд. "

Вале ин фикр алат аст. Бедил ҳанӯз ҳини дар ҷайди ҳаёт буданаш сазовори лаҷаб ё худ кунияи мазкур гардида буд. Шоъир дар муҷаддимаи "Чорунсур" ғойе, ки ному тахаллуси худро ба ҳайси муаллифи асар зикр мекунад, лаҷаби мазкурро низ сабт кардааст. Ӯ навиштааст: "Аммо баъд оинаи тавағғуҳи шафчатнигоҳон уборандуди та офул мабод ва каманди раъфати илтифотдастгоҳон чини betаваҷҷуҳӣ мебошад, ки тӯҳматолуди обу гил Абулмаъони Абдулҷодири Бедил дар тӯфонгоҳи олам эғод муҳитест соҳилфурӯши убори нодонӣ ва дар дайристони ийлими таъайюн шуълайс хошокбадӯши кисвати нотавонӣ".

Муаллиф аз замони ба мактаб рафтану то даҳсолагӣ таҳсил кардани Бедил ёд намуда, илова кардааст, ки "пас аз ин Бедил таҳсилро дар мадраса давом медиҳад".

Таҳсили расмии Бедил хоҳ дар мактаб бошаду хоҳ дар мадраса, то 10-11 солагии ӯ давом кардааст. Баъди ин синну сол ӯ умуман таҳсили расмӣ накардааст. Сабаби тарки таҳсил намудани шоъир низ на он аст, ки "усули таълим дар мадраса ба табъи Бедил мувофиӣ набуд" ва амакаш "Мирзо Ҷаландар аз программаву дониши мударрисон норизо буд".

Тавре ки дар ғойи дигар навиштаем (Ниг.: "Омӯзгор", 8, VII, 1992), ҳодисаи тарки таҳсил намудани Бедил сабаби дигар дорад. Ин ҳодиса ба характери пеша ва маш улияти амаки шоъир Мирзо Ҷаландар алоҷаманд аст. Мирзо Ҷаландар, ки шахси сипоҳӣ буд, имкон надошт, ки дар ин ё он мавзеъ ба таври доимӣ иқомат намояд. Бедили хурдсол ҳамчун узви оилаи ӯ дар ин оворагиву сайру сафарҳои вай ҳамеша шарик буд. Чун имконияти дар як ғо иқомат кардан вуғуд надошт, ба таври мураттаб идома додани таҳсил низ душвор буд.

Ба аҷидаи муаллиф, Бедил пас аз тарки мадраса намудан дар назди та ояш Мирзо Зариф таҳсил карда, илмҳои сарфу наҳви забони арабӣ, адабиёти араб, ҳадис ва адабиёти форсу тоғикро аз ӯ омӯхтааст. Ин фикр низ алат аст. Бедил то синни 15-16-солагӣ дар тарбияи Мирзо Ҷаландар Ҷарор дошт. Аз ин рӯ, наметавонист, ки дар назди Мирзо Зариф таҳсил намояд. Зеро Мирзо Зариф дар шаҳри Патна мезисту Мирзо Ҷаландар дар ноҳияи атрофи он-Ронисогар, Аррах, Махассӣ ва айра. Бедил танҳо пас аз 15-16 солагияш ба тарбияи Мирзо Зариф гузашт ва то синни 21 солагӣ дар хонаи ӯ зиндагӣ кард. Ва шоъир тафсиру ҳадис ва дигар илмҳои диниро аз Мирзо Зариф маҳз дар ҳамин давра омӯхт.

Фикри илмҳои фалсафа, нуғум ватаърихро аз шайх Камол омӯхтани Бедил низ саҳеҳ нест. Шайх Камол аз уламои машҳури шариъат ва яке аз пешвоёни тариҷайн ҷодирия буда, бештар ба азоимхониву тӯмору таъвиздиҳӣ маш ул буд. Бедил дар айёми бачагӣ дар асари сӯҳбатҳои ӯ чанд муддат ба азоимхониву тӯмордиҳӣ шу л варзида буд. Таъсири шайх Камол ба Бедил асосан дар ҳамин соҳа аст.

Муаллиф ҳодисаи аз Биҳор ба Деҳлӣ омадани Бедилро зикр намуда, аз ғумла навиштааст:

“Аввалин коре, ки дар мустақилияти худ пеша кард, ба ғараёни мағзубия майл пайдо кардани ӯ мебошад. Ба намояндагони ин маслак ҳанӯз дар Азимобод шинос шуда, хусусиятҳои муҳими ин маслакро омӯхта буд. Акнун бевосита ба ин маслак дохил шуда, ба тарзи дарвешону мағзубон зиндагӣ карданро ихтиёр намуд. Моҳияти ин ғараён аз он иборат буд, ки онҳо аз мардум худро канор гирифта, гуруснагӣ мекашиданд. ”

Пурсида мешавад, ки ин кадом маслак аст, ки моҳияти асосии он гӯшанишиниву гуруснагӣ кашидан будааст? Дар ҳоле ки мағзубон ҳамон дарвешону сӯфиёнанд, ки дар Ҳиндустон бо номи “мағзуб” низ ёд мешуданд.

Муаллиф аз ҳаёти оилавии Бедил сухан карда, фикри алатеро, ки гӯё пас аз дувоздаҳ соли хонадорӣ завҷаи аввалини Бедил фавтида бошад, такрор намудааст. Ин ақидаро бори аввал устод Айнӣ ба миён гузошта буд. Санаде, ки устод дар ихтиёр дошт, яке аз номаҳои худи Бедил буд. Дар ин нома аз ҷумла омадааст: “Аз даст рафтани домани давлате, ки силсилаи мувофиқаташ дувоздаҳ сол муҳаррики ишратоҳангии сози анфос буд, чашми ибрат якбора бар рӯйи идбори таҳоӣ ва бекасӣ кушуд”.

Аммо шоъир дар ин ҷумла завҷаашро дар назар надорад. Дар ин ҷо дар хусуси завҷаи ӯ сухан нарафтааст. Ин ҷо сухан дар бораи шахси дигар аст. Ин шахс яке аз дӯстон ва ҳомиёни шоъир Шукруллоҳхони Ҳофист. Иллати ин иштибоҳ дар он аст, ки устод Айнӣ аз нашри Сафдарии “Руқаъот”-и шоъир истифода кардааст. Дар ин нашр аксари номаҳои шоъир, аз ҷумла, номаи мазкур, унвон надоранд. Чун номаҳо беунвонанд, дақиқан фаҳмидани мазмуни онҳо басо душвор ва ҳатто айриимкон аст.

Дар нашрҳои дигари “Руқаъот” ва нусхаҳои хаттии ин асар унвони мактуби мазкур ин тавр аст: “Ба Шукруллоҳхони сонӣ, дар азои реҳлати Шукруллоҳхон ва арзи беморӣ ва нотавонии худ”.

Бо ин суханон мо гуфтанӣ нестем, ки Бедил то охири умр бо як завҷа зиндагӣ кардааст. Факти дар 25-солагӣ (на дар 26-солагӣ, ки дар китоб омадааст) хонадор шудан ва баъд аз 40 соли ин воқеъа соҳиби фарзанд гардидани шоъир худ далел бар он аст, ки ӯ як бор издивоҷ накардааст. Бино бар қавли яке аз шогирдонаш-Биндробиндоси Хушгӯ, шоъир чаҳор бор издивоҷ намуда будааст, ё худ чаҳор зан доштааст. Хушгӯ навиштааст, ки “чаҳор ҳарам дар ҳарим дошт”.

Фикри Т. Мирзод дар хусуси муддати сипоҳигарӣ ва сабаби ин пешаро тарк кардани Бедил низ дуруст нест. Ӯ дар ин бора навиштааст: “Бедил дарвешиву мағзубиро бас намуд ва барои чархи зиндагиро пеш бурдан ба касби сипоҳигарӣ пардохт. Ӯ ба Аъзамшоҳ навкар шуд, се сол гузашт. Бедил ин муддат ба шоҳу аҳли дарбор аз наздик шинос гардида, навкариро тарк мекунад. Сабаби дуюми навкариро тарк кардани шоъир боз дар он аст, ки Аъзамшоҳ шоъир будани Бедилро фаҳмида, аз ӯ талаб менамояд, ки дар васфаш қасидаи мадҳие эҷод кунад, то ки ба ӯ мукофоте диҳад. Аммо Бедил ин таклифро қатъиян рад менамояд”.

Тавре ки аз “Чорунсур”-и Бедил ва ҳамчунин аз тадқиқотҳои мавҷуда маълум аст, муддати навкарии Бедил дар саркори Аъзамшоҳ на камтар аз понздаҳ сол аст. Ва сабаби тарки ин шу л намудани ӯ на он аст, ки вай нисбат ба ҳаёти дарбор нафрат дошту Аъзамшоҳро мадҳ кардан намехост (Бедил дар мадҳи Аъзамшоҳ як қасида ва чандин қитъаву азал навиштааст). Сабаби ин кор, пеш аз ҳама, ба синну соли шоъир вобаста буд. Замоне ки Бедил навкариро тарк кард, 42 сол дошт. Ӯ дар яке аз номаҳояш, ки ба Аъзамшоҳ фиристодааст, иллати истеъфои худро дар сипарӣ шудани давраи ҷавонӣ ва фаро расидани айёми пирӣ нишон додааст. Ӯ навиштааст: “Тоқатҳои ҷавонӣ, ки василаи обрӯйи бандагист, ба заъфи пирӣ анҷомид ва истиқомати ҷиво, ки далели саъодати хидматгузорист, сар ба ғайби аз по афтодагӣ кашид”.

Сафарҳои Бедил ба шаҳру вилоёти гуногуни Ҳиндустон низ бо тақозо хидмати ҳарбӣ сурат мегирифтанд, на ба мақсади ошно шудан бо ҳаёти мардум ва аз наздик омӯхтани зиндагии халқи мазлум. Зимнан гуфтан лозим аст, ки ба минтақаҳои Акбаробод, Лоҳур, Ҳасанабдоди Панҷоб, Аҳмадободи Гуҷарог, Матхро, Саҳоранпур ва баъзе ноҳияҳои дигари атрофи Деҳлӣ сафарҳо кардани Бедил аз асарҳои худи ӯ ва аз навиштаҳои муъосиронаш Биндробиндоси Хушгӯ. Эзидбахши Расову дигарон ба хубӣ маълум аст. Вале масъалайи ба Мултону Кашмир рафтани ӯ то ҳол сареҳан аниӣ нагардидааст.

Муаллиф шаҳри ҳоли Бедилро идома дода, навиштааст, ки яке аз воситаҳои даромади моддии Бедил касби хаттотӣ буд. Ба ҷавли муаллиф, шоъир "мувофиҷи супориши шахсони алоҳида, девонҳо, асарҳои алоҳидаи адибони гузаштаро рӯйбардор карда, ба онҳо медод, онҳо музди корашро дода шоъирро розӣ мекарданд".

Дуруст аст, ки Бедил шахси бисёр хушхат буд. Инро намунаҳои хати ӯ ки дар матбуъоти Аф онистону Покистон ба табъ расидаанд, собит месозад. Ҳамчунин аз "Руҷаъот"-и шоъир маълум аст, ки ӯ баъзе нусхаҳои ҷадимро барои дӯстонаш тасҳеҳ ва рӯйнавис мекард, дар тадвини девонҳои ин ё он дӯсти мансабдораш иштирок мекард, аз девонҳои ашъори шоъирони гуногун барои худ мунтахабҳо месохт. Ба ҳайси мисол номаҳои шоъир "Дар танбеҳи тасҳеҳи китоби кӯҳна", "Ба Шукрулоҳхон, дар интихоби нусхаи ашъори эшон", "Ғавоби Чинҷиличхонбаҳодур Хонидаврон, дар мутолаъаи ашъори эшон ва ислоҳи он ва дохили девон намудан, ки пеши фаҷир гузошта буданд" ва  айраро метавон ном бурд. Вале бо вуғуди ин ҳама, Бедил хаттоти касбӣ набуд, ин корҳоро барои рӯзгузаронӣ анғом намедод. Воситаи зиндагии ӯ то синни 42-солагиаш пешаи сипоҳигарӣ буд. Пас аз тарки ин пеша то охири ҳаёт таъминоти моддии вай бар зимаи дӯстону мухлисони мансабдораш-Оҷилхони Розӣ, Мирҷамаруддин Осафғоҳи аввал, Шукруллоҳхони Ҳофизу писарони ӯ Лутфуллоҳхон, Иноятуллоҳхон ва  айра буд. Дар таъйиди ин фикр аз "Руҷаъот"-и шоъир далелҳои зиёде овардан мумкин аст.

Муаллифи китоб навиштааст, ки мустамликадорони хориғӣ, ки мустамликадорони хориғӣ, яъне англисҳо, ба Ҳиндустон даромада, ба халӣ зулму таъаддӣ мекарданд. Амалдорони маҳаллӣ бошанд дар байни мусулмонону ҳиндуҳо низоъ меандохтанд. Шоъири гуманист ҳамаи инро бо чашмони худ медид, ба хашму  азаб меомад. Сипас, муаллиф таъйид менамояд, ки Бедил дар хусуси ин зулму тааддӣ ва низоъҳои миллӣ дар "Чорунсур"-и хеш батафсил сухан рондааст.

Суханони муаллиф дар бораи зулму таъаддии мустамликадорон ва фитнаву найрангҳои амалдорони маҳаллӣ шояд дуруст бошанд. Вале фикри аз ин манзараҳо ба хашму  азаб омадани Бедил ва дар ин бора дар "Чорунсур" ба тафсил сухан рондани ӯ дурӯ  и маҳз аст.

Дуруст аст, ки Бедил аз калимаву иборахои "Фаранг", "Фарангистон", ҷуфли "Фаранг", "зиндони Фаранг", "сеҳри Фаранг" ва  айра истифода кардааст. Вале ӯ ба масъалаи ҳузури англисҳо дар Ҳиндустон ва талаву тороҷи ин сарзамин аз ғониби онҳо ҳеғ гуна ишораҳои конкрету мушаххас надорад.

Дар китоб таърихи вафоти Бедил 4 декабри 1721 сабт гардидааст, ки ин ҳам  алат аст. Муаллифони тазкираҳо санади фавти шоъирро рӯзи панғшанбеи чоруми сафари 1133 ҳиғрӣ ба ҷалам додаанд. О ози соли 1133 ҳиғрӣ, яъне яки муҳаррами он, ба рӯзи шанбеи 2 ноябри 1720 рост меояд. Дар ин асос, панғшанбеи 4 сафари 1133 баробар мешавад ба панғшанбеи 5 дкабри 1720 (ниг. А. П. Пронштейн, В. Я. Кияшко, Хронология, М.: "Высшая школа", 1981, стр. 185).

Тавре ки гуфтем, муаллифи китоб дар бахши таҳлили осори Бедил низ ба норасоиҳои зиёде роҳ додааст. Ӯ дар бораи мероси адабии шоъир сухан карда, ҳағми умумии осори манзуми вайро 65 ҳазор байт гуфтааст. Дуруст аст, ки ин фикри худи ӯ нест. Дар вариантҳои дигари китоб ва ҳамчунин дар аксар адабиёти илмии собиӣ Иттиҳоди Шӯравӣ низ ҳамин раҷам оварда шудааст. Вале ин раҷам саҳеҳ нест. Мероси манзуми Бедил, якғоя бо порчаҳои шеърии осори насрияш, тахминан 72-73 ҳазор байт аст. Миӣдори абёти фаҷат  азалиёти ӯ беш аз 36 ҳазор аст. Ё худ танҳо девони рубоъиёташ 8 ҳазор байтро ташкил медиҳад.

Дар китоб ҳағми асарҳои алоҳидаи шоъир "Тилисми ҳайрат", "Муҳити аъзам", "Тури маърифат" ва таърихи таълифи ин асарҳо низ  алат сабт ёфтаанд. Дар бораи ҳағми воӣеъии ин асарҳо ва таърихи таълифи онҳо хонандагони гиромӣ метавонанд ба муҷаддимаи ғилди панғуми осори Бедил (Душанбе, 1993) муроғаъат намоянд.

Муаллиф дар хусуси маснавиҳои "Тилисми ҳайрат" ва "Муҳити аъзам" мулоҳаза ронда, навиштааст, ки "дар ин ду асар аҷидаҳои шоъир дар бораи табиъат ва ғамъият ифода ёфта, хонандаро ба гӯшанишинию риёзат ҳидоят менамояд". "Аз ин рӯ, -идома додааст муаллиф, -дар эғодиёти шоъир онҳо чандон ҷимату арзише надоранд".

Суоле ба миён меояд, ки ҷимату арзиш надоштани асарҳои мазкур дар чӣ ифода ёфтааст? Дар он, ки онҳо дар мавзӯъи тасаввуф навишта шудаанд ё даро н, ки аҷидаҳои шоъирро дар

бораи табиъату ғамъият инъикос намудаанд? Умуман, оё асарро нахондаву наомӯхта арзишу аҳамияти онро муайян кардан мумкин аст?

Гуфтаҳои муаллиф дар хусуси маснавии “Тури маърифат” низ аксаран бебунёд ва  айривоӣеъиянд. Ӯ навиштааст: “Дар асар (яъне “Тури маърифат”-Б.Р.) шоъир бештар зебоиҳои табиъати кӯҳи Байроти Ҳиндустонро ситоиш намуда, онро бо кӯҳи Тури Арабистон, ки дар он ғо Мӯсо пай амбар гӯё нури илоҳиро мебинад, муҷобил гузоштааст. Ҳатто кӯҳи Байротро аз бисёр ғиҳатҳо аз кӯҳи Туркистон болотар мегузорад”.

Хушбахтона, матни комили “Тури маърифат” ба ҳуруфи имрӯза ба табъ расидааст (Ниг.:: Абдулҷодири Бедил. Осор, ғилди 5. Душанбе, “Адиб”, 1993). Хонандагони гиромӣ онро мутолаъа намуда, хоҳанд дарёфт, ки суханони мазкури муаллиф дар ҳаӣҷи Бедил ва асари ӯ туҳмате беш нестанд.

Мулоҳазаҳои муаллиф дар атрофи “Чорунсур” низ  алатанд. Ба аҷидаи ӯ, “Чорунсур” дар муддати 9 сол, яъне аз замони 41-солагии муаллиф то айёми 50-солагии ӯ таълиф шудааст. Аммо ин тавр нест. Замони шурӯъ ба таълифи асар, воӣеан, давраи 41-солагии шоъир, яъне соли 1059 ҳиғрист. Аммо таърихи анғоми он санади 1116 аст, ки ба 62-солагии муаллиф рост меояд. Яъне асар дар муддати 9 сол не, балки дар муддати 21 сол иншо шудааст. Гузашта аз ин, баъзе ҷисматҳои асар, аз ғумла рисолаҳои мансуре, ки дар усури савум мавғуданд, пеш аз соли 1059 таълиф шудаанд (дар ин бора ниг. мағаллайи “Адаб”: Душанбе, 1992, №2).

Андешаҳои муаллиф роҷеъ ба мазмуну муҳтавиёти асар низ аз суханони умумӣ иборатанд, ки мавзӯъу мундариға ва хусусиятҳои характерноки онро инъикос карда наметавонанд.

Муаллиф дар ҷатори асарҳои зикршуда роҷеъ ба “Никот” ва “Ишороту ҳикоёт” ном асарҳои Бедил маълумот дода, дар ин бора низ фикрҳои куҳнаи бар алатро такрор намудааст. Ӯ ин ду асарро чун таълифоти мустаҷили оригиналӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои фарӣкунандаи онҳоро дар он дидааст. ки онҳо “дар тамоми давраи ҳаёт”-и шоъир навишта шудаанд.

Муаллиф чун ба таърихи омӯзиши Бедил ошно нест, хабар надорад, ки дар атрофи ин ду асар чӣ гуна баҳсҳое сурат гирифтаанд. Дар адабиёти илмӣ борҳо зикр шудааст, ки “Никот” ва “Ишороту ҳикоёт” асарҳои мустаҷил набуда, балки мусаввадаи баъзе ҷисматҳои осори маълуми Бедил “Тилисми ҳайрат”, “Муҳити аъзам”, “Тури маърифат”, “Ирфон”, “Чорунсур” ва девони ашъоранд. Ба  айр аз чанд нуктаи мансур боӣӣ ҳамаи бахшҳои чӣ манзум ва чӣ мансури онҳо дар асарҳои зикршудаи шоъир мавғуданд. Албатта, мо гуфтанӣ нестем, ки ҳангоми таҳлили осори Бедил аз ин ду асар сарфи назар карда шавад. Чун ин асарҳо вуғуд доранд, нухаҳои хаттӣ ва нашрҳои гуногуни онҳо мавғуданд, аз онҳо ном бурдану онҳоро таҳлил намудан шарт аст. Вале дар бораи ҳар чиз асли воӣеъиятро гуфтан лозим аст, на чизи дигареро. Дар мавриди “Ниҷот” инро низ илова кардан зарур аст, ки номи саҳеҳи ин асар “Никот” аст на “Нукот” ва на “Нуҷот”. Никот ғамъи нукта аст. Нукта ба маънойи сухани софу покиза, сухани пандомез.

Тавре ки маълум аст, Бедил, пеш аз ҳама, чун шоъири  азалсаро шуҳрату маҳбубият дорад. Ба кунуния ё худ лаҷаби “Абулмаъонӣ” сазовор гардидан, пайравону муҷаллидони зиёде пайдо намудан, соҳиби мактаби хоси адабӣ шудани ӯ ҳама ба шарофати  азалиёташ имконпазир гардидааст. Вале дар китоби дарсӣ роҷеъ ба ин бахши муҳимтарини осори Бедил умуман сухан нарафтааст. Муаллиф дар бораи ашъори лирикии шоъир ҳамагӣ як ғумла навиштааст, ки ин аст: “  айр аз ин (яъне  айр аз маснавиҳо-Б.Р.) Бедил дар жанрҳои хурди лирикӣ, ҷасида,  азал, рубоӣ, ҷитъа ва  айра табъ озмуда будааст, ки онҳо ҳам ба мавзӯъҳои мухталифи зиндагӣ бахшида шудаанд”.

Дар китоб, чунон ки ишора кардем, андешаву мулоҳазаҳои бебунед, муҳокама ва хулосаҳои бефакту бедалел зиёданд. Масалан муаллиф аз мавзӯъҳои осори Бедил сухан карда, дар бораи ватандӯстӣ ва истиӣлолхоҳии ӯ чунин навиштааст: “Бедил, ки ватани хешро дӯст медошт, медид, ки англисҳо ба сарзаминаш омада, боигарию сарваташро ба фаранг мебаранд, халҷи бечораашро  уломвор кор мефармоянд. Умуман, истиӣлоли Ҳинд дастбурди бегонагон шуда истодааст. Аз ин ғост, ки шоъири ватандӯст, барои ҳифзи хоки кишвару бум, истиӣлоли он мардуми ҳинду мусулмонро ба ягонагӣ, ҳамфикрӣ ва иттифоӣ даъват менамояд”.

Муаллиф сипас барои тасдиқу исботи гуфтаҳои хеш аз осори шоъир далел овардааст ва он далел ин аст:

***Ёрон ба вифоӣ агар қадам мешикананд,***
***Ғайши арабу сафи ағам мешикананд.***
***Аз қудрати иттифоӣ  офил нашавӣ;***
***Дандонҳо сангро ба ҳам мешикананд.***

Тавре ки мебинем, дар ин рубоъӣ на аз англисҳо сухан рафтаву на аз поймол шудани истиӣлоли Ҳинд. Шоъир умуман, аз иттифоӣ ба аҳамияти он дар ҳаёти мардум сухан рондааст. Яъне одамонро ба иттифоқу якдигарфаҳмӣ даъват намудааст.

Муаллифи китоб дар бораи мазамматти ҳарисону тамаъкорон дар осори Бедил таваққуф намуда, таъйид кардааст, ки "Бедил ба ин гурӯҳи пастфитрат шоъирони хушомадгӯро дохил намуда, онҳоро сахт маломат мекунад. Ӯ афсӯс мехӯрад, ки назми Ҳиндустон имрӯз дар дасти чунин ашхоси нолоиӣ аст".

Ва табиъист, ки муаллиф дар ин ғо низ бе далел ҳарф назадааст. Далели ӯ дар ин бора ин аст:

***Афсӯс ки сози салтанат шуд фосид,***
***Гардид матоъи дину давлат қосид.***
***Назми Ҳиндустон кунун мунҳасир аст,***
***Бар дайюсу бар лаиму ҳезу ҳосид.***

Аммо дар ин рубоъӣ сухан мегар аз шеъру шоъирӣ рафтааст? Ҳаргиз! Ин ғо мурод аз "назм" низому тартиби давлатдорист, на назми шеъру шоъирӣ. Ин маънӣ аз байти якуми рубоъӣ ба хубӣ ошкор ва ҳувайдост.

Муаллиф дар ғойи дигар навиштааст: "Бедил ягон қасидаи хешро ба соҳибмансабон, шоҳу амирон набахшидааст, балки қасидаи махсусе дорад, ки дар он инсони меҳнаткаш, инсони оддӣ. . . тавсиф карда мешавад".

Муаллиф агар куллиёти Бедилро ақаллан як бор вараӣ мезад, боварӣ ҳаст, ки аз навиштани ғумлаи мазкур худдорӣ менамуд. Зеро шоъир дар мадҳу ситоиши шоҳону вазирон ва дигар мансабдорони асри хеш ашъори кам нагуфтааст. Чунончӣ, ӯ дар таърифу тавсифи подшоҳони давр: Шоҳиғаҳон, Аврангзеб, Шоҳнолам, Ғаҳондоршоҳ, Фаррухсияр Муҳаммадшоҳ, шоҳзодаҳо: Аъзамшоҳ, Акбаршоҳ, Комбахш, амирону вазирони XIX Оқилхони Розӣ, Осафғоҳи аввал, Шукруллоҳхони Ҳофӣ ва дигарон қасидаву  азал ва қитъаву рубоъиҳои зиёде сурудааст. Шоъир ба ин мавзӯъи эғодиёташ дар муқаддимаи девон ва асарҳои дигараш ишораҳо низ кардааст. Чунончӣ, дар ин рубоъӣ навиштааст:

***Мадҳу таърихи баъзе аз шоҳу амир,***
***Кардам ба таколифи азизон таҳрир.***
***Онҳо мурданду ман пушаймон гаштам,***
***Фитрат ба азоби қабр монд аз ташвир.***

Ва он қасидае, ки гӯё махсус ба инсони оддии меҳнаткаш бахшида шудааст, дар асл қасидаест дар ситоиши умуман инсон ва нерӯю бузургии он. Дар ин қасида дар баробари васфи камолоти маънавӣ ва дигар фазилатҳои инсон ғиҳатҳои манфии фаъолияти ӯ худ офилӣ, ситамкорӣ, фитнагарӣ, кинаварзӣ, ҳасадхӯрӣ, баднафсӣ, дунҳимматӣ, зоҳирпарастӣ, тамаъкорӣ, қаҳру  азаб, кибру  урур ва  айра низ маҳкум ва музаммал карда мешавад.

Муаллиф баёни мавзӯъи мазкур, яъне "ситоиши инсони оддӣ"-ро идома дода, навиштааст, ки "Бедил дар як қитъаи дигараш ба одамони бехирад, шоҳу амирон хитоб намуда, мегӯяд, ки соҳибхонаи ин дунё инсони меҳнаткаш аст ва шумо бояд дар пеши бузургии инсони комил сари таъзим фуруд оред".

Ва он қитъае, ки муаллиф дар назар дорад, ин аст:

***Аз тавофи хона гар маӣсуд соҳибхона нест,***
***Сар ба деворе занеду каъбаҳо вайрон кунед.***
***Муддаъо ин аст, к-эй бедонишони ғаҳлкеш,***
***Дида бикшойеду тавфи ҳазрати инсон кунед.***

Ба диӣҷати муаллифи мӯҳтарам расонида мешавад, ки ду байти мазкур иӣтибос аз шеъре ҳастанд, ки дар таърифи яке аз амирони аср ҳокими Шоҳиғаҳонобод Оҷилхони Розӣ суруда шудааст. Шеър аз даҳ байт иборат аст ва ду байти дигараш ин аст:

***Фоштар гӯям, агар тавфиӣ бахшад ёварӣ,***
***Сагдае назри ғаноби файзи Оҷилхон кунед. . .***
***Дар тавофаш иститоъат мояйи ағз асту бас,***
***Гар набошад по, ҷадам аз ғунбиши мижгон кунед.***

Аз асарҳои ғудогонаи Бедил ягона чизе, ки нисбатан муфассал таҳлил шудааст, яке аз ҳикоятҳои маснавии “Ирфон” достони “Комде ва Мадан” аст. Муаллиф дар баробари баёни мазмуни мухтасари асар мавзӯъу мундариға ва образҳои асосии онро низ баррасӣ намудааст. Вале таҳлилу арзёбии ин достон низ аз нуӣсону камбудиҳои ғиддӣ холӣ нест. Муаллиф навиштааст, ки достон аз 770 байт иборат аст. Вале дар асл ҳағми асар беш аз 900 байт мебошад.

“Сужети достон аз эғодиёти даҳанакии халҷи Ҳинд сарчашма мегирад”-гуфтани муаллиф низ  алат аст. Ҷиссаи “Комде ва Мадан” яке аз сужатҳои машҳури адабиёти ҷадими Ҳинд буда, аввалини варианти хаттии он бо номи “Мадҳаванала ва Ҷамакандала” ба забони санекрит навишта шудааст. Ин ҷисса дар асрҳои минбаъда низ ба чанде аз забонҳои маҳаллии Ҳиндустон, аз ғумлша, ба забонҳои гуғаротӣ, ҳиндӣ ва роғистонӣ тарғимаву таҳрир шудааст. Аввалин таҳрири форсии ин ҷисса “Маҳзи эъғоз” ном маснавиест, ки ба ҷалами Ҳаҷири ном шоъири асри XVII таъаллуӣ дорад (Дар ин бора инг. Масъалаҳои эроншиносӣ, Душанбе, 1991, саҳ. 30). Ҳамаи таҳрирҳои номбаршудаи ин ҷисса асарҳои алоҳидаи мустаҷиланд. Аммо дар маснавии “Ирфон” ин ҷисса ба ҳайси асари мустаҷил дарғ нагардида, балки тамсилест, ки барои таъйид ва тасдиҷи яке аз аҷидаҳои шоъир хидмат намудааст. Бедил дар боби шашуми “Ирфон” ғойе, ки дар бораи подшоҳону сози салтанати онҳо сухан рондааст, ба ҳайси тамсил ду ҷиссаро зикр кардааст, ки яке аз онҳо “Комде ва Мудан” аст. Шоъир пас аз дарғ намудани тамсили аввал сонӣ, яъне “Комде ва Мадан”-ро чунин о оз намудааст:

***Ҳам дар ин ҷиссаи ҳайраттимсол***
***Комдеву Мудан омад ба хаёл.***

Маҷсади шоъир аз овардани ин ҷисса таъкиди он аст, ки дар зиндагӣ подшоҳону ҳокимон гуногунанд. Дар ҷатори шоҳони золиму ғоҳил шоҳони оҷилу одил низ мавғуданд. Ӯ пеш аз зикри саргузашти Комде ва Мудан аҷидаи худро дар бораи подшоҳон чунин иброз доштааст:

***Лутфашон ғуз ҳаёт напсандад,***
***Ҷаҳрашон ғуз ба худ напайвандад.***

Ва баъд аз анғоми саргузашти мазкур ба чӣ маҷсад дарғ намуда ин онро ин тавр баён намудааст:

***Мудаъо з-ин фусуни сеҳрнамуд,***
***Арзи иӣболи подшоҳон буд.***
***К-аз чӣ анвор равшананд инҳо?***
***Ранги нози чӣ гулшананд инҳо.***

Дар вайти таҳлили “Комде ва Мудан” муаллифи китоб ана ҳамин ғиҳат, яъне характери тамсили доштани асарро ба эътибор нагирифта, онро ҳамчун достони мустаҷиле, ки саропо зодаи табъи шоъир аст, баррасӣ намудааст. Дар натиға таҳлили ӯ айриҷонунӣ ва аз маҷсади аслии муаллиф фарсаххо дур афтодааст. Гузашта аз ин, ӯ ҳангоми таҳлили асар кӯшиш кардааст, ки бо ҳар роҳе, ки бошад, сохти ғамъиятии замони шоъирро сиёҳ кунад, ғамъияти “пӯсида ва тираву тори феодалӣ”-ро танҷиду мазаммат намояд. “Бехирадию ғоҳилӣ ва золимию мардумбадбинӣ”-и шоҳони гузаштаро фош созад. Муаллиф аз ғумла навиштааст: Бедил ба ин восита (ба воситаи образҳои Комде ва Мудан-Б.Р.) нишон додааст, ки ҳунар ва аҳли ҳунар дар рӯзгори шоъир ҷадру ҷимате надорад. Онҳо аз ҳуҷуҷи ишӣ варзидан маҳруманд”.

Суоле ба миён меояд, ки агар ҳунар ва ҳунарвар, воӣеъан, ҷадру ҷимат намедошт, Комде ба туфайли кадом фазилаташ ба дарбор роҳ ёфт? Подшоҳ гарданбанди хоси худро ба хотири чӣ ба Мудан тайдим намуд? Сабаби хориву зорӣ ва азобу уҷубати Мудан на он аст, ки ӯ аҳли ҳунар ё аз табаҷаи ноёни ғамъият мебошад. Иллати сарсониву оворагии ӯ ба як лаҳзаи конкретии ҳаёташ вобаста аст. Ӯ аз ҳунари волои Комде моту мабҳут гардида, худро гум кард на гарданбанди хоси подшоҳро беихтиёр ба зери пойи Комде андохт Ана ҳамин амали беихтиёронаи ӯ сабаби нокомиву сарсониҳои зиёди ӯ гардид.

Чун Бедил бузургтарини намояндаи сабки ҳиндӣ ба шумор меравад, табиъист, ки муаллиф доир ба ин сабк ва хусусиятҳои он низ маълумоти мухтасареро дарғ намудааст. Мутаассифона, мушоҳада ва мулоҳазаҳои вай дар ин бора низ баҳсноканд. Чунончи, ӯ сабки ҳиндӣ ва услуби Бедилро як чиз пиндоштааст, ки саҳеҳ нест. Агарчи дар осори Бедил умдатарин хусусиятҳои сабки ҳиндиро пайдо намудан мумкин аст, факти пеш аз Бедил вуғуд доштану баъд аз ӯ низ идома ёфтани ин сабк далел бар он аст, ки ин ду падидаи адабӣ айни як чиз нестанд.

Бо сабаби он ки гурӯҳе аз шоъирони сабки ҳиндӣ дар Исфаҳон нашъунамо ёфтаанд, ин сабкро гоҳҳо бо номи “сабки исфаҳонӣ” низ ёд мекунанд. Вале то кунун касе онро бо номи “сабки бедилӣ” ном набурдааст.

Ҳамчунин зикр кардан бамаврид аст, ки на ҳамаи шоъирони асрҳои XVI- XVII Ҳиндустон бо сабки ҳиндӣ эғод кардаанд. Масалан, Файзии Даканӣ ва Урфии Шерозиро чеҳраҳои барғастаи ин сабк шуморидан душвор аст. Аз шоъирони асри XVII низ даҳҳо нафарро метавон ном бурд, ки ба тарзи ҷудамо, яъне ба сабки хуросониву ироӣӣ шеър гуфтаанд. Бараҳмани Лоҳурӣ, Муллошоҳи Бадахшӣ, Ҳоҷиҷи елонӣ, Неъматхони Олӣ, Оҷилхони Розӣ ва айра аз ҳамин ғумлаанд.

Азбаски муаллиф роҷеъ ба Бедил тасаввуроти ниҳоят маҳдуд ва мавҳум дорад, баъзан суханони ҷаблан гуфтаи худро фаромӯш кардааст. Ӯ дар бахши “Савол ва супориш” суолҳоеро матраҳ сохтааст, ки аз матни китоб ба онҳо ғавоб ёфтан айриимкон аст. Чанде аз он суолҳо инҳоянд: “Шавҷу ра бати ӯ (яъне Бедил-Б.Р.) ба кадом илмҳо бештар буд?” “Гӯшанишинӣ ба шоъир чӣ дод?” “Достони Комде ва Мудан” дар пайравии кадом достонҳои шоъирони гузашта иншо шудааст?”

Ба ин суолҳо на дар бахши тарғимаи ҳоли шоъир ғавоб асту на дар ҷисмати таҳлили осори ӯ.

Суоли дигаре, ки низ беғавоб аст, ин аст: “Чаро асарҳои Бедилро дар мактабҳои мусулмонии Аф онистон, Покистон, Эрон меомӯхтанд?”

Мо ба ғиҳатҳои мантиӣӣ ва услубии ин ғумла диҷҷат намедиҳем. Ба хонандагони гиромӣ фаҷат ҳаминро гӯшрас менамоем, ки мунтаҳаби девони Бедил танҳо дар мактабҳои кӯҳнаи Осиёи Миёна асосан дар Тоғикистону Ӯзбекистон хонда мешуд. Анъанаи бедихонӣ дар мактабҳои кӯҳнаи Аф онистон вуғуд надошт. Дар Покистону Эрон Бедилро ҷариб ки намешинохтанд. Ва имрӯз ҳам ӯ дар ин ду кишвар шуҳрати бисёр надорад.

Чунон ки гуфтем, яке аз нуӣсонҳои ғиддии фасли “Бедил” алат хондау алат кӯчонидани порчаҳои манзум аст. Аз шаст порчаи манзуме, ки дар фасли мазкур иӣтибос шудаанд, ин ҳодисаро дар 24 тои онҳо мушоҳада кардан мумкин аст. Чунончӣ, дар мисраъи савуми ҷитъаи “Ба соле, ки Бедил ба мулки зуҳур. . . ” ба ғойи калимаи “мавлид”, “мавлуд” омадааст, ки оҳанги шеърро андаке халалдор кардааст.

Ё худ дар рубоъии “Дар мадраса ғамъе, ки фароҳам гаштанд. . . ” калимаи “харӣ” дар

шакли “харе” хонда шудааст, ки дар натиға таносуби маънии байтҳо вайрон шудааст.

Дар мисраъи дувуми рубоъии “Мотамзадае чанд дами муйндан. . . ” ба ғойи бандаки изофии “и” суффикси исмози “ӣ” омада, маънан мисраъро норавшан сохтааст. Шакли саҳеҳи мисраъ ин тавр аст: Дидам беточати ба хун алтидан.

Дар байти “Дунё агар диҳанд, нахезам зи ғойи хеш - Ман бастаам ҳинои чаноъат ба пойи хеш” ба ғойи калимаи “диҳанд” “диҳад” ва ба ғойи “нахезам” “намехезам” сабт шудааст ва вазни мисраъ тамоман хароб гардидааст.

Дар рубоъии “Шеърам, ки ба сад забон фуруд омадааст. . . ” аз байни калимаҳои “вайт” ва “он” пайвандаки “у” афтидааст ва мисраъ то андозае та йири маънӣ кардааст. Шакли саҳеҳи мисраъ ин аст. Дар чандин вайту он фуруд омадааст. Дар ин ғо калимаи “он” ишора ба шеъри шоъир нест, балки ба маънии вайт, замони кӯтоҳ аст. Таъбири “як они воҳид” аз ҳамин ғост.

Дар порчаи “Аз набот он чи ғилвасон (?) шуд. . . ” ба ғойи “ғилвасон” “ғилвасомон” ва ба ғойи “эътибору чуну чаро” “эътибори чуну чаро” мебойист навишта мешуд.

Дар порчаи “Яке (?) ин ғо гурӯҳи барзгаранд. . . ” ба ғойи “яке” “яъне” навиштан лозим буд. Яъне ин ғо гурӯҳи барзгаранд.

Дар порчаи “Баҳру кон ғумла толиби нон шуд. . . ” калимаҳои “мухталифхосият” ва “ҳавое” мебоист дар шакли як калима, яъне якғоя навишта мешуданд. Умуман байтро дар ин шакл овардан лозим буд:

***Ғамъ гардид жожхойе чанд,***
***Мухталифхосиятҳавойе чанд.***

Дар рубоии “Аз дунёдор умедро поя махоҳ. . . ” ба ғойи калимйи “луч” “пуч” навиштан лозим буд: 3-ин чавм таваччуъи ҳимоят пуч аст.

Дар рубоии “Золим пушад либоси хунбофтаро. . . ” ба ғойи иборайи “шиъори худ” калимаи “шӯълаҳу” саҳеҳ аст. Маънои мисраъи чорум ҳаминро тачозо менамояд: Бо сангдилони шӯълаҳу сахти кун-Бардор ба оҳан оҳани тофтаро.

Дар рубоии “Ҳиммат ҳар ғо беш (?) кунад кореро. . . ” ба ғойи калимаи “беш” “пеш” ба ғойи “фалоҳате” “фалоханӣ” ва ба ғойи ибораи “ба кӯшиши беҳад” “ба кӯшиш печад” навиштан лозим буд. Шакли саҳеҳи рубоъӣ ин аст:

***Ҳиммат ҳар го пеш кунад кореро,***
***Душворӣ нест ҳеғ душвореро.***
***Якчанд фалоханӣ ба кӯшиш печон,***
***Холӣ созад зи санг кӯҳсореро.***

Дар рубоъии “То мард ба ранги лаъл дилхун нашавад. . . ” ба ғойи таъбири “санги табиъатӣ” калимаи “сангтабиъате” дуруст аст: Ҳар сангтабиъате нагардад ёчут.

Дар рубоъии “Ёрон ба тифоӣ агар чадам мешикананд. . . ” бағойи калимаи “тифоӣ” “вифоӣ” саҳеҳ аст. Ҳамчунин аз мисраъи дувуми ин рубоъӣ калимаи “саф” афтидааст: Ғайши арабу сафи ағам мешикананд.

Дар мисраъи чоруми рубоъии “Дар тағрубагоҳи олами сулҳу набард. . . ” ба ғойи пешоянди “бо” пешоянди “бар” саҳеҳ аст: Гардунро низ бар замин меоварад. Дар рубоъии “То айби ту сар наёрад аз парда бадар. . . ” калимаи “бадар” ғудо (ба дар) навишта шудааст, ки саҳеҳ нест.

Дар рубоъии “Бедил, марав он ғо ки намехонандат. . . ” ба ғойи калимаи “барнахезонандат” “барнамехезонандат” омадааст ва мисраъ номавзун шудааст. Мисраъ ин тавр бояд бошад: Биншин ғойе, ки барнахезонандат.

Аз мисраъи “Эй ки таърифи салотии кардаӣ. . . ” пайвандаки “ки” афтидааст ва ин ғо низ вазн осеб дидааст.

Дар байти савуми азали “Эй ҳузури майдамат дар зиндагӣ бархони ман. . . ” ба ғойи таркиби “сар мекашад” “сар мекашид” саҳеҳ аст:

***Баҳри побӯси ту ҳар ғо сабза сар мекашид,***
***Дошт бо худ нусхае аз ҳасрати мижгони ман.***

Гуфтан лозим аст, ки шарҳи ҳол ва таҳлили осори Бедил на фачат аз ғиҳати мазмуну мундариға ва сатҳи мулоҳазаву муҳокама ба талаботи рӯз ғавоб намедиҳад, инчунин аз нигоҳи услуби нигориш, тарзи баёни мавзӯъ ва дигар хусусиятҳои шакливу забонӣ низ бо ҳар ду пой мелангад. Дар ин ғо ғумлаҳои мантичан хароб, услубан  алат, калимаву таъбирҳои нодаркор, такрорҳои бемаврид, беэътиноӣ ба чоъидаҳои маъмули забон ва  айра хеле зиёданд. Инак чанд мисол: “Аҳамияти ин асар пеш аз ҳама, дар он аст, ки мо дар бораи муносибат, зиндагии адиб маълумот гирифта метавонем”, -“Ӯ дар бораи рӯҳи мутлаӣ, наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ва муносибати онҳо ба тафсил сухан меронад”. “МУтафаккири бузург чувваи иттифочро дуруст дарк намуда, боифтихор мегӯяд, ки агар хоҳад осмонро ба замин меорад”. “Шоъир ба ин восита тазодҳои зиндагии ин ду гурӯҳи табачаҳои ғамъиятиро ба хубӣ инъикос намудааст”. “Дар мактуб талаб карда шудааст, ки ба ишчи Комде ва Мудан садди роҳ нашавад ва имконият диҳад, ки онҳо ба муроди якдигар расанд”. “Достони “Комде ва Мадан” чун достонҳои ишчии “Лайлӣ ва Мағнун”, “Хусрав ва Ширин” бо фоғеа ба анғом мерасанд, вале чаҳрамонҳои достони Бедил ба мақсад мерасанд”. “Ҳофизон  азалҳои шоъирро ба оҳанг дароварда, хеле мар  уб месароянд”.

## УСТОД АЙНӢ ВА БЕДИЛШИНОСОНИ АФ  ОНИСТОН

Ошноӣ бо ҳаёт ва эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ (1878-1954) гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ аз айёми ғавонӣ то охирин солҳои зиндагиаш аз мутолаа ва омӯзиши осори Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720 фори  набудааст. Мутолааи бардавоми осори Бедил ба устод Айнӣ имкон дод, ки ба ҳайси як бедилшиноси намоёни асри худ шиноха шавад. Ӯ ҳанӯз солҳои дар Бухоро таҳсил карданаш чун шахси бедилхону бедилрас эътибор ва шӯҳрати зиёд дошт. Ҳамдарсон ва дигар муосиронаш барои фаҳмидани нуктаҳои душвори осори Бедил ба ӯ муроғаат мекарданд, аз ӯ мадад металабиданд. Муроғаати яке аз ҳамдарсони собиқаш Олимғон Идрис ном нависандаи тотор далели ин гуфтаҳо шуда метавонад. Олимғон Идрис вайте ки мехоҳад мақолае дар бораи Бедил нависад, барои маслаҳат ва кӯмак ба воситаи мактуб ба устод Айнӣ муроғаат менамояд. Устод Айнӣ дар ғавоби номаи Олимғон Идрис шарҳи ҳоли мухтасари Бедилро навишта, ба ӯ равона месозад. Олимғон Идрис матни номаи устод ва тарғумаи тотории онро дар соли 1912 дар шумораи дуввуми маҷалаи “Шӯро”, ки дар шаҳри Оренбург чоп мешуд, ба табъ расонидааст.

Тавре ки муҳайчиқони осори устод Айнӣ Муҳаммадғон Шукуров ва Ғӯрахон Бақозода навиштаанд, дар номаи устод Айнӣ аввалин фикру мулоҳазаҳои ӯ дар бораи Бедил ифода ёфтаанд (Ниг.: Ғашнномаи Айнӣ, ғузъи 3, Душанбе, Дониш 1966).

Устод Айнӣ омӯзиши осори Бедилро идома дода, дар солҳои Ғанги Бузурги Ватанӣ ба муносибати 300 солагии шоир тадқиқоти пурарзишеро дар бораи ӯ ба анғом расонид. Варианти мухтасари он тадқиқот зери унвони “Мирзо Абдулқодири Бедил ва эҷодиёти ӯ” дар солҳои 1946-1947 дар мағаллаи “Шарқи сурх” ба табъ расида буд. Матни пурраи рисола бо номи “Мирзо Абдулқодири Бедил” дар соли 1954 тақрибан як моҳ пеш аз вафоти муаллиф аз чоп баромад. Рисолаи устод Айнӣ дар он солҳо яке аз аввалин китобҳо дар бораи Бедил буд. Рисола дар олами илму адаби собиӣ Иттиҳоди Шуравӣ хуш пазируфта шуд ва ба мамлакатҳои ҳамзабони мо, аз ғумла Аф онистон, низ раҳ ёфт. Рисола дар Аф онистон ба зудӣ ба расмулхати форсӣ баргардонида шуд. Китобро шоири маъруф Зиё Йоризода ба форсӣ гардонида буд. Рисола ба форсӣ баргардонида шуд, вале рӯи чопро надид. Дар Аф онистон рисола агарчи чоп нашуд, вале мавриди мутолаа ва истифодаи муҳайчиқони ин кишвар қарор дошт. Як идда муаллифон дар таълифи асарҳое, ки роҷеъ ба Бедил навиштаанд, дар баробари дигар манбаъҳо рисолаи устод Айниро низ дар ихтиёр доштаанд. Чунончи, Муҳаммадҳайдари Жубал ном муҳайқиӣ дар мақолае бо номи “Ёди Бедил”, ки бори аввал дар соли 1335 шамсӣ, 1956 милодӣ дар мағаллаи “Ориёно” чоп шуда буд, дар шарҳи ҳол, баёни ақоиду афкор ва зикри маҳорати шоирии Бедил аз навиштаҳои устод Айнӣ фаровон истифода кардааст. Вале ӯ, мутаассифона, на аз устод Айнӣ ном бурдаасту на аз асри ӯ. Муаллиф суханони устод Айниро ғое музмунан на ғое айнан ийтибос намуда бошад ҳам, онҳоро бо аломатҳои зарурӣ ғудо накардааст, фикри Айнӣ буданашонро таъйид нанамудааст. Масалан, ӯ дар “Муносибаи фикру хаёли Бедил” ном бахши мақолааш навиштааст: “Дар кӯдакӣ дидор, дар ғӯши ғавонӣ мағзубу дарвеш, дар охирҳои ғавонӣ мутасаввиф ва дар охири ҳаёташ фийласуфи бузурги ба зиндагӣ наздик гардид”.

Дар рисолаи устод Айнӣ, дар бахши “Муносибати эҷодиёт ва тафаккуроти Бедил ба даврахои ҳаёташ” мехонем: “Дар баччагӣ диндор, дар ғӯши ғавонӣ мағзуб ва дарвеш, дар охирҳои ғавониаш мутасаввиф ва дар охир файласуфи ба зиндагӣ наздик гардид”.

Муҳаммадҳайдари Жубал дар бахши мазкури мақолааш овардааст: “Забони шеъри Бедил мунтаҳо сода аст ва дар айнӣ замон зебоии каломро лафзану маъноан муроот кардааст. Аммо аз назари ғумлабандӣ, ташбеҳот, киноёту истиорот забони Бедил мушкилтарин забони адабии дарист”.

Дар рисолаи устод Айнӣ, дар бахши “Забон, услуб ва санъати шеърии Бедил” мехонем: “Агар мо забони шеърии Бедилро аз нуйтаи назари лу атҳои ғудогона якта-якта мулоҳаза кунем, ин забон хеле сода менамояд. Аммо вайте ки сухан дар бораи ғумлабандӣ, ташбеҳот, киноя ва истиорот омад, забони Бедил душвортарин забони адабии тоғик мегардад”.

Муҳаммадҳайдари Жубал дар хусуси маҳорати шоирии Бедил чунин навиштааст: “Ийтидори шеърии Бедил баланд ва табиист.   азалҳояш ҳадди аксар дорои нӯҳ байт аст ва то 15 байт ҳам мерасад ва дар як қофияву баҳр чандин  азал дорад. Қасоиди ӯ аз 150 байт то 170 байт мерасад. қудрати вай дар истеъмоли буҳур ва авзони  айриматбӯъ бештар намоён

аст”.

Дар рисолаи устод Айнӣ мехонем: “Ийтидори шеърии Бедил бисёр баланд ва табъи ӯ дар шеъргӯӣ аз ҳад зиёд равон ва дар маҳсулдиҳӣ ҳимати ӯ олист. Агар дар азал ҳадди миёнаи шоирони дигар 7 байт ва бисёраш 9 байт бошад, Бедил азалҳои 9 байтӣ кам дорад ва бештарини азлҳои ӯ 15 байтист. Бештарин дар як вазну ҷофия аз ду – се то чор азал мегӯяд. Инчунин ҷасидаҳои Бедил 150 байт то 170 байтро дарбар мегиранд. Ийтидори Бедил дар вазнҳои айримаъруф, ки дар куллиёташ дар зери унвони “номатбӯъ” дарғ шудаанд, боз ҳам зиёдтар намоён мегардад”.

Муҳайҷиҷи дигаре, ки аз рисолаи устод Айнӣ истифода кардаасту аз он ном набурдааст, муаллифи китоби “Найди Бедил” (Кобул, 1343 ш.) Салоҳуддини Сачуйӣ мебошад.

Пеш аз он ки факти истифодаи ӯро аз рисолаи устод Айнӣ бо далелҳо исбот намоем, аввал ба андешаҳои худи устод Айнӣ ошно мешавем. Устод Айнӣ дар рисолаи хеш аз нусхаи аслии Куллиёти Бедил ва чигунагии нашри Сафдарии он сухан карда, навиштааст, ки баъзе сохтакорони беинсоф барои мақсадҳои фосид ба номи Бедил порчаҳои шеърӣ сохтаанд ваноширони нашри Сафдарии Куллиёти ӯ он порчаҳоро шеъри Бедил пиндошта, ба Куллиёти вай дохил кардаанд. Сабаб ҳамин аст, ки идома додааст устод Айнӣ, дар нашри Сафдарии Куллиёт чизҳое даромадаанд, ки бо мулоҳаза ва муҳокамаи чуҷуртар асари ин шоир набуданашон маълум мешавад. Ба аҷидаи устод Айнӣ, рубоиёте ки дар ҳағви рофизиён гуфта шудаанд, аз ғумлаи ҳамин гуна шеърҳои сохтаву бегона мебошанд. Устод Айнӣ менависад: “Дар чанд ғои нусхаи чопии куллиёти Бедил, хусусан дар рубоиёт, ҳағви рофизиён аст. Ин ҳағвияҳо чунон беадабона тартиб ёфтаанд, ки шӯрапуштони кӯчакӣ ҳам аз гуфту шуниди ин гуна суханҳо шарм медоранд”.

Устод Айнӣ таъкид кардааст, ки роҳ ёфтани шеърҳои бегона ба Куллиёти шоир ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки натиғаи як ҷасди бад аст ва ин ҷасди бадро касоне кардаанд, ки дар низоъҳои мазҳабӣ манфаатдор мебошанд.

Акнун фикри дар ҳамин мавзӯъ баён кардаи Салоҳуддини Салчуҷиро аз назар мегузаронем. Ӯ менависад: “Чун рубоиёти Бедил аз сатҳи азалиёти ӯ поинтар аст, гумон меравад ба дастае аз мардум орзуи он пайдо шудааст, ки дар рубоиёти ӯ мудохала кунанд. Ва ман баъзе рубоиёти ӯро мебинам, ки лаккаи тӯҳматест бар домони назоҳати сӯфиёнии ӯ. Ва ин яке аз далоилест, ки ин гуна рубоиёти хориғи маслаки ӯ аз худаш нест”.

Мурод аз рубоиёти “хориғи маслак” муаллиф рубоиётеро дар назар дорад, ки дар мазаммати рофизиён эғод шудаанд. Ба фикри муаллиф, ин гуна рубоиёт дар мазмун ба боҷии ашъори ӯ “на ҳамоҳангӣ доранду на ҳамсиб аи баарзе аз услуби Бедил дар онҳо дида мешавад”.

Салоҳуддини Салчуйӣ мудохала ба осори гузаштагонро ҳодисаи маъмул дониста, таъкид кардааст, ки “ин тавр мудохалатро мардум дар ҳама ғо намудаанд, ки Бедилу Ҳофиз ва Мавлоно низ аз дастбурди эшон маҳфуз намондаанд”. Аммо, таъкид кардааст Салчуйӣ, онҳо, яъне мудохалакунандагон, фикр накардаанд, ки сӯфии ваҳдатулвуғудӣ, ки мехоҳад байни олами ваҳдату олами касрат, байни итлоҷу таййид, байни моддаву маънӣ роҳи иттиҳоди шуурӣ пайдо кунад, чӣ тавр орзуманди он хоҳад шуд, ки байни ду бародари мусулмон – суниву шиъа тафриҷи бияндозад.

Салоҳуддини Салчуйӣ дар хусуси мудохалаи бегонагон ба рубоиёти Бедил ба тафсил сухан ронда, аз овардани мисолҳо худдорӣ кардааст ва ин худдорӣ кардани ӯ бесабаб нест. Зеро дар манбаъ ё худ сарчашмаи фикри ӯ, яъне гуфтаҳои устод Айӣ, низ ин гуна мисолҳоро намебинем.

Бо он ки дар фазилати шеършиносии устод Айнӣ шакку шубҳае нест, дар масъалаи ҳағвияҳои нашри Сафдарии Куллиёти Бедил бо ӯ ҳамфикр шудан душвор аст. Ин ҳағвияҳо, бидуни шак, ба ҷалами Бедил тааллуӣ доранд. Тавре ки муҳайҷиҷи дигари Бедил Асадуллоҳ Ҳабиб дар маҷолае бо номи “Бедилшиносӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ (мағаллаи “Адаб” Кобул, 1352 № 5-6) навишааст, танҷид ва мазаммати рофизиву хориғӣ на танҳо дар рубоиёти Бедил, инчунин дар ашъори дигари ӯ, аз ғумла дар таркиббандаш, низ ба назар мерасад. Таркибманди шоирро дар аксар нусхаҳои хаттии осори ӯ, аз ғумла дар ҷадимтарин нусхаи Куллиёташ, ки дар солҳои 1134-1136 ҳиғрӣ (1721-1724 милодӣ) китобат шудаасту дар Китобхонаи оммавии шарҷии Худобахш (ш. Патнаи Ҳиндустон) маҳфуз аст, дидан мумкин

аст. Мазаммати рофизӣ дар чанд ғои “Чорунсур” низ ба назар мерасад. Ва ниҳоят худи шоир ҳам ба ин мавзӯи эғодиёташ борҳо ишора кардааст. Чунончи, дар рубоие гуфтааст:

Чанде сайри мазоҳибам буд ҳавас,
Бо рафзию хориғӣ задам ҳарза нафас.
Охир маълум шуд, ки дур аз манзил
Раҳрав пасту баланд мебинаду бас.

Дар хусуси нашри Сафдарии Куллиёти Бедил ҳаминро гуфтан даркор аст, ки ин нашр аз ғумлаи нашрҳои нисбатан саҳеҳи осори шоир аст. Бар хилофи баъзе нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои кобуливу теҳронии Куллиёт, дар ин нашр ҳодисаи ғой доштани ашъори шоирони дигар то кунун ба назар нарасидааст.

Дар охири ин маҷола таъкиди ин маъниро зарур мешуморем, ки мурод аз навиштани ин сатрҳо танҷид ё мазаммати муҳаӣҷиҷони аф онистонӣ набуда, балки таъйиди ин ҳаҷиҷат аст, ки рисолаи устод Айнӣ дар Аф онистон агарчи ба табъ нарасида, вале мавриди истифода ва муталааи муҳаӣҷиҷон ҷарор доштааст.